**Вилям Макдоналд**

# Нур барои роҳ

## Барои хониши ҳаррӯза

# Пешгуфтор

Вилям Макдоналд чун муаллифи китобҳои зиёд оид ба тафсири матнҳои Навишта, оид ба масъалаҳои татбиқи ҳақиқатҳои масеҳӣ дар амал ва чун тартибдиҳандаи китобҳои дарсӣ оид ба омӯзиши Навишта барои домишҷӯёни мактаби ғоибонаи “Аммоус” хеле машҳур аст. Китобҳои вай ба забонҳои бисёри дунё тарҷума шуда, чандин миллион нусхаҳои онҳо ба чоп расидаанд.

Агарчи Вилям Макдоналд соҳиби унвони фахрии доктори илмҳо дар донишгоҳи Ҳарвард аст, тамоми эҷодиёти вай бо забони одӣ ва фаҳмо навишта шудааст. Худо ба вай бахшоиши дар шакли фаҳмо баён кардани қонунҳои асосӣ ва муҳими Каломи Худоро ато кардааст, ки мо аз назди онҳо гузашта, онҳоро пайхас намекунем

То соли 1973 Вилям Макдоналд президенти мактаби “Аммоус” дар Иёлатҳои Муттаҳидаи Амрико буд. Ҳоло вай машғулиятҳои амалии Навиштаро дар Сан-Леонардо (Калифорния) роҳбарӣ менамояд. Дар тамоми ҷаҳон ӯро чун муаллим ва воизи Каломи Худо баланд қадрдонӣ мекунанд.

Мақсади ин китоб аз он иборат аст, ки дар хонанда меҳрро ба Каломи Худо бедор карда, дар вай хоҳиши содиқона хизмат карданро ба Худованд Исои Масеҳ бармеангезонад, то ки ҳар рӯзи ҳаёти вай барои ҷалоли Худо бахшида шавад.

Дар Иёлати Англияи Нав ба дунё омада, Вилям Макдоналд донишгоҳи Ҳарвардро хатм намуд ва дар флоти ҳарбии ИМА хизмат кард.

Вай чун муаллифи корҳои бисёр оид ба тафсири матнҳои Навишта ва ҳамчунин китобҳое ки ба парасторӣ бахшида шуданд, шӯҳрат пайдо кард.

Чун роҳбари мактаби “Аммоус”, вай барои масеҳиёни зиёд баракат шуд.

Вилям Макдоналд барои додани шарҳи амиқ ва воқеии Каломи Худ, ки бо таҷрибаи рӯзмарра робита дорад, бахшоиши махсус дорад.

Мақсади асосии ин китоб аз он иборат аст, ки ба хонанда ёрдам диҳад, то вай ҳамарӯза бечуну чаро Исои Масеҳро пайравӣ намояд ва мақсади дигар ин аст, ки вайро дар ҳамин роҳи душвор рӯҳбаланд намояд.

Дар нашри тоҷикии ин китоб иқтибосҳо аз Аҳди Қадим аз рӯи Китоби Муқаддас, тарҷумаи М. Бачаев, соли 1992, оварда шудаанд; иқтибосҳо аз Аҳди Ҷадид аз рӯи таҳрири нави Китоби Муқаддас, соли 2016, оварда шудаанд.

## 1 ЯНВАР

**“Бигзор ин моҳ барои шумо сари моҳҳо бошад; бигзор он барои шумо моҳи якум дар миёни моҳҳо бошад”**

*(Хуруҷ 12:2)*

Мо бо чӣ зудӣ он ниятҳои некеро, ки ҳамроҳашон ба соли нав қадам мегузоштем, фаромӯш мекунем! Аммо дуоҳое ки мо дар соатҳои охирини соли кӯҳна мегӯем, назди тахти Худо боло мераванд ва механизми иҷрошавиро ба ҳаракат меоваранд. Ҳозир, вақте мо дар арафаи соли нав мебошем, бигзор дилҳои мо самимона ба ин дуо шарик шаванд:

“Худованд Исо, ман хеле мехоҳам ба Ту тааллуқ дошта бошам! Ҳаёти маро ба дасти Худ бигир ва маро барои ҷалоли Худ истифода бар. Ман ҳама чизро ба Ту месупорам, маъбади Худро дар дили ман бисоз!”

Аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро аз гуноҳ ва аз ҳар он чи номи Туро беобрӯ карда метавонад, дур нигоҳ дор. Ба ман ёрӣ деҳ, то ба насиҳатҳои Рӯҳулқудс итоат намоям. Ман мехоҳам рӯҳан нашъунамо кунам. Маро аз бозгаштан ба роҳи кӯҳна боздор. Бигзор барои ин сол шиори ман чунин бошад: “Ӯ бояд нашъунамо ёбад, ва ман завол ёбам”. Тамоми ҷалол бояд аз они Ту бошад. Маро аз он васвасаи аз они худ кардани ин ҷалол нигоҳ дор.

Ба ман ёд деҳ, то ки пеш аз қабули ҳама гуна қарор дар дуо назди Ту оям. Он фикр, ки ман бояд дар ҳама чиз фақат ба ақли худ такя кунам, маро ба ҳарос меорад. “Ман...медонам, ки роҳи одам дар ихтиёри вай нест, ва касе ки роҳ меравад, қадамҳои худро наметавонад ҳидоят намояд”( Ирмиё 10:23 ).

Бигзор ман барои ҷаҳон бимирам, ҳатто барои таъриф ё мазаммати ёру дӯстони наздики ман. Ба ман ёрӣ деҳ, ки танҳо як хоҳиши пок дошта бошам – ба ҷо овардани он чи ба дили Ту писанд меояд.

Забони маро аз ғайбат ва танқид дур нигоҳ дор. Ба ман ёрӣ деҳ, то ҳар он чи мегӯям, пандомез ва фоиданок бошад.

Маро назди ҷонҳои азобдида биёр. Ман мехоҳам айнан мисли Ту дӯсти гуноҳкорон бошам. Ба ман ашки дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ барои нобудшавандагон деҳ. “Ба мо ҳаёт барои он дода шудааст, ки беандоза ва беҳад дӯст дорем ва ба тамоми азобдидагон хирад, хун ва бадани худро бахшем”.

Худованд Исо, бо вуҷуди ҳар он чи дар роҳи масеҳии худ вомехӯрам, нагузор ки беномусӣ, хунукназарӣ ва алам дили маро фаро гирад.

Ба ман ёрӣ деҳ, то пулро ва ҳар он чиро, ки ба ман додаӣ, дуруст кор фармоям.

Нагузор, то ман лаҳзае ҳам фаромӯш кунам, ки бадани ман маъбади Рӯҳулқудс аст. Бигзор ин ҳақиқати бузург дар ҳама чиз рафтори маро муайян намояд.

Ва боз аз Ту, Худованд Исо, хоҳиш мекунам, ки ҳамин сол соли бозгашти Ту бошад. Ман хеле мехоҳам рӯи Туро дида, бо эҳтироми зиёд назди пойҳои Ту хам шавам! Ва бигзор тамоми соли минбаъда ин умед дар дили ман аланга зада, хомӯш нашавад, ва занҷирҳои ҳар чизеро, ки маро дар ин замин нигоҳ дошта метавонист, канда, бесабрии маро авҷ гиронад: “Биё, Худованд Исо!”

## 2 ЯНВАР

**“Бо фурӯтанӣ якдигарро аз худ беҳтар донед”**

*(Филиппиён 2:36)*

Ҳеҷ кас дигаронро аз худ болотар гузошта наметавонад; табиати гуноҳолуди мо зидди ин гуна хорӣ бармехезад. Ҳар қадар ҷустуҷӯ кунед ҳам, дар инсон чизеро ёфта наметавонед, ки ба вай қувват диҳад, то чунон зиндагӣ кунад, ки гӯё вай аз ин ҷаҳон набошад. Аммо вақте ки дар инсон Рӯҳулқудс сокин аст, маҳз Ӯ ба вай қувват медиҳад, ки худро барканор гирифта, роҳ диҳд, ки ҷалол ва шавкат ба каси дигар расад.

Рафтори Ҷидъӯн барои мо намунаи чунин рафтор буда метавонад. Пас аз он ки сесад сарбози вай Мидёнро шикаст доданд, Ҷидъӯн аз мардуми Эфроим хоҳиш намуд, ки ба душман зарбаи охирин зананд. Гузаргоҳҳоро ишғол карда, онҳо пеши роҳи гурези душманро гирифтанд ва ду мири Мидёнро ба асирӣ гирифтанд. Аммо бо вуҷуди ин мардуми Эфроим аз он норозӣ буданд, ки онҳоро барвақттар даъват накарданд. Ҷидъӯн ба онҳо ҷавоб дод, ки шингилҳои охирине ки Эфроим чидааст, аз тамоми ангурчинии Абиэзер беҳтар аст (Доварон 8:2), яъне амалиёти ҳарбии барҷастаи хотимавии мардуми Эфроим аз тамоми амалиёти ҳарбии Ҷидъӯн бартарӣ дорад. Ин суханони бо фурӯтанӣ ва эҳтиром гуфташуда мардуми норозиро ором карданд.

Юоб низ фидокорӣ нишон дод. Вай худаш метавонист Раббаро, ки аллакай шикаст хӯрда буд, ишғол намояд, аммо ба ҷои ин Довудро даъват намуд, то вай ҷанги охиринро сардорӣ кунад (2Подшоҳон 12:26-28). Юоб зидди он набуд, ки тамоми шӯҳрат аз боиси ғалаба ба Довуд насиб гардад. Ин яке аз лаҳзаҳои ҷавонмардии олӣ дар ҳаёти вай буд.

Расул Павлус филиппиёнро аз худ хеле бештар қадр мекард. Вай навишта буд, ки маҳз корҳои онҳо қурбонии бузургтарин ба Худо буданд, дар ҳоле ки худи вай фақат қурбонии рехтание буд, ки онро бар қурбониҳои онҳо ва хизмати имонашон мепошиданд (Филиппиён 2:17).

Боре, на чандон пеш, дар байни гурӯҳи воизони машҳур, ки дар даромадгоҳ навбати ба саҳна баромаданро интизор буданд, як хизматгори боқадр ва мӯҳтарами Масеҳ низ буд. Оқибат, вақте ки ӯ назди дар намоён шуд ва аҳли толор ба чапакзании пурғулғула даромаданд, вай зуд ба тарафе қадам гузошт, то тамоми ин кафкӯбиҳо ба шахсоне насиб гарданд, ки аз пайи вай меомаданд.

Намунаи бузургтарини дасткашӣ аз манфиатҳои шахсӣ Худованд Исо аст. Ӯ худро хор кард, то мо болобардор шавем. Ӯ бенаво шуд, то мо сарватдор шавем. Ӯ мурд, то мо зиндагӣ карда тавонем. “Дар шумо низ бояд ҳамон фикр бошад, ки дар Масеҳ Исо буд”.

## 3 ЯНВАР

**“Аз рӯи зоҳир доварӣ накунед,
балки аз рӯи ростӣ доварӣ кунед”**

*(Юҳанно 7:24)*

Яке аз сустиҳои шифонопазири одамизоди ба гуноҳ афтода ин аст, ки ӯ дар хусуси ҳама чиз аз рӯи намуди зоҳирӣ хулоса мебарорад. Мо ба шахс аз рӯи намуди зоҳирӣ ва тарзи либоспӯшӣ, ба мошин аз рӯи ҷои харошидшуда дар капоти он, ба китоб аз рӯи муқовааш баҳо медиҳем. Ба ҳамаи ноумедиҳо ва хатоҳо нигоҳ накарда, мо якравона дарк кардан намехоҳем, ки “на ҳар чи ҷило медиҳад, тиллост”.

Дар китоби худ “Эпидемияи ҳисси беарзишӣ” (Hide or Seek) доктор Ҷеймс Добсон дар бораи он менависад, ки дар ҷомеаи мо дар одам аз ҳама бештар зебоии ҷисмонӣ қадр карда мешавад. Мо онро меъёри арзиши шахс кардаем. Калонсолон ба кӯдаки зебо назар ба кӯдаке ки афту андоми одӣ дорад, бештар аҳамият медиҳанд. Талабаҳои афту андомашон дилчасп баҳои баландтар мегиранд, ва онҳо кам ҷазо дода мешаванд. Кӯдакон ки қиёфаи безеб доранд, барои хатоҳо бештар айбдор карда мешаванд.

Самуил барои халқи Исроил Элиоби қоматбаланд ва зеборо ба подшоҳӣ интихоб кард (1Подшоҳон 16:7), аммо Худованд вайро ислоҳ карда, гуфт: “Ба қиёфааш ва қомати баландаш назар наандоз, чунки Ман ӯро хуш накардаам; он чи одам мебинад, ҳеҷ аст, зеро одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад, вале Худованд он чиро, ки дар дил аст, мебинад”.

Ҳангоме ки Исо дар сайёраи мо мегашт, одамон дар доварии худ хеле сахт хато карданд. Аз эҳтимол дур аст, ки Ӯ аз ҷиҳати ҷисмонӣ зебоии зиёд дошта бошад. Ӯро на симое буд, на ҷамоле, то ҳавас кунем, ки ба Ӯ назар андозем; ва на намуде буд, то муштоқи дидораш гардем (Ишаъё 53:2). Онҳо дар ягона Шахсияти ҳақиқатан олиҷаноб, ки замоне дар ин замин зиста буд, зебоиро дида натавонистанд!

Худи Ӯ ҳаргиз ба ин доми даҳшатнок наафтода буд, Ӯ одамонро аз рӯи намуди зоҳириашон доварӣ намекард. Ҳанӯз пеш аз он ки Ӯ ба замин ояд, пайғамбаре гуфта буд: “Ӯ на бар тибқи нигоҳи чашмонаш доварӣ хоҳад намуд, ва на аз рӯи шуниди гӯшҳояш ҳукм хоҳад кард” (Ишаъё 11:3). Барои Ӯ на намуди зоҳирӣ, балки хислат муҳим буд. На муқова, балки мазмун. На ҷиҳати ҷисмонӣ, балки рӯҳонӣ.

**“На бо ҷасорат ва на бо қувват, балки бо Рӯҳи Ман, мегӯяд Худованди лашкарҳо”**

*(Закарё 4:6)*

Ин оят ҳақиқати хеле муҳимро зикр мекунад, ки кори Худо на ба шарофати қувват ва зиракии одам, балки ба воситаи Рӯҳулқудс ба ҷо оварда мешавад.

Инро мо дар мисоли забти Ериҳӯ дида метавонем. Асло қудрати ҳарбии Исроил деворҳои шаҳрро бо замин яксон накард. Маҳз Парвардигор шаҳрро ба дасти онҳо супурд, вақте ки коҳинон ҳафт бор карнай навохтанд.

Агар имконияти ғалаба бо шумораи лашкар муайян мешуданд, Ҷидъӯн ҳаргиз Мидёнро торумор карда наметавонист. Зеро дар лашкари вай сесад нафар буда, тамоми аслиҳаи онҳо аз зарфҳои гилин ва чароғҳо иборат буд.Танҳо Худо ба онҳо ғалаба дода метавонист.

Вақте ки Илёс ба қурбонгоҳ дувоздаҳ сатил об рехт, ҳеҷ кадоми ҳозирин шубҳае надошт, ки ҳеҷ кас, ҳатто тавонотарин одам, дар ин қурбонгоҳ оташ даргиронда наметавонад. Бинобар ин, вақте ки ҳамаи ҳозирин алангаи пурталотумро дар қурбонгоҳ диданд, маҷбур шуданд эътироф намоянд, ки он аз ҷониби Худост.

Танҳо ба маҳорати худ такя карда, шогирдон метавонистанд тамоми шаб ба кӯл тӯр партоянд ва ҳеҷ чиз ба даст наоранд. Худованд аз вазъияти мавҷуда истифода бурд, то нишон диҳад, ки барои муваффақ шудан дар хизматгузорӣ онҳо бояд дар ҳама чиз ба Ӯ такя намоянд.

Мо хеле осон ба хулосае омада метавонем, ки барои хизмати масеҳӣ пеш аз ҳама пул лозим аст. Аммо ин тавр нест. Ҳақ ба ҷониби Ҳадсон Тэйлор буд, ҳангоме вай боре гуфт, ки мо бояд на аз нарасидани маблағ, балки аз фаровонии пули ба Худованд бахшиданашуда тарсем.

Ё ки ба ҳилаву найранг даст мезанем, маъракаҳои калони таблиғотӣ ташкил медиҳем, ба дағалбозии психологӣ ва суханварӣ такя мекунем. Мо биноҳои бошукӯҳ сохта, ташкилотҳои нав бо номҳои назаррабо барпо менамоем ва дар шӯҳратпарастии худ гумон мекунем, ки маҳз онҳо калиди комёбӣ мебошанд.

Аммо одам ҳар қадар боақл ва зирак бошад ҳам, кори Худоро на вай, балки Рӯҳулқудс ба амал меорад.

Ҳатто агар дар ҷаҳон Рӯҳулқудс намебуд, бисёре аз он чи меҳнати масеҳӣ номида мешавад, давом ёфтан мегирифт. Аммо меҳнати ҳақиқии масеҳӣ ҳамон аст, ки дар он Ӯ нақши асосӣ мебозад, меҳнати муборизаи рӯҳонӣ, ки дар он силоҳи мо дуо, имон ва Каломи Худост.

## “Қавме ки бо ту ҳастанд, бештар аз онанд”

*(Доварон 7:2)*

Ҳамаи мо рақамҳои калонро дӯст медорем ва майл ба он дорем, ки бузургии комёбиро бо маълумотҳои оморӣ чен кунем. Ба гурӯҳҳои хурд бо табассуми мағрурона менигаранд, дар ҳолате ки издиҳомҳои калон боиси эҳтиром мегарданд ва диққатро ба худ ҷалб менамоянд. Нуқтаи назари мо оид ба ин масъала бояд чӣ гуна бошад?

Агар рақамҳои калон самари меҳнати Рӯҳулкудс бошанд, ба онҳо набояд бепарвоёна муносибат кард. Дар рӯзи Пантикост ҳамин тавр шуд, вақте ки ба Подшоҳии Худо якбора 3000 ҷон ворид шуданд.

Агар рақамҳои калон ба Худо ҷалол ва ба одамизод баракат оваранд, мо бояд барои онҳо хурсанд шавем. Дили мо бояд иштиёқмандона хоҳони дидани он бошад, ки шумораи зиёди одамон ҳаёти худро ба Худо мебахшанд, барои ҷалол додани Ӯ овоз баланд мекунанд, ба тамоми гӯшаву канори олам хабари наҷотро мерасонанд.

Аз тарафи дигар, агар аз боиси рақамҳои калон дил ҳавобаланд шавад, дар онҳо бадӣ ниҳон аст. Худо шумораи лашкари Ҷидъӯнро кам кард, вагарна Исроил мегуфт: “Дасти мо моро наҷот дод”(Доварон 7:2). Э. Стэнлӣ Ҷоунс боре гуфта буд, ки вай аз пайи рақамҳои калон шуданро бад мебинад, зеро ин фақат боиси “худпарастии коллективӣ” мегардад.

Агар аз боиси рақамҳои калон мо на ба Худованд, балки ба қувваи худ такя кунем, онҳо зарар мерасонанд. Яқинан гуноҳи Довуд маҳз дар ҳамин буд, вақте вай фармон дод, ки саршумории аҳолӣ гузаронда шавад. Юоб ҳис мекард, ки ниятҳои подшоҳ пурра тоза набуданд, аммо эътирозҳои вай зидди саршуморӣ бар абас рафтанд.

Беҳтар он аст, ки рақамҳои калонро қурбон намоем, агар аз боиси онҳо ба мо лозим ояд, ки талаботро паст кунем, баҳснопазирии қонунҳои Навиштаҳоро қурбон кунем, таълимоти Навиштаро “ҳамвор намоем” ва тамоман аз ҷазо даст кашем. Ин васваса хеле бузург аст, агар мо кӯшиш намоем, ки на ба Худованд, балки ба тӯдаи мардум писанд оем.

Агар рақамҳо сабаби аз байн рафтани мушоракат дар байни мардум бошанд, пас онҳо чандон варианти аъло нестанд. Вақте шахсони ҷудогона дар тӯдаи мардум гум мешаванд, вақте ҳеҷ кас набудани туро пайхас намекунад, вақте касе нест, ки бо вай шодиҳо ва ғамҳои худро ба ҳам бинӣ — он гоҳ ин гуна ҷамоат на он тавр зиндагӣ мекунад, ки Бадани Масеҳ бояд зиндагӣ кунад.

Агар рақамҳои калон ба инкишофи атоҳои рӯҳонии ҷудогона монеъ шаванд, онҳо зарар меоранд. Тасодуфӣ нест, ки Исо фақат 12 шогирдро интихоб кард. Тӯдаи калони шогирдон хеле сустҳаракат ва лаванд мебуд.

Дар мавридҳои зиёд Худо кори Худро ба воситаи шаҳодати “бақияи амин” ба амал меовард. Ӯ дар орзуи тӯдаҳои калони одамон нест ва аз гурӯҳҳои хурд нописандона рӯ намегардонад. Бинобар ин мо низ набояд бо рақамҳои бузург худситоӣ кунем, аммо ба рақамҳои хурд низ қаноат кардан мумкин нест, агар онҳо натиҷаи бепарвоӣ ва танбалии худи мо бошанд.

## 6 ЯНВАР

**“Зеро медонам, ки дар ман, яъне дар ҷисми ман, чизи нек сокин нест...”**

*(Румиён 7:18)*

Агар навимон ин дарсро дар худи аввали роҳи масеҳии худ омӯзад, дертар ин ба вай ёрӣ хоҳад дод, то аз душвориҳо ва ноумедиҳои зиёд раҳо ёбад. Дар Навишта таълим дода мешавад, ки дар табиати кӯҳна, пургуноҳ ва аз олами боло зоданашудаи мо ҳеҷ чизи хуб нест. Дар ҷисм ҳеҷ чизи нек нест. Дар он ҳатто пас аз тавба ишорае ба беҳбудӣ дида намешавад. Ҳатто пас аз солҳои зиёди ҳаёти ба Масеҳ бахшидашуда он ҳамон тавре ки буд, мемонад. Худо ҳатто кӯшише ҳам намекунад, ки онро ислоҳ намояд. Дар салиб Ӯ ҷисмро ба марг маҳкум кард ва мехоҳад, ки мо ҳам онро мурда ҳисоб кунем.

Агар ман ҳақиқатан ба ин бовар мекарда бошам, вақти худро дар кофтукови беҳуда сарф намекунам. Азбаски Худо гуфтааст, ки дар ҷисм чизи хубе нест, ман чизи хубро дар он ҷо ҷустуҷӯ намекунам. Ин маро аз ноумед шудан раҳо мекунад. Агар ман дар худ ягон чизи нек пайдо накунам, бароям чандон дарднок намешавад. Ман медонам, ки дар он ҳеҷ гоҳ чизи неке набуд.

Ин маро аз худтаҳлилкунии доимӣ наҷот медиҳад. Ман хуб дарк намудам, ки дар вуҷудам чизе нест, ки дар ҷанги рӯҳонӣ ба ман ёрӣ дода тавонад. Мағлубият маҳз дар ҳамон ҷоест, ки нигоҳи кас танҳо ба худ равона карда шудааст.

Ин маро аз пайравӣ ба маслиҳатҳои психологҳо ва психиатрҳо, ки худтадқиқкуниро тавсия медиҳанд, нигоҳ медорад. Ин гуна “муолиҷа” на фақат мушкилотро ҳал намекунад, балки онро бештар тезутунд менамояд.

Ин ба ман ёд медиҳад, ки ҳамеша дар бораи Худованд Исо фикр кунам. Роберт Мюррей Макчейн гуфтааст: “Дар ивази як дақиқае ки дар мулоҳизаи худ гузарондаӣ, даҳ дақиқаро дар мулоҳизаи Исо гузарон. Таносуби бисёр нағз! Боз каси дигар гуфтааст, ки “ман”-и мо ҳатто дар муқаддасии худ сазовори он нест, ки ҷои Масеҳро дар ҷалоли Ӯ бигирад. “Бигзор Исо дили маро соҳибӣ намояд, бигзор дар фикр ва ҳиссиётҳо танҳо Ӯ сокин бошад”.

Дар замони мо мавъизаҳо ва китобҳои зиёди масеҳӣ масеҳиёнро ба роҳи худмулоҳизакунӣ, тадқиқи асрори психикаи худ, худогоҳӣ, миҷоз, ҳисси беарзишӣ, ва ғайра ҷалб мекунанд. Ин ҳаракат беш аз пеш машҳур мешавад, аммо фоҷиааш дар он аст, ки таносуби солим вайрон шудааст. “Дар ман ин қадар бадӣ ҳаст, ки ман сазовор нестам дар бораи худ андеша кунам; ягона чизе ки ман мехоҳам, ин аст, ки худро фаромӯш карда ба Худо назар кунам, зеро фақат Ӯ сазовори он аст, ки маркази тамоми фикрҳои ман бошад”.

**“Зеро бо имон рафтор мекунем, на бо дидор”**

*(2 Қуринтиён 5:7)*

Оё ягон вақт андеша кардаед, ки чаро барои аксари мардум мусобиқаи футбол аз ҷамъомади дуогӯӣ ҷолибтар аст? Шумораи одамоне ки ба стадион ва ба ҷамоат меравапд, аз ин шаҳодат медиҳад.

Боз як савол: “Чаро мансаби президент аз вазифаи диакон хеле ҷолибтар аст?” Волидон ҳеҷ гоҳ ба фарзандонашон чунин намегӯянд: “Ҳамаашро хӯр, ва он гоҳ ту ягон вақт диакон шуда метавонӣ”. Не, аксаран ин чунин садо медиҳад: “Ҳамаи хӯроки дар табақчаат бударо хӯр, ва он гоҳ, вақте ки калон шавӣ, шояд президент шавӣ”.

Чаро пешрафти касбӣ аз ҳаёти миссионерӣ дилкаштар аст? Масеҳиён бисёр вақт бо маслиҳатҳои худ фарзандонашонро аз хизмати миссионерӣ бозмедоранд, зеро “амалдорони олирутба дар вазорати давуғеҷи дунявӣ” шудани онҳоро мехоҳанд.

Чаро омӯзиши Навишта на ба андозаи барномаи телевизионӣ шавқовар аст? Соатҳои дар назди телевизор гузарондаро бо дақиқаҳои дар назди Навишта гузаронда муқоиса намоед.

Чаро одамон ба хотири пул корҳоеро мекунанд, ки ҳаргиз ба хотири муҳаббати Исо намекарданд. Бисёр касоне ки барои гулгулшукуфии ширкат хаста нашуда меҳнат мекунанд, ҳангоме ки Наҷоткор ба меҳнат даъват мекунад, зиндадилиро аз даст медиҳанд.

Ва дар охир: чаро ҳаёти давлат барои мо нисбат ба ҳаёти ҷамоат хеле муҳимтар аст? Дар ҳаёти сиёсӣ воқеаҳои ҳаяҷонбахш ва муҳим зиёданд. Дар ҷамоат бошад, ҳаёт ба зӯр гарм мешавад. Ин аз он сабаб аст, ки мо на бо имон, балки бо дидор рафтор мекунем. Мо гирифтори кӯтоҳбинӣ шудаем, чашмони мо моро ба вазъи ногувор дучор мекунанд: мо арзиши ҳақиқии чизҳоро фарқ карда наметавонем. Мо нуқтаи назари мардумро аз нуқтаи назари Худо баландтар мешуморем.

Ҳангоме ки мо бо имон рафтор мекунем, ҳама чиз дигар мешавад. Мо дорои биноии уқоб мегардем. Мо ҳама чизро бо чашми Худо мебинем. Дуо ба бартарӣ табдил меёбад, он вохӯрӣ бо Фармонравои олам мегардад. Мо мебинем, ки дар назари Худо мақоми диакон аз мақоми сарвари давлат хеле баландтар мебошад. Якҷоя бо Сперҷен мо гуфта метавонем, ки ин фоҷиа аст, вақте мо мебинем, ки шахсе ки Худо ӯро ба миссионерӣ даъват намудааст, то ба дараҷае хор мешавад, ки подшоҳ мешавад. Мо мебинем, ки телевизион кишвари бофтаи афсонавист, дар ҳолате ки Навишта калиди хушбахтии ҳақиқии ҳаёти фаровонро медиҳад. Мо тайёрем ба Исо тамоми чизҳоеро диҳем, ки ҳаргиз барои ширкати худ фидо намекардем. Мо дарк менамоем, ки барои Худо ва халқи Ӯ ҷамоат аз подшоҳиҳои бузурги ин ҷаҳон хеле муҳимтар аст. Ҳама чиз дигаргун мешавад, вақте мо бо имон рафтор мекунем!

## 8 ЯНВАР

**“Малъун бод касе ки кори Худовандро мусоҳилакорона ба ҷо оварад”**

*(Ирмиё 48:10)*

Кори Худо чунон муҳим, зарурӣ, бузург ва боҳашамат аст, ки ҳар кас онро бепарвоёна ба ҷо оварад, лаънатзада мешавад. Худо ҳамаи асосҳоро дорад, то аз мо чизи беҳтаринро талаб намояд ва бо танбалӣ, кашолкорӣ, дудилагӣ ва бепарвоӣ дар кор муросо намекунад. Ин сахтгирӣ қонунист, зеро сухан дар бораи чизҳои хеле муҳим меравад.

Тирамоҳи соли 1968, Прага. Як масеҳии ҷавон ба Ян Палак ном ҷавони дигар дар бораи Исо нақл кард. Ба назар чунин менамуд, ки Ян самимона ба чизи нақлшуда шавқ пайдо намуд, бинобар ин масеҳӣ ваъда дод, ки ба вай Аҳди Нав медиҳад. Ниятҳои вай некӯтарин буданд, аммо чандин ҳафта гузашт, пеш аз он ки вай умуман Аҳди Навро пайдо намуд, лекин он гоҳ ҳам вай вохӯрӣ бо Ян Палакро ба таъхир меандохт.

16 январи соли 1969 дар майдони Венсели муқаддас Ян Палак ба худ бензин рехта, оташ зад. Бо ҳамин вай дигар Аҳди Нави ваъдашударо надид.

Як худи нияти нек кофӣ нест. Мақоле ҳаст, ки роҳҳо ба сӯи дӯзах бо ниятҳои нек фарш шудаанд. Аз ниятҳои нек фоида кам аст. Онҳо бояд дар пайи худ амалҳоро дошт бошанд.

Инро чӣ тавр метавон кард?

Якум: ҳаргиз аз он хизмате ки Худо ба шумо медиҳад, рӯ нагардонед. Агар вай ҳақиқатан Фармонравои мо бошад, мо бояд бечуну чаро ба Ӯ итоат намоем.

Дуюм: ҳаргиз ягон корро ба таъхир наандозед. Таъхир кардан хатарнок аст. Таъхир дигаронро аз ёрӣ ва дастгирии зарурӣ маҳрум намуда, сабаби ҳисси гуноҳ ва пушаймонӣ мешавад.

Сеюм: ҳама чизро бо кӯшишу ғайрат ба ҷо оваред. “Ҳар коре ки карданаш аз дасти ту ояд, ба қадри қуввати худ бикун” (Воиз 9:10). Агар ягон кор умуман шоистаи ба ҷо овардан бошад, он сазовор аст, ки бо саъю кӯшиш ба ҷо оварда шавад.

Ва дар охир: ҳар корро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред. “Хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред” (1Қуринтиён 10:31). Мо ҳама бояд тайёр бошем, ки аз қафои Амӣ Кармихаел такрор кунем: “Назрҳо ба Худо ҳама бар ман аст. Гулҳо ва саҳроҳо беҳуда ба худ ҷалб мекунанд, ва бозии сояҳо дар девор барои ман нест, то даме ки кори ман ба охир нарасидааст ва ҳисоботи ман дода нашудааст”.

# 9 ЯНВАР

**“Онҳо аввал нисбат ба оилаи худ худотарс буданро ёд гиранд ва падару модаронро қадрдонӣ кунанд...**

*(1Тимотиюс 5:4)*

Шояд, шумо ин зарбулмасалро шунидаед: “Барои бегонагон табассуми ширин, аммо барои наздикони худ танҳо суханони қабеҳ”. Худи ҳамон як одам метавонад нисбат ба дигарон меҳрубон ва нисбат ба оилаи худ дағал ва бераҳм бошад.

Ин бемории ба тамоми табақаҳои ҷамъият ворид шудааст. Ин гуна дурӯягӣ барои ҷавонон хатарнок аст. Барои ҳамсолони худ “писандидаи мардум” ва барои волидайни худ фалокат будан хеле осон аст. Пеши ҳамкорони худ шавҳарон метавонанд таҷассуми меҳрубонӣ бошанд, дар хона бошад ин ниқоб гирифта мешавад, ва оила “сардор”-и муқаррарӣ ва аз ҳама чиз норозиро мебинад. Дар минбар рӯи воиз аз табассум медурахшад, дар остонаи хонааш онро рӯйтуршкунии хашмгинона иваз мекунад.

Ин яке аз ҷиҳатҳои нафратангезтарини табиати гуноҳолуди мост: бераҳмӣ ба одамони бароямон наздиктарин, ба онҳое ки бароямон беш аз ҳама хизмат мекунанд, ба онҳое ки (чунон ки дар дақиқаҳои ҳушёршавӣ дарк менамоем) мо беш аз ҳама дӯсташон медорем. Элла Уилер Уилкокс навишта буд:

Ҳангоме ки ман ба Ғарб сафар мекардам,
Ҳақиқати бузургро ошкор намудам:
Онҳоеро, ки хеле дӯст медорем,
Мо аз ҳама сахттар захмдор мекунем.

Ба шахсони ношинос хушомад мегӯем,
Ба меҳмони даргузар мекӯшем писанд оем,
Лек зарбаҳои зиёд ва бефикрона
Ба наздикони моён насиб мешаванд.

Худи ҳамин фикрро муаллифи дигар чунин баён кардааст: “Ба меҳмон – табассум, ба раҳгузар – сухани хуб, ба наздикон ва дӯстдоштагон – гаштаву баргашта хашму ғазаб ва талхӣ”.

Масеҳии “якшанбегӣ”, масеҳии ҷамъомадҳои дуогӯӣ ё меҳнат барои Худованд будан чандон душвор нест, аммо масеҳии ҳаёти ҳаррӯза будан хеле душвортар аст.“Эҳтиром кардани оилаи худ яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини ҳаёти масеҳист, аммо ин на он қадар бисёр вомехӯрад. Бисёр вақт масеҳиёнеро дида метавонем, ки дар пеши бегонагон парҳезгорона зиндагӣ мекунанд ва ҳангоми ворид шудан ба хонаи худ парҳезгориро дар берун мемонанд. Ман падари як хонадонеро мешиносам, ки дуоҳояш дар ҷамъомадҳои дуогӯӣ ҷӯшону самимиянд, суханони пандомезаш дар хотир муддати дароз мемонанд, парҳезгориаш барои дигарон ибрат аст; аммо ҳангоми аз ҷамоат ба хона баргаштан вай чунон дағал ва бадхашм мешавад, ки зан ва тамоми аҳли оилааш дар ҳузури ӯ метарсанд ҳатто сухане гӯянд” (Ҳ.У.Смит).

Сэмюэл Ҷонсон навишта буд: “Вақте ба ҳайвон дард расонида мешавад, вай кӯшиш мекунад аламашро аз онҳое ки дар атрофаш мебошанд, гирад”.

Одам бошад бояд аз ин дурӣ ҷӯяд. Рафтор дар хона нишондиҳандаи ҳақиқии балоғати рӯҳонии мост.

**“...майдони дар пеши мо бударо бо сабр давон-давон тай кунем”**

*(Ибриён 12:1)*

Бисёр касон дар бораи ҳаёти шахси масеҳӣ тасаввуроти бениҳоят идеалистӣ пайдо мекунанд. Онҳо гумон мекунанд, ки он пур аз таассурот ва ҳодисаҳои олӣ мебошад. Онҳо китоб ва маҷаллаҳои масеҳӣ мехонанд, ҳикояҳоро дар бораи воқеаҳои тааҷҷубовар гӯш мекунанд ва гумон мекунанд, ки дар ҳаёт танҳо чунин буданаш мумкин аст. Дар дунёи орзуҳои онҳо мушкилот, азиятҳо, озмоишҳо ва душвориҳо вуҷуд надоранд. Онҳо дар қабати ҳафтуми осмон зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҷо на кори вазнин ҳаст, на зиндагии дилбазан. Вақте онҳо мефаҳманд, ки ҳаёти ҳақиқӣ тамоман чунин нест, шасти онҳо мегардад, онҳо ноумеданд, онҳоро ҳисси аз даст додани чизе азоб медиҳад.

Дар асл қисми зиёди ҳаёти шахси масеҳӣ, аз рӯи гуфтаҳои Ҷ.Кэмпбелл Морган “роҳи сабр, истодагарӣ ва вафодорӣ дар корҳоест, ки ба назар ночиз менамоянд”.

Дар ҳаёти ман ҳам чунин буд. Шумораи зиёди корҳои хурд, соатҳои дарози омӯзиши ғайратмандона – ва ҳеҷ гуна натиҷаҳои намоён. Баъзан ман аз худ мепурсидам, ки оё умуман аз ҳамаи ин фоида ҳаст. Ва маҳз ҳамон вақт Худованд барои дилгармии ман ягон чиз мефиристод: ҷавоби бисёр хуб ба дуо, сухани фаҳмои панд. Ман омадани қувваро ҳис карда, тайёр будам роҳро давом диҳам.

Ҳаёти шахси масеҳӣ на масофаи спринтерӣ, балки марафон аст; бинобар ин барои давида то охир расидан ба мо сабр лозим аст. Оғози хуб хеле муҳим аст, лекин маҳз сабр ба мо имконият медиҳад, ки ба ҷалоли бошукӯҳи марраи мусобиқа бирасем.

Дар солномаи сабр ҷои мӯҳтарамро Ҳанӯх ишғол мекунад. Ӯ ба Худо 300(!) сол хизмат кард (Ҳастӣ 5:22). Аз эҳтимол дур аст, ки ин солҳои ваҷди беҳад ва хурсандии баённопазир буданд. Дар дунёи мо ӯ бешубҳа бо ноумедиҳо, душвориҳо, ва ҳатто таъқибот рӯ ба рӯ мешуд. Аммо ӯ аз ростқорӣ даст накашид. Ӯ то ба охир тоқат кард.

Агар хоҳиши ҳама чизро тарк кардан пайдо шавад, суханони Нома ба Ибриёнро 10:36-ро ба ёд оваред: “Зеро ба шумо сабр лозим аст, то хости Худоро иҷро намуда, иҷрои ваъдаро бинед”.

Дар ҳаёти масеҳӣ хушбахтӣ он нест
Ки ногоҳ ба даст орӣ шукӯҳмандиро,
Балки як силсилаи дарози рӯзҳост,
Ки пур аз заҳмат ҳастанд барои Худо.

## 11 ЯНВАР

**“...то ки аз забони ду ё се гувоҳ ҳар сухан тасдиқ шавад”**

*(Матто 18:16)*

Навишта исроркорона мегӯяд, ки барои пайдо кардани ақидаи дуруст оид ба ягон масъала ба суханони ду ё се шоҳид гӯш додан даркор аст. Риояи ин қоида шумораи нохушиҳоро дар ҳаёти мо хеле кам кард метавонад.

Ҳамаи мо ба он моилем, ки фақат нуқтаи назари як шахсро оид ба ягон масъала гӯш карда, дарҳол вайро тарафдорӣ намоем. Суханони вай чунон боэътимоданд, ки дили мо таслим шудааст. Баъдтар мо мефаҳмем, ки ба мо танҳо як ҷиҳати масъала баён карда шудааст. Ҷиҳати дуюми масъаларо гӯш карда, мо ногаҳон мебинем, ки ҳамсӯҳбати якуми мо фактҳоро таҳриф намудааст, ё ба ҳар ҳол онҳоро дар партави барои худ муфид пешкаш кардааст. Бинобар ин “нахустин дар даъвои худ ҳақ менамояд, вале ҳарифи ӯ меояду ӯро тафтиш мекунад (Масалҳо 18:17). Агар мо барои ҷамъ овардани маълумот ва фактҳо кӯшиш накарда, қарор қабул кунем, адолат ва росткории мо аз довариии дунявӣ камтар хоҳад буд, ва Навишта маҳз моро маҳкум менамояд: “Касе ки ношунида ҷавоб гардонад, беақл аст, ва ин барои ӯ нанг аст” (Масалҳо 18:13).

Вақте Сибо ба Довуд нақл кард, ки Мефибӯшет умед дошт тахтро ба даст оварад, Довуд ҳатто тафтишот нагузаронда, ба ин айбдоркунӣ бовар кард, ва тамоми амволи Мефибӯшетро ба Сибо дод (2Подшоҳон 16:1-4). Баъдтар Мефибӯшет тавонист ба подшоҳ нақл кунад, ки ҳақиқати ҳол чӣ гуна буд, ва Довуд фаҳмид, ки дар ҳукм кардан шитоб намуд.

Худованд Исо ин қоидаро устуворона риоя мекард. Ӯ гуфт, ки фақат шаҳодати Ӯ дар хусуси Худ кофӣ нест (Юҳанно 5:31). Бинобар ин Ӯ баёноти чор шоҳидро пешкаш намуд: Яҳёи Таъмиддиҳандаро (оят.32-35), корҳои Худро (оят. 36), Худо Падарро ( оят.37,38), Навиштаҳоро (оят. 39,40).

Агар мо беэътиноӣ карда, ба ду ё се шоҳиди муътабар гӯш надиҳем, он гоҳ хатари он пайдо мешавад, ки мо дилҳоро реш-реш карда, номи некро сиёҳ менамоем, ва ба ҷамоат ҷудоӣ андохта, дӯстиро нобуд мекунем. Агар мо Каломи Худоро риоя намоем, дар ин дунё беадолатӣ ва дарду алам камтар хоҳад буд.

**“Чӣ чизе дорӣ, ки нагирифта бошӣ?”**

*(1 Қуринтиён 4:7)*

Ин савол моро водор месозад, ки худро дар партави ҳақиқӣ бинем. Мо ягон чиз надорем, ки нагирифта бошем. Ҳангоми зода шудан мо соҳиби андоми муайян ва қобилиятҳои фикрӣ мешавем. Бо истеъдодҳои ҷисмонӣ ва ақлии худ фахр кардан аблаҳист — мо онҳоро бо меҳнат ё хизмат ба даст наовардаем. Мо танҳо ҳамин гуна зода шудаем.

Тамоми дониши мо натиҷаи таълими гирифташуда мебошад. Ин маълумотро ба ақли мо дигарон андохтаанд. Бисёр вақт мо гумон мекунем, ки фикри мо бесобиқа аст, аммо пас аз муддате онро дар китобе меёбем, ки 20 сол пеш хонда будем. Эмерсон гуфтааст: “Тамоми фикрҳои беҳтарини маро муаллифони замонҳои қадим дуздида буданд”.

Дар бобати истеъдодҳои мо чӣ? Бисёре аз онҳоро мо аз волидайни худ ба мерос гирифтаем, ва ба шарофати меҳнати суботкорона онро инкишоф додаем. Аммо аз ҳама муҳим ин аст, ки мо онҳоро ба вуҷуд наовардаем. Мо онҳоро фақат гирифтаем.

Пилотус бо қудрати худ бисёр фахр мекард, аммо Худованд Исо ба вай хотиррасон кард: “Ҳеҷ қудрате бар Ман намедоштӣ, агар аз боло дода намешуд” (Юҳанно 19:11).

Ҳар як нафас неъмати Худост. Бинобар ин дар 1Қуринтиён 4:7 Павлус ҳамоно мепурсад: “Ва агар (ҳама чизро) гирифта бошӣ, чаро фахр мекунӣ, ки гӯё нагирифта бошӣ ( гӯё худат ба ҳама чиз комёб шуда бошӣ)?”

Маҳз барои ҳамин, масалан, Гарриэт Бичер Стоу ҳар таърифу таҳсинро барои навиштани “Кулбаи амаки Том” рад кард. Ман “Кулбаи амаки Том”-ро навиштаам? Албатта не, ман бар ин қисса ҳеҷ қудрате надоштам, он худаш навишта шудааст. Онро Худованд навиштааст, ман бошам танҳо асбоби итоаткор дар дастони Ӯ будам. Ҳамаи ин ба ман дар рӯъё, саҳна ба саҳна меомад, ман танҳо онҳоро менавиштам. Тамоми ситоиш ва ҷалол фақат ба Ӯ бод!”

Фаҳмидани он, ки ҳеҷ чиз нест, ки мо нагирифта бошем, моро аз лофзанӣ ва калонгирӣ хоҳад боздошт. Барои ҳар чизи хубе ки мо дорем ва мекунем, Худоро ҷалол хоҳем дод.

Инак, “Бигзор хирадманд бо хиради худ наболад, ва зӯровар бо зӯри худ наболад, ва сарватдор бо сарвати худ наболад, балки каси боланда фақат бо ин биболад, ки Маро фаҳм мекунад ва мешиносад, ки Ман Худованд ҳастам, ки марҳамат, инсоф ва адолатро бар замин ба амал меоварам, зеро фақат ҳамин барои Ман матлуб аст”, – мегӯяд Худованд” (Ирмиё 9:23,24).

**“Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад”**

*(Филиппиён 4:13)*

Ҳангоми шарҳ додани чунин оят хато кардан осон аст. Ба фикри мо дарҳол ҳазорон мисолҳои корҳое меоянд, ки мо карда наметавонем. Ҳамин тавр, масалан, мо дар бораи амале фикр мекунем, ки барои иҷрои он қувваи фавқулодаи ҷисмонӣ зарур аст, ё дар бораи чизе фикр мекунем ки берун аз имкониятҳои ақлии мост.

Дар асл бошад, ин оят ба мо мегӯяд, ки Худованд ба мо қувват медиҳад, то мо ҳамаи корҳоеро кунем, ки Ӯ мехоҳад, то мо кунем. Барои иҷрокунандагони хости Худо сухани “номумкин” вуҷуд надорад.

Ин сир ба Петрус маълум буд. Вай медонист, ки фақат ба қуввати худ такя карда, вай ҳаргиз бар об қадам зада наметавонад. Ва ӯ ҳамчунин медонист, ки агар Худованд ба вай фармояд, вай ин корро карда метавонад. “Биё” гуфтани Исоро шунида, Петрус аз девораи қаиқ гузашт ва сӯи Ӯ бар об қадам зад.

Одатан ҳатто харсанги хурд ҳам бо фармони ман ба баҳр ғеҷида намеравад. Лекин ҳатто агар кӯҳпораи калоне ҳангоми иҷрои хости Худо пеши роҳи маро гирад, ман фақат чунин мегӯям: “Аз ҷои худ биҷунб”, ва он аз ҷои худ хоҳад чунбид.

Фикри асосии он чи дар боло гуфта шуд, ин аст: Ӯ ба мо на фақат қонунро медиҳад, балки қувват низ ато медиҳад, то онро риоя намоем. Ӯ барои гузаштан аз ҳар гуна санҷиш, муқобилат ба ҳар гуна васваса ва мағлуб кардани ҳар гуна одат қувват мебахшад. Бо ёрии Ӯ фикрҳоям тоза, мақсадҳоям олиҳимматона хоҳанд буд, ва ман ҳамеша кӯшиш мекунам амалҳоеро ба ҷо оварам, ки дили Ӯро шод мегардонанд.

Агар барои ба даст овардани чизе қувватам нарасад, агар дар ҳадди беҳолии пурраи ҷисмонӣ, фикрӣ ва эҳсосотӣ бошам, пас вақти он расидааст, ки аз худ пурсам: “Ман ин корро барои ҷалоли кӣ мекунам. Барои ҷалоли Ӯ ё барои ҷалоли худ? Кори Худоро на барои Худо иҷро намудан пурра имконпазир аст. Ӯ барои чунин кор қувват ваъда намедиҳад.

Бинобар ин донистан хеле муҳим аст, ки маҳз Ӯ ба мо роҳ нишон медиҳад. Бо ин роҳ мо метавонем бо боварии хурсандиоваре қадам занем, ки файзи Ӯ ба мо мадад мерасонад ва қувват мебахшад.

## “Ҳамааш аз они шумост”

*(1Қуринтиён 3:21-23)*

Роҳбарони ҷамоатро муҳокима карда, муқаддасони Қуринт, ки бо муқаддасии махсус фарқ намекарданд, ба ҷанҷоли пурҳарорат кашида шуданд. Барои баъзеҳо тимсоли роҳбар Павлус буд. Ҳусни таваҷҷӯҳи дигарон ба Апуллус буд. Шахсоне ҳам буданд, ки ба фикри онҳо Кифо бар ҳамаи онҳо бартарӣ дошт. Павлус бошад ба онҳо мегӯяд, ки ҳангоме ҳамаи ин одамон ба ту таaллуқ доранд, интихоби худро танҳо бар як одам қарор додан беақлона аст. Ба ҷои дод задан, ки Апуллус аз они мост, мо бояд гӯем: “Хоҳ Павлус, хоҳ Апуллус , хоҳ Кифо — ҳамаи онҳо аз они моянд”.

Имрӯз ҳам барои мо ин суханон хеле муҳиманд. Мо хато мекунем, вақте барои худ ба сифати муаллим танҳо Лютер, Уэслӣ, Бут, Дарбӣ, Биллӣ Грэм ва ё дигар коркуни намоёни Ҷамоатро интихоб менамоем. Ҳамаи онҳо аз они мо ҳастанд, ва мо бояд барои он баракате ки меҳнати ҳар яки онҳо ба мо меорад, шод бошем. Мо набояд шогирдон ва пайравони танҳо як одам бошем.

Аммо на фақат хизматгорони Худованд аз они мо ҳастанд. Тамоми ҷаҳон аз они мост. Мо ворисони Худо ва ҳаммеросхӯрони Масеҳ мебошем. Ягон вақт мо бармегардем ва ҳамроҳи Исо бар ҷаҳон ҳукмронӣ хоҳем кард. Ҳоло бошад беимонон ҷаҳонро тавре идора мекунанд, ки гӯё ҷаҳон аз они онҳо бошад. Вале онҳо хато мекунанд. Онҳо фақат мудир, назоратчиёни корҳо буда, то ҳамон рӯзе фаъолият мекунанд, ки мо ба соҳибӣ кардан шурӯъ менамоем.

Ҳаёт аз они мост. Ин на фақат маънои онро дорад, ки мо ҳамин тавр зиндагӣ мекунем, тамоми одамони боқимонда низ зиндагӣ мекунанд. Аммо мо ҳаёт б фаровонӣ, ҳаёти абадӣ, ҳаёти Масеҳро дорем. Ҳаёти мо “батолат ва азияти рӯҳ” нест. Дар он маъно, мақсад ва мукофот ҳаст.

Марг низ аз они мост. Тарси марг тамоми умр дигар моро дар асорат нигоҳ намедорад. Акнун марг фиристодаи Худо шудааст, ки ҷонҳои моро ба осмонҳо мегирад. Вақте мо мемурем, мо на фақат ҳеҷ чизро аз даст намедиҳем, балки пайдо менамоем. Мо аз они Масеҳ ҳастем ва Масеҳ – аз они Худо. Дар ин робита ман бисёр вақт мулоҳизаи зарифонаи Гай Кингро ба ёд меоварам: “Мо бенавоён бо кисаҳои пур аз ганҷ ҳастем”.

**“Шумо, эй бародарон, ба озодӣ даъват шудаед, аммо озодӣ баҳонае барои ҳавасҳои ҷисм нашавад, балки ба якдигар бандаи якдигар бошед”**

*(Ғалотиён 5:13)*

Озодӣ сарвати гаронбаҳои фарзанди Худост. Вақте ки Писар ӯро озод намуд, ӯ ҳақиқатан озод шуд. Аммо ин озодиро набояд бо имконияти ҳама кори мехостаамонро кардан омехта кард, зеро он ҳам талаботи муайянро пешниҳод мекунад ва маҳдудият мегузорад.

Кӯдакон мехоҳанд аз қоидаҳое ки волидонашон муқаррар кардаанд, озод шаванд. Ҷавонон дар бораи озодӣ аз маҳдудиятҳое ки дар давоми таҳсил ногузиранд, орзу мекунанд. Калонсолон мехоҳанд аз аҳди вафодории заношӯӣ озод шаванд. Дигарон бошанд озодии худро аз ӯҳдадории ҳар рӯз ба кор рафтан бо ҷиддият ҳифз мекунанд. Аммо ин он озодие нест, ки мо ба он даъват шудаем.

Ситорагон соҳибихтиёр нестанд, ки мадори худро тарк кунанд ва дар коинот роҳгум зада гарданд. Қатораҳо озод нестанд, ки аз роҳи оҳан баромада, дар теппаҳо ҳаракат кунанд. Ҳавопаймоҳо соҳибихтиёр нестанд, ки аз самти барояшон муқарраршуда бароянд; бехатарии онҳо ба он вобаста аст, ки ҳавонавард дастурҳоро дуруст иҷро намояд.

Ҳоуэтт менависад: Ягон соҳаи ҳаёт вуҷуд надорад, ки дар он озодӣ маънои озодӣ аз қонунҳоро дошта бошад. Бо ҳар кор машғул бошем ҳам, барои дарк кардани озодӣ бояд юғи бандагиро қабул намоем. Агар мусиқанавоз ба олами оҳангҳои олидараҷа даромадан хоҳад, бояд қонунҳои ҳамоҳангӣ ва мувофиқатро эҳтиром намояд. Меъмор бояд ба истибдоди қонуни ҷозибаи замин итоат кунад, набошад на хона, балки тӯдаи ахлот ба дунё меояд. Шахсе ки аз қонунҳои нигаҳдории саломатӣ нафрат дорад, то чӣ андоза озод аст? Дар тамоми ин соҳаҳо вайрон кардани қонунҳо зиён меоварад, аммо риояи онҳо – озодӣ”.

Рост аст, ки имондор аз шариат озод аст (Румиён 7:3), аммо ин маънои онро надорад, ки вай тамоман бе қонун зиндагӣ мекунад. Вай аз рӯи қонунҳои Масеҳ зиндагӣ мекунад, бо риштаҳои муҳаббат баста шудааст, бар худ ӯҳдадорӣ қабул кардааст, ки фармудаҳои сершумори Аҳди Навро риоя мекунад.

Имондор аз бандагии гуноҳ озод аст (Румиён 6:7,18:22), аммо фақат барои он ки хизматгори Худо ва росткорӣ бошад.

Имондор ба ҳеҷ як инсон вобаста нест (1Қуринтиён 9:19), аммо вай ба ҳама хизматгор мешавад, то ба онҳо роҳро ба сӯи Худо нишон диҳад.

Озодӣ бо худ манъҳоро низ меоварад. Озодиро барои рӯпӯш кардани бадӣ (1Петрус 2:6) ё барои тағофул ба ҳавасҳои ҷисм (Ғалотиён 5:13) истифода намудани имондор мумкин нест. Вай ҳақ надорад, ки ягон касро аз роҳи дуруст бероҳа кунад ё дигаронро ранҷонад (1Қуринтиён 8:9). Номи Худованд Исоро беобрӯ кардани ӯ манъ шудааст (Румиён 2:23, 24). Вай набояд ҷаҳонро дӯст дорад (1Юҳанно 2:15-17) Вай ҳақ надорад Рӯҳулқудсро, ки дар вай сокин аст, ғамгин кунад (1Қуринтиён 6:19). Касе ки пайрави хоҳишҳои худ аст, ҳаргиз оромӣ ва хушбахтӣ пайдо нахоҳад кард. Ин қисмати онҳоест, ки бар худ юғи Масеҳро гирифта, аз Ӯ таълим мегиранд.

“Ту танҳо ҳангоми ба Ӯ хизмат кардан ҳақиқатан озод ҳастӣ”.

**“Ва каломи Худованд бори дуюм ба гӯши Юнус расид”**

*(Юнус 3:1)*

Ин суханон ба мо умед мебахшанд. Одам метавонад ба осонӣ пешпо хӯрад, аммо пас аз нокомии харобиовар ҳам Худо ҳеҷ касро ба боди фаромӯшӣ намедиҳад. Довуд на танҳо хатоҳо, балки ҷиноятҳо низ содир менамуд. Дар бораи онҳо хонда, илоҷи дигаре надорем, магар ин ки аз шарм сӯхта, бар сари худ хок ва хокистар пошем. Бале, Довуд чӣ будани дилшикастагӣ ва тавбаи аз умқи дил меомадаро медонист. Ва Худо гаштаву баргашта ӯро бахшида, барои ҳаёти наве ки барои абадият самар меоварад, эҳё мекард.

Вақте Худо ба Юнус гуфт, ки миссионер шавад, вай ба даъвати Ӯ гӯш накард, ва оқибат ба шиками моҳии калон афтод. Дар ин қаиқи зиндаи зериобӣ нишаста, вай итоаткор буданро ёд гирифт. Ба даъвати дуюми Худо вай бо он ҷавоб дод, ки ба Нинве рафт ва он ҷо дар бораи доварии омадаистода нақл карда, шоҳиди тавбаи самимии тамоми сокинони ин шаҳр шуд.

Марқус дар ними роҳ кореро, ки ҳамроҳи Павлус ва Барнаббо бо муваффақият сар карда буд, тарк карда, ба хона баргашт. Аммо Худо аз вай рӯй нагардонд. Марқус ба корзор баргашта, аз нав боварии Павлусро ба даст овард, ва ба вай супориш дода шуд, ки Инҷилро дар бораи Хизматгори Вафодор нависад.

Петрус Худовандро инкор кард, агарчи қасам ёд карда буд, ки ба Ӯ содиқ ва вафодор хоҳад монд. Одамон ӯро аз ҳисоб бароварда, фикр мекарданд, ки кабӯтари болшикаста аллакай дар баландии пештара ҳаргиз парвоз нахоҳад кард. Аммо Худо дигар хел рафтор кард, ва Петрус ба баландие баромад, ки пештар ҳеҷ гоҳ ба он набаромада буд. Маҳз ӯ дар рӯзи Пантикост барои 3000 нафар дари Подшоҳиро боз кард. Вай беист меҳнат карда, аз дастони таъқибкунандагон бисёр азият кашид. Ӯ ду номаеро навишт, ки номи ӯро доранд, ва марги пуразоб тоҷи ҳаёти бузурги хизмати фидокорона гардид.

Бинобар ин, вақте ки сухан дар бораи хизмат меравад, Худо имконият медиҳад, ки кас хатоҳоро ислоҳ намуда, ҳама корро аз нав сар кунад. Ӯ одамро танҳо аз боиси пешпо хӯрданаш ба рӯйхати корношоямҳо намедарорад. Ҳар боре ки Ӯ дили шикаста ва тавбакардаро мебинад, хам мешавад, ва дасташро дароз карда, ёрӣ медиҳад, ки ҷанговар аз нав ба по хезад.

Лекин ин тамоман маънои онро надорад, ки ба гуноҳ ё ҷиноят сабукфикрона муносибат кардан мумкин аст. Худи талхии тавба ва пушаймонӣ барои амали ношоиста, ки зидди Худованд содир кардаем, бояд моро водор созад, ки аз ҳар гуна гуноҳ дурӣ ҷӯем.

Ин ҳамчунин маънои онро надорад, ки пас аз марг Худо ба шахсе ки ҳангоми зинда буданаш тавба накард, боз як имконият медиҳад. Марг анҷоми ҳама чиз аст. Ҳукм барои он шахсе ки дар гуноҳ мурд, даҳшатнок аст: “Дар ҳамон ҷо, ки дарахт афтода бошад, хоҳад монд” (ба Воиз 11:3 нигаред).

**“Ғайратмандона бандагӣ намоед, монанди он ки ба Худованд бошад, на ба одамон”**

*(Эфесусиён 6:7)*

Павлус бо ин суханон ба ғуломон муроҷиат мекард (оятҳои 5-8), аммо ҳар касе ки худро бандаи Исои Масеҳ меномад, бояд ба онҳо гӯш андозад.

Расул баён мекунад, ки ҳар кори софдилонаро, ҳатто агар он ифлостарин бошад ҳам, барои ҷалоли Худо ба ҷо овардан мумкин аст. Павлус ба ғуломоне менавишт, ки эҳтимол, фарш мерӯфтанд, хӯрок тайёр мекарданд, табақу коса мешустанд, чорворо нигаҳбонӣ мекарданд ва ҳосил мерӯёнданд. Аммо ҳатто ин кор ҳам бояд “монанди он ки ба Масеҳ бошад” ба ҷо оварда шавад (ояти 5), зеро онро ба ҷо оварда, ғуломон “ҳамчун ғуломони Масеҳ буданд, ки хости Худоро аз таҳти дил ба ҷо меоваранд” (ояти 6), “ғайратмандона хизмат мекарданд, монанди он ки ба Масеҳ бошад” (ояти 7), ва онҳо аз Худованд мукофот хоҳанд гирифт, “ба андозаи кори неке ки кардаанд” (ояти 8).

Тамоми корро ба “дунявӣ” ва “рӯҳонӣ” тақсим кардан васвасаи бузург аст. Корҳои ҳаррӯзаи худро мо дунявӣ меҳисобем, аммо мавъиза кардан, шаҳодат додан, аз рӯи Навишта дарсҳо гузаронданро амалҳои рӯҳонӣ ҳисоб мекунем. Аммо расул ёд медиҳад, ки барои масеҳӣ чунин тақсимот бояд вуҷуд надошта бошад. Инро дарк карда, зани воизе бар болои дастшӯяки ошхона чунин суханонро навиштааст: “Ин ҷо рӯзе се маротиба парастиши Худо гузаронда мешавад”.

Агар дар дили бандаи Ту
Хоҳиши зиёди иҷрои хости Ту бошад,
Ҳатто кори дилбазан, тоқатфарсо
Мебарояд ба сатҳи кори рӯҳонӣ.

***Ҷорҷ Герберт***

Дар ин суханон боз як ҳақиқати гаронбаҳо ҳаст: мавқеи пасти иҷтимоӣ одамро аз гурӯҳи интихобшудагон, аз гурӯҳи масеҳиёне ки аз баракатҳо ва мукофотҳои Худо ҳаловат мебаранд, хориҷ намекунад. Шояд касе ҳаргиз корҷомаи дарбеҳшударо ба куртаи сафед ва галстук иваз нахоҳад кард, аммо агар вай бо меҳнати ғайратмандонаи худ Масеҳро ҷалол медода бошад, музди вай пурра хоҳад буд. “Зеро медонед, ки ҳар кас, хоҳ ғулом бошад, хоҳ озод, ба андозаи кори неке ки кардааст, аз Худованд подош мегирад” (ояти 8).

Ба ин бовар карда, мо ҳамон тавр дуо мекунем, ки Ҷорҷ Герберт дуо мекард:

Маро ёд бидеҳ, Шоҳ ва Худоям,
То дар ҳама чиз Туро бубинам.
То ман ҳар корро карда тавонам
Монанди он ки баҳри Ту бошад.

## 18 ЯНВАР

**“Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон нест;
Агар Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон мебуд,
навкарони Ман меҷангиданд...”**

*(Юҳанно 18:36)*

Худи он ҳақиқат, ки Подшоҳии Масеҳ аз ин ҷаҳон нест, маро водор менамояд, ки худро аз сиёсати ҷаҳонӣ канора гирам. Дар ҳаёти сиёсӣ иштирок карда, ман ба ҳама шунавонда, дар бораи боварии худ ба он мегӯям, ки ин сохтор мушкилоти ҷаҳонро ҳал карда метавонад. Аммо дар асл ман ин бовариро надорам, зеро медонам, “ки тамоми ҷаҳон дар зери фармони шарир аст” (1Юҳанно 5:19).

Одамизод аз таҷрибаи талхи худ медонад, ки сиёсат мушкилоти ҷомеаро ҳал карда наметавонад. Ҳар давое ки он тавсия диҳад, он фақат латтабандест ба захми фосид, ки ба сарчашмаи сироят ҳеҷ таъсир намекунад. Мо медонем, ки асоси тамоми бадбахтиҳои ҷомеаи носолими мо гуноҳ аст. Ҳеҷ як усулеро, ки масъалаи гуноҳро ба таври қатъӣ ҳал намекунад, ҷиддӣ қабул кардан мумкин нест.

Ин моро дар пеши интихоб мегузорад. Вақти худро ба чӣ бахшем: ба фаъолияти сиёсӣ ё ба башоратдиҳӣ? Исо ба ин савол ҷавоб дода, чунин гуфт: “Бигзор мурдагон мурдагони худро ба хок супоранд: аммо ту рафта, Подшоҳии Худоро мавъиза кун” (Луқо 9:60). Вазифаи асосии мо ба ҳама дар бораи Масеҳ нақл кардан аст, зеро танҳо Ӯ ҷавоб ба мушкилоти ин ҷаҳон аст.

“Аслиҳаи ҷанги мо ҷисмонӣ нест, балки назди Худо тавоност барои хароб кардани қалъаҳо” (2Қуринтиён 10:4). Ин ҳақиқатан чунин аст. Аз иштирок дар интихобот дида, мо бо дуо, рӯза ва Каломи Худо ба таърихи халқи худ ва тамоми ҷаҳон таъсири бештар мерасонем.

Як арбоби ҷамъиятӣ гуфтааст, ки фисқу фасод, пӯсидагӣ ва вайроншавӣ дар худи моҳияти сиёсат мебошад. Сипас, вай огоҳонида, илова кард: “Хеле муҳим аст, ки ҷамоат кореро ба ҷо оварад, ки ба он даъват шудааст, ва кӯшиш накунад ба доираҳое дарояд, ки он ҷо симои ҳақире хоҳад дошт... Дар чунин корҳо иштирок карда, он покии мақсадҳои худро зери хатар мегузорад.

Мақсади асосии Худо барои ин замона аз он иборат аст, ки аз намояндагони тамоми халқҳо халқи Худро ташкил намояд. Мақсади Ӯ он нест, ки ба одамон ёрӣ диҳад, то дар ин ҷаҳон бароҳаттар ҷой гиранд. Ӯ ба хотири он хаста нашуда кор мекунад, ки одамонро аз ин ҷаҳон наҷот диҳад. Ва вазифаи ман ин аст, ки бо Худо барои ин озодшавии пуршараф меҳнат кунам.

Вақте аз Исо пурсиданд, ки чӣ бояд кунем, то корҳои писандидаи Худоро ба ҷо оварем, Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки кори писандидаи Худо ин аст, ки ба Он Касе ки Ӯ фиристод, бовар кунем (ба Юҳанно 6:28-29 нигаред). Бинобар ин вазифаи асосии мо он аст, ки ба одам роҳро ба сӯи Худо нишон диҳем, на ба сӯи маҳалли интихобот.

**“Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем,
Ӯ бовафо ва росткор аст, ки гуноҳҳои моро бахшад
ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд”**

*(1Юҳанно 1:9)*

Агар ин дилпурӣ намебуд, ки Каломи Худо онро медиҳад, ҳаёти шахси масеҳӣ тоқатфарсо мешуд. Дар файз нашъунамо ёфта, мо амиқтар ва равшантар дарк менамоем, ки табиати гуноҳолуди мо то чӣ андоза беҳудуд аст. Мо ба он эҳтиёҷ дорем, ки фавран аз гуноҳ пок шавем, вагарна моро ҳамеша азоби виҷдон ва шикастҳои рӯҳонӣ азоб медиҳанд.

Юҳанно ба мо мегӯяд, ки имондорон чунин имконият доранд – ба воситаи эътирофи гуноҳи худ. Беимон ба воситаи имон ба Худованд Исо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бахшида шуда, аз ҷазои гуноҳ раҳо мешавад. Имондор ба воситаи эътирофи гуноҳи худ аз ҷониби Падар бахшида мешавад ва аз гуноҳ пок карда мешавад.

Гуноҳ муносибати фарзандони Худоро бо Падар вайрон мекунад, ва фақат ҳамон вақте ки шахс гуноҳашро эътироф менамояд ва тарк мекунад, ин муошират барқарор мешавад. Агар мо гуноҳамонро эътироф намоем, Худо, ки ҳамеша ба сухани Худ вафодор аст, ваъда додааст, ки моро мебахшад. Ба мо бахшидашавиро ато карда, Ӯ бовафо ва одил мемонад, зеро бо марги Худ дар салиб Масеҳ барои чунин имконият асоси боадолат гузоштааст.

Дар он оят ҳамчунин зикр карда мешавад, ки вақте мо ба гуноҳҳои худ иқрор мешавем, метавонем дилпур бошем, ки онҳо тамоман маҳв карда шудаанд, мо пурра аз онҳо пок шудаем, дар оилаи Худо ҳамфикрӣ ва якдигарфаҳмӣ барқарор шудааст. Ҳамин ки мо дар ҳаётамон будани гуноҳро дарк мекунем, метавонем ба ҳузури Худо омада, ин гуноҳро номбар кунем, онро рад намоем ва дилпур бошем, ки Худо аллакай моро аз он пок кардааст.

Аммо чӣ тавр мо ба ин дилпур буда метавонем? Оё мо бояд худро бахшидашуда ҳис намоем? Ҳиссиёти мо ин ҷо ҳеҷ дахле надоранд. Мо медонем, ки Худо моро бахшид, зеро Ӯ инро дар Каломи Худ мегӯяд.

Аммо, фарз мекунем, ки ягон кас чунин мегӯяд: “Ман медонам, ки Худо маро бахшид, аммо ман худро бахшида наметавонам”. Оҳ, ин хеле порсоёна садо медиҳад, аммо дар асл ин сухани таҳқиромез аст, ки ба рӯи Худо партофта шудааст. Худо, ки маро бахшидааст, мехоҳад, ки ман бо имон ин бахшишро қабул намуда, барояш шод бошам ва ба Ӯ чун зарфи покшуда хизмат намоям.

# 20 ЯНВАР

**“Ва гуноҳҳо ва бадиҳои онҳоро дигар ба ёд намеоварам”**

*(Ибриён 10:17)*

Худо қодир аст гуноҳҳоеро, ки бо хуни Масеҳ пӯшида шудаанд, фаромӯш кунад, – ин яке аз ҳақиқатҳои Навиштаҳо аст, ки ба мо хушбахтӣ ва қаноатмандии зиёдтарин медиҳад.

Ҳангоме мо мехонем: “Ба андозае ки шарқ аз ғарб дур аст, ҷиноятҳои моро ба ҳамон андоза аз мо дур кардааст” (Забур 102:12), мо дар бораи муъҷиза мехонем. Ҳайратангез аст, ки мо ҳамроҳи Ҳизқиё гуфта метавонем: “Ту... ҳамаи гуноҳҳои маро ба пушти Худ партофтӣ” (Ишаъё 38:17). Ақли мо суханони Худовандро то охир дарк карда наметавонад: “Гуноҳҳои туро мисли абр, ва хатоҳои туро мисли шаҳоб маҳв кардаам” (Ишаъё 44:22). Аммо боз хондан хеле хубтар аст: “Ман маъсияти онҳоро хоҳам омурзид ва гуноҳи онҳоро дигар ба ёд нахоҳам овард” (Ирмиё 31:34).

Вақте мо гуноҳҳои худро эътироф мекунем, Ӯ на фақат онҳоро мебахшад, балки дарҳол онҳоро фаромӯш мекунад. Мо муболиға намекунем, вақте мегӯем, ки гуноҳҳои мо дарҳол дар уқёнуси фаромӯшӣ ғарқ мешаванд. Инро дар мисоли имондоре ки бар зидди гуноҳи одатишуда бо муваффақияти нопойдор мубориза мебарад, тасвир кардан мумкин аст. Дар лаҳзаи сустӣ вай ба васваса тоб наовард. Аммо шитобон ба ҳузури Худо рафта, вай фавран гуфт: “Худовандо, ман боз инро кардам”. Ва дар ҷавоб шунид: “Боз чӣ кардӣ?” Моҳияти ин ҳикоят аз он иборат аст, ки як лаҳза пас аз эътирофи гуноҳ Худо аллакай онро фаромӯш кардааст.

Ин то чӣ андоза тасаввурнопазир ва ҷолиб аст – Худои ҳамадон фаромӯш карда метавонад! Аз як тараф, Ӯ ҳама чизро медонад, Ӯ ситорагонро мешуморад ва ба ҳар яки онҳо ном медиҳад. Ӯ ҳамаи чуқуриҳои дар роҳи мо бударо медонад ва қатраҳои ашки моро ҳисоб мекунад. Ҳеҷ як фароштурук намеафтад, бе он ки Ӯ аз он бохабар бошад. Ӯ шумораи мӯйҳои сари моро медонад. Ва ба ин нигоҳ накарда, Ӯ гуноҳҳои эътирофшуда ва таркшударо фаромӯш мекунад. Дейвид Симандс гуфтааст: “Ман намедонам, ки чӣ гуна ҳамадонии Худо фаромӯш карда метавонад, аммо ман медонам, ки ин ҳамин тавр аст”.

Ва дар хулоса боз як фикр. Касе гуфтааст, ки вақте Худо гуноҳҳоро бахшида, онҳоро фаромӯш мекунад, Ӯ аломат овезон мекунад: “Моҳигирӣ манъ аст!” Ӯ рухсат намедиҳад, ки гузаштаро кофтуков карда, гуноҳҳои худ ё гуноҳҳои дигаронро, ки Худо онҳоро фаромӯш кардааст, чун моҳигир сайд намоям. Аз ин ҷиҳат мо бояд хотираи хеле бад ва фаромӯшхотирии бузург дошта бошем.

## 21 ЯНВАР

**“Валекин Рӯҳи Худованд аз Шоул дур шуд; ва рӯҳи баде аз ҷониби Худованд ӯро ба изтироб меандохт”**

*(1 Подшоҳон 16:14)*

Дар Навишта оятҳое ҳастанд, ки дар назари аввал ба Худо рафторҳои бадро нисбат медиҳанд. Ҳамин тавр, масалан, пас аз он ки Абималик се сол бар Исроил ҳукмронӣ кард, “Худо рӯҳи баде дар миёни Абималик ва сокинони Шакем фиристод” (Доварон 9:23). Дар айёми Аҳъоб Микойҳу ба подшоҳи ҷинояткор гуфт: “Худованд рӯҳи дурӯғгӯе дар даҳони тамоми ин пайғамбарони ту гузоштааст” (3 Подшоҳон 22:23). Айюб чунин ҳисоб мекард, ки тамоми азобҳои Ӯ аз ҷониби Худо мебошанд: “Наход ки некиро аз Худо қабул кунему бадиро қабул накунем?” (Айюб 2:10). Ва Худованд Худаш мегӯяд: “Ман... осоиштагӣ барқарор менамоям ва мусибатҳоро ба вуҷуд меоварам” (Ишаъё 45:7).

Аммо мо медонем, ки Худо нур аст, аз ин рӯ Ӯ наметавонад бадиро ба вуҷуд оварад ё бо он муросо кунад. Аз Худо ҳеҷ гуноҳ, беморӣ ва азоб омада наметавонад. Худо нур аст, ва дар Ӯ ҳеҷ торикие нест (1Юҳанно 1:5). Ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад сарчашмаи он чизе бошад, ки бар камолоти ахлоқии Худаш мухолиф аст.

Аз ҷойҳои дигари Навиштаҳо як маънӣ бармеояд, ки тамоми азоб, бемориҳо, фоҷиаҳо ва харобиҳо аз шайтон мебошанд. Маҳз иблис сабаби дард ва азобҳои Айюб буд. Исо гуфт, ки занеро ки ҳаждаҳ сол рост шуда наметавонист, шайтон бастааст. Дар бораи “неше дар ҷисм”-и худ Павлус ҳамчун дар бораи “қосиди шайтон” мегуфт (2Қуринтиён 12:7). Сабаби тамоми азобҳои одамизод шайтон аст.

Аммо чӣ тавр мо мухолифати байни ин оятҳо ва оятҳоеро, ки дар онҳо Худо чун офаридгори бадӣ қаламдод шудааст, бартараф карда метавонем. Ҳақиқат одист: “Навишта бисёр вақт корҳоеро, ки Худо кардани онҳоро ба дигарон иҷозат додааст, ҳамчун корҳое ки Худо кардааст, қаламдод менамояд. Фарқ байни иродаи “ҳидояткунанда” ва иродаи “иҷозатдиҳанда”-и Ӯ дар ҳамин аст. Ӯ одатан роҳ медиҳад, ки одамон воқеаҳоеро аз сар гузаронанд, ки Ӯ Худаш бо хости худ барои онҳо ҳаргиз интихоб намекард. Ӯ роҳ дод, ки Исроил 40 сол дар биёбон овора гардад, аммо, агар онҳо иродаи “ҳидояткунанда”-и Ӯро рад намекарданд, Ӯ онҳоро ба замини ваъдашуда бо роҳи хеле кӯтоҳ меовард.

Гарчанде Худо роҳ медиҳад, ки девҳо ва одамон бадӣ кунанд, бо вуҷуди ин, ҳаққи сухани охирин аз они Ӯст. Худо ҳамеша бар бадӣ ғолиб баромада, ба номи Худ ҷалол оварда, ба онҳое ки имонашон дар озмоишҳо фақат мустаҳкамтар мегардад, баракат меоварад.

## 22 ЯНВАР

**“Ӯ хабосате дар Яъқуб надидааст, ва ноинсофие дар Исроил мушоҳида накардааст”**

*(Доварон 23:21)*

Ин Билъом, пайғамбари кироя, ҳақиқати аҷоибро изҳор намуда, гуфт, ки Худои ҳамабин дар қавми Худ, Исроил, гуноҳро дида наметавонад. Он чи дар он замон ба Исроил дахл дошт, имрӯз ба таври хеле аҷоиб ба имондор низ дахл дорад. Худо ба имондор нигоҳ карда, наметавонад дар ӯ гуноҳе пайдо намояд, ки ҷазои марги абадиро талаб мекарда бошад. Имондор “дар Масеҳ” пинҳон шудааст. Ин маънои онро дорад, ки вай дар пеши Худо покӣ ва беайбии Масеҳро дар бар кардааст. Худо ба имондор танҳо аз он сабаб бо хайрхоҳӣ менигарад, ки Писари Ӯ сазовори ин хайрхоҳӣ мебошад. Ин мақоми баландтарин ва ифтихорӣ буда, дар он ягон чизро дигаргун ё беҳтар кардан ғайриимкон аст, он то абад аст. Худо ҳаргиз наметавонад дар шахсе ки дар Масеҳ аст, айбе пайдо кунад.

Инро дар мисоли як шахси англис баён кардан мумкин аст, ки ҳангоми бо мошини “Роллс-Ройс”-и худ дар Фаронса давр зада гаштанаш ногаҳон меҳвари ақиби мошинаш шикаст. Дар таъмиргоҳи маҳаллӣ меҳварро иваз карда натавонистанд, ва бинобар ба Англия занг заданд. Ширкат на фақат меҳвар, балки механикҳои мошинро низ фиристод, ки бояд онро дар ҷояш мегузоштанд. Англис саёҳати худро давом дод. Баъди ба Англия баргаштанаш ӯ мунтазири суратҳисоб барои таъмир шуд. Моҳҳо гузаштанд, аммо суратҳисоб ҳанӯз набуд. Он гоҳ вай ба ширкат мактуб навишта, тамоми воқеаро тасвир кард ва хоҳиш намуд, ки суратҳисобро фиристонанд. Дере нагузашта вай ҷавоб гирифт: “Мо тамоми китобҳои баҳисобгирии худро дида баромадем, аммо дар ҳеҷ ҷо қайдҳоро дар бораи он наёфтем, ки ягон вақт умуман меҳвари “Роллс-Ройс” шикаста бошад.

Худо китобҳои баҳисобгирии Худро ҳар қадар дақиқона дида бароя ҳам, дар бораи гуноҳи имондор, ки имондорро ба дӯзахи абадӣ маҳкум мекунад, ҳаргиз ягон қайде намеёбад. Худо имондорро дар Дӯстдошта қабул кардааст. Имондор дар Масеҳ комил аст. Ӯ росткори беайби Худоро дар бар кардааст. Дар назари Падар вай беайб аст. Бинобар ин вай бо тантана ва боварӣ гуфта метавонад:

Аввал нигоҳе бикун ба Наҷотдиҳандаам,
Ӯро ҳамон тавр бубин, ки Худо мебинадаш;
Гар исбот кунӣ, ки Ӯ доғи гуноҳе дорад,
Он гоҳ ҳақ дорӣ гӯӣ, ки ман низ нопок ҳастам.

**“Ва оё ту барои худ чизҳои бузург талаб мекунӣ? Талаб накун”**

*(Ирмиё 45:5)*

Ин васвасаи нозук дар ҳама ҷо ҳузур дорад, ҳатто дар хизмати масеҳӣ васвасаи машҳур шудан, номи худро дар радио шунидан ё онро дар рӯзномаҳо чопшуда дидан вуҷуд дорад. Ин дом ҳилагарона аст. Мо аз Масеҳ ҷалолро медуздем, худамон бошем, осоиш ва хурсандӣ дорем.

Ин моем, ки ҷалолро аз Масеҳ медуздем. Ч. Н. Макинтош гуфтааст: “Вақте ки шахс ва кори ӯ диққати умумиро ба худ ҷалб менамояд, ин хеле хатарнок аст. Ҳар боре ки тамоми назарҳо на ба Худи Худованд Исои Масеҳ, балки фақат ба ягон кас ё ягон чиз равона шудаанд, шайтон ба мақсади асосии худ мерасад. Чунин буда метавонад, ки ходим кори худро бо соддагии зиёд сар кард, аммо аз сабаби бедиққатӣ ё камтаҷрибагии рӯҳонӣ худи вай ё кораш маркази шавқи умумӣ шуданд, ва инак вай дар канори доме меистад, ки шайтон гузоштааст. Шайтон фақат як мақсади бузург ва доимӣ дорад — маҳрум кардани Исо аз ҷалоле ки ба Ӯ тааллуқ дорад. Ва агар шайтон хизматеро, ки ба назар масеҳӣ менамояд, барои ин мақсад истифода бурда тавонад, ин ғалабаи бузург барояш ҳамон қадар ширинтар мешавад. Деннӣ ин фикрро чунин баён намудааст: “Ҳеҷ кас исбот карда наметавонад, ки дар айни замон ҳам ӯ бузург аст, ҳам Масеҳ — олидараҷа”.

Бо ин мо худро ғорат мекунем. Шахсе гуфтааст: Ман осоиштагӣ ва хурсандии ҳақиқиро дарк карда наметавонистам, то даме ки кӯшиши бузург буданро бас кардам”.

Хоҳиши бузург будан моро ба ҳадафи дӯстдоштаи шайтон табдил медиҳад. Фӯрӯ ғалтидани шахси маъруф ба кори Масеҳ зиёни калон мерасонад.

Яҳёи Таъмиддиҳанда ҳамеша таъкид мекард, ки ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшиш намекунад шӯҳрат барои ба даст оварад. Шиори вай ин буд: “Ӯ бояд бузург шавад, ва ман — хурд”.

Мо низ бояд ҷои аз ҳама пастро ишғол намоем, то замоне ки Худованд Худаш моро ба мақоми баланд даъват кунад. Бигзор дуои ҳар яки мо чунин бошад: “Бигзор ман номаълум ва номаъруф бошам, то ки фақат Масеҳ маро таҳсин намояд ва баланд қадрдонӣ намояд”.

Носира шаҳраки хурд буд, ва Ҷалил — фақат вилояте дар гӯшаи дурдасти империя.

## 24 ЯНВАР

**“Ҳеҷ ғам нахӯред”**

*(Филиппиён 4:6)*

Дар ин дунё чизҳои зиёде ҳастанд, ки сабаби ташвиши одам буда метавонанд: бемориҳои саратон, сактаи дил ва бемориҳои дигар, хӯроке ки ба саломатӣ зиён мерасонад, мурдан дар садамаи нақлиёт, табаддулоти коммунистӣ, ҷанги ҳастаӣ, беқурбшавии боздоштнашавандаи пул, ояндаи номаълум, пешомади тарсовар барои кӯдаконе ки дар ин ҷаҳон калон мешаванд. Ин рӯйхат беохир аст.

Бо вуҷуди ин Каломи Худо ба мо мегӯяд: “Ҳеҷ ғам нахӯред”. Худо мехоҳад, ки мо бе ғам ва ташвиш зиндагӣ кунем. Ва Ӯ барои ин сабаб дорад!

Ташвишҳо зиёдатӣ ва нодаркор мебошанд. Худованд дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад. Ӯ моро дар кафи Худ нигоҳ медорад. Дар ҳаёти мо бе иҷозати Ӯ ҳеҷ чиз рӯй дода наметавонад. Мо наметавонем қурбонии тасодуф, тақдир ё қисмати бад шавем. Дар ҳаёти мо ҳама чиз ба нақша дароварда шудааст ва дар зери назорати Ӯ мебошад.

Ташвишҳо беҳуда мебошанд. Ҳар қадар ташвиш кашӣ ҳам, ин барои ҳал кардани мушкилот ё раҳо шудан аз бӯҳрон ёрӣ намедиҳад. Касе гуфтааст: “Ташвишҳо аз дарди фардо чизе кам намекунанд, аммо имрӯз онҳо қувватро аз мо макида мегиранд”.

Ташвишҳо барои саломатӣ зараровар мебошанд. Духтурон ба хулосае омаданд, ки сарчашмаи бемориҳои зиёд ташвишҳо, асабоният ва ғаму андӯҳ мебошанд. Дар миёни чунин бемориҳо захми меъда дар ҷои аввал меистад.

Ташвишҳо гуноҳ мебошанд. Зеро он гоҳ одам дар ҳикмати Худо шубҳа карда, мегӯяд: “Ӯ намедонад, ки чӣ кор мекунад”. Вай дар муҳаббати Худо шубҳа карда, мегӯяд: “Ӯ аз ин парво надорад”. Ӯ ба тавоноии Худо шубҳа карда, мегӯяд: “Ӯ он чиро, ки маро аз хоб маҳрум менамояд, дигаргун карда наметавонад”.

Мо аксар вақт бо ташвишҳои худ фахр менамоем! Ҳангоме шавҳар зани худро таъна зад, ки вай бениҳоят зиёд барои ҳама чиз ташвиш мекашад, дар ҷавоб шунид: “Агар ман намебудам, худи калимаи “ташвиш”-ро ҳама фаромӯш мекарданд!” То даме ки майли хавотир шудан ва ташвиш кашиданро чун гуноҳ эътироф накунем, ҳаргиз аз онро халос намешавем.

На ман муқаррар мекунам, ки пагоҳ чӣ рӯй медиҳад,
Ин кори Наҷоткор аст.
Ҳатто агар дар он дард ва сояи марг бошад,
Ӯ ҳамеша бо ман аст.
Ӯ ёрӣ хоҳад расонд, ки ба ҳама чиз тоб оварам,
Файз ва қувват хоҳад дод.
Лек агар ёрӣ барои пагоҳ фақат пагоҳ меомада бошад,
Чаро ғами пагоҳро имрӯз ба худ бор кунам?

## 25 ЯНВАР

**“Худо муҳаббат аст”**

*(1 Юҳанно 4:8)*

Бо омадани Масеҳ дар забони юнонӣ калимаи нав пайдо шуд, ки маънои меҳру муҳаббатро дорад, — “агапэ”. То ин замон дар он аллакай калимае вуҷуд дошт, ки маънои дӯстӣ (“филия”) ва муҳаббати пурэҳтиросро (”эрос”) дошт, аммо калимае набуд, то он муҳаббате ифода кунад, ки Худо бо додани писари ягонаи Худ зоҳир кард, ва халқи Худро низ даъват мекунад, ки ин муҳаббатро ба якдигар нишон диҳанд.

Ин муҳаббат ба даруни чорчӮ баи тасаввуроти ин ҷаҳон намеғунҷад, он тамоман ченакҳои дигар дорад. Муҳаббати Худо на аввал дорад, на охир. Ин гуна муҳаббат ҳад надошта, онро чен кардан номумкин аст. Он комилан пок буда, дар он ҳатто ишорате ба нафсоният нест. Он фидокорона буда, барояш ҳеҷ гуна нарх баланд нест. Ин муҳаббат ҳамеша мекӯшад ба дигарон ягон чиз бидиҳад: “Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки ... дод”, “Масеҳ моро чунон дӯст дошт, ки Худро барои мо дод...”. Барои ин гуна муҳаббат беҳбудии дигарон дар ҷои аввал меистад. Он одамонро ба хубу бад, дӯсту душман ҷудо намекунад. Он тайёр аст, то ба ҳар кас кӯмак расонад, аммо на аз он сабаб, ки ӯ ягон арзиши махсус дорад, балки аз он сабаб, ки онро некӣ ва меҳрубонӣ таҳрик медиҳад. Он фидокорона буда, ҳаргиз мукофот намеҷӯяд ва дигаронро бо мақсади ғаразнок истифода намебарад. Он ранҷишҳоро ба ҳисоб намегирад, балки ба масхараҳо ва таҳқирҳо болопӯши фаромӯширо мепӯшонад. Ба дағалӣ муҳаббат бо неккхоҳӣ ҷавоб медиҳад, ва дар бораи қотилони эҳтимолии худ дуо мекунад. Муҳабббат ҳамеша дар бораи дигарон фикр карда, онҳоро аз худ баланд медонад.

Аммо муҳабббат қатъиятро низ нишон дода метавонад. Худо касонеро, ки дӯст медорад, ҷазо медиҳад. Муҳаббат гуноҳро мукофот дода наметавонад, зеро ки он мусибат ва харобӣ меоварад, муҳабббат бошад мехоҳад ҳамаро аз ин ҳимоят намояд.

Вақте ки Худо Писари дӯстдоштаашро ба марг ба Ҷолҷолто фиристод, Ӯ ба мо умқи муҳабббати Худро ошкор намуд.

Эй Худо, чӣ тавр чен кунем умқи муҳаббати Туро,
Ки фидо кард ганҷи гаронбаҳотарини худро —
Ӯро, ки дар тамоми абадият бо Ту буд,
Писареро, ки бениҳоят дӯсташ медорӣ?

***Аллабен***

## 26 ЯНВАР

**“Эй азизон! Агар Худо моро ин гуна дӯст дошта бошад, мо низ бояд якдигарро дӯст дорем”**

*(1Юҳанно 4:11)*

Набояд фикр кард, ки муҳаббат эҳсосоти назоратнашаванда, пешгӯинашаванда аст. Дар ин оят гуфта шудааст, ки мо “бояд” дӯст дорем, аммо агар муҳаббат фақат ҳиссиёти норавшан ва тасодуфӣ мебуд, ки чун шамолхӯрӣ ногаҳон меояд, дӯст доштан номумкин мебуд. Муҳаббатро бе эҳсосот тасаввур кардан номумкин аст, аммо нақши асосиро на онҳо, балки ирода мебозад.

Боз як хато — ақидаест, ки гӯё барои муҳаббат фақат дар ҷаҳони орзуҳо ҷой ҳаст, ва он бо зиндагии якнаво ҳеҷ гуна робита надорад. Ба ҳар як соати рӯшноии моҳ ва садбаргҳо чандин ҳафтаи ҷомашӯӣ, дарзмолкунӣ ва рӯбучин рост меояд.

Дигар хел гӯем, муҳаббат бояд як ҷузъи ҳаёти рӯзмарраи мо шавад. Агар дар болои миз як табақ себ бошад, муҳаббат барои худ себи аз ҳама хурд ва назарногирро интихоб мекунад. Муҳаббат баъд аз худ ҳамеша дастшӯяк ё ваннаро шуста тоза мекунад. Вақте чароғ дигар лозим нест, муҳаббат онро хомӯш мекунад. Муҳаббат коғазпечи қандро дар фарш дида, намегузарад, балки онро мебардорад. Пеш аз ба дӯстон баргардонда додани мошине ки аз онҳо ба кироя гирифта шудааст, муҳаббат ҳамеша онро бо сӯзишворӣ пур мекунад. Муҳаббат мунтазир намешавад, ки дар хусуси бурда холӣ кардани сатили ахлот хоҳиш кунанд, балки онро бурда холӣ мекунад. Вай ҳеҷ гоҳ дигаронро водор намекунад, ки мунтазир шаванд. Дар сари миз он аввал ба дигарон ва фақат баъд ба худ хизмат мекунад. Он аз толор кӯдакро гирифта мебарад, то ба маҷлис халал нарасонад. Муҳаббат бо овози баланд гап мезанад, то шахсоне ки гӯшҳояшон вазнин аст, шунида тавонанд. Муҳаббат бисёр кор мекунад, то дастмузде ба даст оварад, ки аз он ба дигарон дода метавонад.

Муҳаббат либосҳои олидараҷа пӯшидааст,
Аммо канораҳои онҳо ба хоку чанг мерасад,
Домани онҳо бар сангҳои кӯчаҳо, бар алафи пайраҳа аст.
Он ҳақ надорад аз ҳашамати кӯҳҳо дар хилват лаззат барад.

Он бояд ба сӯи водиҳо фуруд ояд,
Зеро он фақат ҳамон вақт мукаммал мешавад,
Ки ба сайёҳи бемаҷол дасти мадад медиҳад,
Ва бо гармии худ дили сардро меафрӯзад.

## 27 ЯНВАР

**“Ва фурсатро ғанимат донед”**

*(Эфесусиён 5:16)*

Дар рӯзҳои мо, ки одамонро беш аз пеш нафрат аз меҳнат фаро мегирад, масеҳиён бояд ҳар як дақиқаро бо самаранокии бештар истифода баранд. Вақтро беҳуда сарф кардан гуноҳ аст.

Аҳамияти меҳнати боҷидду ҷаҳд дар ҳамаи асрҳо таъкид карда мешуд. Худи Наҷотдиҳанда гуфтааст: “То вақте ки рӯз аст, Ман бояд корҳои Фиристандаи Худро ба ҷо оварам; шаб ки ояд, ҳеҷ кас ҳеҷ кас кор кардан наметавонад (Юҳанно 9:4).

Тумои Кемпиявӣ навишта буд: “Ҳеҷ гоҳ бе кор нашин; бигузор ҳар як дақиқа бо хондан, навиштан, дуо, фикрронӣ ё меҳнати фоиданок барои манфиати ҳамагон пур карда шавад”.

Ҷ. Кемпбелл Морган ба савол оиди муваффақиятҳояш дар соҳаи тафсири Каломи Худо ҷавоб дода буд: “Меҳнат – меҳнати вазнин – ва боз меҳнат”.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки Худованд Исо ҳангоми дар ин ҷаҳон буданаш дуредгар шуда кор мекард. Ӯ қисми зиёди ҳаёти Худро дар устохона дар Носира гузаронидааст.

Павлус хаймадӯзӣ мекард. Вай ин корро қисми асосии фаъолияти худ меҳисобид.

Онҳое ки зарурати меҳнат карданро чун натиҷаи гуноҳ гумон мекунанд, ғалат мекунанд. Ҳанӯз пеш аз он ки гуноҳ ба замин ояд, Худо Одамро дар боғ сокин намуд, “то ки кори онро кунад ва онро нигаҳдорӣ намояд” (Ҳастӣ 2:15). Лаънат дар он буд, ки акнун меҳнат вазнин шуд, “бо арақи ҷабин” (Ҳастӣ 3:19). Ҳатто дар осмонҳо ба бекорӣ ҷой нест, чунки бандагони Худо ба Ӯ хизмат хоҳанд кард” (Ваҳй 22:3).

Меҳнат баракат аст. Инсон майли эҷод кардан дорад, ва меҳнат барои ин имконият медиҳад. Мо бо меҳнати ғайратмандона бадан ва ақли худро дар низом нигоҳ медорем. Бо меҳнати фоиданок машғул шудан – ҳимояти беҳтаринест аз гуноҳ, чунки “шайтон ҳамеша медонад, ки дастони бекорро бо кадом бадкорӣ машғул намояд” (И. Уоттс). Томас Уотсон гуфтааст: “Бекорӣ барои иблис васвасаи бузурге барои васваса аст”. Меҳнати софдилона, ғайратмандона қисми ҷудонашавандаи шаҳодати масеҳиёна аст. Ва натиҷаҳои меҳнати мо метавонанд аз ҳаёти мо зиёдтар умр бинанд. Касе гуфтааст: “Ҳар кас дар назди худ вазифадор аст, ки то дами дар қабр хобидани бадани худ ягон машғулияти фоиданоке пайдо кунад”.

Уилям Ҷеймс гуфтааст: “Ҳаёти худро он кас беҳтар аз ҳама сариштa мекунад, ки онро ба кори аз худаш бештар умр медида мебахшад”.

## 28 ЯНВАР

**“Касе ки бо пойҳои худ шитобад, пешпо мехӯрад”**

*(Масалҳо 19:2)*

Дар асри парвозҳо бо суръати фавқуссадо ва роҳҳои автомобилии фавқуссуръат, ки шиори ҷамъият кайҳо инҷониб “зудтар” шудааст, мо бо душворӣ дарк мекунем, ки Навишта шитобкориро хеле кам ҷонибдорӣ менамояд. Ҳа, мисоли онро дар масале ёфтан мумкин аст, ки падар ба пешвози писари гумроҳшудаи худ, ки ба хона бармегашт, мешитобад, то нишон диҳад, ки Худо низ барои бахшидани гуноҳкор шитоб мекунад. Аммо, одатан, Худо ҳеҷ корро бо шитоб намекунад.

Бо ишора ба он ки “супориши подшоҳ таъҷилӣ буд” (1Подшоҳон 21:5), Довуд танҳо баҳонае меҷуст, ва мо набояд барои сафед кардани давутози саросемавори худ ба суханҳои вай ишора намоем.

Ҳақиқат дар он аст, ки агар мо воқеан ба Худо таваккал дошта бошем, ҳоҷати шитоб кардан нест. Вазифаи мо ҳар қадар таъҷилӣ бошад ҳам, агар шитоб накарда, бо Рӯҳ ба сӯи мақсад равона шавем, онро назар ба зоҳир намудани фаъолияти пурҷӯшу хурӯши ҷисмӣ беҳтар иҷро мекунем.

Ана, масалан, ҷавоне ки барои оиладоршавӣ мешитобад, охир, агар вай зуд амал накунад, духтар ба каси дигаре ба шавҳар мебарояд. Аммо агар Худо ҳақиқатан ин духтарро барои ӯ муайян карда бошад, вай ҳеҷ гоҳ аз они дигаре намешавад. Агар вай на онест, ки Худо интихоб кардааст, ин ҷавон бояд ҳақиқати талхро аз худ кунад: “Касе ки зуд зан мегирад, барои пушаймонӣ вақти бисёре хоҳад дошт”.

Дигаре мешитобад, то хизматгори “касбӣ”-и Худо шавад ва аз фаъолияти меҳнатӣ даст кашад. Охир ҷаҳон сӯи ҳалокат равона аст, вай наметавонад интизор бошад. Аммо Исо дигар хел фикр мекард ва солҳои зиёд дар Носира интизор буд, то Худо Ӯро барои хизматгузории ҷамъиятӣ даъват кунад.

Аксаран бо дигарон дар бораи Инҷил сӯҳбат карда, мо шитоб мекунем. Мо барои ҷамъоварии ҳосили тавба чунон мешитобем, ки меваи напухтаро меканем. Мо ба Рӯҳулқудс фурсат намедиҳем, то дар назди одам тамоми даҳшати гуноҳро нишон диҳад. Ва дар натиҷа – тавбаҳои хаёлӣ ва дилҳои шикаста. “Ва сабр бояд амали комил дошта бошад.. .’’(Яъқуб 1:4).

Дар зиндагиамон мо метавонем бисёр чизҳоро на он вақте ба даст оварем, ки ба хотири вазифаи худамон бофта бароварда давутоз мекунем, балки вақте ки бо роҳнамоии Рӯҳулқудс меҳнат мекунем, ва тасдиқи онҳоро бешитоб ба Худо назар андохта ба даст меорем.

## 29 ЯНВАР

**“Оре, эй Падар! Зеро хушнудии Ту дар ин буд”**

*(Матто 11:26)*

Дар ҳаёти ҳар як одам чизҳое ҳастанд, ки вай онҳоро ҳеҷ гоҳ ба худ намехост, ва агар имкон медошт, аз онҳо бо майли том даст мекашид, аммо қудрате надорад, ки онҳоро тағйир диҳад. Ин метавонад камбудӣ дар инкишофи ҷисмонӣ ё бемории бардавоми вазнин бошад, ки доим моро азият медиҳад. Ин метавонад асабоният ё рӯҳафтодагии эҳсосотӣ бошад, ки чун меҳмонони нохонда дар хонаи мо бисёр зиёд меистанд.

Миқдори зиёди одамон зиндагии ҳақирона ба сар мебаранд ва аз фикру хаёл мегузаронанд, ки чӣ мешуд, агар... Агар онҳо андаке қадбаландтар мебуданд. Агар онҳо андаке зеботар мебуданд. Агар онҳо дар оилаи дигар зода мешуданд, ранги пӯсташон дигар мебуд ё ба ҷинси дигар тааллуқ медоштанд. Агар онҳо ҷуссаи паҳлавонона медоштанд. Агар онҳо саломатии хуб медоштанд.

Ин гуна одамон бояд ҳақиқатеро аз худ кунанд, ки он чиро, ки дигаргун кардан ғайриимкон аст, қабул карда, мо осоиш ба даст меоварем. Бо марҳамати Худо, мо чунонем, ки ҳастем. Ҳаёти моро Ӯ бо муҳаббати бепоён ва хиради беҳудуд ба нақша гирифтааст. Агар мо ҳамаи он чиро, ки Ӯ мебинад, медидем, пас ҳама чизро ҳамон гуна ҷо ба ҷо мекардем, ки Ӯ кардааст. Ва барои ҳамин мо бояд чунин гуфта тавонем: “Ҳа, Падар, зеро лутфу марҳамати Ту ҳамин буд”.

Аммо қадами дуюмро низ бояд гузошт. Ҳама чизро ҳаргиз на дар рӯҳи фармонбардории фурӯтанона бояд қабул кард. Бо донистани он ки маҳз Худои муҳаббат имкон дод, то ҳамаи ин қисми ҳаёти мо шавад, мо бояд ба Ӯ ташаккур гӯем ва шод бошем. Се бор Павлус барои дур кардани “неше дар ҷисм” дуо кард. Ва ҳангоме Худованд ваъда дод, ки ба вай барои бо ин “неш” зистан қувват медиҳад, расул нидо кард: “Ман бо майли бештар аз нотавониҳои худ фахр менамоям, то қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад” (2Қуринтиён 12:9).

Мо ба дараҷаи муайяни балоғат расидаем, ки бо вуҷуди на он қадар хуш будани вазъиятҳои ҳаётамон метавонем барои онҳо хурсандӣ кунем ва онҳоро барои ҳамди Худо истифода намоем. Фаннӣ Кросбӣ инро ҳанӯз дар хурдсолӣ аз худ карда буд. Ин шоираи нобино дар синни ҳаштсолагияш навишта буд:

Оҳ, чӣ қадар хушбахтам,
Агарчи намебинам!
Қатъӣ қарор кардаам,
Ки бошам дар ин ҷаҳон
Доим аз ҳар чиз розӣ.

Ман баракатҳо дорам,
Ки дигарон надоранд.
З-ин рӯ наметавонам,
Ва намехоҳам гирям
Ва оҳ нахоҳам кашид,
Танҳо аз он ки кӯрам!

**“Муфт ёфтаед, муфт диҳед”**

*(Матто 10:8)*

Фритс Крайслер, яке аз бузургтарин ғижжакнавозони ҷаҳон боре гуфтааст: “Мусиқӣ аз аввали зода шуданам дар ман буд. Ҳанӯз то замони алифборо аз худ карданам ман аллакай ба таври ғаризавӣ партитураҳоро медонистам. Ин атои Сарнавишт буд, ва ин хизмати ман нест. Бинобар ин ман ҳатто ҳақ надорам барои мусиқии худ ҳатто суханони миннатдорӣ талаб намоям... Мусиқӣ хеле муқаддас аст, то ки бо он савдо намоӣ. Дастмузди беҳад зиёд талаб намуда, мусиқинавозони номдор бар зидди ҷомеа ҷиноят содир мекунанд.

Ин суханон бояд дар дили ҳар шахсе бошанд, ки бо кори масеҳӣ машғул аст. Мақсади асосии хизмати масеҳӣ на гирифтан, балки ато кардан аст. Дар марказ набояд чунин савол бошад: “Ман барои ин чӣ мегирам?”, балки “Чӣ гуна ман метавонам ба шумораи зиёди мардум хабари наҷотро расонам?” Дар хизмат ба Масеҳ на он шахс сарватдор аст, ки фоида мегирад, балки шахсе ки ато мекунад.

Ҳа, албатта, “Меҳнаткаш сазовори музди худ ***аст” (Луқо*** 10:7), ва “Онҳое ки Инҷилро мавъиза мекунанд, аз Инҷил зиндагӣ кунанд” (1Қуринтиён 9:14). Аммо ин ҳаргиз шахсеро, ки дар атои худ нархнома меовезад, сафед намекунад. Ин маблағи бениҳоят калони пулеро, ки муаллифони сурудҳо барои иҷрои ҳар асарашон талаб мекунанд, сафед намекунад. Ин дастмузди зиёди сарояндагон ва воизонро сафед намекунад.

Шимъӯни ҷодугар мехост қудрати ба дигарон додани Рӯҳулқудсро харад (Амалҳо 8:19). Дар ин вай бешубҳа боз як сарчашмаи даромадро медид. Номи вай ба забони мо дохил шуда, барои хариду фурӯши бартариҳои ҷамоатӣ ном дод (“шимъӯния”). Муболиға намебуд, агар мо гӯем, ки имрӯз шимъӯния тамоми ҷаҳони диниро зердаст кардааст.

Агар ногаҳон музди он чи меҳнати масеҳӣ номида мешавад, пардохта нашавад, он гоҳ қисми калони он дарҳол қатъ мешуд. Аммо бо вуҷуди ин хизматгорони содиқи Худо ёфт мешуданд, ки то дами барои ин андак қувват доштан якравона ба пеш рафтанро давом медоданд.

Мо ҳама чизро муфт ёфтаем; ва муфт бояд диҳем. Ҳар қадар бештар диҳем, баракат ҳамон қадар фаровонтар ва мукофот калонтар мешавад — ба мо бо андозаи калон, ҷунбонидашуда ва бо изофа чен карда мешавад.

**“Доварӣ накунед, то шуморо доварӣ накунанд”**

*(Матто 7:1)*

Ҳатто шахсоне ки дар бораи Навишта аз рӯи овозаҳо медонанд, бо ин оят шинос мебошанд ва онро бемаврид иқтибос меоваранд. Ҳатто вақте сухан дар бораи маҳкум кардани бадкорӣ ё гуноҳи даҳшатовар меравад, онҳо порсоёна чашмонашонро поин карда, маслиҳат медиҳанд: “Доварӣ накунед, то шуморо доварӣ накунанд”. Дигар хел гӯем, онҳо ин оятро барои манъ кардани ҳар гуна танқиди бадӣ истифода мебаранд.

Дар асл бошад ҳама чиз тамоман дигар хел аст. Бале, соҳаҳое ҳастанд, ки дар онҳо мо ҳақ надорем доварӣ кунем, аммо ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки мо вазифадорем ин корро кунем.

Ана, якчанд мисоли ҳолатҳое ки тамоман набояд доварӣ кард. Мо дар бораи чӣ гуна будани водоркунандаҳои одамон доварӣ карда наметавонем; мо чандон ҳамадон набуда, דониста наметавонем, ки чаро онҳо ин тавр не, балки дигар хел рафтор мекунанд. Танқиди хизмати имондори дигар кори мо нест; ӯ фақат дар пеши Худованди худ вазифадор аст ҳисобот диҳад. Онҳоеро, ки дар масъалаҳои ба ахлоқ робитанадошта азоби виҷдон мекашанд ва шубҳаҳо доранд, набояд доварӣ кард; дар ин гуна ҳолатҳо онҳо бояд ба овози виҷдони худ гӯш диҳанд. Мо набояд дар бораи одамон аз рӯи намуди зоҳирӣ доварӣ карда, рӯбинӣ намоем; аз ҳама муҳим он чизест, ки дар дили онҳост. Ва, албатта, дар муносибати мо ба дигарон набояд рӯҳи танқиди сахт ва бадхашмона ҷой дошта бошад; ба шахси доимо хурдагирикунанда, ки дар бораи ҷиҳатҳои хуби дини масеҳӣ сухан меронад, бовар кардан мушкил аст.

Аммо, бо вуҷуди ин, ҳолатҳое ҳастанд, ки мо бояд доварӣ кунем. Мо бояд тамоми таълимотҳоро доварӣ намоем, то бинем, ки оё онҳо ба Навиштаҳо мухолифат надоранд. Барои ба юғи бегона наафтодан мо бояд аниқ кунем, ки оё шарики ояндаи мо дар ҳақиқат имондор аст. Маҳз на ҳуқуқшиносони дунявӣ, балки масеҳиён бояд дар даъвоҳо ва ҷидолҳои байни имондорон довар бошанд. Ҷамоати маҳаллӣ бояд зоҳиршавии ғайриодии гуноҳро дар миёни аъзоёни он маҳкум намуда, айбдоронро аз ҷамоат дур кунад. Аъзоёни қатории ҷамоат бояд қарор намоянд, ки дар миёни онҳо кӣ атои ёрдамчии роҳбар ё роҳбар буданро дорад.

Худо талаб намекунад, ки нуқтаи назари танқидиро, тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ё рӯҳониро ба сатили ахлот партоем. Ягона чизе ки Ӯ таъкид менамояд, ин аст, ки мо дар ҷое ки манъ шудааст, аз доварӣ даст кашем, ва дар он ҷое ки доварӣ кардан вазифаи мост, одилона доварӣ намоем.

### **“...башорати ҷалоли Масеҳ”**

*(2Қуринтиён 4:4)*

Мо ҳатто як дақиқа ҳам набояд фаромӯш кунем, ки Инҷил хушхабар дар бораи ҷалоли Масеҳ аст. Ӯ ҳақиқатан мехкӯб гардида, дафн карда шуд. Аммо Ӯ дар салиб ё дар қабр намонд. Ӯ зинда шуда, ба осмон боло рафт ва ҳоло дар ҷалол аз дасти рости Худо нишастааст.

Дар бораи Ӯ нақл карда, мо на дар бораи Дуредгари хоксор аз Носира, на дар бораи Хизматгори азобкашида ва на дар бораи Ношинос аз Ҷалил сухан меронем. Мо ҳақ надорем дар бораи Ӯ ҳамчун дар бораи некӯкоре сухан ронем, ки кӯшиш мекунад ба ҳама ёрӣ диҳад, ҳатто агар ин тимсол дар доираҳои динӣ хеле машҳур ҳам бошад.

Мо Худованди ҳаёт ва ҷалолро мавъиза мекунем. Маҳз Ӯро Худо чунон баланд бардошта, ба Ӯ номе дод, ки аз ҳама номҳо баланд аст. Назди Ӯ ҳар зону хам мешавад ва ҳар забон барои ҷалоли Худо Падар Ӯро чун Худованди худ эътироф менамояд. Ӯ, Мир ва Наҷотдиҳанда, бо ҷалол ва шараф сарафроз шудааст.

Мо бисёр вақт бо мавъизаи худ ҷалоли Ӯро медуздем! То чӣ андоза мо одамро бо маҳоратҳояш баланд бардошта, тааccуротеро ба вуҷуд меоварем, ки кори Худо омад кардааст, вақте ин гуна шахс қарор дод, то ба Ӯ хизмат намояд. Аз суханони мо чунин натиҷа бармеояд, ки ҳаёти худро ба ихтиёри Ӯ супурда, мо Ӯро аз худ миннатдор мекунем.

Аммо ин тамоман он Инҷиле нест, ки ҳавворийён мавъиза мекарданд. Онҳо пурра мухолифи инро мегуфтанд: “Шумо қотилон буда, дар марги Худованд Исои Масеҳ айбдор ҳастед. Шумо бо дастони ифлоси худ Ӯро ба салиб мехкӯб намудед. Аммо Худо Ӯро аз мурдагон зинда карда, дар ҷалол дар осмонҳо аз дасти рости Худ шинонд. Ӯ имрӯз ҳам дар он ҷо, бо бадани ҷалолёфтаи иборат аз гӯшт ва устухон нишастааст. Ӯ бо дасти бо мех сӯрохшуда чӯбдасти ҳокими коинотро нигоҳ медорад. Ӯ ба зудӣ баргашта меояд, то ки ин ҷаҳонро одилона доварӣ намояд. Бинобар ин беҳтар он аст, ки тавба намуда, дар имон ба Ӯ рӯ оваред. Роҳи дигари наҷот нест. Дар зери осмон номи дигаре нест, ки мо ба воситаи он наҷот ёфта тавонем ”.

Худовандо, биниши моро дар бораи Марди ҷалолёфта нав соз! Ба мо забоне ато кун, ки дар бораи азамате ки тоҷи сари Ӯст, нақл карда тавонад! Ва он гоҳ, чун дар рӯзи Пантикост, гуноҳкорон бо тарси эҳтиромона нидо хоҳанд кард: “Эй мардон, бародарон, чӣ кунем?”

# 2 ФЕВРАЛ

**“Худое ки гуфт: “Аз торикӣ нур дурахшад”, Ҳамон аст, ки дар дилҳои мо дурахшид, то бо дониши ҷалоли Худо дар шахси Исои Масеҳ моро пурнур созад”**

*(2Қуринтиён 4:6)*

“Худо дилҳои моро пурнур сохт, то мо дурахшем”. Аз ин мо мебинем, ки мо набояд зарфҳое бошем, ки баракатҳои Худо дар онҳо маҳкам карда шудаанд, балки бояд роҳҳое бошем, ки онҳоро пештар мебаранд. Дар лаҳзаи тавба кардани мо “Худо дилҳои моро мунаввар сохт”. Ҳангоми офариниши олам Худо ба нур фармуд, ки дурахшад, ва ҳангоми офариниши одами нав Ӯ Худаш дар дили вай дурахшид.

Аммо Ӯ инро на аз он сабаб кард, то мо мумсикӣ карда, баракатҳои Ӯро дар паси ҳафт қуфл пинҳон намоем. Ӯ инро барои он кард, ки дигарон ба воситаи мо имконият дошта бошанд, то дар шахси Исои Масеҳ ҷалоли Ӯро дарк намоянд.

Павлус низ ҳаминро дар назар дошт, вақте навишт: “Ки Писари Худро дар ман ошкор созад, то Ӯро дар миёни халқҳо башорат диҳам” (Ғалотиён 1:16). Худо Писари Худро дар мо ошкор мекунад, то ки мо Ӯро ба дигарон ошкор намоем. Инро чандин сол пеш дарк намуда, ман дар форзаци Навиштаи худ чунин навиштам: “Эй Макдоналд, одамон дар бораи Масеҳ чиро дониста метавонистанд, агар ягона сарчашмаи дониши онҳо дар бораи Ӯ – симои Ӯ дар ту мебуд?”

Тасодуфӣ нест, ки Иан Макферзон чунин гуфтааст: “Мавъиза чизи боазамат, бузург, муҳтарам ва фавқулода аст, вақте як Шахсият миёни Шахсияти дигар ва гурӯҳи шахсиятҳо робита барқарор мекунад, ва Шахсияте ки бо Ӯ робита барқарор карда мешавад, Исои Масеҳ аст, ки дар тамоми абадият сокин мебошад.” Барои тасвири аёнӣ вай воқеаеро нақл намуд, ки дар Амрико ҳангоми ба воситаи радио мустақиман пахш шудани нутқи подшоҳ Георги Панҷум рӯй дод. Дар маркази радио дар Ню-Йорк сим канда шуда, тамоми коркунонро ба воҳима андохт. “Ҳалли ин масъаларо ёрдамчии механик Ҳаролд Вивйен ёфт. Ду нӯги симро гирифта, вай дар мушт сахт фишурд, ва ҷараёни барқ, ки нутқи подшоҳро бо худ дошт, аз бадани вай гузашта рафтан гирифт. Ҷараёни 250 волтаи қувваи барқ вайро ларзонда ба рагкашӣ гирифтор мекард ва дарди даҳшатнокро ба вуҷуд меовард. Аммо ӯ мушти худро суст накард. Вай бо ҷасорати зиёд симро фишурда меистод, то даме ки мардум сухангӯии подшоҳро шуниданд”.

Мо фақат ҷӯйбор ҳастем;
Аммо танҳо ҳамон вақт
Ки дарғот кушода аст
Ва ба воситаи мо
Қуввати ту ҷорӣ аст,
Ҳар дам, ҳар рӯз, ҳар соат
Беҳуда нагузаштааст.

## 3 ФЕВРАЛ

**“Ва фариштаи дигаре омада, назди қурбонгоҳ истод, дар ҳолате ки маҷмари тилло дар дасташ буд; ва ба вай бухури бисёре дода шудааст, то ки онро бо дуоҳои ҳамаи муқаддасон бар қурбонгоҳи пеши тахт тақдим кунад”**

*(Ваҳй 8:3)*

Ба фикри мо, фариштае ки дар ин оят оид ба ӯ сухан меравад, Худи Худованд Исо аст. Ва хизмати Ӯ, ки дар ин ҷо тасвир шудааст, ба мо тасаллӣ ва дилгармӣ меоварад.

Пас Ӯ чӣ кор мекунад? Ӯ дуоҳои ҳамаи муқаддасонро гирифта, ба онҳо бухури гаронбаҳои Худро илова мекунад ва онҳоро ба пеши Худо Падар тақдим менамояд.

Мо ҳама хуб медонем, ки дуоҳои мо то чӣ андоза нокомил мебошанд. Мо ба таври бояду шояд дуо карда наметавонем. Ҳар бор ба дуо чирки гуноҳ, худситоӣ ва ниятҳои ғаразнок мечаспад.

Ва дар соатҳои муқаддас, ки дар дуо мегузаронем,
Вақте ки лабҳои мо ба Ту ҳамду сано мехонанд,
Ту дилҳои моро дониста, ба мо бахшиш ато кун.

Аммо ситоиш ва дархостҳои мо дар роҳи худ ба сӯи Худо Падар ба воситаи дастони Исои Масеҳ мегузаранд. Ӯ онҳоро аз ҳар гуна номукаммалӣ пок менамояд, ва бинобар ин, вақте онҳо назди Падар рафта мерасанд, аз бенуқсонӣ медурахшанд. Аммо ба ғайр аз ин муъҷиза, боз як муъҷизаи дигар рӯй медиҳад. Ҳамроҳи дуоҳои муқаддасон Ӯ бухур меоварад, ки рамзи камолоти хушбӯи шахсият ва корҳои Ӯ мебошад. Ва маҳз ҳамин чиз ба дуоҳои мо қувват мебахшад.

Барои мо ин бояд тасаллои бузург бошад. Мо бениҳоят равшан дарк менамоем, ки дар дуоҳои мо чӣ қадар хатоҳоро ошкор кардан мумкин аст. Аз вайрон кардани қоидаҳои грамматикӣ сар карда ва аз забонгирӣ азият кашида, мо суханонеро мегӯем, ки аз нуқтаи назари илоҳиёт пурра гапҳои беҳуда мебошанд. Аммо мо набояд рӯҳафтода шуда, тамоман дуо карданро бас кунем. Мо Саркоҳини бузурге дорем, ки ҳар он чизеро, ки мо ба Падар гуфтан мехоҳем, аз чизҳои зиёдатӣ таҳрир ва пок мекунад.

Мэррӣ Боулӣ ин ҳақиқатро чунин иброз кардааст:

Дар пеши тахти осмонӣ,
Хушбӯиҳои зиёд дуд мекунанд;
Худои меҳрубон хам мешавад,
То ба тамоми дархостҳо ва нолаҳо гӯш диҳад.
Ва боз ба бухурдони тиллоии муҳаббати Худ
Ба дуоҳои муқаддасон
Масеҳ бухури покии Худро меандозад.

# 4 ФЕВРАЛ

**“Агар мегуфтам, ки “мисли онҳо сухан хоҳам ронд” дар ҳаққи насли фарзандони Ту хиёнат мекардам”**

*(Забур 72:15)*

Сарояндаи таронаҳои Забур вақтҳои душворро аз сар мегузаронд. Дар ҷаҳон фасодкорон муваффақ буданд, ҳаёти худи вай бошад ба даҳшате табдил ёфта буд, ки пур аз бадбахтиҳо ва азобҳо буд. Дар дили вай шубҳа пайдо шуд: оё дар ҳақиқат Худо Худои адолат, муҳаббат ва хирад аст? Охир, ба назар чунин менамуд, ки Ӯ бадкорӣ ва гуноҳро мукофот дода, росткориро ҷазо медод.

Аммо Ософ қарори ҷавонмардона қабул кард, ки дар бораи шубҳаҳои худ дар тамоми гӯшаву канорҳо овоза накунад, то онҳо барои фарзандони Худо санги пешпо нашаванд.

Шояд дар бисёри мо баъзан ин гуна саволҳо ва шубҳаҳо пайдо мешаванд. Хусусан вақте ки барои тоқат кардан дигар қувват нест, вақте ки ҳама чиз вайрон шуда, моро дар зери вайронаҳо гӯр мекунад, васвасаи зиёде пайдо мешавад, ки ба пешбинии Худо шубҳа намоем. Пас мо чӣ кунем?

Албатта мо ҳақ дорем шубҳаҳои худро ба одамони рӯҳан болиғ баён кунем, то ки онҳо ба мо кӯмак расонанд. Баъзан мо чунон гумроҳ шудаем, ки дар охири нақб он нуреро, ки дигарон мебинанд ва ба он ишора карда метавонанд, дида наметавонем.

Инро чун қоида қабул кунед: “Ба он чи дар рӯшноӣ бароятон ошкор шуда буд, дар торикӣ ҳаргиз шубҳа накунед”. Ба Каломи Худо аз нуқтаи назари вазъиятҳо нигоҳ кардан ҳаргиз мумкин нест, новобаста ба он ки то чӣ андоза онҳо вазнин мебошанд. Баръакс, мо бояд вазъиятҳои худро дар партави Каломи Худо дида бароем, ва дарк намоем, ки ба Худо ҳеҷ чиз халал расонда наметавонад, то ба мақсадҳои худ расад, ва ҳеҷ кас наметавонад Ӯро водор намояд, ки ваъдахилофӣ кунад.

Аммо аз ҳама чизи муҳим ин аст, ки мо набояд шубҳаҳои худро ба намоиш гузорем. Зеро ин метавонад сабаби ба васваса афтодани яке аз фарзандони хурди Масеҳ шавад, ки дар бораи онҳо Ӯ чунин гуфтааст: “Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро, ки ба Ман имон доранд, ба васваса андозад, барои вай беҳтар аст, ки санги осиёе бар гарданаш овехта, дар қаъри баҳр ғарқ кунанд”(Матто 18:6).

Барои боварии қатъӣ мо асосҳои зиёд дорем; аммо асосҳо барои шубҳа, ҳатто агар онҳо умуман бошанд, хеле камшуморанд. Биёед ба дигарон фақат дилпурии худро баён кунем. Гёте гуфтааст: “Ба ман хушбахтии дилпурииро баён намоед, агар он дар шумо бошад, аммо шубҳаҳои худро бо худ монед, зеро шубҳаҳои худам бароям кофист”.

## 5 ФЕВРАЛ

**“Медонам, ки ҳар кор аз дасти Ту меояд, ва нияти Туро боздоштан мумкин нест”**

*(Айюб 42:2)*

Ҳеҷ чиз наметавонад ба иҷро шудани ниятҳои Худо халал расонад. Одам метавонад як гуноҳро ба гуноҳи дигар илова намояд, аммо наметавонад Худоро аз роҳ ба сӯи мақсади Ӯ боздорад. Одам метавонад суханони дуру дароз гӯяд, аммо сухани охирин ҳамеша ба Худо тааллуқ дорад. Сулаймон ба мо хотиррасон менамояд, ки “Ҳикмате нест, ва хираде нест, ва машварате нест бар хилофи Худованд” (Масалҳо 21:30). Ирмиё бошад дар навбати худ шаҳодат медиҳад: “...тадбирҳои Худованд ... ба амал меояд” (Ирмиё 51:29). Бародарони Юсуф вайро ба тоҷирони мидёнӣ фурӯхта, хостанд аз ӯ халос шаванд. Ягона чизе ки онҳо ноил шуданд, ба амал омадани хости Худо буд. Тоҷирони мидёнӣ Юсуфро то Миср бепул бурданд, ки он ҷо вай ба мартабаи баланд расида, сарвазир шуд ва қавми худро наҷот дод.

Вақте шахсе ки аз худи таваллуд кӯр буд, бино шуда, ба Наҷотдиҳанда имон овард, яҳудиён ӯро аз куништ бадар ронданд. Оё ғалаба аз они онҳо буд? Не, охир, Исо ба ҳар ҳол вайро аз он ҷо мебурд, зеро Чӯпони Нек “вай гӯсфандони худро ном ба ном ҷеғ мезанад ва берун мебарад” (Юҳанно 10:3). Акнун бошад яҳудиён ин корро ба ҷои Ӯ карда, вақт ва қувваи Ӯро сарфа намуданд.

Бадкории нафратовартарин дар тӯли таърихи одамизод ҳамон вақт ба амал омада буд, ки одамон Худованд Исоро гирифта, ба воситаи бар салиб мехкӯб кардан ба қатл расонданд. Аммо Петрус ба онҳо хотиррасон кард, ки Ӯ ба дасти онҳо “аз рӯи нақшаи муайян ва пешдонии Худо” таслим карда шуд (Амалҳо 2:23). Худо ин дафъа низ ғолиб омад, вақте ки Исоро зинда кард, то Ӯ Худованд ва Наҷотдиҳанда шавад. Доналд Грэй Барнхауз масалеро дар бораи як заминдори сарватдор нақл кард, ки дар боғаш дарахтони бисёр нағз мерӯиданд. Аммо вай душмани қаттоле дошт, ки қарор дод яке аз дарахтонро бурида, ба заминдор дард расонад. Шабҳангом душман аз девор гузашта, дарахти зеботаринро интихоб намуд, ва бо табару арра ба буридани он шурӯъ кард. Бо дамидани субҳ вай суроби ду савораро дид, ки аз теппа мефаромаданд, ва дар яке аз онҳо ӯ соҳиби боғро шинохт. Дар саросемагӣ вай тамоми фонаҳоро кашида гирифт, ва дарахт ба афтидан сар кард. Навдаҳои дарахти афтодаистода ӯро аз пой зада ғалтонданд, ва як шоха ӯро ба замин мехкӯб кард. Аз хунравӣ бемадор шуда, вай бо қувваи охирин хир-хир карда гуфт: “Аммо ман, ба ҳар ҳол, дарахти зебои туро буридам”. Соҳиби боғ бо андӯҳ ба вай нигариста, гуфт: “Ҳоло бо ман меъмор омадааст. Мо нияти сохтани хона дорем, ва барои тоза кардани ҷой қарор додем, ки як дарахтро бурем. Айнан ҳамонеро, ки ту барояш тамоми шаб заҳмат кашидӣ”.

## 6 ФЕВРАЛ

**‘ Пас иҷрокунандагони калом бошед, на танҳо шунавандагоне ки худро фиреб медиҳанд”**

*(Яъқуб 1:22)*

Дар он фикре ки дар ҷамъомадҳо, конфронсҳо ва семинарҳо иштирок карда, мо меҳнати Худоро ба ҷо меоварем, дурӯғи моҳирона рӯпӯшшуда ниҳон аст. Мо мавъизаҳоро мешунавем ва дар бораи корҳое бояд ба ҷо оварем, сӯҳбатҳо мекунем, ва ба дилҳои мо иштибоҳе роҳ меёбад, ки ана дар ҳамин лаҳза мо хости Худоро ба ҷо оварда истодаем. Аммо дар асл мо бо ҷидду ҷаҳд ҷавобгарии худро бештар мекунем ва бо худфиребӣ машғул мешавем. Мо худро бовар кунондаем, ки мо рӯҳонӣ ҳастем, агарчи дар асл ҷисмонӣ ҳастем; гумон мекунем, ки мо нашъунамо мекунем, агарчи дар асл дар рукуд ҳастем; гумон мекунем, ки хирадмандем, аммо дар асл то ба дараҷаи хандаовар нодон ҳастем.

Исо гуфтааст, ки хирадманд ҳамонест, ки ки суханони Ӯро мешунавад ва иҷро мекунад. Нодон низ суханони Ӯро мешунавад, аммо ин ӯро тамоман ба амал водор намекунад.

Мавъизаро гӯш карда, дар роҳ аз ҷамоат чунин гуфтан кам аст: “Воиз ҳамаи инро хеле хуб баён намуд”. Шумо ба хона омада, бояд қарор диҳед, ки мувофиқи он ҳақиқате ки дар мавъиза баён карда шуд, зиндагӣ мекунед. Касе гуфтааст, ки мавъизаи хуб на танҳо барои ақл ғизо медиҳад, дилро гарм мекунад ва виҷдонро бедор мекунад, балки ҳамчунин иродаро ба амал водор менамояд.

Мавъизаи худро дар мобайни он қатъ намуда, як шубон аз шунавандагон пурсид, ки онҳо дар аввали ҷамъомад дар бораи чӣ суруд хонданд. Хомӯшӣ. Ӯ пурсид, ки кадом ҷои Навиштаро хонданд. Хомӯшӣ. Кадом эълонҳо карда шуданд? Ҳч кас ба ёд оварда натавонист. Одамон ҷамоатбозӣ мекарданд.

Пеш аз саршавии ҷамъомад аз худ чунин пурсидан хуб аст: “Ман барои чӣ омадам? Оё ман мехоҳам, ки Худо шахсан бо ман гап занад? Оё ман он чиро, ки Ӯ ба ман мегӯяд, ба ҷо хоҳам овард?”

Баҳри Мурда аз он сабаб чунин номида шудааст, ки дар он ҳеҷ гуна ҳаёт нест. Ба он якчанд дарёҳо мерезанд, аммо ҳеҷ як дарё аз он ҷорӣ намешавад. Дар ҳаёти мо афзунии маълумот бе истифода ҳамчунин боиси рукуд мегардад. Саволи Худованд ба мо низ дахл дорад: “Чаро Маро 'Хоҷаам! Хоҷаам!' мегӯед, вале он чиро ки Ман мегӯям, ба ҷо намеоваред?“

## 7 ФЕВРАЛ

### “Бо Масеҳ ба салиб кашида шудаам”

*(Ғалотиён 2:19)*

Вақте Худованд Исо барои ман дар салиб мурд, Ӯ на фақат ба ҷои ман, балки ҳамчунин мисли ман мурд. Вақте ки Ӯ мурд, ба маънои муайяни калима, ман ҳам мурдам. Ҳар он чиро, ки ман аз Одам ба мерос гирифтаам, “ман”-и кӯҳна, фосид ва аз олами боло таваллуднаёфтаи ман ба салиб мехкӯб шуд. Дар назари Худо ин охири мавҷудияти ман чун бандаи ҷисм буд.

Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест! Вақте Наҷотдиҳанда дафн карда шуд, ман низ бо Ӯ дафн карда шудам. “Ман”-и кӯҳнаи ман тамоман аз мадди назари Худо нест шуд.

Вақте ки Худованд Исо аз мурдагон зинда шуд, ман низ зинда шудам. Аммо ин ҷо масъала ранги дигар мегирад. На ҳамон каси дафншуда зинда гардид, на “ман”-и кӯҳна, балки одами нав, ки дар Ӯ Масеҳ сокин аст. Ҳамроҳи Масеҳ ман барои ҳаёти нав зинда шудам.

Ин тасвири он аст, ки Худо ҳар он чиро, ки бо ман рӯй медиҳад, чӣ тавр мебинад, аммо Ӯ мехоҳад, ки тамоми ин доираи марг, дафншавӣ ва зиндашавӣ дар ҳаёти рӯзмарраи ман инъикос ёбад.

Пас, акнун ман бояд чӣ тавр рафтор кунам?

Ҳангоме ки ба васваса дучор мешавам, бояд ба он тавре эътино намоям, ки ҷасади мурда ба ҳар васвасаи бадкорӣ эътино менамояд. Яъне ҳеҷ эътино накардан! Ман фақат бояд чунин гӯям: “Гуноҳ, ман барои ту мурда ҳастам. Ту дигар бар ман қудрат надорӣ. Барои ту ман мурда ҳастам”.

Ҳар рӯз, дар ҳар вазъият ман бояд ҳақиқатеро дар хотир дошта бошам, ки “ман”-и кӯҳна ва фосиди ман дар қабри Исо гӯронида шуда буд. Ин маънои онро дорад, ки ман онро таҳлил нахоҳам кард ва нахоҳам кӯшид, то дар он ягон чизи пок ва неке ошкор намоям, ва вақте ошкор мекунам, ки он то чӣ андоза вайрон ва фосид аст, сахт рӯҳафтода нахоҳам шуд.

Ва оқибат, ҳар лаҳзаи ҳаётро ман чун одаме хоҳам гузаронд, ки бо Масеҳ барои ҳаёти нав зинда шудааст – барои ҷидду ҷаҳди нав, барои хоҳиши нав, барои дуоҳои нав, барои озодии нав ва барои қуввати нав.

Вақте Георг Мюллер пурра монандшавии худро бо Масеҳ дарк кард, ин лаҳзаро чунин тасвир намуд: “Дар он рӯз ман мурдам. Барои Георг Мюллер, барои нуқтаи назари вай, завқ ва хости вай мурдам; барои ҷаҳон, барои таҳсин ва маҳкумкунии он, ҳатто барои таҳсин ва сарзаниши бародарон ва дӯстони худ мурдам; ва аз ҳамон лаҳза ман «ба Худо шоиста ҷилвагар намудани худ»-ро ёд гирифтам”.

## 8 ФЕВРАЛ

**“Ҳар кӣ бо Ман нест, ба Ман зид аст; ва ҳар кӣ бо Ман ҷамъ намекунад, пароканда мекунад”**

*(Матто 12:30)*

Ин суханонро Худованд Исо дар ҳаққи фарисиён гуфтааст. Онҳо навакак гуноҳи нобахшиданӣ содир карда, муъҷизаҳои Ӯро, муъҷизаҳоеро ки бо қуввати Рӯҳулқудс ба амал омада буданд, ба Баалзабул, мири девҳо нисбат доданд. Акнун воқеан маълум шуд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ Ӯро чун Масеҳи Исроил ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон қабул нахоҳанд кард. Масеҳро ҳимоя накарда, онҳо худ аз худ дар қатори душманони вай шуданд. Ба Ӯ хизматгузорӣ накарда, онҳо бар зидди Ӯ кор мекарданд.

Вақте лш сухан дар бораи Шахсият ва меҳнати Масеҳ меравад, нуқтаи назари бетарафона вуҷуд дошта наметавонад. Одам ё тарафдори Масеҳ аст, ё зидди Ӯ. Ҳар кӣ мегӯяд, ки қарор қабул карда наметавонад, аллакай қарор қабул кардааст.

Дар масъалаш воқеан чӣ гуна будани Масеҳ ҳеҷ гуна гузашт буда наметавонад. Дар таълимоти масеҳии библиявӣ якчанд масъалаҳое ҳастанд, ки ихтилофи оқилона дар ақидаҳо имконпазир аст, аммо ин масъала ба онҳо тааллуқ надорад. А.У. Тозер ба мо хотиррасон мекунад: “Ҳолатҳое ҳастанд, ки гузашт кардан тамоман мумкин нест”.

Мо устуворона таълимотеро пайравӣ мекунем, ки “Худованд Исо 100% Худо ва 100% одам буд. Ӯ дар батн бенуқсон пайдо шуд ва Ӯ бегуноҳ буд; Ӯ ба ҷои гуноҳкорон мурд, дар ҷисм зинда шуд, ба осмон боло шуд ва аз дасти рости Худо нишастааст ва боз ба ин замин хоҳад баргашт”. Агар одам нахоҳад, ки мавқеи аниқро интихоб карда, ин таълимотро пурра қабул кунад, он гоҳ Исо барои вай ним-наҷотдиҳанда мешавад, ки тамоман Наҷотдиҳанда ҳам нест.

Шоире ин фикрро чунин иброз доштааст:

“Ту дар хусуси Масеҳ чӣ фикр дорӣ?” – ин санҷиш аст,
Ки мавқеъ ва нақшаҳои туро месанҷад.
Агар дар хусуси Ӯ тасаввуроти дуруст надошта бошӣ,
Ту дар ҳама чизи дигар низ хато хоҳӣ кард.
Чӣ тавр Исоро мебинӣ,
Дӯсташ медорӣ ё не,
Худо низ бо ту айнан ҳамон тавр муомила мекунад;
Ин муайян мекунад, ки насибат чист – раҳми Худо ё ғазаби Ӯ.

## 9 ФЕВРАЛ

**“Ҳар кӣ зидди мо нест, тарафдори мост”**

*(Луқо 9:50)*

Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин оят ба ояте ки мо пештар дида баромадем, мухолиф аст; аммо дар асл ин ҷо ҳеҷ зиддият дида намешавад. Он ҷо Наҷотдиҳанда ба фарисиёни беимон рӯ оварда, гуфт: “Агар шумо бо Ман набошед, зидди Ман ҳастед”. Ин ҷо бошад, вазъият тамоман дигар аст. Шогирдон навакак одамеро, ки девҳоро бо номи Исо берун мекард, танҳо аз он сабаб манъ карданд, ки бо онҳо намегашт. Исо гуфт: “Манъ накунед, зеро ҳар кӣ зидди шумо нест, тарафдори шумост”.

Вақте ки сухан дар бораи наҷот меравад, ҳар кӣ бо Масеҳ нест, зидди Ӯ аст. Вақте ки сухан дар бораи хизмат меравад – ҳар кӣ зидди Ӯ нест, тарафдори Ӯст.

Мо набояд пеши роҳи шахсонеро гирем, ки ба Худованд хизмат мекунанд. Ҷаҳони мо калон аст, ва дар он ҷой барои ҳамаи мо ҳаст; мо метавонем кор карда, бо китфи худ ба дигарон нарасем. Суханони Наҷотдиҳанда “Манъ накунед!” бояд дар дилҳои мо ҷой гиранд.

Аз тарафи дигар, бояд гуфт, ки Исо ба Юҳанно ва дигарон маслиҳат надод, ки рафта, ба ин одам ҳамроҳ шаванд. Баъзеҳо усулҳоеро кор мефармоянд, ки барои дигарон мақбул нестанд. Баъзеҳо дар маркази мавъизаи худ тамоман ҳақиқатҳои дигарро мегузоранд. Баъзеҳо нисбат ба дигарон бештар рӯшноӣ доранд. Баъзеҳо бештар озодӣ дошта, корҳоеро мекунанд, ки инсофи дигарон бар зидди онҳо қиём мекунад. Умед кардан душвор аст, ки ҳама имондорони дигар аз худи ҳамон қолибе рехтагарӣ шудаанд, ки мо рехтагарӣ шудаем. Аммо мо метавонем чун Павлус барои ҳар зафари Инҷил шодӣ намоем. Вай менавишт: “Дуруст аст, ки баъзе касон аз рӯи ҳасад ва рақобат, ва баъзеи дигар аз хайрхоҳӣ Масеҳро мавъиза менамоянд: баъзеҳо аз худхоҳӣ, на бо дили соф Масеҳро мавъиза менамоянд, ба гумони он ки гаронии занҷирҳои маро афзун мекунанд, вале дигарон аз муҳаббат, чун медонанд, ки ман барои муҳофизати Инҷил дар ин ҷо гузошта шудаам. Хайр, чӣ мешавад? Масеҳро ба ҳар тарз, риёкорона ё самимона, мавъиза намоянд ҳам, ман аз ин шодам, ва шодӣ хоҳам кард” (Филиппиён 1:15-18).

Боре Сэм Шумэйкер саволи рӯйрост дод: “Охир, кай мо мефаҳмем, ки дар замони муборизаи бузурги рӯшноӣ бар зидди торикӣ ба мо дастгирии тамоми иттифоқчиёнамон лозим аст, новобаста ба он ки онҳо ба мо шахсан маъқул ҳастанд ё не? Кай мо мефаҳмем, ки фақат кӯшишҳои тамоми масеҳиёнро муттаҳид карда, ба тӯфони зиддимасеҳ муқобилат карда метавонем?”

**“Вале ман мегӯям: дар Рӯҳ рафтор кунед...”**

*(Ғалотиён 5:16)*

“Дар Рӯҳ рафтор кардан” чӣ маъно дорад? Ҷавоб ба ин савол чандон абстрактӣ ва душвор нест, чунон ки баъзе касон ҳисоб мекунанд. Ана чӣ тавр рӯз “бар тибқи Рӯҳ” мегузарад.

Он аз дуо сар мешавад. Шумо тамоми гуноҳҳоеро, ки дар ҳаёти худ мебинед эътироф мекунед; эътироф шуморо ба зарфи тоза табдил хоҳад дод, ки шоистаи кори Худо аст. Дуоҳои ситоиш ва ҳамду санои зиёд дар давоми тамоми рӯз барои ҷони шумо намунаи даркорӣ хоҳанд шуд. Шумо назорати ҳаёти худро ба ихтиёри Худо месупоред, ва акнун Худо ба воситаи шумо зиндагӣ карда метавонад. Бо ҳамин “шумо тартиб додани нақшаҳои бефоидаро бас мекунед, ва ба Ӯ иҷозат медиҳед, ки ҳаёти шуморо пурра идора кунад”.

Қадами дигар: ҷонро аз Каломи Худо ғизо додан. Илова бар ин, шояд шумо дар Навишта дастури муайянеро мебинед, ки хости Ӯ барои ягон ҳолат дар ҳаёти шумо аз чӣ иборат аст.

Пас аз он ки дар танҳоӣ ба Худо дуо мегӯед, иҷро намудани корҳоеро, ки барои ҳамин рӯз пешбинӣ шудаанд, сар кунед. Аз афти кор, ин вазифаҳои муқаррарии “дунявӣ”-и ҳаррӯза хоҳанд буд. Маҳз дар ҳамин ҷо аксари одамон хато мекунанд, вақте мегӯянд, ки “ҳаёт дар Рӯҳ” ба дунёи кафгирҳо ва калидҳои гайкатобӣ робитае надорад. Аммо дар асл кӯшишу ғайрат дар кори ҳаррӯза ҳолати рӯҳонии моро нишон медиҳад.

Дар давоми тамоми рӯз, ҳамин ки дар худ мавҷуд будани гуноҳеро дарк мекунед, фавран онро эътироф намуда, тарк хоҳед кард. Шумо тамоми баракатҳои Худоро ба ёд оварда, Ӯро ҷалол хоҳед дод. Шумо бо хоҳиши кори нек кардан ба ҳар гуна васвасаи бадкорӣ зарба хоҳед зад.

Ҳамаи он чиро, ки дар давоми рӯз бо шумо рӯй медиҳад, чун хости Худо бароятон қабул хоҳед кард. Монеаҳо ба имконияти расонидани Хушхабар табдил ёфта, ноумедиҳо сабаби бори дигар назди Ӯ омадан хоҳанд шуд. Тамоми зангҳои телефонӣ, мактубҳо ва меҳмононро шумо чун қисмҳои таркибии нақшаи Ӯ қабул хоҳед кард. Дар яке аз китобҳои худ Ҳаролд Уилдиш муҳокимаҳои худро чунин ҷамъбаст кардааст: “Айнан чӣ тавре ки шумо бори гуноҳи худро партофта, ба кори кардаи Масеҳ такя мекунед, ҳамон тавр тамоми бори ҳаёт ва хизматгузории худро партофта, ба коре ки Рӯҳулқудс дар шумо мекунад, такя кунед. Ҳар саҳар бошуурона ба роҳнамоии Рӯҳулқудс такя кунед, бигзор Ӯ рӯзи шуморо мураттаб кунад ва нишон диҳад, ки чӣ бояд кард. Шумо бошед, бо шукргузорӣ ба Ӯ итоат намоед. Дар давоми тамоми рӯз дар худ одати дар ҳама чиз ба Ӯ такя кардан ва ба Ӯ итоат карданро ҳосил намоед ва интизор шавед, ки Ӯ шуморо роҳнамоӣ хоҳад кард, маърифатнок хоҳад намуд, сарзаниш хоҳад кард, таълим хоҳад дод, истифода хоҳад бурд, дар шумо ва бо шумо аз рӯи хоҳиши худ амал хоҳад кард. Кори Ӯро чун факти баҳснопазир ба назар эътибор гиред, агарчи онро дида ва ҳис карда наметавонед. Биёед ба дастурҳои Рӯҳулқудс бо имон ва итоаткорӣ гӯш диҳем, биёед аз китфҳо бори идора кардани ҳаёти худро партоем, ва он гоҳ дар мо самари Рӯҳулқудс барои ҷалоли Худо ҳосил хоҳад шуд”.

# 11 ФЕВРАЛ

**“...Ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ”**

*(Ибриён 4:12)*

Дар бораи ягонагии се қисми таркибии одам сухан ронда, Навишта ин қисмҳоро бо чунин тартиб зикр мекунад: рӯҳ, ҷон ва бадан. Аммо вақте ки дар ин хусус одам гап мезанад, вай дар бораи бадан, ҷон ва рӯҳ гап мезанад. Тартиберо, ки Худо муқаррар кардааст, гуноҳ вайрон кард. Барои одам акнун дар ҷои аввал бадан, сипас ҷон ва дар ҷои аз ҳама охир рӯҳ меистад.

Ду ҷузъи таркибии ғайримоддии вуҷуди одам рӯҳ ва ҷони вай мебошанд. Рӯҳ ба одам имконият медиҳад, ки бо Худо муносибат дошта бошад. Ҷон маркази эҳсосот ва рағбат аст. Гарчанде миёни ҷон ва рӯҳ сарҳади аниқ гузарондан мумкин нест, омӯхтани фарқ кардани чизи рӯҳонӣ ва ҷонӣ барои мо муҳим аст.

Чиро мо рӯҳонӣ номида метавонем? Мавъизаеро, ки дар марказаш Масеҳ аст. Дуоеро, ки назди Худо ба воситаи Исои Масеҳ бо қуввати Рӯҳулқудс гуфта мешавад. Хизматеро, ки муҳаббат ба Худованд моро ба он водор месозад ва қувватеро, ки онро Рӯҳулқудс медиҳад. Парастишеро, ки ба рӯҳ ва ростӣ карда мешавад.

Ба чизи ҷонӣ чӣ тааллуқ дорад? Мавъизае ки пеш аз ҳама диққатро ба гӯянда, маҳорати суханварӣ, дилрабоӣ ва зиракии ӯ ҷалб менамояд. Дуое ки ба таври механикӣ гуфта шуда, аз дил барнамеояд, ва мақсади асосиаш ба дигарон таъсир расондан аст. Хизмате ки барои гирифтани мукофоти пулӣ интихоб шудааст, ва дар он усулҳои ҷисмонӣ ба кор бурда мешаванд. Парастише ки ба он ғайр аз ҳақиқати рӯҳонӣ боз чизҳои намоён ва моддӣ лозиманд. Ҷамоати Масеҳ бо маъбадҳо, ибодатхонаҳои ҷомеъ, витражҳо, либоси рӯҳониён ва унвонҳои рӯҳонӣ, шамъҳо, бухур ва дигар хусусиятҳои зоҳирӣ чӣ умумият дорад? Ё агар дар бораи муҳити бевоситаи мо гӯем, ҷамоат бо маъракаҳои рекламавии хоси Ҳолливуд, ба кори ташкилоти масеҳӣ ҷалб кардани мутахассисони баланддараҷа, аммо беимон, ҳилаву найранги башоратдиҳӣ, шахспарастӣ, навовариҳои ғалатии мусиқавӣ чӣ гуна муносибат дорад?

Барои дидани он ки то чӣ андоза дар мо чизи ҷонӣ зиёд аст, ба эълонҳои рӯзномаҳои масеҳӣ нигоҳ кардан кофӣ аст.

Павлус фарқи байни хизматгузории аз тилло, нукра ва ҷавоҳирот ва хизматгузории аз чӯб, хасбеда ва пахол бунёдшударо таъкид мекунад (1Қуринтиён 3:12). Дар оташи доварии Худо танҳо чизи рӯҳонӣ боқӣ хоҳад монд, тамоми чизи ҷонӣ бо алангаи фурӯзон хоҳад сӯхт.

**“...на дар болои ин кӯҳ, ва на дар Уршалим”**

*(Юҳанно 4:21)*

Маркази парастиши сомариён кӯҳи Ҷаризим буд. Аммо барои яҳудиён ягона ҷои парастиш Уршалим буд, ки Худо онро интихоб намуд, то номи Ӯ дар он ҷо сокин бошад. Аммо акнун, дар мусоҳиба бо зани сомарӣ, Исо тартиби навро эълон мекунад: “...соате мерасад, ва аллакай расидааст, ки парастандагони ҳақиқӣ Падарро дар рӯҳ ва ростӣ парастиш мекунанд, зеро ки Падар ҷӯёи ин гуна парастандагони Худ аст”.

Он замоне ки дар тамоми ҷаҳон барои парастиш фақат як ҷой буд, ба охир расидааст. Ҳозир Худованд Исои Масеҳ марказе шуд, ки халқи Ӯ дар он ҷамъ мешавад. Суханони Яъқуб ба амал омаданд: “...ба Ӯ қавмҳо итоат намоянд” (Ҳастӣ 49:10).

Мо дар гирди Ӯ ҷамъ мешавем. Кадом қувва моро ҷалб мекунад? На ибодатхонаҳои ҷомеъ бо витражҳои боҳашамат ва мусиқии арғунун. На одамон, новобаста ба он ки онҳо дорои чӣ гуна суханварӣ ва истеъдод мебошанд. Балки Худованд Исо, фақат Ӯ қувваи ҷозиби илоҳӣ аст.

Барои мо фарқ надорад, ки дар куҷо парастиш мекунем; мо метавонем дар ибодатхона, дар хонаи шахсӣ, дар саҳро ё дар ғор ҷамъ шавем. Ҳангоми парастиши ҳақиқӣ мо бо имон ба қудси осмонӣ ворид мешавем. Он ҷо Падар аст. Он ҷо Худованд Исо аст. Он ҷо фариштагон бо либоси идона ҳастанд. Он ҷо муқаддасони замони Аҳди Қадим мебошанд. Он ҷо муқаддасони давраи Ҷамоат, ки аллакай мурдаанд, ҳастанд.

Ва дар чунин муҳит буда, мо ҳақ ва шараф дорем, ки дар ситоиш ва ҳамду сано ба воситаи Худованд Исо бо қуввати Рӯҳулқудс дили худро дар пеши Худо холӣ кунем. Вақте ҷисмҳои мо ҳанӯз дар замин ҳастанд, рӯҳи мо “хеле болотар аз ин ҷаҳон” парвоз мекунад.

Оё ин хилофи суханони Наҷотдиҳанда нест: “Зеро дар ҷое ки ду ё се кас ба номи Ман ҷамъ шаванд, Ман дар миёни онҳо ҳастам? ” (Матто 18:20) Не. Дар ҳақиқат вақте халқи Ӯ ба номи Ӯ ҷамъ мешавад, Ӯ ба таври махсус дар миёни онҳо ҳузур дорад. Ӯ дуоҳо ва ситоишҳои моро гирифта, назди пойҳои Падар мегузорад. Ин хушбахтӣ ва шарафи бузург аст, ки Худованд дар миёни мост.

# 13 ФЕВРАЛ

**“Аз касе чизе қарздор нашавед, ғайр аз қарзи муҳаббат ба якдигар”**

*(Румиён 13:8)*

Ин оятро набояд чун манъ кардани гирифтани қарз маънидод намуд. Дар замони мо пешакӣ надодани пули газ ё қувваи барқ имконнопазир аст. Дар баъзе мавридҳо қарз гирифта хона харидан хеле оқилонатар аз он аст, ки ҳар моҳ барои иҷоранишинӣ пули калон диҳед. Бе қарз ташкил кардан ё васеъ кардани ширкати худ қариб номумкин аст.

Аммо ҳолатҳое ҳастанд, ки ин суханони расул чун манъи аниқ садо медиҳанд. Қарз гирифтани пул манъ аст, агар умеди баргардондани он набошад. Қарз гирифтан барои харидани чизҳое ки арзишашон бо мурури замон кам мешавад, манъ аст. Оят ба мо мегӯяд, ки дар пардохт намудани арзиши моли харида ё додани маоши коргарони худ таъхир накунем. Он ба мо мегӯяд, ки қарзи зиёд нагирем, ҳангоме фақат аз боиси он  ки корти кредитӣ дорем, ба васвасаи харидани ними моли мағоза дода мешавем.

Расул мехоҳад моро аз қарздиҳандагони хира, аз ҷанҷолҳои оилавӣ, ки ба сабаби исрофкории яке аз ҳамсарон рӯй медиҳад, ва аз муфлисӣ нигоҳбонӣ намояд, охир ҳамаи ин ба тасаввуроти ҷаҳон дар бораи масеҳият таъсири манфӣ мерасонад.

Ягона қарзе ки дар ҳаёти ҳар масеҳӣ ҷой дорад, қарзи муҳаббати масеҳӣ аст. Мо бояд беимононро дӯст дошта, ба онҳо башорат диҳем (Румиён 1:14). Мо бояд бародаронро дӯст дорем ва барои онҳо ҷонҳои худро фидо кунем (1Юҳанно 3:16). Танҳо бо ин қарз мо ҳаргиз бо қонун нохушиҳо нахоҳем дошт. Баръакс, Павлус таълим медиҳад, ки маҳз ҳамин иҷрои қонун аст.

**“Ва алҳол, эй Худованд, ба таҳдидҳои онҳо назар андоз ва ба бандагони Худ ато кун, то ки бо далерии комил каломи Туро баён кунанд”**

*(Амалҳо 4:29)*

Ҳаёти масеҳиёни аввалин содда ва осон набуд, зеро онҳоро таъқиб карда, бадар меронданд. Аммо онҳо мунтазири он намешуданд, ки кай вазъият беҳтар мешавад, балки дар ҳар гуна ҳолат Худоро ҷалол медоданд.

Оё мо бисёр вақт монанди онҳо рафтор мекунем? Мо ҳама чизро то замонҳои беҳтар ба таъхир меандозем. Дар харсангҳои сари роҳ мо фақат монеаро мебинем, на имконияти онро, ки ба он баромада, ҳама чизро беҳтар аз назар гузаронида метавонем. Мисли сангпушт мо сари худро ба косахона кашида, худро бовар мекунонем, ки вазъият чандон хуб нест.

То рӯзи гирифтани диплом донишҷӯ барои иштирок дар хизматгузории масеҳӣ вақт надорад. Сипас ҳиссаи зиёди вақти холии худро вай барои ишқбозӣ ва зангирӣ сарф мекунад. Кор ва оила қувва ва диққати зиёдро талаб мекунанд, ва хизматгузорӣ ба таъхир меафтад. Вай қарор медиҳад, ки то ба нафақа баромадан интизор шавад, ва он гоҳ боқимондаи ҳаёти худро ба Худо бахшад. Аммо ба нафақа баромада, одам боз ба ҷаҳон ба таври дигар менигарад, қувват ҳамчун пештара нест, ва ӯ ба васвасаи ҳаёти пучу холӣ меафтад.

Ё шояд ба вазъияте меафтем, ки бояд ҳамроҳи касоне кор кунем, ки моро оташин мекунанд. Шояд ин одамон дар ҷамоати маҳаллӣ мақомҳои роҳбариро ишғол мекунанд. Гарчанде онҳо содиқона ва бисёр кор мекунанд, мо тоқати дидани онҳоро надорем. Он гоҳ мо чӣ кор мекунем? Мо ҳавобаландӣ карда, дар канор мешинем ва мунтазири маросими дафни дабдабанок мешавем. Аммо ҳама чиз бар тибқи хоҳиши мо нест. Чунин одамон ҳамеша бо дарозумрии ҳайратовар фарқ мекунанд. Мунтазиршавии маросими дафн камнатиҷа мебошад.

Юсуф чунин намеҳисобид, ки фақат баъди аз зиндон баромадан вай метавонад дар ҳаёти худ ба чизе ноил шавад; вай дар ҳабсхона ҳам ба Худо хизмат мекард. Дониёл дар асорати бобилиён буда, хизматгори содиқи Худо гардид. Агар вай то ба охир расидани бадарға мунтазир мешуд, ҳеҷ коре ҳам намекард. Павлус дар зиндон нишаста, номаҳои худро ба Эфесусиён, Филиппиён, Кулассиён ва Филемӯн навишт. Ӯ то мусоидтар шудани шароит инро ба таъхир намегузошт.

Мушкилӣ дар он аст, ки дар ин ҳаёт ҳаргиз шароити идеалӣ фаро намерасад. Масеҳиён ҳатто ҳақ надоранд умуман интизори беҳтаршавии шароит шаванд. Чунки ҳозир вақти мусоид аст – ҳам барои хизматгузорӣ, ҳам барои наҷот.

Мартин Лютер гуфтааст: “Касе ки барои кори худ фароҳам омадани ҳамаи шароитҳои мусоидро интизор он аст, ҳаргиз то ин дам намерасад”. Сулаймон низ огоҳ мекард, ки “касе ки ба бод нигоҳ мекунад, кишт нахоҳад кард, ва касе ки ба абрҳо назар медӯзад, дарав нахоҳад кард” (Воиз 11:4).

# 15 ФЕВРАЛ

**“Нони худро ба об парто, чунки пас аз рӯзҳои бисёр онро хоҳӣ ёфт”**

*(Воиз 11:1)*

Нон ин ҷо асосан чун маҷоз барои донаи гандум, ки аз он нон мепазанд, истифода шудааст. Дар Миср донаҳоро ба замине мекориданд, ки ҳангоми дамидани дарён Нил дар зери об мемонд. Майса танҳо пас аз рафтани об намудор мешуд. Ин чандон зуд рӯй намедод, ва дарав “пас аз гузаштани рӯзҳои зиёд” мерасид.

Дар асри суръатҳои фавқуссадо мо тоқати муддати дуру дароз мунтазир шудани натиҷаҳоро надорем. Қаҳваи мо зудҳалшаванда аст, шӯрбо аз коғазхалта дар давоми 5 дақиқа тайёр мешавад, ҳар гуна консервҳоро фақат гарм кардан кофист.

Аммо дар ҳаёт ва хизматгузории масеҳӣ ҳама чиз тамоман дигар аст. Некии мо чандон зуд мукофотонида намешавад, ва на ҳамеша мо ба дуоҳои худ дарҳол ҷавоб мегирем. Ва натиҷаҳои хизматгузории худро мо фақат пас аз муддати дароз мебинем.

Хизматгузории рӯҳониро тасвир намуда, Навишта ҳамеша мисолҳо аз ҳаёти зироаткор меоварад: “Коранда барои коридан баромад...”, “Ман кишт кардам, Апуллус об дод, аммо Худо сабзонд”, “Аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша” Ин ҷараён вақти зиёдро талаб мекунад. Албатта, каду аз дарахти булут тезтар месабзад, аммо ба ҳар ҳол ин якчанд моҳро дар бар мегирад.

Бинобар ин мунтазир шудани ҷавоби фаврӣ ба некиҳои мо дуруст нест. Мунтазир шудани ҷавоби фаврӣ ба дуоҳои мо нишонаи хомии рӯҳонии мост. Аз одам тавба талаб кардан пас аз он ки аввалин бор дар бораи Масеҳ шунид, беақлист. Аксаран масеҳиён муддати дуру дароз хизматгузорӣ мекунанд, дуо мегӯянд, ёрӣ медиҳанд ва дастгирӣ менамоянд. Шумо инро бо боварии комил ба ҷо меоваред, ки меҳнати шумо дар Худованд бенатиҷа нест. Баъд аз муддате шумо натиҷаҳоеро мебинед, ки на чандон ҳайратангез ҳастанд, то шумо ҳавобаландӣ накунед, аммо чандон ночиз ҳам нестанд, то ҳавсалаи шумо пир нашавад. Самараҳои меҳнати худро бо тамоми фаровониашон мо танҳо ҳамон вақт баҳо дода метавонем, ки ба осмон меоем. Охир осмонҳо, дар ниҳояти кор, ҷои беҳтарин ва бехатартарин аст, ки дар он мо метавонем дар бораи натиҷаҳои кӯшишу ғайратамон маълумот пайдо намоем.

# 16 ФЕВРАЛ

**“Дар вақти ханда ҳам баъзан дили кас дард мекунад”**

*(Масалҳо 14:13)*

Дар ин ҳаёт ҳеҷ чизи комил нест. Ханда бе мазаи андӯҳ намешавад. Алмоси суфтаи бенуқсон ёфт намешавад. Одамон бе хислатҳои манфӣ нестанд. Дар ҳар себ дар дарахти зиндагӣ ҷои кирмхӯрда ҳаст.

Идеалист будан хеле хуб аст; охир маҳз Худо ба дили мо майл ба камолотро ниҳодааст. Аммо илова бар ин мулоҳизакор низ будан лозим аст: дар ин ҷаҳон камолоти мутлақро ёфтан имконнопазир аст.

Шумораи зиёди ҷавонон хато мекунанд, вақте гумон менамоянд, ки ҷанҷолҳо танҳо дар оилаҳои онҳо рӯй медиҳанд. Ё гумон мекунанд, ки фақат волидайни онҳо дорои ҷозибаи ситораҳои синамо намебошанд. Аз ҳаёт ва кори ҷамоати худ рӯҳафтода шудан чӣ хел осон аст, вақте ҳамеша фикр мекунӣ, ки дар ҷамоати он тарафи роҳ ҳама чиз бе мушкилот мегузарад.

Чӣ қадар ғамангез аст, вақте тамоми умр дӯстони идеалӣ меҷӯӣ ва намеёбӣ. Мо аз дигарон дар ҳама чиз камолот талаб менамоем, ва фаромӯш мекунем, ки худамон аз идеал (аз намунаи олӣ) дур ҳастем. Мо бояд ошкоро ба рӯи ҳақиқат нигарем – ҳама одамон камбудӣ доранд, камбудиҳои баъзеҳо хеле намоёнанд, камбудиҳои дигарон — камтар. Бисёр вақт чунин мешавад, ки шахсият ҳар қадар дурахшонтар ва намоёнтар бошад, хатоҳо ва ғалатҳои вай ҳамон қадар бештар ба чашм мерасанд. Ҳангоми дидани камбудиҳои касе, ба ҷои ноумедона рӯ тофтан, мо бояд пеш аз ҳама диққатамонро ба ҷиҳатҳои хуби ин шахс нигаронем. Охир ҳар як кас дорои онҳост. Аммо ягона Касе ҳаст, ки хислаташ тамоми некӯкориҳоро дар баре мегирад, ва ин Худованд Исо аст.

Ман бисёр вақт фикр мекунам, ки Худованд дидаву диониста ин майли қонеънашавандаи камолотро ба мо додааст, то ки мо бештар ба Ӯ чашм дӯзем, ки дар Ӯ на доғе ҳаст, на нуқсон. Танҳо дар Ӯ мо тамоми ҷиҳатҳои хуб ва некӯкориҳоро пайдо мекунем. Фақат аз Ӯ мо ҳаргиз ноумед нахоҳем шуд.

## 17 ФЕВРАЛ

**“Дар тангӣ маро вусъат додаӣ”**

*(Забур 4:2)*

Беасос намегӯянд, ки мушкилот иродаро устувор мекунанд. Пурсабриро мо асосан дар вақтҳои вазнин ёд мегирем. Маҳз дар тангӣ мо барои инкишофи рӯҳонӣ вусъат мегирем.

Ҳатто одамони дур аз масеҳият нақши мусбати мушкилиҳоро дар рафти таълиму тарбия дарк намудаанд. Боре Чарлз Кеттеринг гуфтааст: “Мушкилиҳо ҳаракатдиҳандаи тараққиёт мебошанд. Ман дар бораи ҳеҷ чиз ба ҷуз душвориҳо шунидан намехоҳам. Аз хабарҳои нағз ман суст мешавам”.

Аммо шаҳодати асосиро оиди фоиданок будани озмоишҳо мо аз даҳони ҷаҳони масеҳӣ мешунавем. Масалан, мо мехонем: “Азобҳо мегузаранд, аммо самараҳои онҳо дар тамоми абадият дида мешаванд”.

Шоир ба ин илова мекунад:

Ва бисёр мусиқановозони сайёр
Дар миёни фарзандони рӯшноӣ
Дар бораи эҷодиёти беҳтарини худ хоҳанд гуфт:
“Ин мусиқиро ман шабона шунидам”.
Ва бисёр сурудҳои пуршукӯҳ,
Ки хонаи Падарро пур мекунанд,
Аввалин маротиба дар кулбача садо додаанд.

Сперҷен ба тарзи тақлиднопазири худ навишта буд:

“Метарсам, ки тамоми он файзе ки ман дар соату дақиқаҳои хушбахтӣ, ва берун аз ғаму ташвиши худ дарк намудаам, дар кафи кӯдаке ҷой гирифта метавонад. Аммо тамоми он чизҳои нек, ки ман аз айёми ғусса, дард ва андӯҳ берун овардаам, воқеан беохир мебошанд. Оё ман ягон чизи хубе дорам, ки барои ба вуҷуд овардани он болға ва сӯҳон кор накарда бошанд? Ғусса ва мусибат ороиши беҳтарин дар хонаи ман аст”.

Чаро мо аз ин суханон чунон ҳайрон мешавем? Оё муаллифи беноми Нома ба Ибриён намегӯяд: “Ҳар ҷазо ҳозир ба назари кас на шодӣ, балки андӯҳ менамояд; лекин оқибат ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи росткориро меоварад” (Ибриён 12:11).

## 18 ФЕВРАЛ

**“Оё Довари тамоми замин беадолатона рафтор мекунад?”**

*(Ҳастӣ 18:25)*

Вақте мо дар ҳаёти худ бо асроре рӯ ба рӯ мешавем, ки онро ақли мо дарк карда наметавонад, мо метавонем дар ҳақиқат тасалло ва осудагӣ пайдо намоем, ки Довари тамоми замин Худо аст – бо росткории мутлақ ва бепоёни Худ.

Бисёриҳо дар бораи он майна об мекунанд, ки бо кӯдакон чӣ рӯй медиҳад, вақте онҳо ба синни ҷавобгарӣ барои корҳояшон нарасида мемиранд. Барои мо донистани ҳамин ҳақиқат кофист, ки “Подшоҳии Худо аз они чунин касон аст”. Мо бовар мекунем, ки онҳо бо хуни Масеҳ наҷот ёфтаанд. Аммо онҳое ки аз чунин ҷавоб қаноатманд нестанд, бояд дар бораи ҳақиқате фикр кунанд, ки дар ин оят гуфта мешавад. Мо метавонем пурра ба Худо бовар кунем — Ӯ ҳама чизро чунон ки лозим аст, мекунад.

Боз проблемаи доимии интихоб намудан ва пешакӣ муқаррар намудан вуҷуд дорад. Оё Худо баъзе одамонро барои наҷот интихоб намуда, дигаронро интихоб намекунад, ва бо ин онҳоро ба лаънати абадӣ маҳкум мекунад? Дар ин хусус далелҳои калвинистҳо ва арминианҳоро гӯш карда, мо комилан дилпур буда метавонем, ки Худо ҳаргиз беадолатона рафтор нахоҳад кард.

Мо зуд-зуд бо беадолатии зоҳирӣ рӯ ба рӯ мешавем, вақте гунаҳкорон комёб шуда, парҳезкорон мӯҳтоҷӣ мекашанд. Гаштаву баргашта савол дар бораи қисмати бутпарастоне ба миён меояд, ки Инҷилро ҳеҷ гоҳ нашунидаанд. Одамон аз он факт ҳайрон мешаванд, ки чӣ тавр Худо умуман роҳ дод, ки гуноҳ ба олам ворид шавад. Мо аз дидани фоҷиаҳо, бенавоӣ, гуруснагӣ, ва маибии даҳшатноки ҷисмонӣ саргаранг мешавем. Шубҳаҳо ҳамеша ба мо пичир-пичир мекунанд: “Агар ҳама чиз дар дастҳои Худо бошад, пас барои чӣ Ӯ ҳамаи ин чизҳоро роҳ медиҳад?”

Ба ин имон чунин ҷавоб медиҳад: “То даме мунтазир шав, ки боб навишта шуда, ба охир расад. Худо ҳеҷ гоҳ хато накардааст. Вақте ки мо тамоми манзараро равшан дида метавонем, он гоҳ мефаҳмем, ки Довари тамоми замин ҳама чизро дуруст кардааст”.

Худо чунон манзараи боазамати ҳаётро тасвир мекунад,
Ки мо бо як нигоҳ онро фаро гирифта наметавонем.
Мо фақат тасвирҳои ҷудогонаро мебинем ва кӯшиш мекунем,
Ки дарк намоем тамоми асрори асари Ӯро,
Ки дар он умедҳои бесамар, марг, ҳаёт,
Ҷангҳои беохир, ҷанҷоли бесабаб мавҷуданд.
Аммо фақат вақте ки мо дорои чашмони тезбин мешавем
Ва бар болои ҳамаи ин баланд мебароем,
Возеҳ мебинем, ки ҳақ ба ҷониби Ӯ будааст.

***Ҷон Оксенҳам***

# 19 ФЕВРАЛ

**“Беақлии одам роҳи ӯро кач мекунад, вале дили ӯ аз Худованд гиламанд мешавад”**

*(Масалҳо 19:3)*

Навишта беҳтарин китоб оид ба равоншиносӣ аст, ки ягон вақт навишта шудааст. Он асрори рафтори инсонро, ки аз дигарон ниҳон аст, ошкор менамояд. Ҳамин тавр, масалан, Навишта шахсеро тасвир менамояд, ки бо худсарӣ ҳаёти худро хароб мекунад, аммо ба ҷои он ки айби худро эътироф намояд, вай аз Худо хашмгин мешавад.

То чӣ андоза ин хуб гуфта шудааст! Мо одамонеро медонем, ки худро масеҳӣ меномиданд, аммо баъд ба фисқу фасод дода шуданд. Ин ба онҳо шармандагӣ, беобрӯӣ ва касодии молиявӣ овард. Аммо оё онҳо тавба карданд? Не, онҳо аз Масеҳ рӯй гардонда, имонро инкор карданд ва бехудоёни ашаддӣ шуданд.

Мо ҳатто тасаввур намекунем, ки аксар вақт сарчашмаи куфрро дар бадахлоқӣ ҷустан зарур аст. А. Ҷ. Поллок дар бораи ҷавоне нақл мекард, ки аз дар аввал ғайр аз суханони шубҳаангез ва радкунии ҳаққонияти Навиштаҳо чизе шунидан мумкин набуд. Вақте Поллок* аз вай пурсид: “Шумо дар кадом гуноҳ ғӯтидаед?”, ҷавон зор-зор гирист ва ба ӯ дар бораи ҳаёти фоҷиабори худ дар гуноҳ ва фисқу фасод нақл кард.

Барои натиҷаҳои гуноҳи худ аз Худо хашмгин шудани инсон то чӣ андоза беадолатона аст! У. Ф. Аденӣ гуфтааст: “Худоро айбдор намудан барои натиҷаи амалҳое ки Ӯ манъ кардааст, даҳшатангез аст.

То чӣ андоза ҳақ ба ҷониби Юҳанно буд, вақте ӯ чунин навишта буд: “Зеро ҳар кӣ кори бад мекунад, аз рӯшноӣ нафрат дорад ва пеши рӯшноӣ намеояд, то корҳояш фош нашаванд!” (Юҳанно 3:20)

Расул Петрус ба мо хотиррасон мекунад, ки “шикояткунандагони аз ҳар чиз норозӣ, ки мувофиқи ҳавасҳои худ рафтор мекунанд”, худашон дар нодонӣ мондан мехоҳанд. Поллок дар ин хусус чунин менависад: “Ин бори дигар ҳақиқати хеле муҳимро таъкид мекунад: сабаби асосии он, ки одамон ҳақиқатро дар бораи Худо қабул кардан наметавонанд ё намехоҳанд, дар тарзи зиндагонии фосиқонаи онҳост. Бисёр вақт шахс намехоҳад аз гуноҳ ҷудо шавад ё ки дастнигари нафси худ мебошад, ки табиатан аз Худо нафрат дорад. Шояд нуре ки ба ҳамаи тангкӯчаҳо даромада, ифлосиро ошкор мекунад ё маҳдудиятҳое ки Навишта мегузорад, ба вай маъқул нестанд. Дар ин на сар, балки дил айбдор аст”.

---

* А.Ҷ. Поллок ( 1864 - 1957 ) - башоратдиҳанда ва муаллими англис

## 20 ФЕВРАЛ

**“То матлаби худро нагӯям, чизе намехӯрам”**

*(Ҳастӣ 24:33)*

Мисли хизматгори Иброҳим, мо бояд дарк намоем, ки кори мо таъхирнопазир аст. Ин маънои онро надорад, ки мо бояд якбора аз дунболи сад супориш шавем. Ин маънои онро надорад, ки мо бояд ҳама чизро бо саросемагии асабиёна ба ҷо оварем. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд пурра худро ба кори дар пешамон истода бахшем, ва хеле муҳим будани онро аз хотир набарорем.

Муносибати мо бояд ба он чи Роберт Фрост баён кардааст, монанд бошад:

Ҷангалҳо муъҷизаосо, торик ва пурасроранд,
Аммо ман ваъдаҳое дорам, ки бояд ба онҳо вафо кунам,
Ва масофае, ки онро пеш аз хоб рафтан бояд тай намоям.

Худи ҳамин ҳақиқатро Эмӣ Кармихаэл чунин баён кардааст: “Назрҳо ба Худо ҳама бар ман аст. Гулҳо беҳуда маро ба саҳро ҷалб мекунанд, ва бозии сояҳо дар девор барои ман нест, то даме ки кори ман ба анҷом нарасидааст ва ҳисоботи ман пешкаш нашудааст”.

Вай ҳамчунин навишта буд:

Танҳо 12 соати кӯтоҳ. Оҳ, ҳаргиз нагузор,
Ки дарки таъхирнопазирӣ дар мо бимирад!
Эй Чӯпони Нек, иҷозат деҳ, ки ҳамроҳи Ту
Дар теппаҳо гашта, гумроҳонро чустуҷӯ намоем.

Мегӯянд, ки дар хонаи Чарлз Симеон* сурати Ҳенрӣ Мартин* овезон буд, ва ӯ дар ҳар ҷои ҳуҷра бошад, чашмони Мартин ба вай дӯхта шуда буданд. Ба назар менамуд, ки вай чунин мегуфт: “Ба кор ҷиддӣ муносибат кун; вақтро беҳуда сарф накун”. Ва Симеон ба ӯ ҷавоб медод: “Бале, ман ба кор ҷиддӣ, хеле ҷиддӣ муносибат хоҳам кард; ман вақтро беҳуда сарф нахоҳам кард; зеро ҷонҳо талаф шуда истодаанд, ва Исо бояд ҷалол ёбад”.

Таваҷҷӯҳ намоед, ки дар суханони расули ҷасур Павлус чӣ гуна таъхирнопазирӣ ҳаст: “Ман сӯи мақсаде медавам, сӯи мукофоти даъвати осмонии Худо, ки дар Масеҳ Исо аст” (Филиппиён 3:14).

Ин фаҳмиши таъхирнопазирии кори Ӯ дар ҳаёти Наҷотдиҳандаи пурбаракати мо бо риштаи сурх мегузарад: “Маро таъмиде дар пеш аст, таъмиде ки бояд ёбам; ва чӣ қадар зери фишорам, то даме ки ин ба амалояд!”(Луқо 12:50).

Масеҳиён барои хотирҷамъ буда, ҳеҷ кор накардан на сабаб доранд ва на баҳонае.

---

* Чарлз Симеон ( 1759 - 1836 ) - шубон дар Кембриҷ, муассиси 3 ҷамъияти миссионерӣ.
* Ҳенрӣ Мартин ( 1 7 8 1 - 1 8 1 2 ) - ёрдамчии Чарлз Симеон, тарҷумони Навишта, миссионер дар Ҳиндустон ва Эрон.

**“Андаруни қавми худ ман сокин ҳастам”**

*(4 Подшоҳон 4:12)*

Дар Шунем як зани сарватманд ҳар вақте ки Элишоъ аз он ҷо мегузашт, ӯро меҳмондорӣ мекард. Боре вай ба шавҳараш гуфт, ки хонаи иловагӣ созад, то ки пайғамбар дар он ҷо ҳуҷраи худро дошта бошад. Элишоъ хост вайро барои кушодадастиаш мукофот диҳад, ва пурсид, ки барояш чӣ кор карда метавонад — шояд барои вай бо подшоҳ ё сардори лашкар сухане ронад? Вай ҷавоб дод: “Ман аз тақдири худ розӣ ҳастам. Ман шахсони одиро, ки андарунашон сокинам, дӯст медорам. Ман хоҳиши зиёде надорам, ки бо шахсони гули сари сабади ҷамъият муошират намоям. Маро имконияти бо одамони номӣ аз наздик шинос шудан ҷалб намекунад”.

Вай зани хирадманд буд! онҳое ки кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд, то ба доираҳои одамони номӣ, сарватмандон ва асилзодагон дохил шаванд, як рӯз не як рӯз бояд эътироф кунанд, ки қисми зиёди одамони беҳтарини рӯи замин ҳеҷ гоҳ ба сарлавҳаҳои рӯзномаҳо ё сутуни ахбори ҷаҳон намеафтанд.

Ман бо якчанд шахсони шӯҳратманди ҷамоати протестантӣ шинос ҳастам, аммо бояд иқрор шавам, ки аз бисёрии онҳо дилхунук шудаам. Ва ҳар қадар бештар бо он чи дар матбуоти масеҳӣ бо дабдаба навишта мешуд, рӯ ба рӯ мешудам, тасаввуроти неки ман ҳамон қадар камтар мешуд. Агар ман ҳаққи интихоб медоштам, фақат бо шаҳрвандони хоксор, парҳезкор ва одие муошират мекардам, ки номҳояшон ба ин ҷаҳон маълум нестанд, аммо дар осмонҳо хеле хуб маълуманд.

Э. У. Тозер ин ҳиссиётро чунин тасвир кардааст: “Ман ба муқаддасон бовар мекунам. Ман бо масхарабозон вохӯрдаам, бо гумоштагони реклама вохӯрдаам, ман бо падарон — асосгузорон вохӯрдаам, ки номи худро дар намои иморат бо ҳарфҳои калон навиштаанд, то ҳама донанд, ки онро кӣ бино кардааст. Ман бо подабонҳои навимон вохӯрдаам, ки маънои тавбаро хуб намефаҳмиданд. Ман дар Амрико ва Канада масеҳиёни зиёд дидаам, аммо дили ман пазмони муқаддасон мешавад. Ман мехоҳам бо одамоне вохӯрам, ки ба Худованд Исо монанд бошанд... Дар дили ҳар яки мо бояд зебоии Худованд Худои мо сокин бошад. Як имондори дилчасп ва диққатҷалбкунанда баробари 500 нафар мутахассисони реклама, ташкилкунандагони чорабиниҳои оммавӣ ва устодони корҳои динӣ арзиш дорад”.

Чарлз Симеон низ ба суханони дар боло зикршуда ҳамроҳ мешавад: “Аз лаҳзаи аввал то ҳамин рӯз... ман бо одамони беҳтарин муносибат доштам, ва ҳар яки онҳо кӯшиш мекарданд, ки аз тамоми ҷону дил ба номи Худованд ба ман мадад расонанд”.

Ҳамин тариқ, мо ба зани хирадманди шунемӣ, ки “андаруни қавми худ ман сокин ҳастам” гуфтааст, миннатдорӣ баён менамоем.

## “Барои такмили муқаддасон ба кори ибодат”

*(Эфесусиён 4:12)*

Ин тамоми тасаввуроти моро дигаргун мекунад! Дар ҷамоат ба одамони муайян атоҳои рӯҳонӣ дода мешаванд, то бо тамоми камолот муқаддасонро ба кори хизматгузорӣ тайёр кунанд. Ҳамин ки муқаддасон худашон аз ӯҳдаи ҳар кор баромада метавонистагӣ мешаванд, муаллими онҳо ба раҳсипор шудан тайёрӣ мебинад.

Ин маънои онро дорад, ки хизматгузории масеҳӣ фақат ҳамон вақт бомуваффақият мешавад, ки хизматгузор дар натиҷаи меҳнати суботкорона худаш аз кори роҳбарӣ дур мешавад ва метавонад дигар соҳаи амалиётро ҷустуҷӯ намояд.

Павлус маҳз ҳамин тавр рафтор мекард. Масалан, вай ба Тасолуникӣ омада, се рӯзи шанбе ба яҳудиён мавъиза карда, мерафт, ва аз ақиби худ ҷамоати муттаҳидро боқӣ мегузошт.

Бешубҳа, ин дар масъалаи суръати ба роҳ мондани фаъолияти ҷамоат истисно мебошад. Павлус дар давоми фаъолияти башоратдиҳӣ беш аз ҳама ду солро дар як ҷой гузарондааст. Ин дар Эфесус буд.

Худо одамони дорои атоҳои махсусро ба ҷамоатҳо на барои он дод, ки муқаддасон бе дастуроти онҳо як қадам ҳам гузошта натавонанд. Охир атоҳо зудгузаранд. Агар муқаддасон танҳо истеъмолкунандагони касбии пандҳои рӯҳонӣ монанд, ва ҳаргиз дар кори ибодат иштирок накунанд, онҳо ҳаргиз ба таври даркорӣ рӯҳан тараққӣ ёфта наметавонанд, ва ҳаргиз ба ҷаҳон мувофиқи хости Худо башорат расонда нахоҳад шуд.

Уилям Диллон гуфтааст, ки ҷонишин ё ворисi башоратдиҳандаи хориҷӣ, ки воқеан комёб шудааст, ҳаргиз хориҷӣ нахоҳад буд. Ин ба дараҷаи баробар ба хизматгорон дар диёри худашон низ дахл дорад – ҳангоме ки хизматгузории муаллим ба охир мерасад, муқаддасон бояд кори ибодатро мустақилона бурда тавонанд, ва номзади навро “дар ҷои дигар” ҷӯё набошанд.

Мо, башоратдиҳандагон, бисёр вақт мақоми худро дар ҷамоат якумрӣ меҳисобем. Мо худро бовар мекунонем, ки дигарон аз ӯҳдаи ин кор намебароянд. Мо дар мақом муддати дуру дароз истоданамонро бо он сафед мекунем, ки агар аз он даст кашем, адади иштироккунандагон кам мешавад. Аммо, охир, онҳо бояд омӯзанд. Барои ин мо бояд ба онҳо имкониятҳо фароҳам оварем. Онҳоро омӯзондан, ба онҳо ваколатро супурдан, ва ба равандашон баҳо додан даркор аст.

Вақте муқаддасони ба дараҷаи баланди балоғат расида фикр мекунанд, ки бе ягон муаллими муайян ё воиз хизматгузориро пеш бурда метавонанд, вай набояд хафа шавад ё худро ранҷида ҳис кунад. Баръакс, вай бояд шодӣ намояд. Акнун вай озод аст ва метавонад ба ҳар маконе ки беш аз ҳама дар он ҷой даркор аст, равад.

Хуб нест, ва дар кори Худо худи ҳамон як одам дар давоми солҳои зиёд шахси асосӣ мемонад, новобаста ба он ки вай чӣ гуна атоҳо дорад. Мақсади бузурги ӯ бояд афзудани самаранокии меҳнати худ, тайёр кардани муқаддасон ба ибодати мустақилона бошад, аллакай бе иштироки вай. Дар чунин ҷаҳони монанди мо барои вай дар ҷойҳои дигар ҳамеша кор ёфт мешавад.

## “Хирадманд бишнавад”

*(Масалҳо 1:5)*

Китоби масалҳо исроркорона мегӯяд, ки фарқи асосии байни шахси хирадманд ва аблаҳ аз он иборат аст, ки хирадманд ба маслиҳат гӯш медиҳаду нодон не.

Ин на аз он сабаб аст, ки ба аблаҳ фаросат намерасад. Бараъакс, вай метавонад ақли ғайриодӣ дошта бошад. Аммо ба вай ягон чиз гуфтан тамоман имконнопазир аст. Вай бо роҳи худ рафта, боварии комил дорад, ки дониши вай беҳудуд буда, мулоҳизаҳояш ҳамеша ва дар ҳамаи мавридҳо дурустанд. Агар дӯстон кӯшиш кунанд, ки ӯро ислоҳ намуда, аз қадами нодуруст боздоранд, дар ҷавоб фақат хандаҳо ва суханони таҳқиромез мешунаванд. Онҳо менигаранд, ки чӣ тавр вай кӯшиш мекунад, то аз натиҷаҳои ногузири амалҳои гуноҳолуд ва аблаҳонаи худ раҳо шавад, аммо афтиши ӯро пешгирӣ карда наметавонанд. Ҳамин ки нодон аз як бӯҳрон барояд, ба бӯҳрони дигар меафтад. Гоҳо ҳолати молиявии ӯ ба фалокат рӯ ба рӯ шудааст. Гоҳо оилаи вай ба ҷудошавӣ наздик аст. Гоҳо дар ширкати вай сар то сар бесарусомонӣ ҳукмфармост. Аммо вай худро тасалло медиҳад, ки зиндагӣ ба вай беадолатона муносибат мекунад, ва пай намебарад, ки душмани ашаддитарини ӯ худи ӯст. Вай ба дигарон насиҳат доданро дареғ намедорад, ва фаромӯш мекунад, ки ҳаёти худро ба тартиб оварда наметавонад. Вай метавонад беист гап зада, бо худбоварии ғайбгӯй гапфурӯшӣ кунад.

Хирадманд аз рӯи андозаи дигар сохта шудааст. Вай медонад, ки гуноҳ ҳамон расиши кӯтоҳе буд, ки дар майнаи ҳар як одам якчанд симчаро вайрон кард. Вай медонад, ки баъзан дигарон он ҷиҳатҳои мушкилотро, ки аз худи ӯ ниҳон аст, мебинанд. Вай аз эътироф кардан наметарсад, ки хотираи вай чандон комил нест. Вай омода аст омӯзад ва ҳар насиҳатеро, ки барои қабул кардани қарори дуруст ба вай ёрӣ медиҳад, қабул мекунад. Вай дар хотир дорад, ки наҷот аз машварати бисёр аст” (Масалҳо 11:14). Монанди дигарон, вай баъзан хатоҳо мекунад. Аммо ҳатто дар вақти афтиш қобилияти хеле хуби хатоҳоро такрор накардан ӯро наҷот медиҳад, ва ҳар як нокомиро ба ҷастгоҳ ба сӯи комёбӣ табдил медиҳад. Вай барои маломати одилона миннатдор буда, тайёр аст айби худро эътироф намуда, бахшиш пурсад. Фарзандони хирадманд ба талаботи волидайн итоат мекунанд, фарзандони аблаҳ бошанд бар зидди онҳо бармехезанд. Вақте Навиштаҳо аз ҷавонони бохирад покии ахлоқиро талаб менамояд, онҳо ба Навиштаҳо итоат мекунанд; аблаҳон ҳама чизро мувофиқи хости худ ба ҷо меоваранд. Калонсолони хирадманд мекӯшанд, ки ба ҳама чиз аз рӯи нуқтаи назари Худо баҳо диҳанд; аблаҳон ҳар чиро, ки ба худи онҳо маъқул аст, ба амал меоваранд.

Ҳамин тавр хирадмандон хирадмандтар мешаванд, аблаҳон бошад боз ҳам чуқуртар дар ботлоқи аблаҳии худ меғӯтанд.

**“Одам... писаре ба шабоҳати худ, ба сурати худ ба дунё овард”**

*(Ҳастӣ 5:3)*

Асоси ҳаёти ҷисмонӣ он факт аст, ки фарзандон сурат ва шабоҳати волидайни худро мерос мегиранд. Писари Одам Шет низ хусусиятҳои падарро мерос гирифт. Вақте одамон Шетро диданд, онҳо яқинан он чиро гуфтанд, ки дигарон пас аз онҳо аллакай чандин сол боз такрор мекунанд: “Писар бо падараш як себи ду тақсим аст”

Аммо ин ҳақиқати ҳушёркунанда ба ҳаёти рӯҳонӣ низ тааллуқ дорад: фарзандони мо ба мо монанд ҳастанд. Агар мо ба ягон кас барои ёфтани роҳ ба сӯи Худованд Исо ёрӣ диҳем, ин одамон оҳиста-оҳиста дорои хусусиятҳои хоси мо мешаванд. Ин ҷо сухан на дар бораи хусусиятҳои ирсӣ, балки дар бораи пайравӣ ба намуна меравад. Онҳо дар мо ҷиҳатҳои хуби шахси масеҳиро мебинанд ва худашон инро дарк накарда, ба тақлиди рафтори мо шурӯъ мекунанд. Дере нагузашта мо дар онҳо шабоҳати оилавиро пайхас мекунем.

Ин маънои онро дорад, ки Навишта дар ҳаёти ман кадом мақомеро дошта бошад, дар ҳаёти фарзандони рӯҳонии ман низ ҳамон мақомро хоҳад дошт. Ин маънои онро дорад, ки агар ҳаёти ман ҳаёти ибодат бошад, ҳаёти онҳо низ чунин хоҳад буд. Агар ман дар ҳама чиз ба Худо сано мехонда бошам, пас яқинан, онҳо низ аз рӯи худи ҳамон қолаб рехта хоҳанд шуд.

Агар ман ба талаботи Масеҳ барои пайравони Ӯ бе дудилагӣ итоат намоям, онҳо инро барои тамоми имондорон воҷиб ҳисоб хоҳанд кард. Аз тарафи дигар, агар ман кӯшиш кунам, ки суханони Масеҳро “ҳамвор кунам” ва дар ҳаёти ман сарват, ҷалол ва дилхушиҳо чизи муҳим шаванд, он гоҳ яқинан, онҳо бо худи ҳамин роҳ хоҳанд рафт.

Масеҳиёни намунавӣ ба фарзандони рӯҳонии худ шарораи муҳаббати хомӯшнашаванда ба ҷонҳои нобудшавандаро медиҳанд. Аз волидайни рӯҳонии худ имондорони ҷавон муҳаббатро ба Навиштаҳо, фаҳмидани фоидаи аз ёд кардани оятҳои онро мерос мегиранд.

Агар шумо мунтазам ба ибодатхона наоед, оё ҳайрон шудан меарзад, ки шахсони таҳти васояти шуморо низ дар он ҷо наметавон бисёр вақт дид. Агар шумо доимо дер кунед, онҳо низ яқинан дар вақташ нахоҳанд омад. Агар шумо дар қатори ақиб руст шуда шинед, эҳтимоли қавӣ меравад, ки онҳо низ ҳамон ҷойҳоро хоҳанд гирифт.

Аз тарафи дигар, агар шумо интизом ва тартибро ҳурмат кунед, агар ба шумо такя кардан мумкин бошад ва шумо дар кори Худо фаъолона иштирок кунед, Тимотиюсҳои шумо аз пайи имони шумо хоҳанд рафт.

Бинобар ин ҳар яки мо бояд ба худ савол диҳем: “Оё ман аз он сурат ва шабоҳате ки фарзандонам аз ман ба мерос мегиранд, розӣ ҳастам?” Расул Павлус гуфтааст: “Ба ман тақлид намоед” (1Қуринтиён 4:16). Оё мо инро гуфта метавонем?

## 25 ФЕВРАЛ

**“Мувофиқи имонатон ба шумо шавад”**

*(Матто 9:29)*

Ҳангоме Исо аз ду кӯр пурсид, ки оё онҳо бовар мекунанд, ки Ӯ метавонад онҳоро бино кунад, онҳо ҷавоб доданд, ки ҳа, бовар мекунанд. Ба чашмони онҳо даст расонда, Ӯ гуфт: “Мувофиқи имонатон ба шумо шавад”, ва чашмони онҳо кушода шуданд.

Аз ин хулоса баровардан хеле осон аст, ки агар имони мо ба дараҷаи кофӣ бузург бошад, мо ҳар чизро, аз он ҷумла сарват ва шифоро дарёфт карда метавонем. Аммо ин тавр нест. Асоси имон бояд сухани Худованд, ваъдаи Худо ва ё ҳукми Навишта бошад. Дар акси ҳол ин на имон, балки худфиребии сабукфикрона хоҳад буд.

Матни мо бошад, таълим медиҳад, ки андозаи иҷрошавии ваъдаҳои Худо дар ҳаёти мо ба андозаи имони мо вобаста аст. Элишоъ ба шоҳ Юош ваъда дод, ки Худо ба вай ғалаба бар арамиён медиҳад ва фармуд, ки шоҳ ба замин тир андозад. Юош се карат тир зада, бозистод. Элишоъ ба ғазаб омада, гуфт, ки вай танҳо се маротиба бар арамиён ғолиб меояд, ҳол он ки метавонист панҷ ё шаш маротиба ғолиб ояд (4Подшоҳон 13:14-19). Андозаи ғалабаи вай ба имонаш вобаста буд.

Дар ҳаёти масеҳӣ низ ҳамин тавр аст. Мо барои он даъват шудаем, ки ҳама чизро тарк намуда, бо имон гардем. Ба мо дар замин ҷамъ кардани сарват манъ шудааст. Мо то чӣ андоза бояд ин фармудаҳоро ба маънои аслӣ фаҳмем? Наход мо бояд аз ҳар гуна суғуртаномаҳо, дафтарчаҳои амонатгузорӣ ё захираҳо даст кашем? Навишта ҷавоб медиҳад: “Мувофиқи имонатон ба шумо шавад”. Агар шумо ба Худо чунон сахт имон дошта бошед, ки чунин гуфта тавонед: Ман бисёр кор мекунам, то худро ва оилаамро бо тамоми чизи даркорӣ таъмин намоям, ва ҳар он чи аз ин зиёд шавад, ба кори Худо мебахшам ва дар бораи он чи маро дар оянда интизор аст, ғам намехӯрам”, он гоҳ шумо комилан дилпур буда метавонед, ки Худо дар бораиояндаи шумо ғамхорӣ хоҳад кард. Охир Ӯ гуфтааст, ки инро ба ҷо меорад, ва ба қавли Худ вафо мекунад. Аз тарафи дигар, агар мо фикр кунем, ки ягон чизро барои “рӯзи сиёҳ” пасандоз накардан аблаҳист, Худо ба ҳар ҳол моро дӯст хоҳад дошт ва ба андозаи имонамон моро истифода хоҳад бурд.

Ҳаёти имон монанди наҳрест, ки аз маъбад ҷорӣ мешавад (Ҳизқиёл 47). Шумо метавонед ба он то буҷулаки пой, то сари зону, то камар дароед, ё боз беҳтар, дар он шино кунед.

Баракатҳои бузургтарини Худо аз они онҳоеанд, ки пурра ба Ӯ бовар мекунанд. То чӣ андоза бовафо ва тавоно будани Ӯро бори дигар дар таҷрибаи худ дарк намуда, мо бо хурсандӣ асобағалҳо, тиргакҳо ва болиштҳои “ақли солим”-ро дур хоҳем партофт. Ё ба қавли шахсе: “Касе ки боре бар рӯи об қадам задааст, аллакай ҳеҷ гоҳ хоҳиши дар қаиқ шино карданро нахоҳад дошт”.

**“Шумо чӣ тавр имон оварда метавонед, дар ҳоле ки эҳтиромро аз якдигар қабул мекунед, лекин эҳтиромеро, ки аз Худои ягона аст, ҷӯё нестед”**

*(Юҳанно 5:44)*

Дар ин оят Худованд дар бораи он мегӯяд, ки дар як вақт хоҳони ситоиши мардум будан ва кӯшиши ба Худо писанд омадан имконнопазир аст. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳамин ки мо барои шӯҳрат ба майдон мебароем, ҳаёти имонро ба нокдаун мефиристем.

Худи ҳамин тавр расул Павлус низ таълим медиҳад ва мегӯяд, ки кӯшиши писанд омадан ба одамон ва дар назари Худо илтифот ёфтан ахлоқан ба ҳам мувофиқ нестанд: “Агар ман ҳанӯз ба одамон писанд омадан мехостам, бандаи Масеҳ намебудам” (Ғалотиён 1:10).

Биёед инро дар мисоли имондоре дида мебароем, ки орзу мекунад дар соҳаи илоҳиёт унвони илмӣ дошта бошад. Ин унвон бояд расман тасдиқ шавад, ва онро танҳо дар муассисаи таълимии расман тасдиқшуда гирифтан мумкин аст. Мутаассифона, дар миёни он донишгоҳҳои камшумори расман тасдиқшуда, ки вай дар он ҷо метавонад рисолаи худро ҳимоя кунад, ягон кас нест, ки ҳақиқатҳои асосии Навиштаҳоро бегуну чаро қабул мекарда бошад. Аммо вай хеле мехоҳад ҳуқуқ дошта бошад, ки ба номи худ калимаҳои “доктори илоҳиёт”-ро илова намояд. Аз ҳамин сабаб тайёр аст онҳоро аз дастони касоне қабул кунад, ки агарчи худро фақеҳ меноманд, дар асл душманони салиби Масеҳ ҳастанд. Аммо акнун чирк ба дастони худи вай часпидааст. Вай дигар ҳаргиз чун пештара дилпурона сухан ронда наметавонад.

Дар хоҳиши чун олим ва ё муҳаққиқ сазовори эҳтироми ҷаҳон шудан хатарҳои ниҳонӣ ҳастанд. Кас метавонад ба васвасае дода шавад, ки созиш карда, вафодории “кӯҳнашуда”-ро ба қонунҳои Навишта бо нуқтаи назари мусоҳилакорона иваз кунад, ва аксаран на дуршавӣ аз асосҳои Навишта, балки пайравӣ ба онҳоро танқид намояд.

Мактабҳои масеҳӣ пеши интихоби пуразоб меистанд — тасдиқи расмиро аз муассисаҳои дахлдори вазорати маориф бояд ҷӯё шуд ё не. Охир он гоҳ чизи муҳим на он мешавад, ки то чӣ андоза мактаб ба қонунҳои Навишта вафодор аст, балки то чӣ андоза он ба талаботҳои шахсоне мувофиқ аст, ки дорои Рӯҳ нестанд.

Ягона чизе ки онро бояд аз ҷону дил хоҳон буд, “ба Худо худро шоиста тақдим кардан” аст. Бениҳоят бисёр чизҳо ба қимор гузошта шудаанд, охир “дар тангае ки мо бо фурӯхтани ҳақиқат ба даст меорем, ҳатман нимрухи зиддимасеҳ сикка зада шудааст, гарчанде аксаран барои чашми мо ноаён аст” (Ф.У. Грант).

**“Худо... нотавонони ҷаҳонро интихоб кард, то тавонгаронро шарманда кунад”**

*(1Қуринтиён 1:27)*

Агар дуредгар аз пораҳо ва бозмондаҳо мебели хеле хуб сохта тавонад, ин ба вай эҳтироми зиёдтар хоҳад овард, назар ба он ки танҳо бо масолеҳи баландсифат кор кунад. Вақте ки Худо бехирадонро, сустонро ба нотавононро истифода бурда, корҳои бузург ба амал меоварад, ҳама бо эҳтиром пеши маҳорат ва қудрати Ӯ таъзим мекунанд. Одамон аллакай наметавонанд комёбиро ба интихоби навъҳои масолеҳ нисбат диҳанд; онҳо маҷбуранд эътироф намоянд, ки тамоми ҷалол ва иззат ба Худованд тааллуқ дорад.

Дар китоби Доварон мо мисолҳои бисёр ёфта метавонем, ки чӣ тавр Худо бехирадони ҷаҳонро барои ба амал овардани корҳои бузург истифода мекунад. Ҳамин тавр, масалан, Эҳуд ибни Ҷеро марди чапдасте буд. Дар Навиштаҳо дасти чап аломати сустӣ аст. Аммо Эҳуд ба Аҷлӯн, подшоҳи Мӯоб зарба дод ва ба Исроил 80 соли оромиро бахшид (Доварон 3:12-30). Шамҷар ба ҷанг рафта, таёқи говрониашро алвонҷ медод, аммо бо ин силоҳи аҷоиби худ вай 600 фалиштиро зарба зад ва Исроилро наҷот дод (Доварон 3:31). Дебӯро ба “ҷинси заиф” тааллуқ дошт, аммо маҳз ба вай Худо ғалабаи қатъиро бар канъониён дод (Доварон 4:1; 5:31). Аз нуқтаи назари ақли солим, 10 000 пиёдааскари Бороқ барои 900 аробаи оҳанини Сисро хатари ҷиддӣ наменамуд, аммо маҳз Бороқ душманро рӯ ба гурез овард (Доварон 4:10,13). Ёил боз як намояндаи “ҷинси заиф”, Сисроро бо чизи дигар не, балки бо мехи хайма кушт (Доварон 4:21). Септуагинта* исроркорона мегӯяд, ки вай мехро дар дасти чап медошт. Ҷидъӯн бар зидди Мидён бо лашкаре баромад, ки Худо аз 32 000 нафар то 300 нафар кам карда буд (Доварон 7:1-7). Рамзи ин лашкар нони ҷавин буд, хӯроки бенавоён, ки бенавоӣ ва сустии онро нишон медод (Доварон 7:13). Аслиҳаи лашкари Ҷидъӯн низ ғайриодӣ буд: кӯзаҳои гилин, машъалҳо ва шохҳо (Доварон 7:10). Абималик бо порчаи санги осиёб, ки бо дасти зан партофта шуд, ба ҳалокат расид (Доварон 9:53). Номи “Тӯлоъ” маънои “кирм”-ро дорад, ки барои сарлашкар ва наҷотдиҳандаи Исроил чандон номи мувофиқ нест (Доварон 10:1). Бори аввал Навишта модари Шимшӯнро чун зани бенoм ва безуриёт номбар мекунад (Доварон 13:2). Писараш Шимшӯн бошад, фақат бо ҷоғи хар, ки онро силоҳ ҳам номидан душвор аст, мусаллаҳ шуда, 1000 фалиштиро мекушад.

* Септуагинта - тарҷумаи юнонии Тавроту Забур, ки пеш аз милод карда шудааст.

**“Ӯ онҳоро несту нобуд хоҳад кард... ва ту онҳоро ба зудӣ бадар ронда, маҳв хоҳӣ кард”**

*(Такрори Шариат 9:3)*

Ҳар боре Худо таърихи тамоми инсониятро ё шахсони ҷудогонаро роҳнамоӣ мекунад, мо мувофиқати аҷиби чизи илоҳӣ ва одамиро мебинем.

Биёед Навиштаро мисол мегирем. Муаллифи он Худост, аммо одамон низ, ки бо таҳрики Рӯҳулқудс онро менавиштанд.

Тамоми роҳи наҷот аз аввал то охир аз Худованд аст. Одам барои сазовори наҷот шудан ҳеҷ кор карда наметавонад. Ва дар айни замон вай бояд наҷотро бо имон қабул кунад. Худо шахсан барои наҷот шахсони ҷудогонаро интихоб мекунад, аммо онҳо бояд аз дари танг дохил шаванд. Барои ҳамин ҳам Павлус дар бораи “имони интихобшудагони Худо” менависад (Титус 1:1).

Аз як тараф, мо “бо қуввати Худо ба воситаи имон нигоҳ дошта мешавем барои наҷоте ки омода шудааст”. Аммо одам низ бефаъолият намемонад – вай бояд имон дошта бошад (1Петрус 1:5): “бо қуввати Худо ба воситаи имон нигоҳ дошта мешавед”.

Танҳо Худо маро муқаддас карда метавонад. Аммо дар ҷараёни муқаддасшавӣ чизи бисёр ба худи ман низ вобаста аст. Ба имони худ ман бояд некӯӣ, дониш, худдорӣ, сабр, худотарсӣ, бародардӯстӣ ва муҳаббатро илова намоям (2Петрус 1:5-7). Ман бояд зиреҳи куллии Худоро дар бар кунам (Эфесусиён 6:13-18). Ман бояд тарзи ҳаёти одами кӯҳнаро аз худ дур кунам ва одами навро дар бар кунам (Эфесусиён 4:22-24). Ман бояд бар тибқи Рӯҳ рафтор кунам (Ғалотиён 5:16).

Дар ҳар соҳаи хизматгузории масеҳӣ чизи илоҳӣ бо чизи одамӣ зич печ дар печ мешавад. Павлус кишт мекунад, Апуллус об медиҳад, лекин маҳз Худо месабзонад (1Қуринтиён 3:6).

Таълимоти Навиштаро дар бораи роҳбарии ҷамоати маҳаллӣ дида баромада, мо мебинем, ки фақат Худо одамро роҳбар карда метавонад. Павлус ба роҳбарони ҷамоати Эфесус хотиррасон мекунад, ки маҳз Рӯҳулқудс онҳоро барои назорат бар ҷамоат таъйин намудааст (Амалҳо 20:28). Лекин хости инсон низ нақши калон бозӣ мекунад. Вай бояд “усқуфиро орзу кунад” (1Тимотиюс 3:1).

Ва ниҳоят, ояте ки мо аз он шурӯъ кардем, исроркорона мегӯяд, ки маҳз Худо душманони моро несту нобуд мекунад, аммо мо низ бояд онҳоро бадар ронда, маҳв кунем (Такрори Шариат 9:3).

Нашъунамои рӯҳонии масеҳӣ фақат ҳамон вақт бомуваффақият мешавад, ки ӯ ин якшавии ҷиҳати илоҳӣ ва одамиро дарк менамояд. Мо бояд тавре дуо гӯем, ки гӯё ҳама чиз ба Худо вобаста бошад, ва чунон меҳнат кунем, ки гӯё ҳама чиз ба мо вобаста бошад. Шахсе гуфтааст, мо бояд дар хусуси ҳосили нағз дуо гӯем, аммо хишовакуниро фаромӯш накунем.

# 29 ФЕВРАЛ

**“Исои Масеҳ... Худованди ҳама аст”**

*(Амалҳо 10:36)*

Дар тамоми китоби Инҷил бо риштаи сурх фикре мегузарад, ки Исо фармонравои тамоми чиз аст. Ӯ гаштаву баргашта ба мо хотиррасон мекунад, ки Ӯ Худованд аст, аз ҳамин сабаб бояд дар ҳаёти мо маҳз ҳамин ҷойро ишғол намояд.

Исоро чун Худованд эътироф кардан маънои ба дастони Ӯ супоридани тамоми чизеро дорад, ки ман дорам. Он гоҳ аллакай ирода ва хоҳишҳои ман нахоҳанд буд. Ирода ва хоҳишҳои Ӯ асосӣ хоҳанд буд.

Ӯ қарор мекунад, ки ман ба куҷо равам, чӣ кор кунам ва чӣ гӯям, ва ман бо шодӣ ба Ӯ итоат хоҳам кард. Вақте Еҳушаъ ибни Нун аз пешвои лашкари Худованд пурсид: “Оё ту аз мо ҳастӣ ё аз душманони мо?”, он гоҳ дар ҷавоб шунид: “Ман барои он наомадам, то ба шумо ёрӣ диҳам ё халал расонам. Ман омадам, то фармондиҳии лашкарро пурра ба дасти Худ гирам” (ниг. Еҳушаъ ибни Нун 5:14). Худованд ба ҳаёти мо на барои он ворид мешавад, то мақоми адъютантро ишғол намояд, балки барои он ки сарфармондеҳ шавад.

То чӣ андоза муҳим будани эътироф кардани ҳаққи ҳокимияти олии Масеҳро мо аз он мебинем, ки дар китоби Инҷил калимаи “Наҷотдиҳанда” фақат 24 бор вомехӯрад, ҳол он ки калимаи “Худованд” 542 бор. Надида мондан номумкин аст, ки ҳарчанд одамон доим мегӯянд: “Наҷотдиҳанда ва Худованд”, Навиштаҳо ҳамеша мегӯяд: “Худованд ва Наҷотдиҳанда”.

Қарори Худованди ҳаёти худ гардонидани Исо қарори аз ҳама оқилона ва бомантиқ аст, ки мо қабул карда метавонем. Ӯ барои мо мурд; мо ақаллан барои Ӯ зиндагӣ карда метавонем. Ӯ моро харид; мо дигар ба худамон тааллуқ надорем. “Назди пойҳои чунин муҳаббати бузурги илоҳӣ мо бояд ҷони худ, ҳаёти худ ва тамоми худро гузорем”.

Агар мо фикр кунем, ки ба Ӯ дар масъалаи наҷоти мо такя кардан мумкин аст, пас чаро метарсем, ки инони ихтиёри ҳаёти заминии худро ба Ӯ супорем? “Софдил будани шахс шубҳаовар аст, вақте ӯ мегӯяд, ки ҷони абадиашро ба ихтиёри Худо супурдааст, аммо ҳаёти даргузарро дар дастони худ сахт нигоҳ медорад; мегӯяд, ки ба Худо алмоси суфта додааст. Пекин қобил нест аз як чизи майдаи нафис ҷудо шавад” (Р.А. Лэйдлоу).

Исоро чун Худованди худ эътироф намудан. Мо чӣ тавр инро ба ҷо оварда метавонем? Ин қарорро мо бошуурона қабул мекунем. Дар ҳаёт он лаҳзаи қатъие фаро мерасад, ки мо бори аввал ҳама чизро ба дастони Ӯ месупорем, ва Ӯ шахсан ба идора кардани ҳар як соҳаи ҳаёти мо шурӯъ мекунад. Акнун мо пурра бебозгашт ва қатъӣ аз они Ӯ ҳастем.

Акнун ин таҷрибаи рӯзмарра мешавад, ки мо ҳар дақиқа ба супоришҳои Ӯ итоат карда, имкон медиҳем, ки Ӯ ба воситаи мо зиндагӣ кунад. Лаҳза раванд мешавад.

Ва ин қарори хеле оқилона аст! Охир Ӯ, ки меҳрубон, хирадманд ва тавоно аст, ҳаёти моро аз худамон хеле беҳтар сариштa карда метавонад.

# 1 МАРТ

**“Оё рӯз дувоздаҳ соат нест?”**

*(Юҳанно 11:9)*

Вақте Исо пешниҳод кард, ки ба Яҳудо баргарданд, шогирдони Ӯ ба даҳшат омаданд. Охир, навакак яҳудиён Ӯро сангсор карданӣ шуданд, аммо Ӯ дар бораи баргаштан фикр мекунад. Дар ҷавоб ба тарси шогирдон Исо гуфт: “Оё рӯз дувоздаҳ соат нест?” Дар аввал ба назари кас чунин менамояд, ки ин савол ба тамоми он сӯҳбат робита надорад. Дар асл бошад, Наҷотдиҳанда кӯшиш мекард ҳақиқати муҳимро фаҳмонад. Рӯзи корӣ дувоздаҳ соат давом мекунад. Агар одам худро пурра ба дасти Худо супурда бошад, он гоҳ Ӯ барои ҳар рӯз нақшаи корро тартиб додааст. Барои дар ҳаёт татбиқ кардани ин нақша ҳеҷ чиз халал расонда наметавонад. Бинобар ин, ҳатто агар Исо ба Уршалим баргардад ва яҳудиён Ӯро куштанӣ шаванд ҳам, онҳо ба мақсади худ намерасанд. Кори Ӯ ба анҷом нарасида буд. Вақти Ӯ ҳанӯз нарасидааст.

Дар бораи ҳар фарзанди Худо гуфтан мумкин аст, ки “то замоне ки кори ӯ ба анҷом нарасад, ӯ намиранда аст”. Ин фикр бояд ба дилҳои мо осоиш ва оромӣ оварад. Агар мо дар ҳаёти худ хости Худоро ба ҷо оварда, қоидаҳои оқилонаи бехатарӣ ва нигоҳдории саломатиро риоя намоем, мо як сония ҳам пештар аз мӯҳлате ки Худо муайян намудааст, намемурем. Ҳеҷ чизе ки Ӯ иҷозат надодааст, бо мо рӯй дода наметавонад.

Аксари масеҳиён ҳамеша дар хусуси хӯроки мехӯрдаашон, оби менӯшидаашон, ҳавои нафас мекашидаашон дар ташвиш зиндагӣ мекунанд. Дар рӯзҳои мо дар хусуси ифлосшавии муҳити зист бисёр сухан меронанд, ва бовар накардан душвор аст, ки марг аллакай дар назди дар меистад. Аммо тамоми ин ташвишот комилан бар абас мебошанд. “Оё рӯз дувоздаҳ соат нест?” Оё Худо гирдогирди имондор мисли гирдогирди Айюб ҳисор насохтааст (Айюб 1:10), ва оё иблис бар зидди ин нотавон нест?

Агар мо ба ин бовар мекарда бошем, мо худро бо чунин фикрҳо азоб намедиҳем: “Оҳ, кошки...”, “Кошки ёрии таъҷилӣ барвақтар меомад”, “Кошки духтур чор ҳафта пеш варамро ошкор мекард” ё “Кошки вай бо ҳавопаймои дигар мерафт”. Оне ки ҳаётҳои моро ба нақша гирифтааст, дорои хиради абадӣ ва тавоноист. Барои ҳар яки мо Ӯ ҷадвали бисёр хуб тартиб додааст, ва қаторахои Ӯ айнан аз рӯи ҷадвал мераванд.

# 2 МАРТ

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: муҳаббат”**

*(Ғалотиён 5:22)*

Дар аввали ҷумла омадани “аммо самари Рӯҳ” таъкид мекунад, ки тамоми некӯкориҳоеро, ки баъд номбар мешаванд, ба мо танҳо Рӯҳулқудс дода метавонад. Онҳоро дар ғайримасеҳӣ ёфтан номумкин аст. Ҳатто имондори ҳақиқӣ қобил нест онҳоро худаш “ҳосил кунад”. Инҳо атоҳои файз ҳастанд, ва бинобар ин фавқулода мебошанд, ва дар ин ҷаҳон ҳеҷ чиз ба онҳо монанд нест.

Ҳамин тавр, масалан, муҳаббате ки ин ҷо дар борааш сухан меравад, “эрос”-и ишқ, “филия”-и дӯстӣ, “торге”-и дилбастагӣ намебошад. Он “агапе аст, яъне муҳаббате ки Худо нисбат ба мо зоҳир намуд ва мо низ онро бояд ба дигарон зоҳир кунем.

Ана намунаи чунин муҳаббат. Доктор Т. Э. Маккалӣ падари Эд Маккалӣ, яке аз панҷ башоратдиҳандагони ҷавон буд, ки аз ҷониби ҳиндуҳои қабилаи Аука дар Эквадор кушта шуда буданд. Боре дар шаҳри Оак Парк, иёлати Иллинойс, вақте Маккалӣ ва ман дар зону истода дуо мекардем, фикрҳои вай боз ба Эквадор, ба дарёи Курарай равона шуданд, ки асрори ҷои мавҷудияти бадани Эдро нигоҳ медошт. Вай дуо мекард: “Худованд, бигузор ман то рӯзе расам, ки қотилони писарони мо наҷот ёбанд, ва ман тавонам онҳоро ба оғӯш гирифта, гӯям, ки онҳоро дӯст медорам, зеро онҳо Масеҳро дӯст медоранд”. Вақте ки мо аз сари зону хестем, ман дидам, ки дар рухсораи вай ашк ҷорӣ мешуд.

Худо ба ин дуои муҳаббат ҷавоб гардонд. Баъдтар, баъзе аз ин ҳиндуҳои қабилаи Аука ба Исо имон оварданд. Маккалӣ ба Эквадор сафар карда намуда, бо онҳое вохӯрд, ки писарашро кушта буданд, ва онҳоро ба оғӯш гирифта гуфт, ки онҳоро дӯст медорад, зеро онҳо Масеҳи вайро дӯст медоранд.

Маҳз ҳамин муҳаббат “агапе” аст. Он боадолат аст, мекӯшад ба ҳама, ба назарногирон ва зебоён, бадхоҳон ва дӯстон меҳрубонӣ кунад. Он фидокорона аст, ва нархи баланд онро бознамедорад. Он ҷоннисор буда, эҳтиёҷоти дигаронро аз эҳтиёҷоти худ авлотар медонад. Он пок аст, дар он ҳатто нишонаи оштинопазирӣ, ғурур, ҳасад, интиқомҷӯӣ ва кина нест.

Муҳаббат некӯии қиматбаҳотарин дар ҳаёти масеҳист. Бе он ҳатто олиҳимматтарин кӯшишу ғайрати мо ба як пули сиёҳ ҳам намеарзад.

# 3 МАРТ

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: ...шодӣ”**

*(Ғалотиён 5:22)*

Шахс то замоне ки Худовандро дарк накунад, шодии ҳақиқиро эҳсос карда наметавонад. Фақат ҳамон гоҳ вай ба он чи ворид мешавад, ки Петрус “шодмонии васфнопазир ва пурҷалол”(1Петрус 1:8) меномад.

Ҳар кас метавонад шодӣ намояд, вақте дар ҳаёти вай ҳама чиз бомуваффақият мешавад, аммо ҳеҷ вазъияти берунӣ он шодиеро ки Рӯҳулқудс ба мо медиҳад, дода наметавонад. Ин шодмонӣ аз муносибатҳои мо бо Худо, аз ваъдаҳои гаронбаҳое ки Худо ба мо додааст, ибтидо мегирад. Барои аз ин шодмонӣ маҳрум намудани Ҷамоат аввал бояд Масеҳро аз ҳокимияташ маҳрум кард.

Шодмонии масеҳӣ бо азоб ҳамзист буда метавонад. Павлус онҳоро якҷоя печ дар печ карда, мегӯяд, “...ки бо шодӣ дорои ҳар сабр ва тоқат бошед” (Қулассиён 1:11). Муқаддасон дар Тасолуникӣ суханро “дар ранҷи бисёр бо шодии Рӯҳулқудс” қабул карданд (1 Тасолуникиён 1:6). Дар тамоми асрҳо уқубаткашони пок дар бораи он шаҳодат медоданд, ки чӣ тавр Худованд ба онҳо шабона суруд ато мекард.

Шодмонӣ бо андӯҳ ҳамзист буда метавонад. Имондор метавонад назди қабри ёри дӯстдошта истад, дили вайро дарди гум кардани ёр азоб хоҳад дод, аммо вай шодӣ хоҳад кард, зеро медонад, ки одами дӯстдоштааш акнун бо Худованд аст.

Вале шодмонӣ асло бо гуноҳ ҳамзист буда наметавонад. Ҳар боре ки масеҳӣ гуноҳ мекунад, суруди шодии вай хомӯш мешавад. Ва ӯ танҳо ҳамон вақт боз дорои шодии наҷот мегардад, ки ба гуноҳаш иқрор шуда, аз он даст мекашад.

Исо ба шогирдони Худ мегуфт, ки вақте онҳоро “дашном диҳанд ва таъқиб намоянд ва ҳар сухани баде бо дурӯғ” гӯянд, онҳо бояд шодӣ кунанд (Матто 5.11-12). Ва онҳо дар ҳақиқат шодӣ мекарданд! Мо мехонем, ки пас аз якчанд сол онҳо шодикунон толори маҳкамаро (судро) тарк карданд, зеро “ба хотири номи Исо сазовори беҳурматӣ гардида буданд” (Амалҳо 5:41).

Ҳар қадар мо дар шинохтани Худованд нашъунамо ёбем, ҳамон қадар шодмонии мо зиёд мешавад. Дар аввал мо бо бесарусомонии хурд, бемориҳои бардавом, мушкилоти рӯзмарра рӯ ба рӯ шуда, шодмонӣ карда метавонем. Аммо Рӯҳи Худо мехоҳад, то мо ба он ҳолате расем, ки ҳатто дар вазъиятҳои хеле даҳшатнок ба Худо рӯ оварем ва шодмонӣ карда, донем, ки роҳи Ӯ барои мо беҳтарин аст. Мо ба балоғати рӯҳонӣ расидаем, агар ҳамроҳи Ҳабаққуқ гуфта тавонем: “Агарчи дарахти анҷир гул накунад, ва токҳо бор наоварад, ва меваи зайтун мувофиқи чашмдошт набошад, ва киштзорҳо ҳосил надиҳад, ва гӯсфандон аз қӯра талаф шаванд, ва говҳо дар оғил мавҷуд набошанд, ман дар Худованд шод хоҳам буд, ва дар Худои наҷоти худ ба ваҷд хоҳам омад” (Ҳабаққуқ 3:17-18).

# 4 МАРТ

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: ...осоиш”**

*(Ғалотиён 5:22)*

Бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиш дорем (Румиён 5:1). Ин маънои онро дорад, ки душманӣ байни мо ва Худо қатъ шудааст, зеро Масеҳ сабаби асосии ин душманиро, яъне гуноҳҳои моро несту нобуд кард.

Инсофи мо ором аст, зеро мо медонем, ки кори наҷот ба охир расидааст, Масеҳ музди гуноҳҳои моро пардохт ва Худо онҳоро фаромӯш кард.

Лекин Рӯҳулқудс мехоҳад ба дилҳои мо шодмонии осоиштагии Худоро низ диҳад. Ин ҳамон осудагӣ ва оромиест, ки дар ҷони ҳар як имондор сокин аст, зеро вай медонад, ки қисматаш дар дасти Худост ва бо вай фақат ҳамон чи рӯй дода метавонад, ки мувофиқи хости Худо аст.

Бинобар ин, вақте шинаи чархи мошинамон дар роҳи мошингарди пур аз мошин кафад, мо ташвиш намекашем. Агар аз сабаби кори бади нақлиёт ба ҳавопаймо дер кунем, мо рӯҳафтода намешавем. Мо ҳатто ҳангоми садамаи мошин ором хоҳем буд. Ва ё агар дар ошхона колонкаи газ таркад.

Ин самари Рӯҳ ба мо имконият медиҳад, то монанди Петрус дар зиндон сахт хоб равем, монанди Истефанус дар бораи кушандагони худ дуо гӯем, монанди Павлус ҳангоми ғарқшавии киштӣ дигаронро зиндадил созем.

Вақте ҳавопаймо ба фалокат дучор гардад, вақте он монанди паре дар тӯфон аз як тараф ба тарафи дигар партофта шавад, вақте амплитудаи пасту баландшавии қанотҳо чунон бузург аст, ки гӯё онҳо худи ҳозир шикаста ҷудо мешаванд, ва ҳар боре ки ҳавопаймо якпаҳлу шуда, зуд аз боло ба поён меояд ё аз нав ногаҳон ба боло меравад, доду фарёди мусофирон баланд мешавад, ин осоиш ба имондор қувват медиҳад, то сарашро хам карда, ҳаёти худро ба ихтиёри Худованд супорад ва барои ҳар он чи рӯй медиҳад, Худоро ҷалол диҳад.

Ё мисоли дигар: Рӯҳи Худо метавонад ба мо осоиш диҳад, вақте мо дар ҳуҷраи духтур нишаста, суханони вайро мешунавем: “Ман бояд ба шумо хабари нохуш диҳам: ин варам бадсифат аст”. Ӯ метавонад ба мо қувват диҳад, ки чунин ҷавоб диҳем: “Духтур, марг маро ба ҳарос намеоварад. Ман бо файзи Худо наҷот ёфтаам, ин барои ман маънои аз бадан рафтанро дорад, то дар хона, бо Худованд бошам”.

Дар яке аз сурудҳои Бикерстит чунин суханон ҳастанд: “мо метавонем осоишӣ дошта бошем, осоиши комил дар дунёи торики гуноҳ... ки дар он аз боиси бисёр будани корҳои таъҷилӣ фурсати нафас рост кардан нест... вақте мо бо ҳалқаи зичи ғаму андӯҳ иҳота шудаем... вақте ёрони мо аз мо хеле дуранд... ва ояндаи мо бо пардаи бедаракӣ пинҳон аст”, чунки “мо Исои дар тахт нишастаро мешиносем”.

# 5 МАРТ

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: ...пурсабрӣ”**

*(Ғалотиён 5:22)*

Пурсабрӣ некӯкориест, ки ба тамоми душвориҳои ҳаёт на фақат устуроворона ва босаброна, балки ҳатто бо шодӣ тоб меоварад. Гоҳо пурсабрӣ дар муносибати мо ба вазъиятҳои бад зоҳир мешавад, аммо аксар вақт ин муносибати меҳрубонона ва босаброна ба рафтори асабикунандаи одамон мебошад.

Худо ба одамон пурсабр аст. Дақиқае фикр кунед, ки то чӣ андоза дар замони мо одамизод ба гуноҳ ғӯтидааст – иҷозати расмӣ барои фоҳишагӣ, тарғиботи бачабозӣ, қонунҳое ки бачапартоиро иҷозат медиҳанд, вайроншавии оила, исён ба муқобили ҳар гуна меъёри ахлоқӣ, ва албатта гуноҳи бузургтарини одамизод – қатъиян инкор кардани Писари Худо чун Худованд ва Наҷотдиҳанда. Агар Худо қарор медод, ки одамизодро нобуд созад, аз эҳтимол дур аст, ки ягон кас Ӯро маҳкум мекард. Аммо Ӯ инро накард. Худо нобудшавии ягон касро намехоҳад, ва одамонро ба тавба даъват менамояд.

Худо мехоҳад, то пурсабрии Ӯ дар ҳаёти одамони Ӯ, ки дар ҳама чиз ба Рӯҳулқудс итоат мекунанд, инъикос ёбад. Ин маънои онро дорад, ки мо набояд тундмизоҷ ва зудранҷ бошем. Мо набояд аз онҳое ки ба мо дард овардаанд, қасос гирем. Ба ҷои ин мо бояд “пурсабрии ҳамаро мафтункунанда” зоҳир намоем.

Вақте Коррӣ ва Бетсӣ тен Бум ба лагери консентратсионӣ партофта шуданд, ба онҳо лозим омад, то азоби тоқатфарсо бинанд, ва Бетсӣ одатан такрор мекард, ки пас аз озод шудан онҳо бояд ба ин одамон ёрӣ диҳанд. Онҳо вазифадор хоҳанд буд, то барои ёрӣ додан ба ин одамон ягон усул ёбанд. Коррӣ, албатта фикр мекард, ки хоҳараш дар бораи офияти қурбониҳои фашистҳо мегӯяд. Ва фақат баъдтар вай фаҳмид, ки Бетсӣ азобдиҳандагони онҳоро дар назар дошт. Вай мехост роҳеро пайдо намояд, то ба воситаи он ба онҳо дӯст доштанро ёд диҳад. Коррӣ навишта буд: “Ман худро борҳо мепурсидам, ки ба ҳар ҳол ин хоҳари ман чӣ одаме буд... вай бо кадом роҳ мерафт, дар ҳоле ки ман пешпо хӯрда, аз пайи вай қад-қади роҳ мерафтам?”

Роҳе ки Бетсӣ бо он мерафт, роҳи пурсабрӣ буд. Ва Коррӣ, ҳарчанд инро инкор кунад ҳам, ҳамчунин бо ин роҳ мерафт.

## 6 МАРТ

**“Аммо самари Руҳ инҳост: ...меҳрубонӣ”**

*(Ғалотиён 5:22)*

Дар зери мафҳуми меҳрубонӣ мо муносибати нек, мулоим, ва олиҳимматонаро ба дигарон дар назар дорем, ки омодагиро барои ёрдам ба одамон ва зоҳир намудани диққат ё дилсӯзӣ ба вуҷуд меорад. Одами меҳрубон боадаб аст, на дағал, ҳамдардӣ мекунад, на бепарвоӣ, барои ёрдам додан омода аст, ва бепарвоёна рӯ намегардонад. Вай хушмуомила, боодоб, нек ва саховатманд аст.

Албатта, беимонон ҳам метавонанд ба ҳамдигар раҳмдилӣ намоянд. Аммо он меҳрубоние ки Рӯҳулқудс ба дилҳои мо ҷой медиҳад, ба ҳар ҳол фавқуттабиист. Он аз ҳар чи одам ба қувваҳои худ такя намуда ба ҷо меоварад, афзунтар аст. Он имондорро барои қарз додан водор мекунад, бе умеди он ки ягон вақт онро баргашта гирад. Он меҳмоннавозӣ мекунад, ва хизмати ҷавобиро интизор намешавад.

Он ба бадӣ бо некӣ ҷавоб медиҳад. Як масеҳии ҷавон ба донишҷӯи майзада, ки бо ӯ дар як донишгоҳ таҳсил мекард, маҳз ҳамин меҳрубониро зоҳир кард. Ин майзада чунон нафратовар рафтор мекард, ки ҳеҷ кас бо вай ягон кор доштан намехост, ва ниҳоят ӯро аз ҷои зист дар хобгоҳ маҳрум намуданд. Масеҳӣ дар ҳуҷраи худ боз як кат монда, майзадаро даъват кард, ки дар ҳуҷраи ӯ зиндагӣ кунад. Чандин маротиба ба масеҳӣ лозим омад, ки аз фарш ва асбоби бисоти хона хӯроки қайшудаи ҳамсояашро тоза кунад, либосҳояшро кашад, вайро оббозӣ кунонад, ва ба ҷойгаҳ хобонад. Ин намунаи бузурги меҳрубонии масеҳӣ буд.

Ва он самари худро овард. Боре, ҳангоми ҳушёр буданаш, ҷавони гумроҳ бо асабоният пурсид: “Гӯш кун, чаро ту ҳамаи инро мекунӣ? Ба ту чӣ даркор аст?” Масеҳӣ ҷавоб дод: “Ҷони ту” – ва дар охир вай ба мақсади худ расид.

Боре Айронсайд ҳангоми ба тартиб овардани таҳхонаи худ барои ёрӣ ба кӯҳнафурӯши яҳудӣ муроҷиат кард, то вай коғаз, маҷаллаҳо ва оҳани кӯҳнаро барад. Айронсайд вонамуд кард, ки гарму ҷӯшон савдо мекунад ва мекӯшад нархи хизмати кӯҳнафурӯшро паст кунад, аммо дар ниҳоят кӯҳнафурӯш ба ҳар ҳол ғолиб омад. Вақте ки вай чизҳъои кӯҳнаро бор карда, борти мошини боркаши худро пӯшида истода буд, доктор вайро ҷеғ зада гуфт: “О, ман тамоман фаромӯш кардам! Ман мехостам ба Шумо ба номи Худованд Исо як чиз диҳам!” Ва ӯ ба кӯҳнафурӯш ним доллар дароз кард.

Ба кабина даромада, кӯҳнафурӯш ғур-ғур карда, гуфт: “Ҳаргиз касе ба ман ба номи Худованд Исо чизе надода буд”.

“Аммо самари Рӯҳ инҳост: .. .меҳрубонӣ”.

# 7 МАРТ

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: …некӯӣ”**

*(Ғалотиён 5:22)*

Некӯӣ, меҳрубонӣ, – хусусиятҳои фарққунандаи хислати масеҳии ба камол расида мебошанд. Касе онро “некӯкории универсалӣ” номида, дар назар дошт, ки одами дорои он дар ҳар соҳаи ҳаёт меҳрубон, некӯкор ва росткор мебошад.

Некӣ мафҳуми муқобили бадист. Одами бад метавонад дурӯғгӯй, бадахлоқ, хоин бошад; вай метавонад беадолат, бераҳм, худпараст, бадкина, маккор ё тундмизоҷ бошад. Аммо одами нек, аз камолот дур бошад ҳам, ростгӯ, одил ва дорои дигар хусусиятҳои хуб мебошад.

Дар нома ба Румиён 5:7 расул Павлус дар бораи фарқи миёни одами росткор ва некӯкор сухан меронад. Росткор ҳамеша боадолат ва софдилона рафтор мекунад, аммо дар ӯ хунукӣ ҳис карда мешавад. Аммо дили одами некӯкор, баръакс, пур аз муҳаббат ва меҳрубонист. Гумон намеравад, ки касе барои росткоре бимирад, вале шояд, барои ягон некӯкоре касе ба мурдан ҷуръат кунад.

Аммо мо набояд фаромӯш кунем, ки некӣ истодагариро низ зоҳир карда метавонад. Он гуноҳро рӯпӯш намекунад ва чашмонашро аз он намепӯшонад. Он метавонад ҳам огоҳӣ диҳад, ҳам ислоҳ кунад, ҳам ҷазо диҳад. Мисоли ин Исои Масеҳ буда метавонад, вақте ки Ӯ, худи таҷассуми некӣ, ибодатхонаро пок мекард.

Некӣ қобилияти нодири мағлуб кардани бадиро дорад. Павлус ба имондорон ба Рум навишта буд: “Ба бадӣ мағлуб нашав, балки бадиро бо некӣ мағлуб кун” (Румиён 12:21).

Агар мо ба нафрат бо нафрат ҷавоб диҳем, он гоҳ бадӣ моро мағлуб кардааст. Аммо агар мо дар худ қувват пайдо намоем, ки аз нафрат баланд истода, раҳмдилӣ, некӣ ва муҳаббатро зоҳир намоем, мо бадиро бо некӣ мағлуб мекунем.

Мёрдок Кэмпбелл дар бораи як ходими худотарсе нақл мекард, ки дар кӯҳҳои Шотландия зиндагӣ мекард ва занаш бо тамоми қувват кӯшиш мекард ҳаёти ӯро ба дӯзах табдил диҳад. Боре, вақте ки ӯ назди оташдон нишаста, Навиштаро мехонд, занаш китобро аз дасташ кашида гирифта, ба оташ партофт! Ӯ ба вай нигараста, оромона гуфт: “Ҳаргиз то ҳол оташ дар оташдон чунон фурӯзон набуд!” Некии вай бадиро мағлуб кард. Вай зани меҳрубон ва ғамхор шуд. Кэмпбэлл менависад: “Изобали вай ба Лидия табдил ёфт. Мушхори вай савсан шуд”. Некӣ ғалаба кард!

# 8 МАРТ

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: ...вафодорӣ”**

*(Ғалотиён 5:22)*

Аксари илоҳиётшиносон чунин меҳисобанд, ки ин самари Рӯҳ вафодорист. Ин на имон аст, ки наҷот меоварад, ва на таваккали рӯзмарраест, ки мо ба Худо мекунем. Балки ин дурусткорӣ, вафодорӣ ва эътимоднокии мост, хоҳ сухан дар бораи муносибатҳои мо бо Худованд равад ё бо одамони дигар. Касе гуфтааст, ки ин “вафодорӣ ба худ, ба табиати худ ва ба қавли худ аст”.

Вақте ки мо дар бораи шахсе мегӯем, ки ба қавли худ вафо мекунад, мо инро дар назар дорем, ки ҳангоми бо вай сару кор доштан тамоми созишномаҳоро ба шакли хаттӣ даровардан тамоман шарт нест. Агар ӯ кардани кореро ваъда дода бошад, ҳатман онро ба ҷо меоварад.

Масеҳии вафодор ба ҳамаи вохӯриҳо дар вақташ меояд, пардохти суратҳисобҳоро кашол намедиҳад, мунтазам дар ҷамъомадҳои ҷамоат иштирок мекунад, бе хотиррасонии иловагӣ супоришҳои худро ба ҷо меоварад.

Вай дар никоҳ вафодориро нигоҳ дошта, худро аз ӯҳдадориҳои оилавӣ канор намекашад. Ӯ ихтиёрона пулро барои кори Худованд пасандоз карда, вақт ва истеъдодҳои худро оқилона истифода мебарад.

Вафодор будан маънои онро дорад, ки ҳамеша бояд ба қавли худ вафо кард, новобаста ба он ки чӣ рӯй медиҳад. Вафодор он аст, ки “қасамаш ба зарари худаш бошад ҳам, онро тағйир надиҳад”(Забур 14:4). Дигар хел карда гӯем, вай даъватро ба хӯроки нисфирӯзӣ, ки аллакай қабул кардааст, рад намекунад, вақте ӯро ба ҷои дигар даъват мекунанд, ки он ҷо хӯрокҳо беҳтар буда, меҳмонон шавқовартар ҳастанд. Вай кори оғозшударо ба хотири рухсатӣ дар нимароҳ намепартояд. Ӯ хонаи худро бо нархи маслиҳатшуда мефурӯшад, ҳатто агар шахси дигар розӣ аст, ки барои он 10 000 доллар зиёдтар диҳад.

Аломати олии вафодорӣ – аз инкор намудани Масеҳ маргро авлотар донистан аст. Вақте подшоҳ аз масеҳӣ талаб намуд, ки савганди худро оиди вафодорӣ ба Масеҳ шиканад, вай дар ҷавоб шунид: “Ин савганд дар дил ба вуҷуд омадааст, даҳон онро талаффуз кардааст, даст онро навишта гирифтааст, ва агар лозим ояд, аз рӯи файзи Худо хун онро тасдиқ мекунад”. Вақте Поликарп бояд мобайни ҳаёт ва инкори Масеҳ интихоб мекард, вай маргро дар гулхан интихоб карда, гуфт: “Тамоми ин 86 сол ман ба Худованд хизмат мекардам, ва ҳозир наметавонам Худованд ва Наҷотдиҳандаи худро инкор намоям”.

Риёзаткашон то дами марг бовафо буданд ва тоҷи ҳаёт хоҳанд гирифт (Ваҳй 2:10).

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: ...фурӯтанӣ”**

*(Ғалотиён 5:23)*

Вақте калимаи “фурӯтанӣ” аз даҳони шахсе мебарояд, дар фаҳмиши аксари одамон тимсоли шахси заиф ва беҷуръат ба вуҷуд меояд. Аммо ин бо самари Рӯҳ ягон умумият надорад. Ин фурӯтанӣ на аз сустӣ, балки аз қувваи фавқуттабиӣ бармеояд.

Бо фурӯтанӣ имондор ҳар он чиро, ки Худо ба вай мефиристад, қабул мекунад. Вай бе ягон шикоят, шубҳа ва норозигӣ ба хости Худо итоат мекунад. Вай ҳамеша дар хотир дорад, ки “Худо бениҳоят хирадманд аст, то хато кунад, ва моро беҳад зиёд дӯст медорад, то ба мо зиён расонад”. Вай медонад, ки дар ҳаёти вай ҳеҷ чиз тасодуфан рӯй намедиҳад, ва боварӣ дорад, ки ҳамаи инро Худо барои фоидаи худи вай медиҳад.

Ин фурӯтаниро ҳамеша дар муносибатҳои имондор бо одамони дигар дидан мумкин аст. Ӯ ҳаргиз кӯшиш намекунад диққати дигаронро ба худ ҷалб намояд, балки дар соя меистад; вай на ҳавобаланд ва баландовоз, балки одӣ ва фурӯтан аст. Одами фурӯтан ҳамеша тайёр аст айби худро эътироф кунад. Агар вай ягон гапи нодуруст гӯяд ё кори нодуруст кунад, метавонад ҷилави ғурури худро кашида, гӯяд: “Ман ноҳақам. Лутфан, маро бубахшед!” Барои вай нигоҳ доштани эҳтироми худ аз обрӯ дида муҳимтар аст. Вақте ки бояд барои поквиҷдонии худ азоб кашад, вай ба ҳама чиз босаброна тоб оварда, фикри интиқомро ба сараш роҳ намедиҳад. Вақте ки зидди вай шаҳодати бардурӯғ медиҳанд, вай кӯшиш намекунад, то худро ҳимоят намояд. Тренч гуфтааст, ки масеҳии фурӯтан таҳқир ва тӯҳмати дигаронро чун воситае қабул мекунад, ки аз ҷониби Худо барои ҷазо додан ва пок кардани вай истифода бурда мешавад.

Касе гуфтааст, ки ҳақиқатан он шахс фурӯтан аст, ки “ба хашм наомада, хости Худоро қабул мекунад; шахсе ки метавонад нек ва меҳрубон бошад, чунки вай дорои қувваи дарунист; шахсе ки қобил аст дар ҳама чиз ва ҳамеша ба Худо итоат намояд”. Вақте яке аз аҳли ҷамоат ба доктор Александр Уайт дар бораи он нақл кард, ки як ходими масеҳиро дар беимонӣ айбдор кардаанд, Уайт хеле ба ғазаб омад. Аммо вақте ки ин шахс илова кард, ки худи Уайтро низ имондори ҳақиқӣ намеҳисобанд, вай оҳиста гуфт: “Лутфан, маро танҳо гузоред, то ман дар назди Худованд санҷида тавонам, ки дар дили ман чӣ ҳаст”. Ин фурӯтанӣ буд.

Мо даъват шудаем юғи Онеро, ки “нармдил ва фурӯтан” аст, қабул намоем. Вақте ки мо инро мекунем, барои ҷонҳои худ оромӣ меёбем ва ягон рӯз тамоми заминро ба мерос мегирем.

# 10 МАРТ

**“Аммо самари Рӯҳ инҳост: ... худдорӣ”**

*(Ғалотиён 5:23)*

Дар бораи самари охирини Рӯҳулқудс сухан ронда, ҳозир аксар вақт калимаи “худназораткунӣ”-ро истифода мебаранд. Калимаи “худдорӣ”-ро шунида, аксари одамон дарҳол дар бораи маҳдудияти нӯшидани машруботи спиртдор фикр мекунанд. Бо калимаи “худназораткунӣ” бошад, муътадилӣ ва худдорӣ дар ҳар соҳаи ҳаёт дар назар дошта мешавад.

Рӯҳулқудс ба имондор қувват медиҳад, то фикрҳои худро, иштиҳои худро дар сари дастархон, сухани худро, ҳаёти ҷинсии худро, феъли худро ва тамоми дигар ҷиҳатҳои ҳаёти шахсии худро, ки аз ҷониби Худо ба вай ато шудаанд, назорат кунад. Ӯ намегузорад, ки ягон хел рағбат ё шавқ ӯро ба бандаи худ табдил диҳад.

Павлус ба қуринтиён хотиррасон мекунад, ки варзишгарон ҳама чизро зери назорати худ нигоҳ медоранд (1Қуринтиён 9:27). Худи ӯ дар ҳама гуна вазъият доимо ҳушёр буд, ва ғулом шуданро нахоста (1Қуринтиён 6.12), ҷисми худро азоб медод ва ғулом мегардонд, то ки ба дигарон мавъиза намуда, худаш маҳрум набошад”(1Қуринтиён 9:27).

Масеҳии боинтизом аз пурхӯрӣ худдорӣ мекунад. Агар вай ҳис кунад, ки бе қаҳва ва чой зиндагӣ карда наметавонад, вай онҳоро аз рӯйхати хӯрокҳои худ хат мезанад. Вай роҳ намедиҳад, ки тамоку бар ҳаёташ ҳукфармо шавад. Вай дар истеъмоли доруи тасаллобахш ва доруи хоб хеле боэҳтиёт аст. Вай вақти барои хоб ҷудошударо назорат мекунад. Агар шаҳват душмани қаттоли вай бошад, вай дур кардани фикрҳои ифлосро ёд гирифта, диққати худро ба чизҳои пок ва фоиданок равона месозад, ва ҳаргиз бекор намешинад. Дар ҳар одати фалокатовар, дар ҳар камбудӣ вай симои Ҷолётеро мебинад, ки бояд мағлуб карда шавад.

Аксар вақт масеҳиён шикоят мекунанд, ки аз кадом як одати бад халос шудан наметавонанд. Ин гуна кайфият ҳатман ба мағлубият оварда мерасонад. Охир онҳо бо ин суханон тасдиқ мекунанд, ки Рӯҳулқудс наметавонад ба онҳо қувват диҳад, то бар камбудии муайян ғолиб оянд. Лекин, охир, ҳатто одамони беимон, ки Рӯҳулқудс надоранд, дар худ қувват меёбанд, то тамокукашӣ, нӯшидани машруботи спиртдор, иштирок дар қиморбозӣ ва носазо гуфтанро бас кунанд. Ба муваффақият ноил шудани масеҳиён хеле осонтар аст, охир онҳо ба тавоноии Рӯҳе ки дар онҳо сокин аст, такя карда метавонанд.

Худдорӣ, чун дигар ҳашт самари Рӯҳ, фавқуттабиӣ мебошад. Онро дошта, масеҳиён метавонанд худро ба андозае идора кунанд, ки ба ҳеҷ яки дигар имконнопазир аст.

# 11 МАРТ

**“Ҳанӯз ки бо даъвогари худ дар роҳ ҳастӣ, зуд бо вай оштӣ шав, то ки даъвогар туро ба қозӣ насупорад, ва қозӣ туро ба навкар насупорад, ва туро ба зиндон наандозанд”.**

*(Матто 5:25)*

Яке аз ҳақиқатҳое ки ин оят таълим медиҳад, мегӯяд, ки масеҳӣ бояд то ҳадди имкон аз мурофиаи маҳкамавӣ дурӣ ҷӯяд. Ин чунин табиист – бо умеди рӯёндани товони зарар ё интиқом гирифтан аз дилозор ба маҳкама муроҷиат кардан. Аммо имондор бояд мувофиқи принсипҳои аз аксуламали табиӣ наҷибтаре амал кунад. Хости Худо аксар вақт бо он чи барои ин ҷаҳон муқаррарист, мухолиф аст.

Имрӯз маҳкамаҳои (судҳои) моро мавҷи парвандаҳо оиди товони зарар ҳангоми садамаҳо, оиди мусоҳилакории ҷинояткоронаи духтурон, оиди талоқҳо ва мерос фаро гирифтаанд. Аксар вақт одамон бо умеди зуд сарватманд шудан ба ҳимоягар (адвокат) муроҷиат мекунанд. Аммо масеҳиён бояд масъалаҳои ҷанҷолиро на бо ёрии мурофиаҳои судӣ, балки бо муҳаббат яктарафа кунанд. Шахсе гуфтааст: “Ба мурофиаи судӣ ҷуръат карда, шумо дере нагузашта, асири он мегардед; он аз шумо охирин тангаро фишурда мебарорад”. Ниҳоят фақат ҳимоягар бурд мекунад: дар ҳар сурат вай ҳаққи худро мегирад. Дар як рӯзнома чунин расми ҳаҷвӣ чоп шудааст: даъвогар аз шоххҳои гов мекашад, ҷавобгар аз думаш, ҳимоягар бошад онро медӯшад.

Навишта ба маҳкама (суд) супоридани мурофиаи якдигарро барои масеҳиён манъ кардааст (1Қуринтиён 6). Агар мухолифатҳо ба вуҷуд оянд, онҳо бояд ба узви хирадманди ҷамоат муроҷиат кунанд. Аммо илова бар ин, онҳо бояд чунин ҳисобанд, ки беҳтараш фиребхӯрда ва озурдашуда монанд, назар ба ин ки қарори одилонаро дар судҳои дунявӣ ҷӯянд. Воқеан, дар ин маврид якбора аз рӯи замин мурофиаҳо оид ба бекоркунии ақди никоҳи масеҳиён нест мешуданд.

Аммо дар бобати мурофиаҳои судии байни имондорону беимонон чӣ? Оё масеҳиён набояд ҳуқуқҳои худро ҳимоя кунанд? Ман чунин меҳисобам, ки барои имконияти ба ҷаҳон нишон додани он ки то чӣ андоза Масеҳ дар ҳаёти ман нақши муҳимро мебозад, ҳуқуқҳои худро қурбон кардан мумкин аст. Барои ба маҳкама (суд) супоридани ягон кас камолоти рӯҳонӣ лозим нест. Аммо камолоти рӯҳонӣ барои он зарур аст, ки масъалаи ҷанҷолиро назди Худо оварда, онро чун имконияти шаҳодат оиди қувваи наҷотдиҳанда ва дигаргункунандаи Масеҳ истифода барем. Имондор бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳад, то бо ҳамаи одамон муросо кунад (Румиён 12:18).

“Як одам ба сохтани товора (деворча) дар миёни қитъаи худ ва ҳамсоя шурӯъ намуд. Ҳамсоя назди вай омада, гуфт: “Ин қитъаро харида, шумо ба гардани худ маҳкамабозиро овезон кардед. Дар асл қитъаи замине ки аз деворча дар тарафи шумо воқеъ аст, ба ман тааллуқ дорад” Ин одам ҷавоб дод: “Ман медонистам, ки дар ин ҷо ман ҳамсояи хеле хуб хоҳам дошт. Ман ба шумо ана инро пешниҳод карданӣ будам: Шумо худатон дар ҷое ки зарур аст, товора (деворча) созед, ҳисобро бошад ба ман фиристонед, ва ман пул хоҳам дод. Товора ҳамин тавр асло сохта нашуд!” (Э. Стэнлӣ Ҷоунс).

# 12 МАРТ

**“Он чи ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед”**

*(Матто 25:40)*

Албатта, Исо инро барои таҳсин ва рӯҳбаландкунӣ гуфт, аммо дар ин суханҳо огоҳии пешакӣ низ ҳаст, ки дар борааш нағзакак бояд фикр кард. Дар назари Ӯ муносибати мо ба бародарони Ӯ – муносибат ба худи Ӯст.

Муҳаббати худро ба Худованд Исо мо ҳар рӯз ба воситаи корҳои муҳаббат нисбат ба имондорони дигар нишон дода метавонем. Ба одамони Худо меҳмоннавозӣ зоҳир карда, мо дари хонаи худро барои Ӯ воз мекунем.

Агар Ӯ чун Шоҳи шоҳон ва Худованди худовандон меомад, ҳар як кас иштиёқманд мебуд, ки барои Наҷотдиҳанда ҳар чизи аз дасташ меомадаро ба ҷо оварад. Аммо аксар вақт Ӯ назди дари мо дар либоси хеле одӣ меояд, ва ин чиз сари моро гаранг мекунад. Лекин, охир, маҳз чӣ тавр бо бародарони хурди Ӯ муомила карданамон аз он шаҳодат медиҳад, ки мо бо Ӯ чӣ гуна муомила мекунем.

Боре як воизи худотарс, аммо аллакай солхӯрда, бо умеди ба муқаддасон расонидани ганҷҳои Калом ба як ҷамоат муроҷиат кард. Вай ягон истеъдоди махсус надошт ва суханвари барҷаста набуд, аммо хизматгори Худованд буд, ва мавъизаҳои ӯ бо қувваи Рӯҳулқудс гуфта мешуданд. Роҳбарони ҷамоат арз карданд, ки вай дар маҷлисҳои ҷамоат иштирок карда наметавонад, ва ба ӯ пешниҳод карданд, ки дар маҳаллаи сиёҳпӯстон мавъиза кунад. Вай маҳз ҳамин тавр кард, ва бародарон аз маҳалла ӯро гарму ҷӯшон қабул карданд. Вай ният дошт дар давоми ҳафта ҳар рӯз мавъиза кунад, аммо ногаҳон аз сактаи дил мурд. Ин монанди он аст, ки Худо ба бародарон аз ҷамоати бошукӯҳ чунин мегуфт: “Шояд вай ба шумо даркор набуд, аммо ба Ман даркор буд. Вайро рад карда, шумо Маро рад кардед”.

Дар шеъри худ “Дар бораи он ки чӣ тавр Меҳмони бузург омад” Эдвин Маркҳэм дар бораи як мӯзадӯзе нақл мекунад. Вай орзу мекард, ки Худованд назди вай ба меҳмонӣ ояд, ва ба ин мулоқот бо ҷидду ҷаҳд тайёрӣ медид. Аммо Худованд наомад. Лекин вақте бенавое омад, мӯзадӯз ба вай як ҷуфт кафш дод. Вақте дарро зани куҳансоле кӯфт, вай ӯро бо хӯрок сер карда, сабадашро то хонааш бурд. Вақте вай назди айвончаи дари даромади худ кӯдаки роҳгумкардаро дид, вайро пеши модараш бурд.

Ва боре дар хомӯшӣ овозе ба гӯши вай расид:
Андӯҳгин машав, охир Ман ба Қавли худ вафо кардам.
Се бор Ман назди дари Ту омадам,
Се бор Ман ба остонаи хонаи Ту қадам гузаштам.
Ман бенавое будам ва пойҳоям захмдор буданд,
Ман зане будам, ки се рӯз як пора нонро ҳам надидааст,
Ман кӯдаки роҳгумкардае будам, ки зор-зор мегирист.

**“Диққат диҳед, ки чӣ мешунавед”**

*(Марқус 4:24)*

Худованд Исо огоҳ мекунад, ки ҳангоми интихоби он чи гӯш мекунем, бояд хеле боэҳтиёт бошем. Мо бояд на фақат назорат кунем, ки ба воситаи узвҳои шунавоӣ чӣ ба майнаи мо медарояд, балки ҳамчунин маълумоти гирифташударо дуруст истифода барем.

Мо набояд ба дурӯғи ошкоро гӯш кунем. Фирқаҳо дар ҳаҷмҳои боварнакарданӣ таблиғот мебаранд. Онҳо монда нашуда шахсонеро меҷӯянд, ки барои гӯш кардани онҳо тайёранд. Юҳанно мегӯяд, ки мо на фақат бояд дар хонаи худ фирқагаронро қабул накунем, балки ба онҳо ҳатто салом нагӯем. Онҳо душманони Масеҳ мебошанд.

Мо ба он чи имони моро барбод медиҳад, набояд гӯш диҳем. Ҷавонон дар коллеҷҳо, донишгоҳҳо ва семинарҳо аксаран маҷбуранд он чиро шунаванд, ки муаллимони онҳо дар бораи шубҳаҳои худ ба ҳаққонияти Каломи Худо ё дар бораи пурра эътироф накардани Навишта мегӯянд. Онҳо мешунаванд, ки дар муъҷизот ягон чизи фавқуттабиӣ набуд, ва Худованд Исо танҳо муаллими барҷаста буд ва суханони Навиштаи Муқаддасро ба маънои аслӣ қабул кардан лозим нест. Чунин чизро ҳар рӯз шунида ва ба зери таъсири фасодангези он наафтодан имконнопазир аст. Ҳатто агар имони донишҷӯ тоб оварад ҳам, ақли вай фасод хоҳад шуд. “Оё мумкин аст, ки касе оташро дар бағали худ гирад, ва либосҳояш насӯзад? Ё касе бар оташпораҳо роҳ равад, ва пойҳояш насӯзад?” (Масалҳо 6:27-28). Ҷавоб равшан аст: “Не”.

Мо набояд ба суханони ифлос ва қабеҳ гӯш диҳем. Ҷаҳони мо дар чирк ва пасмондаҳо меғӯтад, аммо чирки аз ҳама хатарнок дар ақлҳои мо таҳшин мешавад. Аксари рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, китобҳо, барномаҳои радио ва телевизион, филмҳои ҳунарӣ ва сӯҳбатҳоро метавон бо як калима тасвир кард – қабоҳат. Агар масеҳӣ ҳамеша зери таъсири онҳо бошад, хатари он вуҷуд дорад, ки фаҳмиши нафратангез будани гуноҳро гум мекунад. Ва кошки фақат ҳамин мебуд! Агар мо дари ақли худро ба ҳикояҳои ганда ва ношоиста кушоем, онҳо роҳ меёбанд, то дар лаҳзаҳои муқаддастарини ҳаёт дар шуурамон ба боло бароянд.

Мо набояд сари худро бо суханони бемаънӣ ва бефоида пур кунем. Барои ин ҳаёти мо хеле кӯтоҳ ва вазифаи мо хеле таъҷилист. “Дар дунёи ба дунёи мо монанд ҳама чиз бояд ҷиддӣ бошад”.

Мо бояд ҷиддӣ ва бо диққат ба Каломи Худо гӯш диҳем. Ҳар қадар ақли худро бо Каломи Худо пур кунем, ҳар қадар бештар мувофиқи дастуроти он амал намоем, ҳамон қадар бештар андешаҳои Худо андешаҳои мо мешаванд, ҳамон қадар бештар мо ба Масеҳ монанд мешавем, ҳамон қадар дар миёни мо ва ин дунёи ифлос ва фосид ҷарӣ фарохтар мешавад.

## 14 МАРТ

**“Эҳтиёт кунед, ки чӣ гуна мешунавед”**

*(Луқо 8:18)*

Барои масеҳӣ на фақат хеле муҳим аст, ки вай чӣ мешунавад, балки чӣ тавр мешунавад.

Кас метавонад Каломи Худоро дар бепарвоии мутлақ гӯш кунад. Кас метавонад Навиштаро чун ҳар китоби дигар хонда, парвои онро надошта бошад, ки ба воситаи он бо мо Худои қудратманд гап мезанад.

Кас метавонад бо табассуми беэътиборона гӯш кунад. Ҳамин тавр мо ақли одамиро аз Навишта баланд мегузорем. Мо ҳуқуқи ҳукм кардани Навиштаро аз они худ мекунем, ба ҷои он ки бигзорем, то Навишта моро ҳукм кунад.

Кас метавонад гӯш карда, ҳамон замон тамоми чизи шунидаашро инкор кунад. Вақте мо ба ҷойҳое мерасем, ки сухан дар бораи талаботи қатъии Худованд ба пайравонаш меравад, ва низ дар бораи он сухан меравад, ки зан бояд ба шавҳари худ итоат намуда сарашро бо рӯймол пӯшонад, мо ба ғазаб омада, ба таври қатъӣ аз итоат кардан даст мекашем.

Мо, монанди он шахс дар Номаи Яъқуб, метавонем шунавандагони фаромӯшхотир бошем, ки “тарҳи рӯяшро дар оина мебинад: ба чеҳраи худ нигоҳ карду рафт, ва дарҳол фаромӯш кард, ки он чӣ гуна аст” (Яъқуб 1:23-24).

Аммо беш аз ҳама шунавандагоне вомехӯранд, ки дилҳои “дағалшуда” доранд. Онҳо Каломро чунон зуд-зуд ва бисёр мешуниданд, ки ҳар гуна шавқро ба он гум кардаанд. Онҳо ба таври механикӣ мавъизаро гӯш мекунанд. Барои онҳо ин гарчанде одат шуда бошад ҳам, бефоида ларзондани ҳаво аст. Онҳо аз ҳад зиёд сер шудаанд; дар чашмони онҳо чунин саволро хондан мумкин аст: “Хайр ту ба ман чӣ гуфта метавонӣ, ки ман ҳанӯз онро нашунида бошам?

Ҳар қадар мо Каломи Худоро шунида, онро ба ҷо наоварем, ҳамон қадар онро камтар мефаҳмем. Агар мо гӯш карданро рад кунем, мо қобилияти шунавоиро гум мекунем. Бо иззат, бо итоат ва хеле ҷиддӣ гӯш кардан лозим аст. Мо бояд Навиштаро бо нияте кушоем, ки ҳар чи он мегӯяд, иҷро кунем, ҳатто агар инро ҳеҷ каси дигар ба ҷо наоварад ҳам. Хирадманд ҳамон аст, ки на фақат мешунавад, балки иҷро ҳам мекунад. Худованд касонеро меҷӯяд, ки пеши сухани Ӯ ба ларза меоянд (Ишаъё 66:2).

Павлус шод буд, ки тасолуникиён сухани Худоро шунида, онро “на ҳамчун каломи одамизод, балки ҳамчун каломи Худо” қабул карданд (1Тасолуникиён 2:13). Мо низ бояд диққат диҳем, ки чӣ тавр мешунавем.

## 15 МАРТ

**“Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро мераҳонад”**

*(Луқо 9:24)*

Мо, имондорон, метавонем ҳаёти худро бо ду роҳ ихтиёрдорӣ намоем: мо метавонем кӯшиш кунем, то онро бираҳонем ва ё дидаву дониста онро барои Масеҳ гум кунем.

Кӯшиши раҳонидани он роҳи табиитарин аст. Мо метавонем танҳо барои худ зиндагонӣ карда, кӯшиш намоем, то аз ҳар гуна душвориҳо ва чизҳои нобоб канораҷӯӣ кунем. Мо метавонем нақшаҳои ҳилагарона тартиб диҳем, то аз мушкилот ва дарди талафот барканор монем. Мо метавонем хонаи худро ба қалъа табдил дода, дар дарвозаҳо лавҳаеро овезон кунем, ки дар он чунин навишта шудааст: “Даромадани бегонагон манъ аст”. Он фақат барои оила аст, барои бегонагон ин ҷо шод нестанд. Қарор қабул карда, мо дар навбати аввал андеша мекунем, ки чӣ тавр ин ба ҳаёти шахсии мо таъсир мекунад. Агар онҳо аз мо талаб намоянд, ки нақшаҳои худро аз нав дида бароем, барои ёрӣ додан ба дигарон меҳнати зиёд кунем ё чуқуртар ба ҳамёни худ дароем, он гоҳ: “Не, раҳмат”. Мо ба саломатии ҷисмонии худ диққати зиёд медиҳем, бинобар ин ҳар гуна хизмате ки бо шабҳои бехобӣ, тамос бо беморӣ ё марг, бо ҳар гуна хатари ҷисмонӣ робита дорад, барои мо номақбул мебошад. Беҳбудии шахсии мо аз эҳтиёҷоти атрофиён хеле баланд меистад. Бо як сухан гӯем, тамоми ҳаёти мо барои писанд омадан ба ҷисм бахшида шудааст, ки онро пас аз якчанд сол кирмҳо мехӯранд, агар Худованд наояд.

Барои раҳонидани ҳаёти худ кӯшиш карда, мо онро барбод медиҳем. Мо дар бенавоии ҳаёти худпарастона азоб кашида, тамоми баракатҳои ҳаёт барои дигаронро барбод медиҳем.

Интихоби дигар ин аст: дар роҳи Масеҳ ҳаёти худро барбод дода, имкон диҳем, ки он ҳаёти хизматгузорӣ ва фидокорӣ шавад. Акнун мо бефоида ҷонро ба хатар намендозем, тоҷи риёзаткашро ҷӯё намешавем, балки ҳар ҳолате ки бошад, вазифаи худро иҷро мекунем. Ҷон ва ҷисми худро мо назди Худо мегузорем, ва ҳангоме метавонем ба Ӯ ягон чиз тақдим намоем ва вақте ки Ӯ метавонад моро истифода барад, мо инро хушбахтӣ мешуморем. Дари хонаи мо барои ҳама кушода аст, қуфлҳо аз сандуқҳо гирифта шудаанд, вақти мо ба онҳое тааллуқ дорад, ки ба ин эҳтиёҷ доранд.

Ҳаёти худро саховатмандона ба Масеҳ ва одамон бахшида, мо он чиро, ки дар ҳақиқат ҳаёт номида мешавад, ба даст меоварем. Ҳаёти худро барбод дода, мо онро мераҳонем.

## 16 МАРТ

**“Ҳар кӣ дорад, ба вай дода мешавад; лекин ҳар кӣ надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта мешавад”**

*(Луқо 19:26)*

Дар бораи “ҳар кӣ дорад” сухан ронда, Исо на фақат онро дар назар дошт, ки вай чизе дорад, балки онро низ дар назар дошт, ки вай ба ҳамаи он чи замоне омӯхтааст, итоат мекунад, ва он чиро ки як вақтҳо ба ӯ дода шудааст, истифода мебарад. Дигар хел карда гӯем, на фақат чизе доштан, балки дуруст кор фармудани он низ муҳим аст.

Ҳангоми омӯзиши Китоби Муқаддас маҳз мувофиқи ин принсип амал карданамон лозим аст. Ҳангоме мо он чиро, ки Худо аллакай ба мо ошкор кардааст, пайравӣ мекунем, Ӯ ба мо боз ҳам зиёдтар ошкор мекунад. Ба камолоти рӯҳонӣ ҳамон кас зудтар мерасад, ки қатъиян қарор додааст ҳамаи гуфтаҳои Навиштаро ба ҷо оварад, ҳатто агар ҳеҷ каси дигар чунин накунад ҳам.

Дигар хел карда гӯем, нақши асосиро на фаросат, балки итоаткорӣ мебозад. Навиштаҳо ганҷҳои худро пеш аз ҳама ба дили итоаткор ошкор менамоянд. Дар бораи ин Ҳушаъ хуб гуфтааст: “Ва Худовандро хоҳем шинохт ва барои шинохтани Ӯ ҷидду ҷаҳд хоҳем кард” (6:3). Ҳар қадар зиёдтар мо мувофиқи таълимоти Ӯ рафтор намоем, ҳамон қадар бештар Худованд ба мо дониш медиҳад. Маълумот якҷоя бо кор фармудани он боиси афзуншавӣ мегардад. Маълумот бе кор фармудани он ба касодӣ мебарад. Ин ҳамчунин ба он дахл дорад, ки мо атоҳо ва истеъдодҳои худро чӣ тавр истифода мебарем. Охир, шахсе ки тангаи худро ба муомила даровард ва боз даҳ тангаи дигар ба даст овард, сардори даҳ шаҳр шуд, ва шахсе ки як танга гирифта, панҷ тангаи дигар ба даст овард, сардори панҷ шаҳр шуд (Матто 25:15-19).

Аз ин мебарояд, ки мукофот барои муносибати ҷиддӣ ва масъулиятшиносона ба ӯҳдадориҳои худ бартариҳо ва ӯҳдадориҳои боз ҳам калонтар хоҳанд буд. Аммо шахсе ки бо тангаи худ чизе накард, ниҳоят аз он маҳрум шуд. Бинобар ин шахсоне ки атоҳои худро барои Худованд истифода намебаранд, ниҳоят қобилияти истифодаи онҳоро тамоман гум мекунанд.

Мо медонем, ки агар муддати тӯлонӣ ягон гурӯҳи мушакҳоро кор нафармоем, онҳо суст шуда, аз кор мемонанд. Танҳо он чиз муқаррарӣ инкишоф ёфта метавонад, ки доимо сарборӣ дорад. Дар ҳаёти рӯҳонӣ низ ҳамин тавр аст. Агар мо аз рӯи танбалӣ ё шармгинӣ таланти худро дар замин пинҳон кунем, ба зудӣ пайхас мекунем, ки Худованд моро ба раф дур мондааст, ва ҷои моро дигарон ишғол кардаанд.

Бинобар ин итоат кардан ба дастуроти Навиштаҳо, ҳуқуқҳои худро ба чизи ваъдашуда арз кардан ва истифода бурдани тамоми қобилиятҳое ки Худо ба мо ато кардааст, фавқулода муҳим аст.

## 17 МАРТ

**“Мисли асп, мисли хачир бефаҳм набошед”**

*(Забур 31:9)*

Ба ман чунин менамояд, ки асп ва хачир ду муносибати нодурустро ба иродаи равонакунандаи Худо таҷассум менамоянд. Асп ба пеш мешитобад, хачир бошад ба зӯр роҳ меравад. Асп аксар вақт бетоқат, пурҷӯшу хурӯш ва ҳардамхаёл аст, хачир бошад, баръакс, якрав, худсар ва танбал мебошад. Нависандаи таронаҳои Забур мегӯяд, ки на инаш фаҳмиш дорад, на он. Ҳар дуи онҳоро бояд “бо сӯлуқ (оҳани лаҷом) ва ҷилав лаҷом зад”, то ки ба соҳиби худ итоат кунанд.

Худо мехоҳад, ки мо ба дасти равонкунандаи Ӯ таслим шавем, на ин ки фақат ба хиради худ таваккал карда, дартоз давида пеш равем, ва гарданшахӣ ҳам накунем, вақте ки Ӯ иродаи Худро ба мо ошкоро зоҳир кардааст.

Ана якчанд қоида, ки аз ин ҷиҳат ба мо ёрӣ дода метавонанд. Аз Худо илтимос кунед, то ба воситаи ду ё се шоҳид роҳро ба шумо аён нишон диҳад. Ӯ гуфтааст: “То аз забони ду ё се гувоҳ ҳар сухан тасдиқ шавад (Матто18:16). Ин шоҳидон оят аз Навиштаҳо, маслиҳати масеҳиёни дигар, шароити мусоид буда метавонанд. Агар шумо оиди чигунагии иродаи Ӯ ду ё се дастури аён гиред, дигар ҳеҷ гуна шубҳа ва ё тарс нахоҳед дошт.

Агар шумо аз Худо роҳнамоӣ дархост намоед, аммо ҳеҷ гуна дастурот дода нашавад, пас Худо мехоҳад, ки шумо дар ҷои пештараи худ монед. “Агар роҳ дар торикӣ ниҳон бошад, тамоман ба роҳ равон нашудан оқилона аст”.

Интизор шавед, то даме ки аз шумо чӣ хостани Ӯро дарк кунед, ва чунон равшан дарк кунед, ки “Не” гуфтан нишонаи беитоатии ошкоро бошад. Ба фарзандони Исроил аз ҷояшон ҳаракат кардан манъ шуда буд, то даме ки сутуни оташ ва абр ба ҳаракат ояд. Ҳеҷ чиз худсарии онҳоро сафед карда наметавонист. Онҳо ҳамон вақт раҳсипор мешуданд, ки сутун равона мешуд – на пештар ва на дертар.

Ниҳоят, бигзор дар дили шумо осоиштагии Худо ҳукмфармо бошад. Ин тарҷумаи озоди Нома ба Колассиён 3:15 мебошад. Агар Худо дар ҳақиқат мехоҳад, ки мо ягон роҳи муайянро интихоб намоем, пас ақл ва дил танҳо ҳамон вақт осоиш пайдо мекунанд, ки мо ба он роҳ ворид мешавем, ва муқобили ҳар гуна имконияти интихоб кардани ягон чизи дигар бармехезанд. Агар мо ҳақиқатан донистан хоҳем, ки хости Худо кадом аст ва дар иҷрои он таъхир накунем, он гоҳ ба Худо на лаҷом лозим мешавад, на сӯлуқ, то ки моро ба роҳи рост ҳидоят кунад.

## 18 МАРТ

**“Ва ҳар яке на танҳо дар бораи кори худ, балки дар бораи кори дигарон низ ғамхорӣ намояд”**

*(Филиппиён 2:4)*

Калимаи асосӣ дар боби дуюми Нома ба Филиппиён “дигарон” аст. Худованд Исо барои дигарон зиндагӣ мекард. Павлус барои дигарон зиндагӣ мекард. Тимотиюс низ барои дигарон зиндагӣ мекард. Эпафрӯдитус ҳам барои дигарон зиндагӣ мекард. Мо низ бояд барои дигарон зиндагӣ кунем.

Мо бояд инро на фақат барои дигарон, балки барои беҳбудии худ низ кунем. Барои дигарон зиндагӣ карда, мо баъзан нархи баланд медиҳем, аммо агар фақат барои худ зиндагӣ кунем, нархи боз ҳам баландтар медиҳем.

Кӯчаҳои шаҳру деҳоти мо пур аз одамоне ҳастанд, ки барояшон беҳбудии шахсӣ аз ҳама баландтар меистад. Ба ҷои меҳнат карда, ба дигарон хизмат кардан, онҳо дар хона нишаста, ғарқи фикрҳои андӯҳгинона мешаванд. Онҳо рӯйхати дарози тамоми ғаму нохушиҳоро то худи майдатарини онҳо дида мебароянд, ва дере нагузашта ба бадгумонҳои гузаро табдил меёбанд. Дар танҳоӣ нишаста, онҳо шикоят мекунанд, ки ба ҳеҷ кас лозим нестанд, ва боз ҳам чуқуртар ба ботлоқи дилсӯзӣ ба худ меғӯтанд. Ҳар қадар бештар онҳо дар бораи худ фикр кунанд, ҳамон қадар ҳама чиз ба назари онҳо беилоҷ менамояд. Ҳаёти онҳо ба хоби даҳшатовари абадӣ табдил меёбад. Онҳо ба духтур муроҷиат намуда, таблеткаҳои зиёд истеъмол мекунанд, валекин оё аз худпарастӣ дору ҳаст? Бо онҳо аксаран дар кабинети духтури бемориҳои рӯҳӣ вохӯрдан мумкин аст, ки дар он ҷо онҳо, дар ҳоле ки аз ҳаёт хаста шудаанд, раҳоиро аз зиқӣ меҷӯянд.

Ягона чизе ки онҳоро шифо дода метавонад, хизмати самимӣ ба дигарон аст. Дар ҳама ҷо беморони бистарӣ ҳастанд, ки ба омадани ҳар кас шоданд. Дар ҳама ҷо одамони пир ҳастанд, ки мӯҳтоҷи дӯстон мебошанд. Дар беморхонаҳо ҳар гуна кӯмакро бо миннатдорӣ қабул мекунанд. Дӯстон ва наздиконро бо мактуб ё варақчаи табрикӣ хурсанд кардан ва ба миссионер дар бораи ҳодисаҳои охирине ки дар ватанаш рӯй додаанд, хабар додан мумкин аст. Дар гирду атрофи мо ҷонҳои нобудшаванда ва масеҳиёни хеле зиёд ҳастанд, ки ба мадад мӯҳтоҷанд. Кӯтоҳ карда гӯем, барои зиқӣ ва бекорӣ ягон асос ёфтан мумкин нест. Дар ҷаҳон кор ба дараҷаи кофӣ ҳаст, то ки ҳаёти ҳар касро лаболаб пур кунад. Барои дигарон зиндагӣ карда, мо барои худ зиндагӣ мекунем: доираи дӯстони мо васеъ мешавад, ҳаёти мо шавқовартар, хуррам ва хушбахтона мешавад. П.М. Дерҳам гуфтааст: “Дар диле ки пур аз дилсӯзӣ ба дигарон аст, ҷойро барои андӯҳҳои шахсӣ ва таассуф ба худ ёфтан душвор аст”.

Худовандо, ба ман имкон деҳ, то ба монанди Ту
Ҳаёти беандоза зебои хизмат ба дигаронро ба сар барам.

# 19 МАРТ

**“Мерӯзро лаънат кунед, – мегӯяд фариштаи Худованд, сокинони онро сахт лаънат кунед, зеро ки ба мадади Худованд наомаданд, то ки Худовандро дар миёни баҳодурон дастигирӣ намоянд”**

*(Доварон 5:23)*

Дар таронаи Дебӯро нақл карда мешавад, чӣ тавр фариштаи Худованд Мерӯзро барои он лаънат хонд, ки ҳангоми ҷанги исроилиён бо лашкари канъониён вай дар канор меистод. Қабилаҳои Реубен низ гирифтори хашм шуданд: ниятҳои онҳо беҳтарин буданд, аммо онҳо қӯраҳои худро тарк накарданд. Ҷилъод, Дон ва Ошер ҳам шоистаи сухани нек нашуданд, зеро онҳо низ қарор доданд дахолат накунанд.

Данте гуфтааст: “Ҷои аз ҳама сӯзони дӯзах барои онҳое омода шудааст, ки ҳангоми бӯҳронҳои маънавӣ дар канор истоданд”.

Дар бораи худи ҳамин дар Масалҳо гуфта мешавад: “Онҳоеро, ки барои марг гирифта шудаанд, халос кун, ва маҳкумони қатлро кошки маҳфуз медоштӣ! Агар гӯӣ, ки “инро надонистаам”, Санҷандаи дилҳо, охир, мефаҳмад, ва Нигаҳбони ҷони ту медонад, ва ба одам мувофиқи аъмоли вай подош медиҳад” (Масалҳо 24:11-12). Киднер дар бораи ин чунин менависад: “На чӯпони ҳақиқӣ, балки коргари кироя баҳонаи он мекунад, ки шароит душвор буда (10), супориш беилоҷ аст (10), ва дар нодонӣ далел меҷӯяд (12); муҳаббати ҳақиқӣ ин қадар зуд таслим намешавад, чунон ки Худои муҳаббат низ таслим намешавад”.

Мо чӣ тавр рафтор мекардем, агар мавҷи яҳудибадбинӣ кишвари моро фаро мегирифт, агар яҳудиён ба лагерҳои консентрасионӣ, камера ва печҳои газ маҳкум мешуданд? Оё мо ҷони худро ба хатар андохта, барои наҷот додани онҳо кӯшиш мекардем?

Ё агар масеҳиён таъқиб мешуданд ва барои пинҳон кардани онҳо ҷазои марг дода мешуд; оё мо ба онҳо дарҳои хонаи худро боз мекардем? Мо чӣ кор мекардем?

Мо дар ҳолати на чандон фоҷианок чӣ тавр рафтор мекардем, масалан, агар узви қатории ҷамоат, ки ба Худо муҳаббати гарму ҷӯшон дорад ва барои Ӯ кори бисёр мекунад, ногаҳон ба норозигии роҳбарони ҷамоат дучор мегардид, ва онҳо барои хориҷ кардани вай истодагарӣ мекарданд? Оё мо хомӯш мемондем, ва ҳангоми овоздиҳӣ дастҳоямонро чуқуртар ба киса меандохтем?

Мо чӣ тавр рафтор мекардем, агар дар шӯрои пирон, ки ба Исо ҳукми қатл баровард, ҳузур медоштем, ё агар назди салиб меистодем, вақте ки Ӯро ба салиб мекашиданд? Оё мо мавқеи бетарафро ишғол мекардем ё назди Ӯ меистодем?

“Даҳони пӯшида на ҳамеша ба тилло баробар аст, баъзан он  зардранг мебошад”.

**“Эй падар! Ман... гуноҳ кардаам”**

*(Луқо 15:21)*

Танҳо ҳамон вақте ки писари ноқобил тавба карда, ба хона баргашт, падараш ба пешвози ӯ баромада, ӯро ба оғӯш гирифт ва бӯсид. Дар ҷое ки ҳанӯз тавба набуд, бахшиш ато кардан хатои пурдаҳшат мебуд. Навиштаҳо таълим медиҳанд: “...агар тавба кунад, ӯро бахш” (Луқо 17:3).

Мо калимае ҳам дар бораи он намеёбем, ки вақте писари ноқобил дар кишвари дурдаст буд, падар ба вай пул мефиристод. Агар вай чунин мекард, ба кори Худо барои ислоҳи писари беитоати вай халал мерасонд. Мақсади Худо аз он иборат буд, ки писари худсарро маҷбур кунад, то ба чуқурии аз ҳама чуқуртарини ҷамъият поин ояд. Вай медонист, ки бояд ҳавобаландии ҷавонписар паст карда шавад ва ӯ танҳо ҳамон вақт чашмонашро сӯи осмон равона мекунад, ки ҳаёт тоқатнопазир мешавад. Бинобар ин падар мебоист писарро ба дастони Худо супорад ва интизори чораҳои фавқулода шавад.

Барои падару модар ин хеле душвор аст, махсусан барои модарон. Онҳо беихтиёр кӯшиш мекунанд писар ё духтари саркаши худро аз ҳар гуна мушкилоте ки аз ҷониби Худованд фиристода мешаванд, ҳимоя кунанд. Аммо бо худи ҳамин онҳо ба Худованд халал мерасонанд, ки ба мақсади Худ расад ва ҷонкании фарзанди дӯстдоштаро дарозтар мекунанд.

Боре Сперҷен гуфтааст: “Муҳаббати ҳақиқиро ба гумроҳшудагон на он шахс зоҳир мекунад, ки бо онҳо паймони бародарӣ мебандад, балки он шахсе ки ба Исо дар ҳама чиз вафодор аст. Муҳаббат рафтори бадро сарфи назар намекунад, он назоратро бар ҳаёти ин одам пурра ба ихтиёри Худованд медиҳад ва чунин дуо мекунад: “Худовандо, бигузор ӯ аз олами боло зода шавад, новобаста ба он ки барои ин чӣ гуна нархро додан лозим шавад ”.

Яке аз хатоҳои калони худро Довуд ҳамон вақт содир кард, ки ба Абшолум иҷозат дод ба Уршалим баргардад, ҳол он ки аз ӯ ягон калимаи пушаймонӣ аз кори кардааш нашунида буд. Дере нагузашта Абшолӯм дар миёни халқ шӯҳрат пайдо кард ва шӯришро бар зидди падар сардорӣ кард. Билохира вай Довудро аз Уршалим бадар ронда, тахти подшоҳро ишғол кард. Ва ҳатто ҳангоме ки вай бо лашкари худ барои нобуд кардани падар баромад, Довуд ба бандагони худ фармуд, ки дар муҳориба ҳаёти Абшолӯмро нигоҳ доранд. Аммо Юоб аз подшоҳ хирадмандтар буд ва Абшолӯмро ба қатл расонд.

Падару модар бояд дар хотир доранд, ки аз дидани писар ё духтарашон, ки назди тағораи хук ба зону нишастаанд, дарди хеле сахттар ҳаст.

# 21 МАРТ

**“Ба яқин хашми одамизод ба ҳамди Ту табдил хоҳад ёфт; бар боқии хашмҳо Ту камар хоҳӣ баст”**

*(Забур 75:11)*

Дар таърихи одамизод мо аксар вақт мисолҳои онро мебинем, ки ҳатто ғазаби одамизодро Худо метавонад ба ҳамди Худ табдил диҳад. Аз аввалин гуноҳ сар карда, одам ба осмон бо мушти худ ғазаболуд таҳдид карда, бар зидди Худо, кори Ӯ ва халқи Ӯ шӯриш мекунад. Аммо ҳайратангез аст: ба ҷои дарҳол ҷазо додани ин ғазаб, Худо мегузорад, ки он чархи таърихро ба ҳаракат оварад, ва натиҷаи охирини чунин ривоҷи ҳодисаҳо – ҷалоли Худо ва баракат барои халқи Ӯст.

Якчанд ҷавон зидди бародари худ нияти бад дошта, вайро ба кӯчманчиёне ки ба Миср равона буданд, фурӯхтанд. Худо вайро ба мартабаи баланд бардошта, ҷонишини сарвари кишвар ва наҷотдиҳандаи халқи худ гардонд. Баъдтар Юсуф ба бародарони худ хотиррасон кард: “Шумо дар ҳаққи ман қасди бад доштед, вале Худо онро ба некӯӣ гардонид” (Ҳастӣ 50:20).

Дасисаҳои Ҳомон зидди яҳудиён ба ҳалокати худи вай оварда расонд, ва онҳоеро, ки вай нобуд карданӣ буд, баланд бардошт.

Се ҷавонписари яҳудиро ба оташдоне партофта буданд. Он чунон тафсонда шуда буд, ки шахсоне ки онҳоро ба он партофтанд, аз гармии он мурданд. Аммо яҳудиён аз он безарар баромаданд, ва ҳатто либоси онҳо бӯи дуд намекард. Подшоҳи ғайрияҳудӣ фармон баровард, ки ҳар касе ки зидди Худои яҳудиён ақаллан як сухан гӯяд, ба қатл расонида мешавад.

Дониёл ба чоҳи шерон барои он андохта шуд, ки ба Худои осмон дуо мекард. Ба шарафи наҷоти аҷоиби худ ҳокими ғайрияҳудӣ фармон баровард, ки Худои Дониёлро иззату икром намоянд.

Дар замони Аҳди Нав таъқиботи ҷамоат ба он оварда расонд, ки Инҷил боз ҳам тезтар паҳн шудан гирифт. Марги пуразоби Истефанус барои Шоул аввали роҳ ба сӯи тавба буд. Павлус дар зиндон чор нома навишт, ки қисми Навишта шуданд.

Баъдтар хокистари Ян Ҳус дар болои дарё пароканда шуд, ва ба ҳар ҷое ки он ҷорӣ мешуд, дере нагузашта Инҷил меомад. Одамон Навиштаро даронда, варақҳои онро ба шамол ҳаво медиҳанд, аммо ин саҳифаҳои ҷудошударо ягон кас бардошта, мехонад ва роҳро ба сӯи наҷот меёбад. Ҳангоме ба одамон мегӯянд, ки Масеҳ меояд, онҳо таҳқиромез механданд, аммо бо ин амал онҳо пешгӯиеро ба ҷо меоваранд, ки “ дар охири айём масхаракунандагоне пайдо мешаванд, ки аз рӯи ҳавасҳои худ рафтор менамоянд” (2Петрус 3:3-4).

Худо ҳатто ғазаби одамро ба ҳамди Худ табдил медиҳад, ва ҳар он чиро, ки ин ҷалолро намеоварад, ром ва мутеъ мекунад.

**“Хуб кардӣ, ки чунин орзу дар дили худ доштӣ”**

*(3 Подшоҳон 8:18)*

Довуд аз ҷону дил орзу мекард, ки дар Уршалим хонае ба номи Парвардигор бино кунад, аммо Худованд гуфт, ки ӯ ҳақ надорад маъбад бино кунад, зеро вай ҷангҳои зиёд кардааст. Сипас Ӯ илова кард: “Хуб кардӣ, ки чунин орзу дар дили худ доштӣ”. Аз ин суханон мо хулоса баровварда метавонем, ки орзуе ки барои амалӣ гардонидаш мо қудрат надорем, дар назари Худо аллакай амалишуда ҳисоб мешавад.

Ин ба он мавридҳое дахл надорад, ки орзуҳои мо аз боиси танбалӣ ва сустҳаракатии мо ба амал намеоянд. Як орзу дар ин ҷо аллакай кофӣ нест. Мегӯянд, ки роҳҳо дар дӯзах бо ниятҳои нек фарш карда шудаанд.

Аммо дар ҳаёти мо бисёр вақт лаҳзаҳое мешаванд, ки мо хеле орзу мекунем, ки барои ҷалоли Худо коре кунем, аммо дар пеши роҳамон ҳар гуна мамониатҳое пайдо мешаванд, ки барои паси сар кардани онҳо қувват надорем. Ҳамин тавр, масалан, навимон мехоҳад ғӯтаи таъмид гирад, аммо волидайни беимони вай инро ба ӯ манъ мекунанд. Дар чунин маврид дар назари Худо орзуҳои вай худи амали ғӯтаи масеҳӣ мешаванд, то замоне ки вай ба балоғат расида, хонаи волидайни худро тарк намояд, ва он вақт ӯ метавонад ба Худованд итоат карда, дар баробари ин ба волидайн беитоатӣ накунад.

Зан-масеҳӣ хоҳиш дорад, ки дар ҳамаи ҷамъомадҳои ҷамоати маҳаллӣ иштирок намояд, аммо шавҳар-майзада талаб мекунад, ки вай дар хона истад. Худованд ба ин зан мукофот хоҳад дод: вай ба шавҳар итоат мекунад, ва вай мехоҳад бо одамоне бошад, ки ба номи Ӯ ҷамъ мешаванд.

Хоҳари пиронсол гиря мекард, вақте медид, ки чӣ тавр дигарон ҳангоми конфронси Китоби Муқаддас дастархон мерояанд. Солҳои зиёд ин кор ба вай хурсандии бузург меовард, аммо акнун вай барои ин ҷисман хеле суст шуда буд. Аммо барои Худо ашкҳои вай чун меҳнати дигарон арзиши зиёд дошт.

Шумораи зиёди одамон тайёранд барои меҳнати башоратдиҳӣ ҳама чизро қурбон кунанд, аммо ҳаргиз шаҳри худро тарк намекунанд! Худо ҳамаи онҳоро медонад – ва барои кӯшиши муқаддаси худ онҳо дар доварии Масеҳ мукофот хоҳанд гирифт.

Ин ба хайроти моддӣ ҳам дахл дорад. Одамоне ҳастанд, ки аз баҳри чизи бисёр мегузаранд, то пулҳои ба ин тариқ ҷамъкардаро ба кори Худованд ато кунанд, ва таассуф мехӯранд, ки зиёдтар дода наметавонанд. Аммо дар китоби осмонӣ онҳо хонда метавонанд, ки ҳақиқатан бисёртар додаанд.

Дар ҷойҳои аз ҳама мӯҳтарам ҳам бемориони бистарӣ, ҳам мӯйсафедони беқувват, ва ҳам маъюбони нотавон хоҳанд нишаст, чунки “Худо аз рӯи марҳамати Худ моро доварӣ карда, на фақат муваффақиятҳо, балки орзуҳои моро низ ба ҳисоб мегирад”.

# 23 МАРТ

**“Барои Худованд Худои худ чизи муфтро қурбонӣ нахоҳам кард”**

*(2Подшоҳон 24:24)*

Ҳангоме ба Довуд фармуда шуд, ки дар ҷое ки Худованд паҳншавии ваборо боздошт, қурбонии сӯхтанӣ оварад, Аравно ба вай ҳама чизи дар он ҷо бударо муфт тақдим кард: говҳо, ғаллакӮ бакҳо, афзори говҳо барои ҳезум. Аммо Довуд қатъиян қарор дод, ки ҳамаи инро мехарад. Вай ҳаргиз он қурбониеро ки муфт ба даст омадааст, ба Худо тақдим намекард.

Мо медонем, ки ҳаёти абадӣ ба мо бепул дода мешавад, аммо барои дар ин замин чун масеҳӣ зиндагӣ кардан нархи баланд додан лозим аст.

Бисёр вақт, қарор қабул карда, мо пеш аз ҳама дар бораи ҳузуру ҳаловат ва хароҷоти шахсии худ фикр мекунем. Бале, мо ба ҷамъомади дуо меравем, фақат агар дар давоми рӯз хеле монда нашавем ё сари мо дард накунад. Бале, мо дарсҳоро аз рӯи Навишта мегузаронем, фақат агар ин ба мо халал нарасонад, ки дар рӯзҳои истироҳат берун аз шаҳр бароем.

Ҳангоме ба мо лозим меояд, ки бо овози баланд дуо гуфта, шаҳодати шахсӣ диҳем ё Инҷилро расонем, мо хеле сахт ба ҳаяҷон меоем, бинобар ин хомӯш ҳастем. Мо ҳеҷ хоҳиш надорем, ки дар миёни бехонагон кор кунем, охир, дар он ҷо хатари “гирифтори шабушк ва кайк шудан” ҳаст.

Хайроти моддии мо аз хайроти ҳақиқӣ дида бештар ба чойпулӣ монанд аст. Мо дар кисаи худ пули майда мекобем – бар хилофи бевазан, ки тамоми чизи доштаашро дод. Мо хароҷот, давуғеҷ ва зарурияти даст кашидан аз лавозимоти заруриро ба назар гирифта, дар мошинаи ҳисоббарор ҳисоб мекунем, ки киро ба кадом андоза меҳмоннавозӣ намоем – бар хилофи як масеҳӣ, ки гуфтааст, дар хонаи вай ягон намадчаи пойпоккунӣ намонд, ки онро чандин маротиба аз қайи меҳмонони маст шуста тоза накарда бошад. Мо тайёрем ба дигарон мадад расонем, аммо фақат то вақти хоб, – бар хилофи диакон, ки тайёр буд дар ҳар вақти шаб ва рӯз дастигирии рӯҳонӣ ва моддӣ кунад.

Бисёр вақт даъвати Масеҳро шунида, мо ба худ савол медиҳем: “Аз ин барои ман чӣ фоида аст? ё “Оё ин кор арзанда аст?” Дар ҳақиқат бошад савол бояд чунин мешуд: “Оё ин хайрот дар ҳақиқат сазовори Худост? Оё ман ҳақиқатан ба Ӯ чизи зиёд дода метавонам?” Шахсе хеле хуб гуфтааст: “Дар ҳаёти рӯҳонӣ додани нархи баланд нисбат ба гирифтани даромади зиёд доимо беҳтар аст”.

Агар фикр кунем, ки барои пӯшидани гуноҳи мо Наҷотдиҳанда чӣ гуна нархро дод, он гоҳ то чӣ андоза мо ношукрии сиёҳ мекунем, вақте аз хайрот кардан барои Ӯ даст мекашем.

# 24 МАРТ

**“Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст”**

*(Эфесусиён 4:7)*

Мо бояд дар хотир дорем, ки ҳар боре ки Худованд ба мо ягон корро мефармояд, Ӯ барои ин қувваи заруриро ба мо медиҳад. Дорои ин қувват буда, мо талаботи Ӯро иҷро карда метавонем, ҳарчанд дар назари аввал ин аз имкон берун аст.

Йитрӯ ба Мусо гуфт: “Агар ин корро кунӣ, ва Худо ба ту чунин амр фармояд, он гоҳ метавонӣ истодагӣ намоӣ” (Хуруҷ 18:23). “Худо Худаш ӯҳдадор шудааст ба ихтиёри одам ҳамон қадар қувват ва қудрат диҳад, ки барои иҷро кардани супориши Ӯ ба вай зарур аст” (Ҷ.О. Сандерс).

Дар давоми хизматаш Худованд Исо камаш бо ду шал вохӯрд (Матто 9:6; 5:9), ва ду бор Ӯ ба онҳо фармуд, ки бистарашонро гирифта равон шаванд. Ҳамин ки онҳо хоҳиши иҷро намудани фармонро зоҳир мекарданд, бадани нотавони онҳоро қувват пур мекард.

Петрус ҳис кард, ки агар Худованд Исо бар рӯи об қадам заданро ба ӯ фармояд, вай ҳақиқатан инро карда метавонад. Ва ҳамин ки суханони Исо “Қадам зан”-ро шунид, Петрус аз лаби қаиқ гузашта, назди Худованд бар рӯи об қадам зад.

Шубҳанок аст, ки одам ба одами дигар дасти шали худро дароз карда тавонад, аммо вақте ки ба чунин кас Исо ин амалро фармуд, дасти вай боз қувват гирифт.

Бо якчанд нон ва моҳӣ сер кардани 5000 нафар одам ба назар беақлона менамояд. Аммо ҳамин ки Исо ба шогирдони Худ гуфт: “Ба онҳо хӯрок диҳед”, чизи имконнопазир имконпазир шуд.

Лаъзор аллакай чор рӯз инҷониб дар қабр хобида буд, вақте Исо ӯро ҷеғ зад: “Лаъзор, берун ой”. Исо на фақат фармуд, Ӯ барои иҷро кардани он қувват низ дод. Лаъзор ҳақиқатан берун омад.

Биёед хеле хуб дар хотир нигоҳ дорем, ки вақте Худо ба мо ягон чизро мефармояд, дар баҳонае пш овардан, ки ин берун аз тавоноии мост, аблаҳист.

Ӯ на фақат фармон медиҳад, Ӯ ҳамчунин барои иҷрои ин фармон ба мо қуввати Худ ва имконият медиҳад. “Хости Худо туро ҳаргиз ба чунин маконе оварда намерасонад, ки дар он ҷо файзи Худо ба ту ёрӣ надиҳад ва дастгирӣ накунад”.

Он низ ҳақиқат аст, ки агар Худо ягон чизро фармон диҳад, Ӯ тамоми хароҷотро низ ба ӯҳдаи худ мегирад. Агар мо донем, ки хости Ӯро ба ҷо меоварем, пас, дар хусуси ҷиҳати молиявии кор фикр карданамон лозим нест. Ӯ ҳама чизро ба қадри кофӣ хоҳад дод.

Худое ки обҳои бахри Сурх ва Урдунро маҷбур кард, то дар пеши қавми Ӯ боз шаванд, имрӯз ҳам ҳамон аст. Дар рӯзҳои мо низ Ӯ тамоми монеаҳои рафънопазир метофтаро аз пеши роҳи мо мегирад, аммо фақат агар мо барои итоат ба хости Ӯ тайёр бошем. Ӯ ба мо файзе медиҳад, ки барои ба ҷо овардани он зарур аст. Ӯ дар дилҳои мо хоҳиш ва майл ҷой медиҳад, то чунон зиндагӣ кунем, ки ба Ӯ писанд ояд.

**“Дар ибтидо Худо... ”**

*(Ҳастӣ 1:1)*

Ин суханон аз боби якуми Навишта бояд шиори ҳаёти мо шаванд: “Худо ҳамеша дар ҷои аввал меистад”.

Дар ҳукми аввалин ни оид ба ин гуфта шудааст: “Туро худоёни дигар, ҷуз Ман, набояд бошад”. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ҳақ надорад ҷои Худои ҳақиқӣ ва зиндаро ишғол намояд.

Ҳамчунин ҳикоя дар бораи Илёс ва бевазан, ки барои кулчаи охирин як мушт орд ва андак равған дошт, дар хусуси ҳамин таълим медиҳад (3 Подшоҳон 17:12). Хонандаро амали Илёс ба ҳайрат меоварад: “Аммо аввал кулчаи хурде аз он барои ман пухта, назди ман биёр”. Ин чист – оё худбинии бемисл? Не. Илёс аз номи Худо гап мезад. Ӯ бевазанро бовар мекунонд: “Бигузор Худо дар ҳаёти ту ҷои аввалро ишғол кунад, ва ту дигар ҳаргиз танқисӣ нахоҳӣ кашид”.

Пас аз якчанд садсолаҳо худи ҳамин ҳақиқатро Худованд Исо ба одамон таълим медод: “...аввал Подшоҳии Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд” (Матто 6:33). Дар ҳаёти мо чизи аз ҳама асосӣ бояд Подшоҳии Худо ва росткории Ӯ бошад.

Наҷотдиҳанда доимо муҳим будани ин фикрро таъкид мекунад: “Агар касе назди Ман ояд ва аз падару модар, зану фарзандон, бародарону хоҳарон ва ҳамчунин ҷони худро бад набинад, вай шогирди Ман буда наметавонад” (Луқо 14:26). Масеҳ бояд аз ҳама баландтар истад.

Аммо чӣ тавр мо метавонем Худоро дар ҷои аввал гузорем? Охир мо бояд дар бораи оилаи худ ғамхорӣ намоем. Охир мо набояд кори дунявии худро фаромӯш кунем. Мо ӯҳдадориҳои хеле зиёд дорем, ва барои онҳо вақт ва пули бисёр сарф мешавад. Ҳангоме ки нисбат ба муҳаббати мо ба Ӯ ҳар муҳаббати дигар нафрат метобад, мо ба Худованд имкон медиҳем, ки дар ҳаёти мо ҷои аввалро ишғол намояд. Ҳангоме ҳамаи дороии худро моликияти Ӯ ҳисоб мекунем, ки ҳуқуқ дорем онро барои ҷалоли Ӯ идора намоем. Ҳангоме ки барои мо арзишҳои абадӣ асосӣ хоҳанд буд, ва ҳангоме мо доимо дар хотир хоҳем дошт, ки дар ин дунё ҳеҷ чизи хуб нест, ки боз ҳам беҳтар кардан номумкин бошад.

Барои хайрияти худи мо хеле муҳим аст, ки бо Худо муносибатҳои дутарафаи дуруст барқарор кунем. Ин танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки Худо дар ҳама чиз ҷои аввалро ишғол менамояд. Албатта, ҳатто вақте ки Худо дар тахти дили ман ҷой мегирад, мушкилиҳо нест намешаванд, аммо онҳо ба ман халал намерасонанд, ки аз оромии рӯҳонӣ ва хушбахтӣ ҳаловат барам. Аммо агар ягон чиз Худоро ба ҷои дуюм танг карда барорад, он гоҳ дар ҳаёт, ғайр аз мушкилот, дигар ҳеҷ чиз намемонад, ва мо маҷбур мешавем дар ҳақирӣ умр ба сар барем.

# 26 МАРТ

**“Ин ба ту чӣ дахл дорад?
Аз пайи Ман биё”**

*(Юҳанно 21:22)*

Худованд Исо навакак ба Петрус гуфт, ки вай то дами пирӣ умр мебинад ва бо марги пуразоб мемирад. Петрус ҳамон дам ба Юҳанно нигариста, донистан мехост, ки оё барои Юҳанно ҳиссаи беҳтар тайёр шудааст. Ҷавоби Худованд қатъӣ буд: “Ин ба ту чӣ дахл дорад? Аз пайи Ман биё”.

Рафтори Петрус ба мо суханони Дэг Ҳаммарскёлдро хотиррасон мекунад: “Ҳар қадар пинҳон карданӣ шавед ҳам, ҳангоме мебинед, ки ба дигарон чизе дода шудааст, ки шумо онро беҳуда орзу мекунед, дилатон пур аз алам мешавад. Дар мавриди беҳтарин ин алам ба муддати якчанд рӯзи офтобӣ дар кунҷи торик пинҳон мешавад. Аммо ҳатто дар ҳамин сатҳи хеле паст ин алам инъикоси алами марг аст, вақте дигарон зистанро давом медиҳанд.

Агар мо ҳақиқатан имкон диҳем, ки ин суханони Худованд Исо ба дилҳои мо хеле чуқур ворид шаванд, ин дар муносибатҳои байни масеҳиён мушкилоти зиёдеро ҳал мекунад.

Дар дил алам нигоҳ доштан ба шахсе ки аз мо дида бештар дорад, чӣ қадар осон аст. Худованд имконият медиҳад, ки вай соҳиби хонаи нав, мошини нав, боғоти нав дар соҳили кӯл шавад. Дигарон, ки ба назари мо дар хизмат ба Худо чандон ғайратманд нестанд, дорои саломатии хуб ҳастанд, дар ҳоле ки мо аз ду ё се бемории бардавом азоб мекашем.

Дигар волидайн фарзандони нағз доранд, ки дар варзиш ва хониш пшқадам мебошанд. Фарзандони мо бошанд, одӣ, сустҳаракат ва танбал мебошанд.

Мо мебинем, ки масеҳиёни дигар чунон озоданд, ки имконият доранд корҳоеро кунанд, ки мо имконияти кардани онҳоро ҳаргиз нахоҳем дошт. Гарчанде дар амалҳо ва рафторҳои онҳо гуноҳ нест, озодии онҳо моро асабонӣ мекунад.

Ин хеле андӯҳовар аст, аммо дар муҳити масеҳиён-хизматгузорон ҳасади касбӣ низ вуҷуд дорад. Як воиз меранҷад, вақте мебинад, ки воизи дигар машҳуртар буда, дӯстони зиёд дорад ва бештар дар маркази диққати матбуот мебошад. Ё як шахс худро ранҷонида ҳис мекунад, чунки дигар шахс усулҳоеро истифода мебарад, ки ба шахси якум тамоман маъқул нестанд.

Вақте мо бо ин гуна муносибатҳо рӯ ба рӯ мешавем, бигзор суханони Исо барои мо бо қуввати нав садо диҳанд: “Ин ба ту чӣ дахл дорад? Аз пайи Ман биё”. Бо масеҳиёни дигар чӣ хел рафтор намудани Худованд ҳақиқатан кори мо нест. Новобаста ба он ки Ӯ барои мо кадом роҳро интихоб кардааст, кори мо аз пайи Ӯ рафтан аст.

## “Бод ҳар ҷо ки хоҳад, мевазад”

*(Юҳанно 3:8)*

Рӯҳи Худованд соҳибихтиёр буда, дар интихоби роҳҳои Худ мустақил аст. Мо ҳар бор мекӯшем қоидаҳои бозиро ба Ӯ бор карда, Ӯро ба кадом як чорчӮ ба дарорем, аммо тамоми кӯшишу ғайрати мо бо муваффақият анҷом намеёбад.

Диққат диҳед, ки дар Навишта рамзи Рӯҳулқудс чист – бод, оташ, равғани зайтун ва об. Мо мекӯшем, ки онҳоро дар кафи даст нигоҳ дорем, қуфл кунем, аммо ҳар бор дар ҷавоб мешунавем: “Ҳатто кӯшиш ҳам накун, ки иродаи худро ба ман бор кунӣ”.

Рӯҳулқудс ҳаргиз кореро намекунад, ки меъёрҳои ахлоқиро вайрон мекарда бошад, аммо дар айни замон Ӯ ҳақ дорад роҳҳову усулҳои ғайриодатӣ, ғайриодӣ ва ғайриқолибиро интихоб намояд. Масалан, Худо мардро ба болои ҳар кор сардор монда бошад ҳам, ин маънои онро надорад, ки Рӯҳулқудс наметавонад Дебӯроро сардори қавми Худо таъйин кунад.

Дар замонҳои ҷудоихоҳӣ ва исёнҳо Рӯҳ ба одамон кардани корҳоеро иҷозат медиҳад, ки дар вазъиятҳои дигар номумкин мебуд. Ҳамин тавр, ба Довуд ва одамони вай хӯрдани нонҳои тақдим иҷозат дода шуда буд, агарчи фақат коҳинон ҳақ доштанд он нонҳоро хӯранд. Ба шогирдон низ иҷозат дода шуда буд, ки дар рӯзи шанбе хӯша чинанд.

Баъзеҳо мегӯянд, ки дар Амалҳои Ҳаввориён қолиби тайёр ва коркардшударо барои башорат додан ёфтан мумкин аст. Аммо ягона қолибе ки ман дар ин китоб ёфта метавонам, соҳибихтиёр будани Рӯҳулқудс аст.

На расулон, на дигарон аз рӯи қоидаҳои аз китоби дарсӣ омӯхташуда кор намекарданд; онҳо фақат ба дастуроти Ӯ риоя мекарданд, ва аксар вақт рафтори онҳо ба ақли солим зид буданд. Масалан, мо мехонем, ки аз рӯи фармони Рӯҳ Филиппус кори бомуваффақияти башоратдиҳиро дар Сомария бас кард, то ин ки ба хоҷасарои ҳабашӣ дар бораи Масеҳ шаҳодат диҳад.

Аз хоҳиши ба Рӯҳулқудс фармудани чӣ кор кардан ва чӣ кор накардан эҳтиёт бошед. Мо медонем, ки Ӯ ҳаргиз ягон кори гуноҳолуд нахоҳад кард. Аммо Ӯ комилан метавонад ягон кори ғайриодии ҳайратангез кунад. Ӯ ӯҳдадор нест, ки маҷмӯи маҳдуди усулҳоро истифода барад. Ӯ ӯҳдадор нест тавре рафтор кунад, ки мо ба он одат кардаем. Ӯ мекӯшад расмиятпарастӣ, ислоҳнашавандагӣ ва ҷонибдории расму одатҳои кӯҳнаро аз пеши роҳи мо гирад, бинобар ин ба ҳаракатҳои наве ибтидо мебахшад, ки бо худ растохез ва азнавшавиро меоранд. Аз ҳар чизи наве ки Рӯҳулқудс дар мустақилии Худ ба мо медиҳад, дур шудан, ва дар канор нишаста, ба танқиди бесамар дода шудан аблаҳӣ мебошад.

## 28 МАРТ

**“Нафрате ки аз вай пайдо кард, аз муҳаббате ки ба вай дошт, бузургтар буд”**

*(2Подшоҳон 13:15)*

Амнӯн аз шаҳвати ҷисмонӣ ба хоҳари ҳамхуни худ Томор месӯхт. Томор зебо буд, ва Амнӯн қатъиян қарор дод, ки бо вай бихобад. Дар дилаш ноороми буд, охир вай медонист, ки қонуни Худо он чиро, ки вай ин қадар мехост, қатъан манъ мекард. Аммо хоҳиши вай чунон сахт буд, ки Амнӯн ба ҳеҷ чиз аҳамият намедод. Вай худро касал вонамуд карда, Томорро бо роҳи фиреб ба хонаи худ даровард ва ба номусаш таҷовуз намуд. Барои ҳамин лаҳзаи ишқи шаҳвонӣ вай тайёр буд ҳама чизро қурбон кунад.

Аммо дере нагузашта шаҳвати ӯ ба нафрат табдил ёфт. Ба номуси Томор таҷовуз карда, вай аз ӯ нафрат пайдо кард ва таассуф мехӯрд, ки умуман вайро дид. Ӯ фармуд, ки вайро аз хона бадар ронанд, ва аз ақибаш дарро пӯшид.

Чунин саҳнаҳоро мо ҳар рӯз тамошо мекунем. Дар ҷамъияти мо ҳеҷ хел меъёрҳои ахлоқӣ эътироф карда намешаванд. Ҳеҷ кас аз он хашмгин намешавад, ки аксари ҷавонон то баста шудани ақди никоҳ алоқаи ҷинсӣ мекунанд, ва бисёр оилаҳо бе никоҳ зиндагӣ мекунанд. Фоҳишагӣ қонунӣ шудааст. Бачабозӣ ҳамчун тарзи ҳаёти алтернативӣ эътироф шудааст.

Ҳам ҷавонон ва ҳам пирон дудила нашуда, ҳар он чи ба онҳо маъқул аст, мегиранд. Онҳо ягон қонуни олиро эътироф намекунанд. Барои онҳо ягон манъ вуҷуд надорад. Хоҳишҳои шахсӣ барои онҳо аз ҳама баланд меистанд. Онҳо дар дурустии рафторҳои худ ҳар гуна шубҳаро инкор мекунанд, ва онҳоро бо он сафед мекунанд, ки фақат ҳамин тавр ҳаёти онҳо пурарзиш мешавад. Монанди Амнӯн, онҳо қарори қатъӣ карда, фикр мекунанд, ки метавонанд хушбахтона зиндагӣ кунанд.

Аммо он чи як вақтҳо олидараҷа метофт, зуд ба чизи зишт табдил меёбад. Шахс ҳар қадар инкор кунад ҳам, дарки айбдорӣ ба ӯ фишор меоварад. Бо гум шудани ҳисси эҳтироми худ дар дилҳои марду зан кина ва ғазаб ҷамъ шудан мегирад, ва дере нагузашта дар шакли ҷанҷолҳо ва нафрат зоҳир мегардад. Шахсе ки ҳаёт бе вай ба наздикӣ бемаъно менамуд, ҳоло фақат нафратро ба вуҷуд меоварад. Акнун то лагадкӯбкунӣ, ҷанҷолҳои талоқдиҳӣ ва ҳатто одамкушӣ чандон дур нест.

Муносибатҳои мустаҳкам ва муносибро бар таҳкурсии пӯсидаи шаҳват сохтан имконнопазир аст. Ба қонуни Худо дар бораи покӣ беэътиноӣ карда, одам худаш аз худаш медуздад, ва ба роҳи ҳалокат қадам мегузорад. Танҳо файзи Худо метавонад ӯро наҷот диҳад, шифо диҳад ва бахшад.

# 29 МАРТ

**“Ҳеҷ сарбоз худро бо корҳои рӯзгор банд намекунад, то ба фармондеҳ писанд афтад”**

*(2 Тимотиюс 2:4)*

Масеҳӣ дар назди Худованд хизмати ҳарбиро адо мекунад, Масеҳ фармондеҳи ӯст. Вай ҳақ надорад худро бо корҳои рӯзгор банд кунад. Ин ҷо калимаҳои асосӣ “банд кардан” мебошанд. Вай наметавонад комилан аз корҳои дунявӣ даст кашад. Вай бояд барои бо чизҳои зарурии рӯзгор таъмин кардани хонаводаи худ кор кунад. Вай аз иштирок дар ҳаёти рӯзмаррае ки дар гирди ӯ меҷӯшад, худро канор кашида наметавонад, чунки дар акси ҳол, чунон ки Номаи 2-юм ба Қуринтиён 5:10 ба мо ёдрас мекунад, ба вай лозим меомад умуман аз ин дунё баромада равад.

Аммо вай набояд роҳ диҳад, ки корҳои рӯзгор вайро банд кунанд. Вай доимо бояд дар хотир дошта бошад, ки чӣ чиз ҳақиқатан муҳим аст ва чӣ чиз не. Ҳатто он чи худ аз худ бад нест, метавонад дар роҳи мо ба сӯи чизи беҳтар монеа шавад.

Вилгелм Келлӣ гуфтааст, ки “худро бо корҳои рӯзгор банд кардан” маънои онро дорад, ки мо аз ҷаҳон ҷудо буданамонро фаромӯш мекунем, дар тамоми ҳодисаҳои берунӣ чун шарики комилҳуқуқ иштирок менамоем”.

Агар дар ҳаёти сиёсӣ иштирок намуданро сар карда, боварӣ дошта бошам, ки ҳамин тавр ба ҳалли мушкилоти одам ёрӣ дода метавонам, пас ман бо корҳои рӯзгор банд шудаам. Ин монанди он аст, ки ман тамоми вақти худро ба иваз кардани ҷойи курсиҳо дар саҳни киштии “Титаник” мебахшидам.

Агар давои тамоми бемориҳои ҷаҳонро на дар Инҷил, балки дар амалҳои хайрия бинам, ман бо корҳои рӯзгор банд шудаам.

Агар қисми зиёди қувват ва вақти ман барои пул кор кардан сарф шавад, ман бо корҳои рӯзгор банд шудаам. Сатҳи зиндагии худро баланд карда, ман аз худи зиндагӣ маҳрум мешавам.

Агар Подшоҳии Худо ва росткории Ӯ дар ҳаёти ман дар ҷои аввал буданро бас кунад, ман бо корҳои рӯзгор банд ҳастам.

Ман бо корҳои рӯзгор банд ҳастам, агар дар тӯри майда-чуйдаҳое ки шоистаи диққати фарзандони абадият намебошанд, банд шавам, – масалан, хабари охирин аз ҷаҳони мӯд, навигарӣ дар бозори бозиҳои компютерӣ, қурби асъори ҷаҳонӣ, дастуруламали нави ошпазӣ ё дигаргунӣ дар ҷадвали чемпионати футбол. Ҳамаи ин метавонад вақтхушии форам бошад, аммо шоистаи он нест, ки дар ҳаёти ман ҷои асосиро ишғол кунад.

# 30 МАРТ

**“Ва мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи нақшаи Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз барои некӣ хизмат мекунад”**

*(Румиён 8:28)*

Ин яке аз он оятҳоест, ки пеши он дар ҳайрат мемонем, махсусан вақте ки пеш рафтан торафт мушкилтар мешавад. Замоне ки мӯйҳои моро боди суст титу парешон мекунад, гуфтан хеле осон аст: “Худовандо, ман имон дорам”, аммо вақте ки тӯфон ба ҷӯшу хурӯш меояд, мо ин тавр мегӯем: “Ба беимонии ман ёрдам кун”.

Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, мо медонем, ки дар калимаҳо ҳақиқат мебошанд. Ҳар коре ки Худо мекунад, барои нафъи мо аст. Мо инро медонем, чунки Навишта дар бораи ин мегӯяд. Мо инро бо имон қабул мекунем, ҳатто агар инро дида ва фаҳмида наметавонем.

Мо медонем, ки ин ҳамин тавр аст, чунки Худо Худои муҳаббати ҷовидонӣ, хиради ҷовидонӣ ва тавоноии абадист. Бинобар ин ҳар он чи Ӯ ба нақша мегирад ва ба ҳаёт татбиқ мекунад, барои нафъи мо хизмат мекунад.

Мо медонем, ки ин ҳақиқатан ҳамин тавр аст, чунки инро дар мисоли ҳаёти мардони Худо мебинем. Баъд аз ғарқшавии киштӣ танҳо як одам зинда монд, ки ӯро мавҷҳо ба ҷазираи беодам партофтанд. Ӯ барои худ кулбачае сохта, ҳар чиро, ки аз киштии ғарқшуда наҷот дода тавонист, дар он ҷойгир кард. Ӯ ба Худо дар бораи бозгашт ба ватан дуо мекард ва ҳар рӯз бо умеди дидани киштии мегузашта ба уфуқ бо диққат менигарист. Боре ба кулбаи худ наздик шуда, вай аз даҳшат карахт шуд: онро оташ фаро гирифта буд, ягон чизро наҷот додан имконнопазир буд, ҳар чи вай дошт, сӯхта тамом шуд. Аммо он чи ӯро ба марг маҳкум мекард, дар ҳақиқат ба вай наҷот овард. “Мо дудро дидем”, – гуфт сардори киштие ки вайро ба ватан оварда расонд. Биёед ҳаргиз фаромӯш накунем, ки агар ҳаётамонро ба ихтиёри Худо супорем, “ҳама чиз бар нафъамон ёрдам медиҳад”.

Албатта, лаҳзаҳое мешаванд, ки имони мо суст мешавад, вақте ки бори мо бардоштанашаванда ва торикӣ бартрафнашаванда метобад. Хеле рӯҳафтода шуда, мо савол медиҳем: “Чӣ тавр ин бар нафъи мо хизмат карда метавонад?” Ва Худо ба мо ҷавоб медиҳад: “Ҳамаи ин барои он аст, ки ба сурати Писарам монанд шавед” (ниг. Румиён 8:29). Пеш аз он ки ҳайкал намоён шавад, теғи кандакории ҳайкалтарош бояд аз харсанги мармар тамоми чизҳои нодаркорро бурида партояд. Мушкилиҳо ва маҳрумиятҳо дар зиндагӣ ҳамчунин ҳар чизи ифлос ва ношоистаро бурида мепартоянд, то ки мо дигаргун шуда, беш аз пеш ба Ӯ монанд шавем. Ва ҳатто агар ҳаёт тоқатфарсо намояд ҳам, дар хотир доред, ки ҳамаи ин барои нафъи шумо карда мешавад, то симои Масеҳ дар шумо равшантар дурахшад.

# 31 МАРТ

**“Навимон набошад, мабодо худписанд шуда, зери ҳукми иблис афтад”**

*(1 Тимотиюс 3:6)*

Хусусиятҳои даркории масеҳиеро, ки дар ҷамоат вазифаи роҳбарӣ дорад, номбар карда, Павлус огоҳ мекунад, ки чунин вазифа ба шахсе ки дар имон фақат қадамҳои аввалин мегузорад, набояд дода шавад. Роҳбар бояд дорои ҳикмат бошад ва қарорҳои дурандешона қабул кунад, ин бошад фақат бо таҷрибаи ҳаёти масеҳӣ ва камолоти рӯҳонӣ меояд. Аммо бисёр вақт мо ин қоидаро вайрон мекунем! Дар ҷамоат соҳибкори калон, амалдори намоён ё фақат мутахассиси бомаҳорат пайдо мешавад ва фикрҳои ҳама танҳо бо он банданд, ки чӣ тавр ӯро дар ин ҷамоат нигоҳ дорем. Мо дастури Павлусро дар бораи диаконҳо, ки “чунин касонро аввал бояд санҷид”, фаромӯш мекунем, ва зуд шахсеро, ки нав узви ҷамоат шудааст, ба мартабаи баланд дар ҷамоат интихоб (ё таъйин) мекунем.

Боз як мисоли ҳайратангези вайрон кардани ин қоида – он ғалоғулае ки дар гирди ситораҳои навимон бардошта мешавад. Ин метавонад шахси барҷастаи футбол бошад, ки навакак дорои имони наҷотдиҳанда ба Масеҳ шудааст. Вай хеле зуд ба дасти агенти рекламаи дин меафтад, ва аллакай бе иштироки вай ягон конфронс ё симпозиум гузаронида намешавад. Ҳамин ки овоза дар бораи имон овардани актрисаи Ҳолливуд паҳн шавад, сурати вай дар саҳифаҳои аввали рӯзномаҳо пайдо мешаванд. Ӯро оиди мавзӯъҳои гуногун аз ҳукми қатл сар карда, то вафодорӣ ба шавҳар саволборон мекунанд, ин мисли он аст, ки гӯё вай ҳангоми имон овардан дар баробари ҳаёти абадӣ дорои ҳикмати умумиҷаҳонӣ шуда бошад. Ҳамаи ин арбобони дин аз пайи пули бедарди миён бо ҷинояткорони собиқе ки Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кардаанд, корҳоеро мекунанд, ки аз дидани онҳо дили кас реш-реш мешавад.

Доктор Паул ван Горднер гуфтааст: “Ман ҳамеша муқобили он будам, ки гунаҳкори тавбакардаро аз зону хезонда, ба тамошои умум гузорӣ. Ба кори Масеҳ зиёни ислоҳнопазир расонида мешавад, агар мо дар гирди ситораҳои эстрада, варзиш ё сиёсат ғавғо бардорем, бе он ки боварӣ ҳосил намоем, ки Каломи Худо дар дилҳои онҳо ҳақиқатан чуқур даромада, мустаҳкам ҷой гирифтааст, ҳол он ки барои ин на як ё ду рӯз даркор аст!”

Шояд фаҳмиши динии баъзе масеҳиён ҳамон вақт импулси махсус мегирад, ки дар тамоми гӯшаву канорҳо ягон нашъаманд ё сиёсатмадорро чун наваскар дар лашкари имондорон муаррифӣ мекунанд. Шояд онҳо аз дудилагӣ ё ҳисси камарзишӣ азоб мекашанд, ва ҳар шахси машҳуре ки имон меоварад, ба онҳо ёрӣ медиҳад, ки аз нав ба худ боварӣ ҳосил намоянд?

Аммо ин қаҳрамонони ҷалолёфта барои ҳамлаҳои махсусан моҳиронаи иблис нишона мешаванд. Дар муборизаи рӯҳонӣ камтаҷриба буда, онҳо ба гуноҳ меафтанд, ва он гоҳ ба шаҳодати Худованд Исо доғи калони чирк монда мешавад.

Мо барои ҳар як шахси наҷотёфта, новобаста ба он ки вай шӯҳратманд аст ё не, шукргузор ҳастем. Аммо мо хатои калон мекунем, вақте фикр мекунем, ки навимононро дар минбар ё пеши камераи телевизион ҷой дода, ба кори Масеҳ фоидаи хеле калон меорем.

## “Шумо низ дар Ӯ пурраги доред”

*(Кулассиён 2:10)*

Бар хилофи ақидаи васеъ паҳншуда, дар ин дунё одамоне вуҷуд надоранд, ки аз дигарон бештар ё камтар сазовори ҳаёт дар осмонҳо бошанд. Одам ё сазовор аст, ё не. Худо дараҷаҳои мартаба надорад, ки дар зинаҳои болоии он одамони нек ва ростқавл, дар зинаҳои пасттарин одамони фиребгар ва мафиозиҳо, ва дар миёни онҳо ҳама боқимондаҳо ҷой гиранд, вобаста ба дараҷаи лоиқ будан ба ҳаёт дар осмонҳо. Дар назари Офаридгор одам ё сазовор аст, ё не, чизи миёна вуҷуд надорад.

Умуман ҳеҷ кадоми мо, одамон, худ ба худ сазовори ҳаёти абадӣ нест. Ҳамаи мо гуноҳкор буда, аз боиси ҷиноятҳои худ сазовори ҷазои абадӣ ҳастем. Мо ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаем. Мо ҳама роҳи худро афзал диниста, аз роҳи рост гаштаем. Мо ҳама нопок ҳастем, ва ҳатто тамоми корҳои неки мо монанди ҷанда мебошанд.

Мо на танҳо сазовори осмон нестем, балки ҳеҷ кор карда наметавонем, то шоистаи дар он ҷо будан бошем. Ниятҳои наҷибтарин ва корҳои аз ҳама неки мо наметавонанд ба мо ёрӣ диҳанд, ки аз бори гуноҳ халос шуда, дорои он росткорие шавем, ки Худо аз мо талаб мекунад. Аммо Хабари Хуш аз он иборат аст, ки муҳаббати Худо ҳамаи он чиро, ки росткории Ӯ аз мо талаб мекунад, ба мо медиҳад. Ӯ инро чун ҳадя муфт медиҳад. “Ин атои Худост, ва аз амалҳо нест, то ҳеҷ кас фахр накунад” (Эфесусиён 2:8-9).

Мо фақат дар Масеҳ метавонем шоистаи ҳаёти абадӣ шавем. Аз олами боло зода шуда, гуноҳкор Масеҳро қабул мекунад. Акнун Худо ӯро на дар ҷисми гуноҳолудаш, балки дар Масеҳ мебинад, ва аз ҳамин сабаб вайро одил мешуморад. Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ росткории Худо шавем (ниг. 2 Қуринтиён 5:21).

Аз ҳамин сабаб ҳама чиз бо ҷавоб ба чунин савол хулоса карда мешавад: “Оё Масеҳ дар мо сокин аст?” Агар ҳа, он гоҳ мо сазовори осмон буда, дорои тамоми росткории Худо мебошем. Мо ба ҳамон дараҷа сазовори осмон ҳастем, ки Масеҳ сазовор аст, охир мо дар Ӯ ҳастем.

Аз тарафи дигар, агар Масеҳ дар мо набошад, мо дар чуқуртарин ҷои чоҳ ҳастем. Агар дар мо Масеҳ набошад, таҳдиди ҳалокати мо ба миён омадааст, ва ҳеҷ каси дигар онро аз мо дур карда наметавонад, ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ҷои Ӯро гирифта наметавонад.

Мо бояд возеҳ дарк намоем, ки як имондор ба ҳамон дараҷа сазовори ҳаёти абадӣ аст, ки тамоми имондорони дигар сазовор ҳастанд. Ҳамаи имондорон ба андозаи баробар барои ҷалол даъват шудаанд. Ҳамаи имондорон Масеҳро дар тамоми пуррагии Ӯ доранд. Ягон нафаре нест, ки Масеҳро аз дигарон бештар ё камтар дошта бошад. Ягон нафаре нест, ки аз дигарон бештар ё камтар сазовори осмон бошад.

# 2 АПРЕЛ

**“Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ҳар яке сазои амалҳоеро, ки дар бадан кардааст, гирад, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад”**

*(2 Қуринтиён 5:10)*

Навишта мегӯяд, ки ҳаёти абадӣ ба тамоми имондорон дар тамоми пуррагии он дода мешавад, аммо мо набояд фаромӯш кунем, ки ҳама дар осмон мукофот мегиранд. Дар доварии Масеҳ тамоми корҳо ва рафторҳои мо дида баромада мешаванд, ва баъзеи мо мукофоти аз дигарон калонтар мегирем.

Аз шарафи осмон низ ҳамаи мо ба дараҷаҳои гуногун ҳаловат мебарем. Дар осмон ҳама хушбахт хоҳанд буд, аммо баъзеҳо аз дигарон хушбахттар шуда метавонанд. Ҳамчунин косаҳои ҳама пур хоҳанд буд, аммо баъзеҳо нисбат ба дигарон косаҳои калонтар хоҳанд дошт.

Мо бояд он фикрро аз сар берун кунем, ки ба ҷалоли осмон расида, ҳама баробар хоҳем буд. Дар Навишта ягон сухан дар бораи чунин якрангии дилгиркунанда вуҷуд надорад. Аммо дар он дар бораи тоҷе гуфта мешавад, ки хизматгузории содиқона ва бовафо бо он мукофотонида мешавад; вақте ки баъзеҳо мукофот мегиранд, дигарон дастхолӣ мемонанд.

Биёед барои мисол ду ҷавонеро мегирем, ки синну солашон як буда, дар як вақт имон овардаанд. Яке аз онҳо чил соли умри худро ба хизмати Худо мебахшад, ва росткориву Подшоҳии Ӯ доимо дар ҳама чиз барои вай дар ҷои якум меистанд. Дигараш бошад, тамоми солҳои беҳтарини умри худро ба ҷамъ кардани пул мебахшад. Яке бо шавқу завқ дар бораи меҳнат барои Худованд нақл мекунад, дигараш бошад, дар бораи арзиши коғазҳои қиматбаҳо дар бозор гап мезанад. Якумӣ аллакай имрӯз метавонад аз наздикии Худованд бештар ҳаловат барад; ин қобилиятро вай дар осмон ҳам нигоҳ медорад. Дуюмӣ бошад, агарчи дар Масеҳ пуррагии ҳаёти абадиро дорад, рӯҳан хурд монд, ва ин норасоиро вай бо худ ба осмон мебарад.

Ҳар рӯзи гузашта онро муайян мекунад, ки мо чӣ гуна мукофотро мегирем ва ба кадом андоза метавонем аз ҳаёт дар хонаи ҷовидониамон ҳаловат барем. Дар ин ҷо донистани Навишта, итоати мо ба он, ҳаёти дуогӯёнаи мо, мушоракати мо бо масеҳиёни дигар, хизмати мо ба Худованд ва тарзи муомилаи мо бо он чи Худо ба мо ато кардааст, муҳим мебошад.

Ин ҳақиқат ҳам ба қарорҳое ки мо қабул мекунем, ҳам ба мақсадҳое ки мо дар пеши худ гузоштаем, таъсир хоҳад кард.

**“...чӣ гунае ки ӯ дар дили худ мулоҳиза мекунад, худаш низ ҳамон гуна аст”**

*(Масалҳо 23:7)*

Э. П. Гиббс чунин гуфтанро дӯст медошт: “Ту худро тамоман на он гуна, ки дар асл ҳастӣ, мебинӣ”. Вай дар назар дошт, ки чашмон дарвозаи ақл мебошанд; ақл бошад, дар навбати худ, дарёчаест, ки ба дарёи сероби рафтор ибтидо мебахшад. Сарчашмаро назорат карда, шумо тамоми ҷараёнро назорат мекунед.

Ана барои чӣ назорат кардани фикрҳои худ ин қадар муҳим аст. Маҳз барои ҳамин Сулаймон гуфтааст: “Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст” (Масалҳо 4:23). Дил ин ҷо муродифи ақл аст. Яъқуб ба мо хотиррасон мекунад, ки ҳар гуноҳ аз фикр сар мешавад (Яъқуб 1:13-15). Агар мо дар бораи ягон чиз муддати дароз мулоҳиза намоем, билохира маҳз ҳамон тавр рафтор хоҳем кард.

Фикр корӣ, рафтор медаравӣ.
Рафтор корӣ, одат медаравӣ.
Одат корӣ, хислат медаравӣ.
Хислат корӣ, тақдир медаравӣ.

Худованд Исо борҳо аҳамияти он чиро, ки фикрҳои моро пур мекунад, таъкид мекард. Ӯ таълим медод, ки нафрат ба қатл баробар аст (Матто 7:21-22), назари шаҳвонӣ — ба хиёнати заношӯӣ. Ӯ мегуфт, ки одамро на он чи вай мехӯрад, балки он чи вай фикр мекунад, нопок мегардонад (Марқус 7:14-23).

Мо барои ҳар он чи фикрҳои моро пур мекунад, ҷавобгар ҳастем, чунки мо инро идора карда метавонем. Мо метавонем дар бораи чизҳои бадахлоқона ва ношоиста фикр кунем, аммо метавонем дар бораи чизҳои пок ва писанди Худо низ фикр кунем. Мо ҳама подшоҳонем. Подшоҳии мо, ки мо дар он ҳокимони комилҳуқуқ ҳастем, ҳамаи он фикрҳои гуногун ҳастанд, ки дар сари мо мебошанд. Ин давлати хеле қудратманд аст, ва қудрати он метавонад ҳам барои корҳои хуб ва ҳам барои корҳои бад истифода шавад. Интихоб аз они мост.

Пас мо аниқ чӣ кор карда метавонем, то фикрҳоямон доимо пок бошанд? Пеш аз ҳама мо метавонем ба Худо бо чунин дархост муроҷиат кунем: “Худоё, дили поке дар ман биофарин, ва рӯҳи дурусте дар ботинам нав бикун” (Забур 50:12). Дуюм: дар бораи ҳар фикр аз нуқтаи назари Исо ҳукм намоед (2Қуринтиён10:5). Сеюм: ба ҳар фикри нопок назди Худо иқрор шавед ва онро аз худ дур кунед (Масалҳо 28:13). Ҳамчунин кӯшиш кунед, ки ақли шумо ҳаргиз бекор наистад, ва онро бо фикрҳои поку шоиста пур кунед (Филиппиён 4:8). Панҷум: ҳар он чи мехонед, гӯш медиҳед ё тамошо мекунед, бо диққат назорат кунед. Агар ақли худро доимо бо чирку ахлот пур кунед, аз эҳтимол дур аст, ки фикрҳоятон пок ва олиҳиммат хоҳанд буд. Ва охирин: бекор нанишаста, доимо барои Худованд хизмат кунед. Аксаран маҳз бекории ақл боиси хаёлоти аблаҳона ва нопок мешавад.

## “Бо имон мефаҳмем...”

*(Ибриён 11:3)*

“Бо имон мефаҳмем...” Ин яке аз принсипҳои асосии ҳаёти рӯҳонӣ мебошад. Фақат пас аз бовар кардан ба Каломи Худо мо фаҳмида метавонем. Дунё мегӯяд: “Вақте ки мебинӣ, бовар мекунӣ”. Худо мегӯяд: “Вақте ки бовар мекунӣ, мебинӣ”. Исо ба Марто гуфт: “Оё ба ту нагуфтам, ки агар имон оварӣ... мебинӣ?” (Юҳанно 11:40). Баъдтар Ӯ ба Тумо гуфт: “.. .хушо касоне ки надида, имон меоваранд” (Юҳанно 20:29). Расул Юҳанно навишта буд: “Ба шумо, ки...имон доред, инро навиштаам, то донед...” (1 Юҳанно 5:13). Аввал имон овар, ва он гоҳ хоҳӣ донист.

Биллӣ Грэм дар бораи он нақл мекард, ки чӣ тавр ин принсип дар ҳаёти вай амал кард: “Соли 1949 ман аз шубҳаҳо оиди ҷойҳои зиёди Навишта азоб мекашидам. Ба назари ман чунин менамуд, ки дар Навиштаҳо доимо ба ихтилофот рӯ ба рӯ мешавам. Баъзе чизҳо ба тасаввуроти маҳдуди ман дар бораи Худо тамоман ҷой намегирифтанд. Дар мавъизаҳои ман он шарораи дилпурӣ набуд, ки дар суханони воизони барҷастаи замони гузашта буд. Монанди садҳо донишҷӯёни семинарияҳо, ман дар ҳаёти худ муборизаи асосии фикриро мебурдам. Дар оянда чӣ гуна шудани хизмати ман ба натиҷаи он вобаста буд.

Дар моҳи августи худи ҳамон сол маро ба Форест Ҳоум, ки комплекси баландкӯҳ дар наздикии Лос Анҷелес аст ва ба ҷамоати пресвитерианӣ тааллуқ дорад, даъват карданд. Боре ман дар пайраҳаи ба даруни ҷангал мебурда қадам зада, гуфтан мумкин аст, бо Худо мубориза мебурдам. Ман бо шубҳаҳои худ муҳориба барпо кардам, ҷони ман дар миёни тирпарронии дутарафа буд. Ниҳоят ночор монда, ман қарор додам, ки тамоми иродаи худро ба Худои зиндаи Навиштаҳо тобеъ намоям. Ман дар пеши Навиштаи кушода ба зону истода, гуфтам: “Худовандо, ман дар ин китоб чизҳои бисёреро намефаҳмам, аммо Ту гуфтаӣ, ки росткор бо имон хоҳад зист. Ҳар он чи ман аз Ту қабул кардаам, бо имон қабул кардаам. Ва инак дар ҳамин ҷо ҳозир ман Навиштаро чун Каломи Ту бо имон қабул мекунам. Ман ҳамаи онро, пурра ва бечуну чаро қабул менамоям. Вақте ки ман бо чизи нофаҳмо рӯ ба рӯ мешавам, дар муҳокимаронӣ шитоб нахоҳам кард, балки то замоне мунтазир хоҳам шуд, ки бештар рӯшноӣ гирам, то замоне ки Ту возеҳу фаҳмотар кунӣ. Агар хости Ту бошад, вақте ки ман Каломи Туро мавъиза мекунам, ба ман кудрат ва куввати Худро ато кун, то одамон дар гуноҳ фош карда шуда, сӯи Ту рӯ оваранд!”

Пас аз 6 ҳафтаи ин воқеа мо дар Лос Анҷелес башорат медодем. Маҳз ҳамон вақт барои худ ҳақиқатеро ошкор намудам, ки хизмати маро тамоман дигаргун кард. Ман кӯшиши исбот кардани онро, ки Навишта рост мегӯяд, бас кардам. Акнун, вақте ки ман худам ба ин пурра боварии қатъӣ доштам, ин дилпурии ман ба шунавандагон низ мегузашт”.

**“...ба якдигар меҳрубон ва дилсӯз бошед ва якдигарро бахшед, чунон ки Худо низ шуморо дар Масеҳ бахшидааст”**

(Эфесусиён 4:32)

Навишта таълим медиҳад, ки дар ҷараёни афвкунӣ марҳалаҳои муайяне мавҷуданд, ки бояд аз пайи ҳамдигар дар пайдарпайии муайян равaнд. Риояи ин пайдарпайӣ ба мо ёрӣ медиҳад, то аз дарди нодаркори сар ва дил раҳоӣ ёбем.

Агар шуморо ягон кас ранҷонида бошад, аввалин чизе ки шумо бояд кунед, дар дил бахшидани ин шахс аст. Барои ба вай гуфтани ин шитоб накунед, аммо ӯро бахшида, шумо аз бори вазнин халос мешавед ва ҳамаро ба дасти Худованд месупоред. Акнун оби меъдаи шумо ба тезобе, ки пардаи меъдаро хӯрда вайрон мекунад, табдил нахоҳад шуд ва ба шумо хатари бо дигар бемориҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ наздик шинос шудан таҳдид намекунад.

Қадами дигар – назди бародар рафта, ба вай гуноҳашро нишон додан аст (Луқо 17:3). Ба ҷои дар ҳар гӯшаву канор нақл кардани он ки чӣ тавр бо ту беадолатона рафтор кардаанд, “рафта байни худат ва ӯ ба танҳоӣ гуноҳашро фаҳмон” (Матто 18:15). Кӯшиш кунед, ки ҳар чи аз дастатон меояд, ба ҷо оваред, то ҳама чиз дар миёни ҳар дуи шумо монад.

Агар вай ба гуноҳи худ иқрор нашавад ва бахшиш напурсад, он гоҳ бо як ё ду шоҳид назди вай равед (Матто 18:16). Навишта таълим медиҳад, ки нақли шумо дар бораи нуқтаи назари шахси гуноҳкор бояд ҳамеша дар шаҳодати шоҳидон асос ёфта бошад.

Агар вай истодагарӣ карданро давом диҳад, шумо бояд дар ҳузури шоҳидон ин масъаларо ба тафтишоти ҷамоат пешниҳод кунед. Агар вай аз итоат кардан ба қарори ҷамоат даст кашад, ғайр аз хориҷ кардани вай аз ҷамоат чизи дигаре намемонад (Матто 18:17).

Аммо агар вай дар ягон марҳалаи ин ҷараён тавба кунад, ӯро бахшед (Луқо 17:3). Шумо ӯро дар дили худ аллакай кайҳо бахшидаед, аммо фақат ҳозир вай ин бахшиданро аз шумо қабул менамояд. Дар ҳеҷ сурат ин ҷо олиҳимматии бардурӯғ нишон додан мумкин нест: “Хайр, ҳеҷ гап не. Умуман ту ягон чизи даҳшатноке накардаӣ”. Чунин гуфтан беҳтар аст: “Ман бо хурсандӣ туро мебахшам. Дар миёни мо дигар ҳеҷ чиз намеистад. Биё ба зону истода, якҷоя дуо мегӯем”.

Хотираҳо дар бораи шармсории пуразоби тавба ӯро аз содир кардани гуноҳҳои нав бар зидди шумо боздошта метавонанд. Аммо ҳатто агар вай боз гуноҳ карда, тавба кунад, шумо аз нав бояд ӯро бахшед. Ва ҳатто агар вай рӯзе ҳафт карат ба шумо гуноҳ кунад ва ҳафт карат тавба кунад, шумо бояд ӯро афв намоед. Новобаста ба он ки шумо ба самимияти тавбаи вай бовар мекунед ё не (Луқо 17:4).

Мо бояд фаромӯш накунем, ки ба мо қарзи якчанд миллиард бахшида шудааст. Мо ягон ҳақ надорем қарзи шахсонеро, ки аз мо якчанд танга қарздоранд, набахшем (Матто 18:23-35).

**“Агар касе хости Ӯро ба амал овардан мехоҳад, дар бораи ин таълим хоҳад донист, ки оё он аз Худост, ё ки Ман аз Худ сухан мегӯям”**

*(Юҳанно 7:17)*

Навишта ваъда медиҳад, ки агар касе ҳақиқатан хости Худоро иҷро кардан хоҳад, вай хоҳад донист, ки он аз чӣ иборат аст. Агар касе сахт донистан хоҳад, Худо инро ба вай ошкор мекунад.

Агар гуноҳкор дар торикие ки аз ҳама тараф вайро фаро гирифтааст, ягон шӯълаи равшаниро надида, дар ноилоҷӣ чунин илтиҷо кунад: “Худоё, Худро ба ман ошкор намо!” Ӯ Худро ошкор хоҳад кард. Ин дуо ҳаргиз беҷавоб намонда буд.

Як ҳиппӣ, ки дар ғоре дар ҷануби ғарби ИМА зиндагӣ мекард, қарор дод худкушӣ кунад. Хушбахтиро ҷустуҷӯ карда, вай ҳама чизро чашида дид: машруботи спиртдор, нашъа, алоқаи ҷинсӣ, илмҳои симиёвӣ. Аммо ҳаёти вай ба ҳар ҳол холӣ буд, ниҳоят холӣ. Вай ҳар гуна умеди аз ин ҳолати даҳшатнок баромаданро аз даст дода буд. Ба гӯшаи ториктарини ғори худ пинҳон шуда, вай дод зад: “Худо, агар Ту умуман бошӣ, Худро ба ман ошкор намо, ё ки ман худро мекушам!”

Пас аз даҳ дақиқа масеҳии ҷавоне ки “тасодуфан” аз назди ғор мегузашт, сарашро ба ғор дарун карда, ба ҳиппии гӯшанишин чунин муроҷиат кард: “Салом! Гӯш кун, биё ман ба ту дар бораи Исо нақл кунам!”

Оё шумо медонед, ки пас аз ин чӣ рӯй дод? Ҳиппӣ нақли масеҳиро дар бораи наҷот ба воситаи имон ба Худованд Исои Масеҳ бо диққат гӯш кард. Вай тавба карда, назди Наҷотдиҳанда омад ва дорои бахшиш ва ҳаёти нав шуд. Ин дуо аз умқи дили вай омад, ва Худо онро шунида, ба вай ҷавоб дод. Ман ягон мисоли онро намедонам, ки Худо ба шахсе ки аз самими дил ва пурҳарорат дуо мекунад, ҷавоб надода бошад.

Албатта, Навишта инро ба масеҳиён низ ваъда медиҳад. Агар ягон кас ҳақиқатан хости Худоро барои ҳаёти худ донистан хоҳад, Худо ҳатман инро ба вай нишон медиҳад. Агар ягон кас донистан хоҳад, ки нисбат ба ягон масъалаи ҳаёти ҷамоат чӣ гуна мавқеъро ишғол намояд, Худо ба вай нишон хоҳад дод. Новобаста ба он ки мо чиро аз Ӯ талаб мекунем, Худо ба мо чизи талабшавандаро медиҳад, агар мо иродаи Ӯро аз ҳама баланд гузорем. Аммо агар мо хости Худо, нақшаҳо ва ниятҳои Ӯро надонем, ин фақат аз он сабаб аст, ки худамон инро на он қадар донистан мехоҳем.

**“Ман ҳамаашро гирифтам ва ба қадри барзиёд дорам; ва ман аз ҳар чиз пур гаштам, ҳангоме ки ҳадияи фиристодаи шуморо, ҳамчун бӯи хуш, ҳамчун қурбонии мақбули писандидаи Худо, аз дасти Эпафрудитус гирифтам”**

*(Филиппиён 4:18)*

Номаи Павлус ба Филиппиён дар асл мактуби миннатдорӣ барои ҳадияе буд, ки вай аз имондорони шаҳри Филлиппӣ гирифт. Ба фикри ман, ҳақ ба ҷониби мо хоҳад буд, агар тахмин кунем, ки ин ҳадия пул буд. Аммо аҳамият диҳед, ки расул барои таҳсини ҳадияи онҳо кадом суханонро интихоб кардааст. Вай онро “бӯи хуш, қурбонии мақбули писандидаи Худо” меномад. Дар Нома ба Эфесусиён вай худи ҳамин суханонро истифода мебарад, то ки ҳадияи бузурги қурбонии Масеҳро дар Ҷолҷолто тасвир намояд. Вай онро “ҳадия ва қурбонӣ ба Худо, ҳамчун бӯи хуш” меномад. Аз ҳаяҷон нафастанг мешавем, вақте фикр мекунем, ки ҳадия ба яке аз хизматгорони Худованд бо худи ҳамон калимае тасвир мешавад, ки барои тасвири ҳадияи бузург истифода мешавад.

Ҷ. Х. Ҷоуэтт дар ин хусус чунин навишта буд: “То чӣ андоза доираи таъсири кори нек бузург аст, агарчи ба назар хурд менамояд! Мо дилпур будем, ки бенаворо тасаллӣ медиҳем, аммо дар ҳақиқат бо Шоҳ сӯҳбат мекардем! Мо фикр мекардем, ки бӯи хуш танҳо дар кӯчаи мо паҳн мешавад, аммо хушбӯӣ тамоми оламро фаро мегирад! Мо тахмин мекардем, ки ҳадияи мо фақат ба Павлус муқаррар шудааст, дар ҳақиқат бошад мо онро пеши пойҳои Наҷотдиҳанда ва Худованд гузоштем”. Вақте мо дарк мекунем, ки табиати ҳақиқии рӯҳонии хизмати моддии шахси масеҳӣ чӣ гуна аст ва то чӣ андоза таъсири он калон аст, мо аллакай бо дили нохоҳам ё “бо зарбаи чӯб” хайрот кардан наметавонем. Мо дигар фирефтаи ҳилаву найранги “ғундорандагони кордони садақа” нахоҳем шуд, ки ҳар гуна саҳнаҳоро барпо мекунанд, то аз имондорон пули бештар фишурда бароранд. Барои мо хайроти моддӣ яке аз намудҳои хизмат хоҳад буд, на юғе, ки шариат бар мо мениҳад. Ин хизмати муҳаббат хоҳад буд, ки бо хурсандӣ ба ҷо оварда мешавад.

Ҳангоме дар бораи он фикр мекунам, ки ҳадияи ночизи ман ба Худои Бузург саломхонаи подшоҳро бо бӯи муаттар пур мекунад, ман бо фурӯтании амиқ ва дуои ситоиш боз бештар ба зону истода, бо хурсандии боз ҳам зиёдтар барои кори Худо пул медиҳам. Ҷамъоварии хайроти моддӣ дар хизматгузории якшанбегӣ барои ман аллакай кӯҳнапарастии дилгиркунанда, вале даркорӣ нахоҳад буд. Он барои ман боз як имконияти ба Худи Худованд Исо додани ҳадияи худ хоҳад шуд, ҳатто агар Ӯ назди ман дар ҷисм наистад.

**“Каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст”**

*(Ибриён 4:12а)*

Боре донишҷӯи масеҳӣ ба як донишҷӯи дигар, ки беимон буд, дар бораи Исои Масеҳ нақл мекард. Вақте ки ӯ ба вай як оят иқтибос овард, дар ҷавоб чунин шунид: “Ман ба Навишта бовар намекунам”. Масеҳӣ боз як оят иқтибос овард ва ҷавоб боз чунин буд: “Ман аллакай ба ту гуфтам, ки ба Навишта бовар намекунам . Вақте ки аз Навишта бори сеюм иқтибос овард, ҳамсӯҳбати вай хеле хашмгин шуд: “Иқтибосҳои ту аз Навишта ба дили ман зад. Ман аллакай ба ту сад бор гуфтам, ки ба он бовар намекунам”. Масеҳӣ ноумед шуд. Вай ба хулосае омад, ки кӯшиши башоратдиҳии вай пурра ба нокомӣ дучор шуд.

Чунин шуд, ки ҳамон бегоҳирӯзӣ Х. Э. Айронсайд назди ӯ ба меҳмонӣ омад. Дар вақти таоми шом донишҷӯи масеҳӣ дар бораи сӯҳбати худ бо беимон нақл кард. Ӯ аз меҳмони худ пурсид: “Шумо чӣ мекунед, вақте дар ҷавоби суханонатон оид ба имон ба Исо инро мешунавед: “Ман ба Навишта бовар намекунам? Айронсайд табассум карда, гуфт: “Ман боз якчанд ояти дигарро иқтибос меоварам”.

Гӯш додан ба ин суханон барои ҳамаи онҳое ки Хабари Хушро ба дигарон расондан мехоҳанд, фоиданок аст. Вақте ҳамсӯҳбати шумо мегӯяд, ки ба ҳаққонияти суханони Навишта бовар намекунад, боз якчанд оятро иқтибос оваред. Каломи Худо зинда ва бузург аст. Каломи Худо ҳатто шахсонеро дигаргун мекунад, ки ба он бовар намекунанд.

Тасаввур кунед, ки пеш аз ҷанги тан ба тан як ҳариф ба ҳарифи дигар мегӯяд: ”Ман бовар намекунам, ки шамшери ту аз пӯлод аст”. Пас ҳарифи дуюм чӣ кор мекунад? Оё вай шамшери худро ба замин гузошта, худро мағлуб ҳисоб мекунад? Ё ин ки дар бораи миқдори карбон ба ҳисоби фоиз ва чакушхӯрии пӯлод мубоҳисаҳои илмӣ барпо мекунад? Аблаҳӣ! Вай ба ҳариф зарба мезанад, то ки ӯ худаш ба сифати шамшер боварӣ ҳосил кунад. Бо Навишта ҳам ҳамин тавр аст. Каломи Худо шамшери Рӯҳ аст. Онро набояд ҳимоя кард, онро бояд кор фармуд. Он худаш метавонад худро ҳимоя намояд.

Ман бо ин тамоман гуфтан намехоҳам, ки далелҳои бо илҳоми илоҳӣ навишта шудани Навиштаҳо фоидае надоранд. Баръакс, онҳо барои дар имон мустаҳкамтар кардани шахсони наҷотёфта хеле зарур мебошанд. Баъзан онҳо ба одамон ёрӣ медиҳанд, ки ба имони наҷотдиҳанда оянд. Аммо аксаран ягон далел ва исботи инсонӣ дигаронро бовар кунондан наметавонад. “Бо зӯрӣ маҳбуб намешавӣ”. Одамро бояд бо Каломи Худо рӯ ба рӯ монд. Як ояти Навиштаҳо аз ҳазор далел таъсирбашхтар аст.

Аз ёд кардани оятҳои Навишта аҳамияти калон дорад. Агар ман ба аз ёд кардани оятҳои Навиштаҳо бепарвоёна муносибат карда бошам, дар лаҳзаи ҳалкунанда бесилоҳ хоҳам буд. Охир Худо ваъда додааст, ки на суханони маро, балки Каломи Худро баракат хоҳад дод. Бинобар ин, вақте ки ман бо шахси наҷотнаёфта гап мезанам, бояд шамшери Рӯҳро бо муҳаббат ва хеле эҳтиёткорона кор фармоям, ва он гоҳ дар пеши назари ман муъҷизаи файз, муъҷизаи иқроршавӣ ва тавба рӯй хоҳад дод.

# 9 АПРЕЛ

**“...мисли гӯсфанде ки барои забҳ бурда мешавад”**

*(Ишаъё 53:76)*

Боре ман дидам, ки баррача чӣ тавр ҷон медод. Ин на фақат манзараи пуртаъсир, балки даҳшатнок низ буд.

Вақте ки онро ба кушишхона мебурданд, он ба назар ниҳоятдараҷа хуб менамуд. Ҳар касе ки онро медид, мехост онро сила карда ба оғӯш гирад. Хурдтаракон ҳамеша нағзаканд, хоҳ гурбачаҳо бошанд, хоҳ сагчаҳо, хоҳ чӯҷачаҳо, хоҳ гӯсолачаҳо ё тойчаҳо, аммо баррачаҳо ниҳоятдараҷа пуртаъсир мебошанд.

Дар он ҷо истода, он бо пашми сафеди бедоғаш тамоман беайб ва пок ба назар менамуд. Он латиф, зудбовар, нотавон ва бепаноҳ буд. Махсусан чашмонаш фаттон буда, дар он тарс, андӯҳ ва алам дида мешуд. Ба худ тасаввур кардан номумкин аст, ки чаро чунин махлуқи ҷавон ва бениҳоят хуб бояд бимирад.

Аммо инак пойҳои онро мебанданд, ва ҳоло баррачаи нотавон дар паҳлӯ хобидааст. Он хир-хир карда бо душворӣ нафас мекашад, гӯё ки марги наздикро пешакӣ ҳис мекунад. Бо як ҳаракати тез ва дилпурона қассоб гулӯи онро мебурад. Ба замин хун мерезад. Баданчаи хурд дар рагкашиҳо меҷунбад ва дере нагузашта аз ҳаракат мемонад. Баррачаи латиф мурдааст.

Баъзе тамошобинон тавони дидани чунин манзараро надошта, рӯи худро гардонданд. Дигарон ашк пок мекарданд. Ҳеҷ кас ягон сухан нагуфт.

Ба воситаи чашмони имон ман мебинам, ки чӣ тавр Барраи дигар мемурад – Барраи Худо. Ин манзараи аз ҳама пурбаракат ва аз ҳама даҳшатнок аст.

Ин Барра олиҷаноб аст. Он сарвар дар миёни даҳ ҳазор аст,  софдилтарин ва одилтарин. Вақте Ӯро ба куштан мебурданд, Ӯ дар айни нашъунамои қувват буд.

Ӯ на фақат беайб, балки пок, бе ягон доғ ва камбудӣ буд. Пас чаро ин ҳаёти соф ва равшан мебоист қатъ мешуд?!

Аммо ҷаллодон Ӯро дастгир карда, ба салиб мехкӯб намуданд. Дар он ҷо Ӯ тамоми азобҳо ва даҳшатҳои дӯзахро чашида, барои гуноҳкорон қурбонии гуноҳпӯшанда овард. Ва дар давоми тамоми ин вақт чашмони Ӯ бо муҳаббат ва бахшидан медурахшиданд.

Аммо инак замони уқубатҳои Ӯ ба охир расид. Ӯ рӯҳи Худро ба дастони Падар супурд, баданаш бошад суст шуда, дар салиб овезон монд. Сарбозе паҳлӯи Ӯро бо найза сӯрох кард, ва аз он хун ва об ҷорӣ шуд. Барраи Худо мурда буд.

Дили ман аз ғам пора-пора мешавад. Аз рухсораҳоям ашк ҷорӣ мешавад. Ман зону зада, ба Ӯ ташаккур мегӯям ва ҳамду сано мехонам! Ин аз ақл берун аст, аммо Ӯ барои ман мурд! Оё ман метавонам ягон вақт дӯст доштани Ӯро бас кунам?!

# 10 АПРЕЛ

**“...ва шумо эҳтиёҷе надоред, ки касе шуморо таълим диҳад...”**

*(1 Юҳанно 2:27)*

Аз назари аввал чунин метобад, ки ин оят моро ба мушкилот рӯ ба рӯ мекунад. Агар ба мо лозим набошад, ки касе моро таълим диҳад, пас чаро Худованди зиндашуда ба ҷамоат муаллимонро дод, то муқаддасонро ба кори ибодат тайёр кунанд? (Эфесусиён 4:11-12) Барои фаҳмидани он ки Юҳанно чиро дар назар дошт, донистан лозим аст, ки ин нома дар кадом вазъиятҳо навишта шуда буд. Дар он замон дар ҷамоат муаллимони дурӯғин пайдо шуда буданд, ки худро гностик меномиданд. Ин бидъаткорон як вақтҳо ба Худованд Исо имони самимӣ доштанд ва бинобар ин ба мушоракати ҷамоатҳои маҳаллӣ қабул карда шуда буданд. Аммо дере нагузашта онҳо аз таълимоти ҳақиқӣ дур шуда, ба мавъизаи нуқтаҳои назари худ оид ба табиати илоҳӣ ва башарии Масеҳ сар карданд.

Онҳо мегуфтанд, ки дорои дониши олӣ ҳастанд, ва номи “гностикҳо” (аз калимаи юнонии “гнозис” – “донистан” гирифта шудааст) аз ҳамин ҷо баромадааст. Эҳтимол, онҳо масеҳиёнро ин тавр таълим медоданд: “Бале, таълимоти шумо олидараҷа аст, аммо ин ҳанӯз тамоми ҳақиқат нест. Мо метавонем ба шумо ёрӣ диҳем, ки як қадам пеш гузошта, таълимоти кӯҳнаро тарк намоед, ва мо шуморо аз асрори нав ва амиқтар хабардор хоҳем кард. Агар шумо ҳақиқатан ба камолоти ҳақиқӣ расидан хоҳед, бояд аз таълимоти мо бохабар шавед!”

Юҳанно бошад масеҳиёнро огоҳ мекунад, ки ҳамаи ин фиреб аст. Ба онҳо ин муаллимони номдузд даркор нестанд. Охир онҳо Рӯҳулқудс доранд. Онҳо Каломи ҳақиқатро доранд. Онҳо муаллимоне доранд, ки аз ҷониби Худо дода шудаанд. Рӯҳулқудс ба онҳо имконият медиҳад, ки ҳақиқатро аз гумроҳӣ фарқ намоянд. Имони масеҳӣ аз ҷониби муқаддасон танҳо як бор ва то абад супурда шуда буд (Яҳудо 3), ва он дар тамоми пуррагии худ супурда шуда буд. Бинобар ин ҳар гуна ҳақиқатҳои “иловагӣ” фиреб мебошанд. Муаллимони масеҳӣ бояд Навиштаҳоро фаҳмонда, барои дар ҳаёт татбиқ намудани ҳақиқатҳои он ёрӣ диҳанд, аммо аз ҳудуди он берун нашаванд ва ҳақиқатҳои дигар, ҳақиқатҳои олитарро ҷустуҷӯ накунанд.

Ҳар кас инкор кунад ҳам, Юҳанно инкор намекард, ки ба ҷамоат муаллимон лозим ҳастанд. Ӯ худаш муаллими олиҷаноб буд. Аммо маҳз Юҳанно боисрор мегуфт, ки ҳокимияти олӣ ба Рӯҳулқудс тааллуқ дорад, ки Ӯ халқи Худоро дар саҳифаҳои Навишта бо тамоми ҳақиқат ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Навишта бояд ченаки ҳаққонияти ҳар гуна таълимот бошад. Ҳар гуна таълимот дар бораи ҳақиқатҳои “иловагӣ” ба Навишта, ва ҳамчунин онҳое ки худро бо Навиштаи Муқаддас баробар мекунанд ё ба он зид ҳастанд, бояд бегуфтугӯ рад карда шаванд.

# 11 АПРЕЛ

**Ва онҳо бо пирон ҷамъ омада ва маслиҳат карда, ба сарбозон пули бисёре доданд ва гуфтанд: “Гӯед, ки шогирдони Ӯ шабона омада, ҳангоме ки мо дар хоб будем, Ӯро дуздидаанд”**

*(Матто 28:12-13)*

Ҳамин ки Худованд Исо аз мурдагон зинда шуд, душманонаш кӯшиши аввалин карданд, то исбот намоянд, ки ин муъҷиза тамоман муъҷиза ҳам набуд. Беҳтарин фикре ки он гоҳ ба сарашон омад, дурӯғе буд, ки гӯё шогирдон шабона омада, ҷасадро дуздиданд. (Назария дар бораи беҳушшавӣ, ки гӯё Исо дар ҳақиқат намурд, балки беҳуш шуд, фақат пас аз садсолаҳо ба вуҷуд омад.) Аммо ин назария дар бораи дуздӣ, чун назарияҳои дигар, аз ҳалли масъала дида хеле бештар саволҳо ба вуҷуд меоварад.

Чаро саркоҳинон ва пирон нақли посбононро дар бораи қабри холӣ шунида, ба ҳаққонияти он шубҳа накарданд? Онҳо ҳама чизи рӯйдодаро чун ҳақиқат қабул карданд, ва шитобон тафсире эҷод намуданд, ки ин чӣ тавр рӯй дод.

Чаро посбонон ҳангоми иҷрои вазифаи худ хоб рафтанд? Аз рӯи қонуни румӣ ҳангоми посбонӣ хобидан бо марг ҷазо дода мешуд. Аммо боз ба посбонон ваъда доданд, ки онҳо аз ҷазо халос хоҳанд шуд. Чаро?

Чӣ тавр посбонон номаъқулӣ карда, ҳамаашон дар як вақт хобиданд? Бовар кардан душвор аст, ки онҳо барои якчанд соати хоб тайёр буданд ҷони худро ба хатар андозанд.

Чӣ тавр шогирдон метавонистанд сангро ғелонанд, ва дар айни замон посбононро бедор накунанд? Санг калон буд, ва бе ғалоғула онро ғелондан номумкин буд.

Чӣ тавр шогирдон умуман метавонистанд сангро ғелонанд? Дар қабрҳои барои он замон муқаррарӣ санг дар роғ хобида, даромадгоҳи ғорро мепӯшид. Ин гуна қабрро аз кушодан дида мӯҳр задан осонтар буд. Ғайр аз ин, румиён барои посбонии қабр ҳар кори аз дасташон меомадаро карда буданд.

Оё бовар кардан мумкин аст, ки шогирдоне ки аз тарс барои ҳаёти худ меларзиданд, ҷуръат карда ба посбонони румӣ ҳамла кунанд ва ҷасадро аз қабр дузданд? Онҳо медонистанд ки ҷазо барои чунин ҷиноят хеле сахт буд.

Агар ҳамаи посбонон хобида бошанд, онҳо аз куҷо дониста метавонистанд, ки маҳз шогирдон ҷасадро дуздида бурдаанд?

Агар шогирдон ҷасадро дуздида бошанд, пас барои чӣ ба онҳо лозим омад, ки дақиқаҳои қиматбаҳоро сарф карда, аз ҷасад кафанро кашанд ва рӯймолро печонда монанд? (Луқо 24:12; Юҳанно 20:6-7)

Ва чаро умуман ба онҳо лозим буд, ки дуздӣ кунанд? Онҳо барои ин ягон сабаб надоштанд. Илова бар ин, онҳо худашон зинда шудани Ӯро шунида, ҳайрон шуданд ва намехостанд ба ин бовар кунанд.

Ва билохира, оё шогирдон, одамони соҳибэҳтиром ва муътабар, дурӯғ будани зиндашавии Ӯро дониста, метавонистанд ҷонҳои худро ба хатар андохта, дар ҳама ҷо инро мавъиза намоянд? Пол Литтл гуфтааст: “Ҳоло он одам зода нашудааст, ки тайёр бошад, то барои чизи дурӯғ ҷон диҳад”. Онҳо самимона бовар мекарданд, ки Исо зинда шудааст. Худованд зинда шудааст! Ӯ ба ростӣ зинда шудааст!

**“Пас, агар шумо дар сарвати ноинсофона боваринок набошед, кист, ки сарвати ҳақиқиро ба шумо супорад?”**

*(Луқо 16:11)*

Ин ҷо дар зери мафҳуми сарвати ноинсофона сарватҳои заминӣ ва моддӣ дар назар дошта мешавад. Дар ҷаҳони мо гумроҳие ҳукмрон аст, ки ҳамон шахс сарватманд аст, ки ҳамёнаш таранг пур шудааст. Дар ҷустуҷӯи хушбахтӣ ва барои дилпур будан аз рӯзи оянда мо қитъаҳои замин, хонаҳо, саҳмияҳо ва коғазҳои қиматбаҳо мехарем.

Худованд Исо таълим медиҳад, ки ҳам сарвати ҳақиқӣ ҳаст, ва ҳам сарвати ноинсофона. Он чи одамон сарват ҳисоб мекунанд, дар асл тамоман ягон арзиш надорад.

Ҷон, масеҳии софдил, дар мулки як асилзодаи хеле сарватманд ба сифати мудир кор мекард. Боре Ҷон дар хобаш овозе шунид, ки чунин мегуфт: “Рӯзи оянда, то расидани ними шаб шахси аз ҳама сарватманди ноҳия хоҳад мурд”. Рӯзи дигар хӯҷаинро дида, Ҷон ба вай дар бораи ин хоб нақл кард. Сарватманд фақат беғамона табассум кард: вай худро хеле нағз ҳис мекард, ва ба хобҳо ҳам вай чандон бовар намекард.

Аммо ҳамин ки Ҷон аз назар ғоиб шуд, вай ба ронанда фармуд, ки ӯро назди духтур барад. Дар он ҷо вай муоинаи пурраи тиббиро гузашт. Чӣ тавре ки ӯ интизор буд, тамоми таҳлилҳо нишон доданд, ки вай дар ҳолати хеле нағз буд. Аммо хоби Ҷон ба ҳеҷ ваҷҳ аз сари вай намебаромад, ва аз боиси ҳамин вай ҳамон бегоҳ духтурро ба хонаи худ ба таоми шом даъват намуд. Духтур ин даъватро қабул кард.

Шом бе ягон ҳодиса гузашт. Онҳо муддати дуру дароз дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбат мекарданд. Духтур барои ба хона рафтан якчанд маротиба аз ҷояш мехест, аммо соҳиби хона ҳар бор вайро розӣ мекунонд, ки боз якчанд дақиқа бимонад. Дар охир, вақте ки соат дувоздаҳ шуд, сарватманди бехудо бо сабукӣ нафас гирифт, ва дасти духтурро фишурда, бо вай хайрухуш кард.

Пас аз якчанд дақиқа касе дари хонаро тақ-тақ кард. Дар остона сарватманд духтари мудири хоҷагии худро дид. “Ҷаноб, – гуфт вай. – Модарам хоҳиш кард, то ба шумо хабар диҳам, ки падарам хуруҷи дил шуд ва якчанд дақиқа пеш вафот кард”.

Он шаб шахси аз ҳама сарватманди ноҳия вафот кард.

## 13 АПРЕЛ

**“Хуллас, хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред”**

*(1Қуринтиён 10:31)*

Оё рафтори ман барои ҷалол додани Худо хизмат мекунад?

Ин яке аз меъёрҳои асосист, ки мо ба воситаи он то чӣ андоза ба номи масеҳии мо мувофиқ будани рафторамонро муайян намуда метавонем. Аксар вақт, дар бораи чӣ тавр рафтор кардан фикр карда, мо ба худ чунин савол медиҳем: Оё ин метавонад ба ягон кас зиён оварад?” Аммо дар ҳақиқат савол бояд чунин бошад: “Оё ин метавонад ба Худо ҷалол оварад?”

Пеш аз сар кардани ягон кор бояд андешид, ки оё мо метавонем аз Худо хоҳиш кунем, то чизи андешидаамонро баракат диҳад. Агар мо бинем, ки амали мо ба Худо ҷалол ва шараф намеоварад, бояд аз он даст кашем.

Барои динҳои дигар ҳамин қадараш кофист, ки одамон бо рафтори худ ба ҳеҷ кас зиён намерасонанд. Масеҳият бошад дуртар меравад: на фақат “бадӣ накун , балки “некӣ кун”. Кейт Л. Брукс боре гуфтааст: “Агар шумо ба камолоти масеҳӣ расидан хоҳед, дар ҳама чиз кофта ёфтани чизи зараррасонро бас карда, ба ҷустуҷӯи чизи фоиданок шурӯъ намоед. Агар шумо хушбахтона зиндагӣ кардан хоҳед, дар қатори онҳое ҷой гиред, ки на фақат кори ба дигарон зарар мерасондаро намекунанд, балки кореро мекунанд, ки некӣ, фоида ва хурсандӣ меоварад.

Баъзе чизҳо худ аз худ метавонанд безарар бошанд, аммо онҳо завлона дар пойҳои масеҳӣ ҳастанд. Ягон қонуне вуҷуд надорад, ки ба иштироккунандаи давиш ба масофаи 1500 метр манъ кунад, ки бо худ як халта картошка гирифта давад. Аммо агар ягон кас ҳақиқатан онро бо худ гирифта давад, ҳаргиз ғолиб намешавад. Дар ҳаёти шахси масеҳӣ низ чунин аст – чизе метавонад тамоман безарар буда, бо вуҷуди ин монеа шавад.

Аксар вақт саволи “Оё аз ин ба ягон кас зиён хоҳад расид?” шубҳаи пинҳонии моро фош мекунад. Ҳангоме ки мо вақтамонро ба корҳои дурусту фоиданок – ба дуо гуфтан, омӯхтани Навишта, шаҳодат додан ва кори рӯзмарра мебахшем, ҳаргиз ин саволро намедиҳем.

Зимнан, ҳар гуна меҳнати бовиҷдонона барои ҷалоли Худо ба ҷо оварда шуда метавонад. Ана аз ҳамин сабаб як зани хонашин дар ошхона болои плита чунин шиорро овехтааст: “Ин ҷо ҳар рӯз кори ибодат ба ҷо оварда мешавад”.

Ҳар боре ки дар шумо шакку шубҳа пайдо мешавад, ба хотир овардани маслиҳате фоиданок аст, ки Ҷон Уэслӣ аз модари худ гирифтааст: “Агар муайян кардан хоҳӣ, ки оё ҳузуру ҳаловатҳои муайян шоистаи шахси масеҳӣ ҳастанд, ба ин қоида риоя намо: ҳар он чи ақлатро хира мекунад, ҳассосияти инсофатро кам мекунад, муносибатро бо Худо тира мекунад, ҳама чизи рӯҳониро аз ҷозибааш маҳрум мекунад, он чи ба ҷисмат ёрӣ медиҳад, то бар рӯҳ ва ақлат ҳукмрон бошад, – ҳамаи ин гуноҳ аст”.

**“Ҳар кӣ дар байни шумо бузург будан хоҳад, бояд хизматгори шумо шавад; ва ҳар кӣ дар байни шумо аввалин будан хоҳад, бояд ғуломи шумо шавад**

*(Матто 20:26,27)*

Бузургии ҳақиқӣ чист?

Дар подшоҳии ин ҷаҳон ҳамон шахсро бузург ҳисоб мекунанд, ки дорои сарват ва қудрати зиёд мебошад. Дар ҳама ҷо аз ақиби вай хизматрасонон ва ёрирасонон рафта, бечуну чаро фармонҳо ва супоришҳояшро ба ҷо меоваранд. Дар ҳар ҷое ки вай пайдо шавад, барояш зиёфати дабдабанок ороста, ба вай таваҷҷӯҳи зиёд мекунанд. Вай мақоми баландро ишғол мекунад, ва бинобар ин одамон ба вай бо эҳтироми махсус ва иззату икром муносибат мекунанд. Ба вай зарур нест, ки бо кори сиёҳ ва камқадр машғул шавад: инро ба ҷои вай дигарон мекунанд.

Аммо дар ҷамоати Худованди мо ҳама чиз тамоман дигар аст. Ин ҷо на он шахс бузург аст, ки ба вай хизмат мекунанд, балки он шахсе ки хизмат мекунад. Бузург он шахс аст, ки хизматгори дигарон мешавад. Вай ягон корро ифлос ва камқадр ҳисоб намекунад. Вай хизмати ҷавобӣ ё миннатдорӣ умед намекунад. Боре яке аз шахсони тобеъ Ҷорҷ Вашингтонро дид, ки машғули коре аст, ки онро одатан пешхизмат мекард. “Эй, генерал, шумо барои чунин кор одами хеле калон ҳастед!” “Не, – гуфт Вашингтон. – қади ман ба ин кор хеле мувофиқ аст!”

Дар бораи Инҷили Луқо 17:7-10 муҳокима карда, Рой Ҳешен ба мо хотиррасон мекунад, ки ғулом бо ду хусусият фарқ мекунад: 1) вай бояд тайёр бошад, ки ба китфонаш борҳои зиёд мегузоранд, ва аз ӯ намепурсанд, ки дар ин бобат чӣ фикр дорад; 2) вай набояд барои ин интизори миннатдорӣ бошад; 3) вай ҳақ надорад соҳиби худро ба худпарастӣ айбдор кунад; 4) вай бояд дарк намояд, вай ғуломи ношоям аст; 5) вай бояд эътироф кунад, ки ҳамаи инро карда ва бо фурӯтаниву итоат тамоми ин борро бардошта, вай тамоман ягон коре накардааст, ки берун аз вазифаи муқаррарии вай бошад.

Вақте ки Худованди мо ҷалоли осмонро тарк кард, то дар сайёраи мо Одам шавад, Ӯ “ба сурати ғулом даромад” (Филиппиён 2:7). Ӯ дар миёни мо чун хизматгузор буд (Луқо 22:27). Ӯ гуфтааст: “Писари Одам низ на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон диҳад” (Матто 20:28). Ӯ мисли ғуломон камари худро бо дастмол баста, пойҳои шогирдонашро шуст (Юҳанно 13:1-17).

“Ғулом бузургтар аз хоҷаи худ нест” (Юҳанно 13:16). Агар Ӯ барои ба мо хизмат кардан фуруд омада бошад, пас чӣ тавр мо метавонем ба дигарон хизмат карданро аз қадру қимати худ паст ҳисоб кунем?

**“Бо муҳаббат бандаи якдигар бошед”**

*(Ғалотиён 5:13)*

Шахсе гуфтааст: “Худпарастӣ худро шоистаи ваҷд меҳисобад ва талаб мекунад, ки ба он хизмат кунанд. Муҳаббат бошад ба дигарон хизмат мекунад ва шоистаи ваҷд аст”.

Боре сарояндаи машҳури масеҳӣ бо шахсе ки дар тарабхона дар сари як миз бо вай менишаст, сӯҳбат карда, ба вай роҳро сӯи Масеҳ нишон дода тавонист. Дар давоми ҳафтаҳои минбаъда вай ба навимон ёрӣ медод, ки дар имон нашъунамо кунад. Аммо баъд духтурон дар ин навимон, ки Фред ном дошт, намуди шифонопазири саратонро кашф карда, ӯро дар беморхонае ҷойгир карданд, ки мутаассифона, он ҷо нигоҳубини беморон дар сатҳи хеле паст буд. Сароянда масеҳӣ, одами хеле машҳур, мунтазам наздаш меомад, ҷои хобашро дигар навъ меандохт, “Тимотиюс”-и худро оббозӣ медоронд, хӯрок медод, тамоми кореро мекард, ки онро бояд ҳайати кормандони тиббӣ мекарданд. Ҳамон шабе ки Фред вафот мекард, ин сароянди машҳур назди вай буд ва сари ӯро болои зонуҳояш гузошта, ба гӯшаш оятҳои тасаллидиҳандаро аз Навиштаҳо бо овози паст мехонд. “Ба якдигар бо муҳаббат хизмат кунед”.

Ҳоҷатхонаи мардонаи хобгоҳи як мактаби масеҳӣ саҳаргоҳон намуди андӯҳовар дошт: дар фарш – кӯлмаки об, дар ҳама ҷо лавозимоти санитарӣ бетартиб мехобиданд. Яке аз муаллимон инро пайхас карда, ҳар саҳар пурсаброна ҳама чизро ҷо ба ҷо гузошта, фаршро тоза карда мехушконид. Вай на фақат дар синф муаллим буд. Аз паси шогирдони худ ҳама чизро ғундошта, ин муаллими мӯҳтарам ба онҳо дарси аёнии хизмати ҳалимонаро таълим медод. “Ба якдигар бо муҳаббат хизмат кунед”.

Дар худи ҳамон мактаби масеҳӣ яке аз бозингарони гурӯҳи баскетбол намунаи чунин муносибат шуд. Баъди ба охир расидани бозӣ, вақте ки ҳама аз якдигар пеш гузашта, ба ҳаммом медавиданд, вай дар толор монда, ҳама чизро ҷо ба ҷо мегузошт. Дар худпарастии онҳо вай барои худ имконияти онро медид, ки аз Худованд ибрат гирад, зеро Худованд барои хизмат кардан омада буд. “Ба якдигар бо муҳаббат хизмат кунед”.

Дар яке аз беморхонаҳои Лондон зани масеҳие аз деҳаи дурдасти Туркия мехобид. Барои наҷот додани ҳаёти писари бемори худ вай тайёр буд гурдаи худро дареғ надошта диҳад, ҳарчанд медонист, ки ин метавонад барояш марговар бошад. Вақте ки яке аз духтурони англис аз вай пурсид, ки оё вай ҳақиқатан мехоҳад як гурдаашро қурбон кунад, ӯ дар ҷавоб чунин гуфт: “Ман ҳозирам, ки ҳар ду гурдаамро диҳам”. “Ба якдигар бо муҳаббат хизмат кунед”.

Дар ҷаҳоне ки худпарастӣ ҳукмрон аст, на чандон одамони бисёр роҳи хизмати беғаразона ва фидокоронаро интихоб мекунанд. Ҳаёти рӯзмарраи мо барои хизматгузори дигарон будан пур аз имкониятҳост.

# 16 АПРЕЛ

**“...гӯё мирандагонем, вале инак, мо зинда ҳастем”**

*(2 Қуринтиён 6:9)*

Навиштаро хонда, мо бо парадоксҳои гуногун рӯ ба рӯ мешавем – ҳақиқатҳое ки гӯё мухолифи ақли солим ё ҳамдигар мебошанд. Г. К. Честертон гуфтааст, ки парадокс ҳақиқатест, ки аз по ба сар истодааст, то ки диққати моро ҷалб намояд.

Ҷони худро барбод дода, мо онро мераҳонем; ҷони худро дӯст дошта, мо онро барбод медиҳем (Марқус 8:35).

Мо дар ҳолати заъф боқувватем (2Қуринтиён 12:10), ва вақте ки ба қуввати худ такя мекунем, нотавон ҳастем (Юҳанно 15:5).

Фақат бандагони Масеҳ буда, мо метавонем дорои озодии пурра бошем, ва агар юғи Ӯро аз худ партоем, ба бандагӣ меафтем (Румиён 6:17-20).

Ба ҳам дидан аз ҷамъ кардан гуворотар аст. Ё чӣ тавре ки Худованд гуфтааст: “Додан аз гирифтан беҳтар аст” (Амалҳо 20:35).

Мо сарвати худро тақсим карда, онро зиёд менамоем; хасисӣ бошад ба бенавоӣ мебарад (Масалҳо 11:14).

Мо соҳиби табиати нав мешавем, ки ба гуноҳ моил нест (1Юҳанно 3:9), ва дар айни замон ҳар чи мо мекунем, бо гуноҳ доғдор шудааст (1Юҳанно 1:8).

Фурӯтан шуда, мо ғалаба ба даст меоварем (Ҳастӣ 32:24-28); ҳавобаландӣ карда, мо мағлуб мешавем 1Петрус 5:56).

Худро баланд карда, мо худро паст мекунем, аммо вақте ки мо худро паст мекунем, Ӯ моро баланд мекунад (Луқо 14:11).

Дар тангӣ мо дорои вусъат мешавем (Забур 4:2), ва дар замонҳои гулгулшукуфӣ нафасамон танг мешавад (Ирмиё 48:11).

Мо метавонем сарвати калон дошта, бенаво бошем; мо метавонем бенаво буда, дигаронро сарватманд кунем (2Қуринтиён 6:10).

Ҳангоме ки дар назари одамон боақл ҳастем, дар назари Худо аблаҳ ҳастем; фақат ҳамон вақте ки барои Масеҳ аблаҳ ва аз ақл бегона ҳастем, дорои хиради ҳақиқӣ мешавем (1Қуринтиён 1:20-21).

Агар чашмони мо ба осмон дӯхта шуда бошад, мо аз ташвишҳо ва шубҳаҳо озод ҳастем; агар чашмони мо ба замин дӯхта шуда бошад, моро тарс пеши талафот аз дуздон, занг ва куя азоб медиҳад (Матто 6:19).

Аз дақиқаи аввал ва то лаҳзаи охирини худ ҳаёти масеҳӣ пур аз парадоксҳост: умеди вай ба хушбахтӣ аз даруни тарс сабзида мебарояд, ва вай ҳаётро аз дастони Мурда қабул мекунад. Вай бояд ниятҳои нектарини худро фаромӯш кунад ва нақшаҳои беҳтарини худро хат занад; охир фақат пас аз дидани он ки бебозгашт нобуд шудааст, вай метавонад наҷот ёбад. Аммо вақте дар дили вай, ки бо ашкҳои тавба шуста шудааст, дилпурӣ ба бахшида шудани гуноҳҳо сокин мешавад, худи ҳамон лаҳзае ки дар вай осоиши илоҳӣ ҳукмфармо мешавад, муҳорибаи аз ҳама асосии вай оғоз меёбад.

**“Лекин шумо набояд устод хонда шавед, чунки Устоди шумо якест, яъне Масеҳ аст, ва ҳамаи шумо бародаронед; ва ҳеҷ касро бар замин падари худ нахонед, чунки Падари шумо якест, ки дар осмон аст; ва набояд роҳнамо хонда шавед, зеро Роҳнамои шумо якест, яъне Масеҳ аст”**

*(Матто 23:8-10)*

Худованд Исо шогирдони Худро аз хатаре огоҳ мекард, ки дар унвонҳои пуршукӯҳ ва фахрӣ ниҳон аст, чунки ин ному унвонҳо ба иззати нафси мо хушомад зада, ба “ман”-и одамӣ ёрӣ медиҳанд ҷоеро ишғол кунад, ки ба Ваҳдати Сегона тааллуқ дорад. Падари мо Худо аст, Худованди мо – Масеҳ, Муаллими мо – Рӯҳулқудс. Ҳеҷ кас дар ҷамоат ҳақ надорад ин унвонҳоро аз они худ кунад. Дар ҷаҳон ҳамаи мо падари заминӣ дорем, дар ҷои кор мо роҳбар ё сардор дорем, дар мактаб – муаллимон. Аммо дар ҷамоат ин вазифаҳоро узвҳои Сегонаи илоҳӣ иҷро мекунанд ва тамоми шараф ва парастиш танҳо ба инҳо тааллуқ доранд.

Худо Падари мост, охир Ӯ ба мо ҳаёт мебахшад. Масеҳ Роҳбар ва Худованди мост, чунки мо ба Ӯ тааллуқ дорем, ва вазифадорем, ки дастуроти Ӯро иҷро намоем. Рӯҳулқудс муаллими мост, охир Ӯ Муаллиф ва Тафсиркунандаи Навиштаҳо аст; Ӯ бояд моро ҳангоми кӯшиши ба дигарон таълим доданамон ҳидоят намояд.

Аммо дар таҷрибаи рӯзмарраи худ ҷамоатҳо дар мавриди номҳо ва унвонҳои фахрӣ ҳақиқатан ба таълимоти Масеҳ беэътиноӣ мекунанд. Ходимони рӯҳониро “падар”, “падарҷон”, “падре”, “падаркалон (патриарх)” меноманд. Калимаи “доктор” аз калима лотинии “docere”, яъне “таълим додан”, пайдо шудааст ва бинобар ин маънои “муаллим”-ро дорад. Унвони илмии доктори илоҳиётро на фақат дар донишгоҳҳо – қалъаҳои фатҳнопазири имони масеҳӣ, балки дар “манзили тоунии* худоношиносӣ” низ гирифтан мумкин аст. Валекин боз ҳам, агар дар ҷамоат воизро чун доктори илоҳиётшиносӣ муаррифӣ намоянд, суханони вай барои шунавандагон дорои эътибори махсус мешаванд. Аммо, охир, барои ин ягон асос вуҷуд надорад! Дар суханони дарбони бесавод, ки аз Рӯҳулқудс пур аст, аз суханвари унвондор дида ҳақиқат бештар буда метавонад.

Дар ҷаҳон дар муносибатҳои одамон номи баланд ва унвонҳо нақши хеле муҳимро мебозанд, ва муносибати мо ба ин бояд ба суханони расул Павлус такя кунад: “Ба ҳар кас он чиро, ки ҳаққи ӯст, диҳед: ...иззатро – ба касе ки шоистаи иззат аст” (Румиён 13:7). Аммо дар ҷамоат бояд суханони Худованд Исо ба асос гирифта шаванд: “...ҳамаи шумо бародаронед” (Матто 23:8).

---

* Тоун – бемории сирояткунанда (ба забони русӣ ***чума***)

**“Мо ҳоло дар оина, ба таври муаммо мебинем...”**

*(1Қуринтиён 13:12)*

Мо инро ҳамон вақт возеҳ дарк мекунем, ки дар шоми Худованд иштирок намуда, ба хотир меоварем, ки Ӯ барои мо мурд. “Мо ба таври муаммо мебинем”.

Ба назар чунин менамояд, ки моро кадом як парда ҷудо мекунад. Дар як тарафи он мо меистем, ки аз камоли офариниш дур ҳастем, дар тарафи дигар бошад – тамоми драмаи бузурги кафорати мо: Байт-Лаҳм, Ҷатсамонӣ, Ҷабто, Ҷолҷолто, қабри холӣ, ба осмон рафтани Масеҳ, ҷои Ӯ дар тарафи дасти рости Худо.

Мо дарк менамоем, ки он ҷо як чизи бисёр калон, беканор ҳаст, мо кӯшиш мекунем моҳияти онро дарк намоем, аммо дере нагузашта пайхас мекунем, ки то чӣ андоза ақли мо заиф буда, диламон сахт аст.

Мо кӯшиш мекунем фаҳмем, ки азобҳои Наҷотдиҳанда барои гуноҳҳои мо то чӣ андоза сахт буданд. Ақли мо саъй мекунад дарк намояд, ки барои Ӯ аз ҷониби Худо тарк шудан чӣ маъно дошт. Мо медонем, ки Ӯ аз тамоми он азобҳое ки барои мо дар тамоми абадият муқаррар шуда буданд, гузашт. Ва ба ҳар ҳол мо навмедона дарк менамоем, ки ин фақат ҳиссаи хурд аст. Мо назди соҳили уқёнуси даркнашуда меистем!

Мо дар бораи он муҳаббате андеша мекунем, ки чизи беҳтарини осмонро барои чизи бадтарини замин дод. Ҳангоме мо дар бораи он фикр мекунем, ки Худо Писари ягонаи Худро ба ҷангали гуноҳ фиристод, то нобудшавандагонро ёфта наҷот диҳад, аз чашмони мо ашк ҷорӣ мешавад. Ин муҳаббат даркнопазир аст, мо ҳаргиз онро дарк нахоҳем кард.

Мо дар бораи файзи Наҷотдиҳанда суруд мехонем, охир, сарватманд буда, Ӯ барои мо бенаво шуд, то дар бенавоии Ӯ мо сарватманд бошем. Фариштагон аз тааҷҷуб нафасгир мешаванд. Мо бо диққат нигоҳ мекунем, бо умеди он ки тамоми пуррагии ин файзро бинем. Аммо беҳуда. Аз боиси кӯтоҳбиниамон мо чандон зиёд намебинем.

Мо медонем, ки ҳангоми фикр кардан дар бораи қурбонии Ӯ дар Ҷолҷолто дили мо бояд фишурда шавад, аммо аксар вақт мо ба ин бепарвоёна назар меафканем!

Агар мо возеҳ медидем, ки аз паси парда чӣ ҳаст, ашкро дошта наметавонистем. Аммо боиси шарм аст, ки мо бояд эътироф намоем:

Эй Барраи олиҷаноб ва латиф!
Ман намефаҳмам, чаро ҳар боре ки
Дар бораи сирри муҳаббату қурбонии бузургат фикр мекунам,
Муҳаббати ман ба Ту зиёда намегардад.

Мо монанди шогирдон дар роҳ ба Аммоус ҳастем, чашмони мо нобино мебошанд. Аммо мо бо бесабрӣ интизори замоне ҳастем, ки ин парда нест мешавад, ва чашмони мо тезбинтар шуда, мо метавонем ин маънои ҳаяҷоноварӣ нони шикасташаванда ва майи рехташавандаро бинем.

**“Ба шумо, ки ба номи Писари Худо имон доред, инро навиштаам, то донед, ки ҳаёти абадӣ доред, ва то дар имон ба Писари Худо монед”**

*(1Юҳанно 5:13)*

Бисёрии мо ба Худо барои ин оят то абад миннатдор хоҳем буд, охир он ба мо таълим медиҳад, ки дилпурӣ ба наҷот пеш аз ҳама на дар ҳиссиёти мо, балки дар Каломи Худо асос меёбад. Навишта ба ғайр аз ҳамаи ин барои он низ навишта шуда буд, то онҳое ки ба номи Писар имон доранд, донанд, ки онҳо ҳаёти абадӣ доранд.

Мо бояд барои он миннатдор бошем, ки ба наҷот дилпур буданамон ба ҳиссиёти мо, ки рӯз ба рӯз тағйир меёбанд, вобаста нест. “Худо талаб намекунад, ки мо ҳамеша бар рӯи замин дар парвоз бошем, балки диққати моро ба Исо, ба Калом ҷалб менамояд”. Вақте аз Мартин Лютер пурсиданд, ки оё вай ҳис мекунад, ки гуноҳҳояш бахшида шудаанд, ӯ дар ҷавоб гуфт: “Не, аммо ман ба ин, чун ба он ки Худо дар осмон ҳаст, боварӣ дорам. Охир ҳиссиёт тағйирёбанда ва фиребдиҳанда мебошанд, ва фақат ба сухани Худо бовар кардан мумкин аст, он ба ман дар ин зомин мешавад”. К. Скоуфилд ба мо хотиррасон мекунад, ки “сафед кардан — дигаргунӣ дар назари Худо ба инсон аст, на дар системаи асаби имондор”. Х. А. Айронсайд гуфта буд: “Ман медонам, ки наҷот ёфтаам, аммо тамоман на аз он сабаб, ки худро хушбахт ҳис мекунам, балки худро аз он сабаб хушбахт ҳис мекунам, ки наҷотёфта буданамро медонам”. Дар бораи наҷот ёфтанаш бошад ӯ дар Навишта хондааст.

Ҳангоме мо мехонем, ки Рӯҳи Худо ба рӯҳи мо дар хусуси фарзандони Худо будани мо шаҳодат медиҳад (Румиён 8:16), мо набояд фаромӯш кунем, ки Рӯҳ пеш аз ҳама ба мо ба воситаи Навиштаҳо шаҳодат медиҳад. Ҳамин тавр, масалан, мо дар Инҷили Юҳанно 6:47 мехонем: “Ҳар кӣ ба ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад”. Мо медонем, ки ба Масеҳ чун ба ягона Шахсе бовар кунем, ки моро наҷот дода метавонад. Бинобар ин ба воситаи ин оят Рӯҳи Худо ба мо дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худо ҳастем.

Дилпурии худро мо ҳамчунин метавонем аз сарчашмаҳои дигар ҳосил намоем. Мо медонем, ки наҷот ёфтаем, чунки бародаронро дӯст медорем; чунки мо аз гуноҳ нафрат дорем ва кӯшиш мекунем росткорона рафтор намоем; чунки мо Каломи Худоро дӯст медорем; чунки мо ба дуо майл дорем.

Бо вуҷуди ин, чизи асосие ки ба мо ин дилпуриро медиҳад, чизе ки онро ғизо медиҳад ва мустаҳкам мекунад, Каломи Худо мебошад, ки дар тамоми олам аз ҷиҳати эътимоднокӣ ва саҳеҳӣ беҳамто аст. Ҷорҷ Каттинг гуфтааст: “Хун ба мо наҷотеро медиҳад, ки то абад аз они мост; Калом бошад ба мо дилпуриро ба ин медиҳад”.

**“Аммо агар ин мувофиқи файз бошад, пас мувофиқи амалҳо нест, вагарна файз дигар файз нест”**

*(Румиён 11:6)*

Агар аллакай дар аввали ҳаёти масеҳии худ имондор таълимоти Навиштаро оид ба файз бисёр ҷиддӣ аз худ кунад, ин ба вай дертар ёрӣ хоҳад, ки аз мушкилоти зиёд раҳоӣ ёбад. Фаҳмидани он муҳим аст, ки наҷот муфт, аз Рӯи файзи Худо дода мешавад, ва он ба касоне дода мешавад, ки бо амалҳои худ на сазовори хушбахтии абадӣ, балки сазовори ҷазои сахт шудаанд. Одам ягон чиз надорад, то музди ҳаёти абадиро пардозад. Ҳаёти абадӣ фақат ба шахсоне дода мешавад, ки хизматҳои худро фаромӯш карда, тамоми умеди худро танҳо ба хизмати шоистаи Наҷотдиҳанда мебанданд.

Вақте мо дарк менамоем, ки наҷоти мо фақат аз рӯи файз аст, он гоҳ боварии мо қавӣ мешавад. Мо аниқ медонем, ки наҷот ёфтаем. Агар наҷоти мо ақаллан ба андозаи хурд ба худи мо, ба муваффақиятҳои ночизи мо вобаста мебуд, мо дар дудилагии доимӣ зиндагӣ мекардем. Моро саволе азоб медод, ки оё мо ба дараҷаи кофӣ корҳои нек кардаем, оё мо умуман ягон кореро мекунем, ки даркор аст. Аммо агар Масеҳ ҳар он чиро ки барои наҷоти мо лозим аст, ба ҷо оварда бошад, он гоҳ тамоми шубҳаҳои мо нест мешаванд.

Худи ҳамин ба ин савол ҳам дахл дорад, ки оё наҷотро метавон гум кард. Агар ҳама чиз ба тобоварӣ ва пуртоқатии мо вобаста мебуд, он гоҳ имрӯз мо наҷот ёфта метавонистем, фардо бошад нобуд мешудем. Аммо азбаски мо дар дасти Наҷотдиҳанда, дар зери ҳимояти Ӯ мебошем, бо дилпурии хурсандиовар гуфта метавонем, ки дар бехатарии пурра ҳастем.

Дар миёни шахсоне ки таҳти файз зиндагӣ мекунанд, гаравгонони нотавони гуноҳ нестанд. Гуноҳ бар он шахсон ҳукмфармо аст, ки дар зери шариат ҳастанд, охир аз шариат дониш ба даст овардан мумкин аст, ки чӣ бояд кард, аммо қувватро барои дар амал татбиқ кардани он ба даст овардан асло номумкин аст. Файз бошад ба шахс дар назари Худо сафед шуданро медиҳад, ӯро таълим медиҳад, ки шоистаи мақоми худ зиндагӣ кунад, барои ин ба ӯ ба воситаи Рӯҳулқудси дар вай сокинбуда қувват медиҳад, ва барои амали кардааш мукофот медиҳад.

Дар зери файз хизматгузорӣ на бори гарони дилтангкунанда, балки хурсандӣ ва шараф мегардад. Имондорро на тарс, балки муҳаббат ба ҳаракат меоварад. Фикр дар бораи он чи Наҷотдиҳанда барои наҷот ёфтани мо аз сар гузаронд, гунаҳкори наҷотёфтаро водор мекунад, ки ба Ӯ садоқатмандонда ва аз тамоми дилу ҷон хизмат кунад.

Файз ҳаётро ғанӣ гардонида, ба мо сурудҳои шукргузорӣ, парастиш, ҳамд ва ситоишро тӯҳфа мекунад. Мо медонем, ки Наҷотдиҳандаи мо кист, то чӣ андоза мо ҳам аз рӯи табиат ва ҳам аз рӯи корҳои худ пургуноҳ ҳастем, мо медонем, ки Ӯ барои мо чӣ кор кардааст, ва дилҳои мо аз муҳаббат ва эҳтиром ба Ӯ пур мешаванд.

Ҳеҷ чиз ба файзи Худо баробар шуда наметавонад. Файз алмоси суфтаи олидараҷа дар тоҷи ӯ мебошад. Ҳақиқатро дар бораи файзи соҳибихтиёронаи Худо чашед, ва он ҳаёти шуморо дигаргун хоҳад кард.

## 21 АПРЕЛ

**“Шогирд аз устоди худ беҳтар нест; аммо, пас аз такмил ёфтан ҳам, ҳар кас чун устодаш мешавад”**

*(Луқо 6:40)*

Дар ин боб Худованд Исо ба 12 шогирди худ хотиррасон мекунад, ки муаллимон шуда, онҳо набояд умед кунанд, ки шогирдонашон дар ҳаёти рӯҳонӣ аз дараҷаи рӯҳонии муаллимони худ баландтар хоҳанд шуд. Дигар хел карда гӯем, доираи таъсири мусбати мо бо чигунагии худи мо маҳдуд шудааст. О. Л. Кларк гуфтааст:

Он чиро, ки ту худат намедонӣ, ёд додан наметавонӣ.
Ба он ҷое ки ту худат нарафта будӣ, бурда наметавонӣ.

Наҷотдиҳанда барои таъкиди ин ҳақиқат ҳикояро дар бораи хас ва чӯб нақл кардааст. Аз назди хирман одаме мегузарад. Ногаҳон шиддати бод коҳрезаро боло мебардорад, ва як хас ба чашми роҳгузар медарояд. Вай пурхашмона чашмашро мемолад, пилки поёни чашмро ақиб мекашад, ин тавр ва он тавр карданӣ мешавад, ва ба ҳамаи маслиҳатҳои некхоҳоне ки дар атрофаш ҷамъ шудаанд, гӯш медиҳад. Аммо дар ин вақт ман бо чӯби аз чашмам баромада пайдо шуда мегӯям: “Эй дӯсти азиз! Иҷозат деҳ хасро аз чашми ту дур кунам!” Вай сарашро ба як тараф хам мекунад, ва чашми солимашро таҳқиромезона нимпӯш намуда, мегӯяд: “Оё ба назарат чунин наменамояд, ки аввал ту бояд чӯбро аз чашми худ дур кунӣ?”

Албатта! Агар ман худам дар ботлоқи гуноҳе то гулӯ ғӯтида бошам, чӣ тавр ба шахсе ки дар ҳамин ботлоқ то зону ғӯтидааст, ёрӣ дода метавонам? Пеш аз он ки худам иҷрои талабҳои равшани Навиштаҳоро сар накунам, аз одамон иҷрои онҳоро дархост намуда наметавонам. Ман ҳақ надорам дар бораи чизе, ки худам дар он пайиҳам шикасти рӯҳонӣ мехӯрам, гапфурӯшӣ кунам.

Вақте шогирди ман ба камолот расид, вақте раванди таҳсили ӯ анҷом ёфтааст, ман набояд умед кунам, ки дараҷаи рӯҳонии вай ақаллан ба як сантиметр аз ман баланд хоҳад буд. Вай метавонад ба дараҷае расад, ки ман расидаам, аммо ман аллакай намтавонам ӯро болотар барам.

Тамоми чизи дар боло зикршуда бори дигар таъкид мекунад, ки то чӣ андоза ба худ диққат додан муҳим аст. Охир хизматгузории мо пеш аз ҳама хизматгузории хислати мост. Он чи дар дарун аст, нисбат ба он чи аз берун аст, хеле муҳимтар мебошад. Мо метавонем суханвар, боақл ва ӯҳдабаро бошем, аммо агар мо худамон дар ягон чиз ба Худо беитоатӣ менамоем, агар ба чизи нек беэътиноӣ карда, якравона ба чизи бад часпем, он гоҳ ба кӯре монанд хоҳем шуд, ки ба кӯри дигар роҳ нишон медиҳад.

## 22 АПРЕЛ

**“Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон бархезонд, наҷот меёбӣ”**

*(Румиён 10:9)*

Дар ин оят дар шакли фишурда ду ҳақиқати асосӣ баён шудаанд, ки барои одами ба гуноҳ афтода қабул кардани он душвор аст – таҷассум ва зиндашавӣ.

Аввалан, мо бояд ба ҳама шунавонда Исоро Худованд эътироф намоем, яъне шахси дар Байт-Лаҳм зодашуда Худоест, ки дар ҷисм омад. Илоҳияти Исо яке аз унсурҳои асосии нақшаи наҷот аст.

Сониян, мо бояд аз тамоми ҷону дил бовар кунем, ки Худо Ӯро аз мурдагон зинда кард. Ин ҷо на фақат худи зиндашавии Ӯ дар назар дошта мешавад, балки инчунин он ҳақиқат, ки Ӯ барои мо дар салиб мурд. Ӯ ба худ ҷазоеро гирифт, ки мо барои гуноҳҳои худ сазовор шуда будем. ғазаби Худо бар Ӯ буд, ҳол он ки маҳз мо бояд дар тамоми абадият он ғазабро ба худ мегирифтем. Дар рӯзи сеюм бошад, Худо Ӯро аз мурдагон зинда карда, ба воситаи ин нишон дод, ки Ӯ бо қурбонии Масеҳ барои гуноҳҳои мо қонеъ гардидааст.

Навишта мегӯяд, ки вақте мо Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул мекунем, мо наҷот ёфтаем.

Шахсе метавонад чунин савол диҳад: “Чаро аввал эътироф кунем ва танҳо сипас имон оварем?” Охир пеш аз эътироф кардан мо бояд имон оварем”.

Дар ояти 9-ум Павлус пеш аз ҳама факти таҷассум ва зиндашавиро махсусан таъкид карда, онҳоро бо тартиби хронологӣ мегузорад: аввал таҷассум буд, ва пас аз 33 сол – зиндашавӣ.

Дар ояти навбатӣ вай имонро пеш аз эътироф мегузорад: “Одам бо дили худ имон меоварад, то росткор шавад, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, то наҷот ёбад”. Ҳодисаҳо маҳз дар ҳамин тартиб рӯй медиҳанд, вақте ки одам аз олами боло зода мешавад. Аввал вай ба Наҷотдиҳанда имон овард ва сафед карда шуд. Сипас вай назди дигарон рафта наҷотеро эътироф мекунад, ки аллакай ёфтааст. Суханони ин оят табиатан одӣ мебошанд, аммо дар онҳо тароват ва бӯи хуши ҳаёти абадӣ ҳаст.

**“Пас, хории Ӯро бардошта, берун аз бошишгоҳ сӯи Ӯ бароем”**

*(Ибриён 13:13)*

Ин оят ба мо аз аввал дар бораи он мегӯяд, ки ҷои ҷамъшавии ҳамаи масеҳиён назди пойҳои Масеҳ мебошад. Маркази ҳаёти рӯҳонии мо бояд на мазҳаб, на ҷамоат, на бино ва на воизи барҷаста, балки фақат Ӯ бошад. “Порсоёни Маро назди Ман ҷамъ оваред, ки бо Ман ба қурбонӣ аҳд бастаанд” (Забур 49:5).

Дарси дуюм: барои он ки мо назди Ӯ оем, мо бояд бошишгоҳро тарк кунем. Дар зери мафҳуми бошишгоҳ “тамоми системаи динҳои заминӣ, ки аз рӯи андозаҳои одамизоди гунаҳкор бурида тартиб дода шудааст”, дар назар дошта мешавад. Ин система ҳуқуқи Масеҳро барои ишғол кардани ҷое ки ба Ӯ дар тамоми абадият тааллуқ дорад, ҳаргиз эътироф намекунад. Имрӯз дар зери номи масеҳият аксаран бутпарастии даҳшатангезе пинҳон мешавад, ки ниқоби росткориро пӯшида, Худоро аз дил бадар рондааст. Масеҳ дар ин ҷо нест, ва мо низ бояд ин бошишгоҳро тарк намоем.

Баъдтар мо дар бораи он мехонем, ки ҳангоме аз бошишгоҳ сӯи Ӯ мебароем, аҳволамон хеле табоҳ хоҳад шуд. Ба кадом ҷамоат тааллуқ доштанамонро интихоб карда, мо набояд дар бораи он фикр кунем, ки оё ин боэътибор аст ё не, ҳамсоягон, дӯстон, хешу таборон ва ҳамкорон ба ин чӣ тавр нигоҳ хоҳанд кард.

Ҳар қадар мо ба Масеҳ наздиктар шавем, ҳамон қадар эҳтимолияти бештар дорад, ки мо хории Ӯро низ хоҳем бардошт. Оё мо тайёрем, ки ин нархро диҳем?

Оне ки либосҳояш аз хун тар шудаанд, маро ҷеғ зад.<br>
Ман овози Онеро шунидам, ки барои гуноҳи ман мехкӯб шуда буд.<br>
Ман дигар истода наметавонистам, дили ман пур аз муҳаббат буд —<br>
Ман бошишгоҳеро, ки ҳуқуқи Ӯро ба подшоҳӣ рад кард, тарк кардам.<br>
Ҳар дуи мо, Худовандам ва ман, дар ин ҷаҳон бегонаем.<br>
Аммо ҳатто агар хешовандон ва дӯстон маро рад намуда, тарк кунанд,<br>
Қаринии Ӯ ба ман оромӣ ва осоиш ҳадия хоҳад кард.<br>
Ман ба он қасре медароям, ки дар он ҷо базми арӯсӣ барпо мешавад.

## 24 АПРЕЛ

**“Агар касе ибодатхонаи Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон мекунад, зеро хонаи Худо муқаддас аст, ва он шумо ҳастед”**

*(1Қуринтиён 3:17)*

Дар ин оят зери мафҳуми ибодатхона пеш аз ҳама ҷамоати маҳаллӣ дар назар дошта мешавад. Павлус на ба ҳар як масеҳӣ ба таври ҷудогона, балки ба тамоми ҷамоат чун ба ягонагии комил муроҷиат намуда, онро ибодатхонаи Худо меномад.

Бешубҳа, ҳар як имондор ибодатхонаи Рӯҳулқудс мебошад. Расул оиди ин дар Номаи якум ба Қуринтиён 6:19 мегӯяд: “Оё намедонед, ки бадани шумо ибодатхонаи Рӯҳулқудс аст, ки дар шумост, ва Онро аз Худо ёфтаед, ва аз они худ нестед?” Рӯҳулқудси Худо дар ҷисми ҳар як фарзанди илоҳӣ сокин аст.

Дар матни мо сухан пеш аз ҳама дар бораи ҷамоати маҳаллӣ, дар бораи ҷамъомади имондорон меравад. Павлус мегӯяд, ки ҳар кӣ ҷамоати Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон хоҳад кард. Ҳам “вайрон мекунад”, ҳам “хонавайрон мекунад” тарҷумаи худи ҳамон як калима аст ва нобуд шудани ҷамоатро ҳамчун натиҷаи он тасвир мекунад, ки ҷамоат ба васваса афтода, тарзи ҳаёти одилонаро ё тозагии таълимотеро тарк кардааст, ки бояд дар он мебуд, ва ҷазои Худо барои шахсест, ки ин васваса аз вай мебарояд.

Ин оят моро аз хатари ба ҳаёти ҷамоат ҷудоӣ андохтан огоҳ мекунад, охир он гоҳ мо ба роҳи худнобудкунӣ медаромадем. Аммо бисёр вақт одамон аз ин огоҳӣ бепарвоёна рӯ мегардонанд! Ҳамин тавр, масалан, яке аз узвҳои ҷамоат мебинад, ки на ҳамаи ғояҳои ӯ шоёни таҳсини якдилонаи ҷамоат мешаванд. Ё муносибатҳои вай бо бародари дигар беш аз пеш ботакаллуф мешаванд. Ба ҷои он ки ба таълимоти Навиштаҳо такя намуда, ҷанҷолро аз миён бардорад, вай ба тарафи худ тарафдоронашро ҷалб мекунад, ва дере нагузашта дар ҷамоат ҷудоӣ ба миён меояд.

Ё ин як масеҳизани ҷисмоние буда метавонад, ки ба ягон кас тӯҳмат карда, дар бораи ғайбат мекунад. Забони заҳролуди вай бераҳм аст, ва инак аллакай дар ҷамоат ҷанҷолҳо, ихтилофот ва душманӣ ҳукмфармоӣ мекунанд. Вай то даме ки ин ҷамоати як вақтҳо гулгулшукуфонро нобуд накунад, аз кори худ даст намекашад.

Ин гуна одамон бозии хатарнок мекунанд. Ин барояшон беҷазо намемонад. Худои бузурги олам онҳоеро, ки ҷамоати Ӯро вайрон мекунанд, ҳатман ҷазо хоҳад дод.

Ин ҷо чизе ҳаст, ки ҳамаи дӯстдорони ҷангу ҷидолҳо дар бораи фикр карда метавонанд!

## 25 АПРЕЛ

**“Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ пирӯзӣ мебахшад ва бӯи хуши дониши Худро ба воситаи мо дар ҳар ҷо паҳн мекунад”**

*(2Қуринтиён 2:14)*

Чунин ҳисоб кардан қабул шудааст, ки ин ҷо Павлус намоиши ҳарбии лашкари ғолибро, ки аз сафари ҳарбӣ ба хона бармегардад, мисол меоварад. Пеш-пеши лашкар сарлашкар қадам зада, аз ширинии зафар лаззат мебарад. Аз пайи ӯ лашкар хурсандикунон меояд. Дар охири намоиши тантананок асирони ҷангие меомаданд, ки ба азобу шиканҷаҳо ва шояд ҳатто ба марг ҳам маҳкум шуда буданд. Лаб-лаби тамоми роҳи ҳаракати онҳо бухурдонҳое гузошта шуда буданд, ки ҳаворо бо бӯи хуш пур мекарданд. Аммо дар одамони гуногун, вобаста ба он ки онҳо тарафдори кӣ ҳастанд, ин бӯй ҳиссиёти гуногунро ба вуҷуд меоварад. Барои онҳое ки садоқатмандона аз пайи сарлашкар меомаданд, он бӯи хуши ғалаба мешавад. Барои асирон бошад, он аломати мағлубият ва ҷазо мебошад.

Роҳи хизматгори Худованд аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин манзара монанд аст. Худованд ҳамеша ӯро ба ғалаба мебарад. Агарчи аксар вақт он чи ки дар ҳаёти мо рӯй медиҳад, ба ғалаба монанд нест, набояд фаромӯш кунем, ки мо дар тарафи Ғолиб ҳастем.

Вай ба ҳар ҷое ки равад, доимо бӯи хуши Масеҳро бо худ мебарад. Аммо на барои ҳама ин бӯи хуш хурсандӣ меоварад. Барои онҳое ки сари худро дар пеши Худованд Исо фуруд меоваранд, ин бӯи хуши ҳаёти абадист. Барои онҳое ки Инҷилро рад кардаанд, ин бӯи марг ва нобудшавӣ аст.

Аммо ҳам ин, ҳам он ба Худо ҷалол меоварад. Ӯ дар наҷоти тавбакардагон ҷалол ёфтааст, ва Ӯ дар он айбдор нест, ки ягон кас Хабари Хушро рад мекунад. Ҳангоме шахсоне ки суханро рад кардаанд, дар пеши Тахти бузурги Сафед пеши Масеҳ ҳозир мешаванд, ҳеҷ кас наметавонад айби азоби онҳоро ба Худо вогузорад. Онҳо худашон имконияти соҳиби наҷоти ҷовидонӣ шуданро рад карданд.

Аксаран натиҷабахшии хизматгузории масеҳиро мо аз рӯи шумораи одамоне баҳо медиҳем, ки роҳро ба сӯи Масеҳ ёфтаанд. Аммо шояд ин оят моро таълим медиҳад, ки онро ҳамчунин аз рӯи шумораи одамоне метавон баҳо дод, ки Инҷили равшан баёншударо шунида, онро рад намуданд, ва худро ба азоб дар дӯзах маҳкум карданд.

Аммо ҳар чи рӯй диҳад ҳам, Худо ҷалол хоҳад ёфт. Барои Ӯ ин бӯйи хуши олидараҷа ё файз, чун дар мавриди якум, ва ё ин ки росткорӣ, чун дар мавриди дуюм, хоҳад буд.

Ин мавзӯи хеле муҳим ва ҷиддӣ аст. Сабукфикрона аз он рӯй гардондан хатои даҳшатнок мебуд.

## “Пойҳои маро ҳаргиз намешӯӣ”

*(Юҳанно 13:8)*

Худованд Исо дастмоле ба камар баст ва ба тағорае об рехта, ба шустани пойҳои шогирдон шурӯъ карданӣ шуд. Инак, Ӯ назди Петрус меояд ва чунин суханонро мешунавад: “Пойҳои маро ҳаргиз нахоҳӣ шуст!”

Барои чӣ? Барои чӣ Петрус нахост ин ҳадияи олиҳимматонаи муҳаббатро аз ҷониби Худованд фурӯтанона қабул кунад? Шояд вай худро носазовор, бениҳоят нокас ҳисоб мекард, то ки Худи Худованд ба ӯ хизмат кунад? Аммо эҳтимол дорад, ки Ӯ хеле ҳавобаланд ва соҳибихтиёр буд. Ӯ хизмати ҳеҷ касро намехост. Ӯ намехост ба дигарон вобаста бошад ва аз онҳо ёрӣ хоста, онро қабул кунад.

Шумораи зиёди ана ҳамин гуна одамони ҳавобаланд ва соҳибихтиёр ба дӯзах мераванд! Онҳо роҳҳо ва воситаҳои сазовори наҷот шудан, дар ивази корҳои нек ба даст овардани онро меҷӯянд, аммо ҳамин тавр чун ҳадия қабул кардани онро аз қадру қимати худ паст ҳисоб мекунанд. Онҳо намехоҳанд аз Худо қарздор бошанд. Аммо шахсе ки барои то абад қарздор будан хеле ҳавобаланд аст, ҳаргиз масеҳӣ шуда наметавонад.

Ин ҷо чизест, ки масеҳиён бояд аз он панд гиранд. Мо бо масеҳиёни зиёд рӯ ба рӯ шудаем, ки ато кардан боиси хурсандии онҳо мешавад. Онҳо ҳамеша тайёранд ба дӯстон, ҳамсояҳо ва хешу таборон дасти ёрӣ дароз кунанд. Чунин муносибат сазовори таъриф аст! Аммо дар ин офтоб оё ягон доғ нест? Онҳо гирифтан намехоҳанд. Онҳо намехоҳанд, ки ягон кас барои онҳо ягон кор кунад. Онҳо саховатмандона ато карданро ёд гирифтанд, аммо наметавонанд бо миннатдорӣ қабул кунанд. Онҳо ба дигарон хизмат карда, шодӣ мекунанд, аммо дигаронро аз ин шодӣ маҳрум менамоянд.

Павлус бо миннатдорӣ аз Филиппӣ ҳадия қабул мекард. Барои ҳадияҳо миннатдорӣ баён карда, вай чунин менавишт: “На ин ки ман хоҳони ҳадия бошам, балки хоҳони самаре ҳастам, ки ба фоидаи шумо афзояд” (Филиппиён 4:17). Вай пеш аз ҳама дар бораи мукофоти онҳо фикр мекард, ва фақат пас аз ин дар бораи эҳтиёҷи худ.

“Ривоят мекунанд, ки дар солҳои охири умри худ усқуф Уэсткотт бисёр вақт мегуфт, ки вай хатои калон кардааст, зеро ҳамеша мекӯшид барои дигарон ҳар чизи аз дасташ меомадаро кунад, аммо ба дигарон роҳ намедод, ки барои вай ягон чиз кунанд. Ва акнун ба қафо нигариста, вай холигиеро медид, ки барои пур кардани он аллакай дер шудааст. Ӯ ба худ имкон надод, ки бо миннатдорӣ қабул кардани ҳадияҳоеро ёд гирад, ки дар ивазашон подош додан номумкин аст” (Ҷ. О. Сандерс).

Як шоири номаълум ин фикрро чунин изҳор кардааст:

Оличаноб, сахӣ ва ҳимматбаланд аст
Касе ки аз рӯи муҳаббат ҳадия медиҳад.
Аммо он шахс саховатмандтар аст,
Ки аз рӯи муҳаббат ҳадия қабул карда метавонад.

# 27 АПРЕЛ

**“Ҳамаро насиҳат кард, ки аз самими дил ба Худованд часпанд”**

*(Амалҳо 11:23)*

Беш аз пеш метавон бо майли хатарноке рӯ ба рӯ шуд, ки масеҳиён ба ситорагони ҷаҳони илм таъзим намуда, нодида мегиранд, ки бисёрии онҳо номи Масеҳро беобрӯ мекунанд.

Яке аз онҳо, масалан, нависандаи боистеъдод аст, ки мисолҳо ва намунаҳоро моҳирона истифода мебарад, тафсиркунандаи хеле хуб аст, ки метавонад маънои ин ё он суханро ошкор намояд. Аммо вай ҳомиладоршавии бенуқсонро инкор мекунад, ва дилпур аст, ки дар муъҷизаҳои Худованд ҳеҷ чизи фавқуттабиӣ нест. Вай ҷисман зинда шудани Худовандро рад мекунад, ва дар бораи Исо андак ҳавобаландона сухан ронда, барои Ӯ дар қатори дарози қаҳрамонони таърихи ҷаҳон ҷой мекобад. Барои вай Ӯ фақат яке аз арбобони барҷастаи таърихи одамизод мебошад. Дар суханони ситоиши вай барои Наҷотдиҳанда хорӣ пинҳон аст. Ин одамро масеҳӣ номидан номумкин аст.

Ин аз ақл берун аст, аммо аксари имондорон шефтаи истеъдод ва комёбиҳои чунин як олим шуда, ба ҳимояи вай мехезанд. Онҳо суханони ҳамдигарро бурида, тавоноии ақли ӯро таҳсин намуда, дар айни замон изҳороти бидъаткоронаи ӯро дар хусуси Масеҳ сарфи назар мекунанд. Вай шахси обрӯманд ҳисобида мешавад, корҳои вай иқтибос оварда мешаванд, ҳама кӯшиш мекунанд дар худи ҳамон доираҳои илмие давр зананд, ки вай давр мезанад. Агар ягон кас онҳоро дар дӯстӣ бо душмани салиби Масеҳ айбдор кунад, онҳо ҳамеша далелҳо ва баҳонаҳои тайёр доранд, ки гӯё дар ақидаҳои ин олим ягон чизи зиддимасеҳӣ нест. Бисёр вақт онҳо худашон масеҳиёни ба таълимоти Навишта вафодорро барои он маҳкум мекунанд, ки онҳо бар зидди ин шахси муътабар норозигӣ баён мекунанд.

Масеҳиёни ҳақиқиро бояд ғазаб фаро гирад, вақте онҳо мебинанд, ки чӣ тавр дар маъбадҳои илм Наҷотдиҳандаро таслим ва таҳқир мекунанд. Ин ҷо барои гузаштҳо ҷой нест.

Вақте сухан дар бораи Шахсияти Масеҳ ва корҳои Ӯ меравад, мо ба гузашт кардан ҳақ надорем. Ҳар чи бошад, мо бояд ҳақиқатро ҳимоя намоем.

Оё ҳангоми дар хатар будани ҳақиқати Худо пайғамбарон дар дудилагӣ шаф-шаф мегуфтанд? Онҳо ба Худованд хеле вафодор буданд, ва ба ҳар ки ҷуръат мекард ба Ӯ шубҳа намуда, хор кунад, далерона ҳамла мекарданд.

Расулон низ ҳар гуна кӯшиши аз ҷалол маҳрум кардани Худовандро қатъ менамуданд. Вафодорӣ ба Масеҳро онҳо аз эътибор дар миёни олимони илоҳиётшинос афзалтар медонистанд.

Барои риёзаткашон аз инкори Писари Худо дида мурдан беҳтар буд. Ситоиши Худо барои онҳо аз таҳсини одамон муҳимтар буд.

Мо вазифадорем, ки дар ҳама чиз ба Худованд Исо вафодор буда, ба ҳар чизе ва ба ҳамаи онҳое ки ҳуқуқи қонунии Ӯро барои бар тахти баландтарин нишастан рад мекунанд, фаъолона зиддият кунем.

**“Эй писарон! Насиҳати падарро бишнавед, ва диққат намоед, то ки хирад биомӯзед”**

*(Масалҳо 4:1 )*

Дар оятҳои аввали боби 4-уми китоби Масалҳо Сулаймон дар бораи он менависад, ки чӣ тавр насиҳати оқилона метавонад ва бояд аз як насл ба насли дигар гузарад. Вай нақл мекунад, ки чӣ тавр падараш ӯро таълим медод, ва аз писараш талаб мекунад, ки ба маслиҳати оқилона ва насиҳатҳо бо диққат гӯш андозад.

Донишро дар бораи тарафи амалии ҳаёт ҷавонон аз волидони заминии худ гирифта метавонанд. Дар хусуси соҳаи рӯҳонӣ бошад, ин ҷо ҳар як масеҳии ҷавон бояд муаллими рӯҳонӣ дошта бошад — шахсе ки масеҳии ҷавон метавонад бо ягон савол наздаш ояд, ва ба вай бовар кунад, аз таҷрибаҳои ғании вай баҳра гирад ва бо ёрии самимияти вай бар гуноҳ ғолиб ояд. Агар ин меҳнатро волидон ба ҷо оварда тавонанд, хеле хуб аст. Агар не, он гоҳ ҳатман бояд “дар ҷои дигар” ин гуна муаллимро пайдо намуд.

Имондорони пуртаҷриба ва ба камол расида дорои захираи калони дониш ва маҳорати амалӣ мебошанд. Албатта дар ҳаёти онҳо мағлубиятҳо ҳам буданд, аммо онҳо аз ин мағлубиятҳо сабақи даркорӣ гирифта, тарзи аз онҳо раҳо ёфтанро ёд гирифтаанд. Масеҳиёни пуртаҷриба бисёр вақт он ҷиҳатҳои мушкилотро мебинанд, ки ҷавонон дар бораи мавҷудияташон гумон ҳам намекунанд. Онҳо бо таҳаммул фикр кардан ва амал намудан, ва ба ифрот дода нашуданро ёд гирифтаанд.

Тимотиюсҳои ҷавони хирадманд Павлусҳоро баланд қадрдонӣ карда, аз ганҷи хирад ва донишу маҳорати амалии онҳо баҳра хоҳанд гирифт. Пеш аз сар кардани ягон кор онҳо бо шахсоне маслиҳат хоҳанд кард, ки аллакай чизи бисёр дидаанд, ва ин онҳоро аз бисёр хатоҳои калон ва нокомиҳои нанговар раҳоӣ хоҳад дод. Онҳо беписандона аз насиҳати калонсолон рӯ нахоҳанд гардонд, балки онҳоеро, ки кайҳо боз бо муваффақият ин муборизаро мебаранд, ҳурмат хоҳанд кард.

Аммо имондорони пиронсол, дар навбати худ, ба ҷавонон насиҳати худро бор нахоҳанд кард. Онҳо медонанд, ки аз насиҳати талабнашуда ҳеҷ фоидае нест. Ҳар вақте ки аз онҳо хоҳиш карда шавад, онҳо тайёранд дониш ва таҷрибаи худро расонанд.

Бинобар ин ҳар боре ки масеҳии ҷавон мекӯшад нафсашро мағлуб кунад, дар бораи хости Худо барои ҳаёташ фикр мекунад, бо масъалаи тарбияи кӯдакон машғул аст, барои ба тартиб овардани молия ба кӯмак мӯҳтоҷ аст, дар ҳаёти дуоӣ хоҳони амиқии бештар аст – аз муаллими рӯҳоние, ки ба торикии масъалаи муайян рӯшноии Навиштаҳоро оварда метавонад, ёрӣ ҷустани ӯ оқилона аст. Дар зери мӯйҳои сафед бисёр вақт чоҳи хирад пинҳон аст, ки тайёр аст ташнагии ҳар ҷӯяндаро шиканад. Агар аз дониш ва таҷрибаи дигарон истифода бурдан мумкин бошд, ҳама чизро дар таҷрибаи худ аз сар гузарондан тамоман ҳатмӣ нест.

# 29 АПРЕЛ

**“Имон дилпурӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд”**

*(Ибриён 11:1)*

Имон эътиқоди бегуфтугӯ ба Каломи Худост. Ин боварии қатъӣ ба он аст, ки ба Худо такя кардан мумкин аст. Ин боварии қатъӣ ба он аст, ки ҳар он чи Худо мегӯяд, ҳақиқат аст, ва ҳар он чи Ӯ ваъда медиҳад, ҳатман ба амал хоҳад омад. Имон пеш аз ҳама бо он чи дар оянда рӯй медиҳад (“он чи интизорем”) ва он чи намоён нест, сару кор дорад.

Витйер гуфтааст, ки “имон қадами навбатии худро ба холигии тасаввуршаванда фақат барои он мегузорад, ки дар он ҷо кӯҳпораро ошкор намояд”. Аммо оё ин ҳамин тавр аст? Имон ҷаҳиш ба холигӣ нест. Ба имон далелҳои баҳснопазир лозим аст, ки вай онҳоро дар Каломи Худо меёбад.

Баъзе касон барғалат фикр мекунанд, ки агар ба ягон чиз хеле зиёд бовар кунӣ, он ягон вақт амалӣ мешавад. Аммо ин на имон, балки зудбоварист. Имон бе ваҳйи Худо, ки вай ба он такя намуда тавонад, ва бе ваъдаҳои Худо, ки вай дар онҳо дастгирӣ пайдо карда тавонад, буда наметавонад.

Ҳар он чи Худо ваъда медиҳад, ҳатман ба амал меояд. Ҳар он чи Худо пешгӯӣ мекунад, ҳатман рӯй медиҳад. Дигар хел карда гӯем, имон ояндаро ба ҳозира дароварда, чизи диданашавандаро намоён мекунад.

Мо далерона метавонем ба Худо бовар кунем. Худованд дурӯғ гуфта наметавонад, Ӯ фиреб намекунад, Ӯро фиреб додан мумкин нест. Дар ҳама чиз ба Худо бовар кардан кори аз ҳама оқилонаест, ки одами солимфикр карда метавонад. Чӣ чиз аз боварӣ, ки офарида ба Офаридгори худ дорад, оқилонатар буда метавонад. Имон аз ҳадди чизи имконпазир мегузарад ва ба дунёи чизи имконнопазир медарояд. Шахсе гуфтааст: “Имон дар он ҷое сар мешавад, ки чизи имконпазир ба охир мерасад. Агар ин имконпазир бошад, дар он барои ҷалоли Худо ҷой нест. Аммо агар ин ғайриимкон бошад, ин ба амал омада метавонад”.

Имон, имони қавӣ, ки ба Худо назар меандозад, табассум мекунад,
Вақте ки инро мешунавад: “Охир ин имконнопазир аст!”
Каломи Худо рост, ҳақ ва комилан боварибахш аст,
Ҳар он чи Ӯ ваъда додааст, дар вақташ иҷро хоҳад шуд!

Бояд таъкид кард, ки бо имон зистан маънои онро надорад, ки пас аз имон овардан кардан шахс дигар бо душвориҳо рӯ ба рӯ намешавад. Худо имони моро ба воситаи санҷишҳо ва мусибатҳо меозмояд, то бинад, ки оё он самимӣ аст (1 Петрус 1:7). Бисёр вақт мо иҷро шудани ваъдаҳои Ӯро муддати дуру дароз интизор мешавем, ва гоҳо онро танҳо дар он тарафи абадият дида метавонем. Аммо душвориҳо хамиртурушест, ки хамири имон бо он мерасад.

“Бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест” (Ибриён 11:6). Ба Худо бовар накарда, мо бо худи ин исрор мекунем, ки Ӯ дурӯғгӯ аст (1Юҳанно 5:10). Пас чӣ тавр шахсе ки Ӯро дурӯғгӯ меҳисобад, ба Ӯ писанд омада метавонад?

## “Агар Маро дӯст доред, фармудаҳои Маро риоя кунед”

*(Юҳанно 14:15)*

Фармудаҳо? Дар Аҳди Нав? Бисёриҳо калимаи “фармуда”-ро бо мафҳуми “шариатпарастӣ” монанд мекунанд. Аммо ин калимаҳо бо ҳамдигар ҳаммаъно нестанд. Ҳеҷ кас дар бораи фармудаҳо аз Худованд Исо бештар нагуфтааст, ва ҳеҷ кас аз Ӯ бештар мухолифи шариатпарастӣ набуд.

Шариатпарастӣ чист? Агарчи ин калима дар китоби Инҷил нест, он кӯшишҳои доимии ба даст овардани ҳусни таваҷҷӯҳи Худоро ифода мекунад. Ба воситаи риояи шариат вай кӯшиш мекунад, ки сафедшавӣ ё муқаддасшавиро ба даст оварад. Ин маънои аслии калима мебошад.

Имрӯз ин калима баъзан ба маънои васеътар, барои ифода намудани талаботи сахти ахлоқӣ истифода мешавад. Ҳар кӯшише ки барои манъ кардани баъзе тарзҳои рафтор равона шудааст, “шариатпарастӣ” номида мешавад. Ин калима чӯбдасте шудааст, ки ҳар гуна манъро, ҳар гуна манъи ахлоқиро баргашта ба майдон мефиристад.

Пас, чӣ тавр масеҳӣ худро аз хатари ин гуна “шариатпарастӣ” ҳимоя карда метавонад?

Бешубҳа, масеҳӣ аллакай зери итоати шариат нест, аммо ин тамоман маънои онро надорад, ки вай бе шариат зиндагӣ мекунад. Вай бояд мувофиқи шариати Масеҳ зиндагӣ кунад, ва на аз рӯи хоҳиши худ, балки мувофиқи хости Худованд рафтор намояд.

Набояд фаромӯш кард, ки дар Аҳди Нав фармудаҳои зиёд ҳастанд, ки ҳиссаи на чандон ками онҳо манъҳои муайян мебошанд. Фарқ дар он аст, ки ин фармудаҳо чун шариате дода нашудаанд, ки барои вайрон карданашон метавон ҷазо дид. Онҳо чун насиҳат ба халқи Худо барои росткорӣ дода шудаанд.

Боз ҳам, барои масеҳӣ бисёр чиз мумкин аст, аммо на ҳама чиз фоиданок мебошад. Барои вай бисёр чизҳо ҷоизанд, аммо ҳеҷ чиз набояд ӯро бандаи худ гардонад (1Қуринтиён 6:12).

Чунин мешавад, ки ҳарчанд имондор ягон кори манъшударо накунад ҳам, ягон чиз дар рафтори вай барои дигарон санги пешпо шуда метавонад. Дар ин маврид вай бояд ин корро бас кунад.

Агар ягон кас ба манъ тамғаи “шариатпарастӣ”-ро овезон кунад, ин тамоман маънои онро надорад, ки ин манъ бад аст.

Калимаи “пуритан” (англисӣ, “муқаддасон” – як равияи масеҳӣ) бисёр вақт тавсифи манфии қоидаҳои муайяни рафторро ифода мекунад, аммо дар асл рафтори пуританҳо аз рафтори танқидкунандагони онҳо дида бисёртар Масеҳро ҷалол медоданд.

Бисёр вақт, ҳангоме ки меъёрҳои устуворшудаи ахлоқро чун “шариатпарастӣ” ба забон мегиранд, ин нишонаи дурусти он аст, ки масеҳиён ба гуноҳ саҳлгирона муносибат карда, аз асосҳои ахлоқии Навишта дуртар мешаванд. Онҳо соддалавҳона гумон мекунанд, ки “шариатпарастони ростин” ва пуританҳоро бадном карда, худашон поктар мешаванд.

Ҳамон шахсе дар бехатарӣ хоҳад буд, ки кӯшиш мекунад таълимоти Навиштаҳоро бештар риоя намояд, на он шахсе ки кӯшиш мекунад санҷад, ки то чӣ андоза ба лаби чуқурии бетаг наздик шудан мумкин аст.

# 1 МАЙ

**“Агар чизе ба номи Ман аз Ман хоҳиш кунед, онро ба ҷо меоварам”**

*(Юҳанно 14:14)*

Худо ба дуоҳо ҷавоб медиҳад. Ӯ ба онҳо маҳз ҳамон тавр ҷавоб медиҳад, ки мо ҷавоб медодем, агар дорои ҳикмат, муҳаббат ва қудрати беҳадду канор мебудем. Баъзан Ӯ ба мо чизи мехостаамонро, баъзан ягон чизи беҳтарро, аммо доимо чизи ба мо даркориро медиҳад. Баъзан Ӯ ба дуоҳои мо зуд ҷавоб медиҳад, баъзан пурсаброна мунтазир шуданро ёд медиҳад.

Худо ба дуоҳо ҷавоб медиҳад; баъзан, вақте ки дилҳо суст мешаванд,
Ӯ ба онҳо маҳз он чиро медиҳад, ки онҳо хоҳони онанд.
Аммо бисёр вақт имон бояд дар оромии том интизор шуда,
Ба хомӯшии Худо эътиқод намояд, вақте ки Ӯ гап зада наметавонад.
Зеро Ӯ, ки номаш муҳаббат аст, доимо чизи беҳтаринро медиҳад.
Ситорагон метавонанд хомӯш шаванд, кӯҳҳо низ абадӣ нестанд,
Аммо Худо бовафо аст: ҳар чиро, ки Ӯ ваъда додааст, ба ҷо хоҳад овард.

Дар байни ваъда дар хусуси иҷрои дархост (“агар чизе... хоҳиш кунед, онро ба ҷо меоварам”), шарт (“ба номи Ман”) меистад. Эҳтиёҷоти дуоиро оид ба ин масъала ҳамеша дар партави таълимоти Навиштаҳо аз назар гузарондан даркор аст.

Бисёр чиз дар дуо зери пардаи асрор аст. Мо ба ҳамаи саволҳо ҷавоб нахоҳем ёфт. Мо бисёр “чаро” ва “барои чӣ” бофта метавонем, аммо қисми зиёди онҳо пандомез нахоҳад буд. Пас биёед бисёртар дуо кунем, ва хоҳем дид, ки чӣ тавр Худо ба саволҳои мо яке пайи дигар ҷавоб мегардонад. Усқуфи аъзам Тэмпл боре гуфтааст: “Вақте ман дуо мекунам, бисёр мувофиқатҳои тасодуфӣ рӯй медиҳанд. Вақте ки дуоҳо нестанд, мувофиқатҳои тасодуфӣ низ нестанд”.

Вақте ки мо ба Худо ба номи Худованд Исо дуо мекунем, ин монанди он аст, ки гӯё Ӯ Худаш аз Падар талаб мекунад. Маҳз ҳамин чиз ба дуои мо аҳамиятнокӣ ва қувват мебахшад. Ва мо маҳз аз ҳамин сабаб дар вақти дуо ба тавоноӣ хеле наздик меистем. Албатта мо ҳатто дар абадият ҳаргиз тавоно нахоҳем шуд, аммо ҳангоме ки ба номи Исо дуо мекунем, дар дастони мо қудрати бузург ҳаст.

Ҳар қадар талаботи дарунии мо зиёдтар бошад, ҳамон қадар дуоҳои мо гарму ҷӯшон ва таъсирбахштар хоҳанд буд. Пас, вобастагии мо ба Худованд ҳар қадар зиёдтар бошад, ҳамон қадар ҳаёти дуои мо самараноктар хоҳад буд.

Вақте ки мо дуо мекунем, чизҳое рӯй медиҳанд, ки онҳоро мувофиқати муқаррарӣ ё тасодуф номидан мумкин нест. Ҳаёти мо аз чизи фавқуттабиӣ лаболаб аст. Он бо Рӯҳулқудс медурахшад ва “нур мепошад”. Вақте ки мо ба зиндагиҳои дигарон даст мерасонем, ба онҳо шарораи Худо мегузарад.

Мо бояд ба як шахси муқаддас монанд бошем, ки гуфтааст: “Таъсирнокии худро ман бо шумораи касоне чен мекунам, ки ба дуоҳои ман мӯҳтоҷанд ва бо касоне ки дар бораи ман дуо мекунанд”.

# 2 МАЙ

**“Ва Исо дар тамоми Ҷалил мегашт ва дар куништҳои онҳо таълим дода, Инҷили Подшоҳиро мавъиза мекард ва ҳар бемори̅ ва ҳар дарди мардумро шифо мебахшид”**

*(Матто 4:23)*

Дар миёни масеҳиён гаштаву баргашта масъалаи тақсимоти оқилонаи қувват дар байни башоратдиҳи̅ ва кори хайрот бардошта мешавад. Онҳоро бисёр вақт барои он танқид мекунанд, ки онҳо ба талаботи рӯҳ аҳамияти бениҳоят зиёд дода, дар бораи эҳтиёҷоти ҷисм фаромӯш мекунанд. Дигар хел карда гӯем, онҳо барои сер кардани гуруснаҳо, пӯшонидани бараҳнаҳо, таълим додани бесаводҳо хеле кам вақт ҷудо мекунанд.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад ин гуна корро маҳкум намояд. Худованд Исо Худаш дар бораи ҳоҷати ҷисмонии одамон ғамхори̅ мекард, ва ба шогирони Худ низ инро таълим медод. Дар давоми асрҳо масеҳиён дар сафҳои аввали некӯкорон буданд.

Аммо чун дар дигар соҳаҳои бисёри ҳаёт, ин ҷо масъалаи корҳои афзалиятнок ба миён меояд. Чи̅ муҳимтар аст: чизи муваққати̅ ё абади̅? Агар ба ҳама чиз аз ҳамин нуқтаи назар баҳо диҳем, аз Инҷил муҳимтар ҳеҷ чиз нест. Исо маҳз ҳамин чизро таъкид кардани̅ буд, вақте ки гуфт: “Кори писандидаи Худо ин аст, ки ба он Касе ки Ӯ фиристод, имон оваред”. Аввал насиҳат аст, ва танҳо баъд некӯкори̅. Бисёр вақт мушкилоти иҷтимоии одамон ба дини дурӯғин реша медавонанд. Масалан, одамоне ҳастанд, ки беҳтараш аз гуруснаги̅ мемуранд, лекин говро забҳ намекунанд, зеро онҳо бовар мекунанд, ки дар он рӯҳи хешу табори фавтидаи онҳо зиндаги̅ карда метавонад. Вақте кишварҳои дигар киштиҳои калони боркашро бо ғалла ба онҳо равон мекунанд, қисми зиёди ин ғалла на дастраси одамон, балки калламушҳо мешавад, чунки барои куштани калламуш ҳеҷ кас ҷуръат намекунад. Одамон дар банди асорати дини дурӯғин нобуд мешаванд, ва фақат Масеҳ метавонад мушкилоти онҳоро ҳал намояд.

Дар кӯшиши пайдо намудани таносуби даркори̅ дар миёни башоратдиҳи̅ ва некӯкори̅ хатари он ниҳон аст, ки косаи шӯрбо метавонад Хабари Хушро танг карда барорад. Бисёр ташкилотҳои масеҳи̅ дар таҷрибаи шахси̅ дарк намудаанд, ки чизи хуб чи̅ тавр душмани чизи беҳтар мешавад.

Масеҳиён бояд дар ҳаёти ҷамъияти̅ иштирок намоянд, аммо баъзе шаклҳои фаъолияти ҷамъияти̅ зери саволи калон ҳастанд, агар умуман манъ нашуда бошанд. Масеҳи̅ ҳақ надорад дар ҳаракатҳои инқилоби̅ барои сарнагун кардани ҳукумат иштирок намояд. Вай набояд беадолатии иҷтимоиро ба воситаи чораҳои сиёси̅ ислоҳ намояд. Инро на Худованд кардааст, на расулон. На бо иваз кардани қонунҳо, балки ба воситаи паҳн кардани Инҷил ба чизҳои бештаре ноил шудан мумкин аст. Масеҳие ки барои пайравии Масеҳ ҳама чизро тарк кардааст, ва дилу дасти сахие дорад, ки ба ҳар шахси ҳақиқатан мӯҳтоҷ кӯмак мекунад, барои беҳаракатии тасаввуршавандаи иҷтимоии худ набояд хавотир шавад.

## 3 МАЙ

**“Касе ки барои ҷисми худ мекорад, аз ҷисм фасодро медаравад”**

*(Ғалотиён 6:8)*

Ҳеҷ кас наметавонад гуноҳ карда, беҷазо монад. Оқибати ҳар гуноҳ хеле талх аст. Ҳатто агар дар аввал гуноҳ ба назар чун гурбачаи беозор намояд ҳам, дере нагузашта он монанди шери бераҳм ба фурӯ бурдан шурӯъ мекунад.

Дар бораи ҷозибияти бардурӯғи гуноҳ мо дар ҳар кунҷ мешунавем. Аммо дар бораи тарафи дигари танга хеле кам гуфта мешавад. Одамони кам ёфт мешаванд, ки ҷуръат карда, дар бораи ба гуноҳ афтидани худ ва оқибатҳои ғамангези он нақл мекунанд.

Яке аз варзидатарин нависандагони Ирландия ёддошти худро маҳз ба ҳамин мавзӯъ бахшидааст. Вай дар бораи он нақл кард, ки боре ба роҳи ғайритабиии фисқу фуҷур қадам ниҳода, дигар худро боздошта натавонист, то даме ки дар тӯри мурофиаҳои судӣ банд шуда, ба зиндон афтод. “Худоён ба ман бисёр саховат карданд. Ман фаросати олӣ, номи баланд, мақоми воло дар ҷамъият, зеҳни тез ва далер доштам. Ман санъатро ба фалсафа ва фалсафаро ба санъат табдил додам; ман ақидаҳои одамон ва ранги ашёро иваз мекардам; аз тамоми амал ё гуфтори ман одамон ба ҳайрат меомаданд... Барои ман танҳо санъат ҳақиқат буд, худи ҳаёт бошад – фақат гапи бофта. Ман тахайюлоти асри худро бедор намудам, бинобар ин он ба эҷоди асотир ва ривоятҳо дар гирду атрофи ман шурӯъ намуд. Ман маънои тамоми низомҳоро бо як ибора ва тамоми чизи мавҷударо бо як ҳаҷвия баён мекардам.

Аммо дар баробари ин дар ҳаёти ман чизи тамоман дигар ҳам буд. Ман роҳ додам, ки бекорхӯҷагии бефикр ва шаҳвонӣ маро ба доми худ кашад. Ман дар нақши занакабоз, олуфта ва шери ашрофон дилхушӣ мекардам. Ман худро бо шахсони муқаррарӣ ва кӯтоҳандеш иҳота намудам. Ман ба ақиб нигоҳ накарда, фаросати худро беҳуда сарф мекардам; манзараи ҷавонии бефикрона исрофшаванда ба ман хурсандии аҷоиб меовард. Дар баландӣ будан ба дилам зад; дар ҷустуҷӯи таассуроти нав ман қасдан ба чуқурии бетаг мефаромадам. Бадахлоқӣ дар соҳаи ишқ барои ман ҳамон чизе шуд, ки ақидаи ғайримаъмулӣ дар соҳаи фикр буд. Дар охир хоҳиш беморӣ ё беақлӣ шуд, ё ин ва он якҷоя. Ман ба ҳаёти дигарон бепарвоёна муносибат мекардагӣ шудам. Ҳар чи ба ман маъқул буд, ҳамон вақте ки ба ман маъқул буд, мегирифтам, ва сипас ба ақиб нигоҳ накарда мерафтам. Ман фаромӯш кардам, ки ҳатто кирдори аз ҳама ночиз шахсияти моро ё обод мекунад, ё вайрон мекунад ва фаромӯш кардам, ки ҳеҷ чизи пинҳон нест, ки рӯзе ошкор нашавад... Дар охири ин роҳ маро шармандагии даҳшатангез ва беобрӯӣ интизор буданд”.

Ин ёддошт, ки муаллиф дар он саргузашти худро тасвир мекунад, ба худ номи маънидори “De Profundis” “Аз чуқурии бетаг” гирифт.

# 4 МАЙ

**“Роҳе ҳаст, ки ба назари кас рост менамояд,
вале оқибаташ роҳҳои мамот аст”**

*(Масалҳо 14:12)*

Китоби Масалҳо ду бор мегӯяд (14:12 ва 16:25), ки ба мулоҳизаҳои одам дар бораи он ки чӣ дуруст асту чӣ нодуруст, такя кардан мумкин нест. Он чи ба назари вай дуруст менамояд, ба фалокат ва марг мебарад.

Ҳангоми ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳайати фармондиҳандагони флоти ҳарбии Амрико ба ҳавонавардони худ инро аён нишон дод. Мақсади асосии озмоише ки онҳо мегузаронданд, исбот кардани он буд, ки агар ҳавонавардон дар баландии зиёд ниқоби оксигендорро истифода набаранд, ба дурустии ҳисоби худ дилпур нахоҳанд буд. Яке аз ҳавонавардон бояд ба камераи декомпрессионӣ даромада, бар сари мизе менишаст, ки бар он варақ бо масъалаҳои риёзӣ буд. Барои тақлиди баландӣ, аз камера кашида гирифтани оксигенро шурӯъ карданд. Вақте ки ҳаво дар он хеле тунук шуд, ба ҳавонавард ҳал кардани масъалаҳоро фармуда, хабар доданд, ки ёфтани ҳалли дуруст ҳоло ба ҳеҷ кас муяссар нашудааст.

Ҳавонавард зуд ва дилпурона ҳисобу китоб карда, заррае ҳам шубҳа намекард, ки вай албатта ба ин система ғолиб меояд. Масъалаҳо осон буданд, ва ба назари вай чунин менамуд, ки ӯ аллакай баҳои баланд гирифтааст. Ба ин вай як зарра ҳам шубҳа намекард.

Аммо вақте ки ӯ аз камера баромада, кори худро ба санҷиш дод, дид ки нарасидани оксиген ба қобилияти масъалаҳоро ҳал кардани вай таъсир кардааст. Ин бошад маънои онро дорад, ки дар баландии калон бе ниқоби оксиген парвоз намуда, вай барои қабул кардани қарорҳои дуруст қобил нахоҳад буд ва фалокат ногузир мешавад.

Гуноҳ қобилияти дар корҳо дуруст сарфаҳм рафтани одамро нобуд кардааст. Вай бисёр вақт комилан дилпур аст, ки беҳтар рафтор намуда, вай ҳатман ба осмон хоҳад рафт. Агар шумо ба вай гӯед, ки ҳоло ҳеҷ кас ба ивази корҳои нек наҷот наёфтааст, вай худро шахси аввалине ҳисоб мекунад, ки бар ин система ғолиб хоҳад омад. Вай боварии қатъӣ дорад, ки Худо ҳаргиз дар пеши вай дарвозаҳои биҳиштро нахоҳад пӯшонд.

Аммо вай хато мекунад, ва дар ҳавои тунуки рӯҳонӣ зиндагиро давом дода, ногузир нобуд мешавад. Вай танҳо ҳамон вақт дар амон зиндагӣ хоҳад кард, ки на ба мулоҳизаҳо ва хулосаҳои худ, балки ба Каломи Худо эътиқод доштанро сар мекунад, ҳангоме ки аз гуноҳҳои худ тавба карда, Худованд Исоро чун Наҷоткор ва Худованди шахсии худ қабул мекунад. Каломи Худо ҳақиқат аст, бинобар ин ҳар касе ки ба он бовар мекунад, дилпур буда метавонад, ки бо роҳи дуруст меравад.

# 5 МАЙ

**“...Эсов барои як хӯрок нахустзодагии худро фурӯхт”**
*(Ибриён 12:16)*

Бисёр вақт чунин мешавад, ки ба ивази қонеъ шудани гуруснагии зудгузари ҷисмониамон мо аз чизи қиматбаҳотарине ки дар ҳаёти мо ҳаст, ҷудо мешавем.

Эсов маҳз ҳамин тавр кард. Вай аз саҳро хаста ва гурусна омад. Яъқуб бошад дар ҳамин вақт оши наск мепухт. Вақте Эсов аз вай як коса аз “ин оши сурх” хоҳиш намуд, Яъқуб дар ҷавоб гуфт: “Албатта ман ба ту каме ош хоҳам дод, агар ту нахустзодагии худро ба ман бифрӯшӣ”.

Дар он замонҳо нахустзодагӣ бартарии муҳим буд, ки ба писари калонии оила тааллуқ дошт. Арзиши он аз ин иборат буд, ки пас аз марги падар маҳз соҳиби нахустзодагӣ сардори оила ё қабила шуда, дар мерос ду баробар зиёд ҳисса мегирифт.

Аммо дар он лаҳза ҳуқуқи нахусзодагӣ дар назари Эсов ягон арзиш надошт. Аз нахустзодагӣ чӣ фоида аст, агар одам аз гуруснагӣ мемурад? Ӯ дар бораи ҳеҷ чиз ба ғайр аз хӯрок фикр карда наметавонист, ва тайёр буд барои он ҳама чизро диҳад. Вай барои якчанд дақиқаи ҳисси гувораи меъдаи пур тайёр буд аз чизе даст кашад, ки арзиши нестнашаванда дошт. Вай ба ин додугирифти даҳшатангез розӣ шуд!

Фоҷиаҳои ба ҳамин монанд ҳар рӯз рӯй медиҳанд. Ана, масалан, масеҳие ки солҳои дуру дароз намунаи ибрат буд. Вай оилаи олидараҷае дорад, ки ӯро дӯст медорад, ва дар ҷамоат шоёни эҳтиром аст. Ба суханони вай гӯш меандозанд, ва дар хизматгузории вай баракати Худованд ҳаст.

Лекин ногаҳон дар вай ишқи шаҳвонии ниҳоят сахт дармегирад. Оташи васвасаи шаҳвонӣ ҳақиқатан ӯро фурӯ мебарад. Ба назари вай чунин менамояд, ки дар ҷаҳон ҳеҷ чизе нест, ки аз қонеъ гардондани ин ҳаваси ҷисмонӣ муҳимтар бошад. Вай дигар оқилона мулоҳиза карда наметавонад. Вай тайёр аст барои ин иттиҳоди манъшуда ҳама чизро қурбонӣ кунад.

Инак вай ин қадами беақлонаро мегузорад. Обрӯи Худо, номи неки вай, эҳтироми оила ва дӯстон – ҳамаи ин дар назари вай нисбат ба лаҳзаи ишқи шаҳвонӣ ночиз аст. “Вай шавқу рағбати росткориро фаромӯш мекунад, шодии мушоракат бо Худоро дур мекунад, ҷони вай ба торикӣ ғарқ мешавад. Дар ин дақиқа гулгулшукуфоии вай ба охир мерасад. Вай ба сари худ анбӯҳи тамомнашавандаи фалокатҳоро оварда, ном ва дини худро ҳадафи писханди нешдори наслҳои бисёри мазоҳкорон мегардонад” (А. Макларен).

Агар бо суханони Навиштаҳо гӯем, вай нахустзодагии худро барои як коса оши наск мефурӯшад.

# 6 МАЙ

**“То ба кай ту барои Шоул мотам мегирӣ? Ман, охир, ӯро аз подшоҳӣ кардан бар Исроил рад намудаам”**

*(1Подшоҳон 16:1)*

Дар ҳаёти ҳар як кас лаҳзае фаро мерасад, ки бояд барои он чи доштем, ғамгин нашавем, ва бо он чи дорем, корамонро давом диҳем.

Худо Шоулро аз ҳуқуқи подшоҳ будан маҳрум кард. Қарори Ӯ қатъӣ буд. Аммо барои Самуил созиш кардан бо ин мушкил буд. Вай бо Шоул муддати зиёд кор кард, ва акнун сахт ғамгин буд, зеро ки умедҳояш барбод мерафтанд. Вай барои он чи бебозгашт рафт, мотам гирифт. Аммо Худо ба вай гуфт: “Ғамгин нашав. Бирав ва ворисиь Шоулро ба подшоҳӣ тадҳин кун. Ҳеҷ кас нақшаҳои Маро вайрон карда наметавонад. Ман ба ту шахсеро нишон хоҳам дод, ки беш аз Шоул сазовор аст ба саҳнаи таърихи Исроил барояд.

Фикре ба миён меояд, ки Самуил на фақат худаш ин ҳақиқатро фаҳмид, балки ба Довуд низ, ки пас аз Шоул тахти подшоҳиро ишғол кард, онро ёд дод. Аммо ба ҳар ҳол, Довуд боре исбот кард, ки ин дарсро хуб фаҳмид. Вақте ки фарзандаш ҷон медод, вай рӯза дошта, бо умеди он мегирист, ки Худо ба тифлаш раҳм хоҳад кард. Аммо вақте тифл мурд, вай шустушӯй кард, ва либосҳояшро иваз карда, ба хонаи Худованд рафт, ва дар он ҷо дуо гуфта, сипас хӯрок хӯрд. Ба ҳамаи саволҳои ҳайратомез вай чунин ҷавоб медод: “... Алҳол вай мурдааст, пас чаро ман рӯза дорам? Оё ман метавонам вайро баргардонам? Ман назди вай хоҳам рафт, вале вай назди ман нахоҳад баргашт” (2Подшоҳон 12:23).

Барои мо, масеҳиён, риояи ин қоида дар ҳаёти рӯзмарра ва хизматгузории худ хеле муҳим аст. Чунин рӯй дода метавонад, ки моро дар ҷамоат аз ягон ӯҳдадориҳоямон маҳрум карда, ба ягон каси дигар хоҳанд супурд. Мо ғам мехӯрем, ки боз як боб дар китоби меҳнати мо ба охир расид.

Шояд дӯстии бисёрсола ва ё робитае қатъ шуд, ва дар натиҷа ҳаёт холӣ ва тира менамояд. Ё мо аз одаме сахт дилхунук мешавем, ки як вақтҳо барои мо хеле азиз буд. Мо барои кандани муносибатҳои дил мотам мегирем.

Орзуе ки солҳои зиёд дили моро гарм мекард, метавонад шикаста майда-майда шавад, ва мо барои марги шавқу рағбат ва нияти нек мотам мегирем.

Дар худи чунин андӯҳ ягон чизи бад нест, аммо набояд роҳ дод, ки он муддати хеле дуру дароз давом ёбад, то ки дасту пойҳои моро баста, имкон надиҳад, ки имрӯз шоистаи мақоми худ зиндагӣ кунем. Э. Стэнлӣ Ҷоунс як вақтҳо пеши худ мақсад гузошт, ки дар давоми як соат паси сар кардани дарди талафотро ёд гирад. Барои аксари мо як соат кифоя нахоҳад буд, аммо мо набояд доимо дар ғами он чи бебозгашт аст, зиндагӣ кунем.

## 7 МАЙ

**“Ӯ ба шумо ғамхорӣ мекунад”**

*(1Петрус 5:7)*

Мо дар Навишта шумораи мисолҳои бисёри онро меёбем, ки Худо чӣ тавр дар ҳаққи халқи Худ ғамхорӣ мекунад. Дар давоми чил соли оворагардӣ дар биёбон исроилиён аз осмон нон мегирифтанд (Хуруҷ 16:4), ҳаргиз захираҳои оби онҳо тамом намешуд (1Қур. 10:4) ва пойафзоли онҳо ҳамеша чун нав буд (Так. Шар. 10:5).

Ҳангоми сафари мо дар биёбон Худо доимо бо мо низ ҳаст. Худованд ба масеҳиён хотиррасон мекунад, ки Ӯ назар ба кабӯтарон, гулҳо ва ҳайвонот дар бораи мо бештар ғамхорӣ мекунад. Ӯ гунҷишкҳоро ҳамчун мисол меоварад. Ӯ ба онҳо хӯрок медиҳад (Мат.6:26). Ягонтои онро Худо фаромӯш накардааст (Луқ.12:6). Ягонтои он бе хости Худо ба замин намеафтад (Мат. 10:31), ё чунон ки Х. А. Айронсайд гуфтааст: “Худо дар ҷанозаи ҳар гунҷишк ҳузур дорад”. Мо бошем, барои Ӯ аз бисёр гунҷишкон бартарӣ дорем (Мат. 10:31).

Агар Ӯ ба савсанҳои саҳро либосҳоеро мепӯшонад, ки аз либосҳои Сулаймон зеботаранд, пас ба мо либосҳоеро мепӯшонад, ки аз либоси онҳо беҳтаранд (Мат.6:30). Агар Ӯ ҳатто дар бораи он ғамхорӣ мекунад, ки барзаговон хӯрок дошта бошанд, оё моро лозим аст, ки аз эҳтиёҷот тарсем? (1Қур. 9:9).

Худованд Исо Саркоҳини мо буда, номҳои моро чун рамзи қувват дар китфҳои худ бардошта мегардад (Хур. 28:15-21). Номҳои мо дар кафҳои дастҳои Ӯ нақш кашида шудаанд (Иш. 49:16), ва ин доимо ба мо меххҳоеро хотиррасон мекунад, ки ин дастҳоро дар Ҷолҷолто барои гуноҳҳои мо сӯрох кардаанд.

Ӯ шумораи мӯйҳои сари моро медонад (Мат. 10:30). Ӯ оворагардиҳои моро ба ҳисоб гирифта, шумораи ашкҳоямонро дар дафтари Худ менависад (Заб. 55:9).

Ҳар кӣ ба мо даст расонад, ба мардумаки чашми Ӯ даст мерасонад (Зак. 2:8). Ягон силоҳе ки бар зидди мо сохта шудааст, муваффақ нахоҳад шуд (Иш. 59:17).

Замоне ки бутпарастон худоёни худро бар китфҳои худ бардошта мегарданд (Иш. 46:7), Худои мо Худаш халқи Худро бардошта мебарад (Иш. 46:4).

Вақте мо аз обҳои наҳрҳо ва аз миёни оташ мегузарем, Ӯ бо мо хоҳад буд (Иш. 43:2). Ӯ дар ҳар тангии мо ҳамроҳамон дилсӯзӣ мекунад (Иш. 63:9).

Нигаҳбони мо пинак нахоҳад кард ва хоб нахоҳад рафт (Заб. 120:3-4). Касе ин хусусиятро бехобии илоҳӣ номидааст.

Ҷӯпони Нек, ки ҷони худро барои мо фидо кардааст, барои мо ягон чизи некро дареғ намедорад (Юҳ. 10:11; Заб. 83:12; Рум. 8:32).

Ӯ дар ҳаққи мо аз аввали сол ва то охири сол ғамхорӣ мекунад (Так. Шар. 11:12). Ӯ то пириамон моро хоҳад бардошт (Иш. 46:4). Ӯ ҳаргиз моро тарк нахоҳад кард ва нахоҳад партофт (Ибр. 13:5). Худованд ҳақиқатан ба мо ғамхорӣ мекунад!

## “Ман... хазинаҳои торикиро... ба ту хоҳам дод”

*(Ишаъё 45:2-3)*

Ин хазинаҳоро ба Куруш ваъда карда, Худо сарвати моддиро дар назар дошт, ки дере нагузашта Куруш аз они худ хоҳад кард. Аммо ман фикр мекунам, ки мо барои ба маънои рӯҳонӣ тафсир кардани мазмуни ин оят ҳуқуқи комил дорем.

Дар торикии ғализи ҳаёти мо хазинаҳое ниҳонанд, ки онҳоро дар рӯзҳои аз рӯшноии офтоб пурнур ёфтан ғайриимкон аст.

Ҳамин тавр, масалан, дар шаби аз ҳама ториктарин Худо метавонад сурудҳо ато кунад (Айюб 35:10), ки агар дар ҳаёт тамоман ягон хел мушкилӣ намебуд, ҳаргиз хонда намешуданд. Ана барои чӣ шоир навиштааст:

Ва бисёр мусиқановозони сайёр
Дар миёни фарзандони рӯшноӣ
Дар бораи эҷодиёти беҳтарини худ хоҳанд гуфт:
“Ин мусиқиро ман шабона шунидам”.
Ва бисёр сурудҳои пуршукӯҳ,
Ки хонаи Падарро пур мекунанд,
Аввалин маротиба дар кулбача садо додаанд.

Мо ҳаргиз аз торикии он чи Ҷ. Сюарт Ҳолден чунин номидааст, пинҳон шуда наметавонем: “Муаммоҳои ҳалнашудаи ҳаёт – мусибатҳо, фалокатҳо, фоҷиаҳое ки ба ҳаёти мо ворид мешаванд ва мо онҳоро пешакӣ фаҳмидан ва пешгирӣ кардан наметавонем. Онҳо бар ҳаёти мо сояи тира меафкананд – ғаму ғуссаҳо, талафот, дилхунукиҳо, беадолатӣ, хатоҳо дар баҳодиҳии мақсадҳо, тӯҳмат”. Онҳо муддати зиёде ҳаёти моро ба торикӣ меандозанд!

Мо ҳама одамонем, ва ҳеҷ кадоми мо ин торикиро бо ихтиёри худ интихоб намекард, аммо ба ҳар ҳол он метавонад ба мо фоидаи калон оварад. Лэслӣ Уиверед навишта буд: “Мисли дигарон, ман баландиҳои фараҳбахши ҳаётро, ки дар онҳо саломатӣ, хушбахтӣ ва комёбиҳо фаровонанд, хеле дӯст медорам, аммо дар торикии сернами тарс ва мағлубият ман дар бораи Худо ва дар бораи худ бештар донистам, нисбат ба он ки дар нурҳои офтоб оббозӣ карда, дониста метавонистам. Охир дар торикӣ ҳам хазинаҳо нигоҳ дошта мешаванд. Ин торикӣ, Худоро шукр, мегузарад. Аммо он чи ту дар он омӯхтӣ, то абад бо ту боқӣ мемонад”.

## 9 МАЙ

**“...Духтаре ки аз замини Исроил аст...”**

*(4Подшоҳон 5:4)*

Барои ба шарафи ҷалоли Худо ба амал овардани корҳои бузург одами машҳур будан тамоман ҳатмӣ нест. Ҳамин тавр, масалан, Навишта баъзан ба мо дар бораи одамоне ки худро бо ҷалоли бефано пӯшондаанд, нақл карда, ҳатто номҳои онҳоро зикр намекунад.

Ана се сарбозе ки ба Довуд аз чоҳи Байт-Лаҳм об оварданд (2Под. 23:13-17). Довуд аз вафодории онҳо чунон ба ҳайрат омада буд, ки ҳатто он обро нанӯшид, балки чун қурбонии пок рехт. Аммо ҳар сеи ин сарбозон беном монданд. Мо номи зани бузургро, ки аз Шунем буд, намедонем (4Под.4:8-17), аммо вай барои Элишоъ болохона сохта, абадан ба таърих даромад.

Бо маслиҳати духтараки беноми яҳудӣ Наамон назди Элишоъ рафта, аз махав шифо ёфт (4Подшоҳон 5:3-14). Худо номи вайро медонад, ва ин аз ҳама муҳим аст.

Зане ки ба сари Исо равғани атрафшони гаронбаҳо мерехт, кӣ буд? (Мат. 26:6-13). Матто номи ӯро зикр намекунад, аммо Худованд гуфтааст, ки ҷалол дар бораи вай асрҳо хоҳад зист: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям: дар тамоми ҷаҳон ҳар ҷо, ки Инҷил мавъиза шавад, кори вай низ барои ёдоварии вай зикр меёбад”(ояти 13).

Беваи бечора, ки ба хазина ду танга монд, ҳамчунин яке аз “беномҳои Худо” буд (Луқ. 21:2). Вай намунаи он аст, ки барои Худо чизи бисёр кардан мумкин аст, агар ғами онро нахӯрӣ, ки ҷалол аз они кӣ мешавад.

Ва ин писараке, ки панҷ нон ва ду моҳии худро ба Худованд дод, ки бо онҳо Ӯ дар пеши назари вай 5000 мард ва занону кӯдаконро сер кард! (Юҳ. 6:9). Мо номи ӯро намедонем, аммо кирдори вай ҳаргиз фаромӯш нахоҳад шуд.

Ниҳоят, мисоли охирин. Павлус ба Қуринтус ҳамроҳи Титус боз ду бародарро мефиристад, то ки онҳо барои муқаддасони Уршалим хайрот ғундоранд. Ӯ онҳоро номбар намекунад, аммо чун фиристодагони ҷамоат ва ҷалоли Масеҳ таҳсин мекунад. (2Қур. 8:23)

Грей ба қабрҳои беном дар қабристони деҳот нигариста, навишта буд:

Гулҳои зиёде ҳастанд, ки назарногиранд,
Аммо ҳаво бо накҳати аҷиби онҳо пур аст.

Аммо барои Худо ягон чиз нодида намемонад. Ӯ ҳамаи хизматгорони “беном”-и Худро ном ба ном медонад, ва Ӯ бо саховате ба онҳо мукофот хоҳад дод, ки шоистаи Худи Ӯст.

## “...Аз дасисаҳои вай бехабар нестем”

*(2Қуринтиён 2:11)*

Барои масеҳиён донистани он, ки душмани онҳо, иблис, кадом усулҳоро истифода мебарад, камаҳамият нест. Дар акси ҳол вай бо осонӣ моро фиреб дода метавонад.

Мо бояд дар хотир дорем, ки вай дурӯғгӯй аст, ва аз ибтидо чунин буд. Дар асл, вай падари дурӯғ аст (Юҳ. 8:44). Вай ба Ҳавво дурӯғ гуфта, Худоро дурӯғгӯй нишон дод; то имрӯз ҳам вай бо ҳамин машғул аст.

Вай фиребгар аст (Ваҳй 20:10). Вай ба гумроҳӣ доимо андак ҳақиқат омехта мекунад. Вай ҳар он чиро, ки аз Худо бармеояд, тақлид намуда, қалбакӣ месозад.

Вай худаш ҳам ба одамон ҳамчун фариштаи нур зоҳир мешавад, ва хизматгорони худро ҳамчун хизматгузорони росткорӣ мефиристад (2Қур.11:14-15). Вай ба воситаи аломатҳои бузург ва муъҷизаҳои сохта одамонро гумроҳ мекунад (2Тас. 2:9). Вай фикрҳои одамонро фосид мекунад (2Қур. 11:3).

Шайтон қотил ва харобкунанда аст (Юҳ. 8:44; 10:10). Мақсади вай ва девҳояш харобкорист. Вай барои ҳеҷ кас истисно намекунад. Вай мисли шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад (1Пет. 5:8). Вай халқи Худоро таъқиб мекунад (Ваҳй 2:10) ва бар ғуломони худ раҳм накарда, ба воситаи нашъа, азозилият, майхӯрӣ, фасоди шаҳвонӣ ва дигар корҳои ношоиста онҳоро нобуд мекунад.

Вай бародаронро маломат мекунад (Юҳ. 12:10). Калимаи “иблис” (аз калимаи юнонии “диаболис”) маънои маломаткунанда ё айбдоркунандаро дорад, ва ӯ пурра ба номи худ мувофиқ аст. Ҳамаи онҳое ки бародарони худро маломат мекунанд, ба осиёби иблис об мерезанд.

Вай ноумедӣ ва ғамгинӣ мекорад. Павлус қуринтиёнро пешакӣ огоҳ карда буд, ки агар онҳо бародари хатокардаро набахшанд, шайтон метавонад аз ин истифода бурда, вайро ба “ғами аз ҳад зиёд” гирифтор кунад (2Қур. 2:7-11).

Айнан ҳамон тавре ки шайтон ба воситаи Петрус кӯшиш мекард ба Масеҳ маслиҳат дода, Ӯро аз нияти рафтан ба салиби Ҷолҷолто боздорад (Марқ. 8:31- 33), имрӯз низ вай ба масеҳиён маслиҳат дода, онҳоро водор карданӣ мешавад, ки нанг ва азобҳои салибашонро ба худ нагиранд.

Кори дӯстдоштаи шайтони маккор ҷудо кардан ва ҳукмронӣ кардан аст. Вай кӯшиш мекунад дар миёни муқаддасон душманӣ ва мухолифат корад ва медонад, ки “хонаводае ки дар худ ҷудоӣ дорад, устувор истода наметавонад”. Мутаассифона, ин кӯшишҳои вай баъзан муваффақ мешаванд.

Вай зеҳни беимононро кунд мекунад, “то ки нури Инҷили ҷалоли Масеҳ... барои онҳо надурахшад” ва онҳо наҷот наёбанд (2Қур. 4:4). Вай онҳоро бо дилхушиҳо, динҳои дурӯғин, кашолдиҳӣ ва ҳавобаландӣ кӯр мекунад. Вай ба онҳо талқин мекунад, ки ҳиссиёт аз фактҳо баландтар истода, “ман”-и ман аз Масеҳ муҳимтар аст.

Ниҳоят, ҳамлаҳои шайтон дарҳол пас аз ғалабаҳои бузурги рӯҳонии мо, ки он вақт хатари ҳавобаланд шудан хеле калон аст, шиддатноктар мешаванд. Вай дар хатти мудофиаи мо ҷои сустро меҷӯяд ва ба он бо тамоми ғазаб дармеафтад.

Беҳтарин ҳимоят аз шайтон доимо дар муносибати наздик бо Худо зиста, зиреҳи росткорӣ ва хислати муқаддасро дар бар кардан аст.

**“Мӯоб аз ҷавонии худ осудаҳол буд, ва бар дурди худ менишаст, ва аз зарфе ба зарфе рехта нашудааст, ва ба асирӣ нарафтааст; бинобар ин таъмаш дар он мондааст, ва накҳаташ тағйир наёфтааст”**

*(Ирмиё 48:11)*

Барои нишон додани он ки ҳаёти беғам асло ба ташаккули хислати матин мусоидат намекунад, Ирмиё ба санъати истеҳсоли май рӯ меоварад.

Ҳангоме ки май дар чалак турш шуда меҷӯшад, дере нагузашта дар он таҳшин намоён мешавад. Агар май бисёр истад, дар он мазаи нофорам пайдо мешавад. Бинобар ин истеҳсолкунандаи май онро аз як зарф ба зарфи дигар рехта, онро аз таҳшин ва омехтаҳо тоза мекунад. Танҳо он гоҳ май мазаи форам, бӯй ва ранги хуш хоҳад дошт.

Дар ҳаёти Мӯоб душвориҳо набуданд. Вай даҳшати асоратро начашида буд. Вай худро аз тамоми мусибатҳо, бадбахтиҳо ва мӯҳтоҷиҳо дур кард. Дар натиҷаи ин ҳаёти вай дилбазан ва беобуранг шуд. Дар он на тезӣ буду на бӯи хуш.

Бисёр истодан на фақат барои май, балки барои мо низ хатарнок аст. Фақат душвориҳо, монеаҳо, ғамҳо ва муқобилиятҳо метавонанд ба мо ёрӣ диҳанд, ки аз омехтаҳо тоза шуда, ба Масеҳ беш аз пеш монанд шавем.

Хоҳиши аз ҳар гуна ғаму ташвиш ҳимоя кардани худ дар ҳамаи дилҳо чун одат маъмул шудааст. Мо доимо ва дам ба дам лонае месозем, ки моро аз бӯронҳо ҳимоят мекарда бошад. Аммо Худо мехоҳад, ки мо дар ҳама чиз фақат ба Ӯ такя карданро ёд гирем, ва тамоми иншооти ҳимоякунандаи моро бераҳмона вайрон мекунад.

Хонум Ҳовард Тэйлор дар зиндагиномаи Ҳадсон Тэйлор навишта буд: «Дар ин ҳаёте ки барои тамоми ҷаҳон баракат шуд, лаҳзаҳои дигаре низ буданд (онҳо аз лаҳзаҳое ки дар поён қабати ғафси таҳшин ҷамъ мешуд, фарқ мекарданд), ки он вақт ҳамин “аз як зарф ба зарфи дигар рехтан” низ вуҷуд дошт, ки барои “одами кӯҳна”-и мо хеле дарднок аст, аммо ба ҳаёти мо фавраи ҳавои тозаро овард».

Фақат пас аз фаҳмидани он, ки Майсози Илоҳӣ аз ҳаёти мо чӣ кардан мехоҳад, мо ҳар гуна фикри беитоатӣ ва ё муқобилатро ба Ӯ аз худ дур мекунем.

Ӯ Подшоҳ аст, Ӯ ҳаққи интихоб кардан ва фармон доданро дорад.
Ба Ӯ боварӣ намо, ва худат ҳайрон мешавӣ,
Ки то чӣ андоза дасти Ӯ боқувват аст, ва роҳҳояш хирадмандонаанд.
Аммо фақат пас аз он ки Ӯ кори Худро ба охир мерасонад,
Ту дарк мекунӣ, ки то чӣ андоза олиҳимматона буданд
қарорҳои Ӯ, ки замоне дар ту тарси нодаркорро ба вуҷуд меоварданд.

# 12 МАЙ

**“Зеро, дар ҳикмати Худо, модоме ки ҷаҳон бо ҳикмати худ Худоро нашинохт, Худо чунин писандид, ки ба воситаи беақлии мавъиза имондоронро наҷот диҳад”**

*(1Қуринтиён 1:21)*

Баъзе аъзоёни ҷамоати Қуринтӯс кӯшиш мекарданд, ки Инҷилро барои одамони баландмаърифат ҷолиб кунанд. Онҳо ба ҳикмати ин ҷаҳон диққати зиёд медоданд ва надида наметавонистанд, ки баъзе ҷиҳатҳои масеҳият барои файласуфони ҷаҳонӣ қобили қабул набуданд.

Онҳо нияти тарки имонро надоштанд, балки мехостанд онро ба тарзи нав таъриф кунанд, то ки дар доираҳои илмӣ қобили қабул буда тавонад.

Павлус ба онҳо бо таънаву маломат дармеафтад, зеро онҳо кӯшиш мекарданд ҳикмати ҷаҳонро бо ҳикмати Худо якҷоя кунанд. Вай хеле хуб медонист, ки аз пайи эътирофи одамони баландмаърифат шуда, қуввати рӯҳониро гум кардан хеле осон аст. Биёед аз ҳақиқат рӯй натобем! Дар Инҷил чизе ҳаст, ки яҳудиён таҳқир ва бутпарастон аблаҳӣ мешуморанд.

Ва ин ҳоло ҳамааш нест: аксари масеҳиён тамоман шахсоне нестанд, ки ҷаҳон онҳоро одамони бохирад, тавоно ва ҳимматбаланд меномида бошад. Як рӯз не як рӯз мо бояд эътироф кунем, ки ҷои мо дар қатори зиёиён нест, ва дар назари ҷаҳон мо аблаҳ, суст, паст, ҳақир ва ночиз ҳастем.

Оё олидараҷа нест, ки мавъизаеро, ки бисёриҳо аблаҳӣ мешуморанд, Худо барои наҷоти имондорон ба кор мебарад? Оё шахсоне ки дигарон онҳоро ҳақир мешуморанд, ба Худо барои расидан ба мақсадҳояш даркоранд? Моро, олатҳои одӣ ва соддаро, интихоб карда, Ӯ тамоми ҳашамат ва серороишии ин ҷаҳонро тасхир менамояд, аммо дар айни замон худи моро аз имконияти ғасб кардани ҷалол ва ситоиши муваффақиятҳое ки ҳақиқатан ба Ӯ тааллуқ доранд, маҳрум мекунад.

Ин тамоман маънои онро надорад, ки дар масеҳият барои тадқиқотҳои илмӣ ҷой нест. Вале шавқу ҳаваси илмӣ бояд даст ба даст бо рӯҳонияти амиқ равад, вагарна он хатарнок мешавад. Агар олим худро аз Каломи Худо баландтар гузорад ва исроркорона мегӯяд, ки, масалан, баъзе муаллифони Навишта назар ба дигарон аз манбаъҳои боэътимодтар истифода мебаранд, пас вай аз ҳақиқати Худо хеле дур рафтааст. Ҳангоме ки мо илтифоти чунин олимонро ба даст овардани мешавем, дар пеши ҳамаи бидъатҳои онҳо бепаноҳ мебошем. Павлус ба Қуринтӯс омада, кӯшиш намекард, ки сокинони онро бо дурдонаҳои суханварӣ ва ҳикмат ба тааҷҷуб оварад. Вай, ба ғайр аз Исои Масеҳ ва салиби Ӯ, бо онҳо дар бораи ҳеҷ чизи дигар гап задан намехост. Вай медонист, ки қувват на дар муҳокимаҳои фикрии бардурӯғ дар бораи масъалаҳои нофаҳмо ва мушкилоти қалбакӣ, балки дар мавъизаи осон ва одии Инҷил аст.

## 13 МАЙ

**“Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро, ки ба Ман имон доранд, ба васваса андозад, барои вай беҳтар аст, ки санги осиёе бар гарданаш овехта, дар қаъри баҳр ғарқ кунанд”**

*(Матто 18:6)*

Барои ғарқ кардан усули аз ин боэътимодтар ва таъсирбахштар ёфтан душвор аст. Охир ин ҷо сухан на дар бораи осиёби дастӣ, балки дар бораи осиёби калон меравад, ки санги онро бояд хар чарх занонад. Агар чунин сангро ба гардани одам овезон кунанд, вай ба зудӣ ғарқ мешавад.

Дар аввал эҳтироси суханони Наҷоткор моро ба ҳайрат андохта метавонад. Исо бо оташинӣ ва бераҳмӣ, ки барояш ғайриодӣ аст, ба гуноҳи васваса кардани яке аз хурдони Ӯ дармеафтад. Ин гуна ғазабро чӣ ба вуҷуд оварда метавонад?

Ана, масалан, хизматгузори Инҷил, ки назди вай одамон бо навбати беохир дар ҷустуҷӯи маслиҳат, ёрӣ, дастгирӣ ва насиҳат мераванд. Дар миёни онҳо духтари ҷавоне низ ҳаст, ки дар тӯри ягон гуноҳи шаҳвонӣ андармон шудааст. Вай ба ёрӣ хеле мӯҳтоҷ аст. Дар назари духтар ин хизматгузор маҳз ҳамон касест, ки ба ӯ боварӣ намудан мумкин аст, касест, ки роҳи халосиро ёфта метавонад. Аммо ба ҷои ин вай худаш дучори шаҳват шуда, пешниҳодҳои ношоям мекунад ва ин духтарро ба роҳи бадахлоқӣ бармегардонад. Духтар аз хиёнати ӯ хеле сахт ба ҳаяҷон омада, аз ҳар гуна насиҳатҳои рӯҳонӣ ноумед шудааст. Пурра имкон дорад, ки вай то охири ҳаёти худ ҳамин тавр маъюби рӯҳонӣ мемонад.

Ё ин профессори донишгоҳ буда метавонад, ки саъю кӯшиш мекунад донишҷӯёнро аз имон ба Масеҳ маҳрум созад. Вай бо масхараҳои худ, бо раддияҳои дурӯғини илмӣ ва ислоҳот обрӯи Навиштаҳоро резонда, симои Худовандро таҳриф (вайрон) мекунад.

Аммо барои имондори ҷавон рафтори масеҳии дигар низ санги пешпо шуда метавонад. Ин масеҳӣ аз ҳадди байни озодӣ ва нафспарастӣ гузашта, бо корҳои шубҳанок машғул мешавад. Масеҳии ҷавон бовар мекунад, ки чунин рафтор дар миёни масеҳиён пурра қобил қабул аст, ва дере нагузашта барои ҳаёт аз рӯи қонунҳои ин ҷаҳон роҳи росткориро тарк мекунад.

Ин суханони Наҷоткор дар бораи он аст, ки ба афтиши ахлоқӣ, маънавӣ ва рӯҳонии яке аз тифлони Ӯ мусоидат кардан то чӣ андоза хатарнок аст, ва бояд барои мо огоҳии ҷиддӣ шаванд. Беҳтар аст, ки ҷисман ғарқ шавӣ, назар ба он ки барои васваса кардани яке аз хурдони Худованд дар баҳри айб, шармсорӣ ва афсӯсу надомат фурӯ равӣ.

# 14 МАЙ

**“... Беҳудагӯӣ ё шӯхии бемаънӣ, ки аз рӯи одоб нест, набояд бошад”**
*(Эфесусиён 5:4)*

Сабукфикрии аз ҳад зиёди суханони мо ҳангоми хизматгузорӣ сабаби кам шудани қуввати рӯҳонии мо мешавад.

Аз паси минбар истода, воиз дар бораи масъалаҳои хеле муҳим ва ҷиддӣ, дар бораи ҳаёт ва марг, дар бораи замон ва абадият сухан меронад. Мавъизаи вай метавонад хеле хуб бошад, аммо агар дар он зарофатгӯии бениҳоят бисёр бошад, дар хотири шунавандагон танҳо шӯхиҳо мемонанд.

Аксар вақт мавъизае ки ба дил нақш гузоштааст, пас аз ҷамъомад бо суханони сабукфикрона бенатиҷа мешавад. Дар толор даъвати Инҷил садо медиҳад, ва абадият болҳоро бар ҷамъомад мекушояд. Аммо инак дуои охирин хонда шуд, ва ҷамоатро ғалоғулаи беҳудагӯӣ пур мекунад. Одамон бозии футбол ё пешбиниҳояшонро оиди ҳосил муҳокима мекунанд. Тааҷҷубовар нест, ки Рӯҳулқудс андӯҳгин шудааст ва ҷамъомад барои Худо ягон самар наовардааст.

Роҳбарони ҷамоат, ки доимо шӯхӣ мекунанд, ба дунёи рӯҳонии ҷавононе ки мадади онҳоро меҷӯянд, таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Онҳо фикр мекунанд, ки барои сазовори боварии ҷавонон шудан ба онҳо зиракӣ ёрӣ медиҳад, аммо дар асл ҷавонон ба ғайр аз дилхунукӣ дигар ҳеҷ чизро эҳсос намекунанд.

Шакли хатарноктарини ҳазлу шӯхӣ “суханбозиҳои Навиштаи Муқаддас” ном дорад, вақте ки оятҳои Навиштаҳо на барои он хонда мешаванд, ки ҳаётро дигаргун созанд, балки барои он ки боиси хандаи зиёд шаванд. Барои суханбозӣ дар Навишта баҳонае кофта, мо обрӯи онро ҳам дар ҳаёти худ ва ҳам дар ҳаёти шунавандагонамон мерезонем.

Ин маънои онро надорад, ки имондор бояд сершиква ва одами дилбазан буда, шӯхтабъӣ надошта бошад. Балки ин маънои онро дорад, ки вай бояд зарофати худро дар зери назорат нигоҳ дорад, то ки он таъсири мавъиза ва шаҳодати ӯро бесамар нагардонад.

Киркегаард дар бораи кадом як масхарабозе нақл карда буд, ки дар шаҳр давида, дод мезад, ки хаймаи масхарабозии берун аз шаҳр афрохташуда сӯхта истодааст. Одамон фарёдҳои ӯро шунида, механдиданд. Вай чунон муддати зиёд худро масхарабоз нишон медод, ки ҳеҷ кас дигар бо ӯ ҷиддӣ муносибат намекард.

Дар ҳуҷраи кории Чарлз Симеон расми Ҳенрӣ Мартин овезон буд, ва ба ҳар ҷое ки вай мерафт, чашмони Мартин ба ӯ дӯхта шуда буданд. Ба назар вай чунин мегуфт: “Ба кор ҷиддӣ муносибат кун; вақтро беҳуда сарф накун”. Ва Симеон ба вай ҷавоб медод: “Бале, ман ба кор ҷиддӣ, хеле ҷиддӣ, муносибат хоҳам кард. Ман вақтро беҳуда сарф нахоҳам кард; охир ҷонҳо талаф мешаванд, ва Исо бояд ҷалол ёбад”.

# 15 МАЙ

**“Шикоят накунед, чунон ки баъзеи онҳо шикоят карданд ва аз дасти ҳалоккунанда нобуд шуданд”**

*(1Қуринтиён 10:10)*

Дар биёбон сафар карда, исроилиён доимо оҳ мекашиданд, шикоят мекарданд ва қаҳр мекарданд. Онҳо шикоят мекарданд, ки об кам буд. Онҳо шикоят мекарданд, ки хӯрок набуд. Онҳо шикоят мекарданд, ки роҳбарон агарчи буданд, ганда буданд. Вақте Худо ба онҳо аз осмон манн дод, он хеле зуд ба дили онҳо зад, ва онҳо пиёз, бехпиёз ва сири Мисрро орзу мекарданд. Агарчи дар биёбон дӯконҳои нонфурӯшӣ ва мағозаҳои пойафзол набошанд ҳам, дар давоми тамоми 40 сол исроилиён ягон бор бе хӯрокворӣ намонданд ва пойафзоли онҳо кӯҳна нашуд. Аммо ба ҷои шукргузорӣ Худо фақат шикоятҳои онҳоро мешунид.

Аз он вақт инҷониб одамон кам дигаргун шудаанд. Онҳо бисёр вақт аз обу ҳаво шикоят мекунанд: ё бениҳоят гарм аст, ё бениҳоят хунук, ё бениҳоят борон бисёр аст, ё бениҳоят борон кам аст. Онҳо аз хӯрок шикоят мекунанд: себҳо бениҳоят турш ҳастанд, ё нон чандон сурх нашудааст. Одамон аз кор ва маоши худ ё аз набудани онҳо норозӣ ҳастанд. Онҳоро тарзи либоспӯшии дигарон, рафтор ва гуфтори онҳо оташин мекунад. Онҳо аз боиси дардҳо ва бетобиҳои ночиз аламу ҳасрат мекунанд ва орзу доранд, ки қадбаландтар, хушандомтар ва зеботар бошанд. Новобаста ба он ки Худо ба онҳо неъмати фаровон ато кардааст, дар даҳони онҳо савол аст: “Ӯ барои ман чӣ кор кардааст?”

То чӣ андоза бо мо сару кор доштани Худо душвор аст. Ӯ ба мо бениҳоят меҳрубон буда, на фақат чизи барои зиндагӣ зарууртаринро ато намудааст, балки ба мо чизҳоро додааст, ки ба Писари Ӯ, ҳангоми дар замин гаштугузор карданаш, имконнопазир буданд. Мо хӯрок, хона, либосҳо дорем. Мо чашм, гӯш, иштиҳо, хотира ва бисёр чизи дигар дорем, ки худ аз худ маълум мешуморем. Ӯ моро нигаҳбонӣ мекард, роҳнамоӣ ва дастгирӣ мекард. Ӯ ба мо чизи беҳтаринро ато намуд: ҳаёти абадӣ ба воситаи имон ба Исои Масеҳ. Ва ба ҷои сипосгузорӣ Ӯ чӣ мешунавад? Шикоятҳои беохир.

Як дӯстам аз Чикаго ба саволи: “Корҳо чӣ хел?” чунин ҷавоб медиҳад: “Шикоят кардан гуноҳ мебуд”. Вақте ки васвасаи шикоятҳои ашкбор бениҳоят калон бошад, ман дар бораи ин ҷавоб андеша мекунам. Шикоят кардан гуноҳ аст, ва позаҳри он (давои зидди заҳр) суханони шукргузорӣ мебошанд. Вақте мо ба хотир меоварем, ки Худованд барои мо чиҳо кардааст, мо дарк мекунем, ки барои шикоят кардан ягон асос надорем.

**“Ҷаҳонро дӯст надоред, на он чиро, ки дар ҷаҳон аст: касе ки ҷаҳонро дӯст медорад, дар вай муҳаббати Падар нест”**

*(1Юҳанно 2:15)*

Дар Аҳди Ҷадид дар бораи ҷаҳон чун дар бораи подшоҳие гуфта мешавад, ки бо Худо мубориза мебарад. Дар ҷаҳон шайтон ҳоким аст, ва ҳамаи беимонон тобеони вай ҳастанд. Одамро ба ин подшоҳӣ ҳаваси чашмон, шаҳвати ҷисм ва ғурури зиндагӣ ҷалб мекунанд. Ин ҳамон ҷамиъиятест, ки одам дар он кӯшиш мекунад бе Худо хушбахт шавад, ва дар он ҷо ҳеҷ кас номи Масеҳро шунидан намехоҳад. Глизон Л. Арчер навишта буд, ки ҷаҳон “системаи бо тартиб ташкилёфтаи худпарастӣ, муқобилат ва душманӣ ба Худо аст, ки барои одам дар шӯриши вай бар зидди Офардигор хос мебошад”.

Ин ҷаҳон дилхушиҳо, сиёсат, санъат, мусиқӣ, дин, қолабҳои фикрронӣ ва тарзи зиндагии худро дорад. Он кӯшиш мекунад ҳамаро водор созад, ки аз рӯи қоидаҳои вай зиндагӣ кунанд, ва аз онҳое ки аз ин амал даст мекашанд, нафрат дорад. Ҳайратангез нест, ки вай Худованд Исоро ин қадар бад мебинад.

Масеҳ мурд, то ки моро аз ин асорат бозхарад. Ҳозир ҷаҳон барои мо ва мо барои он мехкӯб шудаем. Барои масеҳиён дӯст доштани ин ҷаҳон дар ҳар гуна шаклҳояш ба хиёнат баробар аст. Ба ғайр аз ин, расул Юҳанно мегӯяд, ки ҳар касе ки ҷаҳонро дӯст медорад, душмани Худо мешавад.

Имондорон барои ин ҷаҳон бегонаанд, аммо ба он фиристода шудаанд, то зидди он шаҳодат диҳанд, бадии дар он ҳукмронро маҳкум кунанд, ва наҷотро аз он ба воситаи имон ба Худованд Исои Масеҳ мавъиза кунанд.

Масеҳиён даъват шудаанд, ки аз ҷаҳон ҷудо шуда, зиндагӣ кунанд. Пештар дар зери мафҳуми бадӣ фақат рақсҳо, театр, тамокукашӣ, май ва қиморбозиро мефаҳмиданд. Дар асл бошад ин мафҳум хеле васеътар аст. Бисёр чизҳое ки дар телевизион нишон дода мешаванд шаҳвати чашм ва шаҳвати ҷисмро ба вуҷуд меоваранд. Ҳавобаландӣ низ бадист, хоҳ ин ҳавобаландӣ аз унвонҳову дараҷаҳои илмӣ ва даромадҳои баланд бошад, хоҳ номи баланд.

Ҳаёти боҳашамат низ дар рӯйхати бадиҳои ин ҷаҳон ҷойгир аст, новобаста ба он ки мо дар зери ин мафҳум чиро мефаҳмем: хонаҳои боҳашамат, таомҳои латиф, либосҳо, ҷавоҳирот ё мошинҳои боҳашамат, ки диққати ҳамаро ба худ ҷалб мекунанд. Ба ин ҷо ҳаёти беғам ва беҳуда низ дахл дорад, ки қисми зиёди вақт дар сафарҳо ва саёҳатҳои баҳрӣ, гаштугузор дар мағозаҳо ва машғулиятҳои варзишӣ гузаронида мешавад. Нақшаҳои шӯҳратпарастона барои мо ва фарзандони мо ҳамчунин аз ин ҷаҳонанд, агарчи мо кӯшиш мекунем онҳоро дар зери корҳои рӯҳонӣ рӯйпӯш намоем. Ниҳоят, алоқаи ҷинсии беникоҳ низ яке аз бадиҳои ин ҷаҳон мебошад.

Ҳар қадар мо ба Наҷоткор наздиктар зиндагӣ кунем, ҳар қадар ба Ӯ бештар вафодор бошем, ҳамон қадар камтар барои дилхушиҳо ва ҳузуру ҳаловати ҷаҳон вақт хоҳем дошт. С. Стэсӣ Вудс гуфта буд: “Мо аз ҷаҳон ба андозаи вафодориамон ба Масеҳ ҷудо ҳастем”.

Мо дар ин ҷаҳон танҳо мусофиронем,
Хонаи мо на дар ин ҷаҳон аст,
Ки ба Ту фақат қабрро дод,
Балки он ҷост, дар баландии нурафшон,
Ки он ҷо маркази ҳама чиз Ту ҳастӣ, Худованд,
Вақте ки салиби Ҷолҷолто ҳама гуна бандҳои батолатро пора кард.

## 17 МАЙ

**“Масеҳро ба ҳар тарз, риёкорона ё самимона, мавъиза намоянд ҳам, ман аз ин шодам, ва шодӣ хоҳам кард”**

*(Филиппиён 1:18)*

Аксаран дар ҳаёти худ мо бояд бо одамоне сару кор дошта бошем, ки боварии қатъӣ доранд, ки берун аз доираи нуфузи онҳо ягон чизи хуб нест ва буда ҳам наметавонад. Ин мисли он аст, ки гӯё ҳама чизҳои беҳтарин ва комил зери тасарруфи онҳост, ва барои онҳо ҳатто фикр дар бораи он, ки ягон каси дигар метавонад ягон чизи монандро созад ё то дараҷаи онҳо баланд шавад, нафратовар буда метавонад. Худи қиёфаи онҳо мегӯяд: “Корҳои ман олидараҷа мебошанд, корҳои ту на он қадар”. Агарчи барои баъзеи онҳо ҳатто ҳамин ҳам бениҳоят ҳимматбаландона менамояд.

Ҳақиқат танҳо дар ҷамоати онҳо мавъиза карда мешавад. Ҷамоати умумиҷаҳонӣ асосан фақат ба шарафи хизматгузории онҳо нашъунамо мекунад. Танҳо ба ақидаи онҳо гӯш додан меарзад. Онҳо аз ҳама боақл ва рӯҳонӣ буда, ҳикмат низ бо онҳо мемурад.

Барои Павлус чунин ақидаҳо бегона буданд. Вай эътироф мекард, ки дигарон ҳам Инҷилро мавъиза мекунанд. Албатта, баъзеҳо инро аз рӯи ҳасад ва барои ба ғазаб овардани ӯ мекарданд. Аммо ба ҳар ҳол ӯ кӯшиши онҳоро барои паҳн кардани Инҷил таҳсин мекунад, ба ҳар ҳол метавонад барои он шодӣ кунад, ки онҳо Масеҳро мавъиза мекунанд.

Доналд Гутрӣ дар китоби худ дар бораи номаҳои Павлус чунин навишта буд: “Ба ҳар кадом мутафаккири мустақил ҷасорати махсус ва файзи Худо лозим аст, то эътироф намояд, ки ҳақиқат метавонад ба ғайр аз худи ӯ воситаҳои дигарро низ интихоб намояд”.

Яке аз хусусияти фарққунандаи ҳар гуна фирқаи динӣ ин аст: роҳбарони онҳо даъво мекунанд, ки дар масъалаҳои имон ва ахлоқ онҳо ягона марҷаи бонуфуз ҳастанд. Онҳо талаб мекунанд, ки фармонҳояшон бечуну чаро ба ҷо оварда шаванд, ва мекӯшанд пайравони худро аз ҳар гуна тамос бо нуқтаҳои назар ва ақидаҳои дигар нигаҳдорӣ кунанд.

Дар пешгуфтор ба тарҷумаи англисии Навиштаи Муқаддас, ки номи шоҳ Яъқубро дорад, тарҷумонон дар бораи “бародарони худписанд” навишта буданд, ки “ҳама корро доимо ба таври худ ба ҷо оварда, ҳамаи он чиро, ки худи онҳо эҷод накардаанд ва дар сандони худ накӯфтаанд, шоистаи диққат ҳисоб намекарданд”. Аз ҳама он чи дар боло зикр ёфт, мо бояд онро аз худ кунем, ки кӯтоҳандешӣ хатарнок аст, ва мо бояд тайёр бошем некиро дар ҳар ҷое ки бинем, бо шодӣ некӣ номем, ва ҳеҷ як ҷамоат ё мазҳаби масеҳӣ ҳақ надорад изҳор намояд, ки фақат он хизматгузори ҳақиқии Худо буда, ҳақиқат танҳо ба он тааллуқ дорад.

# 18 МАЙ

**“... Ва бо лабонаш носазо гуфт”**

*(Забур 105:33)*

Ҳангоми дар Қодеш будан қавми Исроил аз набудани об шикоят карданд, ва Худо ба Мусо гуфт, ки ба сахра гӯяд ва аз он об ҷорӣ хоҳад шуд. Аммо машғул будан бо ин қавм аллакай чунон ба дили Мусо зада буд, ки вай онҳоро сарзаниш карда, гуфт: “Бишнавед, эй саркашон! Оё аз ин сахра об барои шумо берун оварем?” Ва ӯ ду бор ба сахра бо асои худ зад. Бо ин суханони бад ва бо беитоатии худ Мусо дар пеши мардум Худоро дар партави нодуруст муаррифӣ намуд. Дар натиҷа вай аз ҳуқуқи пуршарафи ба замини ваъдашуда овардани банӣ Исроил маҳрум шуд (Ададҳо 20:1-13).

Масеҳии боэҳтимом ҳангоми бо имондорони дигар муносибат карданаш ба осонӣ сабру тоқатро аз даст дода метавонад. Охир вай дар имон ба камол расидааст-ку, аммо ба онҳо, чун ба тифлон, доимо доя даркор аст! Вай доимо дониши худро зиёд мекунад, онҳо бошанд нодон мемонанд.

Аммо вай бояд нағзакак фаҳмида гирад, ки онҳо ба ҳар ҳол халқи дӯстдоштаи Худо ҳастанд, ва Худованд ба ҳеҷ кас иҷозат намедиҳад, ки онҳоро таҳқир намоянд. Бо шавқу рағбат Каломи Худоро мавъиза карда, шунавандагонро хеле ба ҳайрат овардан — як кор аст. Ва хашмгин шуда, ба онҳо суханони бад гуфтан тамоман кори дигар аст. Бо чунин суханон шахс худаш худро аз мукофотҳои олидараҷаи Худованд маҳрум месозад.

Вақте мо рӯйхати одамони машҳурро мехонем, ки ба Довуд хизмат кардаанд (2Под. 23), набудани як ном дарҳол ба чашм бармехӯрад. Номи Юоб, сарфармондеҳи лашкари Довуд. Чаро вай ин ҷо нест? Баъзе илоҳиётшиносон тахмин мекунанд, ки аз он сабаб аст, ки аз шамшери Юоб якчанд дӯстони Довуд кушта шуданд. Ин ҷо огоҳиест барои шахсоне ки ҷуръат мекунанд бар зидди халқи Худо шамшери суханони бадро бардоранд.

Вақте ки Яъқуб ва Юҳанно, “писарони раъд”, хостанд, ки оташ аз осмон омада сомариёнро нобуд кунад, Исо дар ҷавоби ба онҳо гуфт: “Намедонед, ки шумо аз кадом навъ рӯҳ ҳастед” (Луқо 9:55). Ин танбеҳи Ӯ ба мо низ равона шудааст, ҳангоме ба касоне ки на танҳо аз рӯи офариниш (чун сомариён), балки аз рӯи бозхарид шудан низ ба Ӯ тааллуқ доранд, бо суханони бемулоҳиза мурочиат мекунем.

# 19 МАЙ

**“... Довари Худо ... барҳақ аст”**

*(Румиён 2:2)*

Дар тамоми олам танҳо Худо метавонад ҳақиқатан довари беғараз ва одил бошад. Мо бояд доимо ба Ӯ барои он шукргузор бошем, ки қарори охирин дар ҳама масъалаҳо на дар дасти мо, балки дар дасти Ӯст.

Довари заминӣ наметавонад ҳукми тамоман дуруст бароварад, охир вай комилан беғараз буда наметавонад. Ба қарори вай мақоми баланди айбдоршаванда ё намуди зоҳирии вай таъсир карда метавонад. Пора (ришва) ё дигар фикрҳои тамаъкорона низ нақши худро бозида метавонанд. Вай дилпур буда наметавонад, ки шоҳид дурӯғ намегӯяд. Ё агар дурӯғ нагӯяд, он гоҳ оё вай ҳақиқатро пинҳон намекунад. Ё ки вай шояд ин ҳақиқатро таҳриф мекунад. Ё ниҳоят, вай метавонад комилан самимона иштибоҳ кунад. Довар қодир нест таҳрикдиҳандаи одамони дар пеши вай истодаро донад, охир дар мавридҳои зиёд муайян намудани таҳрикдиҳанда хеле муҳим аст. Ҳатто ба детектори дурӯғ пурра такя кардан мумкин нест. Баъзе ҷинояткорон баъзан аксуламали физиологии худро ба ҳисси айбдорӣ идора карда метавонанд.

Худо довари бехато аст. Ӯ дар бораи тамоми кирдор, фикрҳо ва мақсадҳо дониши мутлақ дорад. Ӯ андешаҳои ниҳониро низ доварӣ карда метавонад. Ӯ тамоми ҳақиқатро медонад, аз Ӯ ягон чизро пинҳон кардан номумкин аст. Ӯ ҳамаро бе рӯбинӣ ва бе ғараз доварӣ мекунад. Ӯ медонад, ки ҳар яки мо чӣ гуна қобилиятҳои фикрӣ дорем; одамони ноқисулақл барои кирдори худ наметавонанд худи ҳамон тавр ҷавобгар бошанд, ки ҳамаи дигарон он тавр ҷавобгаранд. Ӯ медонад, ки ҳар кас чӣ гуна қуввати ахлоқӣ дорад ва дар пеши васваса истодагарӣ кардан ба кӣ осонтар асту ба кӣ душвортар. Ӯ тамоми имкониятҳо ва бартариҳои махлуқоти Худро медонад, ва ҳамчунин медонад, ки кӣ ва ба кадом андоза бар зидди рӯшноӣ гуноҳ мекунад. Ӯ на фақат корҳои пургуноҳ, балки бекории гуноҳолуд, гуноҳҳои ниҳон ва ҷанҷолҳои ошкорро низ мебинад.

Аз ин сабаб мо набояд ҳаросон шавем, ки бутпарастони дар бораи Инҷил чизе нашунида дучори ҷазои ношоиста хоҳанд шуд. Ё онҳое ки тамоми ҳаёт беайб азоб кашиданд, ҳамин тавр қасос нагирифта хоҳанд монд ва золимони дар ин замин нашъунамоёфта ҳамин тавр беҷазо хоҳанд монд.

Доваре ки бар тахт менишинад, Довари комил ва бенуқсон аст, ва доварии Ӯ барҳақ мебошад, ва бинобар ин ҳамчунин комил ва бенуқсон аст.

**“Ва ҳеҷ кас майи навро ба машки кӯҳна намеандозад; Вагарна майи нав машкро медаронад, худаш ҳам мерезад, машк ҳам ҳайф мешавад; балки майи навро ба машки нав андохтан даркор аст; ва ҳар ду нигоҳ дошта мешаванд”**

*(Луқо 5:37-38)*

Машкҳоеро, ки дар ин ҷо зикр шудаанд, аз пӯсти ҳайвонот месохтанд. Ҳангоме ки онҳо нав буданд, чандир буда, андак васеъ шуда метавонистанд. Вақте онҳо кӯҳна мешуданд, онҳо сахт ва қатнашаванда мешуданд. Агар ба ин гуна машкҳои кӯҳна май рехта шавад, деворaҳо ба фишоре ки ҳангоми турш шуда ҷӯшидани май ба вуҷуд меояд, тоб оварда наметавонанд, ва машкҳо медаранд.

Исо ин мисолро барои он меоварад, ки зиддияти байни дини яҳудӣ ва масеҳиятро тасвир намояд. Ӯ мегӯяд, ки “шаклҳо, урфу одатҳо, анъанаҳо ва маросимҳои кӯҳнашудаи дини яҳудӣ чунон шахшуда гаштанд, ки шодиеро ки аз қувват ва сарвати тартиби нав саршор буд, ғунҷоиш дода наметавонистанд”.

Дар худи ҳамин ҷо мо мисолҳои зиддияти байни майи нав ва кӯҳнаро мебинем. Ана чор дӯст боми хонаро сӯрох мекунанд, то ки шахси шалро барои шифо назди Исо оваранд (Луқ. 5:18-21).

Ин усули ғайриодатӣ ва то ҳол ба касе номаълум буд – майи нав. Китобдонон ва фарисиён бошанд, ба ҳар сухан ва амали Ӯ хурдагирӣ мекунанд (ояти 21), онҳо машкҳои кӯҳна ҳастанд. Левӣ ба даъвати Исо бо майл ҷавоб дода, базм орост, то дӯстони худро бо Ӯ шинос кунад (ояти 27-29). Ин майи нав аст. Аммо инак мо боз ғалоғулаи норозии китобдонон ва фарисиёнро мешунавем (ояти 30). Онҳо машкҳои кӯҳна ҳастанд.

Мо бисёр вақт дар ҳаёти рӯзмарраи худ бо ин рӯ ба рӯ мешавем. Ҳар қадар зиреҳи анъанаҳо ва одатҳо ғафстар ва мустаҳкамтар бошад, ҳамон қадар ба дигаргуниҳо одат кардани мо душвор аст. Ҳамин тавр, масалан зани хонашин, ки усули косашӯии худро кор карда баромадааст, бо дили нохоҳам ба шахси бегонаи ноӯҳдабаро иҷозат медиҳад, ки дар дастшӯяки вай машғули ягон кор шавад. Шавҳар, ки дар бораи тарзи мошинронӣ тасаввуроти шахсии худро дорад, ҳангоми ба сари чанбараки мошин нишастани зан ё фарзандон аз ташвишу хавотиршавӣ қариб девона мешавад.

Ин қоида барои ҳаёти рӯҳонии мо хеле муҳим аст. Шахшавӣ хатарнок аст, дилҳои мо бояд чандир бошанд, то шодӣ, ҷӯшу хӯруш ва шавқу завқи имони масеҳиро ғунҷоиш диҳанд, ҳатто агар он шакли барои мо ғайриодатиро қабул карда, роҳҳои берун аз меъёрро интихоб мекунад. Мо намехоҳем ва набояд ба фарисиён бо гаронборӣ ва расмиятпарастии сарди онҳо монанд бошем, ки ҳангоме Худо корҳои бузургро ба амал меоварад, дар канор нишаста ҳамаро ва ҳама чизро танқид мекарданд.

## 21 МАИ

**“Агар донаи гандум дар хок афтода, намурад, он танҳо мемонад; лекин агар мурад, самари фаровон меоварад”**

*(Юҳанно 12:24)*

Боре юнониён ба Филиппус бо чунин дархост муроҷиат намуданд: “Эй хоҷа, мо мехоҳем Исоро бинем!” Лекин барои чӣ онҳо Ӯро дидан мехостанд? Шояд онҳо мехостанд, ки Ӯ, файласуфи машҳур бо онҳо ба Атино равад? Ё ин ки онҳо кӯшиш мекарданд, то Ӯро аз салиб ва марге наҷот диҳанд, ки он вақт аллакай ногузир менамуд?

Дар ҷавоб Исо дар бораи қонунҳои бузурги дарав нақл намуд: барои овардани самар донаи гандум бояд ба хок афтода, мурад. Агар Ӯ аз марг раҳоӣ ёфтан мехост, танҳо зиндагӣ мекард. Дар танҳоӣ Ӯ аз ҷалоли осмон ҳаловат мебурд, охир дар он ҷо гуноҳкорони наҷотёфта намебуданд, ки ҷалоли Ӯро ба ҳам дида тавонанд. Аммо агар Ӯ мемурд, ба наҷот роҳ мекушод, роҳ ба сӯи ҳаёти абадӣ барои шумораи бениҳоят зиёди одамон. Бинобар ин вай маргро аз ҳаёти бароҳат афзал донист.

Т.Ҷ. Рэглэнд боре гуфта буд: “Аз ҳама роҳҳо ба сӯи комёбӣ роҳи Масеҳ аз ҳама дуруст аст: донаи гандум шудан, ба хок афтодан ва мурдан. Агар даъвати Масеҳро барои сар кардани хизматгузорӣ шунида, нақшаҳои худро оиди оянда қурбонӣ накунем, пул ва саломатии худро ба хатар наандозем, доимо дар танҳоӣ хоҳем монд. Аммо агар хоҳиши овардани самар дошта бошем, он гоҳ бояд аз Худованди муборакамон ибрат гирем ва донаи гандум шуда, мурем, то ки хӯша ба вуҷуд ояд”.

Якчанд сол пеш ман дар бораи гурӯҳи башоратдиҳандагоне хондам, ки беист дар Африқо меҳнат мекарданд, аммо муддати дуру дароз ягон самари кӯшишҳои худро намедиданд. Ноумед шуда, онҳо конфронс барпо карданд, то ки бо рӯза ва дуо ба Худованд муроҷиат кунанд. Вақте ки конфронс аллакай ба охир мерасид, яке аз башоратдиҳандагон гуфт: “Ба фикри ман, мо танҳо ҳамон вақт баракатро мебинем, ки донаи гандум ба замин афтода, мурад”. Пас аз ин, дере нагузашта ин башоратдиҳанда бемор шуда, мурд. Ва он гоҳ дарав сар шуд – баракате омад, ки ӯ пешгӯӣ карда буд.

Сэмюэл Свемер навишта буд:

Агар ту гум накунӣ, намеёбӣ,  
Ва бе салиб ту наҷот намедиҳӣ;  
Фақат ҳамон дона ба мо самар меоварад,  
Ки ба хок афтода, дарҳол мемирад.  
Дар он ҷое ки хӯшаи сердона аст,  
Дар ҷое ки овози шодӣ ба Худо сано мехонад,  
Дар он ҷо донаи гандум мурдааст,  
Дар он ҷо ҷони касе маслуб шуда буд;  
Дар он ҷо шахсе бо ашк ва дуо  
Бо лашкари бешумори дӯзах меҷангид.

## 22 МАЙ

**“Шумо аз инсон, ки нафаси ӯ дар бинии ӯст, даст кашед, зеро ки ӯ чӣ чизе ҳисоб меёбад?”**

*(Ишаъё 2:22)*

Ҳангоме мо ба мард ё зан роҳ медиҳем, ки дар ҳаётамон ҷои фақат ба Худо тааллуқдоштаро ишғол намояд, ба ноумедии сахт дучор мегардем. Мо ба зудӣ боварӣ ҳосил менамоем, ки ҳатто беҳтарини одамон ба ҳар ҳол фақат одаманд. Онҳо метавонанд дорои сифатҳои беҳтарин бошанд, аммо пойҳои онҳо ба ҳар ҳол аз оҳан ва гил мебошанд. Ин беибо сухан гуфтан нест, чунон ки дар аввал метавонад ба назар намояд. Ин танҳо назари ҳушёрона ба чизҳост.

Ҳангоме ки душман назди дарвозаи Уршалим истода буд, халқи Яҳудо умед доштанд, ки Миср онро аз асорат наҷот медиҳад. Ишаъё бошад, онҳоро сахт огоҳӣ дод, зеро на аз Худо, балки аз одамон ёрӣ меҷустанд: “Инак, бар ин асои нимшикаста, яъне ба Миср таваккал мекунӣ, ки агар касе бар он такя кунад, ба дасташ халида, онро захмдор месозад; чунин аст фиръавн, подшоҳи Миср, барои ҳамаи онҳое ки бар ӯ таваккал мекунанд” (Иш. 36:6). Баъдтар, дар ҳамин гуна вазъият Ирмиё гуфта буд: “Малъун аст марде ки ба одамизод таваккал мекунад, ва ҷисмро муттакои худ мегардонад, ва дилаш аз Худованд дур мешавад” (Ир. 17:5).

Аҳамияти ин саволро нависандаи Забур низ мефаҳмид: “Паноҳ бурдан ба Худованд беҳ аст аз таваккал кардан ба одамизод. Паноҳ бурдан ба Худованд беҳ аст аз таваккал кардан ба мирон” (Заб.117:8,9). Ва боз: “Ба мирон таваккал накунед, ба фарзанди одам, ки дар вай наҷоте нест: Рӯҳи вай берун меравад, вай ба хоки худ бармегардад; дар ҳамон рӯз андешаҳои вай нест мешавад” (Заб. 145:3,4).

Албатта, ба андозае мо бояд ба одамони дигар боварӣ карда, ба дастгирии онҳо умед бандем. Дар издивоҷе, ки дар он эҳтиром ва бовари тарафайн нест. кӣ хушбахт буда метавонад? Мо ба ташхиси духтур ва усули муолиҷаи вай боварӣ дорем. Мо ба навиштаҷоти тамғакоғазҳои консерваҳо ва қуттиҳои дар мағозаҳо буда боварӣ дорем. Дар ҷамъияти мо ба ягон кас ё ягон чиз боварӣ надоштан имконнопазир аст.

Вазъият хатарнок мешавад, вақте мо ба ҷои ба Худо боварӣ доштан бештар ба одамон боварӣ мекунем, вақте ба тахте ки дар он бояд Офаридгор нишинад, офаридаро мешинонем. Ба ҳеҷ кас набояд иҷозат дод, ки ҷои ба Худо тааллукдоштаро гирад, хоҳ сухан оиди дилбастагии мо, умедҳои мо равад, хоҳ оиди нақшаҳои мо; ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳатто ҳиссаи хурди ҳуқуқ ва бартариҳои Ӯро дар ҳаёти мо ғасб кунад – дар акси ҳол мо ногузир ва хеле сахт аз ин одам дилхунук мешавем. Мо дар таҷрибаи худ боварӣ ҳосил мекунем, ки ба одам такя кардан ва умед бастан нашояд.

# 23 МАЙ

**“То ҳама як бошанд; чунон ки Ту, эй Падар, дар Ман ҳастӣ ва Ман дар Ту, онҳо низ дар Мо як бошанд, то ҷаҳон бовар кунад, ки Ту Маро фиристодӣ”**

*(Юҳанно 17:21)*

Исо дар дуои бузурги саркоҳинонаи Худ ду маротиба илтимос мекунад, ки пайравонаш як бошанд (оят. 21-23). Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки ин суханони Ӯро чун асос барои ҳаракати экуменӣ (ташкилоти доманадоре ки ҳар ҷамоате, ки худро масеҳӣ меномад, узви он шуда метавонад) шуморидан мумкин аст.

Мутаассифона, арзиши ин ҳаракати экумении ягонагӣ – даст кашидан аз таълимотҳои асосии масеҳӣ ва ё таҳриф намудани моҳияти онҳост. Малколм Маггэриҷ навишта буд: “Истеҳзои калонтарин дар он аст, ки якҷоя шудан («экумена» – ягонагӣ) барои он ташкилотҳои динӣ хеле осон аст, ки ба Навишта кам бовар мекунанд; охир он ҷое ки эътиқод нест, ақидаҳои гуногун ҳам нестанд”. Наход ки Исо маҳз дар бораи чунин ягонагӣ дуо карда буд? Ба фикри ман, не. Ва гуфта буд, ки ягонагии ҳақиқӣ ҷаҳонро водор мекунад, то бовар намояд, ки Ӯро Худо фиристодааст. Аз эҳтимол дур аст, ки иттиҳоди расмӣ чунин таъсир дошта тавонад.

Худованд ягонагии ҳақиқиро чунин тасвир кардааст: “чунон ки Ту, эй Падар, дар Ман ҳастӣ ва Ман дар Ту, онҳо низ дар Мо як бошанд”. Ва ҳамчунин: “Ман дар онҳо ҳастам, ва Ту дар Ман; то ки онҳо дар ягонагӣ комил бошанд”. Падар ва Писар чӣ гуна ягонагӣ доранд, ягонагие ки мо низ ба он ҳамроҳ шуда тавонем? Ин табиати илоҳии Онҳо буда наметавонад, охир мо ҳаргиз дар он ҳиссае нахоҳем дошт. Ман фикр мекунам, ки Худованд Исо дар бораи ягонагие сухан меронад, ки асоси он шабоҳати ахлоқӣ мебошад. Ӯ дуо мекард, ки ҳамаи имондорон як буда, ба ҷаҳон он тимсоли Худо ва Масеҳро, ки дар дили онҳо ҷойгир шуда буд, зоҳир намоянд. Ин маънои онро дорад, ки ҳаёти онҳо ҳаёти росткорӣ, покӣ, меҳрубонӣ, муҳаббат, пурсабрӣ, парҳезкорӣ (худназораткунӣ), фурӯтанӣ, шодӣ ва саховатмандӣ хоҳад буд. Роналд Сайдер фикр мекунад, ки ягонагие ки Масеҳ дар бораш дуо мекард, ҳамон вақт зоҳир мешуд, ки масеҳиёни аввалин ба ақиб нигоҳ накарда, чизи доштагиашонро бо ҳам медиданд. Дуои Худованд Исо дар бораи он ки муҳаббат ва ягонагӣ дар миёни пайравони Ӯ чунон сахт бошанд, ки ҷаҳон дигар шубҳа карда натавонад, ки Ӯ аз назди Падар омадааст, беҷавоб намонд. Мисоли он ҷамоати Уршалим аст. Ягонагии онҳо чунон таъсирбахш буд, ки ба мавъизаҳои расулон қуввати нав мебахшид (ниг. Аъм. 2:45-47; 4:32-35).

Чунин ягонагиро пайхас накардан имкон надорад. Агар масеҳиён дар шаҳодати худ оиди Худованд Исо як бошанд ва ба Ӯ имкон диҳанд, ки дар ҳар як калима ва рафтори онҳо дурахшад, он гоҳ гуноҳҳои беимонон ошкор мешаванд ва дилҳои онҳо ташнаи оби зинда хоҳанд шуд. Фоҷиаи ҷаҳони мо дар он аст, ки масеҳиён аз ҳамсояҳои беимони худ қариб тамоман бо ҳеҷ чиз фарқ намекунанд. Ин дар беимонон шавқи калонро ба Инҷил ба вуҷуд намеоварад.

# 24 МАЙ

**“Сарвате ки аз ҳеҷу пуч пайдо шуда бошад, торафт кам мешавад”**

*(Масалҳо 13:11)*

Шумо метавонед як миллион бурд кунед!” Мо бисёр вақт чунин даъватро аз телевизион мешунавем ё дар саҳифаҳои рӯзномаҳо мехонем. “Лото миллион” ва спортлото, ҳар гуна лотереяҳо ва автоматҳои бозӣ, ангуштпонадорон ва қаллобони қартабозӣ – тамоми он чизҳоеро шуморидан мушкил аст, ки ба мо бурди қариб боваринокро ваъда медиҳад, агар мо фақат истода, гӯш кунем, ва роҳ диҳем, ки моро ба ин гирдоб кашанд. Ғайр аз ин боз дигар навъи қиморбозӣ низ вуҷуд дорад: чархи қимор, тотализатор ва ғ.

Навишта дар бораи ҳамаи ин чӣ мегуфта бошад? Мо дар он фақат суханони фошкуниро меёбем.

Навишта мегӯяд: “Сарвате ки аз ҳеҷу пуч пайдо шуда бошад, торафт кам мешавад, вале касе ки бо амали дасташ ғун карда бошад, онро афзун менамояд” (Мас. 13:11).

Навишта мегӯяд: “Кабк бар тухмҳое ки худаш назоидааст, менишинад: чунин аст шахсе ки бо роҳи ғайриодилона сарват меандӯзад; дар нисфи умраш он сарват ӯро тарк хоҳад кард, ва дар охири умраш ӯ нокас хоҳад буд (Ирм. 17:11).

Агарчи дар Даҳ фармуда “Қиморбозӣ накун” навишта нашудааст, дар он чунин фармуда ҳаст: “Хонаи ёри худро тамаъ накун” (Хур.20:17). Ва оё мо дар ин гуна бозиҳо чизи ёри худро тамаъ намекунем?

Қиморбозӣ бояд дар афкори масеҳиён монандкуниҳои нофорамро ба вуҷуд оварад, охир дар пойгоҳи салиби Исо сарбозони румӣ бар либоси Ӯ қуръа мепартофтанд.

Ва он бенавоӣ ва андӯҳе ки бозингарон оилаҳои худро гирифторашон мекунанд, ҷинояткориҳое ки барои адо кардани қарз ба амал оварда мешаванд, ҷамъияти бадахлоқе ки дар қиморхона ҷамъ мешавад, – ба ҳамаи ин дар ҳаёте ки ба Масеҳ бахшида шудааст, ягон ҷой нест ва буда ҳам наметавонад.

Павлус ба Тимотиюс хотиррасон мекунад, ки имондор бояд ҳамеша бо хӯрок ва либосе ки дорад, қаноат намояд, ва пешакӣ огоҳ мекунад, ки “онҳое ки мехоҳанд сарватманд шаванд, гирифтори озмоиш ва дом ва бисёр ҳавасҳои беақлона ва зарарнок мешаванд, ки онҳо мардумро дар хонавайронӣ ва ҳалокат меғӯтонанд” ( 1Тимотиюс 6:9).

**“... Рафта байни худат ва ӯ ба танҳоӣ гуноҳашро фаҳмон”**
*(Матто 18:15)*

Касе чизе гуфт ё кард, ки сабаби дарди шумо шуд. Навишта мегӯяд, ки шумо бояд назди ӯ рафта, гӯед, ки аз кадом ҷиҳат вай ноҳақ буд, аммо шумо на чандон мехоҳед, ки инро ба ҷо оваред; ин барои шумо хеле душвор аст.

Шумо оиди ин масъала ба фикр фурӯ меравед. Шумо ҳамаи саҳнаро боз аз хаёл мегузаронед: “Оҳ, то чӣ андоза вай ноҳақ буд!” Вақте шумо бояд кор мекардед, ба хаёли шумо тафсилоти нав ба нав ба вуҷуд меоянд, оби меъда бошад беш аз пеш талхтар мешавад. Ба ҷои хобидан шумо захми ҳанӯз навро озор медиҳед. Навишта ба шумо мегӯяд, ки бояд назди вай рафта, гӯед, ки вай ноҳақ буд, аммо шумо барои кардани ин дар худ ҷасорат пайдо карда наметавонед.

Шумо кӯшиш мекунед, ки бо ягон восита вайро дар бораи ин хабардор кунед, аммо ба таври номаълум. Ё интизори ягон ҳодисае мешавед, ки сабаби аз рафтори худ шарм кардани вай мешавад. Аммо ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Шумо медонед, ки бояд чӣ кор кунед, аммо дар дил тарс аз зиддияти рӯйрост доред.

Зимнан ранҷиш кори вайронкунандаи худро давом медиҳад. Аз рӯи қиёфаи ғамгини шумо одамон пай мебаранд, ки шуморо чизе ба ташвиш меоварад. Одамон бо шумо дар бораи ягон чиз гап мезананд, аммо фикрҳои шумо аз мавзӯи сӯҳбат хеле дур парвоз мекунанд. Шумо ба ҳеҷ ваҷҳ ба кори худ тамоми диққати худро дода наметавонед. Шумо барои қабул кардани ягон қарор ё дар амал татбиқ кардани он бениҳоят музтариб ва парешонхотир ҳастед. Навишта бошад, боз хотиррасон мекунад: “Ту бояд рафта, байни худат ва ӯ ба танҳоӣ гуноҳашро фаҳмонӣ”. Шумо кӯшиши зиёд менамоед, то дар бораи хафагии худ хотиррасон накунед, аммо фишор дере нагузашта тоқатнопазир мешавад. Як рӯз шумо худдорӣ накарда, дар бораи ин рӯйдод ба ягон кас нақл мекунед — албатта танҳо барои он ки вай дар бораи ин дуо гӯяд. Аммо ба ҷои шунидани суханони таассуф шумо инро мешунавед: “Оё хуб нест, ки назди шахсе ки туро хафа кардааст, рафта бо вай гап занӣ?”

Тамом, бас аст! Агар лозим бошад, пас лозим аст. Сухани худро нағзакак такрор карда, шумо меравед, ва ба ӯ дар бораи он гап мезанед, ки вай шуморо хафа кардааст. Ва аз аксуламали вай ба ҳайрат меоед: вай аз кори кардааш пушаймон шуда, аз шумо бахшиш мепурсад.

Дар роҳ ба хона шумо ҳис мекунед, ки аз китфҳоятон бори гарон афтодааст. Зардаҷӯш нест шуд ва мубодилаи моддаҳо ба худ омад. Шумо худро сарзаниш мекунед, ки пештар ба маслиҳати Навишта гӯш наандохтед.

## 26 МАЙ

**“Шунидан, охир, аз забҳ беҳтар аст,
ва гӯш андохтан аз чарбуи қӯчқорон”**

*(1Подшоҳон 15:22)*

Фармоне ки ба шоҳ Шоул аз ҷониби Худо дода шуда буд, равшан ва сареҳ буд: “Ба Амолеқ шикаст расон; ва ҳар он чи вай дорад, несту нобуд кун. Ҳамаашро бе истисно. Ва ягон хел ғаниматро нагир”. Аммо Шоул ба Аҷаҷ ва гӯсфандон, говон ва қӯчқорон раҳм кард.

Вақте рӯзи оянда пагоҳӣ барвақт Самуил бо Шоул дар Ҷилҷол вохӯрд, вай шарм накарда, арз кард, ки ҳама чизро, чунон ки Худованд фармуда буд, ба ҷо овард. Худи ҳамон лаҳза сокинони молхона консерти саҳарии худро сар карданд – гӯсфандон ба баъ-баъ ва говон ба маъос шурӯъ намуданд. Шоул шояд сахт хиҷолат кашид!

Албатта, Самуил донистан мехост, ки агар Шоул тамоми гӯсфандонро несту нобуд карда бошад, ин баъ-баъ ва маъос аз куҷост. Подшоҳ кӯшиш намуд тамоми айби беитоатиро ба ҷанговарони беҳтарини худ бор кунад, ки гӯё онҳо инро бо беҳтарин ният карданд. Вай гуфт: “Қавм беҳтарин бузу гӯсфандон ва говонро дареғ доштанд, то ки барои Худованд Худои ту қурбонӣ кунанд”. Дар ҷавоб вай суханони хашмгини мазамматкунандаро шунид: “Шунидан, охир, аз забҳ хубтар аст, ва гӯш андохтан — аз чарбуи кӯчқорон. Зеро ки беитоатӣ мисли гуноҳи ҷодугарист, ва муқобилият — мисли бутпарастӣ”.

Итоат аз ҳар гуна маросим ва қурбонӣ муҳимтар аст. Боре ба ман дар бораи оилае нақл карданд, ки дар он барои модар ғайр аз бадбинии сард ва беиоатӣ дигар чизе ёфт нашуд. Вақте вай мурд, онҳо ба вай либоси хеле гаронбаҳо пӯшонда, гӯр карданд. Онҳо хостанд бо ин кӯшиши ночиз ва ҳақир айби густохӣ ва беитоатии чандинсолаи худро дуруст кунанд!

Мо аксар вақт мешунавем, ки чӣ тавр одамон кӯшиш мекунанд тарзи зиндагӣ ё доираи шиносонро, ки ҷавобгӯи талаботи Навиштаҳо нестанд, бо он сафед кунанд, ки ин тавр онҳо метавонанд ба шумораи зиёди одамон таъсири мусбат расонанд. Аммо Худоро бо ин гуна баҳонаҳои гӯё порсоёна фиреб наметавон кард. Ӯ аз мо фақат итоатро талаб мекунад, дар хусуси доираи нуфузи мо бошад, Ӯ Худаш ғамхорӣ мекунад. Охир дар беитоатӣ зиндагӣ карда, мо ба дигарон фақат таъсири зарарнок ва фосидкунанда расонда метавонем. Таъсири мо ба дигарон фақат ҳамон вақт хуб буда метавонад, ки дар муносибати наздик бо Худо зиндагӣ мекунем.

Уилям Гирналл гуфтааст: “Қурбонӣ бе итоаткорӣ таҳқири муқаддасот аст”. Боз ҳам бадтар аст, вақте мо кӯшиш мекунем, ки беитоатии худро чун хизмати порсоёна ва ғайратмандона ба Худованд вонамуд созем. Худоро фиреб додан ғайриимкон аст.

**“Кадомаш бузургтар аст: тилло ё ибодатхона, ки тиллоро муқаддас мегардонад?”**

*(Матто 23:17)*

Дар замони Исо китобдонон ва фарисиён таълим медоданд, ки агар касе бо ибодатхона қасам хӯрад, ӯҳдадор нест, ки ба ваъдаи худ вафо кунад. Аммо агар вай бо тиллои ибодатхона қасам хӯрад, кор тамоман ранги дигар мегирифт. Вай аллакай ҳаққи шикастани ин қасамро надошт. Худи ҳамин ба қасам бо қурбонгоҳ ва ё бо қурбонии дар он буда дахл дошт. Қасами якумро шикастан мумкин буду дуюмашро не. Худованд гуфт, ки онҳо дар бораи арзишҳо тасаввуроти нодуруст доранд. Охир маҳз ибодатхона ба тилло арзиши махсус медиҳад, ва маҳз қурбонгоҳ қурбониро муқаддас мегардонад.

Ибодатхона ҷои сукунати Худо дар замин буд. Шарафи аз ҳама баланде ки тилло ба он лоиқ гардида метавонист, хизматгузорӣ дар ин иқоматгоҳ буд. Ба хонаи Худо дахл доштани тилло онро беҳамто мекард. Бо қурбонгоҳ ва қурбонии он низ ҳамин хел буд. Қурбонгоҳ қисми ҷудоинопазири ибодат мебошад. Ҳеҷ ҳайвон наметавонист ба шарафе баландтар аз он лоиқ гардад, ки дар қурбонгоҳ қурбонӣ шавад. Агар ҳайвонот ақаллан ягон нишонаи иззати нафс медоштанд, ҳамаи онҳо орзуи чунин қисмат мекарданд.

Ҳангоми дар Париж будан як сайёҳи амрикоӣ дар дӯкони кӯҳнафурӯш гарданбанди каҳрабоӣ харид. Боиси тааҷҷуби вай буд, ки дар Ню-Йорк ӯро лозим омад, ки барои он андози гумрукии калон диҳад. Вай барои фаҳмидани арзиши гарданбанд ба заргар муроҷиат кард. Заргар барои он ба вай 25000 доллар пешниҳод кард. Заргари дуввумин бошад омода буд барои он 35000 доллар диҳад. Ҳангоме сайёҳ пурсид, ки чаро ин гарданбанд чунин арзиш дорад, заргар ба вай пурбин дароз кард. Дар бандак сайёҳ хонд: “Ба Жозефина аз Наполеон Бонапарт”. Маҳз номи Наполеон ба гарданбанд арзиши калон мебахшад.

Пас мо аз тамоми чизи дар боло зикршуда кадом дарси ибрат гирифта метавонем? Худ аз худ мо ва корҳои мо ҳеҷ ҳастанд. Наздикӣ ба Худо моро беназир мегардонад. Сперҷен навишта буд: “Чизи беҳтарин дар ту риштаҳоеанд, ки туро бо Ҷолҷолто мепайванданд”.

Шумо метавонед одами бениҳоят боақл бошед, ва барои ин бояд шукргузор бошед. Валекин дар хотир доред: танҳо ҳамон вақте ки ақли шумо барои ҷалоли Худованд Исои Масеҳ меҳнат мекунад, он вазифаи волои худро ба ҷо меоварад. Маҳз Исои Масеҳ ақли шуморо муқаддас мегардонад.

Шумо метавонед дорои истеъдодҳое бошед, ки ҷаҳон омода аст барои онҳо пули калон диҳад. Шояд шумо фикр кунед, ки ҷамоат хеле ночиз аст, то истеъдодҳои худро баҳри хизмат ба он истифода баред. Лекин, охир, маҳз ҷамоат истеъдодҳои шуморо муқаддас мегардонад, на истеъдодҳо ҷамоатро.

Шумо шояд пули зиёд дошта бошед. Шумо метавонед онҳоро ҷамъ кунед, баҳри дилхушӣ ва харидани чизҳои боҳашамат сарф кунед, ё барои ҷамоат истифода баред. Беҳтарин чизе ки онҳоро баҳри он сарф кардан меарзад, хизмат ба кори Масеҳ аст. Маҳз Подшоҳӣ сарвати шуморо муқаддас мегардонад, на баръакс.

## 28 МАЙ

**“Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, монанди он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст”.**

*(2Қуринтиён 3:18)*

Навишта таълим медиҳад, ки бо мурури замон мо беш аз пеш ба маъбуди худ монанд шудан мегирем. Матни имрӯзаи мо низ дар ин бора мегӯяд. Биёд онро аниқтар таҳлил мекунем:

аммо ҳамаи мо – тамоми имондорон;

бо рӯи кушода (яъне на бо рӯе ки бо чодар пӯшонида шудааст) – гуноҳ ба рӯи мо чодаре мепартояд, ки ба муносибати мо бо Худо мамониат мекунад. Аммо ҳангоме ки мо ин гуноҳро эътироф карда, аз он даст мекашем, чодар нест мешавад ва рӯи мо аз нав кушода мешавад;

монанди он ки дар оина бошад, ...нигариста – мо ба оинаи Каломи Худо менигарем;

ба ҷалоли Худованд – ба камолоти ахлоқии Ӯ. Дар Навишта мо ба бенуқсон будани хислати Ӯ, ба зебоии тамоми суханон ва рафтори Ӯ менигарем;

ба ҳамон сурат ...табдил меёбем – мо ба Ӯ монанд мешавем. Вақте мо ба Ӯ менигарем, дигаргун мешавем. Ҳар қадар зиёдтар мо дар бораи Ӯ андеша кунем ва ба Ӯ нигарем, ҳамон қадар бисёртар мо ба Ӯ монанд мешавем.

Ин дигаргунӣ...

*аз ҷалол ба ҷалол* ба амал меояд – аз як дараҷаи ҷалол ба дараҷаи дигар. Аммо ин дарҳол рӯй намедиҳад. Ин ҷараён дуру дароз ва идомаёбанда мебошад, то даме ки мо ба Ӯ менигарем. Дар хислати мо дигаргуниҳо рӯй медиҳанд.

*аз Худованд, яъне аз Рӯҳ* ба амал меояд – Рӯҳулкудс хамаи онҳоеро, ки бо имон ба Наҷоткор, ки дар борааш Навишта мегӯяд, менигаранд ба шабоҳати Масеҳ дигаргун мекунад.

Ман боре дар бораи одаме шунида будам, ки ҳар рӯз ба ибодатхонаи буддоӣ даромада, соатҳои тӯлонӣ чорзону менишаст ва дастҳоро ба ҳам гузошта, ба муҷассамаи сабз менигарист. Мегӯянд, ки пас аз якчанд соли чунин муроқиба вай ба Буддо монанд шудан гирифт. Ман намедонам, ки то чӣ андоза ин ривоят рост аст, аммо медонам, ки ҳар қадар мо дар бораи Писари Худо бо иззату икром андеша кунем, ҳамон қадар бештар хислати мо ба хислати Ӯ монанд шудан мегирад.

Роҳ ба сӯи муқаддасӣ ба воситаи андешаронӣ оиди Худованд Исо аст. Дар айни замон ҳам оиди Масеҳ ва ҳам оиди гуноҳ фикр кардан номумкин аст. Фикрҳо дар бораи Масеҳ аз ҳаёти мо гуноҳро танг карда мебароранд. Мо бояд аз дилу ҷон кӯшиши худро ба он равона кунем, то қисми зиёди вақтамон ба муроқабаи пурбаракати ҷалоли Ӯ бахшида шавад.

**“На ин ки ба сабаби мӯҳтоҷӣ мегуфта бошам...”**

*(Филиппиён 4:11)*

Оё шумо ягон бор аҳамият додаед, ки Павлус ҳеҷ гоҳ дар бораи мӯҳтоҷиҳои молиявии худ нанавиштааст? Вай бо имон зиндагӣ мекард. Вай бовар мекард, ки Худо ӯро ба хизмати таблиғот даъват намуд, ва эътиқод дошт, ки Ӯ барои иҷро шудани супоришҳои аз ҷониби Ӯ додашуда доимо маблағ хоҳад дод.

Оё масеҳиён бояд ба ҳама шунавонда бо овози баланд дар бораи мӯҳтоҷиҳои худ эълон кунанд ё пул талабанд? Шумо дар Навишта барои сафед кардани чунин амалҳо ягон калима пайдо намекунед. Расулон дар бораи мӯҳтоҷиҳои дигарон гуфта буданд ва ҳаргиз барои худ пул талаб намекарданд.

Ман фикр мекунам, ки зистан бо имон — фақат аз Худо ёрӣ пурсидан аст. Ӯ ҳатман барои тамоми он чи мо бояд барои Ӯ кунем, маблағ хоҳад дод. Вақте мо мебинем, ки Ӯ маҳз ҳамон қадар медиҳад, ки дар вақти зарурӣ лозим аст, имони мо дорои болҳо мешавад. Он гоҳ ҳеҷ кас шубҳа намекунад, ки ин муъҷиза аст, ва Худо ҷалол меёбад. Аммо агар мо, аз тарафи дигар, ба воситаи ҳилаву найранг худамон вазъияти молиявии худро дуруст кунем, шарафи инро низ аз они худ мекунем.

Ба воситаи даъватҳо ва талабҳои исроркорона мо метавонем иқдомеро дастгирӣ кунем, ки на Офаридгорро, балки офаридаҳоро ҷалол медиҳад. Ё якравона кореро давом диҳем, ки Рӯҳ кайҳо боз тарк кардааст. Лекин агар мо тамоми воситаҳои рӯзгузарониро бевосита аз дастони Ӯ гирем, метавонем танҳо то даме ки Ӯ инро мехоҳад, кор кунем.

Технологияҳои шиддатноки ҷамъкунии хайрот барои баҳо додани муваффақияти хизмати масеҳиёна меъёрҳои навро ҷорӣ мекунанд. Ҳамон шахс кори зиёдтар карда метавонад, ки бештар пул дорад. Пули бисёртарро шахсе дорад, ки маҳорати аз имондорон кашида гирифтани онҳоро дорад. Чунин мешавад, ки пас аз чунин маъракаҳо барои кори воқеан рӯҳонӣ як тангаи зардак ҳам пайдо намешавад. Ин бошад барои ҳасад ва ҷанҷол заминаи ғизодиҳанда аст.

К.Х. Макинтош ба ҳамаи кӯшишҳои бо овози баланд эълон кардан дар бораи мӯҳтоҷиҳои худ бо норозигӣ муносибат мекард. “Бевосита ё бавосита шахси дигарро дар бораи мӯҳтоҷиҳои худ хабардор карда, ман роҳи имонро тарк мекунам, ва бо ин кор Худоро таҳқир карда, ба Ӯ хиёнат менамоям. Ин баробар ба он аст, агар мо бо овози баланд эълон мекардем, ки Ӯ умедҳои моро ботил кард, моро дар мусибат тарк кард, ва акнун ман бояд аз одамон ёрӣ ҷӯям. Ин мисли он аст, ки ман барои зарфи шикаста сарчашмаи обро тарк кунам. Охир он вақт ман байни ҷони худ ва Худо шахси дигарро мегузорам, ва бо худи ин аз ҷони худ баракати фаровонро, ва аз Худо ҷалоли ҳақиқатан ба Ӯ тааллуқдоштаро медуздам”.

Коррӣ тен Бум низ ҳамин ақидаро дошт, вақте ки навишта буд: “Беҳтараш мо чун кӯдаке бошем, ки аз Падари сарватманд ёрӣ металабад, нисбат ба гадое ки остонаҳоро охурча мекунад”.

**“...Ҳеҷ кас Писарро, ғайр аз Падар, намешиносад”**

*(Матто 11:27)*

Шахсияти Худованд Исои Масеҳ бо сирри ошкорнашаванда ва даркнашаванда фаро гирифта шудааст. Як қисми ин сирр – дар як шахсият якҷоя шудани табиати комили илоҳӣ ва табиати пурраи одамӣ мебошад. Масалан, мо фаҳмида наметавонем, ки чӣ тавр шахсе ки дорои хусусиятҳои Худост, дар айни замон метавонад маҳдудиятҳое дошта бошад, ки одами одӣ дорад. Ҳеҷ кас Шахсияти Масеҳро фаҳмида наметавонад. Ӯро танҳо Худо Падар дарк карда метавонад.

Маркази аксари таълимотҳои ҷиддитарини дурӯғин, ки ҷамоатҳоро сахт мушавваш мекард, маҳз ҳамин масъала буд. Дар бораи бебақо будани худ фаромӯш карда, одамон кӯшиш мекарданд он чиро дарк намоянд, ки ақли одам қобилияти дарк кардани онро надорад. Баъзеҳо фақат дар бораи табиати илоҳии Худованд сухан ронда, дар бораи табиати одамии Ӯ фаромӯш мекарданд. Дигарон бошанд, табиати одамии Ӯро ба мадди аввал гузошта, табиати илоҳиро ба мадди охир мегузоштанд.

Уилям Келлӣ навишта буд: “Ба андозаи наздик шудан ба савол оиди он ки Писари Худо одам шуд, хатари хато кардан зиёд мешавад; дар Шахсияти Худованд Исо якҷоя шудани табиати илоҳӣ ва табиати одамӣ барои бисёриҳо санги пешпохӯрӣ шуд. Бешубҳа, касоне ҳастанд, ки ҳаққи ҷалоли илоҳӣ доштани Ӯро инкор мекунанд. Аммо барои паст кардани ҷалолати Шахсияти Ӯ усули боз ҳам маккоронатар ҳаст: табиати илоҳии Масеҳро бевосита инкор накарда, роҳ диҳем, ки он дар ҷилои табиати одамии Ӯ аз назар ғоиб шавад, ва бо ҳамин эътирофи Шахсияти Ӯро суст кунем. Ноилоҷ монда, одам он умумиятеро ба мадди аввал мегузорад, ки Ӯ бо мо, одамон дорад, ва аз он умумияте ки Масеҳ бо Худо дорад, сарфи назар мекунад. Барои аз ин хато эмин нигоҳ доштани худ усули хеле одӣ ҳаст: ҳеҷ гоҳ ба ин соҳа худро наандохтан, кӯшиши муҳокима кардани ин масъаларо накардан, қатъиян дарк кардани он, ки ин маъбуд (он чи бояд ибодат карда шавад) аст, на мавзӯи баҳсу мунозира. Ҳар гоҳе ки мо инро фаромӯш мекунем, мебинем, ки ҳамаи ин мулоҳизаҳои маккорона аз Рӯҳ нестанд”.

Ҳар кӯшиши дар бораи Худованд Исо бо суханон “аз калла” гап задан ногузир боз ба як исботи аблаҳии одам табдил меёбад. Танҳо Рӯҳулқудс метавонад ба одам фаҳмишро дар бораи Писари Ягона диҳад.

Як бандаи фурӯтани Худованд ба шогирдони худ маслиҳат дод, ки ҳангоми муҳокимаи табиати дутарафаи Исои Масеҳ қатъиян ба забони Навиштаҳо пайравӣ кунанд. Ҳангоме ки мо таълимоти Навиштаро дар бораи Исо бо тахминҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои худ омехта мекунем, аз хатоҳо ва гумроҳиҳо халос шуда наметавонем.

**“Аммо одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ нодонӣ аст; ва онро фаҳмида наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад”**

*(1Қуринтиён 2:14)*

Нафсонӣ гуфта ин ҷо одамеро меноманд, ки аз олами боло зода нашудааст. Вай Рӯҳи Худоро надорад. Вай ҳақиқатҳои рӯҳониро қабул кардан намехоҳад, чунки ҳамаи инро сухани бемаънӣ ҳисоб мекунад. Аммо ин ҳоло ҳамааш не! Вай ҳақиқатҳои рӯҳониро қабул кардан ҳам наметавонад, охир ақли вай аз ҷониби Рӯҳулқудс маърифатнок нашудааст.

Ман мехоҳам инро бори дигар таъкид намоям. Шахсе ки наҷот наёфтааст, на фақат намехоҳад он чиро ки аз Худо меояд, фаҳмида гирад. Вай ҳақиқатан қобилияти фаҳмидани онро надорад. Ин ноқобилии модарзоди ӯст.

Ин ба ман ёрӣ медиҳад, ки файласуфон, олимон, ва дигар мутахассисони ин ҷаҳонро дуруст баҳо диҳам. Ман ақидаи онҳоро дар хусуси масъалаҳо ва мушкилии дунявӣ эҳтиром намуда, онҳоро дар ин бобат мутахассисони варзида мешуморам. Аммо ҳамин ки онҳо ба дунёи рӯҳонӣ дахолат мекунанд, ман онҳо чун шахсоне ки дар хусуси мавзӯъ каму беш эътимодбахш муҳокима ронда наметавонанд, сарфи назар мекунам.

Вақте ман дар рӯзномаҳо мақолаҳоеро мебинам, ки дар онҳо профессорони донишгоҳҳо ё ҳатто ходимони либералии дин шубҳаҳои худро оиди ҳаққонияти Навишта баён мекунанд, ман ба ғазаб намеоям. Нуқтаи назари онҳо дигар буда наметавонад, ҳуҷумҳои бадхоҳонаи онҳоро ба дил наздик гирифтан намеарзад. Одамоне ки дубора зода нашудаанд, дар бораи чизҳое ки аз Рӯҳи Худо меояд, муҳокимаронӣ карда наметавонанд.

Ф. У. Бореҳэм олимони бузург ва файласуфонро ба мусофироне монанд мекард, ки дар ҳуҷраи дараҷаи дуюми киштӣ сафар мекарданд. Мусофирони ҳуҷраи дараҷаи якум дар саҳни киштӣ сайругашт карда метавонистанд, дар ҳоле ки пеши роҳи мусофирони дараҷаи дуюмро монеа мегирифт. “Олимон ва файласуфон мусофирони дараҷаи дуюм мебошанд, ки бояд дар он тарафи монеа бошанд. Онҳо дар масъалаҳои имони масеҳӣ сарчашмаи муътабар буда наметавонанд. Мо имоне дорем, ки онро ҳеҷ гуна ришхандҳои таҳқиромези мусофирони дараҷаи дуюм суст карда наметавонанд, имоне ки ба дастгирӣ ва ба ҳомигии онҳо эҳтиёҷ надорад”.

Албатта, дар байни файласуфон ва олимон низ баъзан муқаддасон вомехӯранд. “Дар ин ҳол ман ҳамеша гӯшаи чиптаеро мебинам, ки аз киса намоён аст; ва дар саҳни киштӣ сайругашт карда ва аз ҷамъияти он лаззат бурда, ман аллакай дар бораи ӯ на ҳамчун дар бораи олим фикр мекунам (чуноне ки дар бораи Бунян низ на ҳамчун дар бораи сафедгар фикр мекунам). Ман дар ӯ шахсеро мебинам, ки ба монанди ман мусофири дараҷаи аввал аст”.

Роберт Ҷ. Лӣ навишта буд: “Онҳо метавонанд мунаққидони олиҷаноб, олимон ва муҳаққиқон бошанд, дар бораи сангҳо, молекулаҳо ва газҳо ҳама чизро донанд, ва дар айни замон дар ҳамаи масъалаҳои вобаста ба масеҳият ва Навишта тамоман нодон бошанд”.

**“Ва Худованд бо Юсуф буд; ва ӯ марди комёб шуд”**

*(Ҳастӣ 39:2)*

Ман шунида будам, ки дар яке аз тарҷумаҳои пештараи Навишта ба забони англисӣ ин оят чунин тарҷума шуда буд: “Ва Худованд бо Юсуф буд, ва ӯ барори кор дошт”. Шояд он вақтҳо калимаи “барор” нисбат ба имрӯзҳо тамоман маънои дигар дошт. Ба ҳар ҳол ман шодам, ки дар тарҷумаҳои минбаъда Юсуф аз занҷирҳои барор ё нобарорӣ озод аст.

Дар ҳаёти фарзанди Худо барои барор ҷой нест. Падари дӯстдори осмонӣ ҳар рӯзи вайро ба нақша гирифта, нигохдорӣ менамояд ва равона мекунад. Дар он ҳеҷ чиз тасодуфан ба амал намеояд.

Агар ин тавр бошад, он гоҳ масеҳӣ набояд ба ягон кас барори кор хоҳад. Ва ё гӯяд, ки бахташ омад кард. Охир, ин гуна ва ба ҳамин монанд изҳорот ҳақиқати пешбинии илоҳиро инкор мекунанд.

Ҷаҳони беимон дилпур аст, ки тӯморҳое ҳастанд, ки боиси барори кор мешаванд: почаи харгӯш, барги юнучқа бо чор гулбаргаш, наъл (илова бар ин ду нӯги он бояд рӯ ба боло бошад, то ки барори корро пош нахӯронад!). Одамон бо умеди он аз тарафи китфи чап туф мекунанд ё чӯбро тақ-тақ мезананд, то вазъиятро водор намоянд, ки бар фоидаи онҳо тағйир ёбад ё бо умеди он ки ягон фалокатро пешгирӣ намоянд.

Дар шуури одамон баъзе чизҳо бо бадбахтӣ робитаи қавӣ доранд: гурбаи сиёҳе ки аз пеши роҳи шумо гузашт, 13-уми ҷумъа, рақами 13 дар хона ё ҳуҷраи меҳмонхона, одам бо сатилҳои холӣ, ки аз пеши роҳи шумо гузашт. Дидани одамоне ки дар занҷирҳои хурофоти бефоида зиндагӣ мекунанд, аламовар аст.

Худо таҳдид мекард, ки он сокинони Яҳудоро, ки аз рӯи фаҳмиши ман, ба худои тасодуф саҷда мекарданд, ҷазо медиҳад (Иш. 65:11): “Валекин шумо, ки Худовандро тарк карда, кӯҳи муқаддаси Маро аз хотир баровардаед, барои Ҷод суфра ороста менамоед, ва барои Манот косаҳоро аз машруботи дорувордор пур мекунед, — шуморо Ман ба дами шамшер хоҳам супурд”.

Бо боварии қатъӣ гуфтан номумкин аст, ки ин ҷо маҳз кадом гуноҳҳо дар назар дошта мешаванд, аммо аз афташ, одамон ба бутҳое қурбонӣ меоварданд, ки ба ақидаашон, барори кор ва тасодуфро идора мекарданд.

Худо аз ин ҳамон вақт нафрат дошт, ва имрӯз ҳам аз он нафрат дорад.

Донистан бисёр хуб аст, ки мо на бозичаҳои нотавони тасодуф мебошем, на пиёдагардон дар тахтаи шатранҷи ҷаноби Барори Кор. Дар ин ҳаёт ҳамаи чиз маъно ва мақсади худро дорад. Барои мо ин Падар аст, на тақдир; Масеҳ аст, на тасодуф; муҳаббат аст, на барори кор.

# 2 ИЮН

**“Бас аст! Алҳол, эй Худованд, ҷони маро бигир, зеро ки ман аз падарони худ беҳтар нестам”**

*(3Подшоҳон 19:46)*

Бандагони Худо бисёр вақт, мисли Илёс, аз харобии асаб ва рӯҳафтодагӣ азоб мекашанд. Ҳам Мусо, ҳам Юнус бесаброна интизори марг буданд (Хур. 32:32; Юнус 4:3). Худованд ҳаргиз ваъда накарда буд, ки имондоронро аз ин мусибат ҳимоя хоҳад кард. Бояд гуфт, ки ин азобҳо на ҳамеша нишонаи имони кам доштан ва рӯҳан суст будан мебошанд. Ин метавонад бо ҳар яки мо рӯй диҳад.

Ин тақрибан чунин сар мешавад. Шумо ҳис мекунед, ки Худо шуморо тарк кардааст, ҳарчанд хуб медонед, ки Ӯ ҳаргиз мансубони Худро тарк намекунад. Шумо дар Каломи Худо тасалло меҷӯед, аммо ҳатман ба суханоне рӯ ба рӯ мешавед, ки дар бораи гуноҳи нобахшиданӣ мебошанд, ё дар бораи ҳолати ноумедонаи шахсе ки аз имон дур шудааст. Шумо рӯҳафтода мешавед, охир бемории шуморо бо дору муолиҷа кардан ва бо теғи тиббӣ буридан номумкин аст. Дӯстон маслиҳат медиҳанд, ки хушёр шавед, аммо дар бораи чӣ тавр кардани ин хомӯш ҳастанд. Шумо дуо мекунед ва бо тамоми дилу ҷон хоҳиши зудтар шифо ёфтанро доред, аммо ба зудӣ пай мебаред, ки рӯҳафтодагӣ бо вазни зиёд фуруд меояд, аммо қатра-қатра меравад. Шумо ғайр аз худ ва бадбахтии худ дигар дар бораи ҳеҷ чиз фикр карда наметавонед. Шумо дар навмедӣ аз Худо илтиҷо мекунед, ки ба шумо зудтар марг фиристад.

Чунин рӯҳафтодагӣ якчанд сабаб дошта метавонад. Инҳо метавонанд мушкилоти ҷисмонӣ бошанд; ҳамин тавр масалан, ҳангоми камхунӣ ақли шумо метавонад бо шумо ҳазли бад кунад. Сабаб метавонад хусусияти рӯҳонӣ ҳам дошта бошад, вақте асоси беморӣ гуноҳи эътирофнашуда ё афвнашуда мебошад. Сабабҳои асосӣ метавонанд дар соҳаи эҳсосот низ бошанд, масалан, вақте ки шуморо дард барои хиёнати шавҳар ё зан азоб медиҳад. Сабаби харобии асаб метавонад стресси доимӣ ё хасташавии ҷисмонӣ ва ақлӣ бошад. Ва ё доруҳое ки организми шумо ба онҳо аксуламали манфӣ нишон медиҳад.

Пас дар ин маврид чӣ кор бояд кард? Якум: дар дуо назди Худо омада, номи Ӯро ва тамоми нақшаҳоеро, ки Ӯ барои мо дорад, ҷалол додан. Эътироф кардан ва даст кашидан аз гуноҳе ки дар шумост. Бахшидани ҳама шахсоне ки шуморо хафа кардаанд. Сипас аз тафтиши духтур гузаштан, то ки нотобии ҷисмониро аз рӯйхати сабабҳои имконпазир бароред. Ҳамчунин усулҳоеро барои кам кардани стресс, ташвишҳо, ҳаҷми кори барзиёд пайдо кардан лозим аст.

Дар чунин маврид доруи беҳтарин метавонад истироҳати мунтазам, ғизои хуб ва кори ҷисмонӣ дар ҳавои кушод (берун) бошад.

Акнун шумо бояд тарзи ҳаёти бештар мунтазам бурда, дар худ қувват пайдо намоед, то ба шахсоне ки бори гаронро аз нав ба шумо бор кардан мехоҳанд, “не” гӯед.

# 3 ИЮН

**“Бинобар ин худам низ саъю кӯшиш менамоям, ки виҷдонам назди Худо ва одамон ҳамеша пок бошад”**

*(Амалҳо 24:16)*

Дар дунёи монанди мо, вақте дар ҳар яки мо одами фосиди кӯҳна зиндагӣ мекунад, мо аксар вақт назди интихоби ахлоқӣ меистем, вақте ки садоқати мо ба принсипҳои масеҳӣ ба қимор монда шудааст.

Ҳамин тавр, масалан, донишҷӯ ҳангоми имтиҳон ба васвасаи калони рӯйбардор кардан аз дафтари шахси дигар меафтад. Агар ногаҳон ҳама одамон дипломҳо ва аттестатҳои ноҳақ ба даст овардашударо бармегардонданд, мактабҳо ва донишгоҳҳо то худи бомҳояшон пур мешуданд.

Дар ҳуқуқшиносӣ, сиёсат ва соҳибкорӣ яке аз қоидаҳои муҳим ин аст: “Пора надиҳӣ, пеш намеравӣ”.

Пора ҳукми судро тамоман дигар мекунад. Тӯҳфа аз даст ба даст меравад, ва инак мебинӣ – фармони дилхоҳ пайдо шуд. Ҳар як ширкат бояд дар хотир дошта бошад, ки “даст дастро мешӯяд”. Конверти ғафс ба тафтишкунанда ёрӣ медиҳад, ки аз саволҳои рӯйрост ва нохуш худдорӣ кунад.

Касберо, ки дар он васвасаи фиреб кардан набошад, пайдо кардан душвор аст. Духтури масеҳӣ бояд бо васвасаи дар бозори сиёҳ фурӯхтани доруи камёфт мубориза барад. Ҳимоягар (адвокат) дар пеши интихоби он меистад, ки оё айбдоршавандаеро, ки дар айбдор буданаш ягон шубҳа надорад, ҳимоят намояд; оё ӯ бояд мурофиаи ҷудошавии зану шавҳареро барад, ки дар он ҳам мард ва ҳам зан масеҳӣ ҳастанд. Ронандаро имконияти “пинҳонӣ” фурӯхтани бензин ҷалб мекунад, мансабдори баландмақомро имконияте ҷазб мекунад, ки ба зани худ иҷозат диҳад, то бо мошини идора бозорӣ кунад. Оё ба стюардессаи масеҳӣ мумкин аст, ки ба мусофирон нӯшокиҳои спиртдор диҳад (ё ки вай дигар интихоб надорад)? Оё ба варзишгари масеҳӣ мумкин аст, ки дар рӯзи Худованд дар мусобиқаҳо иштирок кунад? Оё дар дӯкончаи шахсиаш тамоку фурӯхтани шахси масеҳӣ мумкин аст, агарчи вай медонад, ки онҳо сабаби бемории саратон (рак) мешаванд?

Оё ин хеле бад аст, агар меъмори масеҳӣ нақшаи бинои маҳфили шабона ё ҷамоати либералиро кор карда барорад? Оё ба ташкилоти масеҳӣ мумкин аст, ки аз корхонаи пивопазӣ ё аз масеҳие ки дар гуноҳ зиндагӣ мекунад, тӯҳфа гирад?

Ба ин гуна саволҳо ҷавобҳо ҷуста, принсипи аз ҳама асосиро фаромӯш накунед, ки “виҷдонатон доимо дар назди Худо ва одамон пок бошад”.

# 4 ИЮН

**“Худованд бузург аст ва бениҳоят мамдӯҳ;
ва бузургии Ӯ беҳадду канор аст”**

*(Забур 144:3)*

Дар бораи Худо фикр кардан, бешубҳа, беҳтарин корест, ки ақли одам бо он машғул буда метавонад. Фикрҳои воло дар бораи Худо тамоми ҳаёти моро нексиришт мекунанд. Фикрҳое ки Худоро паст мекунанд, ба ҳама шахсоне ки онҳоро мепарваранд, харобӣ меоваранд.

Бузургии Худо ҳақиқатан беҳадду канор аст. Дар хотимаи суруди аҷиб оиди қудрат ва бузургии Худо Айюб чунин мегӯяд: “Инак, инҳо ҳиссаест аз роҳҳои Ӯ; ва чӣ сухани андаке дар ҳаққи Ӯ шунидаем! Вале раъди қудрати Ӯро кист, ки тавонад пай барад?” (Айюб 26:14). Ҳар он чи мо мебинем, танҳо канорҳост, ҳар он чи мо мешунавем, фақат шилдиррос аст!

Муаллифи Забур ба мо хотиррасон мекунад, ки танҳо як назари Худо ларзиши заминро, ва танҳо як расиши Ӯ оташфишонии вулқонро ба вуҷуд меоварад (Заб. 103:32).

Худовандро лозим меояд, ки хам шавад, то дар бораи замин ва осмон ғамхорӣ намояд (Заб. 112:6). Ӯ чунон бузург аст, ки ситораҳоро бо номҳошон мехонад (Заб. 146:4).

Суханони Ишаъё дар бораи он ки, домани Худованд ибодатхонаро пур мекард (Иш. 6:1), моро водор месозад, то дар бораи он фикр кунем, ки ҷалоли Ӯ то чӣ андоза бузург аст. Дертар пайғамбар дар бораи Худо чун дар бораи Оне мегӯяд, ки обҳоро бо мушташ андоза мекунад ва афлокро бо ваҷаб паймудааст (Иш. 40:12). Барои Ӯ тамоми халқҳо мисли қатрае дар баҳр ва мисли гарде бар тарозу ҳастанд (40:15). Тамоми ҷангалҳои Лубнон ва ҳамаи ҳайвоноти он барои қурбониҳои сӯхтанӣ, ки шоистаи Ӯ бошад, басанда нест (40:16).

Пайғамбар Наҳум мегӯяд: “Роҳи Худованд дар тундбод ва тӯфон аст, ва абрҳо ғубори пои Ӯст” (Наҳ. 1:3).

Ҳабаққуқ ҳангоми кӯшиши баён намудани ҷалоли Худо тасвири ҷолиб мекунад, аммо ба ҳар ҳол: “Ва ниҳонгоҳи ҷалоли Ӯ дар он ҷост!” Ҳеҷ сухан қодир нест, ки тамоми бузургии Худоро тасвир намояд!

Мо ҳамроҳи шумо якчанд рӯзро ба андешаронӣ оиди хусусиятҳои Худо мебахшем, ва дилҳои мо бояд аз инҳо пур шаванд:

Ваҷд – чунки Ӯ аҷиб аст;

Парастиш – Кӣ будани Ӯ ва барои мо чӣ кор кардани Ӯро дар хотир дошта;

Боварӣ – чунки ба Ӯ ҳама вақт ва дар ҳама чиз таваккал кардан мумкин аст;

Кӯшиши ба Ӯ хизмат кардан – чунки дар ин ҳаёт шарафе баландтар аз хизмат ба чунин Худованд нест;

Хоҳиши монанд шудан ба Ӯ – зеро Ӯ мехоҳад, ки мо беш аз пеш ба Ӯ монанд шудан гирем.

Бо вуҷуди ин, Худо хусусиятҳое дорад, ки мо набояд ба онҳо тақлид намоем (масалан, хашм ва ғазаби Ӯ), ва он хусусиятҳое ки мо ба онҳо тақлид карда наметавонем (масалан, ба он ки Ӯ ҳадду ҳудуд надорад).

# 5 ИЮН

**“Худо... ҳар чизро медонад”**

*(1Юҳанно 3:20)*

Худо ҳамадон аст, Ӯ ҳама чизро ба таври мукаммал медонад. Ӯ ҳаргиз чизе наомӯхтааст ва омӯхта ҳам наметавонад.

Дар Забур 138:1-6 Довуд кӯшиш мекунад, ки ин хусусияти Худоро чунин тасвир намояд: “Худовандо! Маро тафтиш намудаӣ, ва мешиносӣ. Ту шинухези маро медонӣ; андешаҳои маро аз дур мефаҳмӣ. Атвор ва кирдори маро санҷидаӣ, ва ҳамаи роҳҳоям ба Ту маълум аст. Калимае ҳанӯз бар забонам нест, ки Ту, эй Худованд, онро ба куллӣ медонӣ. Аз қафо ва аз пеш маро фаро гирифтаӣ ва кафи Худро бар ман гузоштаӣ. Ин аҷаб муаммост, ки аз донистанаш оҷизам: чунон баланд аст, ки онро фаҳмида наметавонам!”

Аз Забур 146:4 мо мефаҳмем, ки Худо миқдори ситораҳоро ба ҳисоб мегирад ва ҳамаи онҳоро бо номҳошон мехонад. Барои мо ин тамоман даркнашаванда аст, охир, аз рӯи гуфтаҳои ҷаноб Ҷеймс Ҷинс, “миқдори ситораҳо дар коинот тақрибан ба миқдори умумии зарраҳои рег дар тамоми соҳилҳои баҳрҳои ҷаҳон баробар аст”.

Худованд ба шогирдони Худо хотиррасон мекунад, ки ягон гунҷишк бе хости Падар ба замин намеафтад. Ӯ таъкид карда буд, ки ҳатто ҳамаи мӯйҳои сари мо низ шумурда шудаанд (Мат. 10:29-30).

Ҳеҷ шубҳа дар он нест, ки “ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст” (Ибр. 4:13) ва ин моро водор месозад, ки ҳамроҳи Павлус нидо кунем: “Ваҳ чӣ амиқ аст сарвати ҳикмат ва дониши Худо! Чӣ ақлнорас аст довариҳои Ӯ ва таҳқиқнопазир аст роҳҳои Ӯ!” (Рум. 11:33).

Он ҳақиқат, ки Худо ҳамадон аст, барои ҳар яки мо аҳамияти амалӣ дорад. Дар ин пеш аз ҳама огоҳист. Худо ҳамаи корҳои моро мебинад. Мо ҳеҷ чизро аз Ӯ пинҳон карда наметавонем.

Дар ин тасалло ҳаст. Ӯ медонад, ки мо бояд аз чӣ гузарем. Чунон ки Айюб гуфтааст: “Роҳеро, ки бар он истодаам, Ӯ медонад” (Айюб 23:10). Ӯ оворагардиҳои моро ба ҳисоб гирифта, ашкҳоямонро дар машки Худ андохтааст (Заб. 55:9).

Дар ин дилгармӣ низ ҳаст. Ӯ дар бораи мо ҳама чизро медонист ва ба ҳар ҳол наҷот дод. Ӯ медонад, ки ҳангоми дуо мо чиро эҳсос мекунем ва чиро бо суханон баён карда наметавонем.

Дар ин муаммо ҳаст. Агарчи Худо ҳамадон аст, Ӯ ба ҳар ҳол гуноҳҳои бахшидашударо фаромӯш мекунад. Чунон ки Давид Симандс гуфтааст: “Ман намедонам, ки чӣ тавр ҳамадонии илоҳӣ фаромӯш карда метавонад, аммо ман медонам, ки ин ҳамин тавр аст”.

# 6 ИЮН

**“Оё Ман замин ва осмонро пур намекунам? - мегӯяд Худованд”**

*(Ирмиё 23:246)*

Вақте мо мегӯем ки Худо бемакон аст, мо онро дар назар дорем, ки Ӯ дар ҳар нуқтаи коинот мавҷуд аст. Боре Ҷон Аэросмит ном пуритане оиди файласуфи бутпарасте нақл кард, ки чунин савол дода буд: “Худо ҳозир дар куҷост?” Масеҳӣ ҷавоб дод: “Иҷозат диҳед аввал пурсам: “Дар куҷо Ӯ нест?”

Мо ба Довуд барои тасвири классикии бемаконии Худо миннатдор ҳастем. Вай навишта буд: “Аз Рӯҳи Ту куҷо равам? Ва аз ҳузури Ту куҷо гурезам? Агар ба осмон бароям, он ҷо Ту ҳастӣ, ва агар дар гӯр бистар андозам, он ҷо низ Ту ҳастӣ. Агар болҳои шафақи субҳро гирифта, дар ақсои баҳр сокин шавам, дар он ҷо низ дасти Ту маро ҳидоят хоҳад намуд, ва ямини Ту маро дастгирӣ хоҳад кард” (Заб. 138:7-10).

Бемакониро бо пантеизм, ки ҳама чизи вуҷуддоштаро Худо мешуморад, ба ҳеҷ ваҷҳ набояд омехта кард. Дар ин сурат одамон ба дарахтон, ё дарёҳо ва ё ба ҳодисаҳои табиат саҷда карданро сар мекунанд. Худои ҳақиқӣ бошад коинотро идора карда, онро пур мекунад, аммо Ӯ коинот ва қисми он нест. Ӯ аз коинот ҷудо буда, аз он калон аст.

Пас ҳақиқат оид ба бемаконии Худо дар ҳаёти мардуми Ӯ чӣ гуна аҳамият дорад?

Ин, албатта, огоҳии ҷиддӣ дар бораи он аст, ки аз Худо гурехтан ва пинҳон шудан номумкин аст. Дониш дар бораи он, ки Худо доимо бо мансубони Худ аст, ба мо оромӣ ва тасалло мебахшад. Ӯ ҳаргиз моро танҳо намегузорад.

Аммо дар ин даъват ба амал кардан низ ҳаст! Ӯ доимо бо мост, ва бинобар ин мо бояд муқаддасона зиндагонӣ карда, пайрави қонунҳо ва қоидаҳои ин ҷаҳон набошем.

Ӯ ваъда кардааст, ки дар он ҷое ки ду ва ё се кас ба номи Ӯ ҷамъ шаванд, ба таври махсус дар он ҷо, дар миёни онҳо хоҳад буд. Бинобар ин дар ҷамоати муқаддасон бояд эҳтироми амиқ ва ҷиддияти тантананок ҳукмрон бошад.

## “Худованд Худои мо, он Қодири Мутлақ акнун подшоҳӣ мекунад”

*(Ваҳй 19:6)*

Худо қодир аст, Ӯ комилан ҳама кореро, ки мухолифи хусусиятҳо ва сифатҳои боқимондаи Ӯ нест, карда метавонад. Навишта дар бораи ин бо овози баланд ва ба як маъно мегӯяд: “Ман Худои Қодирам” (Ҳас. 17:1), “Магар барои Худованд чизи мушкиле ҳаст?” (Ҳас. 18:14), “Медонам, ки ҳар кор аз дасти Ту меояд, ва нияти Туро боздоштан мумкин нест” (Айюб 42:2), “Назди Худо ҳеҷ чиз ғайриимкон нест” (Луқо 1:37).

Дар айни замон Худо наметавонад кореро кунад, ки зидди хислати Ӯст. Ҳамин тавр, масалан, Худо дурӯғ гуфта наметавонад (Ибр. 6:18). Ӯ Худро инкор карда наметавонад (2 Тим. 2:13). Ӯ гуноҳ карда наметавонад, чунки тамоман қуддус аст. Ӯ наметавонад ваъдаи Худро шиканад, зеро сухани Ӯ комилан боэътимод ва шоистаи боварист.

Худо Қодири Мутлақ аст:_Ӯ коинотро офарида, онро идора мекунад, ва Ӯ ҳеҷ чизро надида намемонад. Ӯ барои гуноҳкорон роҳи наҷот эҷод намуд ва онҳоеро, ки тавба накарданд, доварӣ хоҳад кард. Равшантарин зоҳиршавии қудрати Ӯ дар Аҳди Қадим аз Миср баромадани исроилиён буд, дар Аҳди Нав бошад – растохези Масеҳ.

Агар Худо Қодири Мутлақ бошад, ҳар гуна ҷанги одам бо Худованд ба мағлубият дучор мешавад. “Ҳикмате нест, ва хираде нест, ва машварате нест бар хилофи Худованд” (Мас. 21:30).

Агар Худо Қодири Мутлақ бошад, дар ҳар гуна задухӯрд имондор дар тарафи ғолиб аст. Шахсе ки дар назди Худо меистад, тамоми ҳуқуқҳои аксариятро дорад. “Агар Худо бо мост, кӣ зидди мо буда метавонад?” (Рум. 8:31).

Агар Худо Қодири Мутлақ бошад, дар дилҳои мо бояд оромӣ бошад, охир Наҷоткор ҳар гуна мушкилотро ҳал намуда, гиреҳи чигилтаринро кушода метавонад.

“Агар сустии ман ба қудрати Ӯ такя кунад, он гоҳ ҳама чиз одӣ ва осон мешавад”.

# 8 ИЮН

**“Ба Худои ҳакими якто, ба воситаи Исои Масеҳ, то абад ҷалол бод”**

*(Румиён 14:26)*

Таълимот дар бораи ҳикмати Худо дар тамоми Навишта фикри асосӣ аст. Масалан: “Ҳикмат ва қудрат дар Ӯст, машварат ва хирад аз они Ӯст... Қудрат ва ҳикмат аз они Ӯст, ғалаткунанда ва чапғалатдиҳанда назди Ӯст” (Айюб 12:13,16). “Чӣ бисёр аст аъмоли Ту, эй Худованд! Ҳамаро аз рӯи ҳикмат ба вуҷуд овардаӣ; замин аз офаридаҳои Ту пур аст” (Заб. 103:24). “Худованд заминро бо ҳикмат бунёд кард, осмонро бо хирад барқарор намуд” (Мас. 3:19). “Исми Худо аз азал то абад муборак бод, ки ҳикмат ва қудрат аз они Ӯст!” (Дон. 2:20). “Зеро, дар ҳикмати Худо, модоме ки ҷаҳон бо ҳикмати худ Худоро нашинохт, — Худо чунин писандид, ки ба воситаи беақлии мавъиза имондоронро наҷот диҳад” (1Қур. 1:21). “Шумо дар Исои Масеҳ ҳастед, ки барои мо ҳикмате аз ҷониби Худо... шудааст” (1Қур. 1:30).

Худо ҳаким аст, яъне Ӯ доимо моҳияти ҳодисаҳо ва корҳоро медонад, ва аз назари зираконаи Ӯ ҳеҷ чиз пинҳон шуда наметавонад. Ҳукм ва қарорҳои Ӯ бехато ва бегуноҳ ҳастанд. Касе гуфтааст, ки ҳикмати Ӯ қобилияти ба натиҷаҳои беҳтарин бо воситаҳои беҳтарин расидан аст. Ин на фақат дониш аст. Ин маҳорати дуруст дар амал татбиқ кардани ин дониш низ мебошад.

Ҳама корҳои Худо дар бораи ҳикмати Ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Яке аз мисолҳои ин сохти аҷиби бадани одам аст.

Дар бораи ҳикмати Худо нақшаи наҷот додан низ шаҳодат медиҳад. Инҷил ба мо оиди он нақл мекунад, ки барои гуноҳ чӣ гуна ҷазо дода шуд, чӣ гуна ташнагии росткории Худо қонеъ гардонда шуда, меҳрубонии Ӯ аз рӯи росткорӣ тақсим шуд. Ҳамчунин Инҷил дар бораи он нақл мекунад, ки ҳолати имондор дар Масеҳ беҳтар аз он ҳолатест, ки ӯ дошта метавонист, агар Одам гуноҳ намекард.

Акнун, вақте мо наҷот ёфтаем, ҳикмати Худо ба ҷонҳои мо суханони латифи тасаллоро мегӯяд. Мо медонем, ки Худо хеле хирадманд аст, бинобар ин хато намекунад. Ҳарчанд дар ҳаёти мо чизҳои фаҳмиданашон душвор вомехӯранд, мо медонем, ки Ӯ хато карда наметавонад.

Мо пурра метавонем ба роҳнамоии Ӯ таваккал намоем. Аллакай дар худи аввал Ӯ медонад, ки оқибат чӣ мешавад. Ӯ он пайраҳаҳои баракатро, ки мо дар бораашон ҳатто гумон намекунем, медонад. Роҳи Ӯ комил аст.

Ниҳоят, Ӯ мехоҳад, ки мо дар ҳикмат нашъунамо ёбем. Мо бояд дар некӣ хирадманд бошем (Рум. 16:19). Мо бояд эҳтиёткорона, хирадмандона рафтор намуда, фурсатро ғанимат донем, чунки ин рӯзҳо шарир аст (Эфс. 5:15,16). Мо бояд мисли морон зирак ва мисли кабӯтарон содда бошем (Мат. 10:16).

# 9 ИЮН

**“Қуддус аст, Қуддус аст, Қуддус аст Худованд Худои Қодири Мутлақ, Он ки буд, ҳаст ва меояд”**

*(Ваҳй 4:8)*

Дар зери мафҳуми қуддусияти Худо мо камолоти рӯҳонӣ ва маънавии Ӯро дар тамоми чиз дар назар дорем: хоҳ дар фикрҳо, хоҳ дар амалҳо, хоҳ дар ниятҳо, хоҳ дар ягон чизи дигар. Дар Ӯ ягон зарраи гуноҳ ё нуқс нест. Қуддисияти Ӯ дурахшон аст.

Дар Навиштаҳо мо оиди қуддус будани Ӯ шаҳодатҳои зиёдеро меёбем. Ана якчандтои онҳо. “Ман, Худованд Худои шумо, қуддус ҳастам” (Иб. 19:2). “Қуддусе мисли Худованд нест” (1Под. 2:2). “Худованд Худои ман, эй Қуддуси ман!.. Чашмони Ту он қадар пок аст, ки наметавонӣ шароратро бубинӣ” (Ҳаб. 1:12-13). “Худо бо бадӣ озмуда намешавад ва Худаш ҳеҷ касро намеозмояд” (Яъқ. 1:13). “Худо нур аст, ва дар Ӯ ҳеҷ зулмоте нест” (1Юҳ. 1:56). “Танҳо Ту Қуддус ҳастӣ” (Ваҳй 15:4). “Ва ситорагон дар назари Ӯ пок нестанд” (Айюб 25:5).

Мақсади тамоми қонуну қоидаҳои каҳонат ва системаи қурбониоварии Аҳди Қадим дар баробари тамоми чизи дигар, ёдоварӣ дар бораи он буд, ки Худо қуддус аст. Онҳо таълим медоданд, ки аз боиси гуноҳ дар миёни Худо ва одам вартае кушода шуд, ва миёнараве лозим аст, ки метавонист аз он кӯпрук гузаронад, ва назди Худои қуддус танҳо ҳамон вақт наздик шудан мумкин аст, ки хуни қурбонӣ рехта шавад.

Шаҳодати беназири қуддусияти Худо салиб шуд. Вақте Ӯ ба поён назар афканда, дид, ки ба Писари Ӯ гуноҳҳои мо бор карда шудаанд, он гоҳ Писари Ягонаи Худро дар давоми ҳамин се соати даҳшатовари торикӣ тарк кард.

Барои мо ҳамаи ин чӣ аҳамият дорад? Худо мехоҳад, ки мо муқаддас бошем. “Зеро хости Худост, ки шумо муқаддас бошед” (1Тас. 4:3). “Чунон ки Даъваткунандаи шумо қуддус аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед” (1Пет. 1:15).

Ҳақиқат дар бораи қуддусияти Худо моро таълим медиҳад, ки ба Ӯ бо иззати амиқ ва тарси эҳтиромона наздик шавем. Як вақтҳо Ӯ ба Мусо гуфта буд: “Кафшҳоятро аз пойҳоят бикаш, зеро маконе ки ту дар он истодаӣ, замини муқаддас аст” (Хур. 3:5).

Т. Биннӣ аз он муқаддасӣ ба тааҷҷуб меомад, ки танҳо он ҳақ дорад дар пеши Худо ҳозир шавад:

Эй, нури абадӣ!
То чӣ андоза ҷон бояд пок бошад,
Ки бо нигоҳи бодиққати Ту вохӯрда,
Аз тарс ба танг наояд, балки бо эътибornокии осуда
Тавонад дар наздикии Ту зиндагӣ карда,
То абад ба Ту назар афканад!

## 10 ИЮН

**“Зеро Ман, ки Худованд ҳастам, тағйир наёфтаам”**

*(Малокӣ 3:6)*

Худо дар ҳеҷ чиз тағйир намеёбад. Ӯ дар моҳияти Худ бетағйир аст. Сифатҳо ва хусусиятҳои Ӯ тағйирнаёбанда мебошанд. Дар корҳои Худ Ӯ мувофиқи принсипҳои тағйирнаёбанда амал мекунад.

Муаллифи Забур тағйирнопазирии Худоро бо тағйирёбӣ дар тақдири замину осмон муқобил мегузошт: “Онҳо мубаддал хоҳанд шуд, валекин Ту ҳамон ҳастӣ” (Заб. 101:27,28). Яъқуб Худовандро чунин тасвир мекунад: “Падари нурҳо ..., ки дар Ӯ тағйироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест” (Яъқ. 1:17).

Оятҳои дигари Навиштаҳо ба мо хотиррасон мекунанд, ки Худо ҳаргиз пушаймон намешавад. “Ҷалоли Исроил дурӯғ намегӯяд ва аз қавли худ намегардад” (1Под. 15:29).

Пас дар ин сурат оятҳоеро, ки дар он оид ба пушаймон шудани Худо сухан меравад, чӣ тавр бояд фаҳмем? “Ва Худованд пушаймон шуд, ки одамизодро бар замин ба вуҷуд овард” (Ҳас. 6:6). “Худованд пушаймон шуд, ки Шоулро бар Исроил подшоҳ кард” (Шод. 15:356). Ҳамчунин ба Хуруҷ 32:14 ва Китоби Юнус 3:10 нигаред.

Дар ин ҷо ягон зиддият нест. Худо доимо мувофиқи ду принсип амал мекунад: Ӯ итоаткориро мукофот дода, беитоатиро ҳамеша ҷазо медиҳад. Вақте ки одам аз итоаткорӣ ба беитоатӣ мегузарад, Худо барои он ки ба хислати Худ вафодор монад, аз принсипи якум ба дуюм мегузарад. Дар назари мо ин гузариш мисли пушаймонӣ менамояд, ва ин маҳз ҳамин тавр тасвир карда мешавад, вақте муаллиф кӯшиш мекунад, ки хислати Худоро бо забони ба одамон фаҳмо маънидод кунад. Аммо ин тамоман маънои онро надорад, ки Худо ақидаи Худро дигар мекунад ё пушаймон мешавад.

Он ҳақиқат, ки Худо тағйир намеёбад, дар тӯли ҳамаи асрҳо барои муқаддасони Ӯ тасалло буда, аксар вақт мавзӯи сурудҳои онҳо шуда буд. Ҳамин тавр, Генрӣ Ф. Лайт навишта буд:

Замин бо гирдбоди тағйироти дунявӣ
Беш аз пеш дар гуноҳ ғарқ мешавад,
Аммо Оне ки дар Ӯ тағйирот нест,
Доимо маро нигаҳбонӣ мекунад!

Мо бояд кӯшиш кунем, ки ба ин сифати Худо тақлид намоем. Мо бояд устувор ва қавӣ, вафодор ва матин бошем. Аммо агар мо дудила ва ноустувор бошем, чӣ тавр метавонем ба ҷаҳон симои ҳақиқии Худоро нишон диҳем?

“Хуллас, эй бародарони азизи ман, пойдору устувор бошед, ҳамеша дар кори Худованд машғул бошед, ва донед, ки меҳнати шумо пеши Худованд беҳуда нест.”

# 11 ИЮН

**“Муҳаббат дар ин аст, ки на мо Худоро дӯст доштаем, балки Ӯ моро дӯст дошт ва Писари Худро барои кафорати гуноҳҳои мо фиристод”**

*(1Юҳанно 4:10)*

Муҳаббат он хусусиятест, ки Худоро водор менамояд ба дигарон бо лутф ва самимияти бепоён муносибат кунад. Муҳаббати Ӯро мо дар он атоҳои нек ва комил, ки азизон аз Ӯ мегиранд, мебинем.

Мо аз шумораи зиёди оятҳо ин ҷо метавонем фақат якчандтоашро оварем, ки дар он оид ба ин муҳаббат гуфта мешавад: “Бо муҳаббати абадӣ туро дӯст доштам, бинобар ин туро бо марҳамат ба Худ ҷалб намудам” (Ирм. 21:3). “Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд” (Рум. 5:8). “ Худо, ки аз марҳамат давлатманд аст, ба хотири муҳаббати бузурги Худ, ки ба мо дошт...” (Эфс. 2:4). Ва албатта, яке аз оятҳои машҳуртарин: “Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳалок нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад” (Юҳ. 3:16).

Вақте Юҳанно мегӯяд: “Худо муҳаббат аст” (1Юҳ. 4:8), вай таъкид намекунад, ки Худо ва муҳаббат ҳамон як чиз аст, балки исрор менамояд, ки муҳаббат муҳимтарин хусусияти табиати Худост. Мо на муҳаббат, балки Худои муҳаббатро мепарастем.

Муҳаббати Ӯ аввал надошт ва охир ҳам дошта наметавонад. Он беҳудуд аст. Он тамоман соф ва бе ягон сояи худпарастӣ ё ҳар гуна гуноҳи дигар мебошад. Он фидокорона буда, ба сарфу хароҷот аҳамият намедиҳад. Некӯаҳволии дигарон барои он аз ҳама баланд меистад, он мунтазири миннатдорӣ ва ё хизмати ҷавобӣ намешавад. Он на фақат назди шахсони хушмуомила, балки назди шахсони хашмгин низ, на фақат назди дӯстон, балки назди душманон низ меравад. Онро ба сӯи дигарон на қадру қимати онҳо, балки некии Атокунанда ҷалб мекунад.

Маънои ин ҳақиқати воло барои ҳаёти рӯзамарраи мо равшан аст. “Пас, чун фарзандони дӯстдошта, ба Худо тақлид намоед, ва дар муҳаббат рафтор кунед, чунон ки Масеҳ низ ба мо муҳаббат дошт ва Худро барои мо, ҳамчун... қурбонӣ... дод” (Эфс. 5:1-2). Муҳаббати ҳақиқӣ, аз Худо рӯй нагардонда, болҳояшро бар бародарон кушода, ҳамчун селоби сероб назди гуноҳкорони ҳалокшаванда ҷорӣ мешавад.

Дар бораи муҳаббати Ӯ андеша карда, мо наметавонем пеши пойҳои Ӯ хам нашавем ва бо чунин суханон ҳамд нагӯем: “Ақли ман фаҳмида наметавонад, ки чӣ тавр Ту, чунон ки ҳастӣ, маро дӯст дошта метавонӣ, аммо ин ҳақиқат дили маро гарм мекунад”.

# 12 ИЮН

**“Ва Худои ҳар файз, ки шуморо ба ҷалоли абадии Худ дар Исои Масеҳ даъват намудааст...”**

*(1Петрус 5:10)*

Мо файзи Худоро дар некхоҳӣ ва ҳусни таваҷҷӯҳи хайрхоҳонаи Ӯ ба шахсоне мебинем, ки шоистаи ин нестанд, ва бо амалҳои худ сазовори тамоман чизи мухолиф шудаанд, аммо ба Исои Масеҳ чун ба Худованд ва Наҷоткор бовар кардаанд.

Ана чор ояти машҳур, ки дар бораи файзи Худо мегӯянд. “...Шариат ба воситаи Мусо ато шуд, аммо файз ва ростӣ ба воситаи Исои Масеҳ омад” (Юҳ.1:17). “...Муфт, бо файзи Ӯ, ба воситаи раҳоие ки дар Исои Масеҳ аст, сафед карда мешаванд” (Рум. 3:24). “Зеро шумо файзи Худованди мо Исои Масеҳро медонед, ки Ӯ сарватдор буда, барои шумо бенаво шуд, то ки шумо ба воситаи бенавоии Ӯ сарватдор шавед” (2Қур. 8:9). “Зеро шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз амалҳо нест, то ҳеҷ кас фахр накунад” (Эфс. 2:8-9).

Баъзеҳо файзро ҳамчун олитарин ҷиҳати хуби Ӯ ситоиш мекунанд. Ҳамин тавр масалан, Сэмюэл Дэйвис навишта буд:

Худои бузург! Роҳҳои Ту
Аз чӣ гуна будани Ту дарак медиҳанд.
Дар анбӯҳи дурахшони муъҷизоти Ту
Ситораи файз ҳаст,
Ва ситораи равшантарро наметавон ёфт.

Аммо оё мо ҳуқуқ дорем, ки як хел сифатҳои Худоро аз сифатҳои дигар баландтар гузорем?

Худо доимо Худои файз буд – ҳам дар Аҳди Қадим ва ҳам дар Аҳди Нав. Лекин ба ин замин омадани Масеҳ ин ҷиҳати хислати Худоро дар партави нав нишон дод.

Ҳар касе ки ақаллан ба андозаи хурд ба дарк кардани файзи Ӯ шурӯъ мекунад, наметавонад назди пойҳои Ӯ хам нашавад. Кадом яки мо аз худ напурсидаем: “Ман кистам, ки Ӯ маро интихоб кард? Чӣ тавр Худованд Исо метавонист барои мани нолоиқ хуни Худро резад? Ман кистам, ки Худо маро на фақат аз дӯзах наҷот дод, балки баракати рӯҳонии осмонро дар ин зиндагӣ дод ва бахти дар осмон бо Ӯ гузарондани тамоми абадиятро ато намуд?” Ба файзе ки одамони разил ва нобакорро наҷот дод, бе тааҷҷуб ва ваҷд нигаристан ғайриимкон аст.

Лекин Худо мехоҳад, ки файзи Ӯ дар ҳаёти мо инъикос ёфта, ба воситаи мо ба дигарон ҷорӣ шавад. Ӯ мехоҳад, ки мо ба дигарон меҳрубонона, бо муҳаббат муносибат кунем. Суханони мо бояд ҳамеша пурфайз ва намакин бошанд (Кул. 4:6). Мо бояд бенаво шавем, то ки дигарон сарватдор шуда тавонанд (2Қур. 8:9). Мо бояд ҳатто ба шахсоне ки барои мо дилнокаш буда, тамоман сазовори ин нестанд, хайрхоҳона ва меҳрубонона муносибат намоем.

**“Худо, аз марҳамат давлатманд аст...”**

*(Эфесусиён 2:4)*

Марҳамати Худо дилсӯзӣ, меҳрубонӣ, ҳамдардӣ ба заифон, ситамкашон ва бенавоён, ба онҳое мебошад, ки ҳисси айби худ азобашон медиҳад. Навишта таъкид менамояд, ки Худо аз марҳамат давлатманд (Эфс. 2:4), ва пур аз эҳсон (меҳрубонӣ) аст (Заб. 85:5). “Зеро, ба андозае ки осмон аз замин баланд аст, эҳсони Ӯ бар тарсгоронаш ба ҳамон андоза бузург аст” (Заб. 102:11). Дар бораи Худо чун дар бораи “Падари марҳаматҳо” гуфта мешавад” (2Қур. 1:3), Ӯ “бисёр дилсӯз ва раҳмдил” аст (Яъқ. 5:11). Марҳамати Худро Ӯ беғаразона тақсим мекунад: “зеро Ӯ офтоби Худро бар бадону некон тулӯъ мекунонад ва борон бар одилону золимон мебоfailed” (Мат. 5:45). Одам на мувофиқи амалҳои одилонаи худ (Тит. 3:5), балки фақат ба шарафи раҳми соҳибихтиёронаи Ӯ (Хур. 33:19; Рум. 9:15) наҷот меёбад.

Марҳамати Худо бо онҳое ки аз Ӯ метарсанд, то абад аст (Заб. 135:1; Луқ. 1:50), аммо бо онҳое ки тавба накардаанд, он фақат дар ин ҳаёт хоҳад буд.

Фарқи миёни марҳамат ва файзро бояд равшан дид. Файз маънои онро дорад, ки Худо ба ман баракатҳои фаровон ато мекунад, ки ман сазовори онҳо нестам. Марҳамат бошад маънои онро дорад, ки Ӯ маро аз ҷазое халос мекунад, ки ман сазовори он будам.

Бо ҳар таълимоти Навишта вазифаҳои муайяни мо алоқаманд мебошанд. Марҳаматҳои Худо пеш аз ҳама талаб мекунанд, ки мо ҷисмҳои худро “ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо” тақдим намоем (Рум.12:1). Ин чизи аз ҳама оқилона аст, ки мо карда метавонем.

Сипас Худо боз талаб мекунад, ки мо нисбат ба ҳамдигар меҳрубон бошем. Ба шахсони меҳрубон мукофоти махсус ваъда шудааст: “Онҳо марҳамат меёбанд” (Мат. 5:7). Дар назари Худо марҳамат аз қурбонӣ мартабаи баландтар дорад (Мат. 9:13), яъне Ӯ ҳар гуна қурбониро рад мекунад, агар он на аз диле ояд, ки хоҳони росткорист.

Сомарии некдил он шахсе мешавад, ки ба ҳамсояи худ меҳрубонӣ мекунад. Мо гуруснагонро сер карда, бенавоёнро пӯшонда, беморонро нигоҳубин карда, ба хабаргирии беваҳо ва ятимон рафта, бо навҳагарон навҳа карда, меҳрубонӣ нишон медиҳем.

Мо меҳрубон ҳастем, вақте ки аз дилозорони худ интиқом намегирем ва ё нисбат ба афтодагон дилсӯзӣ мекунем.

Як дақиқа ҳам дар бораи кӣ будани худ фаромӯш накарда, мо бояд барои марҳамат нисбат ба худамон (Иб. 4:16), ва ба дигарон (Ғал. 6:16; 1Тим. 1:2) илтиҷо намоем.

Ҳангоми оиди марҳаматҳои Худо фикр кардан дар дилҳои мо бояд сурудҳои ситоиш пайдо шаванд:

Агар дар гирдбоди ҳаёт рӯҳи ту ғамгин аст,
Роҳат бо абрҳои ноумедӣ андӯҳгин аст,
Ба хотир ор, ки Худованд
Чӣ қадар марҳамат кард,
Ва аз амалҳои Ӯ ҳайрон мешавӣ.

## 14 ИЮН

**“Ғазаби Худо аз осмон зоҳир мешавад бар ҳар гуна худонотарсӣ ва бадкирдории одамон”**

*(Румиён 1:18)*

Ғазаби Худо хашм ва ҷазоҳои Ӯ ба гуноҳкорони тавбанакарда дар ҳамин ҳаёт ва абадият мебошад. А.У. Тинк таъкид карда буд, ки ғазаб, баробари вафодорӣ, қудрат ё меҳрубонии Ӯ, яке аз ҷиҳатҳои хислати олидараҷа ва комили Худост, ва мо набояд барои сафед кардани он кӯшиш намоем.

Асоси ҳар гуна андешаҳо оиди Худо ҳамеша бояд фактҳои зерин бошад.

Миёни муҳаббати Худо ва ғазаби Ӯ ягон зиддият нест. Муҳаббати ҳақиқӣ доимо гуноҳ, беитоатӣ ва зиддиятро ҷазо медиҳад.

Агар инсон муҳаббати Худоро рад кунад, ғайр аз ғазаби Худо боз чӣ насиби вай шуда метавонад? Танҳо ду иқоматгоҳи абадӣ ҳаст – осмонҳо ва дӯзах. Осмонҳоро рад намуда, одам ба таври автоматӣ дӯзахро интихоб мекунад.

Худо дӯзахро на барои одамон, балки барои шайтон ва фариштагонаш офаридааст (Мат. 25:41). Худо хоҳони марги гунаҳкор нест (Ҳиз. 33:11). Аммо барои шахсе ки Масеҳро рад кунад, интихоби дигар нест.

Ишаъё менависад, ки доварӣ барои Худо амали ғайриодӣ аст (Иш. 28:21). Ақидае ҳаст, ки Ӯ бо хушнудии бештар марҳамат зоҳир мекунад (Яъқ. 2:136).

Дар ғазаби Худо заррае интиқомгирӣ ё кина нест. Ин ғазаб одилона буда, бо гуноҳ олуда нест.

Ғазаби Худо хусусияти Ӯст, ки мо наметавонем ва набояд ба он тақлид кунем. Танҳо Ӯ барои ғазаб ҳуқуқ дорад, охир, фақат Ӯ метавонад доварии воқеан одилона кунад. Аз ҳамин сабаб Павлус ба румиён менависад: “ Эй азизон, қасоси худро нагиред, балки ба ғазаби Худо вогузор кунед; зеро навишта шудааст: “Қасос аз ҷониби Ман аст, Ман сазо медиҳам, мегӯяд Худованд” (Рум. 12:19).

Вақте ки шахси масеҳӣ ба ғазаб меояд, ғазаб бояд одилона бошад. Ин ғазаб набояд ба хашми пургуноҳ табдил ёбад (Эфс. 4:26). Мо танҳо ҳамон вақт ба ғазаб ҳуқуқ дорем, ки обрӯи Худо ба қимор монда шудааст, лекин ҳаргиз на бо мақсади худҳимоякунӣ ё худсафедкунӣ.

Агар мо ҳақиқатан ба ғазаби Худо бовар мекарда бошем, ин бояд моро водор намояд, то бо Инҷил назди онҳое равем, ки ҳанӯз дар роҳи васеи сӯи ҳалокат мебурда истодаанд. Ва мо танҳо бо ашки дилсӯзӣ ҳақ дорем дар бораи ғазаби Худо мавъиза намоем.

## 15 ИЮН

**“Эҳсонҳои Худованд поён надорад, ва марҳаматҳои Ӯ беинтиҳост; онҳо ҳар субҳ аз нав зоҳир мешаванд: вафои Ту бузург аст”**

*(Навҳаҳои Ирмиё 3:22,23)*

Худо ростгӯ ва вафодор аст. Ӯ дурӯғ гуфта ё фиреб карда наметавонад. Ӯ ба қавли Худ вафо накардан наметавонад. Ба Ӯ доимо ва дар ҳама чиз такя кардан мумкин аст. Ӯ ҳамеша ваъдаи Худро иҷро мекунад.

“Худо одамизод нест, ки дурӯғ бигӯяд, ва писари одам нест, ки аз ваъдаи худ пушаймон шавад: оё Ӯ сухане мегӯяд – ва ба ҷо намеоварад? Ва оё Ӯ қавле медиҳад – ва иҷро намекунад?” (Ад. 23:19). “Пас бидон, ки Худованд Худои ту Худост, Худои амин аст” (Так. Шар. 7:9).

Вафодории Худоро мо дар он мебинем, ки Ӯ моро ба мушоркати Писари Худ даъват намудааст (1Қур. 1:9); дар он, ки Ӯ намегузорад, то мо берун аз қуввати худ озмуда шавем (1Қур. 10:13). Он равшан дар он зоҳир мешавад, ки чӣ тавр Ӯ моро устувор мегардонад ва аз шарир нигоҳ медорад (2 Тас. 3:3). Ҳатто агар баъзеҳо бовар накунанд, Ӯ ба ҳар ҳол вафодор аст, зеро ки Худро инкор карда наметавонад (2Тим. 2:13).

Худованд Исо ростӣ дар ҷисм аст (Юҳ. 14:6). Каломи Худо ростии поккунанда аст (Юҳ. 17:17). “Худо барҳақ аст, агарчи ҳар одам дурӯғгӯй бошад” (Рум. 3:4).

Дониш дар бораи он ки Худо ростқавл ва бовафо аст, ҷонҳои моро бо дилпурии хурсандибахш пур мекунад. Мо медонем, ки Ӯ ба ҳамаи ваъдаҳояш вафо мекунад (Иб. 10:23). Мо, масалан, медонем, ки ҳеҷ чиз аллакай наметавонад моро аз наҷот маҳрум созад, охир Ӯ гуфтааст, ки ягон гӯсфанди Ӯ нобуд нахоҳад шуд (Юҳ. 10:28). Мо медонем, ки ҳаргиз ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нахоҳем шуд, зеро Ӯ ваъда кардааст, ки ҳар эҳтиёҷи моро қонеъ хоҳад кард (Фил. 4:19). Худо мехоҳад, ки одамони Ӯ ростқавл ва бовафо бошанд. Ӯ мехоҳад, ки мо доимо ба қавли худ вафо кунем. Мехоҳад, ки мо ҳамеша дар вақташ, бе даранг оем. Дар муҳити масеҳиён барои дурӯғ, муболиға ва нимростӣ набояд ҷой бошад. Мо бояд он чиро ки ваъда додаем, иҷро кунем. Дар назари ҳар масеҳӣ вафодории заношӯӣ бояд дорои арзиши бефано бошад. Имондор ҳамчунин ҳангоми дар ҷамоат, дар ҷои кор ва хона иҷро кардани ӯҳдадориҳои худ бояд вафодор бошад.

Мо бояд ба Худо барои вафодории Ӯ беандоза миннатдор бошем. Ноомади кор ва бебарорӣ барои Ӯ номаълум аст.

Вафои Ту бузург аст, эй Худои ман!
Ту ба таври аҷиб ҳикмат ва меҳрубони Худро зоҳир кардаӣ.
Ту тағйир наёфтаӣ, аз аввал Ту худи ҳамонӣ,
Пур аз дилсӯзӣ ва муҳаббати Падар.

**“Валекин Худои мо дар осмон аст; ҳар чи хоҳад, ба амал меоварад”**

*(Забур 113:11)*

Худо оҳибихтиёр аст. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ Ҳокими волои коинот аст ва ҳар чи хоҳад, ба амал меоварад. Ба ҳама чизи дар боло зикршуда ҳатман бояд илова кард, ки ниятҳои Худо доимо пок, одилона ва ба фоидаи дигарон равона шудаанд. Роҳҳои Ӯ доимо комиланд.

Ишаъё суханони Худоро иқтибос меоварад: “Иродаи Ман иҷро хоҳад шуд, ва ҳар он чиро, ки хостаам, ба ҷо хоҳам овард” (Иш. 46:10). Вақте ба Набукаднесар аз нав ақл баргашт, вай гуфт: “Ӯ ба лашкари осмон ва сокинони замин бар тибқи иродаи Худ амал мекунад, ва касе нест, ки дасти Ӯро рад намояд ва ба Ӯ бигӯяд: “Чӣ мекунӣ?” (Дон. 4:32). Расул Павлус бо қатъият изҳор мекунад, ки одам ҳақ надорад дар дуруст будани амалҳои Худо шубҳа кунад: “Аммо ту кистӣ, эй одамизод, ки бо Худо баҳс мекунӣ? Оё сохташуда ба созанда мегӯяд: “Чаро маро чунин сохтӣ?” (Рум. 9:20). Дар ҷои дигар вай дар бораи Худо чун дар бораи Оне мегӯяд, “ки ҳама чизро мувофиқи нақшаи хости Худ ба амал меоварад” (Эфс. 1:11).

Сперҷен гуфта буд: “Мо Худои ҳукмронро мавъиза мекунем. Ин ҳуқуқи Ӯст, ки бо мансубони Худ тавре рафтор намояд, чунон ки Ӯ инро мехоҳад. Ин ҳуқуқи Ӯст, ки аз рӯи салохдиди Худ онҳоро роҳбарӣ кунад, ва дар баробари ин ақидаи онҳоро пурсон нашавад”.

Таълимот дар бораи соҳибихтиёрии Худо ҳамон таълимотест, ки ба Худо имкони Худо буданро медиҳад.

Ин ҳақиқат маро бо ҳисси иззату икром пур мекунад. Ман қобил нестам ин ҳақиқатро бо тамоми гуногуниаш то охир дарк намоям, аммо ман метавонам назди пойҳои Ӯ парастиш ва саҷдаи худро оварам. Ин ҳақиқат маро водор месозад, ки дар ҳама чиз ба Ӯ итоат намоям. Ӯ кӯзагар асту ман танҳо лой. Ӯ аз Рӯи Офаридгор ва Кафораткунанда буданаш бар ман ҳукмронӣ мекунад. Дар ҳеҷ ҳолат ман ҳақ надорам, ки ба Ӯ эътироз кунам ва ё ба дуруст будани қарорҳои Ӯ шубҳа намоям.

Ин ҳақиқат ба дил тасалло мебахшад. Ман медонам, ки Ҳокими олӣ буда, Ӯ доимо нақшаҳои Худро ба ҳаёт татбиқ мекунад ва ба мақсадҳои муқарраршуда мерасад.

Ва агарчи ман бисёр чизҳоеро, ки дар ҳаёти ман рӯй медиҳанд, фаҳмида наметавонам, ман дилпур буда метавонам, ки риштаҳои сиёҳ ба Ӯ, ки нақшу нигори ҳаёти маро мебофад, на камтар аз риштаҳои тиллогин ва нуқрагин лозиманд.

**“Оё беинтиҳоии Худоро метавонӣ дарёбӣ?
Оё то ба ақсои умқи Қодир метавонӣ бирасӣ?”**

*(Айюб 11:7)*

Дар бораи дигар сифатҳое ки Худо дорад, агарчи кӯтоҳ бошад, зикр накардан номумкин аст. Андешаҳо оиди камолоти Худо ба ҷон ёрӣ медиҳанд, ки бар замин парвоз карда, барои чизҳои боазамат ва боҳашамат тамоми чизҳои хурд ва ночизро тарк намояд.

Худо одил аст. Ин маънои онро дорад, ки Худо дар ҳар коре ки мекунад, боадолат ва беғараз аст. Ӯ “Худои одил ва наҷотдиҳанда аст” (Иш. 45:21).

Худо ақлнорас аст (Айюб 11:7,8). Ақли одам Ӯро фаҳмида наметавонад, чунки Ӯ бениҳоят бузург аст. Чунон ки Стефан Чарнок гуфта буд, “надидан номумкин аст, ки Худо ҳаст; дидан номумкин аст, ки Ӯ чӣ гуна аст”. Ричард Бакстер бошад гуфтааст: “Худоро донистан мумкин аст, лекин Ӯро дарк кардан номумкин аст”.

Худо ҷовидон аст – Ӯ на аввал дораду на охир (Заб. 89:2-5). Ӯ дар абадият зиндагӣ мекунад.

Худо некӯст (Наҳ. 1:7). Ӯ “барои ҳама некӯст, ва марҳаматҳои Ӯ бар тамоми аъмоли Ӯст” (Заб. 144:9).

Худо беҳудуд аст (3Под. 8:27). Ӯ ҳадду ҳудуд надорад. “Бузургии Ӯ аз ҳар гуна тахмин, андоза ва тасаввуроти одам зиёд аст”.

Худо воҷибулвуҷуд аст (Хур. 3:14). Ҳастии Ӯ аз ягон сарчашмаи берунӣ сар намешавад, Ӯ Худаш сарчашмаи ҳаёти Худ ва ҳамчунин мавҷудоти дигари зинда мебошад.

Худо худкифоякунанда аст, яъне дар Ваҳдати Сегона Ӯ дорои тамоми чизест, ки ба Ӯ ягон вақт даркор шуда метавонист.

Худо болотар аз ҳама аст. Ӯ аз коинот ва вақт хеле баланд истода, аз офариниши моддӣ ҷудо аст.

Охирин хусусияти Худо пешбинии Ӯст. Дар муҳити масеҳиён оиди масъалае ихтилофот вуҷуд доранд, ки оё пешбинии Худо пешакӣ муқаррар мекунад, ки кӣ наҷот меёбад, ё Худо ҳамин тавр пешакӣ медонад, ки кӣ ба Наҷоткор бовар мекунад. Дар асоси нома ба Румиён 8:29 ман чунин мешуморам, ки Худои мустақил одамони муайянро интихоб карда, муқаррар кард, ки ҳамаи онҳое ки Ӯ ба ҳамин тариқ пешакӣ шинохтааст, дар ниҳояти кор ҷалол хоҳанд ёфт.

Ана мо ба охири азназаргузаронии кӯтоҳи хусусиятҳо ва сифатҳое ки ба Худо хос ҳастанд, расидем. Аммо ин мавзӯъро то ба охир расондан номумкин аст. Худо чунон бузург ва пурҷалол аст, Ӯ моро ба чунон ларза меоварад, ки мо Ӯро танҳо аз шишаи хира мебинем. Ӯ бепоён аст, ва ақли маҳдуди одам ҳаргиз Ӯро дарк карда наметавонад. Дар давоми тамоми абадият мо дар бораи муъҷизаҳои Шахсияти Ӯ андеша хоҳем кард, ва ба ҳар ҳол моро лозим меояд, ки эътироф намоем: “Ҳатто нисфи тамоми чиз нақл карда нашудааст”.

**“Ибодати пок ва беайб пеши Худо ва Падар ин аст, ки ятимон ва бевазанонро дар душвориҳои онҳо датгирӣ кунем ва худро аз олудагии ҷаон нигоҳ дорем”**

*(Яъқуб 1:27)*

Бо ин Яъқуб асло гуфтан намехост, ки ин ягона корест, ки масеҳӣ бояд ба ҷо оварад. Вай танҳо мехост таъкид кунад, ки ҳеҷ чиз дар бораи ҳаққонияти ибодати мо беҳтар аз он шаҳодат намедиҳад, ки дар ҳаққи бевазанону ятимон ғамхорӣ кунем ва худро олуда накарда нигоҳ дорем. Оё ин ҳайратовар нест? Яъқуб на дар бораи мавъизаҳои пурҷӯшу хурӯш, на дар бораи меҳнати миссионерӣ, на дар бораи инҷилшиносонӣ менависад, чунон ки мо ба ҷои вай мекардем, балки дар бораи хабар гирифтани мӯҳтоҷон.

Расул Павлус ба пирони ҷамоати Эфесус хотиррасон карда буд, ки чӣ тавр вай “хона ба хона” рафта таълим медод (Аъм. 20:20). Ҷ. Н. Дарбӣ ба дидани кас рафтанро “қисми аз ҳама муҳими кор” меҳисобид. Вай навишта буд: “Ҳар соат овози занги соат мебарояд, ва ҳамаи касоне ки аз назди он мегузаранд, онро мешунаванд. Аммо танҳо ба шарафи кори механизми дарунӣ, ки барои атрофиён диданашаванда аст, ин соатҳо умуман мегарданд, ақрабакҳо бошанд вақтро дуруст нишон медиҳанд. Ман фикр мекунам, ки хабаргирӣ бояд кори асосии ту бошад, тамоми чизи боқимондаро бошад ба андозаи даркорӣ ба ҷо овар. Ман аз чорабиниҳо ва маъракаҳои инҷилшиносонии пурмағал он қадар шод нестам, махсусан агар дар ин ҳолат оиди кори алоҳида бо ҳар як шахс фаромӯш шавад” (Аз нома ба Ҷ. У. Уиграм аз 2 августи соли 1839).

Бевазани пир, ки танҳо зиндагӣ мекард, ба синну соле расида буд, ки бе ёрии дӯстон ва ҳамсоягон аллакай илоҷ надошт. Барои гузарондани вақт вай ба навиштани рӯзнома шурӯъ намуд, ки дар он рӯйдодҳои ҳар рӯзро, махсусан робитаҳоро бо олами берунӣ менавишт. Рӯзе ҳамсоягон диққат доданд, ки дар атрофи хонаи вай аллакай якчанд рӯз ягон нишонаи ҳаёт нест. Вақте ки полисҳои аз ҷониби онҳо даъватшуда ба хона даромаданд, диданд, ки вай аллакай якчанд рӯз боз мурда аст. Дар давоми се рӯзи охири ҳаёти худ вай дар рӯзномааш чунин навишта буд: “Ҳеҷ кас наомад. Ҳеҷ кас наомад. Ҳеҷ кас наомад”.

Дар даводавии ҳаррӯза шахсони бекас, мӯҳтоҷ ва нотавонро фаромӯш кардан хеле осон аст. Мо бо чизи дигар машғул шуданро беҳтар дониста, чунин шаклҳои хизматгузориро интихоб мекунем, ки бештар шӯҳрат ва қадршиносӣ меоваранд, доимо имкон медиҳанд, ки намоён бошем. Аммо агар мо хоҳем, ки ибодати мо пок ва бенуқсон бошад, ҳаргиз ятимон, бевазанон, одамони кӯҳансол ва беморронро бе диққат ва парасторӣ намемонем. Дили Худо ба ҳама касоне, ки ба ёрӣ мӯҳтоҷанд, бо муҳаббати махсус месӯзад, ва Ӯ барои онҳое ки ба ёрӣ додан омода ҳастанд, мукофоти махсус тайёр кардааст.

**“... некӯаҳволии ту тамоми умри ту давом мекунад”**

*(Такрори Шариат 33:25)*

Худо ба халқи Худ ваъда медиҳад, ки ба онҳо ҳамон қадар қувват хоҳад дод, ки ба онҳо дар лаҳзаи муайян лозим аст. Ӯ ваъда медиҳад, ки онро пешакӣ намедиҳад, вақте ягон нишонаи бӯҳрон нест, аммо ҳамон вақте ки он ҳақиқатан меояд, Худо дасти ёрӣ дароз мекунад.

Ҳамин тавр, эҳтимол шумо бояд дучори бемориҳо ё азоб шавед. Агар шумо пешакӣ дониста метавонистед, ки то чӣ андоза ин озмоиш душвор хоҳад буд, ҳатман чунин мегуфтед: “Ман медонам, ки ба ин ҳаргиз тоб оварда наметавонам”, Лекин якҷоя бо озмоишҳо ёрии Худо низ меояд, ва шумо дар ҳайрат пеши Ӯ сар хам мекунед, ва ҳамроҳи шумо тамоми атрофиён.

Моро тамоми умр тарси он рӯз таъқиб мекунад, ки марг дӯстдоштагони моро мегирад. Мо боварӣ дорем, ки ҷаҳони хурди мо нобуд мешавад, ва худи мо ҳаргиз аз ин зарба ба худ нахоҳем омад. Лекин мо сахт гумроҳ мешавем. Маҳз дар ҳамин лаҳза мо наздик будани Худо ва қудрати Ӯро ҳис мекунем, чунон ки ҳаргиз пештар ин қадар равшан ва тез ҳис намекардем.

Бисёрии мо ҳангоми садама ё фалокат ба марг хеле наздик будем. Лекин дар дилҳои мо ба ҷои воҳима осоиштагӣ ҳукмрон буд. Мо медонем, ки дар назди мо Худовандест, ки доимо тайёр аст ёрӣ диҳад.

Ҳикояҳоро дар бораи шахсоне ки ҳаёташонро ба номи Масеҳ фидо кардаанд, хонда, мо гаштаву баргашта дарк менамоем, ки ҳангоми озмоишҳои калон Худо файзи бузург медиҳад. Ҷасорати ин риёзаткашон аз далерии одии одамӣ баланд буд. Онҳо матонати худро яқинан аз сарчашмаи осмонӣ мегирифтанд.

Ҳеҷ кас ба он факт шубҳа намекунад, ки тамоми ғаму ташвишҳои “пешакӣ” (ҳанӯз то омадани мушкилӣ), ғайр аз захми меъда дигар чизе намеоваранд. Охир файз ва қуввати Худоро мо на пешакӣ мегирем, балки маҳз ҳамон вақте ки хеле ба он мӯҳтоҷ ҳастем. Чунон ки Д. У. Уитт гуфта буд:

Ӯ ёрӣ медиҳад, ки ҳама чизро паси сар кунам,
Файз ва қувват медиҳад, то ба ҳама чиз тоб оварам.
Аммо агар ёрӣ барои пагоҳ пагоҳ меомада бошад,
Чаро ташвишҳои фардоро бар худ бор кунам?

Ҳаргиз ҳақиқати сатрҳои олидараҷаи Анна Ҷонсон Флинт хира намешавад:

Ҳар қадаре ки бор вазнин бошад,
Ҳамон қадар бештар Ӯ файз медиҳад,
Ҳар қадаре ки роҳ серхор бошад,
Ҳамон қадар бештар Ӯ ба мо қувват мебахшад.
Вақте ки ҷароҳатҳо зиёд мешаванд,
Меҳрубонии Ӯ низ зиёд мешавад,
Ҳар қадаре ки таъқибот даҳшатноктар бошанд,
Ҳамон қадар бештар Ӯ ба дил оромӣ медиҳад.

# 20 ИЮН

**“Зани солеҳаро кист, ки тавонад биёбад?
Баҳои вай аз ҷавоҳир гаронтар аст”**

*(Масалҳо 31:10)*

Шавҳари масеҳӣ дар зани худ кадом накӯкориҳоро дидан мехоҳад? Мо танҳо оиди якчандтои онҳо сухан меронем. Умедворам, ки ҳеҷ касе кӯшиш намекунад ҳамаи онҳоро дар як зан пайдо намояд, зеро ин далели хомии худи мард мебуд.

Пеш аз ҳама вай бояд парҳезгор бошад – на фақат аз олами боло зодашуда, балки зани масеҳие бошад, ки ба камоли рӯҳонӣ расидан мехоҳад. Ин гуна зан дар ҳаёти худ ба ҷои аввал Масеҳро мегузорад. Барои вай дуо ва хизмат ба Худованд хеле муҳим аст. Ин бояд зан бо хислати масеҳӣ ва табиати мукаммал бошад, ки шоистаи эҳтироми шавҳар буда, дар навбати худ шавҳарро низ ҳурмат мекарда бошад.

Ин гуна зан бо камоли майл ба шавҳари худ итоат карда, дар хотир дорад, ки ин ҷойро барои вай Худо интихоб кардааст, ва бо тамоми қувват ба шавҳари худ ёрӣ медиҳад, ки мавқеи сардориро ишғол намояд... Вай ҳаргиз вафодории заношӯиро вайрон намекунад... Вай завҷа ва модари хуб аст... Вай ба намуди зоҳирии худ нигоҳубин мекунад, доимо босалиқа ва базеб либос мепӯшад, аммо на серороиш ва на бо карруфар.

Зани идеалӣ – зани хонашини хуб аст, хонааш доимо тоза ва ботартиб аст, ва ҳар гуна корро чолокона ба амал меорад. Вай доимо дар соати муайян хӯроки нисфирӯзии бомазаро тайёр мекунад, ва меҳмоннавозиро дӯст медорад... Вай, албатта, мақсадҳо ва манфиатҳои шавҳари худро бо ҳам мебинад.

Вақте ки ихтилофот ба вуҷуд меоянд, ба ҷои канораҷӯӣ карда рӯй турш намудан вай тайёр аст мушкилоти худро ошкоро муҳокима намояд. Вай омода аст, ки қарори ба ҳар ду тараф мақбулро ҷӯё шавад, ва агар даркор бошад, бахшиш пурсида, ба гуноҳи худ иқрор шавад.

Вай ғайбатчӣ нест ва ба корҳои бегона дахолат намекунад. Вай ором ва фурӯтан аст, барои вай майдагапӣ ва ҷангарагӣ бегона аст.

Вай хароҷотро бо даромад мувофиқ карда метавонад. Вай ба хотири чизҳои боҳашамат аз ақл бегона намешавад ва кӯшиш намекунад, ки ба ҳамсоягон баробар шавад.

Вай тайёр аст ба ҳама бадбахтиҳои ба сараш меомада сархамона тоб оварад.

Вай ӯҳдадориҳои заношӯии худро на бо итоати дилгирона ё рӯйи турш, балки бо хурсандӣ иҷро мекунад.

Вай феъли олидараҷа дорад, вай дӯсти хуб аст, вай кӯшиш намекунад, ки аз ҳисоби дигарон ба мартабаи баланд расад, ба вай ҳамеша такя кардан мумкин аст.

Шавҳарон бояд миннатдор бошанд, агар дар занҳои худ аксари ин хислатҳоро пайдо кунанд, занҳо бошанд метавонанд ин рӯйхатро барои он истифода баранд, ки боз якчанд зина болотар бароянд.

# 21 ИЮН

**“Эй шавҳарон, занони худро дӯст доред, чунон ки Масеҳ низ ҷамоатро дӯст дошт ва Худро аз барои он дод”**

*(Эфесусиён 5:25)*

Зани масеҳӣ шавҳари худро чӣ гуна дидан мехоҳад? Чизи асосӣ барои вай бояд на намуди зоҳирӣ, балки ҳаёти рӯҳониаш бошад.

Ин бояд шахсе бошад, ки аз самими дил Худоро дӯст дошта, пеш аз ҳама Подшоҳии Худо ва росткории Ӯро ҷустуҷӯ мекунад. Мақсади ӯ хизмат ба Худованд ва фаъолона кор кардан дар ҷамоати маҳаллӣ аст. Ӯ бояд ҳаёти рӯҳонии оиларо ташкил намуда, онро идора кунад, ва ҳамчунин дар доираи оилавӣ бо омӯзиши Навишта машғул буда, чун имондор намуна бошад.

Вай зани худро дӯст медорад; барои қонеъ гардондани талаботи моддии оилаи худ вай остин барзада кор мекунад. Аммо пул дар ҳаёти вай нақши муҳимро намебозад. Вай ҳасадхӯр ва хасис нест.

Вай фарзандони худро дӯст медорад, ва қуввату вақтро дареғ надошта, онҳоро таълим медиҳад. Аксаран вай ҳамроҳи онҳо ба иҷрои ягон коре шурӯъ карда, дар ҳама чиз барои онҳо намунаи хуб аст ва ба ҳар яки онҳо диққат медиҳад.

Вай хӯҷаини меҳмоннавоз аст. Дари хонаи вай барои хизматгорони Худованд, барои ҳамаи масеҳиён, ва барои наҷотнаёфтагон низ кушода аст. Дар оилаи вай муҳити якдигарфаҳмӣ ҳукмрон аст. Вай медонад, ки ҳеҷ кас комил нест, ва аъзоёни оиларо, чунон ки онҳо ҳастанд, бо тамоми фазилатҳо ва камбудиҳояшон қабул мекунад, ва ба хатоҳову нокомиҳои онҳо метавонад бо ҳусни фаҳмиш табассум намояд. Барои вай ҳам ҳаёти рӯзмарра ва ҳам ҳаёти рӯҳонии онҳо муҳим аст. Вақте вай дар гуфтор ё кирдор ба ягон чизи нодуруст роҳ диҳад, тайёр аст хатояшро эътироф карда, бахшиш пурсад. Вай ба ҳар гуна хоҳиш ва пешниҳод аз ҷониби оила шодбош мегӯяд. Ҳангоме ки занаш ба нобарорӣ дучор мегардад, хуб мебуд, ки вай дар ин ҳолатҳо зиндадил ва некбин бошад.

Кадом зан намехоҳад, ки шавҳар озода, покиза, беғурур, софдил, латиф, бовафо ва саховатманд бошад; ба вай дар ҳама кор ва ҳамеша такя кардан мумкин бошад; вай некиро қадрдонӣ карда, барои он миннатдор буда тавонад? Илова бар ин вай бояд ҳазлкаш буда, серғурбат ва нолакунанда набошад.

Аз эҳтимол дур аст, ки дар ҷаҳон марде бошад, ки ҳамаи ин сифатҳоро дошта бошад. Зан бояд барои он ҷиҳатҳои хубе ки шавҳараш дорад, миннатдор бошад, ва бо муҳаббат ба вай ёрӣ диҳад, ки ҷиҳатҳои хуби навро пайдо намояд.

## “Ҳама чизро озмоиш кунед, чизи хубро нигоҳ доред”

*(1Тасолуникиён 5:21)*

Баъзан чунин метобад, ки масеҳиён беш аз ҳар каси дигар ба тамоми чизҳои аҷибу ғариб, назарияҳо ва таълимоти навбаромад ҳарисанд. Ҷон Бланчард боре дар бораи ду ронандаи автобусҳои сайёҳӣ навишта буд, ки таассуротҳои худро оиди саёҳати охирин баён мекарданд. Вақте яке аз онҳо зикр кард, ки дар автобуси вай танҳо масеҳиён буданд, дигаре пурсид: “Ба ростӣ? Онҳо ба чӣ бовар мекунанд?” Якумӣ дар ҷавоби вай гуфт: “Ба ҳар чизе ки ман ба онҳо мегӯям”.

Ҳамин тавр, масалан, мавзӯи асосии тамоми сӯҳбатҳо истеъмоли хӯрок шуда метавонад. Хӯроквориҳои муайян қариб заҳр эълон мешаванд, дигаронашон бошанд нӯшдору аз ҳар гуна касалӣ шуморида мешаванд. Ва ё гуфтугӯ метавонад оиди тиб бошад, вақте ки ба ягон реша ё доруи ғароиб хусусиятҳои шифобахши фавқуттабиирo нисбат медиҳанд.

Вақте ки сухан дар бораи хайрот меравад, зудбоварии масеҳиён бо сабукфикрӣ наздик аст. Масалан, дар Амрико онҳо ба ҳар касе ки барои эҳтиёҷоти ятимон ё мубориза бар зидди коммунизм пул ҷамъ мекунад, бо камоли майл пул медиҳанд, ва дар бораи фаъолияти ин фондҳо ягон тасаввурот надоранд. Фиребгарон низ ҳосили бой меғундоранд. Ҳикояи “ашкрезонанда”-и онҳо он қадар боварибахш набошад ҳам, пул чун селоб ҷорӣ мешавад.

Мушкилии мо аниқтараш дар он аст, ки мо бовар карданро аз зудбоварӣ фарқ карда наметавонем. Бовар кардан он чизеро чун ҳақиқат қабул мекунад, ки дар тамоми коинот аз он боварибахштар ва бехато наметавон пайдо кард, яъне Каломи Худоро. Зудбоварӣ ҳама чизро ҳақиқат мепиндорад, ва барои тафтиши ҳақиқӣ будани он кӯшише ба харҷ намедиҳад, ва баъзан ҳатто бар хилофи далелҳои радкунандаи он.

Худо ҳеҷ гоҳ намехост, ки халқи Ӯ қобилияти солимақлона мулоҳиза кардан ё таҳлили танқидӣ карданро фаромӯш кунад. Дар Навишта мо бисёр вақт бо чунин насиҳатҳо вомехӯрем:

“Ҳама чизро озмоиш кунед, чизи хубро нигоҳ доред” (1 Тас. 5:21).

“...Гаронбаҳоро аз ночиз берун овар” (Ирм. 15:19).

“Ва дар он хусус дуо мегӯям, ки муҳаббати шумо дар дониш ва камоли фаҳм торафт афзунтар гардад” (Фил. 1:9).

“ Эй азизон! Ба ҳар рӯҳ бовар накунед, балки рӯҳҳоро имтиҳон кунед, ки оё аз Худо ҳастанд, чунки бисёр пайғамбарони дурӯғин ба сар то сари дунё рафтаанд” (1Юҳ. 4:1).

Хатари калонтарин, албатта, тамоюлҳо ва назарияҳои нав дар таълимоти масеҳӣ мебошанд. Аммо масеҳиён дар дигар соҳаҳои зиёд низ роҳгум зада, қурбонии ҳилаву найранги ин ҷаҳон шуда метавонанд.

**“... онҳоеро, ки дар Исо мурдаанд”**

*(1Таслуникиён 4:14)*

Мо бояд чӣ гуна аксуламал нишон диҳем, вақте дар Худованд шахсе ки хеле дӯсташ медоштем, мемурад? Баъзе масеҳиён хеле сахт ноумед ва ғамгин мешаванд. Дигарон, ҳарчанд ашкҳои худро боздошта наметавонанд, ҷасурона ин талафотро аз сар мегузаронанд. Ҳама чиз ба он вобастагӣ дорад, ки мо то чӣ андоза сахт ба Худо пайваст шудаем ва то чӣ андоза пурра ҳақиқатҳои бузурги имони худро дарк намудаем.

Пеш аз ҳама мо бояд ба марг аз нуқтаи назари Наҷоткор нигоҳ карданро ёд гирем. Охир ин ҷавоб ба дуои Ӯст: “Эй Падар! Мехоҳам онҳое ки ба Ман додаӣ, дар он ҷое ки мебошам, бо Ман бошанд, то ҷалоли Маро, ки ба Ман додаӣ, бинанд...” (Юҳ. 17:24). Вақте шахси дӯстдошта барои он меравад, ки бо Ӯ бошад, Ӯ “аз заҳмати ҷони Худ самар дида, қонеъ хоҳад шуд” (Иш. 53:11). “Мамоти порсоёни Худованд дар назари Ӯ гарон аст!” (Заб. 115:6).

Сипас мо бояд дарк кунем, ки барои худи мурда марг чӣ маъно дорад. Вай ба осмон рафт, то ки Подшоҳро дар тамоми ҷамолаш бинад. Вай то абад аз гуноҳ, беморихо, азобҳо ва андӯҳҳо халос шуд. Вай аз шӯру шарри оянда рабуда шуд (Иш. 57:1). “Ҳеҷ чиз монанди ба хона рафтани шахси муқаддас шуда наметавонад...ба хона рафтан, ин кулбаи кӯҳнаро тарк карда, аз занҷири чизҳои моддӣ озод шудан – ва суруди табрикии миллионҳо фариштагонро шунидан”. Усқуф Райл навишта буд: “Худи ҳамон замоне ки имондор мемурад, вай ба биҳишт медарояд. Муҳорибаҳои вай аллакай тамом шуданд. Муборизаи вай ба охир расид. Вай он водии тираеро, ки ҳамаи мо бояд ягон вақт аз он гузарем, аллакай паси сар кард. Вай аз он дарёи тира, ки ба мо низ аз он гузаштан лозим меояд, аллакай гузашт. Вай он косаи охирини талхро, ки гуноҳ барои одам тайёр кард, аллакай нӯшид. Вай ба ҷое расид, ки дар он дигар андӯҳ ва оҳи дарднок нест. Оё мо мехоҳем, ки вай боз баргардад?! Мо бояд на барои ҳоли вай, балки барои ҳоли худ гиря кунем”. Имон ин ҳақиқатро дар дили худ эҳтиёткорона ниҳон медорад ва мисли дарахте ки назди ҷӯйҳои об шинонда шудааст, устувор меистад.

Барои мо марги шахси дӯстдошта доимо бо худ андӯҳ меорад. Лекин андӯҳи мо мисли андӯҳи онҳое ки умед надоранд, нест (1Тас. 4:13). Мо медонем, ки шахси азизи мо бо Масеҳ аст, аз ин беҳтар ҷое нест. Мо медонем, ки ҷудоии мо кӯтоҳ аст. Мо боз дар теппаҳои замини Имонуил вомехӯрем ва якдигарро дар вазъиятҳое ки назар ба вазъиятҳои ин ҷо хеле беҳтар аст, хоҳем шинохт. Мо омадани Худовандро бесаброна интизорем, вақте онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал зинда хоҳанд шуд, баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, ҳамроҳи онҳо бар абрҳо бурда мешавем, то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем, ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд мешавем (1Тас. 4:16-17). Мо умед дорем, ва акнун ҳама чизро бо чашми дигар мебинем.

Бинобар ин тасаллиҳои Худо барои мо ҳаргиз кам нестанд (Айюб 15:11). Ба андӯҳи мо шодӣ зам мешавад, ваъдаи баракати абадӣ бошад дарди талафотро кам мекунад.

## 24 ИЮН

**“Кӯдаконро гузоред, ки назди Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро Подшоҳии Осмон аз они чунин касон аст”**

*(Марқус 10:14)*

Марги кӯдакон барои имони халқи Худо озмоиши сахт аст, ва дар чунин вазъият моро танҳо занҷирҳои махсусан сахти лангар метавонанд дар бандар нигоҳ доранд.

Дар миёни масеҳиён чунин ақида паҳн шудааст, ки тамоми кӯдакони дар синну соли хурд мурда, ки ҳанӯз барои кирдори худ ҷавобгар буда наметавонистанд, ба воситаи хуни Исо наҷот меёбанд. Тарафдорони ин ақида тақрибан чунин фикрронӣ мекунанд: “Кӯдак худаш ҳоло наметавонад Наҷоткорро қабул кунад ё рад намояд, ва бинобар ин Худо Худаш тамоми арзиши корнамоии Масеҳро дар салиб ба ҳисоби вай медарорад. Тифл ба воситаи марг ва растохези Худованд Исо наҷот ёфтааст, ҳатто агар вай худаш тамоми арзиши зиёди наҷотдиҳандаи ин ҳодисаро ҳаргиз дарк накарда бошад ҳам”.

Танҳо Худо муқаррар карда метавонад, ки дар кадом синну сол кӯдак барои корҳои худ ҷавобгар мешавад. Ин ҳудуди синну сол аз кӯдак ба кӯдак тағйир меёбад, охир баъзеи онҳо барвақттар, дигарашон дертар ба балоғат мерасанд.

Агарчи мо дар Навиштаҳо тасдиқи бевоситаро намеёбем, ки тамоми кӯдакони мурда, ки ба синну соли ҷавобгарӣ барои корҳои худ нарасидаанд, ба осмон мераванд, лекин дар он ду сатр ҳаст, ки бар нафъи ин назария мегӯяд. Ояти имрӯзаи мо аввалин аст: “Кӯдаконро гузоред, ки назди Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро Подшоҳии Осмон аз они чунин касон аст” (Мар. 10:14). Дар бораи кӯдакон сухан ронда, Исо гуфта буд: “ ...зеро Подшоҳии Осмон аз они чунин касон аст”. Ӯ нагуфт, ки барои ба Подшоҳии Худо даромадан онҳо бояд аввал калон шаванд; баръакс, онҳо аллакай ҳозир ба сокинони Подшоҳии Худо бисёр монанд ҳастанд. Ин ба нафъи назария дар бораи наҷот ёфтани ҳамаи кӯдакони хурд далели хеле қавӣ мебошад.

Исботи дуюм чунин аст. Вақте ки Исо дар бораи калонсолон сухан меронд, Ӯ гуфт: “Зеро Писари Одам омадааст, то гумшударо пайдо кунад ва наҷот диҳад” (Мат. 18:11).

Ин маънои онро дорад, ки кӯдакон мисли калонсолон роҳи ростро гум накардаанд ва Наҷоткор пас аз маргашон бо қудрати Худ онҳоро назди Худ мегирад. Ҳарчанд аз эҳтимол дур аст, ки онҳо дар бораи корнамоии наҷот ягон чиз медонистанд, Худо дар бораи ин медонад ва Худаш онҳоро бо росткории Масеҳ мепӯшонад.

Вақте мо мебинем, ки чӣ тавр Худо аз мо кӯдаконро мегирад, набояд ба пешбинии Ӯ шубҳа кунем. Ҷим Эллиот навишта буд: “Ман набояд ҳайрон шавам, ки Худо касонеро, ки ман ба онҳо имкон медодам ҳанӯз муддати дароз дар замин зиндагӣ кунанд, дар ҷавонӣ мегирад. Худо абадиятро аҳолинишин мекунад, ва чӣ тавр ман метавонам хоҳиш кунам, ки Ӯ танҳо бо мӯйсафедон қаноат кунад?”

**“Вой писарам Абшолӯм! Вой писарам, писарам Абшолӯм! Кошки ман ба ҷои ту мемурдам, вой Абшолӯм, писарам, писарам!”**

*(2Подшоҳон 18:33)*

Новобаста ба он ки Абшолӯм имондор буд ё не, дар гиряи падар ғуссаи бисёр имондороне инъикос меёбад, ки барои хешовандони тавбанакарда, ки шояд дар ҳаққашон солҳои зиёд дуо карда буданд, навҳа мекунанд. Оё барои ин гуна дилҳо “марҳам дар Ҷилъод” ҳаст? Навиштаҳо дар хусуси муносибати мо ба чунин марг чӣ мегӯяд?

Пеш аз ҳама мо ҳаргиз комилан дилпур буда наметавонем, ки ин одам ҳақиқатан бе Масеҳ мурд. Бисёрии мо шаҳодати як савораро шунидаем, ки ҳангоми аз монеа ҷастани асп аз зин афтид, ва ба Масеҳ имон овард: “Дар миёни рикоб ва замин вай барои марҳамат хитоб кард ва марҳамат ёфт”. Дигарӣ бошад лағжида, дар зинапоя худро дошта натавонист ва пеш аз он ки ба сатҳи об расад, тавба кард. Агар онҳо зинда намемонданд, ҳеҷ кас намедонист, ки онҳо дар имон мурданд.

Мо бовар мекунем, ки наҷоти абадиро шахси дар кома буда низ ба даст оварда метавонад. Духтурон мегӯянд, ки бисёр вақт шахси дар кома хобида ҳар он чиро ки дар ҳуҷра гуфта мешавад, мешунавад ва мефаҳмад, агарчи худаш ҳеҷ чиз гуфта наметавонад. Лекин агар вай шунида ва фаҳмида тавонад, пас чаро наметавонад бо имон Худованд Исоро қабул кунад?

Аммо биёед чизи даҳшатноктаринро фарз кунем. Биёед фарз мекунем, ки одам ҳақиқатан тавба накарда мурдааст. Мо бояд чӣ гуна мавқеъро ишғол намоем? Мо бояд дудила нашуда, Худоро тарафдорӣ намоем, ҳатто агар ин зидди ҷисм ва хуни мо бошад. Охир айби Худо нест, ки ягон кас дар гуноҳҳо мемурад. Нархи калонро дода, Ӯ барои одамон роҳи наҷотро кушод. Ӯ ин наҷотро муфт дода, на ба хизматҳои шоистаи мо менигараду на ба ҷиноятҳои мо. Агар одам худаш ин атои ҳаёти абадиро қабул кардан нахоҳад, пас Худо бо ин чӣ кор карда метавонад? Охир Ӯ наметавонад дар осмонҳо одамонеро маскун кунад, ки дар он ҷо будан намехоҳанд, дар акси ҳол ин аллакай осмонҳо нахоҳад буд.

Бинобар ин, агар ягон каси дӯстдоштаи мо бе Масеҳ мурад, ягона чизе ки мо карда метавонем, ғусса ва дарди абадии Писари Худоро ба ҳам дидан аст, ки бо алам дар бобати Уршалим гириста буд: “Хостам, ва шумо нахостед!”

Мо медонем, ки Довари тамоми замин ҳамеша “аз рӯи адл амал мекунад” (Ҳас. 18:15), ва бинобар ин ҳақ доимо ба ҷониби Ӯст: ҳам ҳангоми ҷазо додани беимонон, ва ҳам ҳангоми наҷот додани гуноҳкорони тавбакарда.

# 26 ИЮН

**“Ӯ ба онҳо гуфт: шумо ба танҳоӣ ба ягон ҷои хилват оед ва каме истироҳат кунед... пас ба ҷои хилват равона шуданд... чун онҳоро диданд, бисёре Ӯро шинохтанд; аз ҳамаи шаҳрҳо пиёда ба он сӯ шитофтанд ва аз онҳо пеш гузашта, назди Ӯ ҷамъ шуданд... Исо... ба онҳо раҳмаш омад”**

*(Марқус 6:31-34)*

Вақте ягон чиз ба кори мо халал мерасонад, мо хеле зуд ба ғазаб меоем! Ман аз хиҷолат сурх мешавам, вақте ба ёд меоварам, ки аз дархостҳои “берун аз нақша”, ки барои расидан ба мақсади барои худ гузоштаам халал мерасонданд, хашмгин мешудам. Ҳамин тавр, вақте ман ягон чиз менавиштам, ва қалам гӯё худаш дар рӯи коғаз медавид, ногаҳон телефон занг мезад ё ягон касе ки мӯҳтоҷи маслиҳат ё ёрӣ буд, дари хонаро тақ-тақ мезад. Ин гуна дахолатҳо барои ман тӯҳфаи ғайричашмдошти нохуш буданд.

Агар ягон кас ба нақшаҳои Исо халал мерасонд, Ӯ ҳаргиз ба ғазаб намеомад. Ӯ барои он рӯз ҳама чизро чун қисми нақшаи Худо қабул мекард. Маҳз ҳамин чиз ба ҳаёти Ӯ ботамкинӣ ва осудагии равшанро илова мекард.

Умуман, бисёр будани ин гуна мудохилаҳо дар бораи дараҷаи фоиданок будани мо шаҳодат медиҳанд. Яке аз хабарнигорони маҷаллаи “Энгликан Дайҷест” навишта буд: “Ҳангоме аз он хашмгин мешавед, ки кори шуморо доимо қатъ мекунанд, ба хотир оваред, ки маҳз бисёр будани чунин дахолатҳо нишонаи арзиши ҳаёти шумост. Бо мӯҳтоҷӣ ва ғам, барои маслиҳат ва ёрӣ одамон танҳо назди шахсе мераванд, ки барои ёрӣ додан ба дигарон доимо хоҳиш ва қувват дорад. Ин халалҳое ки мо доимо аз онҳо шикоят мекунем, дар асл шаҳодати беназирии мо мебошанд. Бадбахтии калонтарине ки мо ба сари худ оварда метавонем (аз ин хатар бояд эҳтиёт шуд!), бениҳоят мустақил ва чунон бефоида будан аст, ки ҳеҷ кас аз мо ягон чиз напурсад ва мо дар танҳоии нороҳат монем”.

Вақте дар бораи он чи мехонем, ки боре дар ҳаёти зани серкори хонашин рӯй дод, худро чандон хуб ҳис намекунем. Дар яке аз рӯзҳое ки зан бениҳоят серкор буд, вай аз кор сарашро бардошта, шавҳарашро дид, ки аз кор барвақтар омадааст. “Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? – бо озурдахотирии қариб ошкоро пурсид зан. “Ман ин ҷо зиндагӣ мекунам”, – ҷавоб дод шавҳар бо табассуми ранҷида. Пас аз солҳои зиёд он зан навишта буд: “Аз ҳамон дам ман ҷиддӣ қарор додам, ки ҳангоми аз кор ба хона баргаштани шавҳарам ҳама корҳоро яктарафа мегузорам. Ман ӯро бо табассуми навозишкорона пешвоз гирифта, дарак медодам, ки ӯ ҳақиқатан сардори ин хона аст”.

Ҳар як рӯзи худро мо бояд ба дасти Худованд супорида, хоҳиш намоем, ки ҳар як соати онро Ӯ аз рӯи салоҳдиди Худ пур кунад. Он гоҳ агар ягон кас кори моро қатъ намояд, мо хоҳем донист, ки Ӯ ин шахсро назди мо фиристодааст. Мо бояд сабабро фаҳмида, барои ёрдам додан ба ин шахс ҳама кори аз дастамон меомадаро кунем. Чунин шуда метавонад, ки маҳз ҳамин рӯйдоди муҳимтарин дар ин рӯз мешавад, агарчи он дар намуди халал омада бошад.

**“Лекин зан бо зоидани фарзанд нигоҳ дошта мешавад...”**

*(1Тимотиюс 2:15)*

Ҳангоме тамоми манъҳо ва маҳдудиятҳои бо хизматгузории зан дар ҷамоат алоқамандро мехонем, ба назар чунин менамояд, ки барои Павлус зан тамоман нокас, “ҷои холӣ” аст. Ҳамин тавр, масалан, зан набояд ба мард таълим диҳад ва бар мард ҳукмфармо шавад. Вай бояд “хомӯш бошад” (ояти 12). Аз ин суханон баъзеҳо хулоса мебароранд, ки дар дини масеҳӣ мақоми зан аз мақоми мард хеле пасттар аст ва ӯ ба зиндагии ҳақирона маҳкум шудааст.

Валекин ояти 15 дар бораи хато будани чунин ақида возеҳу равшан шаҳодат медиҳад. “Лекин зан бо зоидани фарзанд нигоҳ дошта мешавад...” Комилан аён аст, ки ин ҷо сухан на дар бораи наҷоти ҷон меравад, балки дар бораи наҷоти мақоми вай дар ҷамоат. Ба зан боварӣ ва шарафи бузург насиб шудааст. Ба вай супориш дода шудааст, ки писарон ва духтарони худро барои Худо тарбият кунад.

Уилям Росс Уэллес боре гуфтааст: “Ҷаҳонро ҳамон даст идора мекунад, ки гаҳвора меҷунбонад”. Аз ақиби қариб ҳар яке аз бузургон модари бузург меистад.

Аз эҳтимол дур аст, ки Сюзанна Уэслӣ дар давоми тамоми умри худ ақаллан як сухан аз минбар гап зада бошад, аммо акси садои хизматгузорие ки вай дар оромии хонадон мекард, дар сар то сари ҷаҳон бо кори миссионерии ду писари вай, Ҷон ва Чарлз паҳн шуд.

Дар замони мо занон беш аз пеш либоси зани хонашинро ба либоси фасони зани кордон, ки дар ҷаҳони тиҷорат ва касбу кор мартабаи баланд ишғол кардан мехоҳад, иваз мекунанд. Вай кори хонагиро дилбазан шумурда, тарбияти кӯдаконро чун коре ҳисоб мекунад, ки ба дигарон супурдан мумкин аст.

Боре ҳангоми хӯроки наҳорӣ, ки дар он масеҳизанон аз ҷамоатҳо ва мазҳабҳои бисёр ҷамъ шуда буданд, сухан дар бораи мартабаи баланд дар касбу кор рафт. Ҳар яки онҳо, муболиғаро дареғ надошта, кор ва маоши худро бо обу ранги зиёд тасвир менамуд ва кӯшиш мекард, ки дар пеши дигарон бартарии худро таъкид намояд. Ниҳоят навбат ба зани хонашин расид, ки се фарзандро тарбият мекард. Ба саволи “Ту чӣ кор мекунӣ, Шарлотта?” Шарлотта хоксорона ҷавоб дод: “Ман барои Худо хизматгузоронро тарбият мекунам”.

Духтари фиръавн ба модари Мусо гуфт: “Ин бачаро бибар, ва ӯро барои ман бимакон, ва ман муздатро хоҳам дод” (Хур.2:9). Шояд, ҳангоми доварии Масеҳ чизи ҳайратовартарин он музди калоне хоҳад буд, ки занон аз дасти Худо хоҳанд гирифт, зеро онҳо худро ба тарбияти писарону духтарон барои Ӯ ва барои абадият бахшидаанд.

Бале, вай “бо зоидани фарзанд нигоҳ дошта мешавад”. Бале, мақомҳои роҳбарикунандаро дар ҷамоат ва ҷойро дар минбари воизӣ Худо барои мардон таъйин кардааст, аммо, эҳтимол, фарзандони худро дар рӯҳияи Навишта тарбият кардани занҳо дар назари Худо кори хеле муҳимтар мебошад.

## 28 ИЮН

**“Ҳар кӣ имон оварда, таъмид гирад, наҷот меёбад; лекин ҳар кӣ имон наоварад, маҳкум мешавад”**

*(Марқус* 16*:*16*)*

Агар ин оят ягона ояти ба мавзӯи наҷот дахлдор мебуд, мо пурра ҳуқуқ медоштем ба хулосае оем, ки сафедшавӣ ба воситаи имон ва таъмид дода мешавад. Лекин ҳангоме 150 ояти Инҷил бо як овоз мегӯянд, ки шарти наҷот танҳо имон аст, мо бояд эътироф кунем, ки чунин як ё ду оят наметавонанд ба тамоми 150 муқобил бароянд.

Ҳарчанд таъмид барои наҷот ҳеҷ нақш намебозад, он барои ҳаёти итоаткорона бениҳоят муҳим аст. Худо мехоҳад, ки ҳамаи касоне ки ба Писари Ӯ чун ба Худованд ва Наҷоткор имон овардаанд, инро ба воситаи таъмид аз рӯи имон ошкоро тасдиқ кунанд.

Муаллифони Инҷил имондори таъмиднагирифта барин як падидаи нодурустро тахмин карда ҳам наметавонистанд. Онҳо таъмид гирифтани одами наҷотёфтаро амали худ аз худ маълум ҳисоб мекарданд. Ҳамин тавр дар Китоби Амалҳои Расулон мо дар бораи “таъмиди фаврӣ” мехонем. Шогирдон то хизматгузории махсуси ҷамоат мунтазир нашуда, имондоронро дарҳол пас аз эътирофи имонашон таъмид медоданд.

Таъмид чунон наздик аз пайи имон мерафт, ки Навишта дар бораи онҳо бо як нафас мегӯяд: “Ҳар кӣ имон оварда, таъмид гирад...”

Аз таълимот дар бораи таваллуди дубора ба воситаи таъмид, ки хилофи Навишта аст, раҳой ҷуста, мо аксаран ба ифроти дигар даст мезанем. Одамон ба осонӣ гумроҳ шуда, тахмин мекунанд, ки аслан таъмид гирифтан ё нагирифтани онҳо муҳим нест. Аммо ин бениҳоят муҳим аст!

Баъзеҳо кӯшиш мекунанд шуморо пургӯёна бовар кунонанд, ки метавонанд таъмид нагирифта, ба осмон раванд. Дар чунин маврид ман ин хел ҷавоб медиҳам: “Бале, ҳақ ба ҷониби шумост. Ба осмон бе таъмид ҳам рафтан мумкин аст, дар ин маврид шумо дар тамоми абадият ҳамин тавр бе таъмид мемонед. Ин яке аз он қадамҳоест, ки мо дар итоат ба Худованд ё ҳозир, ё ҳеҷ гоҳ карда метавонем.

Ҳеҷ яке аз онҳое ки ба Исои Масеҳ чун ба Худованд ва Наҷоткори худ бовар кардаанд, набояд таъмидро ба “таъхир” андозад. Охир дар таъмид онҳо ба ҳама шаҳодат медиҳанд, ки бо Ӯ мурданд, бо Ӯ зинда шуданд, ва ҳаёти навро пайдо карда, доимо ва дар ҳама ҷо тайёранд аз пайи Ӯ равон шаванд.

**“Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ сухани Маро шунавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст”**

*(Юҳанно 5:24)*

Биёед ин ҳақиқатеро, ки ин қадар ҷонҳоро дигаргун сохт, аз наздик дида мебароем.

Дар худи аввали ҷумла калимаи “ба ростӣ” ду маротиба такрор мешавад, ва ин нишонаи он аст, ки пас аз ин ягон чизи муҳимтаре ҳаст.

“Ба шумо мегӯям”: инро Худованд Исо мегӯяд (ниг.оят.19). Мо ҳамчунин бояд донем, ки ҳар он чи Ӯ мегӯяд, ҳақиқати мутлақ ва тағйирнопазир аст. Ӯ дурӯғ гуфта наметавонад. Ӯ фиреб дода наметавонад. Ӯро фиреб кардан ғайриимкон аст. Дар ҷаҳон аз қавли Ӯ дида ягон чизи боэътимодтар ва шоистаи боварӣ нест.

Ӯ ба кӣ муроҷиат мекунад? “Ба шумо мегӯям”. Писари абадии Худо ба ману шумо муроҷиат мекунад. Бо мо ҳанӯз ягон шахси аз Ӯ машҳуртар ва пуршукӯҳтар гап назада буд, ва гап ҳам нахоҳад зад. Мо наметавонем ба суханони Ӯ гӯш надиҳем!

“Ҳар кӣ каломи маро шунавад”. Шунидани сухани Ӯ на фақат шунидан аст, балки шунида бовар кардан, шунида қабул кардан, шунида ба он итоат кардан аст.

“Ҳар кӣ ба Фиристандаи Ман имон оварад”. Мо медонем, ки Ӯро Худо Падар фиристодааст. Аммо ҳозир саволи аз ҳама муҳим ин аст: “Барои чӣ Худо Падар Ӯро фиристод?” Ман бояд бовар кунам, ки Падар Писари Худро фиристод, то ки Ӯ барои гуноҳҳои ман мурда, ҷазоеро, ки ман шоистаи он будам, ба худ гирад ва хуни Худро резонад, то ки ман бахшида шавам.

Баъдтар ваъдаи сетарафа зикр мешавад. Якум: “ҳаёти абадӣ дорад”. Ҳамон лаҳзае ки одам имон меоварад, соҳиби ҳаёти абадӣ мешавад. На кам ва на зиёд. Дуюм: “ба доварӣ намеояд”. Ин маънои онро дорад, ки вай аз боиси гуноҳҳои худ ба дӯзах андохта намешавад, чунки Исо аллакай музди онҳоро пардохт, ва Худо бори дуюм муздро талаб намекунад. Сеюм: “аз марг ба ҳаёт гузаштааст”. Ӯ аз ҳолати марги рӯҳонӣ нисбат ба Худо баромада, барои ҳаёти наве ки охир надорад, зода шудааст.

Агар шумо ҳақиқатан Каломи Ӯро шунидаед ба Падаре ки Ӯро фиристод, бовар кардаед, он гоҳ, мегӯяд Худованд Исои Масеҳ, шумо наҷот ёфтаед. Ва дар ин ягон шакку шубҳа нест.

Тааҷҷубовар нест, ки инро “ Хушхабар” номидаанд.

**“Чун Мусо дасташро мебардошт, Исроил дастболо мешуд, ва ҳамин ки дасташро мефуровард, Амолеқ дастболо мешуд”**
*(Хуруҷ 17:11)*

Исроил бо лашкари амолеқиён меҷангид. Дар болои теппа Мусо истода, майдони ҷангро мушоҳида мекард. Мавқеи дастҳои вай ё сабаби ғалаба ё сабаби мағлубшавӣ буданд. Мусо дасташро мебардошт, ва Амолеқ рӯ ба гурез мешуд. Вақте вай дасташро мефуровард, Исроил мегурехт.

Вақте Мусо дастонашро бардошта меистод, ӯ тимсоли Худованд Исо, Ҳомӣ ва Пуштибони мо буд, ки “бо дилсӯзӣ ва муҳаббат дастонашро боло мебардошт”. Танҳо ба шарафи пуштибонии Ӯ мо аз аср ба аср наҷот ёфтаем. Аммо ин ҷо ин маънои тимсолӣ ба поён мерасад, охир дастони Ҳомии мо ҳеҷ гоҳ поён намешаванд. Ӯ ҳаргиз монда намешавад, ва ба Ӯ ёрии ҳеҷ кас лозим нест. Ӯ ҷовидона зиндагӣ мекунад, то барои мо шафоат кунад.

Дар ин оят боз як дарсро ёфтан мумкин аст, ки барои мо, мубориզони рӯҳонӣ, муҳим аст. Ба боло бардоштани даст нишонаи шафоати боисрори мо барои ҳамаи имондорон аст, ки бо меҳнати миссионерӣ дар тамоми ҷаҳон муборизаи рӯҳонӣ мебаранд. Вақте мо ба хизмати дуо беэътиноӣ мекунем, душман бар ҳама дастболо мешавад.

Боре ҳангоми саёҳат ба як миссионер ва ҳамроҳони вай лозим омад, ки дар маконе ки дастаҳои ғоратгарон хӯҷаинӣ мекарданд, шабро гузаронанд. Пас аз дуои кӯтоҳ ҳама ба хоб рафтанд. Пас аз якчанд моҳ сардори яке аз дастаҳои роҳзанҳо ба беморхонаи миссия афтид ва дар миёни коркунони он ин миссионерро шинохт. “Мо хостем шуморо ҳамон рӯзе ки дар зери осмони кушод хоб будед, ғорат кунем, – гуфт вай. – Лекин мо аз 27 сарбози шумо тарсидем”. Дертар, вақте ки миссионер ин ҳодисаро дар мактуб ба ҷамоати ватани худ нақл кард, яке аз аъзоёни он гуфт: “Он бегоҳ мо ҷамъомади дуо доштем, ва он ҷамъомад аз 27 нафар иборат буд”.

Шамшери мо на аз пӯлоди дурахшон аст,
Ва бо болғаи одамӣ кӯбида нашудааст. –
Он бо алангаи сӯзони ҳақиқат,
Ба мо аз ҷониби Худи Худо дода шудааст.
Чунон ки раъд абрҳои даҳшатнокро мешикофад,
Он лашкари душманро сӯрох мекунад;
Он шамшери боқудрати Худованди мост,
Ва оё ба мо шамшери дигар низ даркор аст?
Пас шамшерамонро бо оташи муҳаббат ва дуо тезтар мекунем;
Онро мебардорем, ва бо далерӣ аз пайи Доҳии бузург равона мешавем.

Аммо ин ҳанӯз ҳамаи он чиз нест, ки мо аз ин ҳикоят гирифта метавонем. Худованд қасам хӯрда буд, ки “аз насл ба насл” бо Амолеқ мубориза хоҳад бурд. Амолеқ ин ҷо рамзи ҷисм аст. Масеҳӣ бояд доимо бар ҷисм мубориза барад. Дуо силоҳи асосии ӯст. Аксар вақт натиҷаи ин муборизаро он чиз пешакӣ муайян мекунад, ки то чӣ андоза мунтазам вай ба Худо бо дуо муроҷиат менамояд.

**“...он вақт медонам ба монанди он ки худам низ дониста шудаам”**

*(1Қуринтиён 13:12)*

Ин комилан табиист, ки мо, масеҳиён, ин саволро ба худ медиҳем, оё мо одамони дӯстдоштаамонро дар осмон шинохта метавонем. Мо дар Навиштаҳо ягон чизро ёфта наметавонем, ки дақиқ ба ин савол ҷавоб медода бошад, аммо он барои мулоҳиза кардан ба мо ғизо медиҳад, ва дар натиҷа мо ба ҷавоби мусбат меоем.

Пеш аз ҳама, шогирдон Исоро дар бадани зиндашуда ва ҷалолёфтаи Ӯ шинохтанд. Намуди зоҳирии Ӯ тағйир наёфт. Хато буда наметавонист — ин худи ҳамон Исо буд. Аз ин хулоса баровара метавонем, ки мо дар осмон низ худи ҳамон намуди зоҳириро, бигзор ҷалолёфта бошад ҳам, хоҳем дошт. Мо дар ҳеҷ ҷой тасдиқи онро намеёбем, ки дар он ҷо ҳама монанд хоҳанд буд. Вақте мо дар номаи 1Юҳанно 3:2 мехонем, ки мисли Худованд Исо хоҳем буд, набояд фаромӯш кунем, ин ҷо сухан дар бораи монандии ахлоқӣ меравад, яъне ҳамаи мо, мисли Ӯ, доимо аз гуноҳ ва оқибатҳои он озод хоҳем буд. Лекин, албатта, мо зоҳиран ба Ӯ монанд намешавем, чунон ки ягон кас саҳван моро ба ҷои Ӯ қабул кунад. Не, ҳаргиз!

Сониян, мо ягон асос надорем тахмин кунем, ки дар осмон нисбат ба ин ҷо камтар хоҳем донист. Дар ин ҷо мо якдигарро мешиносем, пас чаро имконнопазир менамояд, ки мо дар он ҷо низ якдигарро шинохта метавонем? Агар ҳамаи он чиро, ки дар ин ҷо медонем, дар он ҷо медониста бошем, ин тамоман мушкил нахоҳад буд.

Павлус дилпур буд, ки дар осмон вай тасолуникиёнро хоҳад шинохт. Вай гуфта буд, ки онҳо умед, шодмонӣ ва тоҷи фахри мо хоҳанд буд (1Тас. 2:19). Дар Навишта мо ишорат ба онро пайдо мекунем, ки ба одамон қобилияти шинохтани онҳое дода хоҳад шуд, ки пештар ҳаргиз надида буданд. Петрус, Яъқуб ва Юҳанно Мусо ва Илёсро дар кӯҳи Дигаргуншавӣ шинохтанд (Мат. 17:4).

Сарватдор Иброҳимро дар дӯзах шинохт (Луқ. 16:24). Исо ба яҳудиён гуфт, ки онҳо Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб ва ҳамаи пайғамбаронро дар Подшоҳии Худо хоҳанд дид (Луқ. 13:28). Мо бояд дӯстонро пайдо карда, пулҳоямонро оқилона сарф намоем, то ки ин дӯстон тавонанд моро дар иқоматгоҳи абадӣ шодбош гӯянд (ин бошад маънои онро дорад, ки онҳо дар симои мо валинеъматони худро шинохта метавонанд) (Луқ.16:9).

Дар ин ҷо бе як огоҳӣ намешавад. Агарчи ба назари мо равшан менамояд, ки дар осмон одамони дӯстдоштаамонро шинохта метавонем, аммо муносибатҳои дутарафаи мо аллакай на он тавр хоҳанд буд, ки як вақтҳо дар замин буданд. Ҳамин тавр, масалан, муносибатҳои заношӯии зану шавҳар нест хоҳанд шуд. Ин гуна хулосаро мо аз суханони Наҷоткор баровара метавонем: “... дар растохез на зан мегиранд ва на шавҳар мекунанд” (Мат. 22:30).

## 2 ИЮЛ

**"Марто, Марто! Ту дар хусуси чизҳои бисёр ғамхорӣ ва давутоз мекунӣ, аммо фақат як чиз лозим аст. Марям ҳиссаи некӯро интихоб кардааст, ки он аз вай кашида гирифта намешавад"**

*(Луқо 10:41,42)*

Марям хомӯшона назди пойҳои Исо нишаста, ба он чи Ӯ мегуфт, гӯш медод. Марто бошад давутоз карда, бо ҳаяҷон ин сӯ ва он сӯ мегашт ва мекӯшид ба Ӯ хизмат кунад ва хеле хашмгин буд, ки Марям ба вай дар ин кор ёрдам додан намехост. Дар ҷавоб бошад вай аз Исо суханони маломат шунид, аммо на аз сабаби хизмат, балки аз барои рӯҳияе, ки вай хизматро бо он ба ҷо меовард. Мушкилӣ дар он буд, ки вай дар ҷадвали арзишҳои худ хизматро аз парастиш баландтар гузошта буд.

Аксари одамон ба Марто монанд ҳастанд. Мо дар ҷоямон нишаста наметавонем, мо ҳатман бояд ягон кор кунем. Мо аз қобилияти ягон чизро ташкил додан, ба ягон чиз ноил шудан, ягон фоида овардан фахр мекунем. Мо чунон ғарқи кори худ шудаем, ки саҳаргоҳон ҳангоми хондани Навишта дар бораи сад кори муҳим ва таъхирнопазир фикр мекунем. Дар дуоҳои мо бесарусомонӣ ҳукмрон аст, охир ақли мо аз Дон ба Батшобаъ шитофта, рӯзи ояндаро ба нақша мегирад. Агар дигарон сачокро гирифта ба ёрии мо нашитобанд, мо ба осонӣ ба ғазаб меоем. Мо дилпур ҳастем, ки ҳама бояд он кореро кунанд, ки мо мекунем.

Аммо шахсоне ҳастанд, ки ба Марям монанд ҳастанд. Инҳо одамоне ҳастанд, ки дилашон ғайриодӣ ҳассос мебошад. Тамоми ҳаёти онҳо аз муҳаббат ба дигарон медурахшад. Барои онҳо одамон аз косаву табақ дида муҳимтар ҳастанд. Тамоми дилбастагӣ, тамоми ҷӯшу хурӯши дили онҳо танҳо ба Ӯ тааллуқ дорад. Онҳо ҳеҷ гоҳ танбал нестанд, чунон ки ба мо, Мартоҳо, менамояд. Онҳо фақат дигар системаи арзишҳо доранд.

Мо худамон низ одами нек ва пурмуҳаббатро аз одами хунукмуомила ва мулоҳизакор, ки дар ҳамаи корҳои худ комёб аст, баландтар қадрдонӣ мекунем. Кӯдаке ки моро оғӯш карда мебӯсад, нисбат ба кӯдаке ки бо бозичаҳои худ банд буда, ба мо ягон аҳамият намедиҳад, бароямон хеле дилкаштар аст.

Касе гуфтааст, ки Худо аз хизматгузории мо дида, бештар хоҳони парастиши мост; Домоди Осмонӣ ба арӯс ғамхорӣ намуда, хизматгорзанро киро намекунад.

Масеҳ талаб намекунад, ки мо доимо бо кор банд бошем,
Чунон банд бошем, ки барои назди пойҳои Ӯ нишастан
Якчанд дақиқа ҳам надошта бошем.
Бисёр вақт интизории пуртоқатона
Дар назари Ӯ хизматгузории волотарин мешавад!

Марям ҳиссаи некӯро интихоб намуд, ки он аз вай кашида гирифта намешавад. Пас биёед аз вай ибрат гирем!

**“Меҳмоннавозиро фаромӯш накунед, зеро ба воситаи он баъзе касон надониста фариштагонро меҳмон кардаанд”**

*(Ибриён 13:2)*

Меҳмоннавозӣ на фақат вазифаи муқаддаси мост (“меҳмоннавозиро фаромӯш накунед”), балки инчунин дар он ваъдаи тӯҳфаҳои аҷиб ниҳон аст (“баъзе касон, надониста, фариштагонро меҳмоннавозӣ кардаанд).

Барои Иброҳим ин рӯз чун садҳо рӯзҳои дигар оғоз шуд. Аммо вақте вай назди остонаи хаймаи худ менишаст, ногаҳон пеши вай се мусофир падид омаданд. Сардори қавм онҳоро чунон ки расму одати Шарқи Миёна талаб мекард, меҳмоннавозӣ кард: вай пойҳояшонро шуста, ҷои соядор ва салқинеро пайдо кард, ки дар он ҷо онҳо истироҳат карда тавонанд, ва гӯсоларо забҳ намуда, аз Соро хоҳиш намуд, ки вай нон пазад, ва ӯ мусофиронро бо хӯроки серғизо зиёфат намуд.

Ин мусофирон киҳо буданд? Дутои онҳо фариштагон буданд; сеюми бошад Фариштаи Худованд буд. Баъзе касон чунин мехисобанд, ки Фариштаи Худованд Худи Худованд Исо дар шакли одам буд (дар Ҳастӣ 18:13 фаришта “Худованд” номида шудааст).

Иброҳим на фақат фариштагонро меҳмоннавозӣ кард, балки дар хонаи худ Худи Худовандро дар яке аз омаданҳои Ӯ ба замин пеш аз таҷассумёбиаш қабул намуд. Ин метавонад номумкин намояд, лекин имрӯз ҳам мо метавонем сазовори худи ҳамин шараф шавем!

Чӣ қадар оилаҳои бисёри масеҳӣ дар бораи он баракате ки пас аз меҳмоннавозӣ гирифтаанд, нақл карда метавонанд! Онҳо ба фарзандон ёрӣ доданд, ки Худоро аз нуқтаи назари нав дида, Ӯро ба дили худ қабул кунанд, ва ин таассуротро онҳо эҳтиёткорона дар дил тамоми ҳаёти худ нигоҳ медоранд. Чӣ қадар дилҳои хунук бо муҳаббати нав ба Худованд аланга гирифтанд, ва чӣ қадар дилҳои ғуссадор тасаллӣ ёфтанд, ва чӣ қадар мушкилот ҳал шуданд! Мо барои бисёр чизҳо аз ин “фариштагон” миннатдор ҳастем, ва худи ҳузури онҳо барои хонаи мо баракат шудааст!

Аммо шарафи дар хонаи худ қабул кардани Худованд Исо аз ҳама чизи дигар беҳтар аст. Ҳар боре ки мо дарро барои одамони Ӯ мекушоем, мо онро барои Ӯ мекушоем (Мат.10:40). Агар мо ҳақиқатан ба ин бовар мекарда бошем, он гох бо ғайрате ки пештар ба мо ношинос буд, хизмати олидараҷаи меҳмоннавозиро мекунем ва ба ягон заҳмат ва хароҷот аҳамият намедиҳем. Мо “якдигарро бе шикваю шикоят меҳмоннавозӣ мекунем (1Пет. 4:9). Бо ҳар меҳмони худ мо ҳамон гуна муносибат мекунем, ки бо Исо муносибат мекардем. Ва хонаи мо ба хонаи Марям ва Марто дар Байт-Анё монанд хоҳад буд – хонае ки Исо дар он меҳмон буданро хеле дӯст медошт.

# 4 ИЮЛ

**“Наход ки Ту аз нав моро зинда нахоҳӣ гардонд, то ки қавми Ту дар Ту шод бошанд?”**

*(Забур 84:7)*

Бисёр вақт дур шудан аз имон ба варами саратон монанд аст – мо сарфаҳм намеравем, ки бемории кайҳо амали харобкунандаи худро сар кардааст. Мо беш аз пеш ба бепарвоии рӯҳонӣ фурӯ меравем, ва ин чунон равон мегузарад, ки мо ҳатто дарк намекунем, ки чӣ хел нафсонӣ шудаем. Чунин мешавад, ки чашмони моро ба вазъияти пурмусибатамон танҳо ягон фоҷиа, бало ё овози пайғамбари Худо кушода метавонад. Танҳо ҳамон вақт мо метавонем ба Худое хитоб кунем, ки ваъда додааст, ки “обро бар ташна, ва чашмаҳоро ба хушкӣ мерезонад” (Иш. 44:3).

Агар ман ба Каломи Худо шавқро гум карда бошам, агар ҳаёти дуоии ман ба кори ҳаррӯзаи дилбазан табдил ёфта бошад ( ё ки тамоман ҳеҷ шуда бошад), агар муҳаббати аввалини худро тарк карда бошам, бояд Худоро дар бораи таваллуди дубора илтиҷо намоям. Агар барномаи телевизион барои ман назар ба ибодат шавқовартар бошад, агар ман дар вақташ ба ҷои кор оям, ба калисо бошад ман ҳамчун шахси деркарда шитобкорона дароям, агар мунтазам на дар ҷамъомад, балки фақат дар ҷои кор пайдо шавам, ман бояд дар бораи навшавӣ илтиҷо намоям. Агар ман барои пул тайёрам кореро ба ҷо оварам, ки ҳаргиз барои Наҷоткор намекардам, агар барои ҳар гуна ҳаловат назар ба хайрот барои кори Худованд бештар пул сарф кунам, ман бояд дар бораи шифоёбӣ илтиҷо намоям.

Мо бояд дар бораи таваллуди дубора илтиҷо намоем, агар дар ҷони худ ҳасад ва норозигӣ, хафагӣ ва кина, сангдилӣ ва аламро парварем. Агар тундмиҷоз ва густох бошем, ба ғазаб оем ё бо ваҷд овоза ва ғайбатро паҳн кунем. Агар хоҳиши эътироф кардани гуноҳҳоеро надорем, ки аз ҷониби мо зидди дигарон содир шудаанд ё онҳоеро, ки ба гуноҳи худ бар зидди мо иқрор шудаанд, набахшем. Мо бояд дар бораи таваллуди дубора илтиҷо намоем, агар дар хона чун сагу гурба зиндагӣ карда, дар пеши назари мардум ва ҷамоат чун намунаи оилаи тифоқ ва муносиб ҳастем. Мо бояд дар бораи таваллуди дубора илтиҷо намоем, агар ба ҷаҳон дар тамоми чиз тақлид кунем: дар нутқ ва дар тарзи гуфтор, дар рафтор ва тарзи ҳаёт. Истиғосаи мо бояд баланд бошад, агар дар гуноҳҳои Садӯм айбдор бошем: дар кибриё, фаровонии нон, ва фароғати комил (Ҳиз. 16:49)!

Ҳамин ки мо дарк менамоем, ки хунукназар ва бесамар шудем, метавонем ба Худое муроҷиат кунем, ки чунин ваъда додааст: “Ва қавми Ман, ки ба номи Ман номида шудаанд, гардан фуроварда, дуо гӯянд, ва рӯи Маро ҷӯё шаванд, ва аз роҳҳои бади худ баргарданд, он гоҳ Ман аз осмон шунида, гуноҳҳои онҳоро хоҳам омурзид, ва замини онҳоро шифо хоҳам дод” (2Вақ. 7:14).

Эътироф роҳ барои таваллуди дубора аст!

# 5 ИЮЛ

**“Рӯҳро хомӯш накунед. Пайғамбариҳоро хор нашуморед”**

*(1 Тасолуникиён 5:19,20)*

Вақте мо суханони ба монанди “хомӯш кардан”, “нишондан”-ро мешунавем, аксар вақт оиди оташ фикр мекунем. Ба оташ об рехта, мо ё тамоман онро хомӯш мекунем, ва ё гармӣ ва шиддати онро хеле кам мекунем.

Дар Навишта оташ рамзи Рӯҳулқудс аст, ки бармеангезад ва водор мекунад. Вақте ки одамон комилан ба Рӯҳулқудс итоат намуда, зиндагӣ мекунанд, он бо равшании дарунӣ рӯшноӣ медиҳад, муҳаббати онҳо гарм буда, лабрез мешавад. Дар ҷамъомади халқи Худо зоҳир шудани Рӯҳро пахш карда, мо Ӯро хомӯш мекунем.

Павлус менависад: “Рӯҳро хомӯш накунед. Пайғамбариҳоро хор нашуморед”. Хомӯш кардани Рӯҳро бо хор шуморидани пайғамбарӣ алоқаманд кардани ӯ моро ба фикре водор месозад, ки вай хомӯш кардани Рӯҳро пеш аз ҳама дар ҷамъомадҳои ҷамоатҳои маҳаллӣ дар назар дорад.

Мо Рӯҳро хомӯш мекунем, вақте ягон одамро водор месозем, ки аз шаҳодати худ дар бораи Масеҳ шарм кунад, хоҳ ин дуо бошад, хоҳ суруд ё мавъиза. Ҳеҷ кас баҳс намекунад, ки танқиди асоснок фоиданок аст, лекин вақте мо ба суханони алоҳида ё ҷузъиёти номуҳим хурдагирӣ мекунем, дар натиҷа мо хоҳиши ҳар гуна хизмат карданро дар вай ё буғӣ мекунем, ва ё вай инро бо ҷӯшу хурӯши камтар ба ҷо меоварад.

Мо ҳамчунин он вақт Рӯҳро хомӯш мекунем, ки хизматгузории худро то ҷузъиёти хурд ба нақша гирифта, бо худи ин дасту пойҳои Ӯро мебандем. Зери назорати Рӯҳулқудс сохта шудани нақшаҳо як кор аст. Аммо дар хизматгузориҳое ки дар ҳама чиз танҳо ба ақли одам такя мекунад, ба Ӯ на нақши роҳбар, балки нақши тамошобин ҷудо карда мешавад.

Худо ба ҷамоат атоҳои бисёр додааст. Ва Ӯ медонад, ки кай ва кадом аторо истифода бурдан аз ҳама беҳтар аст. Шояд бародар барои ҷамъомад сухани насиҳатомез дорад. Лекин агар тамоми ибодат дар гирди ягон каси дигар сохта шудааст, он гоҳ Рӯҳулқудс аллакай имконият надорад, ки дар вақти муносибтарин суханони даркориро гӯяд. Мо боз Ӯро хомӯш мекунем.

Ниҳоят, мо Рӯҳро хомӯш мекунем, вақте ба дастурҳои Ӯ дар ҳаёти рӯзмарраамон итоат намекунем. Шояд, мо барои баён кардани ақидаи худ оиди ягон масъала хоҳиши сахт пайдо мекунем, лекин онро аз боиси тарс дар пеши одамон хомӯш мекунем. Дар вақти ҷамъомад чунин ба назар менамуд, ки суханони дуо худашон аз даҳон баромадан мехоҳанд, аммо шармгинӣ ба мо имкони даҳон кушодан намедиҳад. Мо дар бораи суруде фикр мекунем, ки ба мавзӯъ хеле мувофиқ аст, аммо метарсем онро бо овози баланд номбар кунем.

Натиҷаи охирин ин аст, ки алангаи Рӯҳ хомӯш шуда, дар ибодатҳои мо на қувват ҳасту на бадеҳӣ будан, ва ҷамоат дар ҳақирӣ умр ба сар мебарад.

# 6 ИЮЛ

**“Ва Рӯҳулқудси Худоро, ки бо Он ба интизори рӯзи озодӣ мӯҳр зада шудаед, андӯҳгин накунед”**

*(Эфесусиён 4:30)*

Чунон ки мо дар ҷамъомадҳо Рӯҳулқудсро хомӯш карда метавонем, мо ҳамчунин метавонем дар ҳаёти шахсии худ Ӯро андӯҳгин кунем.

Дар калимаи “андӯҳгин кардан” нафосати муайяне ҳаст. Мо метавонем танҳо онҳоеро андӯҳгин кунем, ки моро дӯст медоранд. Ягон фарзанди авбоши ҳамсоя наметавонад моро чунон андӯҳгин кунад, ки фарзандони беитоати мо метавонанд моро андӯҳгин кунанд.

Мо барои Рӯҳулқудс ба таври махсус наздик ва гиромиқадр мебошем. Ӯ моро дӯст медорад. Бар мо мӯҳри Ӯ то рӯзи кафорат аст. Мо метавонем Ӯро андӯҳгин кунем.

Лекин чӣ метавонад Ӯро андӯҳгин кунад? Ҳар гуноҳ дили Ӯро ғамгин мекунад. Павлус ҳаргиз тасодуфан Ӯро Рӯҳулқудс наменомад. Ӯро ҳар он чи муқаддас нест, андӯҳгин мекунад.

Даъвати “Андӯҳгин накунед!”-ро мо дар миёни номбаркунии дарози гуноҳҳое мешунавем, ки дар ҳаёти мо набояд ҷой дошта бошанд. Ин рӯйхат ҳоло пурра нест, аммо он моро ба фикр кардан водор месозад.

Рӯҳро ҳар гуна дурӯғ андӯҳгин мекунад (оят 25) – дурӯғи безарар ва дурӯғ барои наҷот, дурӯғ ва фиреби зарарнок, муболиға ва нимростӣ. Худо дурӯғ гуфта наметавонад ва имкон дода наметавонад, ки халқи Ӯ инро ба амал оварад.

Рӯҳро ғазабе андӯҳгин мекунад, ки ба гуноҳ табдил меёбад (оят 26). Ғазаб танҳо ҳамон вақт бамаврид буда метавонад, ки масъала ба шарафи Худо оид шуда бошад. Ҳар гуна гуноҳи дигар ба иблис баҳона медиҳад (оят 27).

Рӯҳ ҳангоми дуздӣ андӯҳгин мешавад (оят 28), новобаста ба он ки мо чиро медуздем: якчанд танга аз ҳамёни модар, ним соати корӣ, асбобҳо ё лавозимоти хатнависӣ.

Рӯҳулқудсро ҳар гуна сухани қабеҳ (оят 29) андӯҳгин мекунад, аз шӯхиҳои нафратовару латифаҳои қабеҳ то гуфтаҳои беҳуда. Сухани мо бояд боадабона, насиҳатомез ва боэҳтиром бошад.

Дар ин боб рӯйхатро хашм, ғазаб, фарёд, бадгӯӣ ва кина ба охир мерасонанд.

Хизмати дӯстдоштаи Рӯҳулқудс аз он иборат аст, ки ба мо ёрӣ диҳад, то зебоӣ ва муқаддасии Худованд Исои Масеҳро беш аз пеш дарк намоем. Аммо вақте мо гуноҳ мекунем, Ӯро лозим меояд ин хизматро як сӯ гузошта, барои барқарор намудани муоширати мо бо Худованд меҳнат кунад.

Ӯ хеле андӯҳгин бошад ҳам, моро ҳаргиз тарк намекунад. Мо аз ҷониби Ӯ ба интизори рӯзи озодӣ мӯҳр зада шудаем. Лекин дар ин на баҳонаро барои бепарвоӣ, балки яке аз сабабҳои асосиро барои кӯшиши муқаддасона зистан дидан беҳтар аст.

# 7 ИЮЛ

**“Зеро ман дилпурам, ки азобҳои замони ҳозира дар муқоиса бо он ҷалоле ки дар мо ошкор мешавад, ҳеҷ аст”**

*(Румиён 8:18)*

Азобҳо дар ин ҷаҳон худ ба худ метавонанд даҳшатнок тобанд. Азобҳоеро, ки насиби азияткашони масеҳӣ шуда буданд, ба ёд оваред. Ё даҳшатҳоеро, ки халқи Худо дар лагерҳои консентрасионӣ аз сар гузаронид. Даҳшату дардеро, ки ҳар гуна ҷанг бо худ меоварад, бо сухан тасвир кардан номумкин аст. Баднамудию шалӣ чӣ, ки оқибати садамаи автомобилӣ аст? Дарди тоқатнопазир чӣ, ки баданҳои одамони бемории саратондоштаро азоб медиҳад?

Ва ба ҳар ҳол, дардҳои ҷисмонӣ ҳанӯз ҳама чизҳои даҳшатнок нестанд. Баъзан чунин метобад, ки ин гуна дардро нисбат ба азобҳои рӯҳӣ аз сар гузарондан осонтар аст. Оё Сулаймон ҳаминро дар назар надошт, вақте чунин навишта буд: “Рӯҳи одам бемории ӯро мебардорад, вале рӯҳ агар афсурда бошад, кист, ки тавонад онро бардорад?” (Мас. 18:14). Дардҳое ҳастанд, ки аз боиси хиёнати шавҳар, марги одами дӯстдошта, ноумедиҳои талх ва орзуҳои ба амал наомада пайдо мешаванд. Чӣ қадар дарднок аст, вақте шуморо шахси дӯстошта тарк мекунад ё дӯсти наздикатон ба шумо хиёнат мекунад! Хеле ҳайратангез аст, ки одамон умуман метавонанд ба чунин зарбаҳо, азобҳо ва дард тоб оваранд.

Ин дардҳо худ аз худ тоқатнопазир ҳастанд. Аммо агар онҳоро дар заминаи ҷалоли оянда дида бароем, онҳо фақат нохушиҳои хурд метобанд. Павлус мегӯяд, ки ин “дар муқоиса бо он ҷалоле ки дар мо ошкор мешавад, ҳеҷ аст”. Ва агар уқубатҳои мо чунон бузург бошанд, ҷалол бояд то чӣ андоза бузург бошад!

Дар ҷои дигар расул Павлус бо ваҷд ба ҷаҳони тимсолҳои рӯҳонӣ фурӯ рафта, мегуфт: “Азоби сабуки мо, ки кӯтоҳмуддат аст, ҷалоли абадиро барои мо ба фаровонии беандоза ба вуҷуд меоварад” (2 Қур.4:17). Агар мо онҳоро ба тарозу гузорем, тамоми азобҳои мо аз пар сабуктар мешаванд, дар ҳоле ки ҷалол беандоза вазнин хоҳад буд. Агар тақвимро гирем, он гоҳ мебинем, ки азобҳо кӯтоҳмуддатанд, дар ҳоле ки ҷалол абадист.

Вақте, тамоми роҳро тай намуда, мо Наҷоткорро мебинем, тамоми азобҳои аз сар гузарондаамон ба назари мо ҳатто аз нигоҳи тез ҳам ночизтар менамоянд.

Ин лаҳза арзиши тамоми ашкҳо, азобҳо ва арақро дорад.
Вақте ки Масеҳро мебинем, бор ва душвориҳоямон сабук хоҳанд шуд.
Бо нигоҳи аввалин ба чашмони Ӯ ғам ва оҳу нолаҳо нест мешаванд.
Пас ҷасур бошед, меҳнат кунед, мубориза баред, то даме ки Масеҳро бинед.

***Эстер К. Рустоӣ***

**“...маро дидбони токзорҳо карданд; лекин токзори худро натавонистам дидбонӣ намоям”**

*(Суруди Сурудҳо 1:6 б)*

Бародарони Шуламит вайро барои кор кардан ба токзор фиристоданд. Вай чунон бо нигоҳубини токи ангур машғул буд, ки ба токзори худ, яъне ба намуди зоҳирии худ ягон аҳамият надод. Пӯсти вай сабзина ва хушк шуда, мӯйҳояш ҳам ба тартиб дароварда нашуда буданд.

Ба ҳамаи мо доимо хатари он таҳдид мекунад, ки токзори шахсии худро бенигоҳубин монда, тамоми вақт ва қуввати худро ба токзори бегона мебахшем. Ҳамин тавр, масалан, бо инҷилшиносонии тамоми ҷаҳон чунон машғул шудан мумкин аст, ки ҳатто пай намебарӣ, ки чӣ тавр аҳли оилаат ба сӯи ҳалокат меравад. Агар Худо ба мо фарзанд дода бошад, пас маҳз ин фарзандон бояд мақсади асосии мо дар инҷилшиносонӣ бошанд. Вақте ки мо ба ҳузури Худо меистем, на чандон чизи бисёр бо хурсандии ин суханон баробар шуда метавонад: “Инак, Ман ва фарзандоне ки Худо ба Ман додааст” (Ибр. 2:13). Ягон ашки миннатдории шунавандагони шукргузор ҷои писарону духтарони аз даст рафтаи моро пур карда наметавонад.

Навишта возеҳу равшан мегӯяд, ки мо пеш аз ҳама барои оилаи худ ҷавобгар ҳастем. Аз девона девҳоро бадар ронда, Исо ба вай фармон дод: “Ба хона назди хешони худ рав ва хабар деҳ аз он чи Худованд бо ту кардааст, ва чӣ гуна ба ту марҳамат намудааст” (Марқ. 5:19). Аксар вақт чунин метобад, ки инҷилшиносонӣ дар ошхонаи худ чандон осон нест, аммо маҳз дар он ҷо мо бояд сар кунем.

Паҳн намудани Инҷилро ба шогирдони Худ амр карда, Худованд ба онҳо гуфта буд: “... дар Уршалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё...”(Аъм. 1:8). Аз Уршалим (-и хонаи худ) сар кунед!

Андриёс пур аз ҷуръат буд, ки ба токзори шахсии худ бепарвоӣ накунад. Мо медонем, ки “вай аввал бародари худ Шимъӯнро ёфта, гуфт: “Мо Масеҳро, яъне Христосро ёфтем” (Юҳ. 1:41).

Албатта, чунин ҳам мешавад, ки имондор тамоми қувваташро ба харҷ медиҳад, ки одамони дӯстдоштаи худро назди Масеҳ оварад, аммо онҳо ба ҳар ҳол якравона дар беимонии худ устувор мемонанд. Мо барои хешу табор ва дӯстон наҷоти абадиро замонат дода наметавонем. Валекин мо бояд аз хатаре барҳазар бошем, ки бо хизмат ба дигарон машғул шуда, эҳтиёҷоти оилаи худро сарфи назар намоем.

Токзори худ барои мо бояд доимо дар ҷои аввал истад.

# 9 ИЮЛ

**“Зеро ҳар ки номи Худовандро хонад, наҷот меёбад”**

*(Румиён 10:13)*

Чунин шуда наметавонад, ки ягон кас аз дилу ҷон номи Худовандро хонда наҷот наёбад. Ин даъвати далерона ва самимона наметавонад беҷавоб монад. Вақте мо то охир тамоми қувват ва имконотамонро сарф кардем, вақте умеди охирине ки мо худамон метавонем худро наҷот диҳем, нобуд шуд, вақте мо ба ҳеҷ кас, ғайр аз осмонҳо, истиғоса бурда наметавонем, агар дар ҳамин вақт, дар ғаму андӯҳ Худовандро хонем, Ӯ ҳатман мешунавад ва ҷавоб медиҳад.

Боре Садҳу Сундар Сингҳ ном сикҳи ҷавон қатъӣ қарор дод, ки ё осоиштагиро ба даст меорад ё даст ба худкушӣ мезанад, вай чунин дуо карда буд: “Эй Худо, агар Худо умуман бошад, имрӯз Худро ба ман зоҳир намо”. Агар дар давоми ҳафт соат вай ҷавоб нагирад, он гоҳ худро зери қаторае мапартояд, ки ба Лоҳур равон аст.

Саҳаргоҳон пеш аз баромадани офтоб вай рӯъёе дид, ки Исо ба ҳуҷраи вай даромада, ба вай бо забони модариаш, яъне ҳиндӣ, муроҷиат мекунад: “Ту илтиҷо мекардӣ, ки ба ту роҳи дурустро нишон диҳам. Пас барои чӣ бо он намеравӣ? Ман ин роҳ ҳастам”.

Садҳу назди падар ба ҳуҷраи ӯ тозон рафта, гуфт: “Ман масеҳӣ ҳастам. Ман ба ҳеҷ кас, ғайр аз Исо, хизмат карда наметавонам. То рӯзе ки ман мемурам, ҳаёти ман ба Ӯ тааллуқ дорад”.

Ман ягон ҳодисаеро намедонам, ки ягон кас номи Худовандро пурҷӯшу хурӯш ва самимона хонда, ҷавобашро нашунавад. Албатта чунин шахсоне ҳам ҳастанд, ки ба ҳолати душвор ва хатарнок меафтанд, ва ба Исо хитоб намуда, ваъда медиҳанд, ки агар Ӯ ба онҳо ёрӣ дода, аз ин ҳолати ногувор сиҳату саломат барорад, онҳо тамоми ҳаёташонро ба итоату ибодати Ӯ хоҳанд бахшид, аммо ҳамин ки Ӯ ба онҳо ёрӣ медиҳад, онҳо ваъдаҳои худро фаромӯш мекунанд. Аммо Худо дилҳои онҳоро медонад; Ӯ медонад, ки фақат вазъиятҳои душвор онҳоро ба хӯрдани қасам ва додани ваъда водор месозанд ва ба онҳо на бовар кардан мумкин аст, на такя намудан.

Факт ба ҳар ҳол факт мемонад: Худо доимо Худро ба онҳое зоҳир месозад, ки бениҳоят зиёд Ӯро ҷустуҷӯ мекунанд. Дар кишварҳое ки Навиштаро ба осонӣ пайдо кардан душвор аст, Ӯ инро дар рӯъё карда метавонад. Дар ҷойҳои дигар бошад Ӯ инро ба воситаи ояти Навиштаҳо, ба воситаи шаҳодати шахсӣ, ба воситаи адабиёти масеҳӣ ё ба воситаи шароити муъҷизаосо ба амал меоварад. Аз ҳамин сабаб ҳақ ба ҷониби шахсест, ки гуфтааст: “Касе ки Худоро меҷӯяд, аллакай Ӯро ёфтааст!” На зиёду на кам.

# 10 ИЮЛ

**“Ҳар гоҳ инро донистед, хушо шумо, агар инро ба амал оваред”**

*(Юҳанно 13:17)*

Тамоми муаллимон ва воизони дини масеҳӣ вазифадоранд ҳамаи он қонунҳоеро, ки дар бораашон таълим медиҳанд, бечуну чаро ба ҷо оваранд. Барои ҷаҳон онҳо бояд намунаи зиндаи ҳақиқат шаванд. Худо мехоҳад, ки Каломи Ӯ дар ҳаёти одамонаш ҷисм гардад.

Аз сухан дида, ба ҷаҳон бештар амалҳо таъсир мекунанд. Оё Эдгар Гэст нанавишта буд: “Барои ман дидани мавъиза аз шунидани он хурсандибахштар аст”? Ё чунон ки дар миёни халқ мегӯянд, “корҳои ту чунон баланд дод мезананд, ки ман суханони туро намешунавам”.

Мегӯянд, ки дар як ҷамоате, вақте ки воиз дар минбар буд, шунавандагон мехостанд, ки вай ҳаргиз онро тарк накунад; аммо вақте вай аз микрофон дур мешуд, ҳама сахт хоҳиш доштанд, ки вай тамоман ба он наздик нашавад.

Х.А. Айронсайд гуфта буд: “Қуфли аз калонтаринро ҳаёт ба даҳон овезон мекунад”. Худи ҳамин ҳақиқатро Ҳенрӣ Драммонд чунин аниқ мухтасар ифода кардааст: “Одам мавъизаи зинда аст”. Дар давоми ин фикр Карлайл навишта буд: “Дар асри фактҳо ҳеҷ чиз бар нафъи Худо чунин боварибахш шаҳодат намедиҳад, чунон ки ҳаёти муқаддас.. Суханон танҳо ҳамон вақт боэътибор мешаванд, ки аз паси онҳо амалҳо меистанд”. Э. Стэнлӣ Ҷоунс гуфта буд: “Пеш аз он ки Калом қувват шуда тавонад, он бояд дар мо ҷисм гардад”. “Агар ман ҳақиқатро мавъиза кунам, аммо аз рӯи он зиндагӣ накунам, ман дар бораи Худо дурӯғ мегӯям”, – гуфта буд Освалд Чемберс.

Мо ҳамаамон, бе ягон шубҳа, медонем, ки танҳо Худованд Исо метавонад доимо мувофиқи он чи таълим медиҳад, амал кунад. Миёни суханони Ӯ ва ҳаёти Ӯ ҳатто зарраи зиддиятро ёфтан номумкин аст. Вақте яҳудиён аз Ӯ пурсиданд: “Ту кистӣ?”, Ӯ ҷавоб дод: “Ҳамонам, ки аз аввал ҳам ба шумо гуфтам” (Юҳ.8:25). Рафтори Ӯ дар ягон чиз аз гуфтораш фарқ намекард. Мо низ инро бояд ёд гирем.

Ду бародар, ки ба ҳамдигар наздик зиндагӣ мекарданд, унвони илмии докторро гирифтанд, яке дар илоҳиёт, дигаре дар тиб. Рӯзе ба дари хона зане занг зад, ки ба маслиҳати воиз ҳоҷат дошт. Аммо азбаски вай дилпур набуд, ки кадом хона ба кадоме аз докторҳо тааллуқ дорад, вай аз воиз ки дарро кушод, пурсид: “Шумо ҳамон докторе ҳастед, ки мавъиза мегӯяд ё ҳамоне ки табобат мекунад?” Ин савол илоҳиётшиносро водор намуд равшан дарк намояд, ки ӯ худаш бояд мувофиқи ҳамон ҳақиқатҳое зиндагӣ кунад, ки ба дигарон таълим медод.

# 11ИЮЛ

**“На ин ки аллакай ба даст оварда бошам, ё комил шуда ботам”**

*(Филиппиён 3:12)*

Дирӯз мо бо шумо дар бораи он гап зада будем, ки рафтори мо бояд бо имони мо мувофиқ бошад. Аммо барои аз яктарафагӣ раҳоӣ ёфтан моро лозим аст, ки ба чизи зикршуда ду эзоҳ илова намоем.

Эзоҳи якум: то замоне ки мо дар ин дунё зиндагӣ мекунем, наметавонем доимо ва дар ҳама чиз мувофиқи ҳақиқати Худо зиндагӣ ва рафтор кунем. Ҳатто пас аз он ки мо тамоми чизи аз дастамон меомадаро мекунем, бояд иқрор шавем, ки хизматгорони корношоям ҳастем. Аммо мо набояд танбалӣ ё бепарвоии худро бо ин сафед кунем: мо вазифадорем доимо партгоҳи миёни суханон ва корҳоямонро танг кунем.

Дуюм чизе ки ман диққати шуморо ба он ҷалб кардан мехостам: ягон хабаррасон, новобаста ба он ки вай чӣ гуна аст, наметавонад бо Хушхабар ба як сатҳ барояд. Эндрю Мюррей гуфта буд: “Ба мо, бандагони Худо, ягон рӯз лозим меояд он чиро мавъиза кунем, ки худамон ба ҷо оварда наметавонем. Баъди 35 соли чоп шудани китобаш “Дар Масеҳ монед” (“Abide in Christ”) вай навишта буд: “Ман мехостам, ки шумо фаҳмед: дар хизматгузории худ нависандаи масеҳӣ аксар вақт бояд зиёда аз он чи худаш чашидааст ё аз сар гузарондааст, нависад. Ман на ҳамаи он чиро, ки дар борааш (дар китоби “Дар Масеҳ монед”) навиштаам, он вақт дар таҷрибаи худ амалӣ карда будам, имрӯз низ аз эҳтимол дур аст, ки комилан ҳама чизро дар ҳаёти худ татбиқ карда метавониста бошам”.

Ҳақиқати Худо аз ҳама баланд меистад, он бузург, боҳашамат ва пурҷалол аст. Он чунон тааҷҷубовар ва пок аст, ки чунон ки Гай Кинг навишта буд, “мо ба он дар ларзиш наздик шуда, аллакай метарсем, ки бо як ламси худ онҳоро ҳаром гардонем. Лекин наход ҳеҷ кас дар борааш танҳо аз он сабаб, мо ба талаботи одитарини он ҷавобгӯ нестем, ҳаргиз нахоҳад шунид? Не, мо бояд онро дар ҳама ҷо эълон намоем, ҳатто агар он худи моро ҳукм кунад. Ҳар қадар ки мо равшантар фаҳмем, ки то чӣ андоза аз амалӣ гардондани он дур ҳастем, ҳамон қадар ин орзу бояд дар дилҳои мо сахттар аланга занад”. Мо бори дигар таъкид кардан мехоҳем, ки ин мулоҳизот дар ҳеҷ сурат барои рафторе ки шоистаи Наҷоткор нест, асос буда наметавонанд. Аммо онҳо бояд моро аз маҳкумкунии беасоси бандаи вафодори Худованд боздоранд, фақат барои он ки вай дар мавъизаҳои худ баъзан дар бораи корнамоиҳое мегӯяд, ки ҳаргиз дар ҳаёти рӯзмарраи худ ба амал наоварда буд.

Ин набояд моро аз эълони ҳақиқати Худо дар тамоми пуррагиаш боздорад, ҳатто агар мо худамон на ҳамеша аз рӯи он зиндагӣ мекарда бошем. Худо дилҳои моро медонад. Ӯ медонад, ки оё мо дурӯягӣ мекунем ё нокомил будани худро дарк намуда, бо тамоми дилу ҷон кӯшиш менамоем мувофиқи Каломи Ӯ зиндагӣ кунем.

# 12 ИЮЛ

**“...ин ҷанг аз они шумо нест, балки аз они Худост”**

*(2Ваҷоеънома 20:15)*

Қонунист, ки ҳар яке аз ҷанговарони Масеҳ як рӯз не як рӯз бояд аз тундбоди зарбаҳо ва ҳуҷумҳо гузарад. Ҳар қадар вай ҷасурона ҳақиқати Худоро эълон кунад, ҳар қадар он дар ҳаёти шахсии вай равшантар инъикос ёбад, ҳамон қадар таҳдидҳо ва аксар вақт ҳуҷумҳои кинадор шиддатноктаранд. Як пуритани солхӯрда гуфтааст: “Камонварони душман пеш аз ҳама шахсеро, ки назди капитан меистад, ба нишона мегиранд”.

Вайро дар гуноҳҳое айбдор хоҳанд кард, ки ӯ содир накардааст. Вайро ғайбатҳо, тӯҳматҳо ва бадгӯиҳо таъқиб хоҳанд кард. Ӯро масхара карда, бо ангушт нишон хоҳанд дод. Вайро ҳам ин ҷаҳон, ва агарчи ин ғамангез аст, баъзан масеҳиён ҳам дунболагирӣ хоҳанд кард.

Вақте замонҳои душвор оянд, мо бояд доимо дар хотир дорем, ки ин ҷанг на аз они мо, балки аз они Худост. Навишта ба мо ваъда медиҳад: “Худованд барои шумо ҷанг хоҳад кард, ва шумо хомӯш бошед” (Хур. 14:14). Ин маънои онро дорад, ки мо набояд барои ҳимояи худ ё барои зарбаи ҷавобӣ кӯшиш намоем. Худованд Худаш, вақте даркор шуморад, барои мо қасос мегирад.

Ф. Б. Мейер навишта буд: “Фақат сухане гуфта, мо чӣ қадар чиз зиёдро аз даст медиҳем! Ба ягон амал иқдом накунед, ҳеҷ чиз нагӯед; агар онҳо ба рухсораи рӯятон зананд, шумо тарафи дигарашро гузоред. Ҳаргиз норозигӣ баён накунед. Ҳаргиз барои ҳимояи номи неки худ кӯшиш накунед – он дар дасти Ӯст, ва ҳар гуна кӯшиши онро аз он ҷо кашида гирифтан хатарнок аст”.

Юсуф намунаи олидараҷаи имондорест, ки кӯшиш накард худро аз айбдоркуниҳои бардурӯғ ҳимоят кунад. Ӯ ҳама чизро ба дасти Худо супурд, ва Худо номи некашро барқарор намуда, ба ӯ дар давлат мақоми муҳим ва мӯҳтарам дод.

Як хизматгори Худо, аллакай шахси хеле пир, нақл карда буд, ки чӣ қадар зиёд одамон ба вай бадӣ карда, ӯро озор додаанд. Аммо ҳар бор дар дуо вай суханони Августинро такрор мекард: “Худованд, маро аз хоҳиши барои худ интиқом гирифтан нигаҳдорӣ кун”. Ва Худованд ҳар бор ӯро сафед намуда, айбдоркунандагонро фош мекард.

Намунаи аз ҳама бузург, албатта, Исо аст: “Гирифтори бадгӯӣ гардида, Ӯ ҷавобан бадгӯӣ намекард; азоб кашида, таҳдид намекард, балки Худро ба Довари Одил месупурд” (1Петрус 2:23).

Ҳамин тариқ, ана дарси мо барои имрӯз. Мо набояд кӯшиш намоем, ки худро аз айбдоркуниҳои бардурӯғ ҳимоят кунем. Ин ҷанги Худост. Ӯ барои мо ҷанг хоҳад кард. Мо бошем, бояд дар оромӣ ва осоиш бошем.

# 13 ИЮЛ

**“Эй азизон! Ба ҳар рӯҳ бовар накунед, балки рӯҳҳоро имтиҳон кунед, ки оё аз Худо ҳастанд, чунки бисёр пайғамбарони дурӯғин ба сар то сари дунё рафтаанд”**

*(1Юҳанно 4:1)*

Дар давраи мо шумораи фирқаҳои динӣ хеле тез меафзояд. Худ ба худ ин фирқаҳо ягон чизи нав намбошанд, онҳо фақат тағйиротҳои ҷузъии бидъатҳое ҳастанд, ки дар айёми Аҳди Нав пайдо шудаанд. Аз паси номҳои нав таълимотҳои кӯҳна пинҳон ҳастанд.

Вақте Юҳанно мегӯяд, ки мо бояд рӯҳҳоро имтиҳон кунем, вай дар назар дорад, ки мо бояд ҳамаи муаллимонро ба воситаи Каломи Худо санҷиш кунем, то дар миёни онҳо бидъаткорон ва муаллимони дурӯғинро ошкор намоем.

Асоси имтиҳон бояд се таълими асосии Навишта бошад. Ягон фирқа наметавонад имтиҳонро аз рӯи се пункт гузашта, моҳияти зиддимасеҳиёнаи худро ошкор накунад.

Дар аксари фирқаҳо шумо таълими таҳрифшударо оиди Навишта меёбед. Онҳо онро чун Каломи бенуқсони Худо, ваҳйи пурра ва охирини Худо ба одамон қабул намекунанд. Онҳо эҷодиёти роҳбарони худро дар як сатҳ бо Навишта мемонанд. Онҳо мегӯянд, ки аз Худованд ваҳйҳои нав гирифта, аз ҳамин сабаб дорои “ҳақиқати нав” мебошанд. Онҳо тарҷумаҳои шахсии Навиштаҳоро чоп мекунанд, ки ҳақиқатро таҳриф ва вайрон мекунанд. Барои онҳо обрӯи анъанаҳо баробари обрӯи Навишта аст. Онҳо Каломи Худоро ҳилагарона ва моҳирона истифода бурда, таълими ҳақиқии онро вайрон мекунанд.

Бисёрии фирқаҳо оиди Худованди мо гап зада, ба бидъат меафтанд. Онҳо инкор мекунанд, ки Ӯ Худо, Шахсияти дуюми Сегонаи муқаддас аст. Онҳо розӣ шуда метавонанд, ки Ӯ Писари Худост, аммо ҳамон лаҳза илова мекунанд, ки Ӯ ба Худо Падар баробар набуда, аз Ӯ поён меистад. Аксар вақт онҳо эътироф кардан намехоҳанд, ки Исо Масеҳ аст, ва таълим медиҳанд, ки Масеҳ фақат таъсири илоҳиест, ки ба Исо ном одам фурӯд омадааст. Бисёр вақт онҳо табиати одамии ҳақиқӣ ва бегуноҳи Наҷоткорро инкор мекунанд.

Пункти сеюм, ки дар он худи фирқаҳо лаънатро ба худ ҷалб мекунанд, таълимот дар бораи роҳи наҷот аст. Онҳо ҳақиқатеро инкор мекунанд, ки наҷот танҳо бо файз ба воситаи имон ба Худованд Исо дода мешавад. Ҳамаи онҳо инҷили дигарро, инҷили наҷотро ба воситаи корҳои нек ё хислати комил мавъиза мекунанд.

Пас, ҳангоме ки ба дари хонаи мо ташвиқгари ягон фирқа тақ-тақ мекунад, амали ҷавобии мо бояд чӣ гуна бошад? Юҳанно ба мо ҷавоби дақиқ ва муайян медиҳад: “...варо ба хонаи худ қабул накунед ва ба вай салом надиҳед; зеро касе ки ба вай салом гӯяд, дар корҳои бади вай шарик мешавад” (2Юҳ.10,11).

**“...корҳои пинҳонии нангинро рад карда, ҳиларо ба кор намебарем ва каломи Худоро таҳриф намекунем, балки ростиро ошкор карда, худро ба виҷдони ҳар кас ба ҳузури Худо вогузор менамоем”**

*(2Қуринтиён 4:2)*

Дар саҳифаи пешина мо бо шумо се масъалаи таълимотро дида баромадем, ки дар он фирқаҳои динӣ имони масеҳиро, ки ба муқаддасон як бор ва ба таври доимӣ дода шудааст, тарк карда, ба таълимоти бардурӯғ табдил ёфтаанд. Аммо фирқаҳо дигар нишонаҳои фарққунандае низ доранд, ки мо онҳоро на фақат бояд донем, балки фарқ кардани онҳоро ёд гирифта, дар ҷамоатҳои масеҳии худ решакан намоем.

Ҳамин тавр, шахспарастии роҳбари онҳо вуҷуд дорад, ки онҳо вайро чун масеҳ ва муъҷизакор ҳисоб мекунанд. Роҳбарони фирқаҳо аксар вақт одамони ситорагарме ҳастанд, ки метавонанд издиҳоми мардумро барангезонда ба тарафи худ ҷалб кунанд, аммо маҳз худи онҳо мустабидона онҳоро дар зери назорати сахт нигоҳ медоранд, ва итоати пурраро талаб намуда, барои ҳар беитоатӣ бо ҷазо таҳдид мекунанд.

Аксар вақт аз онҳо баёнотеро шунидан мумкин аст, ки фақат онҳо дорои ҳақиқат ҳастанд, ки онҳо дорандагони боифтихори нишонаҳои муайяни махсус мебошанд, ва бинобар ин ҳуқуқи комил доранд ҳамаи онҳоеро, ки бо онҳо аз ягон ҷиҳат норозӣ ҳастанд, танқид кунанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки онҳо аз тамоми таълимотҳо чизи беҳтаринро кашида гирифтаанд, ва аз ҳамин сабаб ба камолот расидаанд. Аз ин бармеояд, ки гӯё то даме ки шахс аз асрори онҳо хабардор нагардад, воқеан хушбахт буда наметавонад.

Онҳо кӯшиш мекунанд аъзоёни худро аз ҳар гуна робита бо дигар муаллимон, аз ҳамаи дигарон, ки пайравӣ имони масеҳианд, аз китобҳое ки на аз ҷониби роҳбарони онҳо, балки аз ҷониби дигарон навишта шудаанд, дур нигоҳ доранд.

Тарзи зиндагии онҳо пур аз шариатпарастӣ аст, ва онҳо худашон инро пай набурда, ғуломони система мегарданд. Муқаддасӣ барои онҳо риояи расму маросимҳои муайян аст, ва шахс метавонад ба он танҳо бо кӯшишу ғайрати худ расида, ба қуввати дигаргункунандаи Худо мӯҳтоҷ набошад.

Бо ёрии системаи ҳилаву найранги психологӣ онҳо муваффақона аз одамон пулро кашида мегиранд. Роҳбарони онҳо дар бойигарӣ ва ҳашамат зиндагонӣ мекунанд, дар ҳоле ки бисёре аз аъзоёни қаторӣ дар бенавоӣ ҳақирона умр ба сар мебаранд.

Бисёре аз фирқаҳо ба ҷои он ки дар миёни беимонон кор кунанд, гӯсфандони бегонаро дуздида, аъзоёни дигар ташкилотҳои диниро ташвиқ мекунанд.

Дар таълими худ онҳо ба кадом як ё якчанд таълимот аҳамияти бениҳоят зиёд дода, дигар ҷиҳатҳои ваҳйи илоҳиро сарфи назар мекунанд.

Ба касоне ки ҳақиқатро таълим медиҳанд, онҳо чун ба душман муносибат мекунанд. Павлус ғалотиёнеро, ки дар ботлоқи шариатпарастӣ ғӯтида буданд, мепурсид: “...Оё акнун, чун ҳақиқатро ба шумо мегӯям, душманатон шудаам?” (Ғал. 4:16). Ғамангез аст, аммо ҳеҷ як ҷамоат аз ворид шудани чунин назарҳо ва муносибатҳо эмин нагардидааст, ва бинобар ин, дар ин замин зиндагӣ карда, мо бояд онро аз таъсири зарарнок ҳушёрона ва доимо муҳофизат кунем.

**“Ва шумо биравед ва маънои ин суханро биомӯзед: Марҳамат мехоҳам, на қурбонӣ”**

*(Матто 9:13)*

Муомилаи мо бо дигар одамон дар назари Худо аз шумораи маросимҳои диние ки мо дар онҳо иштирок мекунем, хеле муҳимтар аст. Вай марҳаматро нисбат ба қурбонӣ бартар мешуморад, ахлоқи баланд дар ҳаёти рӯзмарра барои Ӯ аз маросимҳо баландтар меистад. Ба назари аввал аҷоиб метобад, ки Худо қурбонӣ намехоҳад, охир маҳз Ӯ, на каси дигар, як вақтҳо системаи қуробониовариро муқаррар карда буд. Дар асл ин ҷо зиддият нест. Бале, Ӯ ҳақиқатан ба одамон қурбонӣ оварданро фармуд, аммо онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонистанд ҷоеро ишғол кунанд, ки ба росткорӣ ва некӣ тааллуқ дошт. “Риоя кардани адлу инсоф назди Худованд мақбултар аз қурбонист” (Мас. 21:3). Пайғамбарони Аҳди Қадим хашмгинона онҳоеро сарзаниш мекарданд, ки тамоми маросимҳоро риоя намуда, дар айни замон ҳамсоягони худро фиреб дода, дар ҳаққи онҳо зулм мекарданд. Ишаъё ба онҳо мегӯяд, ки Худо аз қурбониҳои сӯхтанӣ ва идҳои динии онҳо сер аст, то даме ки онҳо азоб додани ятимон ва бевазанонро бас накунанд (Иш. 10:1-17). Ӯ ба онҳо эълон намуд, ки рӯзае ки Ӯ онро дидан мехост, аз муносибати одилона бо коргарон ва ғамхорӣ дар ҳаққи гуруснагону бараҳнагон иборат аст (Иш. 58:6,7). Бадкорӣ дар ҳаёти онҳо Худоро ба ҳамон андозае сахт таҳқир мекунад, ки хуни хук ё саги гарданшикастае ки ба Ӯ қурбонӣ оварда шудаанд, таҳқир мекард (Иш. 66:3).

Омӯс ба халқ фармон дод, ки ба ҷо овардани ҳар гуна маросимҳои диниро бас кунанд, зеро то он даме ки росткорӣ ва марҳамат чун наҳри бузург ҷорӣ нагардад, Худо аз онҳо нафрат доштанро давом хоҳад дод (Ом. 5:21-24). Мико бошад онҳоро огоҳ мекард, ки Худо пеш аз ҳама на маросимҳо, балки росткорӣ, доварии одилона, марҳамат ва фурӯтаниро дидан мехоҳад (Мик. 6:6-8).

Худованд Исо бо хашм ба риёкории фарисиёне дармеафтод, ки дар назари ҳама дуру дароз дуо карданро дӯст медоштанд, аммо ин онҳоро аз бехонумон кардани бевазанон нигоҳ намедошт (Мат. 23:14). Онҳо доимо хеле расмият-парастона аз наънои боғчаи худ ушр медоданд, аммо ин ҳаргиз наметавонист росткорӣ ва имонро иваз кунад (Мат. 23:23). Қурбонии мо беҳуда аст, агар бародар зидди мо ягон даъвое дошта бошад (Мат. 5:24); ҳадия аз ҷониби Худо танҳо пас аз пардохти музди зиён қабул хоҳад шуд. Мунтазам ба ҷамоат омадан ҳаргиз наметавонад фиреб ва қаллобиро дар ҷои корамон ҷуброн кунад. Ҳеҷ тӯҳфа дар зодрӯз захмҳои падару модарро, ки муносибати бепарвоёна ва бераҳмонаи фарзандонашон ба онҳо расонидааст, муолиҷа намекунад.

Худоро на бо чизҳои зоҳирӣ фиреб додан мумкин аст ва на бо расму оинҳо. Ӯ дилҳои мо ва рафтори ҳаррӯзаи моро мебинад.

# 16 ИЮЛ

**“Наҷот деҳ, эй Худованд, зеро ки порсо боқӣ намондааст; зеро ки аз миёни банӣ-одам аминон нест шудаанд”**

*(Забур 11:2)*

Кайҳо боз вақт расидааст, ки одамони амин (вафодор) ба Китоби Сурх даровардa шаванд; шумораи онҳо бо суръати фавқулода кам мешавад. Агар аллакай дар он айём Довуд аз нопадид шудани онҳо андӯҳгин мешуда бошад, пас, агар ӯ дар замони мо зиндагӣ мекард, худро чӣ тавр ҳис мекард?

Одами амин гуфта мо шахсеро дар назар дорем, ки ба вай бовар кардан ва такя намудан мумкин аст. Агар вай ягон чиз ваъда диҳад, ба қавли худ вафо мекунад. Агар вай вазифа дошта бошад, онро ҳамеша ба ҷо меоварад. Агар вай дар кори ҷамъиятӣ иштирок кунад, бо ҷавобгарии калон ба он муносибат мекунад.

Одами беэътимод маслиҳати мулоқотро мекунад, аммо баъд тамоман намеояд ва ё хеле дер карда меояд. Вай пешниҳоди дар мактаби якшанбегӣ дарс доданро қабул мекунад, аммо агар бо ким-кадом сабаб омада натавонад, фикр намекунад, ки ба ҷои худ ягон одам пайдо кунад. Ба вай дар ҳеҷ чиз такя кардан мумкин нест. Ваъдаҳояш пуч ҳастанд. Ҳайратовар нест, ки Сулаймон гуфтааст: “Умед бастан ба хоин дар рӯзи сахт мисли дандони лиққонак ва пои лағзанда аст” (Мас. 25:19).

Ба Худо одамони амин лозиманд. Ба Ӯ хизматгузороне даркоранд, ки вафодорона манфиатҳои Ӯро ҳимоят мекунанд (1Қур. 4:2). Ба Ӯ муаллимони амин лозиманд, ки метавонанд ба дигарон ҳақиқатҳои бузурги имони масеҳиро таълим диҳанд (2Тим. 2:2). Ба Ӯ имондороне даркоранд, ки ба Худованд Исо вафодоранд, ва ҳамроҳи Ӯ рад шуда, салиби Ӯро мебардоранд. Ба Ӯ одамоне лозиманд, ки бегуфтугӯ ба Каломи дорои илҳоми илоҳӣ ва бенуқсони Ӯ вафодоранд. Ба Ӯ масеҳиёне даркоранд, ки танҳо ба як ҷамоат вафодор буда, чун лӯлиёни рӯҳонӣ нестанд, ки аз як ҷамоат ба ҷамоати дигар кӯч мекунанд. Ба Худо муқаддасоне лозиманд, ки вафодорона ба имондорони дигар ва ба наҷотнаёфтагон хизмат мекунанд.

Намунаи аз ҳама бузург Худованд Исо мебошад. Ӯ Шоҳиди боваринок ва ҳақ (Ваҳй 3:14), Саркоҳини марҳаматкунанда ва бовафо дар пеши Худо мебошад (Ибр. 2:17); Ӯ бовафо ва росткор аст, ки гуноҳҳои моро мебахшад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок менамояд пок менамояд (1Юҳ. 1:9). Ӯ доимо он чиро, ки ваъда медиҳад, иҷро мекунад, суханони Ӯ ҳақиқатанд, роҳҳои Ӯ комилан боэътимоданд.

Агарчи дар ин ҷаҳон вафодорӣ эътибори махсус надорад, дар назари Худо он хеле пурарзиш аст. Исо вафодории шогирдони Худро бо ин суханон подош дод: “Шумо касоне ҳастед, ки дар озмоишҳои Ман бо Ман будед, ва Ман ба шумо Подшоҳие месупорам, чунон ки Падарам ба Ман супурдааст” (Луқ. 22:28,29). Мукофоти олӣ барои вафодорӣ таҳсини Ӯ хоҳад буд: “Офарин, эй ғуломи нек ва боваринок!...ба шодии хоҷаи худ шарик шав” (Мат. 25:21).

# 17 ИЮЛ

**“Ва баракат диҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд, ва лаънат гӯям ба онҳое ки туро малъун хонанд”**

*(Ҳастӣ 12:3)*

Ҳангоме ки Худо Иброҳимро даъват намуд, то сардори халқи баргузидаи заминии Ӯ гардад, ваъда дод, ки дӯстони ин халқро баракат дода, душманонашро лаънат хоҳад хонд. Дар давоми тамоми асрҳои минбаъда ба халқи яҳудӣ лозим омад, ки аз душмании бераҳмона ва яҳудибадбинӣ азоб кашад, аммо бар яҳудибадбинӣ доимо лаънати Худо буд.

Ҳомон накшаи дар Форс нобуд кардани яҳудиёнро мекашид. Бо роҳи фиреб вай подшоҳро ба имзои фармоне водор намуд, ки аллакай ҳеҷ кас ҳақ надошт онро тағйир диҳад. Ба назар чунин менамуд, ки ҳама кор бо осонӣ аз дасти Ҳомон меомад. Аммо дертар дар роҳи вай, ки аввал ҳамвор буд, беш аз пеш сангҳо ва охурчаҳо пайдо шудан гирифтанд. Роҳ ба нишеб равона шуд: аз дилхунукии начандон калон то хатои сахт, то даме ки ниҳоят суиқасдкунандаи ҳилагар ба худи ҳамон доре ки бо амри вай барои Мордехайи яҳудӣ тайёр карда буданд, овехта шуд.

Адолф Ҳитлер аз таърих ягон сабақ нагирифт, ва аз ҳамин сабаб ба такрори худи ҳамон хатоҳо дучор гардид. Ӯ ба татбиқи барномаи иблисонае шурӯъ намуд, ки барои дар лагерҳои консентрасионӣ, камераҳои газӣ, оташдонҳо, ба воситаи тирборони оммавӣ нобуд кардани яҳудиён равона шуда буд. Ба назар чунин менамуд, ки ҳеҷ чиз пеши роҳи ӯро гирифта наметавонад. Аммо инак ҳодисаҳо ранги дигар гирифтанд, ва марги вай дар паноҳгоҳи зеризаминии Берлин буздилона ва шармандавор буд.

Дар давраи Мусибати бузург яҳудибадбинӣ ба нуқтаи авҷи худ хоҳад расид. Тамоми халқҳои ғайрияҳудӣ аз яҳудиён нафрат карда, онҳоро таслим мекунанд, азобу шиканҷа медиҳанд ва мекушанд. Шумораи зиёди онҳо дар хунрезӣ ва куштор нобуд хоҳад шуд. Омадани дуюми Худованд Исои Масеҳ ба қатлу ғорат хотима хоҳад дод. Ҳамаи онҳое ки халқи Ӯро таъқиб мекарданд, нобуд хоҳанд шуд; ҳамаи онҳое ки ба бародарони яҳудии Масеҳ кӯмак мекарданд, ба Подшоҳӣ хоҳанд даромад.

Ягон имондори ҳақиқӣ роҳ нахоҳад дод, ки дар ҷони вай ақаллан як зарраи хурдакаки яҳудибадбинӣ пайдо шавад. Худованди вай, Наҷоткори вай, дӯсти беҳтарин ва бовафои вай яҳудӣ буд ва яҳудӣ мемонад. Худо Навиштаи Муқаддасро ба яҳудиён дод, ва маҳз онҳо онро нигоҳ доштанд. Агарчи Худо ин халқро аз боиси он ки онҳо Масеҳро қабул накарданд, ба муддате рад кард, аммо ба ҳар ҳол Ӯ Исроилро дӯст медорад. Шахсе ки аз яҳудиён нафрат дорад, умед карда наметавонад, ки Худо ҳаёт ва ибодати ӯро баракат хоҳад дод.

“Барои Уршалим сулҳу осоиштагӣ талаб кунед: бигзор дӯстдорони ту некрӯз бошанд!”(Заб. 121:6). Ҳамчунин онҳое ки халқи яҳудиро дӯст медоранд, некрӯз хоҳанд буд.

# 18 ИЮЛ

**“Ва Микал бинти Шоул то рӯзи вафоташ фарзанд надошт”**

*(1Подшоҳон 6:23)*

Ҳангоме ки Довуд сандуқро ба Уршалим оварда, онро андаруни хаймаи махсус барои ин тайёр кардашуда гузошт, вай ба ваҷд омада буд. Подшоҳ бехудона пеши Худованд рақс мекард, зеро ҳис мекард, ки ин яке аз бузургтарин комёбиҳои вай ва яке аз пуршарафтарин лаҳзаҳои ҳаёти ӯст. Занаш Микал ӯро барои ин гуна рафтори гӯё шармандавор мазоҳ кард. Натиҷаи бевоситаи танқиди пурнафрати вай бефарзандӣ буд: вай то рӯзи вафоташ фарзанд надошт.

Дар ин мисол мо мебинем, ки натиҷаи танқиди беасос беналӣ аст. Инро гуфта, мо танқиди созандаро дар назар надорем. Ин гуна танқидро мо бояд маъқул дониста, аз он сабақ гирем. Дар ҳаёти мо чандон дӯстони зиёд нестанд, ки моро ба андозае дӯст доранд, ки ҳозиранд моро ба фоидаамон танқид кунанд.

Танқиди беасос ё танқиди бад ва бонафрат танҳо харобӣ меоварад. Он метавонад дар ҳаёти ягон шахс меҳнати Худоро вайрон карда, дар муддати хеле кӯтоҳ тараққиёти бисёрсоларо нобуд кунад.

Дар ҳикоят аз ҳаёти Довуд сандуқ рамзи Масеҳ буда, ҷое ки дар Уршалим барояш тайёр карда шудааст, рамзи тахт барои Масеҳ дар дили одам аст. Ҳангоме Масеҳ ба ин тахт менишинад, имондор худро боздошта натавониста, ваҷду хурсандиеро, ки ӯро фаро гирифтааст, нишон медиҳад. Вай бо ин кораш аксаран душмании беимононро, ва баъзан масхараҳои бонафрати масеҳиёнро низ ба вуҷуд меоварад. Ҳамин гуна рӯҳияи танқидкунии беасос ногузир боиси беналӣ мешавад.

Он на фақат дар ҳаёти шахси ҷудогона, балки дар ҳаёти тамоми ҷамоати маҳаллӣ сабаби беналӣ мешавад. Масалан, ҷамъомадеро мегирем, ки дар он ҷавононро доимо таъна мекунанд. Ҳама чизро танқид мекунанд: тарзи либоспӯшии онҳоро, тарзи ороиши мӯйсари онҳоро, дуоҳои онҳоро ва мусиқии онҳоро. Ҳама мехоҳанд, ки онҳо дар як лаҳзаи кӯтоҳ, бе кори дуру дароз ва диққатталаби ҷамоат ба камолоти рӯҳонӣ расанд. Ҳайратовар нест, ки як рӯз не як рӯз ҷавонон ба ҷое мераванд, ки онҳоро чунон ки ҳастанд, қабул мекунанд, ҷамоат бошад оҳиста-оҳиста ба нобудӣ меравад.

Бигзор мисоли Микал барои ҳамаи мо огоҳӣ бошад: танқиди сахт ва бераҳмона на танҳо ба шахсе ки он бар зидди вай равона шудааст, зарар мерасонад; шахсе ки танқид аз вай бармеояд, низ аз ҷазо пинҳон намешавад. Ин ҷазо бесамарӣ аст.

## 19 ИЮЛ

**“...чунон ки Ӯ ҳаст, essential онҷунон мо низ дар ин ҷаҳон ҳастем”**

*(1Юҳанно 4:17б)*

Ин яке аз он ҳақиқатҳои Аҳди Нав аст, ки дар пеши онҳо карахт шуда, аз ҷасораташон ба ҳайрат меоем. Мо барои гуфтани ин суханон ҳаргиз ҷуръат намекардем, агар онҳо дар Китоби Муқаддас навишта намешуданд. Онҳо ба мо ҳақиқати пуршараферо ошкор мекунанд, ки мо онро бо шодию хурсандӣ қабул мекунем.

Пас мо дар чӣ ба Масеҳ монанд ҳастем? Пеш аз ҳама қариб ба таври автоматӣ он чи моро аз Ӯ фарқ мекунонад, пеши назарамон ҷилвагар мешавад. Мо дорои он хусусиятҳое нестем, ки танҳо ба Худо хосанд, масалан, ҳамадонӣ, қудратмандӣ ё бемаконӣ. Мо пур аз гуноҳ ва мағлубият ҳастем, дар ҳоле ки Ӯ тамоман комил аст. Моончунон ки Ӯ дӯст медорад, дӯст намедорем ва чӣ тавре ки Ӯ мебахшад, намебахшем.

Пас мо аз кадом ҷиҳат ба Ӯ монанд ҳастем? Ояти мо шарҳ медиҳад: “Муҳаббат дар мо чунон ба камол расидааст, ки мо дар рӯзи доварӣ ҷуръат дорем, зеро чунон ки Ӯ ҳаст, ончунон мо низ дар ин ҷаҳон ҳастем”. Муҳаббати Худо ҳаёти моро то дараҷае дигаргун кардааст, ки дар пеши курсии доварии Масеҳ истодан бароямон тарсовар нахоҳад буд. Мо ором ва дилпур мешавем, зеро доварӣ бар мо аллалай баргузор шудааст, чунон ки доварӣ бар Наҷоткор низ. Ӯ барои гуноҳҳои мо дар салиби Ҷолҷолто маҳкум шуда, ба ҳамин восита масъалаи гуноҳро барои ҳамеша ҳал кард. Ӯ ҷазои гуноҳҳои моро бар Худ гирифт, ва мо аллакай набояд аз он тарсем. Мо ҳуқуқи комил дорем чунин гӯем: “Марг ва доварӣ паси сар шудаанд. Дар оянда фақат файз ва ҷалол аст. Мавҷе ки бар ман марг меовард, бар соҳили бандар пош хӯрд”. Чунон ки барои Ӯ доварӣ барои ҳамеша ба гузашта рафт, онҷунон мо низ гуфта метавонем: “Барои ман дигар доварӣ нест, дӯзах нест, ва оташу азобро ман ҳаргиз нахоҳам дид. Ман ҳаргиз ҳукми қатлро низ нахоҳам шунид, Худованд бо боли Худ маро аз неши марг пинҳон кард”.

Мо ба Масеҳ на фақат дар бобати доварӣ, балки дар бобати имконияти дар ҳузури Худо истода, мақбули Ӯ шудан низ монанд ҳастем. Худо ба мо бо худи ҳамон лутфу марҳамате менигарад, ки ба Худованд Исо менигарист, чунки мо дар Масеҳ ҳастем. “Ҳоло, ки ман Писари Худоро дар бар кардаам, ба Худо аз ин наздиктар будан ғайриимкон аст”.

Ниҳоят, мо ба Масеҳ дар он монанд ҳастем, ки Падар моро ба ҳамон андоза дӯст медорад, ки Ӯро дӯст медорад. Чун Саркоҳин Худованд Исо дар дуои Худ гуфтааст: “Ту...онҳоро дӯст доштӣ, чунон ки Маро дӯст доштӣ” (Юҳ. 17:23 б). Бинобар ин муболиға намебуд, агар мегуфтем: “Ман ба дили Худо хеле азиз ҳастам, охир Ӯ маро ба ҳамон андоза дӯст медорад, ки Писари Худро дӯст медорад”.

Китоби Муқаддас комилан ҳақ аст, вақте мегӯяд, ки чунон ки Ӯ ҳаст, онҷунон мо низ дар ин ҷаҳон ҳастем.

**“Ёроне ҳастанд, ки ба шикаст мерасонанд, вале дӯсте ҳаст, ки аз бародар маҳкамтар мечаспад”**

*(Масалҳо 18:24)*

Мо бисёр вақт ин ҳақиқати олидараҷаро ба дараҷаи кофӣ қадрдонӣ намекунем; дӯстиро парвариш бояд кард. Агар онро бо таваҷҷӯҳ гарм кунӣ, он гул-гул мешукуфад, аммо аз хунукии нописандӣ зуд нобуд мегардад.

Маҷаллаи “Ҳалли масъала” дар мақолаи таҳририяи худ боре навишта буд: “Дӯстӣ аз ҳеҷ чиз ба вуҷуд намеояд, онро бояд парвариш кард, барои он бояд меҳнат кард. Дӯстӣ на фақат гирифтан, балки ато кардан низ мебошад. Дӯстӣ на танҳо дар рӯзҳои офтобӣ, балки дар рӯзҳои тира низ зиндагӣ мекунад. Мо аз дӯсти ҳақиқӣ на мӯҳтоҷиҳоямонро пинҳон мекунем ва на душвориҳоямонро. Ва мо бо дӯстамон на фақат барои он дӯстӣ мекунем, ки аз вай ёрӣ ё мадад гирем”.

Дӯсти ҳақиқӣ шоистаи вақт ва қувватест, ки барои он харҷ мешавад. Дӯсти ҳақиқии шумо зидди айбдоркуниҳои бардурӯғ тарафи шуморо мегирад. Вай шуморо барои тамоми чизҳое ки шоистаи таъриф аст, таъриф мекунад, самимона ва ошкоро ба камбудиҳо, хатоҳо ва норасоиҳои шумо ишорат менамояд. Солҳои дуру дароз вай доимо бо шумо дар робита буда, тамоми хурсандӣ ва ғуссаҳои шуморо бо ҳам мебинад.

Хеле муҳим аст, ки ба қатъ шудани робита роҳ надиҳед. Дар ин кор мактубҳо, варақаҳои табрикӣ, зангҳои телефонӣ ва боздидҳо ёрӣ дода метавонанд. Дӯстӣ кӯчаест бо ҳаракати дутарафа. Агар ман мунтазам ба мактубҳо ҷавоб надиҳам, пас маълум мешавад, ки ман давом додани муносибатҳои дӯстонаро лозим намешуморам. Охир, ман бениҳоят серкор ҳастам. Ё ки ба ман ташвишҳои зиёдатӣ лозим нестанд. Ё ки ман тоқати навиштани мактубро надорам. Дӯстие ки метавонад ба беэътиноии доимӣ тоб оварад, хеле кам вомехӯрад.

Бисёр вақт надоштани хоҳиши мустаҳкам кардан ва давом додани робитаҳои дӯстона танҳо яке аз шаклҳои худпарастӣ аст. Мо оиди худ, оиди он ки ин барои мо чӣ қимат дорад, оиди вақт, кӯшишҳо, хароҷот фикр мекунем. Дӯстии ҳақиқӣ бошад оиди дигарон фикр мекунад – чӣ тавр мо метавонем онҳоро рӯҳбаланд кунем, дастгирӣ намоем, тасалло диҳем, хурсанд кунем, бо чӣ мо ба онҳо кӯмак карда метавонем, чӣ тавр мо метавонем ба онҳо ғизои рӯҳонӣ диҳем.

Мо ба шарофати дӯстоне ки ҳангоми эҳтиёҷи сахти мо бо ҳақиқати аз ҷониби Худо илҳомёфта назди мо омаданд, ба чизҳои бисёр ноил гардидем. Дар ҳаёти ман даврае буд, ки худро рӯҳафтода ҳис карда, дар хизматгузории масеҳӣ ноумедии сахтро аз сар мегузарондам. Дӯсти ман, ки аз ноумедшавии ман огоҳ набуд, ба ман мактуби рӯҳбаландкунанда фиристод, ки дар он оятҳоро аз китоби Ишаъё иқтибос меовард: “Ва Ман гуфтам: “Бар абас Ман заҳмат кашидаам, қуввати Худро беҳуда ва бесамар сарф намудаам. Аммо ҳаққи Ман бо Худованд аст, ва музди Ман бо Худои ман аст” (49:4). Ин маҳз ҳамон суханоне буданд, ки ба ман ёрӣ доданд, то пас аз нобарориҳо ба худ омада, аз нав аз пайи кор шавам.

Чарлз Кинслей навишта буд: “Оё дӯстро фаромӯш кардан мумкин аст, рӯи ӯро фаромӯш кардан мумкин аст, рӯи шахсе ки моро то ба охир рӯҳбаланд мекард, ва моро ҳангоми дар майдони худ буданамон дастгирӣ мекард? Қарзи мо дар пеши ин ҷонҳои парҳезгор басо калон аст. Мо онҳоро фаромӯш нахоҳем кард”.

Аксари мо якчанд дӯсти воқеан ба мо наздик дорем. Ин тавр ки бошад, мо бояд ҳар чизи аз дастамон меомадаро кунем, то ин дӯстӣ пажмурда нашавад, балки баръакс, гул-гул шукуфта, устувор гардад.

## 21 ИЮЛ

**“Ҳамаи ғамҳои худро ба Ӯ вогузор кунед, зеро Ӯ ба шумо ғамхорӣ мекунад”**

*(1 Петрус 5:7)*

Солҳои зиёд имондор буда, бо вуҷуди ин ғамҳои худро ба дӯши Худованд вогузоштанро ёд нагирифтан имкон дорад. Мо ин оятро аз ёд карда, ҳатто метавонем оиди ин мавзӯъ аз минбар мавъиза кунем ва бо вуҷуди ҳамаи ин аз рӯи ҳақиқат зиндагӣ карданро ҳаргиз ёд нагирем. Аз Китоби Муқаддас мо медонем, ки Худо дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад, Ӯ ба мо бепарвоӣ зоҳир намекунад, ва Ӯ аз ӯҳдаи ҳалли мушкилоти душвортарине мебарояд, ки мо фақат ба худ тасаввур карда метавонем. Ва ба ҳар ҳол мо тамоми шаб чашмонамонро намепӯшем, ва дар ғаму ташвиш аз як тараф ба тарафи дигар паҳлу зада, чизи аз ҳама даҳшатангезро тасаввур мекунем.

Аммо ҳама чиз дигар хел низ буда метавонад. Ман дӯсте дорам, ки бо чунон шумораи зиёди мушкилоту душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад, ки барои аксари мо тасаввур кардан ҳам мушкил мебуд. Агар ҳамаи онҳоро ба дӯши худ бор карданаш лозим меомад, ӯ кайҳо ба харобаи рӯҳонӣ табдил мешуд. Пас вай чӣ кор мекунад? Вай ҳамаи онҳоро пеши Худованд оварда, назди пойҳояш мегузорад, сипас аз зону хеста, зери кӯрпа даромада, аз ягон суруд якчанд банд мехонад, ва ҳамин ки сараш ба болишт расад, ба хоб меравад.

Боре Билл Брайт ба Лерой Аймс гуфта буд: “Лерой, ман дар 1Пет. 5:7 тасаллои бузург ёфтам. Ман дидам, ки дар ҳаёти мо тамоми борро ё ман мебардорам, ё Исо. Дукаса мо инро карда наметавонем, ва бинобар ин ман қарор додам, ки ҳама чизро бар дӯши Ӯ вогузорам”. Аймс қарор дод, ки ба ин намуна пайравӣ кунад. Вай навишта буд: “Ман ба ҳуҷраи худ рафта, ба дуо гуфтан сар кардам. Ман аз тамоми дилу ҷон кӯшиш мекардам он чиро, ки Билл гуфта буд, ба амал оварам. Аллакай якчанд моҳ пеш дар меъдаи ман варам пайдо шуда буд. Ман ҳис мекардам, ки чӣ тавр он калон мешавад. Ва он гоҳ Худо ба ман халосӣ ато кард. Не, мушкилии ман нест нашуд, он имрӯз ҳам бо ман аст. Аммо он ба ман фишор оварданро бас кард. Шабҳое ман ё чашмонамро пӯшида наметавонистам, ё азоб кашида, бо ашк ба хоб мерафтам, ба гузашта рафтанд. Ман ҷасурона ва поквиҷдонона метавонам ба душвориҳо тоб оварам, рӯҳи ман шод аст, ва диламро миннатдорӣ пур мекунад”.

Бисёр касон метавонанд аз пайи шоир такрор кунанд:

Худо мегӯяд, ки тайёр аст  
Ҳар рӯз бори маро бардорад.  
Аммо ман бояд ба Ӯ доимо  
Ва дар ҳар лаҳза таваккал кунам.  
Вақте мусибат ногаҳон меояд,  
Донаи аблаҳӣ низ неш мезанад:  
Ман умедамро аз киштӣ берун мепартоям,  
Ва хам шуда, бори худро мебардорам.

## 22 ИЮЛ

**“Худовандо... агар чизи касеро ноинсофона гирифта бошам, чор баробар бозмегардонам”**

*(Луқо 19:8)*

Ҳамин ки Заккай дили худро ба Худованд Исо кушод, ғаризаи илоҳӣ ба вай гувоҳӣ дод, ки акнун бояд подоши тамоми зарарҳоеро, ки дар гузашта ба дигарон расонида буд, диҳад. Аз матн ба назар чунин менамояд, ки вай худаш дилпур набуд, ки дар гузашта дигаронро фиреб медод ё не, аммо дар мавриди мо бо боҷгири сарватманд тасаввур кардан ҳақиқатмонанд мебуд, ки “агар” маънои “азбаски”-ро дорад. Вай медонист, ки бо роҳи ноинсофона сарватманд шуд, ва акнун аллакай наметавонист аз ин ҳамин тавр даст кашад.

Китоби Муқаддас дар бораи вазифаи мо оиди додани товони зиён бисёр мегӯяд. Дубора зода шуда, мо бояд ҳамаи он чиро, ки бе иҷозат гирифта будем, ба соҳиби ҳақиқӣ баргардонем. Наҷот ёфтан шахсро аз вазифаи ислоҳ кардани он чи нодуруст карда буд, озод намекунад. Агар то имон овардан пул дуздида бошем, фаҳмиши дурусти файзи Худо моро водор месозад, ки онро баргардонем. Зодашавии нав ӯҳдадории моро оиди баргардондани тамоми чизи ба қарз гирифташуда бекор намекунад.

Бисёр сол пеш, дар Белфаст, ҳангоме дар маҷлисҳои инҷилшиносонӣ, ки дар онҳо У.П. Николсон мавъиза мекард, садҳо одамон наҷот ёфтанд, ба заводҳои маҳаллӣ лозим омад ангарҳои калон созанд, то дар онҳо тамоми асбобҳое ки навимонон баргардондаанд, ғунҷанд.

Биноҳои калони анбор то боло пур мешуданд, агар тамоми моликияти ҳарбии дар солҳои охир дуздидашуда баргардонда мешуд. Ҳамчунин миқдори бисёри асбобҳо, хӯрокворӣ ва дигар лавозимот, ки аз фабрикаву корхонаҳо, идораву мағозаҳо гум мешаванд!

Хеле хуб мешавад, агар имондор подоши зиёни расондаашро дода, инро ба номи Худованд Исо кунад. Масалан: “Вақте ки якчанд сол пеш дар корхонаи шумо кор мекардам, ин асбобҳоро дуздида будам, аммо ба қарибӣ ман наҷот ёфтам, ва Худованд Исо ҳаёти маро дигаргун кард. Ӯ маро водор кард, ки ин асбобҳоро баргардонда, бахшиш пурсам”. Он гоҳ тамоми ҷалол ҳақиқатан ба Наҷоткор тааллуқ хоҳад дошт.

Бисёр вақт чунин ҳолатҳое низ вомехӯранд, ки ба хотири шаҳодат дар бораи Исо пули дуздидашударо бо фоиз баргардондан лозим аст. Нишонаи пешакии ин – қурбонии ҷурм дар Аҳди Қадим буд, ки на фақат товони зиёни расонидаро, балки илова бар ин панҷяки онро талаб мекард.

Бешубҳа, чунин ҳолатҳое низ вомехӯранд, ки подоши зиёнро тамоман додан ғайриимкон аст, ё барои он ки вақти хеле зиёд гузаштааст, ё барои он ки вазъият дигар шудааст. Худованд аз ин бохабар аст. Агар гуноҳ эътироф шуда бошад, хоҳиши самимиро Ӯ ба амали иҷрошуда баробар меҳисобад, – аммо танҳо он вақте ки подоши зиёнро додан ҳақиқатан имконнопазир бошад.

**“...беморонро ба кӯчаҳо бароварда, болои бистарҳо ва катҳо мегузоштанд, то ки ҳангоми гузашта рафтани Петрус ақаллан сояи ӯ бар баъзеи онҳо афтад”**

*(Амалҳо 5:15)*

Одамон диданд, ки дар хизматгузории Петрус қуввати бузург буд. Ба ҳар ҷое ки вай мерафт, он ҷо беморон шифо меёфтанд. Ҳайратангез нест, ки бисёрии одамон кӯшиш мекарданд тавре ҷой гиранд, ки ба онҳо сояи вай афтад! Таъсири Петрус бениҳоят бузург буд.

Ҳамаи мо соя меафканем. Хоҳем ё нахоҳем, доимо ба одамоне ки дар гирду атрофи мо ҳастанд, таъсир мерасонем. Герман Мелвилл навишта буд: “Мо аз тамоми ҷаҳон ҷудо шуда, зиндагӣ карда наметавонем. Ҳаёти мо бо ҳазорҳо ришта бо ҳаёти дигарон пайваст шудааст, ва ба воситаи ин симҳои фавқулҳассос амалҳои мо назди дигарон чун сабаб равон мешаванд ва назди мо чун натиҷаҳо бармегарданд”.

“Ту ҳар рӯз бо рафтор ва суханони худ як боби инҷилро менависӣ. Одамон ҳар он чи ту менависӣ, мехонанд, ҳама чиро мехонанд: ҳам дурӯғ, ва ҳам ростиро. Бигӯ, инҷили ту чӣ хел аст?”

Вақте як масеҳиро пурсиданд, ки Инҷили кадом муаллиф беш аз ҳама ба ту маъқул аст, вай ҷавоб дод: “Инҷили модарам”. Ҷон Уэслӣ бошад боре гуфта буд: “Ман дар бораи масеҳият беш аз ҳама на аз илоҳиётшиносони Инглистон, балки аз модарам дониста гирифтаам”.

Мо чун барқзада дар ҷоямон шах шуда мемонем, вақте дарк мекунем, ки дар ҳаёти ҳар яки мо шахсе ҳаст, ки аз мо чашмашро наканда, дилпур аст, ки масеҳӣ бояд маҳз ҳамин гуна бошад. Ин метавонад писар ё духтар, дӯст ё ҳамсоя, муаллим ё талаба бошад. Барои вай шумо қаҳрамон, намунаи ибрат, ё идеал ҳастед. Вай ба шумо аз он ки шумо фикр мекунед, бодиққаттар нигоҳ мекунад. Вай кӯшиш мекунад ба тарзи рафтори шумо дар ҷои кор, хона, дар ҷамоат тақлид намояд. Вай мехоҳад, ки сояи шумо ба вай афтад.

Одатан мо фикр мекунем, ки аз соя дида ягон чизи хом нест. Лекин сояи рӯҳонӣ, ки мо меафканем, дар ҳақиқат вуҷуд дорад. Бинобар мо бояд бисёртар ба худ ин саволро диҳем: “Вақте тамоми ҳаётҳое ки ман дар онҳо асар гузоштам, пеши Қодири Мутлақ ҳозир мешаванд ва Ӯ китобҳоеро мекушояд, ки дар он ҳамааш навишта шудааст: ҳам ном, ҳам ҷой, ҳам вақт, – он гоҳ Ӯ чӣ мегӯяд, вақте он чизеро, ки дастони ман расидаанд, мебинад: “Муҳаббат ин ҷо гармӣ медод” ва ё “Бадӣ ин ҷо асари худро гузошт”?

Роберт Ҷ. Лӣ навишта буд: “Шумо наметавонед ба суханони худ, ба амалҳои худ, ба тамоми шахсияти худ монеъ шавед, ки ба дигар одамон таъсир расонанд, чунон ки ба бадани худ монеъ шуда наметавонед, ки дар ҷои офтобӣ соя афканад. Ҳеҷ кас наметавонад аз атрофиён “ман”-и ҳақиқии худро пинҳон созад. Ин таъсир чунон сахт аст, ки ҳеҷ сухан, ҳеҷ суханони зиёд қудрати ба он баробар шуданро надоранд”.

# 24 ИЮЛ

**“Як кас як рӯзро аз рӯзи дигар авло медонад; лекин каси дигар ҳамаи рӯзҳоро баробар меҳисобад. Бигзор ҳар яке дар ақидаи худ устувор бошад”**

*(Румиён 14:5)*

Ин оят дар бораи он мегӯяд, ки як кас як рӯзро аз рӯзҳои дигар дида муқаддастар мешуморад, дигар кас бошад ҳамаи рӯзҳоро баробар муқаддас ҳисоб мекунад.

Барои яҳудиён, ки аз рӯи шариат зиндагӣ мекарданд, ин гуна рӯзи махсус рӯзи ҳафтум, шаббат (шанбе) буд. Мувофиқи шариат дар ин рӯз кор кардан ё ба сафари дур рафтан манъ шуда буд. Он ҳамчунин овардани қурбониҳои иловагиро талаб мекард.

Барои масеҳиён, ки аз рӯи файз зиндагӣ мекунанд, дар ҳеҷ куҷо фармонро оиди риоя кардани шанбе намеёбем. Барои онҳо ҳамаи рӯзҳо муқаддасанд, агарчи онҳо бовар мекунанд, ки Калом мегӯяд, ки аз миёни ҳафт рӯз як рӯзро барои истироҳат ҷудо кардан зарур аст. Ҳеҷ кас онҳоро барои риоя накардани шаббат маҳкум карда наметавонад (Кул. 2:16).

Дар Аҳди Нав ба рӯзи якуми ҳафта, якшанбе, ҷои махсус дода шудааст. Дар ин рӯз Худованд Исо зинда шуд (Юҳ. 20:1). Пас аз растохези Худ Ӯ дар рӯзи якшанбе ду бор пайиҳам бо шогирдонаш вохӯрд (Юҳ. 20:19,26). Дар рӯзи якуми ҳафта, дар рӯзи Пантикост, Рӯҳулқудс дода шуда буд; иди Пантикост ҳафт якшанбе пас аз иди Навбарҳо буд (Иб. 23:15-16; Аъм. 2:1), ки рамзи растохези Масеҳ аст (1Қур. 15:20-23). Шогирдон барои ноншиканӣ дар рӯзи якуми ҳафта ҷамъ мешуданд (Аъм. 20:7). Павлус ба қуринтиён супориш дод, ки дар рӯзи якуми ҳафта барои эҳтиёҷоти ҷамоат ҷамъоварии махсус кунад (1Қур. 16:1,2). Дар айни замон якшанбе чун шаббат рӯз барои вазифаи махсус нест, балки рӯз барои бартарии махсус аст. Азбаски якшанбе рӯзи истироҳат аст, ва мо набояд ба кор равем, мо метавонем тамоми ин рӯзро ба парастиш ва ибодати Худованд тавре сарф кунем, ки дар тамоми рӯзҳои дигар карда наметавонем.

Ҳарчанд мо барои баробар муқаддас шумоидани тамоми рӯзҳо озод ҳастем, ҳақ надорем дар рӯзи якшанбе коре кунем, ки барои дигарон санги пешпо шавад. Агар машғул шудан бо корҳои хонагӣ, таъмири мошин ё футболбозӣ барои бародар санги пешпо шуда тавонанд, мо вазифадорем аз онҳо даст кашем, агарчи Китоби Муқаддас ин гуна фаъолиятро манъ намекунад. Чунон ки Павлус гуфтааст: “Пас якдигарро дигар ҳукм накунем; балки беҳтар аст дар он хусус муҳокима кунед, ки дар роҳи бародар пешпое ё васвасае нагузоред” (Рум. 14:13).

Барои яҳудиёне ки дар зери шариат зиндагӣ мекарданд, рӯзи истироҳат ҳафтаи кориро ба анҷом мерасонд. Аммо барои масеҳиён, ки аз рӯи файз зиндагӣ мекунанд, ҳафта аз рӯзи истироҳат сар мешавад, зеро Масеҳ аллакай кори кафоратро ба анҷом расонд.

К.И. Скоуфилд таъкид мекард, ки таъйиноти ҳақиқии рӯзи якшанберо мо дар он дида метавонем, ки чӣ тавр онро Исо мегузаронд. Ӯ Марями гиристаистодаро тасалло медод; ҳафт мил бо шогирдони ҳайроншуда қадам зад ва дар аснои роҳ Навиштаро мефаҳмонд; бо Петрус, ки дар гуноҳҳо ва хатоҳои худ ғӯтида буд, рӯ ба рӯ гап зад; ба шогирдоне ки дар болохона ҷамъ шуда буданд, Рӯҳулқудсро дод.

**“Ва чун Худованд дид, ки Леё намаҳбуб аст, батни ӯро кушод, вале Роҳел нозой монд”**

*(Ҳастӣ 29:31)*

Дар ҳаёти мо бисёр чиз аз рӯи қоидаи ҷуброн кардан рӯй медиҳад, ки мувофиқи он одамоне ки дар як соҳа маҳруманд, дар соҳаи дигар аз дигарон бештар мегиранд. Ин қоида назорат мекунад, ки ҳеҷ кас соҳиби ҳама чиз нашавад. Агар зан аз ҳусну ҷамол маҳрум бошад, вай метавонад фаросати амалӣ дошта бошад. Шахсеро, ки бо комёбиҳои баланди варзишӣ машҳур нест, барои хушфеълиаш аз варзишгарони барҷаста дида бештар дӯст медоранд. Шоирон аксар вақт дар масъалаҳои амалӣ хеле нотавонанд, рассомон бошанд бисёр вақт молияи худро бо фаҳм истифода бурда наметавонанд.

Вақте Худо дид, ки Яъқуб Роҳелро аз Леё бештар дӯст медорад, ба Леё бештар фарзанд ато намуд. Пас аз солҳои зиёд ин қонун дар мавриди Ҳанно ва Фанинно амалӣ гардид. Элқоно Ҳанноро аз Фанинно бештар дӯст медошт, аммо Фанинно фарзанд дошту Ҳанно не (1Под. 1:1-6).

Агарчи Фаннӣ Кросбӣ* аз имконияти дидан маҳрум буд, вай атои бузурги шоирӣ дошт. Сурудҳои вай яке аз паросҳои бузургтарини ҷамоат мебошанд. Александр Круденс аз таназзули рӯҳӣ азоб мекашид, аммо барои эҷод кардани симфония, феҳристи алифбоӣ барои тамоми калимаҳое ки дар Навишта вомехӯранд, қувват дошт; маҳз вай принсиперо кор карда баровард, ки асоси тамоми симфонияҳои муосири Навишта шуд.

Ана, масалан, масеҳии фурӯтан, ки дар пеши шунавандагон ду калимаро бо ҳам пайваст карда наметавонад. Вай қобилияти суханварӣ надорад, аммо панҷ панҷааш ҳунар аст. Танҳо ба шарафи вай мошини воиз ҳанӯз дар роҳ аст. Худи воиз бошад дар масъалаҳои механика тамоман нодон аст. Вақте ҳаракатдиҳандаи дарунсӯз аз кадом як сабаб хомӯш мешавад, ягона коре ки вай карда метавонад, капоти ҳаракатдиҳандаро кушода, сарро зери он даровахда, дуо гуфтан аст.

Агар ягон кас гӯяд, ки дар ин ҷаҳон қонуни ҷуброн кардан хеле кам амал мекунад, мо бояд бо онҳо розӣ шавем. Дар атрофи мо нобаробарӣ ва беадолатӣ бисёр аст! Боби охирин ҳанӯз навишта нашудааст. Вақте Худо пардаро бардошта, ба мо имконият диҳад, ки ҷаҳони дар паси он бударо бинем, мо мефаҳмем, ки тарозуҳо баробар шуда, мувозинат барқарор шудааст. Ба он чи Иброҳим ба як марди сарватманд гуфтааст, гӯш меандозем: “Эй фарзандам! Ба хотир овар, ки дар зиндагиат чизҳои хуб насиби ту ва чизҳои бад насиби Лаъзор шуда буд; акнун вай дар ин ҷо тасаллӣ меёбад, ва ту азоб мекашӣ” (Луқ. 16:25).

Дар зимни он мо бояд ба ҳаёт муносибати мавзунро кор карда барорем. Ба ҷои фикр кардан дар бораи он чи надорем, мо бояд доимо дар хотир дорем, ки Худо моро дорои чунин хусусиятҳову қобилиятҳо кардааст, ки ҳатто “дӯстодоштагони тақдир” онҳоро надоранд. Ин моро аз ҳисси беарзишӣ ва ҳасад наҷот медиҳад.

---

* Фаннӣ Кросбӣ (1823-1915) - шоираи амрикоӣ. Баъзе аз сурудҳои вай ба забони руси тарҷума шудаанд, масалан “Ман боварии қатъӣ дорам, Исои ман”.

## 26 ИЮЛ

**“Чунки омадаам, то одамро аз падараш, духтарро аз модараш ва келинро аз хушдоманаш ҷудо кунам. Ва душмани одам аҳли хонаи ӯ мешаванд”**

*(Матто 10:35,36)*

Ин ҷо Худованд на дар бораи мақсади хизматгузории Худ, балки дар бораи натиҷаи қариб ногузир мегӯяд. Ӯ мегӯяд, ки бисёр шахсоне ки аз пайи Ӯ мераванд, бояд бо муносибати дурушт аз ҷониби хешу таборон ва дӯстон рӯ ба рӯ шаванд. Ба ин маъно Исо на барои овардани осоиш, балки барои овардани шамшер омадааст (ояти 34).

Дар таърих мо мисолҳои зиёди иҷро шудани ин пайғамбариҳоро меёбем. Ҳар гоҳ одамон ба Наҷоткори зинда ва дӯстдор муроҷиат мекарданд, ба онҳо тундбоди масхараҳо ва душманӣ дармеафтод. Онҳоро масхара карда, аз мерос маҳрум мекарданд, аз хона берун ронда, аз кор хориҷ мекарданд, ва аксар вақт ҳатто мекуштанд.

Бисёр вақт чунин муносибат бемаънӣ аст. Ана, масалан, падаре ки писараш нашъаманд шудааст. Рӯзе мерасад, ки писар мехоҳад аз нашъамандӣ даст кашида, ба Масеҳ фаъолона хизмат намуданро сар кунад. Оё ба фикри шумо, падар аз ин дигаргунӣ хурсанд аст? Оҳ не, вай бениҳоят дар ғазаб аст! Вай самимона иқрор мешавад, ки барои вай беҳтар аст, ки писараш чунон бошад, ки пеш аз тавба буд.

Дигарон, назди Масеҳ омада, майпарастӣ, ҷиноятҳо, бадахлоқии ҷинсӣ, симиёро дар гузашта мемонанд. Онҳо содадилона гумон мекунанд, ки хешу таборони онҳо на фақат ба ваҷд хоҳанд омад, балки худашон низ масеҳӣ шудан мехоҳанд. Аммо ҳама чиз ин тавр рӯй намедиҳад. Омадани Масеҳ ба ин гуна оила ҷудоӣ меафканад.

Махсусан тарсу ваҳм ҳамон вақт хеле авҷ мегирад, ки фарзандон барои Масеҳ аз дини волидайни худ даст мекашанд. Ана, масалан, оилаи яҳудӣ, ки дар бораи дини яҳудӣ аз рӯи овозаҳо медонад, аммо ба масеҳият рӯй овардани яке аз аъзоёни оила таркиши бемисли эҳсосотро ба вуҷуд меоварад. Масеҳии навимонро муртад ва хиёнаткор, шарики Ҳитлер меноманд, ки душмани ашаддии яҳудиён буд. Тамоми суханони зиёд, илтиҷоҳо ва эътирозҳои масеҳӣ беҳудаанд.

Дар бисёр кишварҳои мусулмонӣ ҷазои рӯй овардан ба масеҳият аксар вақт марг аст. Лекин ҳукми қатлро на ҳукумат, балки оила мебарорад. Ҳамин тавр, масалан, зан метавонад ба хӯроки шавҳараш шишареза андозад. Аммо дар айни замон, шаҳодати далеронаи навимононро дар бораи Масеҳ шунида, бо чӣ гуна ҷасорат ва тоқат ба тамоми нафрат ва таъқибот тоб овардани онҳоро дида, бисёр касон ба дарк кардан сар мекунанд, ки то чӣ андоза ҳаёти шахсӣ ва дини онҳо пуч аст, ва ба Худованд Исои Масеҳ дар тавба ва бовар рӯ меоваранд. Ба ҳар гуна муқобилат нигоҳ накарда масеҳият паҳн мешавад ва ба ҳар гуна таъқибот нигоҳ накарда, гул-гул мешукуфад.

**“Ва инак, ту барои онҳо мисли суруди ишқбозӣ ҳастӣ, ки овози хуше дорӣ ва ба хубӣ менавозӣ; ва суханонатро мешунаванд, вале онҳоро ба ҷо намеоваранд”**

*(Ҳизқиёл 33:32)*

Яке аз парадоксҳо, ки бо он қариб ҳар як эълонкунандаи Каломи Худованд рӯ ба рӯ мешавад, аз он иборат аст, ки бисёр вақт шунавандагон аз воиз ба ваҷд меоянд, на аз фикри асосии мавъизаи вай, ки аз онҳо амалҳои муайянеро талаб мекунад. Онҳо тамоми шӯхиҳо, мисолҳо ва тасвирҳои ӯро дар хотир доранд. Онҳо аз тарзи баён ва лаҳни овози вай ҳаловат мебаранд. Онҳо мисли зане ҳастанд, ки боре гуфтааст: “Ҳар гоҳе ки воиз ин калимаи муборакӣ “Байнаннаҳрайн”-ро талаффуз мекунад, ман худро аз резондани ашк боздошта наметавонам”. Аммо ҳамин ки кор ба итоаткорӣ расад, онҳо гӯё шал мешаванд. Онҳо бар зидди амалҳо иммунитет ҳосил намудаанд. Онҳо дар зери наркози овози форам ҳастанд.

Дар ин вазъият барои ҷонпарасторон низ ягон чизи нав нест. Одамони зиёд ҳастанд, ки аз сӯҳбати ҷонпарасторон ҳаловати ниҳонӣ мебаранд. Онҳо дар давоми ин соат маркази диққат шуда, мешукуфанд. Аз сӯҳбат бо ҷонпарастор онҳо чунон ҳаловат мебаранд, ки “беморони доимӣ”-и вай мешаванд.

Дар назар дошта шудааст, ки онҳо барои маслиҳат пурсидан меоянд. Аммо маҳз маслиҳат ба онҳо даркор аст. Онҳо аллакай ким-кайҳо қарор қабул кардаанд. Онҳо медонанд, ки чӣ мехоҳанд ва чӣ тавр рафтор карданӣ ҳастанд. Агар маслиҳате ки ҷонпарастор додааст, бо ниятҳои онҳо мувофиқ ояд, онҳо дар қарори худ боз ҳам бештар устувор мешаванд. Агар не, онҳо ин маслиҳатро ба эътибор нагирифта, якравона бо хости худ амал мекунанд.

Ба ин гурӯҳи ҳаваскорон подшоҳ Ҳиродус низ тааллуқ дошт. Вай бисёр вақт ва бо камоли майл ба суханони Яҳёи Таъмиддиҳанда гӯш медод (Марқ. 6:20). Аммо шавқи вай рӯякӣ буд. Вай ният ҳам надошт, то ба ин мавъизаи гарму ҷӯшон имкон диҳад, ки ҳаёташро дигаргун созад.

Эрвин Лютсер навишта буд: “Барои ман мушкилии калонтарин он буд, ки аксарияти касоне ки назди ҷонпарастор барои сӯҳбат меоянд, ҳеҷ гуна дигаргуниро намехоҳанд. Ин чиз касро аз ҳама гуна кӯшиши ёрӣ расондан ба онҳо дилхунук мекунад. Ҳа, албатта, онҳо барои камакак дигаргун ё ислоҳ шудан тайёранд, - махсусан агар рафтори онҳо оқибатҳои хеле хатарнок дошта бошад. Аммо аксари онҳо худро ҳамон вақт низ баҳузур ҳис мекунанд, ки дар ҳаёти онҳо гуноҳ ҳаст, албатта, агар он аз назорат баромада набошад. Бисёр вақт онҳо мехоҳанд, ки Худо кори Худро дар ҳаёти онҳо то ҳадди камтарин расонад”.

Баъзе ҷонпарасторон ҳар хел ҳилаву найрангро ба кор мебаранд, то ки миёни шунидан ва амал кардан кӯпрук гузаронанд. Онҳо ба шахси таҳти васояти худ вазифаи муайян месупоранд – ягон коре ки вай пеш аз омадан ба сӯҳбати оянда бояд ба ҷо оварад. Ин онҳоеро, ки ин сӯҳбатҳоро ба таври ҷиддӣ қабул намекунанд, дур меандозад, ва ба ҳар дуи тарафҳо ёрӣ медиҳад, ки вақтро беҳуда сарф накунанд.

Агар дар ҳаёти мо вақте фаро мерасад, ки Каломи Худоро мешунавем, аммо ин моро ба амал водор намесозад, мо дар хатар ҳастем. Мо бояд дуо карда, ҳассосияти махсус ба овози Худованд ва омодагӣ ба иҷро тамоми гуфтаҳои Ӯро дархост намоем.

**“Бигзор шарир роҳи худро, ва шахси бадкор фикрҳои худро тарк карда, сӯи Худованд баргардад, ва Ӯ ба вай раҳм хоҳад кард; ва сӯи Худои мо баргардад, зеро ки Ӯ бисёр меомурзад”**

*(Ишаъё 55:7)*

Гунаҳкор аз тарси он ба ларза меояд, ки Худо вайро қабул намекунад. Муртади пушаймоншуда шубҳа дорад, ки Худо ҷиноятҳои вайро фаромӯш карда метавонад. Аммо ояти мо бори дигар ба мо хотиррасон мекунад, ки ҳар кӣ сӯи Худованд баргардад, Ӯ вайро бо марҳамати беҳудуд қабул менамояд, бахшидашавии пурра ато мекунад.

Инро дар мисоли ҳикояе нишон додан мумкин аст, ки солҳои зиёд аз даҳон ба даҳон мегузарад, – ҳикояе ки дар он ҷузъиёти муайян доимо тағйир меёбанд, аммо маънои асосӣ ҳамон мемонад. Дар он оиди писари саркаше нақл карда мешавад, ки хонаи падарро тарк карда, ба Ню-Йорк рафт, ва дар он ҷо дар гуноҳу шармандагӣ зиндагӣ карда, оқибат ба зиндон афтод. Дар ҳабсхона чор сол зиндонӣ буда, афв шуд. Озод шуда, вай хоҳиши сахти ба хона баргаштанро пайдо кард. Аммо тарси он, ки падар вайро қабул намекунад, дили вайро азоб медод. Беш аз ҳама чиз дар ҷаҳон вай аз дидани нафрат дар чашмони мӯйсафед метарсид.

Ниҳоят вай ба падар мактуб навишта, дар баробари ин адреси фиристандаро ишорат накард. Вай навишта буд, ки ҷумъаи оянда, дар қатора аз назди хонаи онҳо хоҳад гузашт. Агар оила барои бахшидани вай тайёр бошад, он гоҳ онҳо бояд дар шохи дарахти булут, ки дар пеши хонаашон мерӯяд, рӯймоли сафед овезон кунанд. Агар аз назди хона гузашта, вай рӯймолро набинад, он гоҳ аз қатора нафаромада, меравад.

Ана вай дар қатора, талхрӯёна ва канораҷӯёна нишаста, аз чизи даҳшатноктарин метарсад. Чунин шуд, ки дар купе ҳамсафараш масеҳӣ буд. Пас аз якчанд кӯшишҳои бебарор, масеҳӣ ниҳоят имкон ёфт, ки бо вай сӯҳбатро оғоз кунад, ва дере нагузашта вай ба ӯ тамоми саргузашти худро нақл кард. То хона панҷоҳ километр монд. Дар дили писари ноқобили баргаштаистода гоҳе тарс аст ва гоҳе умед. Чил километр. Вай дар бораи тамоми он шармандагие фикр мекунад, ки ба сари волидайни худ овард, дар бораи он фикр мекунад, ки бераҳмона дилҳои онҳоро реш-реш кард. Сӣ километр. Пеши назари вай хаёлан тамоми солҳои беҳуда гузаронидашуда қатор-қатор мегузаштанд. Бист километр. Даҳ. Панҷ.

Ана ниҳоят вай хонаро мебинад ва ба ҳайрат омада, карахт мешавад. Тамоми дарахти булут бо рӯймолчаҳои сафед пӯшонида шуда буд, ки дар шамол алвонҷ мехӯрданд. Вай хеста аз рафи бормонӣ ҷомадонро мегирад, ва назди баромадгоҳ меравад, то дар истгоҳи оянда фурояд.

Салиби Исои Масеҳ ба ин дарахт монанд аст, ки шохаҳоро паҳн карда, пур аз ваъдаҳои бешумори бахшидан аст ва аз гунаҳкори тавбакарда илтиҷо мекунад, ки ба хона баргардад. Хайра мақдам ба хонаи падар! Падар ба ҳар шахси гумроҳшудае ки сипас ба остонаи хонаи падар роҳ ёфтааст, бахшидашавиро ато мекунад.

**“Оё туро сазад, ки ба шарире ёварӣ намоӣ, ва душманони Худовандро дӯст дорӣ? Аз ин сабаб бар ту ғазабе аз ҷониби Худованд ба вуҷуд омадааст”**

*(2Вақоеънома 19:2)*

Подшоҳ Еҳӯшофот дар ҷанг тарафи подшоҳи нобакор Аҳъобро гирифта, бо вай бар зидди арамиён баромад. Ин иттифоқ барои Худо нафратовар буд, ва қариб боиси марги подшоҳи Яҳудо мешуд. Арамиён Еҳӯшофотро саҳван Аҳъоб ҳисоб карда, барои куштани вай тайёр буданд, аммо ногоҳ хатои худро фаҳмиданд.

Еҳӯшофот тавонист аз марг раҳо шавад, аммо аз суханони сахти танбеҳи пайғамбар Еҳу халос нашуд. Худо хашмгин мешавад, вақте одамони Ӯ нафраткунандагони Ӯро дӯст медоранд ва бо нобакорон аҳду паймон мебанданд.

Оё ҳозир чунин шуда метавонад? Ҳа, агар масеҳиёне ки устуворона таълимоти Китоби Муқаддасро пайравӣ мекунанд, тайёранд бо либералҳое ки бо овози баланд таълимоти бузурги Китоби Муқаддасро инкор мекунанд, маъракаҳои калони инҷилшиносонӣ гузаронанд. Аммо ба хатоҳо ва ноаниқиҳои тасаввуршаванда ишора намуда, ва ба дуруст будани фактҳое ки он баён мекунад, шубҳа карда, онҳо обрӯи Навиштаҳоро мерезонанд. Онҳо худро масеҳӣ хонанд ҳам, дар асл чун душманони салиби Масеҳ баромад мекунанд. Худои онҳо шикам буда, ҷалоли онҳо дар нанг аст. Онҳо танҳо дар хусуси чизҳои заминӣ фикр мекунанд (Фил. 3:8,19). Иттиҳод бо онҳо ба кори Масеҳ ягон фоида намеорад. Ин иттиҳод ба онҳо танҳо зарар меорад.

Имрӯзҳо, вақте ҳаракатҳои экуменӣ сол то сол қувват мегиранд, фишор ба масеҳиёни ба Масеҳ вафодор зиёд мешавад, то онҳо бо ҳамаи касоне ки худро ҳамчунин масеҳӣ меноманд, муттаҳид шаванд. Агар онҳо рад кунанд, онҳоро масхара ва таҳқир карда, озодиҳои онҳоро кам мекунанд. Аммо агар онҳо ҳақиқатан ба Масеҳ вафодор будан хоҳанд, минбаъд низ бояд аз нобакорон канораҷӯӣ кунанд.

Барои масеҳиёни ҳақиқӣ беш аз ҳама он чиз аламовар аст, ки худи бародарону хоҳарони ҳамимонашон аз онҳо нафрат намуда, онҳоро барои даст кашидан аз ҳамкорӣ бо нобакорон масхара мекунанд. Бисёр вақт роҳбарони масеҳӣ бо эҳтиром дар ҳаққи модернистҳо сухан ронда, онҳоеро, ки фундаменталист номида мешаванд, сахт танқид мекунанд. Онҳо аз донишмандии илоҳиётшиносони либералӣ ба ваҷд омада, бо таҳсин аз асарҳои муаллифони либерал иқтибос меоваранд, ва ба бидъатҳои либералӣ таҳаммули пурмуҳаббат зоҳир мекунанд. Аммо онҳо барои бародарони “фундаменталист”-и худ, ки бо тамоми қувват мекӯшанд дар байни ростокорон ва нобакорон хати ҷудокунанда гузаронанд, ба ғайр аз тахаллусҳои таҳқиромез дигар чизе надоранд.

Мо нотарсона метавонем ҳар шахсеро, ки кӯшиш мекунад таваҷҷӯҳи душманро ба даст оварад, ва аз онҳо ёрӣ ва дастгириро меҷӯяд, хоин шуморем. Ба Масеҳ вафодор будан – дар қатори тарафдорони вафодори Ӯ, ки бо душман созиш намеҷӯянд, истодан аст.

## 30 ИЮЛ

**“... ҳиссаи касе ки назди ашё мемонад, мисли ҳиссаи касе ки ба ҷанг меравад, хоҳад буд; бояд ба ҳама баробар тақсим карда шавад”**

*(1Подшоҳон, 30:24)*

Пас аз он ки Довуд лашкари амолеқиёнро, ки шаҳри Сиқлоҷро ғорат карда буданд, торумор кард, баъзе аз ҷанговаронаш ғанимати худро бо онҳое ки назди рӯди Басӯр монда буданд, тақсим кардан нахостанд. Довуд бошад фармуд, ки касоне ки дар ақибгоҳ буданд, баробари касоне ки дар ҷанг иштирок карданд, ҳиссаи худро гиранд.

Ба ҳар сарбозе ки ба ҷанг меравад, якчанд одамон рост меоянд, ки дар ақибгоҳ кор мекунанд.

Дар давоми ҷанги дуюми ҷаҳон аз тамоми ҳайати шахсии лашкари Амрико танҳо 30% бевосита дар амалиёти ҷангӣ иштирок карданд. Дигарон бошанд мисли “ҳайати хизматрасон” буданд: қӯшунҳои муҳандисӣ, коркунони алоқа, мудирони қисми хоҷагӣ, тӯпчиён.

Ин ҷо бисёр ҳамонандиҳоро бо меҳнат барои Худованд ёфтан мумкин аст. Агарчи тамоми масеҳиён сарбозонанд, на ҳама дар хати пеши фронт ҷанг мекунанд. На ҳамаи онҳо воизон, башоратдиҳандагон, муаллимон ё шубонон ҳастанд. На ҳамаи онҳо миссионерон ҳастанд, ки дар ҳамаи қитъаҳо ба ҷанг мераванд.

Дар лашкари Худо қӯшунҳои мададрасон низ ҳастанд. Ӯ дуогӯёни вафодор дорад, ки ҳар рӯз барои анҷоми неки муҳориба мубориза мебаранд. Ӯ хизматгорони вафодор дорад, ки сарфакорӣ мекунанд, то имкон дошта бошанд, ки барои фронт пул фиристанд. Ӯ шахсоне дорад, ки оиди хӯроку хона барои ҷанговароне ки рӯ ба рӯи душман меистанд, ғамхорӣ мекунанд. Дар бораи онҳое фикр кунед, ки китобҳоеро чоп мекунанд, ки ягон рӯз ба кишварҳои дурдаст Хушхабарро меоранд. Дар бораи онҳое фикр кунед, ки адабиёти масеҳиро нашр, тарҷума ва чоп мекунанд. Ё дар бораи занҳое фикр кунед, ки дар хона хизматгузорӣ карда, барои хизмат ба Подшоҳ писарону духтарон тарбият мекунанд. Ба як ҷанговар дар миёнаҷои ҷанг якчанд одамоне рост меоянд, ки берун аз хатти фронт хизмат мекунанд. Дар рӯйхати мукофотии Худованд номҳои меҳнаткашони хоксори ақибгоҳ якҷоя бо номҳои қаҳрамонони шӯҳртманди муҳорибаҳо хоҳанд буд. Ҳам шахсоне ки меҳнаташон назарногир аст, ва ҳам онҳое ки доимо дар маркази диққати умум буданд, сазовори эҳтиром мегарданд.

Худо ба ҳар як шахс аз рӯи қадру қиматаш баҳо дода, бо аниқии бузург бузургии саҳми ӯро муайян мекунад. Моро бисёр чизҳои ғайричашмдошт интизоранд. Мо хоҳем дид, ки мақомҳои асосӣ ба касоне дода мешавад, ки мо пештар ба онҳо аҳамияти махсус надода, тамоман умед надоштем, ки онҳо ягон кори муҳимро карда метавонанд. Аммо бе онҳо мо худамон ба ягон чиз ноил шуда наметавонистем.

# 31 ИЮЛ

**“Касе нест, ки хона ё бародарон ё хоҳарон ё падар ё модар ё зан ё фарзандон ё киштзорҳоро ба хотири Ман ва Инҷил тарк кунаду акнун, дар ин замон, дар миёни таъқибот, садчандон хонаҳо ва бародарон ва хоҳарон ва падарон ва модарон ва фарзандон ва киштзорҳо ва дар давраи оянда ҳаёти абадӣ наёбад”**

*(Марқус 10:29,30)*

Ҳангоме мо фикр мекунем, ки пулҳоямонро ба куҷо сармоягузорӣ намоем, пеш аз ҳама ба он диққат медиҳем, ки оё онҳо ба шахсони боваринок мерасанд ва мо аз ин саҳмгузорӣ чӣ фоида ба даст оварда метавонем. Дар асоси ҳар дуи ин принсип ҳеҷ сармоягузорӣ бо ҳаёте ки барои Худованд гузаронида шудааст, баробар шуда наметавонад. Сармояи мо дар амонати комил аст, зеро Ӯ ҳар он чиро, ки ба Ӯ боварӣ карда супурда шудааст, нигоҳ дошта метавонад (2Тим. 1:12). Дар хусуси фоида бошад, бояд гуфт, ки ақли мо андозаҳои онро тамоман дарк карда наметавонад.

Дар ояти имрӯзаамон Худованд Исо ваъда медиҳад, ки ба ҳар яки мо садчандон музд хоҳад дод. Ин маънои онро дорад, ки даромаднокӣ 10 000% аст, ки дар бораи чунин чиз ҷаҳон шунидагӣ ҳам нест. Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест!

Ба онҳое ки хонаи бароҳати худро барои хизмат ба Худованд Исо тарк кардаанд, Ӯ гармӣ ва роҳати хонаҳои бисёр ва меҳмоннавозиро ба хотири номи Исо ваъда медиҳад.

Ба онҳое ки барои Инҷил аз ҳаёти хурсанди оилавӣ даст мекашанд ё дигар дилбастагиҳои қалбиро фидо мекунанд, Ӯ оилаи умумиҷаҳониро ваъда медиҳад, ки бисёри аъзоёни он аз хешу таборони хуниву ҷисми дида ба вай наздиктар мешаванд.

Ба онҳое ки заминҳояшро тарк мекунанд, Ӯ ваъда медиҳад, ки заминҳо хоҳад дод. Онҳо аз соҳибӣ кардани якчанд гектар мулки ғайриманқул даст кашида, сазовори он мешаванд, ки тамоми кишварҳо ва ҳатто қитъаҳоро ба номи Исо соҳибӣ кунанд.

Исо ба онҳо таъқиботро низ ваъда медиҳад. Аз назари аввал ин ваъда чун як чумча қир дар як хум асал менамояд. Аммо Масеҳ таъқиботро ба ҳисоби фоидае медарорад, ки мо аз сармояи худ мегирем. Мо имконияти бо ҳам дидани хории Масеҳро сарвати бузургтар аз ганҷҳои Миср ҳисоб мекунем (Ибр. 11:26).

Ҳамаи ин фоизҳои саҳмияҳоро мо ҳанӯз дар ин ҳаёт мегирем. Сипас Худованд илова мекунад: “Дар давраи оянда – ҳаёти абадӣ”. Ӯ ҳаёти абадиро дар тамоми пуррагии он дар назар дорад. Ҳарчанд ҳаёти абадӣ худ ба худ атоест, ки аз рӯи имон қабул карда мешавад, аммо мо аз он ба дараҷаҳои гуногун лаззат бурда метавонем. Дар Уршалими осмонӣ мукофоти шахсоне ки ба хотири пайравӣ ба Исо ҳама чизро тарк кардаанд, бештар хоҳад буд.

Вақте мо дарк карданро сар мекунем, ки аз ҳаёте ки барои хизмат ба Худо ҷудо карда шудааст, чӣ қадар фоидаи калон мегирем, аҷоиб менамояд, ки шахсоне ҳастанд, ки инро кардан намехоҳанд. Бисёрии масеҳиён, ки дар робот бо коғазҳои қиматбаҳо ва саҳмҳо идрок ва борикбинии аҷоиб зоҳир мекунанд, аз назди имконияти саҳмгузории фоиданоктарини ҷаҳон гузашта, ба он аҳамият намедиҳанд.

**“Сухане ки дар мавқеаш гуфта шуда бошад, мисли себҳои заррин аст, ки кандакориҳои нуқра доранд”**

*(Масалҳо 25:11)*

Мувофиқ омадани тилло, себҳо ва кандакориҳои нуқрагин ба таври ҳайратовар ҳамоҳанг буда, чашми касро шод мекунад. Худи ҳамин ҳамоҳангиро мо дар он ҷое низ мебинем, ки сухани тиллогин ҳангоми даркор буданаш истеъмол карда шудааст. “Шодӣ барои одам дар ҷавоби даҳони ӯст: чӣ хуш аст сухани бамавқеъ!” (Мас. 15:23).

Ана дар кати беморхона зане ки тамоми ҳаёти худро ба кори миссионерӣ бахшидааст, аз саратон мурда истодааст. Вай ҳанӯз ҳуш дорад, аммо барои гап задан хеле заиф аст. Ҳангоме тамом шудани вақти барои беморбинӣ ҷудошуда ба кати он зан яке аз аъзоёни ҷамоати вай наздик мешавад. Назди зани ҷон додаистода хам шуда, вай аз Суруди Сурудҳо 8:5 иқтибос меоварад: “Ин кист, ки аз биёбон, бар дӯстдоштаи худ такя карда, сууд менамояд?” Вай чашмонашро кушода, табассум мекунад. Ин охирин алоқаи вай бо ин ҷаҳони азоб ва ашк буд. Ҳанӯз то субҳ вай ин биёбонро тарк намуда, ба дасти Дӯстдоштаи худ такя мекунад. Ин суханон дар айни вақташ буданд!

Ана аҳли оила, ки одами наздикро гум карда, аз ғаму ғусса бехуд ҳастанд. Дӯстон кӯшиш мекунанд, ки онҳоро тасалло дода, ҳамдардӣ баён кунанд, аммо ҳамааш беҳуда аст. Аммо ана аз доктор Х. А. Айронсайд мактуб бо суханон аз Забур 29:6 меояд: “Бегоҳӣ гиря маскан мегирад, валекин пагоҳӣ шодмонӣ”. Ин маҳз ҳамон суханоне буданд, ки ашкҳои ғуссаро хушк карда тавонистанд.

Ана гурӯҳи масеҳиёни ҷавон берун аз шаҳр мераванд, ва дар аснои роҳ яке аз онҳо нисбати дуруст будани Китоби Муқаддас шубҳаҳои худро баён мекунад, ки сабаби пайдо шудани ин шубҳаҳо қайдҳои танқидии муаллимонаш дар донишгоҳ шудаанд. Тамоми гурӯҳ хомӯшона гӯш мекунад, вақте ногаҳон яке аз онҳо, аз ҳама шармгин ва фаромӯшхотир, Мас. 19:27-ро аз ёд иқтибос меоварад: “Эй писарам! Шунидани пандро бас кун, агар аз суханони дониш дур мешуда бошӣ”. Ин себи тиллогин дар зарфи нуқрагин буд!

Бисёриҳо ҳикояро дар бораи он шунидаанд, ки чӣ тавр Ингерсолл* дар пеши шунавандагони бисёр ба Худо даъвое кард, то Ӯ “мавҷудияти Худро бо он исбот намояд, ки пас аз панҷ дақиқа нотиқро гирифтори марг кунад”. Панҷ дақиқа гузашт. Ҳанӯз зинда ва саломат будани Ингерсолл бояд исбот мекард, ки ягон Худо вуҷуд надорад. Дар ин лаҳза як масеҳии қиёфааш бисёр одӣ хеста, пурсид: “Ҷаноби Ингерсолл, наход Шумо фикр мекунед, ки дар давоми панҷ дақиқа метавонед меҳрубонии Худоро ба охир расонед?“ Ин суханон рост ба нишона расиданд.

Сухани даркорӣ, ки дар лаҳзаи мувофиқ гуфта шудааст, ҳақиқатан атои Худост. Мо бояд ин аторо сахт хоҳон бошем, то дар қуввати Рӯҳи Худо суханони даркории тасалло, дилгармӣ, огоҳӣ ё танбеҳро гуфта тавонем.

* Роберт Грин Ингерсолл (1833-1899) - сиёсатмадор ва воизи машҳури зиддидинии амрикоӣ.

# 2 АВГУСТ

**“...ва чун.... дохили абр шуданд, ...тарсиданд”**

*(Луқо 9:34)*

Петрус, Яъқуб ва Юҳанно бо Исо дар болои кӯҳ буданд. Петрус ҳис кард, ки ин дар таърихи ҷаҳон лаҳзаи муҳим аст, ва бо мақсади он ки ҷалоли ин воқеа дар хотир нақш бандад, пешниҳод кард, ки се чодар сохта шавад – яке барои Исо, яке барои Мусо ва яке барои Илёс. Албатта, ин чиз Худовандро ба сатҳи ин ду нафар муқаддасони Аҳди Қадим мефуровард. Худо ба амалӣ гардидани ин ниятҳо халал расонда, онҳоро бо абр фаро гирифт.

Аммо онҳо беҳуда метарсиданд. Ин абри ҷалол буд, на доварӣ. Ин абр онҳоро фақат ба муддате фаро гирифт, на барои ҳамеша. Дар ин абр Худо буд, агарчи онҳо Ӯро дида наметавонистанд.

Бисёр вақт абрҳо дар ҳаёти мо низ намоён мешаванд, ва мо мисли шогирдон аз тарс карахт мешавем. Вақте, масалан, Худо моро даъват мекунад, ки соҳаи хизматгузориамонро иваз кунем, моро тарс дар пеши чизи номаълум азоб медиҳад. Мо ҳар гуна воқеаҳои хатарнок, ноқулай ва мушкилеро, ки моро дар роҳи нав интизоранд, дар хаёли худ тасвир мекунем. Дар асл мо метарсем, ки дар роҳи баракат як қадам пеш гузорем. Вақте ки абр пароканда мешавад, мо мебинем, ки иродаи Худо комил аст, ва Ӯ ба мо фақат некиро хоҳон аст.

Мо бо тарс ба абри бемории медароем. Мо аз даҳшат девона мешавем. Ҳар сухан, ҳар амали духтурро мо чун маҳкумият ба марг тафсир мекунем. Дар ҳар аломат мо ишоратро ба бемории табобатнашаванда мебинем. Аммо вақте беморӣ мегузарад, мо тайёрем бо таронанависи Забур нидо кунем: “Барои ман некӯст, ки уқубат кашидаам” (Заб. 118:71). Дар ин абр Худо буд, аммо мо инро намедонистем.

Мо ларзида ба абри ғаму ғусса медароем. Ба назар чунин менамояд, ки ин ашк, дард ва талафоти пуразоб чӣ некӣ оварда метавонад? Тамоми ҷаҳони мо дар пеши назарамон вайрон мешавад. Аммо ин абр панд дорад. Мо ба дигарон тасалло доданро ёд мегирем, чунон ки Худованд ба мо тасалло медод. Дард ва ашки Писари Худо аз пештара дида ба мо наздиктар ва фаҳмотар ҳастанд.

Вақте ки дар ҳаёти мо абрҳо пайдо мешаванд, мо бояд натарсем. Онҳо дар худ панд доранд. Онҳо барои ҳамеша нестанд. Онҳо ҳеҷ чизро намешикананд, ҳеҷ чизро вайрон намекунанд. Онҳо метавонанд аз мо рӯи Худовандро пинҳон кунанд, на муҳаббат ва қуввати Ӯро. Бигзор дар дилҳои мо суханони Уилям Коупер таҷассум ёбанд:

Далер бошед, натарсед, муқаддасони Исо,
Охир абрҳои бадҳайбад, ки осмонро фаро мегиранд,
Дилсӯзӣ меоваранд ва дере нагузашта
Чун борони баракат ба сарҳои шумо мерезанд.

# 3 АВГУСТ

**“На ба соқҳои одам таваҷҷӯҳ мекунад”**

*(Забур 146:10)*

То чӣ андоза ин ҷанбаи нави ҳақиқати Худо ҳайратовар аст! Худое ки бузург аст ва аз тамоми ҳадду ҳудудҳо мегузарад, ба суръати пойҳои одам таваҷҷӯҳ намекунад!

Дар бораи суръати пойҳо сухан ронда, мо дарҳол ба худ варзишгареро тасаввур мекунем. Ана ситораи варзиши сабук, чандир ва тезрав, хатти марраро гузашта, дастҳояшро мебардорад. Баскетболист ҷаҳида, тӯбро ба сабад меандозад. Футболбози сермушак ва бақувват ба дарвоза голи зебо мезанад.

Тӯдаи мардум бехуд мешавад. Ҳама меҷаҳанд, якдигарро ба оғӯш мегиранд (ё баръакс, ҳушток мекашанд ва таҳқир мекунанд). Инҳо ҳаводорони мутаассиб ҳастанд, ки ба ҳар бозӣ бо ҷӯшу хурӯш ҷалб шудаанд. Гуфтан мумкин аст, ки онҳо ба суръати пӣҳои одам – ба қобилияти дар бозӣ иштирок кардани одам таваҷҷӯҳ мекунанд.

Ояти мо шавқ ба варзишро маҳкум намекунад. Навишта дар бораи фоидаи машқҳои ҷисмонӣ чизҳои бисёр мегӯяд. Аммо Навишта ба мо хотиррасон мекунад, ки Худо ба комёбиҳои варзиш таваҷҷӯҳ намекунад, пас, мо низ бояд тафтиш кунем, ки дар рӯйхати арзишҳои мо чӣ чиз дар ҷои аввал аст.

Ба васвасаи пурра бо варзиш машғул шудан тоб овардани имондори ҷавон осон нест, ва дере нагузашта варзиш мақсади асосии ҳаёти вай мешавад. Ягона мақсадаш расидан ба қуллаҳои варзиш мешавад. Вай барои худ ҷадвали рӯзро тартиб дода, вояи хӯроки худро то хурдтарин ҷузъиёташ фикр карда мебарояд. Вай доимо машқ карда, дар ҳар бозӣ чолокӣ ва ҳунари худро беҳтар мекунад. Вай ба талаботи машқҳои душвори ҷисмонӣ риоя мекунад, ки ӯро дар ҳолати хуби ҷисмонӣ нигоҳ медоранд. Вай дар бораи варзиш чунин фикр карда, гап мезанад, ки гӯё ин ҳаёти вай бошад. Шояд он дар ҳақиқат ҳаёти вай шудааст.

Баъзан ин гуна масеҳиёни ҷавон чун аз зарбаи барқ шах шуда мемонанд, вақте дарк мекунанд, ки Худо ба суръати пойҳои одам таваҷҷӯҳ намекунад. Агар онҳо ҳақиқатан дар муносибати наздик бо Худо зиндагӣ кардан хоҳанд, бояд нуқтаи назари Ӯро оид ба тамоми чизҳо ба назар гиранд.

Пас Худо ба чӣ таваҷҷӯҳ мекунад? Ояти навбатӣ, яъне ояти 11-уми таронаи 146 ба мо мегӯяд: “Худованд ба тарсгорони Худ таваҷҷуҳ менамояд, ва ба онҳое ки ба эҳсони Ӯ умедворанд”. Дигар хел карда гӯем, барои Худо арзишҳои рӯҳонӣ аз арзишҳои ҷисмонӣ хеле муҳимтаранд. Инъикоси худи ҳамин низоми арзишҳоро мо дар суханони расул Павлус мебинем: “...Машқи ҷисмонӣ кам фоида дорад, вале худотарсӣ барои ҳама чиз фоиданок аст, ки ваъдаи ҳаёти ҳозира ва ояндаро дорад” (Ним. 4:8).

Баъди сад сол, вақте кафкӯбиҳо хомӯш мешаванд, ва стадион холӣ шуда, ҳисоби бозӣ фаромӯш мешавад, ягона чизе ки аҳамият хоҳад дошт, ҳаётест, ки пеш аз ҳама Подшоҳии Худо ва росткории Ӯро ҷӯё буд.

## 4 АВГУСТ

**“Худованд одил аст, адолатро дӯст медорад”**

*(Забур 10:7)*

Худованд Худаш росткор буда, хеле шод аст, вақте халқи Ӯ низ росткорна рафтор мекунад. Ба Ӯ одамоне маъқуланд, ки беихтиёр пурра мувофиқи қонунҳои маънавӣ ва илоҳӣ интихоб мекунанд.

Аммо дар ҷаҳони мо ин тамоман осон нест. Вақте сухан дар бораи маънавиёт ва ахлоқ меравад, бисёр вақт васвасаи созиш кардан пайдо мешавад. Баъзе васвасаҳо ошкоро меоянд, дигарҳо пинҳонӣ наздик мешаванд. Барои ба роҳи каҷ тоб нахӯрдан, ҳам борикбинӣ ва ҳам устувории хислат даркор аст.

Рӯйхати каму беш пурраи тамоми васвасаҳоро тартиб додан номумкин аст, аммо, шояд, ақаллан зикри баъзеи онҳо ба мо ёрӣ диҳанд, ки дар оянда қарорҳои дуруст қабул кунем.

Ришваҳо ва тӯҳфаҳо ба “одамони даркорӣ” – хелҳои гуногуни норостӣ ҳастанд.. .Чекро ба маблағе ки шумо надоред, бо умеде имзо кардан мумкин нест, ки ҳангоми пешкаш кардани чек пулҳо аллакай дар ҳисоби шумо пайдо мешаванд... Ин фиреб аст, вақте шумо ба шахсе ки назди сардоратон омадааст, мегӯед, ки ҳозир раиси шумо дар ҷояш нест, ҳол он ки вай дар ҳуҷраи ҳамсоя нишастааст... Ё кӯшиши дар вақти корӣ дуруст кардани корҳои шахсӣ, пулҳои ширкатро барои корҳои шахсии худ истифода бурда, чунин вонамуд кардан, ки гӯё ин корҳо ба вазифаи хидматиатон робита доранд... Аз ҳисоби ширкате ки шуморо ба кор гирифтааст, бо карру фар зиндагӣ кардан (рафтан ба тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳои қимат) ё ба мақсадҳои шахсӣ истифода бурдани нақлиёти идора... Канораҷӯӣ аз додани андоз (масалан, дар ақиби ягон “ташкилоти хайрия” пинҳон шудан”) ё ба нозирони гумрук ҳуҷҷатҳоро дар бораи даромади хурд ва хароҷоти зиёди худ додан, ҳол он ки дар асл ин тавр нест... Бо “дили нохоҳам”, бо сифати бад, дар вақташ супоришҳоро иҷро накарда, кор кардан номумкин аст...

Шахсе нодуруст рафтор мекунад, ки тарафи хешу табор ё дӯстони худро мегирад, ҳол он ки онҳо ноҳақ ҳастанд. Ин муҳаббати бардурӯғ ва вафодории дурӯғин аст. Мо ба росткорӣ танҳо ҳамон вақт хизмат мекунем, ки новобаста ба кӣ будани шахси айбдоршаванда, бар зидди гуноҳ тарафи ҳақиқатро мегирем.

Ҳамчунин он шахсе ноҳақ аст, ки аз боиси раҳмдилӣ шахси аз ҷамоат дур кардашударо тарафдорӣ мекунад ва далел меорад, ки охир, касе ба вай бояд ёрӣ диҳад. Ин танҳо боиси ҷудоӣ дар ҷамоат шуда, ҷинояткор беш аз пеш ба бадахлоқӣ фурӯ меравад.

Ва ниҳоят: кас набояд айби хатокориҳои содирнакардаашро ба худ гирад. Ҳамчунин шахсоне ҳастанд, ки барои ҳифзи сулҳу осоиш тайёранд айбро бар дӯши худ гиранд, агар шахси ҳақиқатан айбдор ба пеш баромада, ба ҷинояти худ иқрор шудан нахоҳад. Ҷаҳоне ки барояш ҳақиқат қурбонӣ шудааст, ноустувор аст.

Далер бош, эй бародар! Аз пешпо хӯрдан натарс,
Агарчи роҳат торик аст – ба ақиб нигоҳ накарда рав,
Барои покдилон ситораи роҳнамо ҳаст:
“Ба Худо таваккал намуда, мувофиқи ростии Ӯ рафтор кун”

***Норман Маклеод***

## 5 АВГУСТ

**“... хашми одамизод ростии Худоро ба амал намеоварад”**

*(Яъқуб 1:20)*

Ин манзара ба ҳамаи мо хеле хуб маълум аст. Маҷлиси аъзоёни ҷамоат мегузарад, ки дар он бояд баъзе масъалаҳо ҳал шаванд. Сухан на дар бораи ҳақиқатҳои асосии таълимоти масеҳӣ, балки дар бораи зарурати сохтани бинои иловагӣ ба ҷамоат, ранг кардани ошхона ва ё тақсими фондҳо ё кӯмаки моддӣ меравад. Дере нагузашта норозигӣ пайдо мешавад, хашм ба ҷӯш меояд, ғазаб ба хурӯш меояд, доду фарёд баландтару баландтар ба гӯш мерасад. Ниҳоят онҳое ки овозашон баландтар буда, бештар якраванд, ғолиб омада, ба хона бармегарданд, ва фикр мекунанд, ки кори Худоро боз ба як қадам ба пеш бурданд. Аммо новобаста ба он ки онҳо ба чӣ ноил шудаанд, ин ба иҷрошавии иродаи Ӯ ягон муносибат надорад. Хашми одамизод ростии Худоро ба амал намеоварад.

Чунин нақл мекунанд, ки боре Эмерсон аз ким-кадом маҷлисе давида баромад, ки дар он баҳсу мунозира авҷ гирифта, ба ҷанги сухан табдил ёфт. Вай ҳанӯз аз ғазаб меҷӯшид, ҳнгоме ба назари вай чунин намуд, ки вай овози ситораҳоро мешунавад: “Чаро ту ин қадар ба ғазаб омадаӣ, эй одами майдаяк?” Леслӣ Уэверҳед дар ин хусус чунин менависад: «Ҳангоми нигаристан ба ситораҳои хомӯш, пурҷалол, ба чашм дур ва олидараҷа то чӣ андоза зуд хашми мо хомӯш мешавад; мо гӯё овози онҳоро мешунавем: “Худо ба қадри кофӣ қуввату қудрат дорад, то доимо дар бораи нафъи ту фикр кунад” ва “Тамоми ғамҳову ташвишҳои ту, бар хилофи он чи метобанд, чандон муҳим нестанд”».

Мо, албатта, медонем, ки вазъиятҳое ҳастанд, ки дар онҳо хашми росткорона нишон додан лозим аст. Ин дар он мавридҳо мешавад, ки шарафи Худо ба қимор монда шудааст. Аммо Яъқуб дар бораи хашми одамизод сухан ронда, тамоман инро дар назар надорад. Вай дар бораи одаме мегӯяд, ки якравона истодагарӣ мекунад, то ҳама чиз мувофиқи хости вай шавад ва ба монеа дучор шуда, сахт ба ғазаб меояд. Вай шахси ҳавобаландеро дар назар дорад, ки қарорҳо ва муҳокимаҳои худро бенуқсон ҳисоб мекунад ва аз ҳамин сабаб ба ҳар гуна мулоҳиза ва эътироз бетаҳаммул аст.

Дар чашмони ин ҷаҳон мизоҷи тунд кайҳо боз нишонаи қудрат гардидааст. Барои вай он ба рамзи роҳбарии ҳақиқӣ ва ба воситаи ба даст овардани иззат табдил ёфтааст. Фурӯтанӣ дар назараш сустӣ гардидааст.

Аммо масеҳиро фиреб додан номумкин аст. Вай медонад, ки ҳангоми хашмгин шуданаш вай ҳурмати дигаронро гум мекунад. Вай медонад, ки ҳар гуна авҷгирии хашм мағлубшавии ӯст. Вай медонад, ки ин на кори Рӯҳ, балки кори ҷисм аст.

Масеҳ дар пеши вай роҳи дигарро кушодааст, ки аз роҳи ҷаҳонӣ хеле беҳтар аст. Ин роҳи ҳамон худдориест, ки ҷои худро ба ғазаби Худо медиҳад, роҳи муносибат бо дигарон дар рӯҳи фурӯтанӣ ва ҳалимӣ. Имондоре ки бо ин роҳ меравад, ба ранҷҳо бо пурсабрӣ тоб оварда, рухсораи дигарашро ҳам мегузорад. Масеҳӣ медонад, ки бо хуруҷҳои ғазаби худ вай ба кори Худо зарар расонда, ҳар гуна фарқи намоёни байни худ ва беимонро нест мекунад, ва худро ба хомӯшӣ маҷбур менамояд, дар ҳоле ки мебоист дар бораи Масеҳ шаҳодат медод.

## 6 АВГУСТ

**“Бигзор ин ба шумо, эй ҳамаи роҳгузарон, рӯй надиҳад. Назар андозед ва бубинед, ки оё дарде мисли дарди ман ҳаст, ки он ба сари ман омадааст, ва Худованд дар рӯзи шиддати ғазаби Худ маро ғамгин кардааст?”**

*(Навҳаҳои Ирмиё 1:12)*

Баъзан, дар Шоми Худованд нишаста, ман ин саволро ба худ нададан наметавонам: “Бо ман чӣ шуд? Чӣ тавр ман метавонам дар ин ҷо нишаста дар бораи азобҳои Наҷоткор фикр кунам ва дар борабари ин ягон чакра ашк нарезонам?”

Оид ба ин савол як муаллифи беном низ андеша ронда буд: “Эй Масеҳ, наход дили ман аз санг бошад, ки ман метавонам зери салиби Ту истода, бинам, ки чӣ тавр хун қатра ба қатра бадани Туро тарк мекунад, ва зор-зор нагирям? Охир ҳатто офтобу моҳ пинҳон шуданд, ва замин дар торикии нимишабӣ нолиш карда, аз дард меларзид ва танҳо лабҳои ман дар хомӯшӣ фишурда шудаанд. Эй Худои бузург, ман набояд ин хел бошам, ё ман ғазаберо хоҳам чашид, ки Ӯ аз сар гузаронд. Эй Худованд, ман аз Ту илтиҷо мекунам, баргашта, бори дигар нигоҳ кун ва ба ин харсанг, ба дили ман зарба зан”. Муаллифи дигар ҳамин хел навишта буд:

Ман худам намефаҳмам, ки барои чӣ
Ҳар боре ки ман дар бораи сирри муҳаббат
Ва қурбонии бузурги Ту фикр мекунам,
Муҳаббати ман ба Ту зиёд намешавад,
Эй Барраи олиҷаноб ва меҳрубон!

Ман дар пеши шахсе дар ваҷд сари таъзим фуруд меоварам, ки аз уқубатҳои Кафораткунандаи мурдаистода чунон мутаассир шудааст, ки аз зор-зор гиристан худро боздошта наметавонад. Як сартароши масеҳӣ Ралф Руокко низ ҳамин гуна шахс буд. Бисёр вақт, ҳангоми қайчӣ задан, вай бо ман дар бораи ҷонканиҳои Наҷоткор гап мезад. Дере нагузашта ба сачоқ рехтани қатраҳои ашк сар мешуд ва вай мегуфт: “Ман намедонам, ки чаро Ӯ тайёр буд барои ман бимирад. Охир ман тамоман одами нобакор ҳастам. Ӯ инро медонист ва бо вуҷуди ин дар салиб барои гуноҳҳои ман ҷазо дид”.

Ман аксар вақт як зани гунаҳкореро ба ёд меоварам, ки бо ашк пойҳои Наҷоткорро шуста, бо мӯйҳои сари худ онҳоро хушконид ва пойҳояшро бӯсида, бо равғани атрафшон тадҳин кард (Луқ. 7:38). Агарчи вай дар тарафи дигари Салиб зиндагӣ мекард, аммо аз ҷиҳати эҳсосот назар ба ман бо тамоми донишу бартариҳоям, бо он дар ҳамоҳангии бештаре буд.

Пас, чаро дили ман ин қадар сард аст? Оё аз он сабаб ки ман дар фарҳанге тарбият ёфтаам, ки дар он чунин ҳисоб карда мешавад, ки мардони ҳақиқӣ гиря намекунанд? Агар ҳамин тавр бошад, ман дар бораи ин фарҳанг тамоман донистан намехоҳам. Ашку гиря дар сояи Ҷолҷолто шармандагӣ нест; шармандагӣ он аст, ки дар он ҷо истода як қатра ашк ҳам нарезонӣ.

Бинобар ин ман бояд аз пайи Ирмиё дуо кунам: “Кошки сари ман чашмаи об мебуд, ва чашмонам – чашмаи ашк! Рӯзу шаб ... мегиристам” (Ир. 9:1). Ман барои уқубатҳову марге ки гуноҳҳои ман ба Наҷоткори ман оварданд, мегиристам. Ва ман бо тамоми дилу ҷонам ба суханони абадзиндаи Якоб Уотс ҳамроҳ мешавам: “Бигзор ҳар вақте ки дар пеши чашмонам салиби Ӯ намоён мешавад, рӯи ман аз хиҷолат суп-сурх шавад; хоҳиш мекунам, бигзор дили ман аз миннатдорӣ об шаваду чашмонам аз ашк пур шаванд”.

Худованд, маро аз лаънати масеҳияте ки аз ашк бехабар аст, наҷот деҳ ва нигоҳ дор.

## 7 АВГУСТ

**“... ба онҳо афсаре ба ҷои хокистар бидиҳам, ва равғани шодмонӣ ба ҷои мотам, ва ридои ҷалол ба ҷои рӯҳи андӯҳгин”**

*(Ишаъё 61:3)*

Дар ин оят Масеҳ бо услуби баланд чизеро тасвир мекунад, ки Ӯ ба ҳамаи онҳое медиҳад, ки Ӯро қабул мекунанд. Ба ҷои хокистар Ӯ тоҷ медиҳад, ба ҷои мотам – шодмонӣ, ба ҷои рӯҳафтодагӣ – суханони ситоиш.

Мо назди Ӯ хокистари ҳаётеро меоварем, ки дар оташи айшу ишрат сӯхтааст, хокистари баданеро, ки аз май ва нашъа вайрон шудааст. Мо назди Ӯ хокистари солҳои дуру дарозро меоварем, ки беҳуда сарф шудаанд, хокистари умедҳои ба амал наомада ва орзуҳои шикаста. Пас мо чӣ ба даст меоварем? Ӯ ба мо тоҷ медиҳад – тоҷи олидараҷа ва ҷилодиҳандаи арӯси Худ! Ана мукофот! “Канизи камбағал ва афсурдаи гуноҳ сазовори шарафи он мегардад, ки ҳамсари Худои қуддус шавад!” (Ҷ.ХҶоуэтт). Марями Маҷдалия, ки дар зери юғи ҳафт дев нолиш мекард, на фақат халосӣ меёбад, балки духтари Подшоҳ низ мегардад. Қуринтиён назди Ӯ бо дилҳое меоянд, ки дар онҳо бадахлоқӣ ва фисқу фуҷур сокин аст, ва Ӯ онҳоро аз ҳар гуноҳ пок мекунад, тақдис менамояд ва сафед мекунад.

Мо назди Ӯ ашкҳои ғаму ғуссаро меоварем. Ин ғам аз боиси гуноҳҳо, хатоҳо ва мағлубиятҳо аст. Ин ғуссаро ба мо фоҷиаҳо ва зиёнҳо меоваранд. Ин гиря аз боиси канда шудани ақди никоҳ ва фарзандони гумроҳ мебошад. Оё Ӯ метавонад ба ин ғуссаи мо ақаллан бо ягон чиз ёрӣ диҳад? Ҳа, Ӯ метавонад ашкҳои сӯзони моро пок карда, ба ҷои онҳо равғани шодмониро ато кунад. Ӯ ба мо шодии омурзиши ба даст овардашуда ва илтифоти Худо, шодии аъзои оилаи Ӯ будан, шодии пайдо кардани маънои ҳаётро медиҳад. Хулоса, ба ҷои ғуссае ки моро ба замин хам мекунад, Ӯ ба мо шодии базми арӯсиро медиҳад.

Ниҳоят, Ӯ рӯҳи андӯҳро аз мо дур мекунад. Ҳамаи мо чӣ гуна будани ин рӯҳро медонем – ин рӯҳи айб, пушаймониҳо, нанг ва хорист. Ин рӯҳи танҳоӣ, радшавӣ ва хиёнат аст. Рӯҳи тарс ва ташвиш. Исо ҳамаи инро гирифта ба мо либоси ситоишро медиҳад. Ӯ ба даҳони мо суруди навро мегузорад – ситоиши Худои мо (Заб. 39:4). Дили одами доимо серғурбат аз миннатдорӣ лабрез аст, куфргӯӣ ба ситоиш намудани Худованд сар мекунад.

Дар кӯлворам танҳо дард, кашмакашҳову талхии хиёнатҳост.
У ҳамаи инро гирифт, ва ба ҷои он
Дар кишваре ки дар он шамоли дигаргуниҳо намевазад,
Бо андозаи пурра хушбахтӣ, шодмонӣ ва осоишро дод,

***Гайтер***

# 8 АВГУСТ

**“...некӣ кунед, ва қарз диҳед, бе он ки чизе умедвор шавед; ва подоши шумо бузург мешавад**

*(Луқо 6:35)*

Ин ҳукми Худованд Исо ба рафтори мо нисбат ба тамоми одамон, имондорону беимонон, дахл дорад, аммо имрӯз мо маънои муайяни онро барои муносибатҳои молиявии байни масеҳиёни ҷудогона дида мебароем. Афсӯс, аммо ҳақиқат ҳамин аст: дар миёни имондорон ихтилофоти аз ҳама ҷиддӣ бисёр вақт дар атрофи масъалаҳои молиявӣ ба вуҷуд меоянд. Агарчи таассуфовар аст, зарбулмасали кӯҳна ҳанӯз ҳам ҳақ аст: “Вақте ки пул аз дар медарояд, муҳаббат ба воситаи тиреза аз хона рӯ ба гурез меоварад”.

Ҳалли одитарини масъала бадар рондани пул аз муносибатҳои миёни имондорон мебуд. Аммо мо ҳақ надорем чунин кунем, охир Навишта таълим медиҳад: “Агар касе аз ту чизе хоҳиш кунад, ба вай деҳ” ва “...қарз диҳед, бе он ки чизе умедвор шавед” (Луқ. 6:30,35). Бинобар ин бояд қоидаҳоеро ҳартарафа фикр кард, ки онҳоро риоя карда, мо метавонистем ҳам ба Калом итоат кунем, ҳам ҷанҷолҳоро пешгирӣ намоем, ва ҳам дӯстиро нигоҳ дорем.

Ҳар вақте ки эҳтиёҷоти ҳақиқиро мебинем, мо бояд қарз диҳем. Дар баробари ин мо ҳақ надорем ягон шарт гузорем. Шахсе ки мо ба вай қарз медиҳем, набояд худро қарздори мо ҳисоб кунад, ва дар ҷамъомадҳои аъзоёни ҷамоат барои касоне овоз диҳад, ки мо барои онҳо овоз медиҳем, ва ё ҳангоми ноҳақ буданамон моро пуштибонӣ кунад. Некии мо набояд ба ришва табдил ёбад.

Дар ҳукми “ҳар кӣ аз шумо талаб кунад ба вай диҳед” истиснои муайян ҳам ҳаст. Мо ҳақ надорем ба қиморбозӣ, майнӯшӣ ва тамокукашӣ маблағ диҳем. Мо набояд пулро ба кӯшишҳои аблаҳонаи зудбойшавӣ диҳем, ки фақат чашмгуруснагии инсонро ғизо медиҳад.

Вақте мо медонем, ки пулҳои мо барои ягон чизи ҳақиқатан хуб ва даркорӣ сарф шудаанд, мо бояд онҳоро диҳем ва ғам нахӯрем, ки оё ягон вақт онҳоро ба мо бармегардонанд ё не. Дӯстии мо набояд аз боиси қарзе ки баргардонида дода нашудааст, зарар бинад. Қарзеро, ки додаем, ҳаргиз набояд бо фоиз талаб кунем. Агар яҳудие ки зери шариат зиндагӣ мекард, ҳақ надошт ба яҳудии дигар ба фоида пул диҳад (Иб. 25:35-37), пас барои имондор фикр дар бораи ба масеҳии дар зери файз мезиста қарзро бо фоиз додан бояд то чӣ андоза нафратовар бошад.

Агар то чӣ андоза самимӣ будани эҳтиёҷи ёрамонро надонем, беҳтараш кӯшиш кунем, ки ин эҳтиёҷро қонеъ гардонем. Агар насиби мо хато кардан бошад ҳам, додан аз надодан хеле беҳтар аст.

Ба ягон кас ёрӣ расонда, мо бояд равшан дарк кунем, ки бисёр вақт шахсе ки ёрӣ дархост мекунад, ба некӯкори худ нафрати сахт пайдо мекунад. Мо бояд ба овардани ин қурбонӣ низ тайёр бошем. Вақте ба Дизраэлӣ* гуфтанд, ки шахсе аз вай нафрат дорад, вай ҷавоб дод: “Тамоман намефаҳмам, ки сабаб дар чист. Вақтҳои охир ман барои вай ҳеҷ коре накардаам

* Дизраэлӣ Бенҷамин, графи Биконсфилд (1804-1881) - сарвазири Британияи Кабир, роҳбари ҳизби консервативӣ.

# 9 АВГУСТ

**“Вай ҳама чизро тарк карда, бархест ва аз пайи Ӯ равона шуд”**

*(Луқо 5:28)*

Ба худ Левиро тасаввур кунед, ки дар сари миз дар канори роҳ нишаста аз ҳамаи роҳгузарони пиёда ва савора андоз мегирад. Агар вай айнан мисли дигар боҷгирон бошад, пас маблағи калони пул, ба ҷои он ки ба хазинаи империяи манфури Рум равад, дар кисаи вай мемонд.

Аммо он рӯз бо ин роҳ Исо мерафт, ва Левӣ ин суханонро шунид: “Аз пайи Ман биё”. Ин суханон ба вай растохези рӯҳонӣ оварданд. Ӯ то чӣ андоза нафратангез будани гуноҳҳои худро дид. Вай холи будани ҳаёти худро дарк кард. Ваъдаеро шунид, ки ба вай чизи беҳтаре дода хоҳад шуд. Ҷавоби вай фаврӣ буд: “Вай ҳама чизро тарк карда, бархост ва аз пайи Ӯ равона шуд”. Ин рафтори Леви маънoҳои пурраи шеъри Эмӣ Кармайклро пешакӣ ифода мекард*:

Ман даъвати Ӯро шунидам: “Бархез, аз пайи Ман биё!”
Фақат ҳамин, ва дигар ҳеҷ чиз.
Дар як лаҳза тамоми тиллои замин бенур шуд,
Ва дил дар сина сахт ба тапиш даромад.
Ман бархостам ва аз ҳаёти пештара рӯй гардонда, равона шудам.
Фақат ҳамин, ва дигар ҳеҷ чиз.
Кист, ки даъвати Ӯро шунида, аз пайяш равона нашавад?

Аммо дар ин рӯз, ба даъвати Масеҳ ҷавоб дода, Левӣ, ки ба мо бештар бо дигар ном, Матто, маълум буд, гумон ҳам намекард, ки итоати вай чӣ гуна самарҳои хуб меорад.

Пеш аз ҳама вай ганҷи гаронбаҳои наҷоти абадиро ба даст овард. Дар он рӯз вай бори аввал тавонист озодона нафас кашида, аз дӯши худ бори ғаму ташвишро фарорад. Акнун дар дили ӯ ҳатто дар рӯзҳои андӯҳ шодии бештаре назар ба рузҳои хурсандии пештара буд. Аз ҳамон дам вай, мисли Ҷорҷ Уэйд Робинсон, гуфта метавонист: “Дар ҳар ранг соя҃о ва тобишҳо хеле зиёд ҳастанд, аммо чашмоне ки бо гуноҳ кӯр шудаанд, инро ҳаргиз нахоҳанд дид”.

Баъд Матто яке аз дувоздаҳ расулон гардид. Ӯ бо Худованд Исо зиндагӣ мекард, чӣ тавр таълим додани Ӯро мешунид, шоҳиди зинда шудани Ӯ шуд, ба ҷаҳон хабари бузург мерасонд ва ниҳоят ҷони Худро барои Наҷоткор фидо кард.

Ба Матто шарафи бузурги навиштани Инҷили якум муяссар гардид. Мо мегӯем, ки вай ҳама чизро тарк кард, аммо Худованд ба вай имкон дод, ки аз қалами худ ҷудо нашавад. Бо ин қалам Худованд Исо чун Подшоҳи яҳудиён тасвир шуд.

Ҳа, Матто ҳама чизро тарк кард, аммо тарк карда, вай чизеро пайдо кард, маънои ҳақиқии ҳаётро ёфта, чизи бештареро пайдо кард.

Даъвати Масеҳро хоҳ нохоҳ ҳама одамон мешунаванд, ҳам мардону занон ва ҳам бачагону духтарон. Мо метавонем ба он ҷавоб диҳем ва ё метавонем худро кар вонамуд созем. Агар мо ҷавоб диҳем, Ӯ бар мо чунин баракатҳоеро, ки дар хобамон ҳам надида будем, фурӯ мерезонад. Аммо агар мо вонамуд кунем, ки ин ба мо дахл надорад, Ӯ шахсони дигарро, ки тйёранд ба Ӯ пайравӣ кунанд, ҷуста, пайдо мекунад. Аммо мо аз Ӯ дида сарвари беҳтареро ҳаргиз намеёбем.

* Эмӣ Кармайкл (1867-1951) - шоираи англис, ки дар Ҳиндустон миссионер буд.

# 10 АВГУСТ

**Мардуме... гуфтанд: “Тундар буд”**

*(Юҳанно 12:29)*

Аз осмон навакак ҷавоби Худо ба дуои Исо равшан ва возеҳ шунида шуд. Баъзеҳо гуфтанд, ки ин тундар буд. Онҳо кӯшиш карданд, ки муъҷизаи Худоро чун ҳодисаи табиат маънидод кунанд.

Бо ин гуна муносибат ба муъҷизот имрӯз ҳам вохӯрдан мумкин аст. Мо метавонем иштибоҳ будани онҳоро нишон доданӣ шуда, исбот кунем, ки онҳо фақат ҳодисаи одии табиат ҳастанд.

Ё мо метавонем ба таври одӣ гӯем, ки замони муъҷизаҳо гузаштааст. Мо онҳоро ба архив бо нишонаи “Таърихи наҷот” месупорем.

Дигарон бошанд аз ҳад гузашта, ба нақли рӯъёҳо ё муъҷизаҳое сар мекунанд, ки дар ҳақиқат самари тасаввуроти онҳо мебошанд.

Нуқтаи назари дурустро он касон доранд, ки бовар мекунанд, ки Худо имрӯзҳо низ метавонад муъҷизот нишон диҳад ва Ӯ онҳоро дар ҳақиқат нишон медиҳад. Ӯ Хоҷаи соҳибихтиёри тамоми чиз аст ва бинобар ин метавонад ҳар он чи мехоҳад, ба амал оварад. Дар Китоби Муқаддас мо зикреро дар бораи он намеёбем, ки барои чӣ дар замони мо низ Ӯ барои ваҳйи Худ наметавонад дар қатори чизҳои дигар муъҷизаро ҳам истифода барад.

Муъҷиза ҳар боре рӯй медиҳад, ки ягон кас аз олами боло зода мешавад. Ин зоҳир шудани бузурги қудрати Худо, ҳамон қувваест, ки одамро аз асорати подшоҳии торикӣ халос карда, вайро ба подшоҳии муҳаббати Писари Худо медарорад.

Муъҷизаҳои шифодиҳӣ ҳастанд, ки он лаҳзае рӯй медиҳанд, ки духтурҳо ҳеҷ кор карда наметавонанд ва ҳар гуна умеди одам мемирад. Он гоҳ, дар ҷавоб ба дуои имон, Худо баъзан қарор медиҳад, ки баданро шифо дода, саломатии одамро баргардонад.

Худо ба таври муъҷизаосо ба мо тамоми чизҳои даркориро ҳамон вақт низ медиҳад, ки дар ҳамёни мо як танга ҳам набошад. Муъҷизаҳое ҳастанд, ки ба мо роҳи ростро нишон медиҳанд, вақте мо дар саргарангӣ дар чорраҳа меистем.

Худо моро ба таври аҷоиб нигоҳбонӣ мекунад, масалан, ҳангоме ки мо назди металли пачақу маҷақе ки як вақтҳо мошини мо буд, сиҳату саломат меистем.

Бале, Худо имрӯз ҳам муъҷизаҳо нишон медиҳад, аммо ҳатмӣ нест, ки онҳо чун пештара бошанд. Ӯ ҳеҷ гоҳ даҳ балоро, ки як вақтҳо Мисрро ба он гирифтор карда буд, такрор накард. Агарчи Исои Масеҳ дирӯз, имрӯз ва дар тамоми абадият ҳамон аст, ин тамоман маънои онро надорад, ки усулҳои Ӯ низ бе тағйирот мемонанд. Он ҳақиқат, ки Ӯ ҳангоми дар замин буданаш мурдаҳоро зинда мекард, тамоман маънои онро надорад, ки Ӯ инро имрӯз ҳам мекунад.

Боз як ёддошт ва хулоса. На ҳама муъҷизот аз Худо ҳастанд. Муъҷизаҳоро иблис ва хизматгоронаш низ ба амал оварда метавонанд. Замоне мерасад, ки ҳайвони ваҳшӣ аз боби 13-ми Китоби Ваҳй бо муъҷизаҳои худ тамоми аҳолии заминро гумроҳ карда метавонад. Ҳатто имрӯз мо бояд ҳар чизи ба муъҷиза монандро дар асоси Каломи Худо тафтиш кунем ва бинем, ки онҳо одамонро ба кадом тараф мебаранд.

# 11 АВГУСТ

## “Агар мо бехуд шуда бошем, ин барои Худост”

*(2Қуринтиён 5:13)*

Дар лашкари Худо қисмҳои номунтазам низ ҳастанд, ва бисёр вақт маҳз онҳо ғалабаҳои бузургтаринро ба даст меоваранд. Ба Худо ғайратмандона хизмат карданӣ шуда, онҳо корҳоеро мекунанд, ки барои дигарон аҷиб менамоянд. Ба ҷои истифодаи усулҳои маъмулӣ онҳо усулҳои худро фикр карда мебароранд. Сухан ва кирдори онҳо пешгӯинашаванда мебошанд. Онҳо метавонанд бераҳмона забони модариро нодуруст талаффуз кунанд, тамоми қоидаҳои мавҷудаи сохт ва баёни мавъизаро вайрон кунанд ва ба ҳар ҳол ҳосили ғании кӯшишҳои худро ба номи Худованд гиранд. Бисёр вақт суханони онҳо ба дилҳои одамон таъсири қавӣ мерасонад; шунавандагон моту мабҳут мешаванд, аммо аллакай онҳоро фаромӯш карда наметавонанд.

Ҳамаи онҳое ки усули дигарро ба кор мебаранд, боиси шарм ва изтироби дӯстдорони анъана ва қолабҳо мешаванд, ки фақат аз як фикр дар бораи вайрон кардани меъёрҳои фарҳанг ва қоидаҳо ба даҳшат меафтанд. Масеҳиёни дигар кӯшиш мекунанд онҳоро ба тарзи дигар тарбия кунанд, каме “муқарраритар” кунанд, оташро хомӯш кунанд. Аммо, хушбахтона барои ҷамоат, меҳнати онҳо бисёр вақт бекора аст.

«Ба ин бовар кардан душвор аст, аммо аксари ҳамасрони Масеҳ чунин меҳисобиданд, ки Ӯ андак “бехуд” буд. Ӯ кори Худро бо чунон ғайрат ба амал меовард, ки ҳатто барои хӯрок хӯрдан вақт надошт, модару бародаронаш бошанд мехостанд Ӯро ба хона баранд, зеро тарсида буданд, ки вай “девона” шудааст. Онҳо мегуфтанд, ки “Ӯ бехуд аст”. Аммо маҳз Исо ақли солим дошт, на бародарони Ӯ» (У. Макинтош Маккей).

Эҳтимол, расул Павлусро низ аҷоиб мешумориданд. Ба тамоми ин айбдоркуниҳо вай чунин ҷавоб медод “...Агар мо бехуд шуда бошем, ин барои Худост” (2Қур. 5:13).

Бисёриҳо дар бораи яке аз чунин одамони соддаи Худо шунида буданд, ки дар сина ва тахтапушти худ лавҳаҳо овезон карда буд. Дар лавҳае ки дар пеши сина овезон буд, чунин навишта шуда буд “Ман масхарабоз ба номи Исо ҳастам”. Лавҳае ки дар тахтапушт овезон буд, мепурсид: “Ту бошӣ масхарабози кӣ ҳастӣ?”

Мушкилии аксарияти мо дар он аст, ки мо чизи муқаррарӣ ва кӯҳнаро хеле сахт дӯст медорем, бинобар ин наметавонем ҷомеаро ба ҳаракат оварда, водор созем, ки ба Худо рӯй оварад. Касе гуфтааст: “Мо намехоҳем мувозинати рӯҳиро вайрон кунем. Мо ба Петрус монанд ҳастем, ки назди даромадгоҳи толоре ки дар он Масеҳро доварӣ мекарданд, истода “гарм мешуд”.

Роланд Ҳилл* одами аҷиб буд. Ч. Т. Стадд ва Биллӣ Брэйро* низ одамони содда ҳисоб мекарданд. У. П. Николсон, башоратдиҳандаи ирландӣ низ чун шахси ғалатӣ ном баровarda буд. Наход мо мехостем, ки онҳо дигар бошанд? Не, охир дар бораи чӣ қадар кори бузургро барои Худованд ба амал овардани онҳоро фикр карда, мо таассуф мехӯрем, ки чаро ин қадар кам ба онҳо монанд ҳастем. “Аҷибӣ”-е ки самар меоварад, ҳазор маротиба аз мӯътадилии бесамар беҳтар аст. Баъзан муҳаббати аввалин “аҷоиб” менамояд, аммо Худоро шукр, он таъсирбахш аст; аммо баъзеи мо онро гум кардаем» (Фред Митчелл).

---

* Роланд Ҳилл (1744-1833) - вонзи бузурги ш. Лондон.
* Билли Брэй (1794-1868) - воизи методист дар Корнуэлл, Англия.

# 12 АВГУСТ

**“Аз шахси ҷудоиандоз, пас аз он ки як-ду бор насиҳат додаӣ, канорагирӣ намо, чун медонӣ, ки чунин шахс гумроҳ шудааст ва гуноҳ карда, худро маҳкум менамояд”**

*(Титус 3:10,11)*

Вақте мо калимаи “ҷудоиандоз”-ро мешунавем, беш аз ҳама дар бораи касе фикр мекунем, ки пайрав ва паҳнкунандаи таълимотест, ки ба ҳақиқатҳои бузурги асосии дини масеҳӣ зид ҳастанд. Мо дар бораи ин гуна муаллимони дурӯғин, ба монанди Арий, Монтан, Маркион, Пелагий фикр мекунем, ки дар асрҳои дуюм ва сеюми милодӣ зиндагӣ кардаанд.

Ман пешниҳод надорам, ки ин мафҳуми ҷудоиндозиро яктарафа гузорам, балки мехоҳам ки онро андаке васеъ намоям. Мувофиқи таълимоти Аҳди Нав ба ҷудоиндозон онҳое низ дохил мешаванд, ки якравона кӯшиш мекунанд таълимотеро “зӯран ҷорӣ намоянд”, ки агарчи ба масъалаҳои дуюмдараҷа дахл доранд, ба ҳар ҳол ба ҷамоат ҷудоӣ меоранд. Чунин одам метавонад бечуну чаро пайрави ҳақиқатҳои асосӣ бошад, аммо ба ҳар восита таълимеро паҳн кунад, ки ба масъалаҳои дигар дахл мекунад, ва ба нуқтаи назари ҷамоати маҳаллӣ мухолиф буда, ба зиддиятҳо оварда мерасонад.

Дар матни тарҷумаи муосири русии Аҳди Нав, “Каломи Ҳаёт”, ба ҷои “бидъаткор” “шахсе ки ҷудоӣ меандозад” меистад. Чунин одам ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешавад, ки аз мавзӯи дӯстдоштаи худ даст кашад, агарчи ин метавонад боиси ҷудоӣ дар ҷамоат шавад. Вай ҳар гуна сӯҳбатро оиди ин масъала ба баҳсу мунозира оварда мерасонад. Ӯ дилпур аст, ки ба нуқтаи назари худ қариб дар ҳар як саҳифаи Навишта исбот дорад. Вай дар бораи имони масеҳӣ гап зад, мавзӯи дӯстдоштаи худро ба маркази диққат нагузошта наметвонад. Дар ғиҷҷаки вай танҳо як тор аст, ва вай дар он танҳо як нотаро навохта метавонад.

Рафтори вай тамоман аз тоқат берун аст. Аз ҳазору як таълимоти Навишта, ки метавонад боиси нашъунамои рӯҳонии муқаддасон шавад, рӯй гардонда, вай тамоми диққати худро ба як ё ду таълимоти дуюмдараҷа равона мекунад, ки ғайр аз ҷудоӣ дигар ҳеҷ чиз намеоранд. Шояд вай доимо дар бораи кадом як ҷиҳати муайяни пайғамбариҳо такрор ба такрор гӯяд. Ё ин ки вай бениҳоят сахт яке аз атоҳои Рӯҳулқудсро махсус қайд мекунад. Ва ё ин ки шояд вай гирифтори панҷ қоидаи калвинизм аст.

Вай якравона бо роҳи худ меравад, ҳатто ҳангоме ки роҳбарони ҷамоат суботкорона ба вай маслиҳат медиҳанд, ки аз маъракаи таблиғотии худ даст кашад. Дар ҷавоб вай такрор ба такрор мегӯяд, ки агар аз коштани ин андешаҳои худ даст кашад, ба кори Худованд хиёнат мекунад. Ҳеҷ кас наметавонад вайро маҷбур кунад, ки даҳонашро пӯшад. Ба ҳар як далелу бурҳон вай ҷавоби “фавқулода рӯҳонӣ” дорад. Он ҳақиқат, ки дар ҷамоат метавонад мухолифатҳо сар шаванд ва кор метавонад то ҷудоӣ расад, тамоман вайро ба ҳарос намеорад. Вай огоҳиҳои Навиштаҳоро нодида мегирад: “Агар касе ибодатхонаи Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон хоҳад кард” (1Қур. 3:17).

Навишта мегӯяд, ки ин гуна одам фосид аст ва гуноҳ карда, худро маҳкум менамояд. Ӯ ба он маъно фосид, ки вай дигар солимона андеша рондан ва қарорҳои маънавӣ қабул кардан наметавонад. Ӯ гуноҳ мекунад, чунки ин гуна рафторро Навишта маҳкум мекунад. Ва ба ҳама эътирозҳои “порсоёна”-и худ нигоҳ накарда, вай инро хеле хуб медонад. Ҷамоат бояд ду маротиба кӯшиш намояд, ки ба вай фаҳмонда диҳад, ва агар вай тавба накунад, аз вай канора ҷустанро сар кунад, бо умеди он ки хориҷшавӣ аз ҷамоат вайро водор месозад, то аз роҳи мухолифату ҷудоиҳо барояд.

# 13 АВГУСТ

**“Зеро дар ҷое ки ду ё се кас ба номи Ман ҷамъ шаванд, Ман дар миёни онҳо ҳастам”**
*(Матто 18:20)*

Ин суханонро гуфта, Исо мавридҳоеро дар назар дошт, ки назди ҷамоат узви он меистад, ки дар гуноҳ зиста, намехоҳад аз ин тавба кунад. Тамоми кӯшишҳои ба роҳи рост равон кардани шахси хатокор барор нагирифтанд, ва ана акнун вай бояд назди ҷамоат истад. Агар вай ҳозир ҳам аз тавба кардан даст кашад, ӯро дур кардан лозим меояд.

Худованд Исо дар чунин ҷамъомад, ки барои ҳалли масъалаҳои ҷазои ҷамоатӣ даъват шудааст, ҳузур доштанро ваъда кардааст.

Лекин, албатта, доираи ба кор бурдани ин оят васеътар аст. Ин ҳақиқат ба ҳар мавриде дахл дорад, ки ду ё се кас ба номи Ӯ ҷамъ шудаанд. Ба номи Ӯ ҷамъ шудан пеш аз ҳама чун масеҳиён ҷамъ шудан аст. Ин маънои онро дорад, ки мо бо қудрати Ӯ якҷоя ҷамъ шуда, аз номи Ӯ амал мекунем. Ин маънои онро дорад, ки маҳз Ӯ нуқтаи ҷазбкунанда мегардад. Ин маънои чунон ҷамъ шуданро дорад, ки масеҳиёни аввалин ҷамъ мешуданд, то “бо шунидани таълими расулон, бо ҳамнишинӣ, бо пора кардани нон ва бо дуо” машғул шаванд (Аъм. 2:42). Ин маънои онро дорад, ки назди Ӯ ҷамъ мешавем, ва Ӯ дар марказ меистад (Заб. 49:5).

Худованд Исо ваъда медиҳад, ки ҳар гоҳе имондорон ана ҳамин тавр назди Ӯ ҷамъ мешаванд, Ӯ ҳузур хоҳад дошт. Аммо шояд ягон кас пурсад: “Оё Ӯ дар ҳама ҷо ҳузур надорад?” Оё Ӯ, Худои ломакон, дар як вақт дар ҳама ҷойҳо ҳузур надорад?” Ҳа, албатта, ин ҳамин тавр аст. Аммо он ҷое ки муқаддасон ба номи Ӯ ҷамъ шудаанд, Ӯ ваъда медиҳад, ки ба таври махсус ҳузур хоҳад дошт.

“...Ман дар миёни онҳо ҳастам”. Ин аллакай худ аз худ далели баҳснопазир аст, ки барои чӣ мо бояд доимо дар тамоми ҷамъомадҳои ҷамоати маҳаллӣ иштирок кунем. Худованд Исо дар онҳо ба таври махсус ҳузур дорад. Шояд, бисёр вақт мо ин ҳузури ваъдашудаашро ҳис ҳам намекунем. Он гоҳ мо онро бо имон қабул мекунем. Аммо чунин ҳам мешавад, ки ҳузури Ӯ ба таври хеле ғайриодӣ зоҳир мешавад. Он гоҳ ба назари мо чунин менамояд, ки мо метавонем ба осмон даст расонем. Дар зери таъсири Калом дили мо бо ларзишу ваҷд таъзим мекунад. Он гоҳ суханони Худованд толори ҷамъомадро чунон пур мекунанд, ки ҳама чиз дар эҳтиром ва ларзиш карахт мешавад ва аз чашм ашк мерезад. Он гоҳ ба мо чунин менамояд, ки дилҳои мо дар сина об мешаванд.

Ин гуна лаҳзаҳо ногаҳон меоянд, мо онҳоро пешакӣ фаҳмида гирифтан ва пешгӯӣ намудан наметавонем. Агар мо дар ин вақт дар ҷамоат набошем, аз онҳо бехабар мемонем. Мо бо Тумо ҳамқисмат мешавем, ки ҳангоме Исои эҳёшуда ва ҷалолёфта шомгоҳи пас аз эҳёи Худ ба шогирдонаш ҳозир шуд, дар ҷойи дигар буд (Юҳ. 20:24). Ин лаҳзаи ҷалолро аллакай на такрор кардан мумкин буду на баён кардан.

Агар мо ҳақиқатан бовар кунем, ки Исо дар миёни мансубони Худ, ки ба номи Ӯ ҷамъ шудаанд, ҳузур дорад, мо бо хоҳиши калон кӯшиш мекунем дар ҷамъомад бошем, нисбат ба он ки агар президенти Амрико шахсан ният медошт, ки дар он ҳузур дошта бошад. Танҳо марг ё бемории вазнин метавонистанд ба мо халал расонанд, ки дар он ҷо ҳузур дошта бошем.

**“Қурбониҳои дилхоҳи Худо рӯҳи шикаста аст; дили шикаста ва залилро Ту, эй Худо, хор нахоҳӣ дид”**

*(Забур 50:19)*

Дар миёни тамоми махлуқоти Худо ҳеҷ яке беҳтар аз имондори дилшикаста нест. Вай ҳатто дар назари Худо дилрабо аст; Ӯ метавонад мағрурон ва ҳавобаландонро рад кунад (Яъқ. 4:6), аммо дилшикастагон ва фурӯтанонро Ӯ рад карда наметавонад.

Дар моҳияти табиии мо ҳатто як нишонаи дилшикастагӣ нест. Мо мисли хари ёбоӣ худсар, беитоат, якрав ва ҳардамхаёл ҳастем. Ба мо оҳани лаҷом, лаҷом ва зини иродаи Худо маъқул нестанд. Мо хоҳиш надорем, ки моро ягон кас бандад, роҳ надиҳад, ки ба ҷои мехостаамон равем. Агар мо ром карда нашавем, дилшикаста нашавем, дар ҳеҷ кор қобили истифода нахоҳем буд.

Ҷараёни имон овардан оғози чунин ром шудан аст. Гунаҳкор бо тавба гуфта метавонад: “Дили аз ҳама мағрур таслим шуд, иродаи аз ҳама бенӯхта, ки барои ба кори Ту халал расондан ё ба душманони Ту ёрӣ додан баланд шуд, шикаст хӯрд. Ва ҳама инро дар ман Ту ба амал овардӣ, эй Худои Ман!” Ҳангоми имон овардан мо бар дӯши худ юғи Масеҳро мегирем.

Аммо метавон имондор буд ва ба ҳар ҳол мисли аспи нари ромнашудае рафтор кард, ки орзуи дар даштҳои васеъ давиданро дошта, фақат мувофиқи хоҳишҳои худ амал кардан мехоҳад. Мо бояд ба дасти ҳидояткунандаи Ӯ таслим шуда, кӯшиш накунем, ки зиддият нишон диҳем. Мо бояд бовар карданро ёд гирем, ки Ӯ моро ба роҳи беҳтарин равона хоҳад кард, бинобар ин мо бояд кӯшиш накунем, ки худамон роҳро пайдо намоем.

Мо бояд дили худро на фақат дар пеши Худо, балки дар пеши одамони дигар низ фурӯтан кунем. Ин маънои онро дорад, ки дар он барои ғурур, ҳавобаландӣ ва худсарӣ дигар ҷой нахоҳад буд. Мо акнун ҳуқуқҳои худро боисрор ҷонибдорӣ кардан ё худро аз айбдоркуниҳои дурӯғин ҳимоя намуданро вазифаи худ намешуморем. Мо ба зарба зарбаи ҷавоб намедиҳем, ҳатто агар моро таҳқир кунанд, масхара намоянд, беобрӯ кунанд ва тӯҳмат намоянд. Одамоне ки дилашон шикаста аст, агар ягон кори нодуруст кунанд ё гапи беҷо зананд, дарҳол бахшиш мепурсанд. Онҳо ранҷҳоро дар хотир надошта, бар зидди ягон кас кина намегиранд. Онҳо дигаронро аз худ беҳтар ва поктар мешуморанд. Агар онҳо дер кунанд, дар кор ягон мушкилӣ дошта бошанд, дар ягон чиз ноком шаванд, ба садама ва рӯҳафтодагӣ дучор гарданд, онҳо ба ҷунун ва воҳима наафтода, хашмгин намешаванд. Дар ҳар гуна вазъияти душвор онҳо худдорӣ карда, ботамкин мемонанд.

Агар дар дилҳои зану шавҳар фурӯтанӣ сокин бошад, дар додгоҳ ҳаргиз ариза дар бораи ҷудо шудан пайдо намешавад. Агар дилҳои волидон ва фарзандон шикаста бошанд, дар миёни онҳо ҳаргиз ҷанҷоли наслҳо нахоҳад буд. Дар миёни ин гуна ҳамсояҳо ҳаргиз девори думетра пайдо нахоҳад шуд. Дар ин гуна ҷамоатҳо ҳаргиз оташи эҳёшавӣ хомӯш нахоҳад шуд.

Вақте ки дар Шоми Худованд мо ин суханонро мешунавем: “Ин бадани Ман аст, ки барои шумо пора карда мешавад”, ягона ҷавоби шоиста чунин хоҳад буд: “Ана ҳаёти ман, Худованд Исо, ки барои Ту шикастааст”.

## 15 АВГУСТ

**“Ҳушёр бошед, аз ҳарисӣ ҳазар кунед”**

*(Луқо 12:15)*

Ҳарисӣ, чашмгуруснагӣ кӯшиши аз ҳад зиёдест барои бештар пул ва мол доштан. Одамоне ки дучори ҳарисӣ шудаанд, сер намешаванд. Онҳо саросемавор мехоҳанд соҳиби чизҳое бошанд, ки умуман барояшон даркор ҳам нестанд.

Чашмгуруснагӣ дар соҳибкоре сокин аст, ки чунин мегӯяд: “Ман ҳамон вақг бозмеистам, ки фоида ба дараҷаи муайяне мерасад”. Аммо вақте ин замон мерасад, вай боз бисёртар мехоҳад.

Зани хонашине ҳам чашмгурусна аст, ки ҳаёташ ба гардиши доимӣ аз як мағоза ба мағозаи дигар табдил ёфтааст. Вай ба хона бениҳоят чизҳои бисёрро кашида меоварад, ҳол он ки болои сақфи хона, гараж ва таҳхона аз ҳар гуна чизу чора пур аст.

Анъанаи дар рӯзи Мавлуди Масеҳ ва зодрӯз тӯҳфаҳо тақдим кардан чӣ! Пиру барно комёбии “чорабинӣ”-ро аз рӯи шумораи чизу чораи нав муайян мекунанд.

Ва ё ин ки тақсими мерос. Вақте ки ягон кас мемирад, дӯстону шиносони вай якчанд қатра ашк резонда, монанди мурдахӯрон ба тақсими ғанимат мешитобанд ва дар баробари ин бисёр вақт ҷанги шаҳрвандиро сар мекунанд.

Чашмгуруснагӣ бутпарастист (Эфс. 5:5; Қӯл. 3:5). Хоҳишҳои шахсӣ аз хости Худо баландтар гузошта мешаванд. Он чи Худо додааст, барои чашмгуруснагӣ кам аст, он ба ҳар роҳ кӯшиш мекунад молу мулки худро зиёд кунад.

Чашмгуруснагӣ дурӯғест, ки бо тамоми куввати худ кӯшиш мекунад ба дигарон талқин намояд, ки маҳз доштани чизҳои моддӣ хушбахтист. Ҳикояе ҳаст, ки қаҳрамони он ҳамин ки чизи дилхоҳашро бо овози баланд талаб мекард, онро ба даст оварда метавонист. Ӯ хоҳиш кард, ки хонаи боҳашамат, хизматгорон, кадиллак ва киштӣ барои сайру саёҳат дошта бошад, ва инак ҳамаи ин дар як лаҳза пайдо шуд. Дар аввал вай аз ваҷд бехуд буд, аммо дертар, вақте хаёлоти вай тамом шуд, норозигии вай зиёд мешуд. Ниҳоят вай гуфт: “Ман тезтар мехоҳам аз ин ҷо бароям. Ман мехоҳам эҷод кунам, ман мехоҳам азоб кашам. Дӯзах аз ин ҷо беҳтар аст” Ба фикри шумо чӣ, шумо дар куҷо ҳастед?” – дар ҷавоб шунид вай.

Чашмгуруснагӣ одамонро водор месозад, ки созиш кунанд, фиреб кунанд, гуноҳ кунанд, то чизи дилхоҳашонро ба даст оваранд.

Чашмгуруснагӣ масеҳиро ба роҳбарии ҷамоат номуносиб мекунад (1Тим. 3:3). Роналд Сайдер савол медиҳад: “Чӣ чиз бештар дар рӯҳи Навишта аст: чораҳои ҷазоии ҷамоат ба касоне ки ба воситаи чашмгуруснагӣ ва пулпарастӣ ба гулгулшукуфии молиявӣ ноил гаштаанд, ё дар ҷамоат ба мақомҳои роҳбарикунанда интихоб намудани онҳо?”

Ҷамоат бояд ҳар шахсеро хориҷ кунад, ки бахилии ӯ боиси он гардид, ки ӯ моликияти дигаронро аз они худ карда, даст ба тамаъҷӯӣ ва ҷанҷолҳои оммавӣ зад (1Қур. 5:11).

Ҳар касе ки чашмгуруснагии худро чун гуноҳ эътироф накарда, аз он даст намекашад, дар охир ворисе Подшоҳии Худо намешавад (1Қур.6:10).

**“Пас, агар хӯрок ва либос дошта бошем, бояд аз он қонеъ шавем”**

*(1Тимотиюс 6:8)*

Шумораи ками масеҳиён ин суханро ҷиддӣ қабул мекунанд, ҳол он ки он мисли Юҳанно 3:16 Каломи Худост. Онҳо мегӯянд, ки мо қонеъ ҳастем, вақте хӯрок ва пӯшиш дорем. Дар зери мафҳуми пӯшиш мо на фақат хонаро, балки либосро низ дар назар дорем. Дигар хел карда гӯем, мо бояд бо чизҳои аз ҳама зарурӣ қаноат кунем ва чизи аз он зиёдаро барои кори Худованд истифода намоем.

Одами қаноатманд чизе дорад, ки онро бо ягон пул харидан номумкин аст. Э. Стэнлӣ Ҷоунс гуфтааст: “Ҳама чиз ба шахсе тааллуқ дорад, ки хоҳони ҳеҷ чиз нест. Ҳеҷ чиз надошта, вай дар ҳаёт ҳама чиз, аз он ҷумла худи ҳаётро низ дорад... Ӯ сарватманд аст, аммо на бо молу мулки бисёр, балки бо камии хоҳишҳо”.

Бисёр сол пеш, дар назди хатмкунандагони як донишгоҳ баромад намуда, Ридярд Киплинг таъкид намуд, ки тамоми қувватро барои ба даст овардани сарват харҷ кардан чӣ қадар аблаҳист. Вай гуфт: “Боре шумо бояд ба чашмони шахсе нигаред, ки барояш тамоми ганҷҳо фақат ғубор ҳастанд, ва он гоҳ шумо хоҳед фаҳмед, ки то чӣ андоза фақир ҳастед”.

“Дар ин замин камоли хушбахтиро ба шахси масеҳӣ фармудаи бо чизи кам қонеъ шудан меоварад. Агар дар дили вай Масеҳ сокин бошад, агар вай ба осмон чашм дӯхтааст ва агар вай ба он андозае баракати моддӣ дорад, ки оромона зиндагӣ кунад, он гоҳ дарду андӯҳ ба осонӣ дар вай ҷои сустро намеёбад; ин гуна одам қариб чизи гум карданӣ надорад” (Уилям К. Бёрнс)*.

Дар бисёре аз бузургони рӯҳ ин рӯҳи қаноатмандӣ зиндагӣ мекард. Дэвид Ливингстоун гуфтааст: “Ман ҷиддӣ қарор додам, ки ба ҳар он чи дорам, фақат аз нуқтаи назари муносиб будани он барои Подшоҳии Худо нигоҳ кунам”. Вочман Нӣ навишта буд: “Ман барои худ ҳеҷ чизро хоҳон нестам, бан ҳама чизро барои Худованд хоҳонам”. Ҳадсон Тэйлор гуфтааст, ки вай “аз ҳашамати надоштани чизҳои бисёре ки дар бораашон ғамхорӣ намудан лозим меомад, ҳаловат мебарад”.

Барои бисёриҳо қаноатмандӣ маънои набудани шӯҳратпарастӣ ва кӯшиши ба даст овардани чизи навро дорад. Онҳо чунин мешуморанд, ки танҳо шахси косалес ва муфтхӯр метавонад бо он чи дорад, қонеъ бошад. Аммо ин он қаноатмандӣ нест, ки Навишта дар борааш мегӯяд. Масеҳии қаноатманд ҳам иззатпарастӣ дораду ҳам исроркорӣ ва ҳам саъю кӯшиш барои ба даст овардани мартабаи баланд, лекин ҳамаи ин ба мақсадҳои рӯҳонӣ равона шудааст, на моддӣ. Ба ҷои танбалӣ вай меҳнат мекунад, то ки ба шахси бенаво ягон чиз ато карда тавонад. Агар аз Ҷим Эллиот иқтибос оварем, шахсе ки бо чизи доштааш қаноатманд аст, шахсест, ки Худо вайро аз “дастҳои хасис ва ҳарис” озод кардааст.

* Уилям К. Бёрнс (1815-1868) - шотландиест, ки солҳои зиёд ба сифати миссионер дар Хитой кор кардааст, дӯсти калонсоли Ҳадсон Тэйлори ҷавон.

# 17 АВГУСТ

**“Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард...”**

*(1Подшоҳон 2:30)*

Усулҳои эҳтиром кардани Худованд зиёданд, ва яке аз онҳо вафодорона қоидаҳо ва принсипҳои Худоро риоят намуда, ҳеҷ гоҳ гузашт накардан аст.

Дар солҳои ҷавонии худ Адам Кларк (1762-1832) дар дӯконе кор мекард, ки шоҳӣ мефурӯхтанд. Боре соҳиби дӯкон ба вай нишон дод, ки чӣ тавр вай бояд шоҳиро кашида васеъ карда, барои харидор чен кунад. Адам гуфт: “Ҷаноб, шояд, шоҳии шуморо кашида васеъ кардан мумкин аст, аммо виҷдони маро не. Пас аз солҳои зиёд Худо ба ин ходими софдил барои навиштани тафсири матнҳои Китоби Муқаддас қувват дода, шӯҳрат бахшид.

Номи Эрик Лиделл (1902-1945) дар рӯйхати иштирокчиёни давиши 100-метра дар бозиҳои олимпӣ буд. Аммо вақте вай фаҳмид, ки давиши пешакӣ дар рӯзи якшанбе ба нақша гирифта шудааст, ба сардори гурӯҳ гуфт, ки намедавад. Ӯ чунин мешуморид, ки рӯзи Худовандро эҳтиром накарда, вай бо ин Худи Худовандро таҳқир мекунад. Тӯфони норозогӣ авҷ гирифт. Вайро айбдор мекарданд, ки хоҳиши вайрон кардани лаззати дигаронро дорад ва дар таассуби кундфаҳмонаи динии худ кишвари худро шарманда мекунад. Аммо вай исрор намуд.

Вақте вай фаҳмид, ки давиши пешакии 220 метра ба яке аз рӯзҳои корӣ ба нақша гирифта шудааст, аз сардори гурӯҳ барои давидан иҷозат пурсид, агарчи ин масофаи беҳтарини вай набуд. Вай дар давиши якум ғолиб омад, сипас дар дуюм ва баъд дар нимфинал. Дар рӯзи давиши финалӣ, назди хати пилла равон шуда, вай ҳис намуд, ки касе ба дасташ хатчаеро андохт. Онро кушода, вай инро хонд: “Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард . Дар он рӯз вай на фақат давишро бурид, балки рекорди нави ҷаҳониро низ нишон дод.

Худованд Ӯро сазовори шарафи бузург карда, ҳамчун сафир ба Шарқи Дур равон кард. Дар вақти ҷанги дуюми ҷаҳонӣ вай аз ҷониби японҳо боздошт шуда, дар лагери консентрасионӣ мурд ва бо ин тариқ шаҳид шуд.

Адам Кларк ва Эрик Лиделл дар як қатор бо чунин хизматгорони Худо, мисли Юсуф ҷой гирифтанд, ки Худоро бо рафтори ахлоқии худ эҳтиром кард, ва Худо вайро эҳтиром карда, имкон дод, ки ҳангоми гуруснагӣ халқашро наҷот диҳад. Бо чунин хизматгорон, мисли Мусо, ки мукофоти вафодориаш наҷоти халқи Исроил аз асорати Миср шуд. Бо чунин хизматгорон, мисли Дониёл, ки гузашт накарданаш ниҳоят ба вай имкон дод, ки дар Форс мақоми баланд ишғол намояд. Онҳо назди Исо меистанд, ки аз ҳамаи онҳо беҳтарин буда, Падарро чунон эҳтиром намуд, ки ягон одам чунин карда наметавонад ва ба Ӯ номи аз ҳама баланд дода шудааст.

## 18 АВГУСТ

**“Он ки шамшер ба камар мебандад, набояд мисли он ки шамшер аз камар мекушояд, фахр намояд”**

*(3Подшоҳон, 20:11)*

Ин суханонро Аҳъоб, подшоҳи нобакори Исроил гуфта бошад ҳам, ба ҳар ҳол дар онҳо ҳақиқат ҳаст. Ҳатто бехудоён ҳам, баъзан “аз бедиққатӣ гапи ҳақ гуфта метавонанд. Подшоҳи Арам ба Аҳъоб талаботи таҳқиромез ва хоркунанда изҳор намуда, таҳдид кард, ки агар онҳо иҷро карда нашаванд, тамоми Сомарияро ба хокистартӯда табдил хоҳад дод. Аммо дар ҷанге ки пас аз ин воқеъ шуд, арамиён рӯ ба гурез оварданд, ва подшоҳи онҳо низ ҷони худро наҷот дода, гурехт. Дар миёни суханони пурлофу газофи вай ва корҳои воқеӣ партгоҳи амиқе буд.

Ояти имрӯзаи мо метавонист барои Ҷолёт ҳам маслиҳати хуб бошад. Довуди меомадаро дида, вай гуфт: “Назди ман биё, то гӯшти баданатро ба мурғони ҳаво ва даррандагони саҳро бидиҳам” (1Под. 17:44). Аммо Довуд бозикунон, танҳо бо як санге ки бо фалахмон партофта шуда буд, вайро аз по афтонд. Бузургҷусса бениҳоят барвақт лоф зада буд.

Вақте мо навакак ҳаётро бо Масеҳ сар мекунем, ба осонӣ қувват ва қобилиятҳои худамонро аз будаш зиёд баҳо медиҳем. Мо чунон рафтор мекунем, ки гӯё худамон дар алоҳидагӣ тамоми ҷаҳонро, ҳам ҷисм ва ҳам иблисро мағлуб намуда метавонем. Мо масеҳиёни баркамолро аз боиси он танбеҳ мекунем, ки ҳанӯз на ҳамаи одамон дар сайёраи мо Инҷилро шунидаанд. Мо ба ҳама нишон хоҳем дод, ки ин чӣ тавр карда мешавад! Аммо мо хеле барвақт лоф мезанем. Мубориза навакак сар шудааст у мо бошем чунон рафтор мекунем, ки гӯё он аллакай кайҳо боз ба охир расидааст.

Дар вақти як маҷлиси ғайрирасмии масеҳиён як воизи намоён, аммо ҷавон дар маркази диққат буд. Ба вай чунин шавқи умум ҳатто хеле маъқул буд. Дар ин гурӯҳ муаллими мактаби якшабегӣ низ буд, ки ба ҳаёти вай таъсири калон расонда буд. Шахсе ба муаллим рӯ оварда гуфт: “Эҳтимол, шумо аз шогирди собиқи худ хеле фахр мекунед”. Муаллим дар ҷавоб гуфт: “Ҳа, агар оқибат ҳам монанди оғоз чунин дурахшон бошад” Он бегоҳ ин суханон ба воизи ҷавон чун чумчаи қатрон дар чалаки асал намуданд. Аммо дертар, ба роҳи тайнамуда назар карда, вай фаҳмид, ки ҳақ бар ҷониби муаллими пиронсол буд. Аҳамият надорад, ки шумо чӣ тавр ба муҳориба тайёрӣ мебинед, муҳим он аст, ки шумо чи тавр онро ба охир мерасонед.

Ин муҳориба тамоми ҳаёти шумо давом хоҳад кард. То даме ки мо ба ҳузури Лашкаркаши бузурги осмониамон наистем, он тамом намешавад. Ва он гоҳ мо барои хизматгузориамон суханони таҳсинро мешунавем, ва танҳо ин таҳсин ягон аҳамият дорад. Аммо таҳсини Ӯ ҳар навъе бошад ҳам, ба ҳар ҳол мо барои лофзанӣ ягон асос надорем. Аз тамоми дилу ҷон ва бо фурӯтанӣ мо чунин хоҳем гуфт: “Мо ғуломони ношоям ҳастем; чунки он чи карданамон даркор буд, кардем”(Луқ. 17:10).

# 19 АВГУСТ

**“Доваронро таҳқир накун, ва ба раисе ки дар қавми туст, лаънат нагӯй”**

*(Хуруҷ 22:28)*

Ба Мусо шариатро дода, Худо дар он ҳар гуна суханони беэҳтиромона ва ҳақоратиро зидди шахсони баландмақоми ҳукумат манъ кард.

Сабаби ин фаҳмост. Ин сардорону роҳбарон намояндагони Худо ҳастанд. “Ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад, ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барпо шудаанд” (Рум. 13:1). Сардор “хизматгузори Худост ба фоидаи ту” (Рум 13:4). Шояд худи роҳбар ба Худо бовар намекунад, аммо ба ҳар ҳол расман вай яке аз одамони Ӯст.

Миёни Худо ва ҳокимони одамӣ чунон робитаи зич ҳаст, ки Ӯ баъзан онҳоро худоён меномад. Ҳамин тавр, масалан, дар Забур 81:1 Ӯ дар бораи доварон чун дар бораи худоён мегӯяд — на ба маънои он, ки онҳо табиати илоҳӣ доранд, балки барои он ки онҳо иҷрокунандагони хости Худо ҳастанд.

Шоул зидди Довуд ҳар хел ҳилаву найранг карда бошад ҳам, Довуд ба одамони худ иҷозат намедод, ки ба подшоҳ ягон зарра зиён расонанд – охир Шоул масеҳи Худованд буд (Шод. 24:6).

Расул Павлус аз рӯи нодонӣ ба ба саркоҳин суханони пурғазаб гуфт, аммо ҳамон лаҳза аз ин гуноҳ тавба кард ва бахшиш пурсида, гуфт: “Эй бародарон, ман надонистам, ки вай саркоҳин аст; зеро ки навишта шудааст: “Ба пешвои қавми худ носазо нагӯй” (Аъм. 23:5).

Фармон дар бораи эҳтиром кардани сардорон ҳатто ба ҷаҳони рӯҳҳо ҳам дахл дорад. Ин маънидод мекунад, ки чаро Фариштаи муқарраб Микоил ҷуръат накард, ки ба шайтон бо айбдоркуниҳои пурғазаб дарафтад, балки чунин гуфт: “Худованд туро ҷазо диҳад” (Яҳ. 9).

Яке аз хусусияти фарқкунандаи қонуншиканони замони охир муносибати таҳқиромез ба ҳукуматҳо ва бадгӯӣ дар ҳаққи бузургон мешавад (2Пет. 2:10).

Дарс барои мо, масеҳиён, фаҳмост. Мо бояд ҳукуматдоронро чун хизматгорони расмии Худо эҳтиром кунем, ҳатто агар бо сиёсати пешгирифтаи онҳо розӣ набошем ё тарзи ҳаёт ва рафтори онҳо ба мо маъқул нест. Дар ҳеҷ вазъият мо ҳақ надорем он чиро гӯем, ки як масеҳӣ дар авҷи маъракаи сиёсӣ гуфтааст: “Президент палиди ашаддӣ аст”.

Аммо ин ҳоло тамом не. Мо, масеҳиён бояд “барои подшоҳон ва барои ҳамаи ҳукуматдорон [дуо гӯем], то ки ором ва осуда, бо камоли худотарсӣ ва сарбаландӣ умр гузаронем”(1Тим. 2:2).

# 20 АВГУСТ

**“ Сахтиҳое ки аз сар мегузаронед, барои ҷазо мебошанд; Худо бо шумо чун бо писарон рафтор мекунад. Зеро оё писаре ҳаст, ки падараш ӯро ҷазо надиҳад?”**

*(Ибриён 12:7)*

Дар ёздаҳ ояти аввали боби дувоздаҳуми Нома ба Ибриён калимаҳои “ҷазо”, “ҷазо медиҳад”, “ҷазо додан” ҳафт бор вомехӯранд. Дар натиҷаи ин ҳангоми рӯякӣ хондан метавонад тасаввуроте ҳосил шавад, ки Худо ба падари баде монанд аст, ки фарзандонашро барои хатои ночиз мезанад. Ин тасаввуроти бардурӯғ ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки ҷазоро ҳамчун сазо мефаҳманд.

Вақте мо мефаҳмем, ки калимаи “ҷазо” дар Аҳди Нав маънои васеъ дорад, оҳи сабук мекашем. Ин калима дар асл маънои “тарбияти кӯдак”-ро дошта, тамоми маҷмӯи васеи фаъолияти волидонро, ки кӯдаконро калон мекунанд, дар бар мегирад. Ин калимаро таъриф дода, Киттел менависад, ки ин ҷараёни “тарбият ва ташаккул ёфтани кӯдакест, ки ҳанӯз ба балоғат нарасидааст ва бинобар ин мӯҳтоҷи таълим, насиҳат, роҳбарӣ ва андозаи муайяни маҷбуркунӣ мебошад, ки дар шакли интизом ё ҳатто ҷазо зоҳир мегардад”.

Масеҳиёне ки Нома ба Ибриён ба онҳо фиристода шуда буд, аз таъқибот азоб мекашиданд. Муаллифи нома бошад дар бораи таъқибот чун дар бораи қисми таркибии ҷазои Худованд мегӯяд. Оё ин маънои онро дорад, ки ин таъқиботро Худо фиристод? Албатта, не! Онро душманони Инҷил ташкил доданд. Оё Худо масеҳиёнро барои он ҷазо медод, ки онҳо гуноҳ мекарданд? Не, охир таъқибот аниқтараш барои он авҷ гирифтанд, ки онҳо дар бораи Масеҳ вафодорона шаҳодат медоданд. Пас муаллиф дар бораи таъқибот чун дар бораи ҷазо аз Худованд гуфта, чиро дар назар дошт? Ӯ онро дар назар дошт, ки Худо ба сар шудани таъқибот роҳ дод ва баъд онро чун қисми нақшаи тарбиявӣ барои фарзандони Худ истифода бурд. Дигар хел карда гӯем, Ӯ таъқиботро барои он истифода бурд, ки фарзандонашро ба сурати Писари Худ пок намояд, дигаргун кунад ва комил гардонад.

Касе баҳс намекунад, ки ин гуна ҷазо ягон лаззат намедиҳад. Теғи ҳайкалтарош ба санги мармар раҳм намекунад. Оташдони тафсон тиллоро бо гармӣ пешвоз мегирад. Аммо ин нарх чандон баланд нест, вақте мо мебинем, ки аз харсанги мармар симои одам намудор мешавад, тилло бошад аз ғашҳо тоза мешавад.

Агар мо ҷазои Худоро хор дорем ё дар зери он суст шавем, мо ба худ зарари ислоҳнопазир мерасонем. Ягона муносибати дуруст дар ёд доштан аст, ки он дар дасти Худо восита барои тарбияи мо гардидааст, ва бинобар ин мо бояд кӯшиш кунем ки аз он ҳарчи бештар фоида гирем. Муаллиф низ маҳз ҳаминро дар назар дорад, вақте мегӯяд: “Ҷазо...ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи росткориро меоварад” (Ибриён 12:116).

## 21 АВГУСТ

**“Лекин дар ҷамоат фаҳмо гуфтани панҷ калимаро, то дигаронро низ насиҳат кунам, беҳтар меҳисобам аз он ки даҳ ҳазор калимаро ба забоне гӯям”**

*(1Қуринтиён 14:19)*

Ин ҷо, албатта, дар бораи бо забонҳои бегона бе тарҷума дар ҷамоатҳо гап задан сухан меравад. Павлус қатъиян бар ин эътироз мекунад. Ӯ истодагарӣ мекунад, ки ҳар он чи дар ҷамоат гуфта мешавад, бояд равшан ва фаҳмо бошад, дар акси ҳол ин ба ҳеҷ ваҷҳ барои дигарон насиҳатомез буда наметавонад.

Ба фикри ман, мо доираи истифодаи ин оятро васеъ карда метавонем. Вақте мо сухан мегӯем, бояд то андозае баланд гап занем, ки ҳама моро шунида тавонанд, дар акси ҳол мо ҳами тавр ба забони хориҷӣ ҳам гап зада метавонистем. Дар ҳар гурӯҳи шунавандагон одамоне ҳастанд, ки хуб намешунаванд. Барои онҳо мавъиза шиканҷаи ҳақиқӣ мешавад, агар воиз чунон паст сухан меронад, ки онҳо на ҳамеша метавонанд мақсади муҳокимаронииҳои ӯро фаҳманд. Муҳаббат пеш аз ҳама на дар бораи худ, балки дар бораи дигарон фикр мекунад ва аз ҳамин сабаб ин чунон мегӯяд, ки ҳама шунида тавонанд.

Дар сухангӯии худ муҳаббат калимаҳои содда ва ба ҳама фаҳморо истифода мебарад. Мо ба ҷаҳон чизи гуфтанӣ дорем – ва аз паёми мо дида чизи беҳтаре нест. Хеле муҳим аст, ки одамон ин паёмро на танҳо шунаванд, балки фаҳмида ҳам тавонанд. Агар мо доимо забони махсуси “ҷамоат”-ро истифода барем, ки барои омма номаълум аст, мо ба кори худ зарари калон мерасонем.

Як воиз барои инҷилшиносонӣ ба Шарқи Дур равон шуд, албатта, бо ёрии тарҷумон. Мавъизаи худро вай чунин сар кард: Тафаккурро ба ду категория тақсим кардан мумкин аст — муҷаррад ва конкретӣ. Ба шунавандагоне ки аз кампирони бедандон ва кӯдакони беқарор иборат буданд, нигариста, тарҷумон ин ҷумларо чунин тарҷума кард: “Ман ҳамаи ин роҳи дуру дарозро аз Амрико барои он тай намудам, ки ба шумо дар бораи Худованд Исо нақл кунам”. Мегӯянд, ки аз худи ҳамин лаҳза тамоми мавъиза дар дастони фариштагон буд.

Дар рақами охирини як маҷаллаи масеҳӣ ман бо баёноти зерин вохӯрдам: факти меъёрии ибтидоии категорияи транс-таърихӣ, коре ки эклектикӣ набошад ҳам, моҳияти доимӣ дошт; континууми амудии шуур, сабабнокии классикӣ дар ҳудудҳои экстремалии андоза. Бигзор Худованд бар бечорагоне раҳм кунад, ки бояд аз ҷангали касногузари чизҳои бемаънӣ ва номафҳуми динӣ гузаранд. Бигзор Худо моро аз онҳое дур кунад, ки бо пургапии вазнин ва ҷумлаҳои беохир номаъқулӣ карда ҳеҷ чиз намегӯянд.

Мегӯянд, ки ба ҳисоби миёна барномаҳои радио ва телевезион чунон тартиб дода мешаванд, то ба шахсоне ки маълумоти миёнаи нопурра доранд, фаҳмо бошанд. Ин бояд барои ҳамаи масеҳиёне ки мехоҳанд ба ҷаҳон хабари наҷотро расонанд, ҳамчун маслиҳат бошад. Бигзор паёми мо одӣ ва фаҳмо бошад. Масеҳ гунаҳкоронро ба сӯи худ мехонад”. Гуфтан панҷ калимаи фаҳмо беҳтар аз он аст, ки 10 000 калимаро ба забони ба ҳеҷ кас нофаҳмо бигӯӣ.

# 22 АВГУСТ

**“Ба ман даст нарасон, чунки ҳанӯз назди Падари Худ боло нарафтаам”**

*(Юҳанно 20:17)*

Дар Амрико кӯдакон хондани сурудеро, ки мазмунаш чунин аст, дӯст медоранд: “Ҳангоми хондани ҳикояи олидарача дар бораи замонҳои гузашта, ки Исо ҳанӯз ин ҷо дар миёни одамон буд ва фарзандонро, чун баррачаҳоро, ба рамаи Худ ҷеғ мезад, ман афсӯс мехӯрам, ки он вақт дар назди Ӯ набудам”. Шояд ин хоҳиши эҳсосотӣ баъзан дар дили бисёрии мо бедор мешавад. Мо фикр мекунем, ки назди Писари Одам ҳангоми хизматгузории заминиаш будан чӣ қадар хуб мебуд.

Аммо мо бояд дарк кунем, ки хушбахтии боз ҳам калонтар Ӯро имрӯз чунон, ки Рӯҳулқудс Ӯро дар Калом ошкор намуд, шинохтан аст. Дар муқоиса бо шогирдони Ӯ мо на танҳо аз ҳаққамон маҳрум нашудаем, балки дар ҳолати хатто хеле имтиёзноктар мебошем. Биёед кӯшиш намоем, ки ба ин чунин назар кунем: Матто Исоро бо чашмони Матто дида буд, Марқус бо чашмони Марқус, Луқо бо чашмони Луқо ва Юҳанно бо чашмони Юҳанно. Мо бошад Ӯро бо чашмони ҳар чор инҷилнавис мебинем. Илова бар ин, худи ҳамин фикрро инкишоф дода, дар Аҳди Нав мо ваҳйи хеле пурратари Худованд Исоро дорем, назар ба он ки ҳар яке аз шогирдонаш ҳангоми дар замин зистанаш дошт.

Аз ҷиҳати дигар низ мо нисбат ба ҳамасрони Исо дар ҳолати имтиёзноктар ҳастем. Дар Носира ё Кафарнаҳум бо тӯдаи мардум омехта шуда, Ӯ ногузир ба яке наздик буду ба дигаре дур. Дар шоми охирин Юҳанно бар синаи ӯ такя мекард, дигар шогирдон бошанд, якеашон дуртар нишаста буданду дигарашон наздиктар. Аммо ҳозир ҳама чиз дигар шудааст. Наҷоткор ба ҳама имондорон баробар наздик аст. Илова бар ин Ӯ на фақат бо мост, балки дар мост.

Бо Масеҳи зиндашуда вохӯрда, Марям хост ба Ӯ наздиктар нишинад,чунон ки вай пештар чунин мекард. Вай ҳузури ҷисмонии Ӯро аз даст додан намехост. Аммо Исо ба вай гуфт: “Ба ман даст нарасон, чунки ҳанӯз назди Падари Худ боло нарафтаам ” (Юҳ. 20:17). Дигар хел карда гӯем, Ӯ чунин мегуфт: “Марям, кӯшиш накун, ки ба маънои ҷисмонии заминӣ доимо бо Ман бошӣ. Вақте Ман назди Падари Худ равам, Ӯ ба замин Рӯҳулқудсро хоҳад фиристод. Ба шарофати хизматгузории Ӯ шумо метавонед Маро аз пештара беҳтар, пурратар, равшантар ва наздиктар шиносед.

Аз тамоми чизи дар боло зикршуда хулоса бароварда, таъкид мекунем, ки мо бояд афсӯс нахӯрем, ки бо Исо ҳангоми дар замин буданаш ҳамроҳ набудем, балки шод бошем, ки ҳозир бо Ӯ будан хеле беҳтар аст.

## 23 АВГУСТ

**“Зеро ки қавми Ман ду кори бад карданд: Маро, ки чашмаи оби ҳаёт ҳастам, тарк карда, барои худ сардобаҳо канданд, сардобаҳои кафидае ки наметавонад обро нигоҳ дорад”**

*(Ирмиё 2:13)*

Ин тиҷорати фоиданок нест – иваз кардани чашма ба систернаҳо, ки илова бар ин кафида мебошанд. Чашма обест, ки аз замин мебарояд, оби он тоза ва салқин буда, ташнагии касро мешиканад. Систерна бошад зарфи фулузиест, ки дар он об нигоҳ медоранд. Об метавонад дар он муддати зиёд истода, бӯйнок шавад. Агар систерна кафидагӣ бошад, об аз он баромада, ба дарун ифлосӣ медарояд.

Худованд чашмаи оби ҳаёт аст. Ӯ ташнагии халқи Худро шикаста метавонад. Ҷаҳон бошад систерна аст, ва илова бар ин кафидагӣ ҳам мебошад. Ӯ бо умеди лаззат ва хушбахтӣ ҷалб менамояд, аммо ҳар шахсе ки ташнагии худро шикастан мехоҳад, ногузир ноумед хоҳад шуд.

Мэрӣ дар оилаи масеҳие калон шуд, ки дар он Каломи Худоро бисёр хонда, оятҳоро аз ёд мекарданд. Аммо вай зидди тарзи ҳаёти волидони худ бархоста, хонаи падарашро тарк намуд ва қатъиян қарор дод, ки аз ҳаёт дар тамоми пуррагиаш ҳаловат барад. Рақс орзуи асосии умри вай гардид. Вай барои аз хотир баровардани ҳар гуна ёддошт оиди тарбияи масеҳии худ аз як рақс то рақси дигар зиндагӣ мекард.

Боре, ҳангоме вай бо шарики худ дар толор мерақсид, ба хотираш ояти Навиштаҳо омад, ки онро дар кӯдакӣ аз ёд карда буд: “Зеро ки қавми Ман ду кори бад карданд: Маро, ки чашмаи оби ҳаёт ҳастам, тарк карда, барои худ сардобаҳо канданд, сардобаҳои кафидае ки наметавонад обро нигоҳ дорад”. Ҳангоми рақс ин суханон водораш карданд, то равшан гуноҳи худро дарк намояд. Ҳангоме вай дид, ки ҳаёташ холӣ аст, сӯи Худованд рӯй оварда, тавба кард. Рақсашро бас карда, вай аз шарикаш узр пурсид ва аз толор баромада давид, то ҳаргиз ба он ҷо барнагардад.

Аз ҳамон лаҳза вай метавонист мисли шоире чунин гӯяд: “Худовандо, ман кӯшиш мекардам, ки ташнагиамро шиканам ва саросемавор назди сардобаҳои кафида мерафтам, аммо беҳуда! Дар онҳо як қатра об ҳам набуд! Худи ҳамон лаҳзае ки ман мехостам лабҳои кафидаамро ба он расонам, он нест мешуд, ва ҳангоме ки аз чашмонам ашкҳо ҷорӣ мешуданд, ба гӯшам хандаи тамасхуромези он мерасид. Ташнагии маро танҳо Масеҳ шикаста метавонад. Танҳо дар Исо ман ҳам муҳаббат, ҳам ҳаёт ва ҳам шодиро меёбам”.

Дар таҷрибаи худ Мэрӣ боварӣ ҳосил намуд, ки то чӣ андоза Наҷоткор ҳақ буд, вақте Ӯ чунин мегуфт: “Ҳар кӣ аз ин об нӯшад, боз ташна мемонад; лекин ҳар кӣ аз обе ки Ман ба вай медиҳам, нӯшад, абадан ташна намемонад, балки обе ки Ман ба вай медиҳам, дар вай чашмаи обе мегардад, ки то ҳаёти абадӣ меҷӯшад” (Юҳ. 4:13,14).

**“Худованд чунин мегӯяд: Овози худро аз навҳа, ва чашмони худро аз ашк нигоҳ дор, зеро ки барои заҳмати худ подош хоҳӣ гирифт, мегӯяд Худованд, ва онҳо аз замини душман хоҳанд баргашт”**

*(Ирмиё 31:16)*

Стивен дар оилаи миссионероне ки дар хориҷа хизматгузорӣ мекарданд, ба воя расид. Ҳанӯз дар айёми кӯдакӣ вай ба Масеҳ бо дуои тавба муроҷиат намуда, ба дигарон ҳам ёрӣ дода тавонист, ки роҳро ба сӯи Ӯ пайдо кунанд. Пас аз бозгашт ба ватанаш Америко ӯ муддате дар ҳама чиз шоистаи шахси масеҳӣ рафтор мекард. Аммо дере нагузашта вай ба дигаргуншавӣ сар кард. Муҳаббати вай сард мешуд. Дар коллеҷ таҳсил намуда, вай кам-кам ба гуноҳ кардан сар кард. Пас аз якчанд вақт вай ба динҳои шарқӣ рағбат пайдо кард.

Вақте волидонаш ба муддати якчанд моҳ ба Америко баргаштанд, онҳо писарро дар ҳолати андӯҳовар диданд. Ба зориҳову илтимосҳои онҳо нигоҳ накарда, вай аз корҳои худ даст накашид. Ниҳоят онҳо қарор доданд ӯро дар ҳуҷрае ки дар он ҷо бо се донишҷӯи дигар зиндагӣ мекард, хабар гиранд. Он чи онҳо диданд, онҳоро сахт ба изтироб овард. Ба хона омада, онҳо зор-зор гиристанд.

Он шаб, ба ҳамаи кӯшишҳояшон нигоҳ накарда, онҳо хоб рафта натавонистанд. Ниҳоят, соати 4-и бомдод, онҳо қарор доданд, ки аз хоб бархоста, чун ҳарвақта, бо хондани Китоби Муқаддас ва дуо машғул шаванд. Умуман онҳо бояд он саҳар боби 31-ми Ирмиёро мехонданд, аммо шавҳар хитоб намуд: “Фақат Ирмиёро не!”, зеро дилпур буд, ки пайғамбари навҳагар бо ягон чиз дарди онҳоро паст карда наметавонист. Аммо Худованд ғолиб омад, ва онҳо боби 31-ми китоби Ирмиёро кушоданд. То ояти 16 расида, онҳо хонданд: “Овози худро аз навҳа, ва чашмони худро аз ашк нигоҳ дор, зеро ки барои заҳмати худ подош хоҳӣ гирифт,– мегӯяд Худованд, – ва онҳо аз замини душман хоҳанд баргашт”.

Ҳазорон волидони масеҳӣ барои писарон ва духтарони беитоати худ ғам мехӯранд. Аммо ба назар чунин менамояд, ки осмонҳо ба ҳамаи дуоҳои онҳо хомӯш мемонанд. Онҳо ба шубҳа кардан сар мекунанд, ки оё Худо метавонад, оё Ӯ мехоҳад, ки гумроҳонро ба роҳи рост баргардонад.

Онҳо бояд дар хотир доранд, ки барои Худо ҳеҷ чизи номумкин нест. Онҳо бояд пайваста дуо гуфта, шукргузориро фаромӯш накунанд. Қувват ва умедро онҳо метавонанд аз ваъдаҳои Каломи Худо гиранд. Вақте модари Стивен ба шубҳа кард, ки ваъдаи китоби Ирмиё 31:16 ба вай ҳам дахл дорад, вай дар китоби Ишаъё 49:25 инро хонд: “Ман бо душманонат хоҳам ҷангид, ва Ман писаронатро наҷот хоҳам дод”.

## 25 АВГУСТ

**“Ва мо дар дили худ ҳукмномаи маргро доштем, то ба худ боварӣ накунем, балки ба Худо, ки мурдагонро бармехезонад”**

*(2Қуринтиён 1:9)*

Вақте ки Павлус дар Осиё буд, вай ба марг хеле наздик буд. Бо боварии комил гуфтан номумкин аст, ки ин чӣ буд, аммо агар мо аз Павлус мепурсидем, ки вайро чӣ интизор аст: марг ё ҳаёт, вай чунин ҷавоб медод: “Марг”. Шахсони бисёре ки вафодорона ба Худо хизмат мекунанд, дар бораи ҳодисаҳои ба ин монанд аз ҳаёти худ нақл карда метавонанд. Дар тарҷумаи ҳоли одамони бузурги Худо мо дар бораи аз бемориҳо, ҳодисаҳои нохуш ва ҳамлаҳо ба таври муъҷизаосо халос шудани онҳо мехонем.

Баъзан Худо ин гуна ҳолатҳоро барои он истифода мебарад, ки одамро ба фикр кардан водор намояд. Ана ба назар чунин менамуд, ки шахсе ҳаёти ширин ба сар мебарад. Корҳои молиявии вай хуб буда, ба ҳар чи даст занад, комёб мегардад. Аммо ногаҳон вай ба бемории сахт гирифтор мешавад. Ҷарроҳ варами гандаро мебурад. Ин вайро водор месозад, ки дар бораи ҳаёти худ фикр карда, арзишҳоро аз нав баҳо диҳад. То чӣ андоза кӯтоҳ ва нозук будани ҳаётро дарк намуда, вай ба таври қатъӣ қарор медиҳад, ки солҳои боқимондаро ба меҳнат барои Худованд бахшад. Худо вайро аз бистари беморӣ бардошта, ба вай боз солҳои зиёди хизматгузории самаранокро медиҳад.

Бо Павлус бошад ҳама чиз тамоман дигар хел буд. Вай кайҳо боз ҳаёташро ба хизмати Худованд бахшида буд. Аммо хатари аз ҳама калон дар он буд, ки вай метавонист кӯшиш намояд, то дар ҳама чиз танҳо ба қувват ва ақли худ таваккал кунад. Аз ҳамин сабаб Худованд вайро ба худи канори қабр наздик кард, ки дар он ҷо вай на ба худ, балки ба Худо, ки зиндакунандаи мурдагон аст, таваккал карданро ёд гирифт. Ҳоло вай дар ҳаёти пурталотуми худ чандин маротиба бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад, ки аз нуқтаи назари одам рафънопазиранд, аммо барои Худо вуҷуд надоштани ҳеҷ чизи номумкинро дар таҷрибаи худ дида, вай бо онҳо бе тарс ва шубҳа хоҳад вохӯрд.

Ин вохӯриҳои рӯ ба рӯ бо марг худ ба худ ҳам баракат мебошанд. Онҳо ёдрас мекунанд, ки то чӣ андоза мо заиф ҳастем. Онҳо дар бораи аблаҳона ва пуч будани тамоми арзишҳои ҷаҳон хотиррасон мекунанд. Онҳо таълим медиҳанд, ки риштаи ҳаёти мо чандон ҳам дароз нест ва ҳар лаҳза метавонад канда шавад. Ба рӯи марг нигариста, мо дарк мекунем, ки то даме ки рӯз аст, мо бояд барои Оне меҳнат кунем, ки моро фиристод, зеро шаб фаро мерасад ва он гоҳ ҳеҷ кас чизе карда наметавонад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи мо дар худ ҳукми марг дорем – ёдоварии солим дар бораи зарурати аз ҳама боло гузоштани манфиатҳои Масеҳ ва таваккал кардан ба қувват ва ҳикмати Ӯ.

**“Амали дастҳои моро бар мо тақвият намо”**

*(Забур 89:17)*

Дар яке аз тарҷумаҳои англисии Навишта эзоҳ дар ҳошияи саҳифа чунин мегӯяд: “...ба амали дастони мо устуворӣ ва тағйирнопазирӣ деҳ”. Ин дархост шоистаи он аст, ки дар бораաш фикр кунем ва шоистаи он аст, ки оид ба ин дуо гӯем! Мо бояд дар назди худ мақсад гузорем – дар ҳаёти худ бо корҳое машғул шавем, ки на фақат аз бадани мо, балки аз ин ҷаҳон низ пойдортар хоҳанд буд.

Ин фикр ба суханони Худованд Исо наздик аст: “Ман шуморо интихоб кардаам ва шуморо таъйин кардаам, ки шумо равед ва мева оваред, ва меваи шумо монад” (Юҳ. 15:16).

Ф. У. Борэҳэм гуфтааст, ки то даме ки бадани мо берун аз қабр аст, ҳар яки мо барои ёфтани ягон кори фоиданок вазифадор ҳастем. Аммо қабрро низ мо чун нуқтаи охирин ҳисоб карда наметавонем, ҳар яки мо бояд барои абадият кор кунад.

Чизҳои зиёде ки дар ин ҷаҳон ба амал оварда мешаванд, корҳои аҳамияташон кӯтоҳмуддат ва арзишашон зудгузар ҳастанд! Ба наздикӣ ман дар бораи одаме шунидам, ки тамоми ҳаёти худро ба таҳлили химиявии панҷоҳ моддаи бухоршаванда, ки дар таркиби пӯсти ноки навъи Бартлетт ҳаст, бахшидааст. Бисёр вақт масеҳиён низ ба ин дом меафтанд ва ба сохтани қасрҳо дар болои рег, дунболагирии ҳубобчаҳои собун сар карда, дар чизҳои ночиз мумайиз (эксперт) мегарданд. Шахсе гуфтааст, ки бисёр касон дар он айбдоранд, ки тамоми ҳаёти худро ба тоза кардани чанг аз чорчӯбаҳои расмҳое мебахшанд, ки дар хонаи оташгирифта овезонанд.

Бисёр машғулиятҳое ҳастанд, ки барои тамоми абадият мева меоваранд, ва мо бояд кӯшишҳои асосии худро маҳз ба онҳо равона кунем. Дар ҷои аввал ташаккул додани хислати масеҳиёна меистад. Хислати мо дар қатори он чизҳои каме хоҳад буд, ки мо бо худ ба осмон мебарем. Ва аллакай имрӯз мо бояд барои такмили он кор кунем.

Ҷонҳое низ, ки барои ёфтани роҳ ба сӯи Масеҳ ба онҳо ёрдам додаем, аҳамиятнокии худро гум намекунанд. Дар тамоми абадият онҳо ба Барраи Худо ҳамду сано хоҳанд хонд.

Саҳми онҳое ки ҳақиқати Каломро маънидод мекунанд, ба нашъунамои рӯҳонии имондорони ҷавон ёрӣ медиҳанд, гӯсфандони Масеҳро ғизо медиҳанд, арзиши бефано дорад.

Волидоне ки писарону духтарони худро барои хизмат ба Шоҳи шоҳон тарбия намудаанд, дилпур буда метавонанд, ки амали дастҳои онҳо ҳаргиз барбод нахоҳад рафт.

Хизматгорони бовафо, ки пулҳои худро барои Масеҳ ва кори Ӯ медиҳанд, хизматеро мекунанд, ки ҳаргиз бесамар намемонад.

Онҳое ки вафодорона меҳнати дуоиро ба ҷо меоваранд, рӯзе хоҳанд дид, ки Худо ба ҳамаи дуоҳои онҳо ҳамон тавре ки ба Ӯ писанд омад, ва ҳамон вақте ки ба Ӯ маъқул буд, ҷавоб додааст.

Ҳар касе ки ба фарзандони Худо хизмат мекунад, дар меҳнат барои абадият иштирок менамояд. Хизматгори аз ҳама фурӯтани Масеҳ аз тамоми ҳокимони ин ҷаҳон дурандештар аст. Амали дастони вай то абад мемонад, самарҳои кӯшишҳои онҳо бошанд, ҳамроҳи ин сайёра нобуд мешаванд.

## 27 АВГУСТ

**“Худовандо! Кист, ки дар хаймаи Ту иқомат намояд? Кист, ки дар кӯҳи муқаддаси Ту сокин шавад? ... қасамаш ба зарари худаш бошад ҳам, онро тағйир надиҳад”**

*(Забур 14:1,4)*

Дар таронаи 14-ум Довуд одамеро тасвир менамояд, ки шоистаи он аст, ки ҳамсафари Худои бузург бошад. Дар миёни хусусиятҳои хислати вай ба қавли худ вафодор будан низ ҳаст. Ба ягон чиз нигоҳ накарда, вай ба ваъдаҳо ва ӯҳдадориҳои худ вафодор мемонад.

Ана, масалан, масеҳие ки хонаи худро мефурӯшад. Назди вай харидор меояд ва мегӯяд, ки тайёр аст хонаашро харад. Фурӯшанда розӣ мешавад. Ҳуҷҷатҳо ҳанӯз имзо нашудаанд, ки харидори дигар омада, барои хона 5000 доллар зиёдтар пешкаш мекунад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ фурӯшанда метавонад бо харидори якум аҳдро шикаста, аз фурӯши хона пули бештаре гирад. Аммо аз нуқтаи назари маънавӣ вай бояд ба қавлаш вафодор бошад. Шаҳодати масеҳиёнаи вай, ки шоистаи боварист, ба қимор монда шудааст.

Ё масалан, масеҳиеро мисол меоварем, ки илтиҳоби дандони ақл дорад. Духтури дандон вайро назди мутахассиси ҷарроҳии устухони ҷоғ равон мекунад, ки аввал дандонро бо антибиотикҳо кор карда баромада, сипас рӯзи кандани дандонро муқаррар мекунад. Ба ҷарроҳ дар бораи Исои Масеҳ нақл карда, масеҳӣ аз ҳуҷраи вай берун меояд. Дар роҳ ба хона вай бо дӯсте вомехӯрад. Дӯсташ ба вай дар бораи ҷое нақл мекунад, ки дар он ҷо вай метавонад бо ними нарх дандонашро канад. Бешубҳа, масеҳӣ метавонист ба ҷарроҳ барои кори кардааш пул дода, сипас назди мутахассиси дигар равад. Аммо оё вай барои ин ҳаққи маънавӣ дорад?

Сю навакак аз як хонаводаи пиронсол ба хӯроки пешин даъват гирифт. Аммо ана боз телефон занг мезанад, ва вайро бегоҳирӯзӣ ба сихкабоб даъват мекунанд, ки дар он ҷо ҳамсолонаш ҷамъ мешаванд. Хоҳишҳои мухолиф вайро азоб медиҳанд. Аз як тараф вай зану шавҳари пиронсолро хафа кардан намехоҳад, аз тарафи дигар вай хеле мехоҳад бо ҷавонон бошад.

Бисёр вақт масъаларо он гоҳ ҳал кардан душвортар аст, ки гап дар бораи пули калон меравад. Аммо маблағ ҳар қадар калон бошад ҳам, мо ҳақ надорем ваъдаи худро шикаста, ба қавли худ вафо накунем ва шаҳодати масеҳиёнаро беобрӯ карда, номи Худовандро шарманда кунем. Ба бадали ҳар чизе ки бошад, бигзор ин ба мо қимат ҳам афтад, мо бояд исбот кунем, ки сухани Волтер дар бораи он, ки “ҳангоме ки кор ба пул оид мешавад, тамоми одамон як динро пайравӣ мекунанд” на танҳо паст, балки дурӯғ низ мебошад.

Пайравони Исои Масеҳ бояд ваъдаҳояшонро иҷро карда, ба қавли худ вафо мекунанд, ҳатто агар ин барои онҳо гарон бошад ва агар ин ба худи онҳо зарар расонад ҳам.

### “Барои ин гуноҳатон ҷазо хоҳед ёфт”

*(Ададҳо 32:23)*

Дар замони мо ҳама чиз мувофиқи қонунҳои муайян ва дигаргуннашавандае ки аз ҷониби Худо муқаррар шудаанд, ба амал меояд. Яке аз ин қонунҳо мегӯяд, ки ҳеҷ кас наметавонад гуноҳ карда, беҷазо монад. Баъзеи мо инро ҳанӯз дар айёми кӯдакӣ фаҳмидаем, ҳангоме мураббои пинҳонӣ хӯрдашуда пайҳоеро мемонд, ки дидани онҳо барои модар чандон мушкил набуд. Аммо ин қонун дар давоми тамоми ҳаёти одамизод амал мекунад, ва дар рӯзномаҳо шумо далелҳои зиёди инро пайдо карда метавонед.

Мисоли равшани амал кардани ин қонун достони “Орзуи Евгений Арам” буда метавонад. Арам боварии комил дошт, ки “ҷинояти идеалӣ” содир кард метавонад. Ӯ одамро кушта, ҷасадашро ба дарё партофт – “ҷараён суст буд, обҳо сиёҳ, чуқурӣ ҳавлнок буд”. Рӯзи оянда вай ба соҳили дарё, ки дар он ҷиноят содир шуда буд, омад.

Бо чашмони ёбоии пур аз даҳшат
Вай халиҷи хурди малъунро ҷӯё мешуд.
Дар маҷрои хушки селобае ки ногаҳон хушк шудааст,
Вай танҳо ҷасади мурдаро дида тавонист.

Вай кӯшиш кард ҷасадро дар зери тӯдаи калони баргҳо пинҳон созад, аммо шаби оянда шамол тӯдаро пароканда карда, ҷасадро мавриди тамошои умум қарор дод.

Ва ман ба замин бо рӯй афтодам,
Маро навҳаҳои талх хафа мекарданд.
Ҳозир ман фаҳмидам, ки сиррам аз он асроре буд,
Ки замин онро пинҳон кардан намехоҳад;
Аз он асроре буд, ки уқёнус пинҳон карда наметавонад,
Агарчи он садҳо метр чуқур бошад.

Ниҳоят вай қурбонии худро дар ғори дурдаст гӯр кард, аммо пас аз якчанд сол устухонҳоро ёфтанд; Арам ба ҳузури маҳкама истода, ба қатл маҳкум шуд. Вай барои гуноҳаш ҷазо дид.

Аммо мо ҷазои гуноҳро дигар хел ҳам дида метавонем. Э. Стэнлӣ Ҷоунс ба мо хотиррасон мекунад, ки “гуноҳ бо худ фасоди ахлоқӣ, дӯзахи дарунӣ, ноқобил будан барои ҳурмат кардани худ, ҳаёти ба лабиринтҳои зеризаминӣ бадарғашуда меоварад, ки аз он ҷо роҳи баромад нест”.

Ҳатто агар дар ин ҳаёт ҷинояти мо ошкор нашавад ҳам, мо ҷазояшро дар ҳаёти оянда хоҳем дид. Агар ин гуноҳ бо хуни Исо шуста нашуда бошад, он дар рӯзи ҷазо ошкор хоҳад шуд. Айб барои ҳар гуноҳ, хоҳ амал бошад, хоҳ сухан, хоҳ ният ё мақсад, бар дӯши ҷинояткор хоҳад буд, ва он гоҳ ҳукм баровarda мешавад. Ва ин ҳукм чунин хоҳад буд: “Марги абадӣ”.

**“Ҳама чиз ва дар ҳама чиз Масеҳ аст”**

*(Кулассиён 3:11)*

Дар миёни масеҳиён майл ба сарф кардани вақти зиёд дар ҷустуҷӯи донишҳое дида мешавад, ки ғалабаи доимии моро бар гуноҳ таъмин намуда, ба мо новобастагӣ ба пастиву баландиҳои ҳаёти рӯзмарра медода бошад. Мо шитобон ба ҳама анҷуманҳо, конфронсҳо ва семинарҳо шитоб мекунем, то формулаи муъҷизанокеро пайдо намоем, ки чуқуриҳоро дар роҳи ҳаёти мо рост ҳамвор мекарда бошад. Ҷилдҳои ҷилодори китобчаҳо моро бовар мекунонанд, ки профессор Н. мехоҳад ба мо кашфиёти нав ва ҳайратовареро баён кунад, ки моро водор месозад аз рӯҳоният бидурахшем. Ва ё ҳамсояи ғаюр қариб бо зӯрӣ моро ба лексия дар бораи роҳи кӯтоҳтарин ба сӯи ҳаёти фаровон, ки ба қарибӣ кашф шудааст, мебарад.

Ин гуна домҳо миллионҳо ҳастанд. Як воиз роҳро ба ҳаёти хушбахтона, ки бо қолинҳо пӯшонда шудааст пешкаш мекунад. Дигаре бошад сирри се дар яки ғалабаро реклама мекунад. Имрӯз мо ба семинар дар бораи калидҳо ба рӯҳонияти ҳақиқӣ меравем. Ҳафтаи оянда анҷумане хоҳад буд, ки ба панҷ қадами одӣ ба муқаддасӣ бахшида шудааст. Мо, бо умеди ба даст овардани пуррагии Рӯҳ, ба даъвати воиз ҷавоб дода, ба пеш мебароем. Ё мо шайдои шифоёбии бадан мешавем, гӯё ки дар ҳаёт дигар чизи муҳимтар нест. Ҳозир мо аз психологияи масеҳӣ ба ваҷд меоем, пас аз дақиқае барои мо дар дунё аз шифои ёддоштҳо дида чизи муҳимтаре нест. Мо дар ҷустуҷӯи ғалабаҳои нави рӯҳонӣ паҳноҳои баҳру барро тай мекунем.

Албатта аксари ин воизон комилан самимӣ буда, дар суханони онҳо бисёр чизҳои пурарзиш ва фоиданок ҳаст. Аммо ба ҳаёти рӯзмарра бо чуқуриҳо ва пастиҳои он баргашта, мо дарк мекунем, ки дар он ҷо пойандоз нест, лекин мушкилоте ҳастанд, ки барканор кардани онҳо аз эҳтимол дур аст, ва рӯз ба рӯз мо бояд дар ҳама чиз ба Худованд таваккал карда, зиндагӣ кунем.

Ниҳоят мо ба ҳар ҳол мефаҳмем, ки дар маркази диққат на эҳсосот, ҳиссиёт ё ғам, балки Исо бояд бошад. Ӯ ҳаргиз моро ноумед намекунад. Дар Ӯ ҳар чизе ки ба мо зарур аст, ҳаст.

Э. Б. Симпсон ҷавонии худро дар дунболагирии эҳсосот ва азсаргузарониҳои тезутунд гузаронд, аммо ниҳоят фаҳмид, ки онҳо ташнагии рӯҳониро шикаста наметавонанд. Ва он гоҳ вай матни суруди олидараҷаи “Фақат Ӯ Худаш” -ро навишт, ки чунин сар мешавад:

Аввал ин баракат буд, акнун – танҳо Худованд,
Аввал ин ҳиссиёт буд, акнун – селоби суханони Ӯ,
Аввал ман хоҳони атоҳои Ӯ будам, акнун – хоҳони наздикӣ ба Атокунанда,
Аввал ман шифоро меҷустам, акнун – танҳо Ӯро,
Ки маро сӯи ҷалоли Худ мебарад.
Исо барои ман ҳама чиз дар ҳама чиз шуд,
Охир ҳама чиз дар Ӯст, ва Ӯ дар ҳама чиз аст;
Фақат дар Ӯ ман сарватдор шудам.

# 30 АВГУСТ

**“Ба худат ва ба таълим диққат деҳ...”**

*(1Тимотиюс 4:16)*

Дар миёни хусусиятҳои хоси Каломи Худо хусусияте ҳаст, ки назария ва таҷриба дар он даст ба даст меравַнд. Масалан, Нома ба Филиппиён 2:1-13-ро мегирем. Ин оятҳо бунёди таълимотро дар бораи Масеҳ мегузоранд. Аз онҳо мо дар бораи баробар будани Ӯ бо Худо-Падар, дар бораи Худро паст карданаш, дар бораи таҷассуми Ӯ, хизматгузории Ӯ, Марги Ӯ, ва чун оқибати ин, ҷалол ёфтани Ӯ дониста мегирем. Аммо ҳамаи ин на мисли рисолаи илмӣ нишон дода шудааст, балки мисли даъват ба масеҳиёни Филиппӣ ва ба мо, то ки худи ҳамон тарзи андешарониро ки Масеҳ дошт, дошта бошем. Агар мо мисли Ӯ барои дигарон зиндагӣ кунем, ҳам худпарастӣ нест мешавад, ҳам шӯҳратпарастӣ. Агар мо мисли Ӯ ҷои аз ҳама пастро ишғол кунем, замоне мерасад, ки Худо моро сарбаланд мекунад. Маънои ин оятҳоро барои ҳаёти рӯзмарраамон ҳар қадар зиёд қадршиносӣ кунем ҳам, кам аст.

Ман ҳангоми хондани китобҳо оид ба илоҳиёти системавӣ бисёр вақт дар бораи ин фикр мекунам. Дар онҳо муаллифон кӯшиш мекунанд тамоми чизҳоеро, ки Навишта дар хусуси масъалаҳои бовар таълим медиҳад, якҷоя ҷамъ кунанд, хоҳ ин таълимот дар бораи Худо бошад, хоҳ дар бораи Масеҳ, дар бораи Рӯҳулқудс, дар бораи фариштагон, дар бораи одам, гуноҳ, кафорат ва ғ. Ин бешубҳа, хеле пурарзиш аст, аммо аз росткории амалӣ ҷудо буда, он метавонад ҳамин тавр фақат назарияи хушк монад. Ганҷҳои бешумори интеллектуалии таълимоти бузурги Навиштаро ҷамъ карда, дар айни замон дар ҳаёти рӯзмарра намунаи андӯҳовари бенавоии рӯҳониро нишон додан имкон дорад. Агар мо Навиштаро тавре омӯзем, ки Худо онро ба мо додааст, он ҳаргиз ба ду қисми ба ҳамдигар новобаста, назария ва амалия, тақсим нахоҳад шуд. Онҳо қисмҳои як чизи том ҳастанд, ва бо ҳамдигар бофта шуда, якдигарро мутаносиб мекунанд.

Шояд, ягон ҷиҳати таълимоти Навишта аз боиси ҷудо будан аз ҳаёти рӯзмарра чунон зиён надидааст, ки пайғамбариҳо дидаанд. Бисёр вақт ба онҳо танҳо барои он муроҷиат мекарданд, ки ҳисси кунҷковии худро қонеъ гардонанд. Назарияҳои ҳангомадор дар бораи шахсияти зиддимасеҳ метавонанд тӯдаи мардумро ба маърӯза ҷалб намоянд, аммо ба нашъунамои рӯҳонӣ мусоидат намекунанд. Пайғамбариҳо на барои он навишта шудаанд, то бо ғайбатчиён дар бораи ягон чиз гап зада тавонӣ, балки барои ташаккул додани хислати масеҳӣ. Таъсири таълимоти бозомадани Исоро ба ӯҳдадориҳо, хислат ва рафтори мо омӯхта, Ҷорҷ Петерс рӯйхатеро тартиб дод, ки аз 65 пункт иборат аст, ва ин рӯйхат, бешубҳа, ҳанӯз пурра нест.

Мо бояд ҷиддӣ фаҳмем, ки илоҳиётро аз росткории амалӣ ҳаргиз ҷудо кардан мумкин нест. Новобаста ба он ки мо Навиштаро барои худ меомӯзем, ё онро ба дигарон таълим медиҳем, мо бояд доимо насиҳати Павлусро ба Тимотиюс дар хотир дорем: “Ба худат ва ба таълим диққат деҳ...”

**“Лекин он чи барои ман фоида буд, ба хотири Масеҳ зиён донистам. Ва ҳанӯз ҳамаашро ба хотири бартарии дониши Худованди ман Исои Масеҳ нуқсон медонам, ки барои Ӯ ман аз ҳамааш даст кашидам ва ҳамаашро ахлот медонам, то ки Масеҳро пайдо кунам”**

*(Филиппиён 3:7,8)*

Ба хотири Масеҳ аз ягон чиз даст кашидан то чӣ андоза олидараҷа ва олиҳимматона аст. Ана, масалан, масеҳие ки истеъдодҳояш ба вай сарват ва ҷалол оварданд, аммо вай ба даъвати Худо итоат карда, ҳамаашро назди пойҳои Наҷоткор мегузорад.

Ва ё зани масеҳие ки овозаш дар пеши вай дарҳои толорҳои консертии машҳуртарини ҷаҳонро воз намуд. Аммо вай ҳис мекунад, ки бояд барои чизи дигар меҳнат кунад, ва ба хотири пайравии Масеҳ пешрафти касбиашро қурбонӣ мекунад. Ниҳоят, ҷалол, сарват, иззату ҳурмати ин ҷаҳон дар муқоиса бо ганҷҳои ҳаёт дар Масеҳ чӣ арзише доранд?

Иан Макферзон менависад: “Оё дар ҷаҳон манзараи боз ҳам таъсирбахш ҳаст, вақте одам бо фурӯтанӣ ва парастиш атоҳо ва истеъдодҳои бешумори худро дар пеши пойҳои Кафораткунанда мегузорад? Ва ин, ниҳоят, барои онҳо ҷои аз ҳама муносиб мебошад”. Чунон ки як масеҳии ҳакими пиронсоли худотарси Уэлс мегӯяд: “Забонҳои ибрӣ, юнонӣ ва лотинӣ олидараҷаанд, ҳангоме онҳо ҷои барояшон муносибро ишғол мекунанд; аммо ҷои онҳо на дар он ҷост, ки Пилотус ҷойгир кард, на болои сари Исо, балки пеши пойҳои Ӯст”.

Расул Павлус аз сарват, фарҳанг, мартабаи баланд дар доираҳои динӣ даст кашида, ҳама чизро ба хотири Масеҳ нуқсон донист. Ҷоветт менависад, ки “Дар он айёме ки расул Павлус ҳар он чиро, ки ба вай мақоми ашрофзодаро меовард, арзишҳои бузург ҳисоб мекард, вай ҳанӯз Худовандро надида буд; аммо вақте “ҷалоли Худованд” дар пеши чашмонаш дурахшид ва чашмонаш аз ҳайрат воз шуданд, ҳамаи ин беранг шуда, беэътибор гашт. Тамоми ганҷҳои собиқи вай на фақат ҷилои худро дар тобиши нурафкани Худованд гум карданд, ва акнун ба онҳо нигариста, расул танҳо ношоямии ҳақиронаи онҳоро медид; зиёда аз ин, вай умуман дигар онҳоро ба хотир намеовард. Онҳо дар шуури вай беасар ғайб заданд, агарчи пештар ҳамчун чизи муқаддас ҳисобида шуда, аз ҳама болотар меистоданд”.

У. Т. Стадд молу мулк ва нақшаҳояшро қурбонӣ карда, ҳаёти худро ба кори миссионерӣ бахшид. Ҷон Нелсон Дарбӣ аз имконияти ба мартабаи баланд расидан даст кашид, то башоратдиҳандаи ғаюр, муаллим ва пайғамбари Худо шавад. Панҷ риёзаткаши эквадорӣ аз роҳату неъматҳои моддии Амрико даст кашиданд, то хабарро дар бораи Масеҳ ба қабилаи Аука расонанд.

Одамон он чизро қурбонии бузург мешуморанд, ки тамоман қурбонӣ нест. Вақте шахсе хост ба Ҳадсон Тэйлор барои тамоми қурбониҳои овардааш ваҷди худро изҳор кунад, вай гуфт: “Гӯш кунед, ман ягон бор дар ҳаётам ҳеҷ чизро қурбонӣ накардаам”. Дарбӣ бошад чунин гуфт: “Даст кашидан аз ахлот ва пасафкандҳо чандон қурбоние нест”.

# 1 СЕНТЯБР

**“Ва соли панҷоҳумро тақдис кунед, ва дар замин барои ҳамаи сокинонаш озодӣ эълон намоед; бигзор ин барои шумо юбил бошад; ва ҳар яке ба мулки худ баргардед, ва ҳар яке ба оилаи худ баргардед”**

*(Ибодат 25:10)*

Ҳар панҷоҳ сол дар Исроил соли юбил фаро мерасид. Ҳамон сол киштзорҳо бояд дам дода мешуданд. Замин бояд ба соҳиби якуми он баргардонда мешуд. Ғуломонро озод мекарданд. Ин замони шодибахши озодӣ, файз ва оромӣ буд.

Ҳангоми харидани ягон моликият наздик шудани соли юбилро ба назар гирифтан зарур буд. Ҳамин тариқ, масалан, агар то соли ояндаи юбил ҳоло 45 сол мемонд, арзиши киштзор хеле баланд буд. Агар то он фақат як сол мемонд, он гоҳ киштзорро харидан намеарзид. Харидор метавонист аз он фақат як ҳосил ғундорад.

Аз як ҷиҳат омадани Худованд барои имондорон соли юбил мешавад. Онҳо ба оромии абадии хонаи Падар ворид хоҳанд шуд. Аз онҳо завлонаҳои марг меафтанд ва онҳо бадани ҷалолёфта мегиранд. Тамоми сарватҳои моддие ки онҳо дар ихтиёри худ доштанд, ба соҳиби пешинаи онҳо баргардонда хоҳанд шуд. Ҳар боре ки мо кӯшиш мекунем арзиши молу мулкамонро муайян намоем, бояд инро ба назар гирем. Мо метавонем моли манқул ва ғайриманқул, саҳмияҳо ва коғазҳои қиматбаҳо дошта бошем, ки арзишашон чандин ҳазор доллар аст. Аммо агар Худованд имрӯз ояд, онҳо барои мо аллакай ҳеҷ арзиш нахоҳанд дошт. Ҳар қадар омадани Ӯ наздик бошад, ҳамон қадар арзиши онҳо камтӯар аст. Ин маънои онро дорад, ки аллакай имрӯз мо бояд онҳоро водор созем, ки бар нафъи кори Масеҳ ва сабук кардани эҳтиёҷоти мардум кор кунанд.

Айнан ҳамон тавре ки як вақтҳо карнайҳо фаро расидани соли юбилро эълон мекарданд, ҳамон тавр бозгашти Худованд низ бо “карнайи охирин” эълон хоҳад шуд.

“Ин барои мо низ дарси ибрат аст. Агар дар дилҳои мо интизории хурсандибахш ва бесабронаи бозгашти Ӯ сокин бошад, мо ба тамоми чизҳои заминӣ баҳои баланд нахоҳем дод. Дар интизории омадани Писар зиндагӣ кардан ва бо дасту пой ба ин ҷаҳон занҷирбанд будан номумкин аст. Ҳар шахсе ки ба муддати як дақиқа ҳам ба зоҳиршавии наздики Худованд умед доштанро бас намекунад, бояд аз ҳар он чизе, ки ҳангоми омадани Ӯ маҳкум ва валангор хоҳад шуд, қатъиян озод шавад... Бигзор ин ҳақиқати гаронбаҳо ва поккунанда дилҳои моро дигаргун карда, доимо ва дар ҳама чиз рафтори моро муайян кунад” (Ч. Х. Макинтош).

## 2 СЕНТЯБР

### “Худовандо ҳар ҷо равӣ, Туро пайравӣ мекунам”

*(Луқо 9:57)*

Гоҳо ба ман чунин менамояд, ки мо дар бораи он бениҳоят зиёд сухан мегӯем ва суруд мехонем, ки Исо Худованди мост, ки мо Ӯро вафодорона ва дуруст пайравӣ мекунем. Мо доимо қолаби тайёр дорем, ба монанди “Шоҳи шоҳон, Худованди худовандон”. Мо чунин суруд мехонем: “Ҳама чизро ба Исо месупорам, пурра ба Ӯ тааллуқ дорам ман”, аммо ба маънои ин сатрҳо аҳамияти зиёд намедиҳем. Мо чунон зиндагӣ мекунем, ки гӯё хизматгузории вафодорона ба Масеҳ танҳо аз иштироки ҳарҳафтаина дар ҷамоат иборат бошад.

Ин на аз он сабаб аст, ки мо дурӯягӣ мекунем, не, фақат мо ҳамаи он чиро, ки ин мафҳум дар бар мегирад, то ба охир намефаҳмем. Агар мо ҳақиқатан Масеҳро чун Худованди худ эътироф намуда бошем, барои Ӯро пайравӣ кардан омода хоҳем буд, ҳатто агар ин ба камбағалӣ, радшавӣ, азобҳо ва ҳатто ба марг барад.

«Баъзеҳо хунро дида беҳуш мешаванд. Боре назди Исо як ҷавони боғайрате омад, ки дар дилаш мақсади беҳтарин дар ҷаҳон сокин буд. “Худовандо, – гуфт вай. Ҳар ҷо равӣ, Туро пайравӣ хоҳам кард”. Аз ин ният дида чӣ олиҳимматонатар буда метавонад! Аммо Исо аз ин суханон ба ваҷд наомад. Ӯ медонист, ки ин ҷавон маънои ҳақиқии ваъдаи худро намефаҳмид. Бинобар ин Исо ба вай гуфт, ки Ӯ аз рӯбоҳон дида бехонумонтар аст ва бисёр вақт ба Ӯ лозим меояд, ки бо шиками гурусна хоб рафта, ба зери сараш санг монад. Ӯ ба вай салибро нишон дод, ки дар он қатраҳо бо моеи сурхи баланд буданд, ва ҷавоне ки аз пур хоҳиши ғайратмандон буд, беҳуш шуд. Агарчи вай аз дилу ҷон чизи некро мехост, нарх хеле баландтар аз он буд, ки вай барои пардохташ омода буд. Чунин чиз бисёр вақт рӯй медиҳад. Касе на барои он дар ақибгоҳ мешинад, ки дилаш аз даъвати Масеҳ аланга намегирад, балки аз резондани ақаллан андак хуни худ метарсад. Ана шумо бо овози гиряолуд мегӯед: “Агар ин тӯпҳои даҳшатангез намебуданд, ман кайҳо сарбоз мешудам”» (Чепелл).

Агар Исо суханони ҷавонро оиди хоҳиши Ӯро пайравӣ кардан бе дилгармӣ гӯш карда бошад, он гоҳ ман боварии қатъӣ дорам, ки дили Ӯ аз шодӣ ба тапиш даромад, вақте Ҷим Эллиот дар дафтари ёддошти худ чунин навишта буд: “Агар ман аз намунае ки Худовандам нишон дод, сарфи назар карда, кӯшиш намоям ҳаёти худро, хуни худро наҷот диҳам, ва имконаш надиҳам, ки чун қурбонӣ резад, – пас ман бояд бо иродаи қавии Худо бархӯрам, ки зидди мақсади ман равона шудааст. Падар, ҳаёти маро, хуни маро бигир ва агар хоҳӣ, бигзор ҳамаи ин дар оташи фурӯбарандаи Ту нобуд гардад. Ман барои наҷот додани онҳо кӯшиш намекунам, охир чӣ тавр ман метавонам он чиро, ки ба ман тааллуқ надорад, аз они худ кунам? Худовандо, онҳоро бигир, пурра бигир. Бигзор ҳаёти ман чун қурбонӣ барои ин ҷаҳон оварда шавад. Хун фақат ҳамон вақт ягон арзиш дорад, ки дар пеши қурбонгоҳи Ту ҷорӣ мешавад”.

Ҳангоме бо дарки он ки Ҷим ҳақиқатан чун риёзаткаш дар Эквадор хуни худашро рехтааст, чунин суханонро мехонем, барои баъзеи мо фаҳмо мешавад, ки дар бораи хизмати ҳақиқатан вафодорона ба Масеҳ то чӣ андоза кам медонем.

**“Лекин атои файз ба хато монанд нест. Зеро агар бо хатои як кас бисёр касон гирифтори марг шуда бошанд, пас, хусусан файзи Худо ва тӯҳфаи он барои бисёр касон ба воситаи файзи як Одам, яъне Исои Масеҳ, фаровон мегардад”**

*(Румиён 5:15)*

Дар Нома ба Румиён 5:12-21 Павлус як сардори тамоми инсоният бо дигараш муқоиса мекунад: Одамро бо Масеҳ. Одам сарвари офаридаҳои аввалин буд; Масеҳ – сарвари офаридҳои нав. Аввалӣ ҷисмонӣ буд, дуюм рӯҳонӣ. Павлус се маротиба калимаи “хусусан”-ро истифода бурда, таъкид мекунад, ки баракатҳое ки сарчашмаашон дар меҳнати Масеҳ аст, аз зиёни гуноҳи Одам чандин маротиба зиёдтаранд. Вай мегӯяд, ки “дар Масеҳ банӣ Одам хеле бештар аз он ки падарашон як вақтҳо аз даст дода буд, баракат ёфтанд”. Дар Масеҳ ҳолати имондорон аз он ҳолате ки онҳо дар Одами гуноҳкорнашуда медоштанд, хеле беҳтар аст.

Биёед ба муддати як дақиқа фарз кунем, ки Одам гуноҳ накардааст ва ба ҷои хӯрдани меваи манъшуда вай ва занаш қарор доданд, ки ба Худо итоат намоянд. Дар натиҷа ҳаёти онҳо чӣ гуна мебуд? То андозае ки мо медонем, онҳо баъдтар ҳам имкони дар боғи Адан зистан медоштанд. Мукофоти онҳо ҳаёти дуру дароз дар замин мебуд. Худи ҳамин ба наслҳои онҳо низ дахл медошт.

То даме ки онҳо гуноҳ накунанд, онҳо ҳамчунин имкон медоштанд, ки ба муддати номуайян дар Адан зиндагӣ кунанд. Онҳо намемурданд. Аммо ин ҳолати беайбӣ онҳоро аз умеди ягон рӯз ба осмонҳо расидан маҳрум мекард. Онҳо ҳеҷ гоҳ ваъдаро дар бораи он намешуниданд, ки Рӯҳулқудс дар онҳо сокин шуда, бар онҳо мӯҳри Худро хоҳад гузошт. Онҳо ҳаргиз вориси Худо ва дар мероси Исои Масеҳ шарик намешуданд. Онҳо ҳаргиз умеди ба сурати Писари Худо дигаргун шуданро намедоштанд. Ва имкони гуноҳ кардан ва аз даст додани тамоми баракати заминӣ, ки онҳо дар Адан аз онҳо ҳаловат мебурданд, дар болои онҳо доимо овезон мебуд.

Акнун бошад барои тазод, дар бораи он мақоми баланде фикр мекунем, ки Масеҳ барои мо бо корнамоии кафораткунандаи Худ ба даст овард. Дар Масеҳ мо ҳамаи баракатҳои рӯҳонии осмониро дорем. Дар Дӯстдошта мо ҳаққи дар ҳузури Худо истоданро пайдо кардем, дар Масеҳ мо камолот, кафорат, мусолиҳа, бахшидашавӣ, сафедшавӣ, тақдис ва ҷалол ба даст овардем; мо узвҳои Бадани Масеҳ шудем. Рӯҳулқудс дар мо сокин аст, мо аз ҷониби Ӯ мӯҳр зада шудаем, Ӯ гарави мероси мост. Дар Масеҳ мо соҳиби наҷоте гардидаем, ки то абад аз они мост. Мо фарзандони Худо, меросхӯрони Худо ва шарикон дар мероси Исои Масеҳ ҳастем. Мо ҳамчунон ба Худо азиз ва наздик ҳастем, чунон ки Писари дӯстдоштаи Ӯ. Агарчи ин ҳоло ҳамааш нест, ба ҳар ҳол ягон шубҳа намемонад, ки имондорон дар Масеҳ зиёда аз он ки дар Одами гуноҳ начашида медоштанд, пайдо намудаанд.

# 4 СЕНТЯБР

**“Он чӣ нагирифтаам, бояд баргардонам”**

*(Забур 68:5)*

Забур 68 аз номи Исо навишта шудааст. Дар ояти 5-ум Ӯ мегӯяд, ки бо кори пурҷалоли кафорат Ӯ ба Худо товони зиёнеро ки гуноҳи одамон ба Ӯ расонда шуда буд, дод. Бе ягон шубҳа Ӯ ин ҷо дар бораи Худ чун дар бораи қурбонии ҳақиқии ҷурм мегӯяд.

Аз яҳудие ки аз ягон яҳудии дигар чизе дуздида бошад, қонуни қурбонии ҷурм талаб мекард, ки на танҳо чизи дуздидаашро гардонда диҳад, балки ба он панҷяки арзиши онро низ илова намояд.

Гуноҳи одамон аз Худо хизматгузорӣ, парастиш, итоат ва ҷалолро дуздида, ба Ӯ зиён расонд. Аз Ӯ хизматгузорӣ дуздида шуд, зеро одам аз Худо рӯй гардонда, ба худ, ба гуноҳ ва ба шайтон хизмат карданро сар кард. Аз Ӯ парастиш дуздида шуд, зеро одам ба тимсолҳои бо дастони инсон сохтшуда сари таъзим фуруд овард. Аз Ӯ итоаткорӣ дуздида шуд, зеро одам ҳокимияти Худоро рад кард. Аз Ӯ ҷалол дуздида шуд, зеро одам ба Худо арзи эҳтиром накард.

Ӯ либоси боҳашамати ҷалоли илоҳиро аз худ бадар кард,<br>
Ва ҳамаи инро ба либоси фақиронаи хокӣ иваз кард.<br>
Ӯ бо таҳрики муҳаббати муқаддас ба ин ҷаҳон омад,<br>
То ба Худо он чиро, ки нагирифтааст, барзиёд гардонда диҳад.

Ӯ на фақат он чиро баргардонд, ки гуноҳи одам дуздида буд, балки хеле зиёдтар дод. Охир, ба шарофати меҳнати Масеҳ Худо ҷалоли хеле зиёд ёфт, назар ба он ки аз боиси гуноҳкоршавии Одам гум карда буд.

“Аз боиси гуноҳ офаридаҳояшро гум карда, Ӯ ба воситаи файз барои Худ фарзандон пайдо кард”. Муболиға намебуд, агар гӯем, ки ба шарофати меҳнати Наҷоткор ҷалоли Худо хеле бузургтар аз он ҷалоле шуд, ки Одами гуноҳнакарда ба Ӯ дар тамоми абадият дода метавонист.

Шояд ҳамин аст ҷавоб ба саволи зерин: “Чаро Худо имкон дод, ки гуноҳ ба ҷаҳон дарояд?” Мо медонем, ки Худо метавонист ба одам ҳуқуқи интихоби озодро надиҳад. Аммо Ӯ чизи дигарро афзал донист: ба офаридааш қобилияте дод, ки бо хоҳиши худ Ӯро дӯст дошта, парастиш намояд. Ин, албатта, маънои онро дошт, ки онҳо метавонистанд ҳам ба Ӯ беитоатӣ кунанд, ҳам Ӯро рад кунанд, ва ҳам аз Ӯ рӯй гардонанд. Одам беитоатиро интихоб карда, ба ин ҷаҳон гуноҳи харобиоварро сар дод. Аммо гуноҳи офаридаҳо наметавонад Офаридгорро мағлуб кунад. Дар марг, дафн, растохез ва ба осмон рафтани Худ Худованд Исо бар гуноҳ, дӯзах ва шайтон ғолиб омад. Ба шарофати меҳнати Ӯ Худо бештар ҷалол ёфта, одами кафоратшуда фаровонтар баракат гирифт, назар ба он мавриде ки гуноҳ ҳеҷ гоҳ ба ин ҷаҳон ворид намешуд.

## 5 СЕНТЯБР

**“Ӯ дар ҷаҳон буд, ва ҷаҳон ба воситаи Ӯ ба вуҷуд омад, ва ҷаҳон Ӯро нашинохт. Ӯ ба мулки Худ омад, ва қавмаш Ӯро қабул накарданд. Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба номи Ӯ имон оварданд, ҳақ дод, ки фарзандони Худо гарданд”**

*(Юҳанно 1:10-12)*

“Ӯ дар ҷаҳон буд”. Он ҳақиқат, ки Худованди ҳаёт ва ҷалол умуман то ба дараҷае паст фаромад, ки дар ин сайёраи хурдакак зиндагӣ кунад, файзи ақлнорас буд. Агар сухан дар бораи ягон каси дигар мерафт, дар хабаре ки вай дар ин ҷаҳон буд, ягон чизи шоистаи диққати мо намебуд. Охир одами кӯтоҳумр қудрати ин интихобро надорад. Худованд бошад аз рӯи дилсӯзӣ, дидаву донista ин интихобро кард.

“Ва ҷаҳон ба воситаи Ӯ ба вуҷуд омад”. Муъҷиза боз ҳам ақлнорастар мегардад! Оне ки дар ҷаҳон буд, худи Ҳамон аст, ки ин ҷаҳонро ба вуҷуд овард. Оне ки коинотро пур мекунад, тифл, ҷавон ва мард мешавад, ва дар ин бадан тамоми пуррагии Худо сокин аст.

“Ва ҷаҳон Ӯро нашинохт”. Ин нодониро сафед кардан ғайриимкон аст. Чӣ тавр офаридаҳои дастони Ӯ Офаридгори худро шинохта натавонистанд? Чӣ тавр бегуноҳии Ӯ диққати онҳоро ба худ ҷалб карда натавонист? Чӣ тавр онҳо суханони Ӯро шунида, корҳои Ӯро дида, фаҳмида натавонистанд, ки Ӯ аз одами одӣ бештар буд?

“Ӯ ба мулки худ Худ омад”. Тамоми чиз дар ин дунё ба Ӯ тааллуқ дорад. Чун офаридагор, Ӯ ҳуқуқи баҳснопазир дорад, то тамоми ин ҷаҳонро аз они Худ хонад. Ӯ кӯшиш накард, ки ба молу мулки бегона дастдарозӣ кунад.

“Ва қавмаш Ӯро қабул накарданд”. Ин таҳқир аз ҳама даҳшатнок буд. Халқи яҳудӣ Ӯро рад кард. Ӯ тамоми хислатҳои Масеҳро дошт, аммо онҳо намехостанд, ки Ӯ бар онҳо ҳукмронӣ кунад.

“Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд”. Дар ин суханон даъват ҳаст, ва он ба ҳама гуфта шудааст. Ягона шарт ин аст, ки онҳо бояд Ӯро қабул кунанд.

“ҳақ дод, ки фарзандони Худо гарданд”. То чӣ андоза бузург аст ин шарафе ки мо носазовори он нестем – гунаҳкорони беитоат ба воситаи муъҷиза, муҳаббат ва файз фарзандони Худо шуда метавонанд.

“Онҳое ки ба номи Ӯ имон оварданд”. Дар ҷаҳон аз ин одитар талабе нест. Ҳаққи фарзанди Худо гардидан ба ҳамаи онҳое дода мешавад, ки бо имон Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷоткор қабул мекунанд.

Инак, дар ин суханон ҳам хабари андӯҳгин ҳаст, ҳам хурсандибахш. Аввал хабари андӯҳовар аст: “ҷаҳон Ӯро нашинохт”, “қавмаш Ӯро қабул накарданд”. Сипас – хабари хурсандибахш: “лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба номи Ӯ имон оварданд, ҳақ дод, ки фарзандони Худо гарданд”. Агар шумо ҳанӯз Ӯро қабул накарда бошед, пас чаро ҳамин рӯз ба Ӯ имон наоваред?

## 6 СЕНТЯБР

**“Ва Худованд Худо одамро гирифт, ва ӯро дар боғи Адан гузошт, то ки кори онро бикунад ва онро нигаҳдорӣ намояд”**

*(Ҳастӣ 2:15)*

Бар хилофи ақидаи васеъ паҳншуда, кор асло лаънат не, балки баракат аст. Муддатҳо пеш аз даромадани гуноҳ ба ин ҷаҳон, Худо ба Одам фармуд, ки боғи Аданро нигоҳубин кунад. Танҳо пас аз он ки одам гуноҳ кард, Худо заминро лаънат гуфт, на худи корро. Вай қарор дод, ки одам нони худро бо меҳнат ва араќи ҷабинаш ёфта, доимо ба мушкилот ва ноумедиҳо рӯ ба рӯ хоҳад шуд (Ҳас. 3:17-19).

Як зарбулмасали кӯҳна мегӯяд: “Меҳнати муборак! Агар ту бо худ лаънати Худоро надошта бошӣ, пас баракатҳои Ӯ чӣ гуна мебошанд?” Аммо бар меҳнат ин лаънат нест! Кор қисми ҷудонашавандаи шахсияти мо гардидааст. Он як ҷузъи талаботи бунёдкорӣ, роҳ ба худэҳтиромкунӣ аст. Ҳар қадар вақти зиёдро мо дар бекорӣ сарф кунем, ҳамон қадар хатари дар гуноҳ ғӯтидан зиёд мешавад. Бисёр вақт дар ҳамон рӯзе ки мо “ба истеъфо меравем” ва аз корҳо дур мешавем, харобшавии маънавии мо сар мешавад.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки Худо ба халқи Худ кор карданро фармудааст (“Шаш рӯз кор кун”, Хур. 20:9). Одамон ба надида мондани ин суханон моиланд, онҳо тамоми диққати худро ба қисми дуюми ин фармуда равона мекунанд, ки дар рӯзи ҳафтум истироҳат карданро мефармояд.

Одами танбалро китоби Инҷил шахси “бекоргард”, бадрафтор ва худсар меномад ва мегӯяд, ки, агар касе ки кор кардан намехоҳад, гурусна монад ташвиш кашидан лозим нест (2Тас. 3:6-10).

Худованд Исо Худаш тимсоли меҳнаткаши хастанашаванда буд. “Рӯзҳои Ӯ аз кори вазнин то канор пур буданд, шабҳояш – аз меҳнати дуо. Се соли хизмат Ӯро ба пирамард табдил доданд. “Охир Ту панҷоҳсола ҳам нестӣ”,– мегуфтанд ба Ӯ ва кӯшиш мекарданд, ки синну соли Ӯро муайян кунанд. Панҷоҳ? Ӯ танҳо сӣ сол умр дошт! Ман инро пинҳон нахоҳам кард” (Иан Макферзон).

Баъзеҳо ба кори худ бо нафрат муносибат мекунанд, зеро бояд бо коре машғул шаванд, ки тоқати дидани онро надоранд. Онҳо бояд дарк кунанд, ки дар ин ҷаҳон кори идеалӣ вуҷуд надорад. Ҳеҷ кас наметавонад танҳо он кореро кунад, ки ба вай маъқул аст. Аммо масеҳӣ метавонад ҳар корро дандонҳояшро зич накарда, балки бо ваҷд барои ҷалоли Худо ба ҷо оварад.

Имондор на фақат барои қонеъ гардондани эҳтиёҷҳои худ, балки барои ёрдам додан ба мӯҳтоҷон низ меҳнат мекунад (Эфс. 4:28). Ин боз як водоркунандаи инсондӯстона ба меҳнати ғайратмандона аст.

Ҳатто дар абадият мо меҳнат хоҳем кард, зеро “бандагони Ӯ ба Ӯ хизмат мекунанд” (Ваҳй 22:3).

Ҳоло бошад биёед ба маслиҳати Сперҷен гӯш медиҳем: “Худро бо кор то дами марг хаста кун, сипас худро бо дуо аз нав зинда кун”.

**“Бинобар ин аз миёни онҳо берун оед ва ҷудо шавед, – мегӯяд Худованд, – ва ба чизи нопок нарасед, ва Ман шуморо қабул хоҳам кард; ва Падари шумо хоҳам буд, ва шумо писарон ва духтарони Ман хоҳед буд, – мегӯяд Худованди Қодири Мутлақ”**

*(2Қуринтиён 6:17,18)*

Масеҳӣ чӣ кор бояд кунад, вақте мебинад, ки ҷамоати вай беш аз пеш либералӣ ва дунявӣ мегардад? Асоси ин ҷамоатро одамоне гузошта буданд, ки ба бенуқсонии Навишта ва ба ҳамаи дигар таълимотҳои асосии масеҳият бовар мекарданд. Солҳои зиёд дар он ҷидду ҷаҳд ба инҷилшиносонӣ ва кори миссионерӣ аланга мегирифт. Дар миёни хизматгузорони он илоҳиётшиносони маъруф ва воизони ба Худованд вафодор зиёд буданд. Аммо акнун сардорони семинарияҳои ин деноминтсия намояндагони насли нав мебошанд, ва хатмкунандагони он ба мавъизаи Инҷиле сар мекунанд, ки мувофиқи табъи ҷомеаи муосир аст. Онҳо ҳанӯз истилоҳҳои Навиштаро истифода мебаранд, аммо дар зери мафҳуми он аллакай тамоман чизҳои дигарро мефаҳманд. Онҳо кӯшиш мекунанд таълимоти асосии Навиштаро ҷудо-ҷудо карда, исбот намоянд, ки дар муъҷизаҳо ягон чизи фавқуттабиӣ нест ва оиди меъёрҳои ахлоқии Навишта шунида, таҳқиромезона ғур-ғур мекунанд. Онҳо дар қатори якуми тарафдорони сиёсати радикалӣ ва амалиёти харобкунанда ҳастанд. Дар бораи онҳое ки дар ҳама чиз ба Навишта вафодор ҳастанд, онҳо бо таҳқир фикри худро мегӯянд.

Пас масеҳӣ чӣ бояд кунад? Шояд, аъзоёни оилаи вай аз насл ба насл аъзоёни ин ҷамоат буданд. Вай худаш солҳои зиёд саховатмандона барои эҳтиёҷоти он қурбонӣ мекард. Дӯстони наздиктарини вай ба ин ҷамоат мераванд. Вай худро мепурсад, ки агар вай равад, бо кӯдакон аз синфи мактаби якшанбегии вай чӣ мешавад. Оё ин вазифаи вай нест – дар ҷамоат монда, барои ҳимояи кори Худо овози худро то қадри имкон баланд кунад? Барои худи вай чунин далелҳо хеле эътимоднок метобанд. Аммо ба ҳар ҳол ҷони боадолати вай азият мекашад, ҳангоме шахсонеро мебинад, ки барои нон ба ҷамоат меоянд ва ҳафта ба ҳафта ғайр аз сангҳо дигар чизе намегиранд. Вай муносибат ва дӯстиро бо аъзоёни ин ҷамоат баланд қадрдонӣ мекунад, аммо дилаш дард мекунад, ҳангоме мебинад, ки чӣ тавр ҷалол ва парастишеро, ки аз рӯи ҳақ аз они Ӯст, аз Ӯ медузданд.

Вай метавонад танҳо як интихоби дуруст кунад – аз ҷамоат рафтан. Худо дар Каломи Худ инро мефармояд. Агар вай аз ин юғи нороскорона озод шавад, тамоми оқибатҳои ин рафторро бояд ба дастони Худо супорад. Ва Худо Худаш тамоми ҷавобгариро барои шогирдони мактаби якшанбегӣ ба дӯши Худ вогузор хоҳад кард. Ӯ Худаш ба вай дӯстони нав хоҳад дод. Илова бар ин Ӯ ваъда медиҳад, ки Падараш хоҳад буд ва ба вай чунон наздикӣ ба Худро ато мекунад, ки онро танҳо онҳое дарк карда метавонанд, ки дар итоати бечуну чаро ба Ӯ зиндагӣ мекунанд.

“Онҳое ки ҳақиқатан ҷудо мешаванд, баракати бузург хоҳанд дошт – мушоракати пуршараф бо Худои бузург”.

# 8 СЕНТЯБР

**“Вақте ки ба Худо назр мекунӣ, дар адои он таъхир накун, зеро ки Ӯ ба аблаҳон таваҷҷӯҳ намекунад; он чи назр кардаӣ, адо намо”**

*(Воиз 5:3)*

Ҳамаи мо дар бораи одамоне шунидаем, ки ҳангоми ба ҳолати душвор дучор шудан ба Худо назр мекунанд. Онҳо, масалан, ваъда медиҳанд, ки агар Худо ба онҳо ёрӣ диҳад ё наҷот диҳад, онҳо то абад хизматгорони вафодор ва ғайратманди Ӯ хоҳанд буд. Аммо ҳамин ки бӯҳрон гузашта меравад, онҳо ҳамаи ваъдаҳои худро тамоман фаромӯш карда, чун пештара зиндагӣ карданро давом медиҳанд.

Пас дар ҳаёти масеҳӣ ваъдаҳо ва назрҳо кадом ҷойро бояд ишғол намоянд? Китоби Муқаддас умуман дар бораи онҳо чӣ мегӯяд?

Пеш аз ҳама, Худо аз мо назрҳо талаб намекунад. Назрҳо на аз рӯи фармони Ӯ, балки ихтиёран, чун миннатдорӣ ба Худованд барои марҳамати Ӯ карда мешаванд. Чунончи, дар Такрори Шариат 23:22 навишта шудааст: “Валекин агар аз назр кардан худдорӣ намоӣ, бар гардани ту гуноҳе нахоҳад буд”. Сониян, мо бояд аз саросемавор назр кардан худдорӣ намоем, вақте дертар онҳоро иҷро карда наметавонем ё аз боиси онҳо сахт пушаймон мешавем. Сулаймон моро огоҳ мекунад: “Бо даҳони худ шитоб накун, ва бигзор дили ту ба гуфтани сухане ба ҳузури Худо телба нашавад; зеро ки Худо дар осмон аст, вале ту бар замин ҳастӣ; бинобар ин бигзор суханони ту кам бошад” (Воиз 5:1).

Аммо агар мо назр кунем, мо бояд онро ҳатман иҷро кунем: “Агар касе барои Худованд назр кунад, ё ки қасам хӯрда, нафси худро аз чизе манъ намояд, пас набояд қавли худро ботил кунад, балки бар тибқи ҳар он чи аз даҳонаш баромадааст, бояд амал намояд” (Ад. 30:3). “Агар барои Худованд Худои худ назр намоӣ, дар адои он даранг накун, зеро ки Худованд Худои ту ҳатман онро аз ту талаб хоҳад кард, ва бар гардани ту гуноҳе хоҳад буд” (Так. Шар. 23:21).

Назр накардан умуман беҳтар аз он аст, ки назр карда, баъд онро адо нанамоӣ. “Назр накарданат беҳ аз он ки назр кунӣ ва адо нанамоӣ” (Воиз 5:4).

Баъзан, дар мавридҳои махсус, назр ва қасамро иҷро нанамудан беҳ аз иҷро кардани он аст. Ҳамин тавр, масалан, чунин рӯй дода метавонад, ки шахс ҳанӯз пеш аз имон овардан қасам ёд кардааст, ки ба ягон дини бардурӯғ ё иттиҳоди пинҳонӣ вафодор хоҳад буд. Агар адо кардани ин қасам ба таълимоти Каломи Худо мухолиф бошад, вай ӯҳдадор аст, ки ба гуфтаҳои Навиштаҳо риоя намояд, агарчи лозим меояд, ки ваъдахилофӣ намояд. Агар ин ваъдаи фош накардани ягон сирру асрор бошад, вай бояд то охири умри худ дар хусуси онҳо хомӯш бошад, ҳатто пас аз он ки вай пурра робитаашро бо иттиҳод қатъ мекунад.

Шояд, ягон қасам мисли қасами вафодории заношӯӣ чунон зиёд вайрон карда намешавад. Барои бисёриҳо ваъдаи тантананок, ки дар ҳузури Худо дода шудааст, кайҳо ба суханони пуч табдил ёфтаанд. Аммо ҳукми Худо бетағйир мемонад: “Худованд Худои ту ҳатман онро аз ту талаб хоҳад кард, ва бар гардани ту гуноҳе хоҳад буд” (Так. Шар. 23:21).

**“Некӯкор ба писарони писаронаш мерос боқӣ мегузорад”**

*(Масалҳо 13:22)*

Ин оятро хонда, набояд зуд хулоса баровард, ки ин ҷо сухан дар бораи ба мерос гирифтани пул ва ё чизҳои қиматбаҳои моддӣ меравад. Аниқтараш Рӯҳи Худо мероси рӯҳониро дар назар дорад. Волидони ягон кас камбағал бошанд ҳам, лекин хеле рӯҳонӣ ҳастанд; фарзандони онҳо барои хотира дар бораи падар ва модаре миннатдор хоҳанд буд, ки ҳар рӯз Китоби Муқаддасро мехонданд, бо оила дуо мегуфтанд, фарзандонро дар тарс ва насиҳати Худованд тарбият карданд, – ҳатто агар онҳо ба ворисони худ як тини зардак ҳам боқӣ нагузошта бошанд. Мероси рӯҳонӣ ба ҳар ҳол хеле гаронбаҳост. Мероси калон метавонад писар ё духтарро ба варшикасти рӯҳонӣ дучор гардонад. Сарвате ки аз осмон афтидааст, касро сармаст ва гаранг мекунад. На ҳар кас метавонад онро хирадмандона истифода барад. Кам шахсоне ҳастанд, ки мулки калонро ба мерос гирифта, дар Худованд нашъунамо ёфтанро давом медиҳанд.

Бояд онро ҳам дар назар гирифт, ки бисёр вақт ҳасад ва кашмакашиҳое ки ҳангоми тақсими мерос ба вуҷуд меоянд, метавонанд робитаи мустаҳкамтарини оилавиро канда партоянд. Беҳуда нагуфтаанд, ки “дар ҷое ки васиятнома ҳаст, он ҷо тӯдаи хешу таборон низ ҳастанд”. Аъзоёни оила, ки солҳои зиёд дар сулҳ ва розигӣ зиндагӣ мекарданд, ногаҳон аз боиси як ҷуфт ангуштарин, зарфҳои чинӣ ва мебел душманҳои ашаддӣ мегарданд.

Бисёр вақт волидони масеҳӣ мероси худро ба беимонон ё фарзандони ношукр, хешу табороне ки дар занҷирҳои динҳои дурӯғин андармон шудаанд, боқӣ мегузоранд, ҳол он ки ин пулро барои кори паҳн кардани Инҷил додан беҳтар мебуд.

Баъзан хоҳиши ба фарзандон боқӣ гузоштани пул шакли рӯпӯшшудаи худпарастӣ аст. Дар асл волидон мехоҳанд то ҳадди имкон аз пулҳояшон ҷудо нашаванд. Онҳо медонанд, ки ягон вақт марг халтаи пулро аз ангуштони ғайриихтиёрӣ фишурдашудаи онҳо кашида мегирад, ва аз ҳамин сабаб бо дили сабук ба анъана пайравӣ карда, онро ба фарзандони худ васият мекунанд.

Аммо то ҳол ягон васияте ихтироъ нашудааст, ки адвокатҳои айёр ба бекор кардани он ё ақаллан ба он даровардани ислоҳоти муҳим қобил набошанд. Ҳеҷ яке аз волидон дилпур буда наметавонанд, ки пас аз маргашон хоҳиши онҳо ҳақиқатан ба ҷо оварда мешавад.

Аз ҳамин сабаб ҳанӯз ҳангоми зинда будан ба кори Худо саховатмандона хайр кардан аз ҳама беҳтар аст. Чунон ки мегӯянд, “то даме ки зинда ҳастӣ, ато кардан беҳтар аст; он гоҳ, ақаллан, хоҳӣ донист, ки он ба куҷо ва барои чӣ сарф шудааст”.

Ҳеҷ чиз беҳтар аз васиятномае нест, ки чунин мегӯяд: “Ҳушёр буда, ва хотираи пурра дошта, ман дар давоми тамоми ҳаёти худ тамоми пулҳои худро барои кори Худо ҷудо мекардам. Ба фарзандони худ ман мероси тарбияи масеҳӣ, мероси хонадонеро медиҳам, ки Масеҳро мӯҳтарам дошта, Каломи Худоро бениҳоят зиёд иззату икром мекунад. Ман онҳоро ба Худо ва сухани файзи Ӯ, ки метавонад насиҳаташон карда, ба онҳо меросро дар миёни тамоми тақдисёфтгон диҳад, месупорам.

**“Барои онҳое ки шуморо озор медиҳанд ва таъқиб мекунанд, дуо гӯед”**

*(Матто 5:44)*

Баъзан тасвири аёнӣ метавонад тафсири беҳтарин барои оят шавад.

Ҳуҷуми ҳавопаймоҳои ҳарбии япониро ба Перл Ҳарбор 7 декабри с. 1941 капитан Мисуо Фучида роҳбарӣ мекард. Маҳз вай ба штаб хабари “Тора, тора, тора” фиристод, ки дар бораи комёбии пурраи вазифаи гузошташуда гувоҳӣ медод. Аммо ҷанги дуюми ҷаҳон бо ин ҳанӯз ба охир нарасида буд. Ба андозае ки мухолифат авҷ мегирифт, рӯйдодҳо дар майдонҳои ҷанг ранги дигар мегирифтанд, то даме ки Амрико ниҳоят ғалабаи хотимавиро ба даст овард.

Дар давоми ҷанг япониҳо дар Филиппин зану шавҳари пиронсолро, ки миссионер буданд, ба қатл расонданд. Вақте ин хабар ба гӯши духтари онҳо, ки дар Амрико мезист, расид, вай қарор дод, ки назди асирони ҳарбӣ рафта, ба онҳо хабари хуши Инҷилро расонад.

Вақте асирони ҳарбӣ мепурсиданд, ки чаро вай ба онҳо ин қадар меҳрубон аст, вай чунин мегуфт: “Аз боиси он дуое ки волидонам бо он пеш аз марги худ ба Худо муроҷиат карда буданд”. Ин ҳамаи он чи буд, ки онҳо дар ҷавоб мешуниданд.

Ҷанг ба поён расид, аммо дар дили Мисуо Фучида чунон талхиву нафрат зиёд буд, ки вай қарор дод Амрикоро барои ваҳшигариҳое ки он дар давоми ҷанг кардааст, ба суди байналмилалӣ кашад. Дар ҷустуҷӯи далелу шаҳодатҳо вай бо асирони ҳарбии японӣ хеле зиёд сӯҳбат мекард. Вай онҳоеро, ки дар асорати амрикоӣ буданд, пурсупос карда, баръакс, на дар бораи ваҳшигарӣ, балки дар бораи як зани масеҳие шунид, ки волидонаш дар Филиппин кушта шуда буданд. Асирони ҳарбӣ ба вай дар бораи он нақл мекарданд, ки он зан ба онҳо “Инҷил” ном китоберо дод, ки волидонаш пеш аз маргашон бо ким-кадом дуои номаълум ба Худо муроҷиат карда буданд. Ин тамоман он чи набуд, ки Фучида аз онҳо шунидан мехост, аммо суханони онҳо ба ҳар ҳол ба дилаш нишастанд.

Рӯзе, бори дигар худи ҳамон ҳикояро шунида, вай рафта китоби Инҷил харид. Вақте вай Инҷили Матторо хонд, ҳисси кунҷковии вай авҷ гирифт. Инҷили Марқусро вай бо шавқи бештаре мехонд. Ба Инҷили Луқо 23:34 расида, вай ҳис кард, ки чӣ тавр нур ҷонашро равшан кард. “Эй Падар! Инҳоро бахш, зеро намедонанд чӣ мекунанд”. Дар як лаҳза вай фаҳмид, ки миссионерони пиронсол пеш аз маргашон дар бораи чӣ дуо мегуфтанд.

“Акнун вай на дар бораи хонумаи амрикоӣ ва на дар бораи асирони ҳарбии япон, балки дар бораи худ, душмани ашаддии Масеҳ фикр мекард, ки Худо омода буд вайро дар ҷавоб ба дуои Масеҳи б салиб кашидашуда бахшад”. Худи ҳамон лаҳза вай хоҳони наҷот шуд, ва ба Масеҳ имон оварда, наҷот ва ҳаёти абадӣ ёфт.

Тамоми ҳуҷҷатҳо барои маҳкамаи байналмилалӣ ба сабади ахлот партофта шуднд. Боқимондаи ҳаёти худро Мисуо Фучида ба мавъизаи ганҷҳои ақлнораси Масеҳ дар кишварҳои зиёд бахшид.

**“Эҳтиёт бош, мабодо Худои худро фаромӯш карда..., ва ҳар дороии ту зиёд шавад ...”**

*(Такрори Шариат 8:11,13)*

Бо фаро расидани рӯзҳои серию пурӣ халқи Худо одатан суст мешавад. Дар замони норасоӣ бошад, баръакс, гул-гул мешукуфад. Дар суруди хайрбодии худ Мусо пешгӯӣ мекунад, ки некӯаҳволӣ ба Исроил ҳалокати рӯҳонӣ меоварад: “Вале Ёшурун (лақаби қавми Исроил) фарбеҳ шуда, ба лагад задан даромад; ту фарбеҳ, ғафс ва тануманд шудаӣ; ва Худоро, ки Офаринандаи вай аст, тарк кард, ва Кӯҳпораи наҷоти худро хорӣ дод” (Так. Шар. 32:15)

Ин пайғамбарӣ дар тамоми пуррагии худ дар айёми Ирмиё иҷро шуд, вақте Худованд чунин шикоят кард: “Онҳоро сер кардам, вале онҳо ба зинокорӣ дода шуданд, ва гурӯҳ-гурӯҳ ба хонаҳои фоҳишагон даромаданд” (Ир. 5:7).

Мо боз мехонем: “Онҳо ба хубӣ чарида, сер шуданд; ва чун сер шуданд, дилашон мағрур гардид, ва ба ин сабаб Маро фаромӯш карданд” (Ҳуш. 13:6).

Ҳангоми аз асорат баргаштан левизодагон иқрор шуданд, ки Исроил дар ҷавоб ба тамоми он чи Худованд барояш карда буд, хеле бад рафтор кард: “Ба туфайли некӯии бузурги Ту хӯрда, сер ва фарбеҳ шуданд ва лаззат бурданд; ва саркашӣ намуда, ба Ту осӣ шуданд, ва аз Таврoти Ту рӯ гардонданд, ва пайғамбарони Туро, ба сабаби таъкид карданашон, то сӯи Ту руҷӯъ намоянд, куштанд, ва куфрҳои азиме ба амал оварданд” (Наҳ. 9:256, 26).

Мо баракати моддиро далели баҳснопазири он меҳисобем, ки Худованд моро ва корҳоямонро таҳсин менамояд. Вақте даромади тиҷорати мо тез зиёд мешавад, мо чунин мегӯем: “Худованд ба ман баракати фаровон дода истодааст”. Аммо гуфтан дурусттар мебуд, ки Худованд бо ин моро на баракат додан, балки тафтиш кардан мехоҳад. Ӯ дидан мехоҳад, ки мо чӣ тавр бо ин пулҳо рафтор мекунем. Оё мо кӯшиш мекунем, ки нафси ночизи худро қонеъ гардонем? Ё ин ки пулҳои Ӯро оқилона ба кор мебарем, онҳоро тавре истифода мебарем, ки Хушхабарро ба канорҳои дурдасттарини замин расонем? Оё мо ҳар як тангаро ғанимат хоҳем дошт, то ки чизу чораи хеле зиёд ҷамъ кунем? Ё саховатмандона барои кори Масеҳ хайр хоҳем кард?

Ф. Б. Мэйер боре гуфта буд: “Агар ҳозир баҳсу мунозирае авҷ мегирифт, ки кадом озмоиши хислат мушкилтарин аст: тӯфон ё шамоли форам, комёбӣ ё бебарорӣ, – донишмандони табиати одам яқинан ҷавоб медоданд, ки ҳеҷ чиз моҳияти ҳақиқии моро чунон ошкор намекунад, ки онро гул-гулшукуфии моддӣ ошкор мекунад, зеро маҳз он озмоиши душвортарин аст”.

Юсуф, бешубҳа, бо ин розӣ мешуд. Вай гуфта буд: “Худо маро дар замини мазаллатам борвар гардонид” (Ҳас. 41:52). Рӯзҳои мусибат барои вай хеле фоиданоктар аз рӯзҳои нек шуданд, гарчи ҳам озмоишҳо, ҳам рӯзҳои некӯаҳволиро сарбаландона паси сар кард.

## 12 СЕНТЯБР

**“Ба гумони он ки Ӯ бо аҳли корвон меояд; ва як рӯз роҳ паймуда,... ба ҷустуҷӯи Ӯ сар карданд”**

*(Луқо 2:44)*

Вақте Исо дувоздаҳсола буд, Ӯ ҳамроҳи волидонаш аз Носира ба Уршалим ба иди Фисҳ рафт. Онҳо танҳо набуда, бо тӯдаи мусофирони дигар сафар мекарданд. Бешубҳа, бачаҳои ҳамсол дере нагузашта бо ҳамдигар шинос шуданд ва мекӯшиданд дар роҳ ва ҳангоми ид якҷоя бошанд. Бинобар ин ба хона ба Носира равон шуда, Юсуф ва Марям дилпур буданд, ки Исо куҷое дар корвон бо бачагони дигар аст. Аммо Ӯ он ҷо набуд. Ӯ дар Уршалим монд. Онҳо роҳи дуру дарозро тай намуданд, пеш аз он ки Ӯро ба хотир оваранд. Ба онҳо лозим омад ба Уршалим баргарданд, ва дар он ҷо онҳо Ӯро пас аз се рӯзи ҷустуҷӯ пайдо карданд.

Дар ин ҷо барои мо дарси ибрат ҳаст. Мо метавонем комилан дилпур бошем, ки Исо дар паҳлуи мо меравад, агарчи ин тавр нест. Мо фикр карда метавонем, ки дар муносибати наздик бо Ӯ ҳастем, дар асл бошад миёни ҷони мо ва Наҷоткор гуноҳ истодааст. Тӯри гуноҳ тунук ва мустаҳкам аст. Мо аҳамият намедиҳем, ки дили мо сард шудааст, намебинем, ки роҳи мо ба нишеб меравад. Мо фикр мекунем, ки мо ҳамон гуна ҳастем, ки пештар будем.

Аммо индигаргуниҳоро дигарон мебинанд. Аз рӯи гуфтори мо онҳо пай мебаранд, ки мо муҳаббати аввалини худро як тараф гузоштаем ва манфиатҳои ҷаҳонӣ бар манфиатҳои рӯҳонӣ ғолиб омадаанд. Аз онҳо пинҳон намекунӣ, ки мо пиёз, бехпиёз ва сири Мисрро мехӯрем. Онҳо пай мебаранд, ки мо дар он ҷое ки пештар меҳрубон ва пурсабр будем, акнун хеле бетоқат шудаем. Онҳо мешунаванд, ки сухани мо беш аз пеш ба сухани кӯчаҳо монанд мешавад. Онҳо инро мебинанд ё не, аммо мо суруди худро гум кардаем. Худамон бебахт буда, мо кӯшиш мекунем хурсандиро аз дигарон низ кашида гирем. Ба назар чунин менамояд, ки ҳама чиз каҷу килеб меравад. Пулҳо аз мо мисли хоки даст мераванд. Агар мо кӯшиш кунем, ки ба дигарон дар бораи Наҷоткор нақл кунем, суханони мо ба онҳо кам таъсир мекунанд. Онҳо дар миёни мо ва худ фарқи чандон калонро намебинанд.

Аксар вақт танҳо ягон бӯҳрон метавонад моро водор созад, то дарк намоем, ки Исо дар назди мо нест. Шояд, мо овози Худоро мешунавем, ки ба мо ба воситаи мавъизаи ягон кас муроҷиат мекунад. Ё ин дӯсти наздик аст, ки ба ҳолати фалокатбори рӯҳонии мо ошкоро ишорат мекунад. Ё ин метавонад беморӣ, марги одами дӯстдошта, ягон фоҷиа бошад, ки моро водор месозад, то ба худ оем.

Вақте ин лаҳза фаро мерасад, мо бояд кореро кунем, ки Юсуф ва Марям карданд – ба ҷое баргардем, ки Ӯро бори охир он ҷо дида будем. Мо бояд ба маконе баргардем, ки дар он ҷо гуноҳ робитаи моро қатъ намуд. Ба ин гуноҳ иқрор шуда ва аз он даст кашида, мо бахшида мешавем ва боз метавонем ҳамроҳи Исо раҳсипор шавем.

## 13 СЕНТЯБР

**“Мусо надонист, ки пӯсти чеҳрааш, ба сабаби гуфтугӯи Худо бо Ӯ, медурахшид”**

*(Хуруҷ 34:29)*

Дар ҳикоя дар бораи он ки Мусо лавҳаҳои сангинро бо даҳ фармуда бардошта, аз кӯҳи Сино фуруд омад, ду ҷузъиёти аҷиб ҳаст. Якумаш ин аст, ки чеҳрааш медурахшид. Ӯ ба ҳузури Худое истода буд, ки Худро дар абри дурахшони ҷалол зоҳир карда буд. Он ҷилое ки акнун чеҳраи Мусо медод, акси дурахши Ӯ буд. Пас аз сӯҳбат бо Худо одаме ки ба Исроил шариатро дод, ҳиссаи тобиши тобони ҷалоли Ӯро бо худ гирифт. Ин рӯйдод ӯро дигаргун сохт.

Ҷузъиёти дуюм, ки диққати касро ба худ ҷалб мекунад, ин аст, ки Мусо худаш дар бораи дурахшидани чеҳрааш намедонист. Вай аз он бохабар набуд, ки сӯҳбат бо Худо намуди зоҳирии вайро дигаргун кардааст. Ф. Б. Мэйер менависад, ки авҷи аълои ҷалоли ин дигаргуншавии Мусо маҳз он буд, ки вай дар бораааш пай ҳам намебурд.

Ҳамаи мо ба андозаи муайян он чиро, ки он вақт Мусо аз сар гузаронд, аз сар гузаронида метавонем. Ҳар соате ки дар танҳоӣ бо Худо гузаронида шудааст, таъсири худро мегузорад. Ин метавонад дар маънои аслии калима дар чеҳраи мо инъикос ёбад, зеро дар миёни чизи рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ робитаи зич вуҷуд дорад.Аммо набояд ба чизи ҷисмонӣ аҳамияти хеле зиёд дод, охир, ба назар чунин менамояд, ки чеҳраи пайравони фирқаҳои гуногуни динӣ аз некӣ ва мулоимӣ медурахшанд. Барои мо аз ҳама муҳимтар ин аст, ки муносибати наздик бо Худо боиси дигаргунии ахлоқӣ ва рӯҳонии одам мегардад. Расул Павлус дар Номаи 2-юм ба Қуринтиён 3:18 маҳз дар бораи ҳамин гап мезанад: “Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст”.

Дараҷаи баландтарини ҷалоли ин дигаргунӣ он хоҳад буд, ки мо худамон дар бораааш комилан бехабар ҳастем. Онро дигарон возеҳу равшан дида метавонанд. Онҳо мефаҳманд, ки мо бо Исо будем. Аз чашмони худи мо бошад ин дигаргуниҳо ниҳон хоҳанд буд.

Пас ин бехабарӣ дар бораи рӯшноие ки чеҳраи мо бо он медурахшад, аз куҷост? Ҳама чиз хеле одист: ҳар қадар мо ба Худованд наздиктар шавем, ҳамон қадар равшантар дарк мекунем, ки то чӣ андоза гуноҳкор, носазовор ва ношоям ҳастем. Дар ҳузури пуршарафи Ӯ моро нафрат аз худ фаро мегирад, ва мо бо тавбаи самимӣ сар фуруд меоварем.

Агар мо медидем, ки чеҳраи мо нур мепошад, ҳатман ҳавобаландӣ мекардем, ва чеҳраи мо нафратовар мешуд, охир ҳавобаландӣ нафратовар аст. Бинобар ин баракати бехабарӣ барои ҳамаи онҳое ки дар кӯҳ ҳамроҳи Худованд буданд ва чеҳраҳояшон аз акси ҷалоли Ӯ медурахшиданд, калон аст.

**“Қасам ба ҳаёти Худованд, ки ту барои ин кор ҷазое нахоҳӣ кашид”**

*(1Подшоҳон 28:10)*

Якчанд сол пеш Шоул фармон дод, ки ҳамаи ҷодугарон ва фолбинон аз кишвар хориҷ карда шаванд. Аммо ҳозир корҳои ӯ рӯз то рӯз бадтару бадтар мешаванд. Самуил чашм аз олам пӯшид, фалиштиён боз ба лашкари Шоул, ки дар Ҷилбӯа урду задааст, таҳдид мекунанд. Шоул беҳуда кӯшиш мекунад, ки аз Худованд ягон ҷавоб гирад, ва он гоҳ вай барои ёрӣ ба ҷодугарзане аз Эйн-Дӯр мурочиат мекунад. Аз тарс ба ларз омада, зан ба подшоҳ хотиррасон мекунад, ки вай фармудааст, то ҳамаи ҷодугарон аз ҳудуди кишвар берун ронда шаванд. Ва ана акнун Шоул кӯшиш мекунад вайро ором созад: “Қасам ба ҳаёти Худованд, ки ту барои ин кор ҷазое нахоҳӣ кашид” (1Под. 28:10)

Дарс барои мо фаҳмост. Одамон танҳо ҳамон вақт моили итоат ба Худованданд, ки ин онҳоро ба ягон ҳолати нобоб гирифтор накунад. Ҳамин ки ин дигар онҳоро қаноат накунонад, онҳо дарҳол сабабҳо ва баҳонаҳои зиёд ёфта, тавре рафтор мекунанд, ки ба онҳо маъқул аст.

Ман “онҳо” гуфтам? “Мо” гуфтан дурусттар мебуд. Кадоме аз моён кӯшиш намекунад қонунҳои Навиштаҳоро риоя накунад, онҳоро таҳриф накунад, ба ченаки худ мувофиқ насозад ё ҳар замоне ки ба онҳо итоат кардан нахоҳад, онҳоро беэътибор эълон накунад?

Ҳамин тавр, масалан, Китоби Муқаддас комилан фаҳмо дар бораи нақши зан дар ҷамоат мегӯяд. Аммо ин таълимот ба талаботи феминизми муосир мухолиф аст. Пас мо чӣ кор мекунем? Мо мегӯем, ки сабаби ин талабот шароити фарҳангии он замон буд, ва аз ҳамин сабаб онҳо ба ҳаёти имрӯзаи мо тамоман дахл надоранд. Як бор ин принсипро ба сифати силоҳ гирифта, мо аллакай аз ҳар як қонуни Навишта раҳоӣ ёфта метавонем.

Баъзе аз он талаботе ки Исо ба шогирдон ва пайравони Худ пешкаш намуд, ба мо бисёр сахт таъсир мекунанд. Вақте мо ҳис мекунем, ки Ӯ аз мо чизи бениҳоят зиёдро талаб мекунад, мо мегӯем: “Исо умуман онро дар назар надошт, ки мо бояд инро ба ҷо оварем, балки мехост, ки мо хоҳиши ба ҷо овардани онро дошта бошем. Мо бо худфиребкунӣ машғулем, вақте фикр мекунем, ки мехоҳем, аммо нияти чунин рафтор карданро надорем.

Мо барои он аъзоёни ҷамоат, ки ба ҳеҷ ваҷҳ аз гуноҳ даст кашидан намехоҳанд, ҷазои сахтро талаб мекунем. Охир, Каломи Худо ҳаминро таълим медиҳад! Аммо ҳамин ки дар миёни онҳо хеш ё дӯсти мо бошад, мо барои сабук кардани чораҳои ҷазо ё ҳатто барои муносибати саҳлгирона ба гуноҳи онҳо кӯшишҳо ба харҷ медиҳем.

Боз як найранги дигар – ба “муҳим” ва “номуҳим” ҷудо кардани фармудаҳои Навиштаҳо. Ба он фармудаҳое ки ба гурӯҳи “номуҳим” афтодаанд, тамоман диққат надодан мумкин аст – ҳамин тавр, дар ҳадди ақалл, мо кӯшиш мекунем худамонро бовар кунонем.

Таълимоти Навишгаро таҳриф ва вайрон карда, мо ба роҳе медароем, ки ба касодӣ ва ҳалокати худи мо мебарад. Худо аз мо талаб мекунад, ки бечуну чаро ба Каломи Ӯ итоат кунем, новобаста ба он ки ин ба мо маъқул аст, ё не. Танҳо ин роҳ ба баракат мебарад.

**“Ва умед шарманда намекунад, чунки муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст”**

*(Румиён 5:5)*

Баъзе калимаҳо, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаамон истифода менамоем, дар луғати масеҳиён маънои дигар пайдо мекунанд. Яке аз онҳо калимаи “умед” аст.

Дар ҷаҳон “умед кардан” маънои бесаброна интизор шудани ягон чизи ҳанӯз диданашаванда аст, аммо бе дилпурии он, ки ин умуман ягон вақт ҷомаи амал мепӯшад. Мушкилоти молиявиро аз сар гузаронда, касе чунин гуфта метавонад: “Ман хеле умедворам, ки вазъият рӯ ба беҳбудӣ меоварад”, аммо вай дилпур нест, ки ҳама чиз айнан ҳамин тавр хоҳад буд. Умеди вай метавонад ҳубобчаи собун гардад. Умеди масеҳӣ низ бесаброна интизори омадани чизест, ки ҳоло аз чашм ниҳон аст. Павлус ба мо хотиррасон мекунад, ки “умед, вақте ки онро мебинанд, дигар умед нест; зеро кас агар чизеро бинад, чаро боз дар умеди он бошад?” (Рум. 8:24). Умед ҳар дафъа ба оянда робита дорад.

Умеди масеҳӣ аз умеди ҷаҳонӣ бо он фарқ мекунад, ки бар ваъдаи Каломи Худо асос ёфтааст, ин бошад маънои онро дорад, ки дар он ҳатто сояи шубҳа ё дудилагӣ нест. Умед “барои ҷони мо мисли лангари боэътимод ва мустаҳкам аст” (Ибр. 6:19). “Умед боварӣ аст, ки бар Каломи Худо такя мекунад ва дар замони ҳозира бо боварии комил зиндагӣ мекунад, ки ҳар он чи Худо ваъда карда, пешгӯӣ намудааст, ҳатман ба амал хоҳад омад” (Вудринг). Диққат диҳед, ки калимаи “умед” ба маънои “боварӣ” истеъмол мешавад. Дар зери мафҳуми умед дар Навиштаҳо он воқеаҳое дар назар дошта мешаванд, ки ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, дар оянда ҳатман рӯй медиҳанд. “Умед хаёли хом ва таваҳҳуме нест, ки дар мо зиндадилиро нигоҳ дошта, водор менамояд, ки кӯр-кӯрона ба пеш сӯи қисмати ногузири худ равона шавем. Умед асоси тамоми ҳаёти масеҳӣ аст. Умед воқеияти ниҳоӣ аст” (Ҷон Уайт).

Асоси умеди шахси масеҳӣ ваъдаи Худост, ин бошад маънои онро дорад, ки он ҳаргиз боиси дилхункӣ ва шармандагӣ намешавад (Рум. 5:5). “Бе ваъдаи Худо умед холӣ ва бесамар аст, баъзан бошад ҳатто худписандона густох мебошад. Бар ваъдаи Ӯ асос ёфта, он ба хислати Ӯ такя мекунад ва наметавонад боиси дилхункӣ гардад (Вудринг).

Дар бораи умеди масеҳӣ чун дар бораи умеди нек гуфта мешавад. “Худованди мо Исои Масеҳ ва Худо Падари мо, ки моро дӯст доштааст ва тасаллии абадӣ ва умеди некро бо файз ато намудааст” (2Тас. 2:16).

Дар бораи он чун дар бораи умеди муборак гуфта мешавад, махсусан нисбат ба омадани Масеҳ: “Ва мунтазири умеди муборак ва зоҳиршавии ҷалоли Худои бузург ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем” (Тит. 2:13).

Дар бораи он чун дар бораи умеди зинда гуфта мешавад. “(Ӯ) бо марҳамати бузурги Худ, ба воситаи растохези Исои Масеҳ аз мурдагон, моро таваллуди наве бахшид барои умеди зинда” (1Пет. 1:3).

Ин умед ба масеҳӣ қувват медиҳад, ки монеаҳои ба назари кас беохир менамударо бартараф намуда, ба мусибатҳо, таъқибот ва ҳатто марги пуразоб дучор шавад. Ӯ медонад, ки дар муқоиса ба ҷалоли оянда ҳамаи ин танҳо нохушиҳои хурди таассуфоваранд.

**“Писари худро ҷазо деҳ, ҳанӯз ки умеде ҳаст, ва аз гиряи ӯ ҷони худро накоҳон”**

*(Масалҳо 19:18)*

Мо дар ҷомеае зиндагӣ мекунем, ки дар он ҳама чиз мумкин аст. Барои гирифтани ҷавоб ба саволи “Чӣ тавр ман фарзанди худро дуруст тарбият кунам? волидон на ба Каломи Худо, балки ба равоншиносон ё ба ҷомеашиносон муроҷиат мекунанд. Бисёр калонсолон, ки худашон дар оилае ба воя расидаанд, ки дар он волидон калимаи “ҷазо”-ро шунида, аз даҳшат карахт намешуданд, қарор қабул мекунанд, ки ба фарзандон озодии номаҳдуд ва имконият барои хештангароӣ диҳанд. Самарҳои чунин тарбият чӣ гунаанд?

Ин кӯдакон бо ҳисси амиқи нобоварӣ калон мешаванд. Онҳо ба ҳаёт дар ҷомеа комилан мувофиқ нагардидаанд. Ҳал намудани масъалаҳои ба миён меомада ва бартараф кардани монеаҳо барои онҳо бениҳоят душвор аст; онҳо паноҳгоҳи худро дар нашъа ва май меҷӯянд. Агар волидонашон бо онҳо дар кӯдакияшон андаке ҷиддитар муомила мекарданд, тамоми ҳаёти минбаъдаи онҳо бешубҳа осон мегардид.

Ҳайратовар нест, ки дар ҳаёти онҳо ҳама чиз дарҳам-барҳам аст. Намуди зоҳирии онҳо, манзил ва одатҳои онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо равшан, сареҳ ва бомантиқ андеша карда наметавонанд, ва дар сари онҳо ҳарҷумарҷ ва бесарусомонӣ ҳукмрон аст.

Онҳо ба гурӯҳи “талабаҳои сехон” дохил мешаванд. Онҳо ба камолот рағбат надошта, ягон хоҳиш надоранд, ки дар варзиш, мусиқӣ, санъат, соҳибкорӣ ё дигар соҳаи ҳаёт комёб гарданд.

Дар миёни чунин кӯдакон ва волидони онҳо чуқурии дуршавӣ зуд калон мешавад. Волидон дилпур буданд, ки аз ҷазо додан даст кашида, онҳо миннатдорӣ ва муҳаббати абадии фарзандони худро ба даст меоваранд. Ба ҷои ин фарзандон нисбат ба онҳо ғайр аз нафрат дигар чизе ҳис намекунанд.

Оташи эътироф накардани эътиборноки падару модар соҳаҳои дигари ҳаётро низ, ба монанди мактаб, ҷои кор, ҳукумат, фаро мегирад. Агар волидон худсарии фарзандонашонро ҳанӯз дар кӯдакӣ мешикастанд, мувофиқ омадан ба ҳаёт дар ҷомеа ва итоат кардан ба талаботи он барои онҳо хеле осон мешуд.

Меъёрҳои маънавиёт ва ахлоқи Навишта низ таҳқиромезона рад карда мешаванд. Фармудаҳои Худоро дар бораи покӣ поймол карда, ҷавонон ба бадахлоқӣ ва рафтори беақлона дода мешаванд. Ба ҳама чизи нек ва пок бо бадбинӣ ва нафрат ва ба ҳама чизи ғайритабиӣ, ифлос, ношоиста ва нафратовар бо муҳаббат ва ваҷд муносибат мекунанд.

Ниҳоят, волидоне ки худсарии фарзандонашонро ба воситаи ҷазо аз байн набурдаанд, дар пеши роҳи онҳо ба сӯи наҷот монеаҳои калон мегузоранд. Тавбаи ҳақиқӣ фақат он гоҳ имконпазир аст, ки иродаи инсон, ки зидди фармонравоии Худо исён мекунад, шикаста мешавад. Ана барои ҳамин Сюзанна Уэслӣ гуфтааст: “Ҳар яке аз волидон, ки барои шикастани худписандӣ ва худсарии фарзанди худ кӯшиш мекунад, даст ба даст бо Худо барои таҷдид ва наҷот ёфтани ҷони вай меҳнат мекунад. Он волидоне ки аз кори бади фарзандонашон чашм мепӯшанд, ба осиёби иблис об рехта, динро нобобу наҷотро дастнорас мекунанд ва тамоми кӯшишро барои он ба харҷ медиҳанд, ки фарзанди худро – ҳам ҷон ва ҳам баданашро – ба лаънати абадӣ маҳкум кунанд”.

**“Ва тавре рафтор мекард, ки ҳамаи хурдон ва бузургон, сарватмандон ва бенавоён, озодон ва ғуломон бояд бар дасти росташон ё бар пешониашон тамға зананд, ва ҳеҷ кас харидан ё фурӯхтан натавонад, ғайр аз касе ки чунин тамға: номи ҳайвони ваҳшӣ ё шумораи номи онро дошт”**

*(Ваҳй 13:16,17)*

Тамғаи ҳайвони ваҳшӣ! Дар замони мусибати бузург бар ҷаҳон ҳокими қудратманд ва фасодкоре ҳукмронӣ хоҳад намуд, ки ба тамоми одамон фармон медиҳад, то ин тамғаро ба худ ё ба дасти рост ё бар пешониашон зананд. Онҳое ки розӣ намешаванд, ғазаби ҳайвонро мечашанд. Онҳое ки итоат мекунанд, ғазаби Худоро хоҳанд чашид. Онҳое ки розӣ намешаванд, бо Масеҳ дар Подшоҳии ҳазорсолаи Ӯ ҳукмронӣ хоҳанд кард. Онҳое ки итоат мекунанд, дар оташ ва кибрит дар пеши фариштагони муқаддас ва Барра азоб хоҳанд кашид.

Инро хонда, мо фикр мекунем, ки ин ба мо бевосита дахл надорад, охир ҳамаи ин дар оянда рӯй хоҳад дод, мо бошем, бовар мекунем, ки то он замон Ҷамоат аллакай ба осмон гирифта хоҳад шуд. Ҳар тавре ки бошад, тамғаи ҳайвони ваҳшӣ ба маънои муайян имрӯзҳо, яъне дар замони мо низ ҳаст. Дар ҳаёт бисёр вақт ҳолатҳое мешаванд, ки маҷбурем интихоб кунем, ки оё бояд ба Худо вафодор монем ва ё ба низоме итоат кунем, ки бар зидди Ӯ мубориза мебарад.

Гоҳо, масалан, барои ба кор қабул шудан, мо бояд ба шартҳое розӣ шавем, ки бо Навишта мухолифанд. Барои ин баҳона ёфтан чандон мушкил нест. Агар мо кор надошта бошем, барои худ хӯрокворӣ харида наметавонем. Бе хӯрок бошад, ягон кас зиста наметавонад. Аммо, охир, зистан лозим аст, ҳамин тавр не? Ба дурӯғ будани ин баҳона аҳамият надода, мо ба шартҳои пешниҳодшуда розӣ мешавем, ва, ба ибора, тамғаи ҳайвони ваҳширо қабул мекунем.

Ҳар он чи ба мавҷуд будани мо ақаллан таҳдиди хурдтарине дорад, моро ба воҳимаи даҳшатнок меандозад. Васвасаи ҳама чизро қурбонӣ кардан, то ки таҳдид аз мо дур шавад, чӣ қадар калон аст! Барои сафед кардани парастиши тимсоли ҳайвони ваҳшӣ ҳангоми мусибати бузург одамон худи ҳамон далелу бурҳонеро хоҳанд овард, ки имрӯз ба фикри мо меоянд, ҳангоме ки дар пеши интихоби байни ҳақиқати Худо ва ҳаёти мо меистем.

Чунин шумоof ридан, ки мо бояд барои зинда мондан кӯшиш кунем, гумроҳии бузург аст. Ягона чизе ки мо ҳақиқатан бояд кунем, дар ҳама чиз ба Худо итоат кардан аст. Ф. У. Грант навишта буд: “Дар он тангае, ки мо ба ивази фурӯши ҳақиқат мегирем, ногузир, агарчи аксаран ба чашми мо аён нест, нимрухи зиддимасеҳ сикка зада шудааст . Бинобар ин ба ҷои фикр кардан дар бораи он, ки агар ман дар замони мусибати бузург зиндагӣ мекардам, оё аз қабул кардани тамғаи ҳайвони ваҳшӣ даст мекашидам, аз худ пурсидан беҳтар аст: “Оё ман имрӯз ба фурӯхтани ҳақиқат розигӣ намедиҳам?”

**“Оё даҳ нафар пок нашуданд? Пас он нӯҳ нафар куҷоянд?”**

*(Луқо 17:17)*

Худованд Исо даҳ махавиро шифо дод, аммо танҳо яктоаш баргашт, то ба Ӯ миннатдорӣ баён кунад ва ин сомарие буд, ки ҳама аз вай нафрат доштанд.

Вохӯрӣ бо ношукрӣ яке аз дарсҳои муҳим дар ҳаёти мост, охир танҳо ҳамон вақт мо ақаллан тасаввури норавшане дар бораи дарде ки дили Худоро мехарошад, пайдо мекунем.

Агар дар ҷавоб ба тӯҳфаи саховатмандонаамон ҳеҷ гуна миннатдорӣ набинем, боз ҳам бештар Ҳамонеро қадрдонӣ мекунем, ки Писари дӯстдоштаи Худро барои ҷаҳони ношукр дод. Агар мо худро комилан ба хизмати доимӣ ба дигарон супорем, он гоҳ бо Оне мушоракат мекунем, ки барои инсонияти ношукр ҷои ғуломро гирифт. Ношукрӣ яке аз хусусиятҳои нафратангези одами гуноҳолуд аст. Павлус ба мо хотиррасон мекунад, ки вақте ҷаҳони ғайрияҳудӣ Худоро нашинохт, он на фақат Ӯро чун Худо ҷалол надод, балки шукр ҳам нагуфт (Рум. 1:21).

Як миссионер ошкор намуд, ки дар забони ду қабилаи бразилӣ ҳатто калимаи “раҳмат” набуд. Агар ягон кас ба онҳо хизмат мекард, онҳо чунин мегуфтанд: “Ин чизест, ки ман мехостам”, ё “Ин ба ман даркор мешавад” Миссионери дигар, ки дар Африқои Шимолӣ кор мекард, фаҳмид, ки шахсоне ки вай ба онҳо ёрӣ медод, ҳаргиз изҳори миннатдорӣ намекарданд, зеро, ёриашро қабул карда, онҳо ба вай имконият медоданд, ки илтифоти Худоро ба даст оварад. Пас, маҳз вай бояд миннатдор бошад, ки онҳо иҷозат доданд, то вай ба онҳо ёрӣ диҳад.

Тамоми ҷомеаи мо ношукриро ба куллӣ ба худ ҷаббидааст. Яке аз барномаҳои радио ба 2500 нафар одамон ёрӣ дод, ки кор пайдо кунанд. Дертар барандаи он нақл кард, ки танҳо даҳ одам вақт ёфтанд, то якчанд сатр навишта, барои ёрӣ миннатдорӣ баён кунанд.

Як муаллима тамоми ҳаёти худро ба кор дар мактаб бахшида, тамоми қуввати худро ба хонандагон медод. Вақте вай 80-сола шуд, аз толибаи собиқи худ нома гирифт, ки ӯро барои меҳнати фидокоронааш миннатдорӣ мекард. Вай дар мактаб 50 сол кор кард, ва ин ягона мактуб бо суханони миннатдорӣ буд, ки вай дар давоми тамоми ин солҳо гирифт.

Мо аллакай гуфта будем, ки чунин вохӯрӣ бо ношукрӣ то чӣ андоза барои мо фоиданок аст, зеро он вақт мо дар бораи он чи Худованд доимо ҳис мекунад, тасаввуроти хирае пайдо мекунем. Ин ҳамчунин аз он сабаб фоиданок аст, ки ба мо хотиррасон мекунад, ки худамон низ миннатдориро фаромӯш накунем. Бисёр вақт қатраи шукргузории мо ба Худованд дар селоби бузурги хоҳишҳо ва илтиҷоҳо ба Ӯ гум мешавад. Аксар вақт мо баракати Ӯро чун як чизи худ аз худ маълум қабул мекунем. Ва бисёр вақт мо фаромӯш мекунем, ки ба дигарон барои меҳмоннавозиашон, насиҳаташон, ғамхориашон ва барои некӯкориҳои бешуморашон изҳори миннатдорӣ намоем. Дере нагузашта мо фаромӯш мекунем, ки бо ягон чиз сазовори ин нашудаем, ва чунин ҳисоб мекунем, ки ҳамаи ин ба мо аз рӯи ҳақ тааллуқ дорад.

Ҳикоя дар бораи даҳ махавӣ бояд доимо ба мо ёдрас намояд, ки агарчи одамони зиёд барои миннатдор будан сабаб доранд, танҳо якта-нимтои онҳо дар худ қувват меёбанд, то инро эътироф кунанд. Оё мо низ дар миёни онҳо хоҳем буд?

**“Зеро Масеҳ, ҳангоме ки мо ҳанӯз суст будем, дар вақти муқарраршуда барои худонотарсон мурд”**

*(Румиён 5:6)*

Масеҳ барои он наомад, ки росрткоронро назди Худ даъват намояд, ва Ӯ барои шаҳрвандони дурусткор ҷон надод. Вай асло барои одамони шарафманд, мӯҳтарам ва боадаб ба салиб набаромад. Ӯ барои исёнкорон мурд.

Дар назари Худо, албатта, тамоми инсоният ба қатори исёнкорон дохил мешавад. Ҳамаи мо дар гуноҳ зода шуда, дар беқонунӣ пайдо шудаем. Мо, мисли гӯсфандони гумроҳ роҳи ростро гум карда, якравона бо роҳи худ меравем. Дар назари Худои қуддус ҳамаи мо фосид, вайрон, нопок ва беитоат ҳастем. Тамоми кӯшишҳои ғайратмандонаи мо барои некӣ кардан чизе бештар аз ҷандаҳои ифлос нестанд.

Тамоми бадбахтӣ дар ин аст, ки аксари одамон худро исёнкор эътироф кардан намехоҳанд. Худро бо ҷинояткорон муқоиса намуда, онҳо худро қариб фариштагоне мешуморанд, ки барояшон ҷой дар осмон кафолат дода шудааст. Онҳо ба як бонуи ҳалолкоре аз табақаи баланди ҷомеа монананданд, ки бо фаъолияти ҷамъиятӣ ва хайроти саховатмандонаи худ ба ташкилотҳои хайрия аз ҳад зиёд фахр мекунад. Ҳангоме ки рӯзе ҳамсояи масеҳиаш бо вай дар бораи салиби Ҷолҷолто сухан ронд, вай арз намуд, ки ӯро наҷот додан зарур нест, зеро корҳои некаш иҷозатномаи вай ба осмонҳо хоҳад буд. Вай ба ӯ ёдрас кард, ки доимо ба ҷамоат меравад ва дар насли даҳум масеҳӣ аст. Он гоҳ ҳамсоя варақи коғазеро гирифта, дар он бо ҳарфҳои калон “исёнкор” навишт ва ба тарафи вай рӯ гардонда, пурсид: Оё мумкин аст ин варақро ба куртаи шумо часпонам?” Дар он калимаи “исёнкор”-ро хонда, ин хонума ба ғазаб омада гуфт: “Алабатта, не! Чӣ тавр забонатон тоб мехӯрад, ки маро исёнкор номед?!” Он гоҳ ӯ ба вай фаҳмонд, ки то даме ки вай ба гуноҳкор будани худ иқрор нашавад, вазъияташ беилоҷ аст ва барои вай аз қурбонии кафораткунандаи Масеҳ ягон фоида нахоҳад буд. Агар вай минбаъд ҳам исёнкор будани худро эътироф кардан нахоҳад, пас Масеҳ барои вай намурдааст. Агар вай ҳеҷ гоҳ талаф нашуда бошад, ҳаргиз наҷот нахоҳад ёфт. Агар вай солим бошад, ба вай духтури бузург лозим нест.

Боре дар толори аз ҳама калони шаҳр базми махсусе оростанд. Ба он кӯдакони маъюб даъват шуда буданд. Кӯдакон бо асобағалҳо меомаданд, онҳоро дар сечарха барои маъюбон меоварданд, кӯронро аз даст гирифта меоварданд. Вақте ки ид дар авҷи аъло буд, яке аз полисҳо дид, ки дар зинапоя кӯдаке нишаста, зор-зор мегаряд.

“Чаро ту гиря мекунӣ?” – бо ҳамдардӣ пурсид вай.

“Онҳо ба ман иҷозат надоданд, ки дароям”.

“Чаро ба ту иҷозат надоданд?”

“Чунки ман ягон нуқсони ҷисмонӣ надорам”, – ҳиқ-ҳиқкунон гуфт кӯдак.

Дар базми инҷилӣ низ чунин хоҳад буд. Агар ҳеҷ як айбу нуқсон андошта бошед, шумо дар он иштирок карда наметавонед. Барои чипта гарифтан шумо бояд гуноҳкор будани худро исбот намоед. Шумо бояд эътироф кунед, ки исёнкор ҳастед. Охир Масеҳ танҳо барои исёнкорон мурд. Чунон ки Роберт Мангерт гуфтааст: “Ҷамоат ягона иттиҳоде дар ҷаҳон аст, ки ҳуқуқи узви он шуданро танҳо номзаде дорад, ки тамоман шоистаи ин нест”.

### “Ҳавобаландӣ накунед, балки фурӯтан бошед”

*(Румиён 12:16)*

Хоҳиши робита доштан бо табақаҳои баланди ҷамъият хеле табиист! Дар дили ҳар кас майли сӯҳбат бо шахсони барҷаста, сарватмандон ва ашрофзодагон сокин аст. Бинобар ин ягон касе нест, ки маслиҳати Павлус ба вай сахт таъсир накарда бошад: “Ҳавобаланд ва калонгир набуда, бо шодӣ ва майли тамом бо онҳое муносибат кунед, ки дар зинаи пасти зинапояи иҷтимоӣ меистанд”. Дар Ҷамоат табақа нест. Масеҳиён бояд аз ҳар гуна тақсимот ба синфҳо баландтар бошанд.

Рафтори Фред Эллиот намунаи чунин муносибат буда метавонад. Боре саҳаргоҳон, пас аз хӯроки наҳорӣ бо тамоми оилааш Китоби Муқаддасро хонда, вай дар ҳавлӣ садое ва ғиҷирросеро шунид. Вай фаҳмид, ки ахлотҷамъкун омадааст. Бинобар ин вай Китоби Муқаддаси кушодаро бар рӯи миз гузошта, пеши тиреза омад ва онро кушода, хурсандона ба ахлотҷамъкун салом гуфт, сипас назди миз омада, хонишро давом дод. Ба ахлотҷамъкун якчанд сухани нек гуфтан барои вай чун хониши Китоби Муқаддас муҳим буд.

Боз як хизматгори Худо буд, ки кӯшиш мекард ба ин маслиҳати Павлус бегуфтугӯ пайравӣ намояд. Ҳар фасли тобистон дар бунгоҳи сайёҳон дар соҳили кӯли Шруни иёлати Ню-Йорк дтаҳти роҳбарии Ҷек Уиртсен семинарҳо ва конфронсҳои Китоби Муқаддас гузаронда мешуданд. Дар миёни меҳмононе ки ба яке аз ин конфронсҳо омаданд, масеҳие низ буд, ки аз бемории ҷиддӣ азоб мекашид. Вай мушакҳои рӯи худро идора карда наметавонист ва аз ҳамин сабаб наметавонист тамоми хӯрокеро, ки ба даҳон мегузошт пурра фурӯ барад. Қисми зиёди он аз даҳонаш ба рӯзномаҳое меафтиданд, ки вай бо онҳо сина ва зонуҳои худро мепӯшонд. Ин манзараи чандон гуворо набуд, махсусан дар сари мизи хӯрок, аз ҳамин сабаб ин одам дар сари миз доимо танҳо менишаст. Аз боиси фаровонии корҳои таъхирнопазир Ҷек Уиртсен бисёр вақт ба ошхона дертар меомад. Ӯро назди дар дида, бисёриҳо даст ҷунбонда, ба сари мизи худ даъват карданд. Аммо Ҷек ягон маротиба даъвати онҳоро напазируфт. Ӯ доимо ба мизе равона мешуд, ки дар он ин меҳмони вай дар танҳоӣ хӯрок мехӯрд. Ӯ кӯшиш мекард, то назди онҳое бошад, ки аз вай пасттар меистоданд.

“Генерали масеҳӣ бо пиразани камбағале муддати дуру дароз сӯҳбат мекард. Дӯстонаш инро дида, ба қаҳр омаданд ва гуфтанд: “Генарал, Шумо набояд рутба ва мансаби худро фаромӯш кунед”. Дар ҷавоб онҳо шуниданд: “Агар Худованди ман танҳо дар хусуси мартабаву мансаби Худ фикр мекард, чӣ мешуд?” (Чойс Глинингс).

Дар яке аз достонҳои худ Роберт Бернс ба мо хотиррасон мекунад, ки одам ҳатто ба мартабаи пасташ дар ҷамъият нигоҳ накарда, одам мемонад. Вай мегӯяд: “Одаме ки дар фикррониии худ мустақил аст, бар намоишкории дабдабаноке, ки аблаҳони шоҳипӯш барпо мекунанд, аз дилу ҷон хандида метавонад.

Ҳангоме дар бораи он андеша мекунем, ки Наҷоткори мо то чӣ дараҷа паст фаромад, то бо мо дар як зина истад, бо дигарон ҳамин гуна рафтор кардан нахостани мо бемаънӣ метобад.

## 21 СЕНТЯБР

**“Ва акнун барои ман тоҷи росткорӣ омода гардидааст, ки онро Худованд, Довари одил, дар он рӯз ба ман медиҳад; ва на танҳо ба ман, балки низ ба ҳамаи онҳое ки зоҳир шудани Ӯро дӯст доштанд”**

*(2 Тимотиюс 4:8)*

“...балки низ ба ҳамаи онҳое ки зоҳир шудани Ӯро дӯст доштанд”. Ман солҳои зиёд чунин фикр мекардам, ки ин суханон ба имондороне дахл доранд, ки ба факти омадани Ӯ ҳиссиёти гарм ва риққатовар доранд. Мукофоти онҳо тоҷи росткорӣ хоҳад шуд, охир ҳар боре ки онҳо дар бораи ба осмон гирифта шудани Ҷамоат фикр мекунанд, дар чашмонашон ашкҳои шодӣ пайдо мешаванд.

Дар асл бошад маънои ин суханон хеле васеътар аст. Зоҳир шудани Ӯро дӯст доштан маънои онро дорад, ки шумо доимо дар дурахши омадани Ӯ зиста, тавре рафтор мекунед, ки гӯё Ӯ пагоҳ бояд биёяд.

Зоҳир шудани Ӯро дӯст доштан маънои дар покии ахлоқӣ зистанро дорад. Зеро, чунон ки Юҳанно ба мо хотиррасон мекунад, “ва ҳар кӣ аз Ӯ чунин умед дорад, худро пок менамояд, чунон ки Ӯ пок аст” (1Юҳ. 3:3)

Ин маънои онро дорад, ки шумо ба дили худ имкон намедиҳед, то ба ягон чизи заминӣ одат кунад. Мо бояд на ба он чизе иштиёқманд бошем, ки дар ин ҷаҳон аст, балки ба он чизе ки дар осмон аст (Кул. 3:2).

Ин маънои ба фарзандони Худо хизмат карданро дорад, то ки ба онҳо дар сари вақт хӯрок дода шавад (Мат. 24:45). Худованд барои онҳое ки ҳангоми омадани Ӯ бо ин машғул хоҳанд буд, баракати махсусеро тайёр кардааст.

Дигар хел карда гӯем, ин маънои онро дорад, ки мо танҳо он корҳоеро хоҳем ба ҷо овард, ки ҳангоми омаданаш аз онҳо шарм нахоҳем кард. Мо фақат ба ҷойҳое хоҳем рафт, ки ҳангоми наздик шудани Ӯ аз он ҷо шитобон рӯ ба гурез наоварем. Мо ягон чизе нахоҳем гуфт, ки Ӯро меранҷонд, агар Ӯ назди мо меистод.

Агар шумо медонистед, ки Масеҳ пас аз як ҳафта меояд, пас ин ҳафт рӯзро ба чӣ мебахшидед? Оё худро аз кор озод карда, дар кӯҳ ягон ҷои хилват меёфтед ва тамоми рӯзро дар дуо ва хониши Китоби Муқаддас мегузарондед? Оё тамоми вақти худро ба меҳнати масеҳӣ бахшида, шабу рӯз Инҷилро мавъиза мекардед?

Аммо агар мо имрӯз ҳақиқатан дар муносибати зич бо Худованд зиндагӣ карда, хости Ӯро бегуфтугӯ иҷро намоем, фардо омадани Ӯ шунида, ба ҳар ҳол чун пештара зистанро давом медодем. Агар пеш аз ҳама барои худ зиндагӣ кунем, албатта, лозим меояд, ки рафтори худро тамоман дигар кунем.

Хеле хуб аст, агар ягон кас бо хурсандӣ омадани Ӯро интизор шавад. Аммо фақат интизор шудан кам аст. Тоҷи росткорӣ барои онҳое тайёр шудааст, ки омадани Ӯро чунон дӯст медоранд, ки ин ҳақиқат тамоми ҳаёти онҳоро дигаргун мекунад. Ҳақиқатро дар бораи омадани пурҷалоли Ӯ соҳибӣ кардан кам аст, ин ҳақиқат бояд шуморо соҳибӣ кунад.

## "...“Омин” гӯяд"

*(1Қуринтиён 14:16)*

Вақте мо мехоҳем ҷонибдории пурраи худро ба чизи гуфташуда изҳор кунем, ҳар бор калимаи “омин” ба кӯмаки мо мешитобад. Барои бисёр ҷамоатҳо бештар истифода бурдани он дар хизматгузорӣ фоиданок мебуд. Дар Китоби Муқддас ин калима 68 бор зикр мешавад. Шубҳае нест, ки он бисёр вақт ҳангоми ҷамъомадҳои хизматгузории масеҳиёни аввалин садо медод (1Қур. 14:15,16). Бинобар ин мо бо боварии қатъӣ гуфта метавонем, ки истифодаи калимаи “омин” аз ҳеҷ як ҷиҳат ба таълимоти Китоби Муқаддас мухолифат надорад.

Истифодаи ин калима на танҳо мумкин, балки ҳатто зарур аст. Охир ҳақиқатҳое ки дар бораашон мешунавем, чунон баланд ҳастанд, ки “даҳон аз пурии дил сухан мегӯяд”. Ба ҷои ҷонибдории пурваҷди худро ба чизи шунидашуда изҳор намудан, бо рӯи сангин нишаста лабҳоро ҷафс кардан носипосии сиёҳ мебуд.

Пас аз он ки воиз яке аз ҳақиқатҳои муҳими мавъизаи худро ошкор менамояд, “омин” гуфтани шунавандагон ба вай қуввати нав мебахшад. Вай мебинад, ки шунавандагон бо диққат инкишофи фикрро мушоҳида мекунанд, ки онҳо на фақат бо ақл, балки ҳам рӯҳан ва ҳам эҳсосан худро ба худи ҳамон мавҷе мувофиқ кардаанд, ки воиз худро ба он мувофиқ кунондааст.

Ин ба шахсе ки “омин” мегӯяд, фоида оварда, ба вай ёрӣ медиҳад, то бо шавқ ва диққати доимӣ гӯш кунад, ва ӯро аз беҳавсалагӣ ва бепарвоӣ нигоҳ дорад.

Ман мегуфтам, ки ин ба беимононе ки ба ҷамоат меоянд, низ фоида меоварад. Онҳо дида метавонанд, ки масеҳиён пурғайрат ҳастанд, ва онҳо аз имони худ  ба ваҷд омадаанд, ва онҳо ҳақиқатан ба чизе ки ба он имон доранд, бовар мекунанд. “Омин”-и серовоз дар бораи ҳаёт ва ҷидду ҷаҳд дарак медиҳад, хомӯшии том бошад дар бораи дилтангӣ ва андӯҳгинии берӯҳ.

“Омин” яке аз се калимаи Навишта аст, ки амалан ба ҳар сокини кураи замин фаҳмо мебошад. Охир дар тамоми забонҳо онҳо қариб як хел садо медиҳанд. Бинобар ин, дар ҳар куҷое ки бошед, метавонед чунин гӯед: “Мороното! Ҳалелуёҳ! Омин!”, ва одамон мефаҳманд, ки шумо чунин мегӯед: “Худованд меояд! Ҷалол бод ба Худованд! Чунин бошад”.

Бояд дар ёд дошт, ки “омин” на дар ҳар ҳолат бамаврид аст. Кӣ ғайратмандии пурваҷдро нишон медиҳад, агар бо бадбахтӣ, фоҷиа ё андӯҳи ягон кас рӯ ба рӯ шавад?

Шармандагист, ки дар баъзе ҷамоатҳо “омин” гуфтанро фақат аз он сабаб тамоман бас кардаанд, ки он бениҳоят бисёр вақт дар ҷамъомадҳое садо медиҳад, ки дар он ваҷди хурӯшон ҳукмрон аст. Ҳеҷ чиз дар ин ҷаҳон, ҳатто чизи беҳтарин, аз суиистифода муҳофизат нашудааст. Аммо наход мо ихтиёрӣ аз ин калимаи хуби Китоби Муқаддас танҳо аз он сабаб даст мекашем, ки касе онро дар вақти нодаркор ва дар ҷои нодаркор истифода мебарад? Омин?

# 23 СЕНТЯБР

**“Ба машварати онҳо ҷони ман дохил нашавад”**

*(Ҳастӣ 49:6)*

Ин суханонро Яъқуб ҳангоми баракат додан ба писарони худ гуфта буд. Рафтори бераҳмонаеро, ки Шимъӯн ва Левӣ нисбати мардони шаҳри Шакем карда буданд, ба хотир оварда, вай гуфт: “Ба машварати онҳо ҷони ман дохил нашавад”.

Дар ин суханони Яъқуб ҳақиқати бузург ниҳон аст. Барои мо хуб хоҳад буд, агар ҳаргиз сирру рози бо гуноҳ робитадоштаро надонем.

Васваса, ниқоби аз ҳама меҳрубонро пӯшида, ба мо пичир-пичир мекунад, ки хушбахтии ҳақиқиро мо ҳамон вақт мечашем, ки асрори аз ҳама ниҳони бадӣ ба мо ошкор шаванд. Он ба мо пешниҳод мекунад, ки ҳаловати ҷисмонӣ барем, аз ваҷд ба ларза оем, рӯҳбаландии хурӯшонро бичашем, ва доми чизҳои ноозмуда ва даркнашударо мегузорад.

Бисёриҳоро, махсусан онҳоеро, ки пеш ҳаёти оромона ва мунтазам ба сар мебурданд, ин даъватҳо аз оромии рӯҳӣ маҳрум мекунанд. Онҳоро ҳиссиёте фаро мегирад, ки маҳз лаззати ҳақиқиро онҳо начашидаанд. Онҳо худашонро маҳрумшуда ҳисоб намуда, дилпур мешаванд, ки то дар бораи ин ҷаҳон тасаввуроти пурра пайдо накунанд, лаззати ҳақиқиро чашида наметавонанд.

Бадбахтӣ дар он аст, ки гуноҳ ҳеҷ гоҳ танҳо намеояд. Дар он хатарҳое ниҳонанд, ки аз назари аввал номаълуманд ва аз ақиби он оқибатҳои зиёд меоянд. Ягон гуноҳро бори аввал чашида, мо ба селоби дарду пушаймонӣ роҳ мекушоем.

Ҳар қадар зиёд мо ба васваса афтем, ҳамон қадар бори дигар ба он муқобилат кардан душвортар мегардад. Дар ин роҳ як қадам гузошта, мо хоҳем дид, ки қадамҳои дуюм ва сеюм ба мо бо осонӣ дода мешаванд. Мо дар соҳаи гуноҳ хеле зуд кордон мешавем. Мо ба ғуломони гуноҳ табдил меёбем, ки бо занҷирҳои одат занҷирбанд шудаанд.

Дар худи он лаҳзае ки мо ба васваса меафтем, чашмони мо воз мешаванд, мо дилҳоямонро барои чунин ҳиссиёти тезе мекушоем, ки пештар ба мо номаълум буд. Ангезиши пурваҷди вайрон кардани манъи гуноҳ бо ҳисси даҳшатноки бараҳнагии ахлоқӣ иваз мешавад. Албатта, ин гуноҳро эътироф намуда, бахшиш ба даст овардан мумкин аст, аммо то охири ҳаёт, ҳангоми вохӯрдан бо шариконии ҳаёти пештараи айёшона, мо сахт шарм хоҳем кард. Ҳар боре ки мо маҷбур мешавем аз ҷойҳое гузар кунем, ки дар онҳо пештар беақлӣ мекардем, манзараҳои нафратовар ба ёдамон хоҳанд омад. Дар дақиқаҳои аз ҳама пок, равшан ва муқаддас хотираҳо дар бораи чизҳои бадтарин ва нопок назди мо омада, дар мо ларзиши нафрат ва ноумедиро ба вуҷуд хоҳанд овард, вақте аз лабҳо садои нола мебарояд.

Барои ин гуноҳҳо бахшоиши Худоро ба даст овардан хеле хуб аст, аммо сирру асрори онҳоро надонистан боз ҳам беҳтар аст. Он чи худро чун сирри олидараҷа вонамуд мекунад, ниҳоят хоби даҳшатовар мегардад. Лаззат зуд ба даҳшат табдил меёбад, аз пайи лаҳзаи ишқи шаҳвонӣ солҳои зиёди пушаймонии талх меоянд. Ҳангоми ба васваса дучор шудан бигзор ҷавоби мо чунин бошад: “Ба машварати онҳо ҷони ман дохил нашавад”.

**“Ба фол гирифтаам...”**

*(Ҳастӣ 30:27)*

Лобон дар таҷрибаи худ боварӣ ҳосил кард, ки Парвардигор ӯро ба хотири Яъқуб баракат медод. Ин барои ӯ дарси хеле фоиданок буд. Таҷриба муаллими бузург аст.

Ҳар гоҳ ман мебинам, ки воқеаҳои ҳаётамон барои амиқтар фаҳмидани оятҳои Китоби Муқаддас ёрӣ медиҳанд, ба ҳайрат меафтам. Ин оятҳоро, шояд, мо кайҳо боз аз ёд медонем, аммо дар ҳаёт бо ягон чизи нав рӯ ба рӯ шуда, мо пай мебарем, ки чӣ тавр ин оятҳо таъсирбахш мешаванд. Ба назар чунин менамояд, ки дурахши дарунии онҳо беш аз пеш равшантар мешавад, ва мо онҳоро ба таври нав қадрдонӣ мекунем.

Зани Мартин Лютер боре гуфтааст, ки агар Худо дар ҳаёти ӯ мусибатҳову андӯҳҳои муайянеро роҳ намедод, ӯ ҳаргиз маънои ҳақиқии баъзе оятҳои Забурро намефаҳмид.

Даниэл Смит ва занаш солҳои зиёд дар Хитой чун миссионер хизмат мекарданд. Боре шабона гурӯҳи ғоратгарон дар девори хонаи онҳо як сӯрохии калон буриданд. Замоне ки соҳибони хона хобида буданд, ғоратгарон тамоми чизҳои дар сандуқ, қуттиҳо ва дар ҷевон бударо ғорат намуданд. Агар миссионерон чунин сахт хоб намерафтанд, онҳоро бешубҳа мекуштанд. Дертар, ин воқеаро нақл карда, ҷаноби Смит гуфта буд: «Танҳо ҳамон саҳар ман ҳақиқатан суханони Ҳабаққукро фаҳмидам: “Агарчи дарахти анҷир гул накунад, ва токҳо бор наоваранд, ва меваи зайтун мувофиқи чашмдошт набошад, ва киштзорҳо ҳосил надиҳанд, ва гӯсфандон аз қӯра талаф шаванд, ва говҳо дар оғил мавҷуд набошанд, вале ман дар Худованд шод хоҳам буд, ва дар Худои наҷоти худ ба ваҷд хоҳам омад” (Ҳаб. 3:17). Вай дар назар дошт, ки шодии пайғамбарро дар миёни тамоми мусибатҳое ки ба сари вай афтодаанд, то охир фаҳмидан номумкин аст, то даме ки худат ба ин гуна ҳолат наафтӣ.

Вақте Коррӣ Тен Бум дар лагери консентрасионӣ буд, мебоист ягон рӯз назди довар ҳозир мешуд. “Довар... ба ҳар ҳол бояд вазифаҳои худро иҷро мекард, ва рӯзе фаро расид, вақте вай ба ман ҳуҷҷатҳоеро нишон дод. Дар он на фақат барои ман, балки барои оила ва дӯстони ман низ ҳукми қатл бароварда шуда буд. “Оё шумо фаҳмонда метавонед, ки ин ҳуҷҷатҳо аз куҷоянд?”, – пурсид вай. “Не, наметавонам”, – иқрор шудам ман. Ногаҳон вай ин ҳуҷҷатҳоро гирифта ба оташдон партофт! Ба оташе ки ин коғазҳои ба марг маҳкумкунандаро фурӯ мебурд, нигоҳ карда ман медонистам, ки қуввати Худо маро нигоҳ медорад ва тамоми ҳақиқати суханони Кулассиён 2:14-ро сахттар ҳис намудам: “Ва он дастнависро, ки... моро маҳкум менамуд ва бар зидди мо буд, Ӯ хат зада, аз миён бардошт ва бар салиб мехкӯб кард”.

Ҳамаи он воқеаҳое ки ба шарофати онҳо мо фаҳмиши нав ва амиқтари Навиштаи Муқаддасро пайдо мекунем, то чӣ андоза арзишманданд!

**“Оё акнун, чун ҳақиқатро ба шумо мегӯям, душманатон шудаам?”**

*(Ғалотиён 4:16)*

Муносибатҳои дутарафа, ки дар миёни Павлус ва масеҳиёни Ғалотия ба вуҷуд омада буданд, ба ҳамаи мо ёдрас мекунанд, ки бисёр вақт ба дӯстон ҳақиқатро гуфта, мо онҳоро ба душманони худ табдил медиҳем. Расул ба ғалотиён роҳро ба сӯи Масеҳ нишон дода, дар имон ба онҳо ғизо медод. Аммо акнун, вақте ба ҷамъомадҳои масеҳиён муаллимони дурӯғин ворид шуданд, Павлус маҷбур буд имондоронро огоҳ намояд, ки онҳо ба хотири шариат Масеҳро тарк карда истодаанд. Маҳз аз ҳамин сабаб онҳо ба падари худ дар имон бо ин гуна бадхоҳӣ муносибат карданро сар карданд.

Дар замони Аҳди Қадим низ ҳамин тавр буд. Дар сӯҳбатҳои худ бо Аҳъоб Илёс доимо поквиҷдон буда, рӯбинӣ намекард. Бо вуҷуди ин, боре бо пайғамбар вохӯрда, подшоҳ аз вай пурсид: “Оё ту ҳастӣ, ки Исроилро ба изтироб андохтаӣ?” (3Под. 18:17). “Ту... Исроилро ба изтироб андохтаӣ?” Охир Илёс яке аз беҳтарин дӯстони Исроил дар давоми тамоми таърихи он буд! Аммо ба ҷои суханони миннатдорӣ барои вафодории худ вай танҳо шунид, ки ӯро дар шӯрандозӣ айбор мекунанд.

Микойҳу низ ҳамин гуна пайғамбари нотарс буд. Ҳангоме Еҳӯшофот пурсид, ки оё ягон пайғамбари Худованд ҳаст, ки ба вай барои маслиҳат муроҷиат кардан мумкин аст, подшоҳи Исроил ҷавоб дод: “Боз як мард ҳаст, ки ба воситаи вай аз Худованд пурсидан мумкин аст, вале ман аз вай нафрат дорам, зеро ки вай дар ҳаққи ман ба хубӣ пайғамбарӣ намекунад, балки ба бадӣ” (3Под. 22:8). Подшоҳ ҳақиқатро шунидан намехост, ва аз ҳар кӣ онро ба вай мегуфт, нафрат мекард.

Дар Аҳди Нав мо мехонем, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда ба Ҳиродус чунин гуфта буд: “Зани бародари худро гирифтани ту раво нест” (Мар. 6:18). Вай ҳақро мегуфт, аммо барои чунин изҳороти ҷасурона дере нагузашта ба дасти ҷаллод афтод.

Яҳудиёни беимон аз Исо нафрати сахт доштанд. Пас онро чӣ ба вуҷуд овард? Он ҳақиқат, ки Исо доимо ба онҳо сухани ҳақ мегуфт. Ӯ гуфта буд: “Ҳоло Маро куштан мехоҳед, ва Ман Шахсе ҳастам, ки ростиро... ба шумо мегӯям” (Юҳ. 8:40).

Томас Ҷефферсон навишта буд: “Агар шумо худро аз ҳар гуна зуҳуроти бадӣ нигоҳ доштан хоҳед, бояд худро бо иҷрои якоҳанги вазифаҳои ҳаррӯза маҳдуд намоед. Ҳар гуна масъала ду тараф дорад, ва агар шумо қатъиян ба ҳалли яке аз онҳо шурӯъ кунед ва муваффақ шавед, он гоҳ онҳое ки ба ҳалли тарафи дигари масъала сар кардаанд, бешубҳа ҳар қадар ки комёбии шумо бузургтар бошад, ҳамон қадар аз шумо бештар нафрат хоҳанд дошт”.

Шунидани ҳақиқат хеле дарднок аст. Ба ҷои итоат кардан ба ҳақиқат, одамон бисёр вақт ба онҳое ки онро мегӯянд, лаънат мехонанд. Хизматгори ҳақиқии Худованд доимо барои пардохтани ин нарх тайёр аст. Ӯ тайёр аст сухани ҳақ гӯяд, ҳатто агар ин ба ҳаёти вай таҳдид намояд. Вай медонад, ки таънаҳои дӯстон самимист, вале бӯсаҳои бадхоҳ бисёр аст (Масалҳо 27:6).

# 26 СЕНТЯБР

**“Ҳафт ҳазор мардро, ки назди Баал зону назадаанд, барои Худ нигоҳ доштаам”**

*(Румиён 11:4)*

Худо ҳаргиз роҳ намедиҳад, ки дар ин дунё ягонто шоҳиди Ӯ намонад. Ҳатто дар рӯзҳои аз ҳама тира садое мебарояд, ки дар бораи Ӯ возеҳу равшан нақл мекунад. Мо бисёр вақт номи Ӯро аз даҳони шахсоне мешунавем, ки аз онҳо мо инро хеле кам интизор будем, ва ин дар вазъиятҳои хеле ғайриодӣ рӯй медиҳад.

Дар айёми пеш аз тӯфон дар замин зулм ва бадахлоқӣ ҳукмрон буданд. Аммо дар он ҷо Нӯҳ низ буд, ки натарсида ба ҳимояи номи Худо бархоста буд.

Ба назари Илёс чунин менамуд, ки тамоми Исроил ба бутпарастӣ ғӯтидааст, аммо Худо ҳафт ҳазор нафар дошт, ки дар пеши Баал зону назада буданд.

Дар солҳои тираи берӯҳоният ва фасоди ахлоқӣ ба арсаи таърих барои ҳимояти кори Ҳаққи Таъоло ҷасурон Ян Гус, Мартин Лютер ва Ҷон Нокс баромаданд.

Ҳанӯз дар гузаштаи на чандон дур, ҳангоми ихтирои телеграф, одамон ба Худо изҳори миннатдорӣ карданро фаромӯш накарданд. Аввалин суханоне ки ба воситаи телеграф фиристода шуда буданд, чунин буданд: “Бубинед, ки Худо чӣ кор кард!”

Ҳангоме “Апполон 8”, аввалин киштии кайҳонии идорашаванда, ки ба Моҳ парвоз кард, дар арафаи иди мавлуди Исо с. 1968 ба Замин бармегашт, се кайҳонавард ба навбат аз Китоби Ҳастӣ 1:1-10-ро хонда, дар охир гуфтанд: «Гурӯҳи “Апполон 8” ба шумо, ба ҳамаи шумо дар Замини нек, хоҳони баракати Худост»

Ба эътирозҳои шадиди бехудоён нигоҳ накарда, дар Амрико тамғаи почта бо тасвири “Апполон 8” ва суханон аз Ҳастӣ 1:1 “Дар ибтидо...” баромад.

Дар пули Амрико хондан мумкин аст: “Мо ба Худо таваккал мекунем”.

Ҳатто аз даҳони бехудоён баъзан номи Худованд мебарояд. Як ҳокими бехудо дар маҷлиси машваратии сарони ҳукуматҳо дар Австрия с. 1979 чунин гуфта буд: “Агар мо дар ин масъала ҳам ба нобарорӣ дучор шавем, Худо инро ба мо намебахшад”.

Дар олам принсипи муайяни ахлоқӣ ҳукмрон буда, роҳ намедиҳад, ки Худо бе ҳамду сано ва парастиш монад. Ҳангоме ки шогирдон бо овози баланд Худованд Исоро чун Подшоҳе ки ба номи Худованд омадааст, ҷалол медоданд, фарисиён талаб намуданд, ки Масеҳ онҳоро аз ин амал боздорад. Дар ҷавоб Ӯ чунин гуфт: “Ба шумо мегӯям, ки агар онҳо хомӯш монанд, сангҳо фарёд мекунанд” (Луқ. 19:40).

Набояд тарсид, ки замонҳое фаро расида метавонанд, ки барои ситоиши номи Ӯ ва ҷалол додани Ӯ касе ёфт намешавад. Дар худи ҳамон лаҳзае ки одамон Ӯро мурда эълон мекунанд, Худо барои шарманда кардани душманони Худ ва тасалло додани дӯстонаш шоҳидонро хоҳад бархезонд.

**“Валекин тарсончакон ва беимонон ва палидон ва қотилон ва зинокорон ва ҷодугарон ва бутпарастон ва ҳамаи дурӯғгӯёнро – насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин марги дуюм аст”**

*(Ваҳй 21:8)*

Ҳар касе ки ин оятро мехонад, чун шахси барқзада шах шуда мемонад, вақте пай мебарад, ки тарсончакон ва беимонон дар як қатор бо онҳое меистанд, ки мо онҳоро одатан гуноҳкорони аз ҳама даҳшатнок ва нафратовар мешуморем ва барои онҳо дар тамоми абадият худи ҳамон ҷазо омода шудааст.

Боз ҳам чизи ҳайратовар ин аст, ки тарсончакон дар ин рӯйхат дар ҷои аввал меистанд. Ин бояд онҳоеро ҳушёртар созад, ки ба тарсончакӣ ва шармгинии худ аҳамияти чандон зиёд намедиҳанд. Шояд онҳо Худованд Исоро аз тарси он, ки дӯстонашон чӣ мегуфта бошанд, ё аз сабаби он, ки табиатан хеле шармгин ҳастанд, қабул кардан намехоҳанд. Аммо барои Худо ин на беҷуръатиест, ки ҳатто сазовори сарзаниш нест, балки тарси ҷинояткорона.

Ин бояд барои онҳое низ сатили оби хунук бошад, ки дар рӯйхат ҷои дуюмро ишғол мекунанд, яъне беимонон. Аз чунин одамон мо бисёр вақт ин чизҳоро мешунавем: “Ман ба ин бовар карда наметавонам...”, “Ман бо камоли майл ба ин бовар мекардам, аммо...” Валекин онҳо дурӯягӣ мекунанд. Дар ҳақиқат дар бораи Наҷоткор ягон чизе нест, ки ба он бовар кардан номумкин бошад. Монеаи асосиро дар роҳ ба сӯи имон на ақли одам, балки иродаи вай мегузорад. Беимонон бовар кардан намехоҳанд. Худованд Исо як вақтҳо ба яҳудиёни беимон мурочиат карда, гуфта буд: “Шумо намехоҳед назди Ман оед, то ҳаёт ёбед” (Юҳ. 5:40).

Бисёрии ин одамони тарсончак ва беимон худро, бешубҳа, одамони дорои фарҳанг ва ахлоқи баланд меҳисобанд. Дар ин ҳаёт онҳо бо қотилон, бадахлоқон ва ҷодугарон ягон чизи умумӣ доштан намехоҳанд. Аммо тамоми истеҳзо дар он аст, ки онҳо бояд абадиятро бо чунин шахсон паҳлӯ ба паҳлӯ гузаронанд, зеро онҳо ҳаргиз назди Масеҳ наомаданд, то ки наҷот ёбанд.

Онҳо ба азобҳо “дар кӯле ки бо оташ ва кибрит месӯзад” маҳкум шудаанд; ин марги дуюм аст”. Дар ҷаҳон аз ин даҳшатноктар фоҷиае нест. Одамон ҳар қадар ки мехоҳанд, ҳамон қадар дар хусуси мавҷудияти дӯзах ва ҷазои абадӣ мубоҳиса карда метавонанд. Навишта дар бораи ин хеле возеҳ ва равшан мегӯяд. Дар охири ҳаёти бе Масеҳ дӯзах ҷойгир аст.

Андӯҳ ва талхии ин ҳақиқатро он чиз зиёд мекунад, ки на тарсончакон, на беимонон ва на онҳое ки дар ин рӯйхат зикр ёфтаанд, маҷбур нестанд якравона бо роҳе раванд, ки ба кӯли оташин мебарад. Онҳо дигар ҳаётро низ интихоб карда метавонистанд. Агар аз тарсҳо, шубҳаҳо ва гуноҳҳои худ тавба карда, назди Худованд Исо бо имони одӣ ва самимӣ меомаданд, онҳо омурзиш ёфта, пок мешуданд ва ҷовидона дар осмон ҳаёт ба сар мебурданд.

**“Ба бадӣ мағлуб нашав, балки бадиро бо некӣ мағлуб кун”**

*(Румиён 12:21)*

Агар Китоби Муқаддас на Каломи Худо, балки сухани ин ҷаҳон мебуд, ин оят чунин мебуд: “Ба ҳеҷ кас имкон надеҳ, ки пояшро дар ту тоза карда, бар сарат нишинад. Ба зарба зарбаи ҷавобӣ деҳ”. Дар ин ҷаҳон ҳама чиз дар асоси қонуни интиқомгирӣ сохта шудааст.

Аммо дар мактаби Масеҳ Худо ба мо чизи дигарро таълим медиҳад. Мо набояд ба бадӣ имкон диҳем, ки моро мағлуб созад. Онро мо бояд бо некӣ мағлуб кунем.

Намунаи ин ҳақиқат ҳикояе буда метавонад, ки ба Франсиски Ассизӣ* нисбат дода шудааст.

Нақл мекунанд, ки боре, ҳангоме ки Франсиски Ассизии хурдсол дар назди хонаи худ бозӣ мекард, ошкор намуд, ки ҳангоми фарёд кашиданаш ба вай акси садо ҷавоб медиҳад. Вай дар ҳаёти худ акси садоро бори аввал шунида буд ва бинобар ин ба таҷрибагузаронӣ шурӯъ намуд. Вай дод зад: “Ман аз ту нафрат дорам”, ва акси садо низ баландтар ҷавоб дод: “Ман аз ту нафрат дорам”. Бори сеюм вай аллакай бо тамоми кувваташ дод зад: “Ман аз ту нафрат дорам”, ва акси садо дар ҷавоб гулдуррос зад: “Ман аз ту нафрат дорам”. Вай дигар тоқати истодан надошт. Зор-зор гириста, вай зуд ба сӯи хона давид. Дар хона модар аз вай пурсид: “Писарам, чӣ рӯй дод?” Вай гуфт: “Дар он ҷо писараке нишастааст, ва вай ба ман нафрат дорад”. Ба муддати як дақиқа ба фикр фурӯ рафта, модараш гуфт: “Ин тавр кун. Ба он ҷо рафта, ба ин писарак гӯй, ки ту ӯро дӯст медорӣ” Кӯдак боз ба ҳавлӣ давида баромада, бо овози паст гуфт: “Ман туро дӯст медорам”. Албатта, ин суханон ба вай баргаштанд: “Ман туро дӯст медорам”. Вай аллакай андаке баландтар фарёд кашида гуфт: “Ман туро дӯст медорам” ва дар ҷавоб боз ҳамон чизро шунид: “Ман туро дӯст медорам”. Бо ашки шодӣ вай бори сеюм дод зад: “Ман туро дӯст медорам”, ва акси садо меҳрубонона ба вай ҷавоб дод: “Ман туро дӯст медорам”.

Имрӯзҳо одамон дар тамоми ҷаҳон ба якдигар дод мезананд: “Ман аз ту нафрат дорам”, ва боз ҳайрон мешаванд, ки барои чӣ шиддатнокӣ рӯз то рӯз меафзояд. Як халқ ба халқи дигар нафрин мегӯяд. Гурӯҳҳои динӣ дар тӯри ҷанҷолҳо сахт андармон шудаанд. Нажодҳо яке бар зидди дигар ҷанг мекунанд. Ҳамсоягон бо ҳамсоягон душманӣ доранд. Ҷанҷолу ранҷҳо оилаҳоро вайрон мекунанд. Одамон ба бадӣ имкон медиҳанд, ки онҳоро мағлуб созад ва нафрат боз нафратро ба вуҷуд меоварад. Агар онҳо стратегияи худро дигар карда, ба нафрат бо муҳаббат ҷавоб медоданд, бо бадӣ некиро мағлуб карда метавонистанд. Онҳо медиданд, ки муҳаббат муҳаббатро ба вуҷуд меоварад.

Биёед ба он диққат диҳем,
Ки мо чӣ хел тухм мекорем:
Муҳаббатро кошта, муҳаббат медаравем,
Аз нафрат бошад, танҳо нафрат хоҳад рӯид.

* Франсиски Ассизӣ (1181 ё 1182-1226) - воизи италиявӣ, асосгузори силки франсисканҳо, муаллифи асарҳои назмии динӣ.

## 29 СЕНТЯБР

### “Наҷот дар дасти Худованд аст”

*(Юнус 2:10)*

Кадоме аз мо бо “сайёди ғаюри одамон” вонахӯрдаем, ки дар ҳама ҷо “номзадонро барои тавба кардан” меҷӯяд ва ба қурбониҳои худ, ки тамоман ҳеҷ чиз гумон надоранд, бо панҷаи гиро чангол зада, ба онҳо формулаҳои наҷотро аз ҳад зиёд пур мекунад ва то даме ки онҳо бо умеди аз вай қатъиян халос шудан суханони тавба нагӯянд, аз онҳо дур намешавад. Вай ифтихорона боз як ҷони наҷотёфтаро ба ҳисоби худ даровarда, боз ба ҷустуҷӯи онҳое иқдом мекунад, ки рӯйхати вайро пур карда метавонистанд. Оё ин башоратдиҳӣ аст?

Мо бояд эътироф кунем, ки не. Ин танҳо гуногуншаклии хирагии динист. Чун ҳар гуна хизматгузорӣ, ки қуввати худро аз ҷисм мегирад, он аз фоида дида, бештар зарар мерасонад.

Ҳақ комилан ба ҷониби Ҷон Стотт аст, вақте вай навишта буд: “Калидҳо дар дасти Масеҳ аст. Ӯ дарҳоро мекушояд. Пас биеёд дареро, ки бо қуфл маҳкам аст, аз ошиқ-маъшуқаш канда нагирем. Мо бояд то даме ки Ӯ омада онро мекушояд, интизор шавем. Шаҳодати дағалона ва дурушт доимо ба кори Масеҳ зиёни калон мерасонад. Ҷои баҳс нест, ки мо бояд ҳар чӣ аз дастамон меояд, ба амал оварем, то аҳли хонавода, дӯстон ва ҳамкорони худро назди Масеҳ оварем. Аммо баъзан мо чунон шитоб мекунем, ки аз Худо пештар медавем. Пас биёед пурсабр бошем! Пайваста дуо гӯед, сахт дӯст доред ва пурсаброна интизори имконияти дар бораи Масеҳ шаҳодат додан бошед”.

Мо шояд бо чизҳои бисёре аз таълимоти Дитрих Бонҳеффер розӣ нестем, аммо ба ин суханони вай гӯш андохтан меарзад: “Сухани наҷот ҳадду ҳудуди худро дорад. Мо на ҳақ дорему на қудрат, то ки онро ба дигарон зӯран бор кунем. Ҳар гуна кӯшишҳои маҷбуран ба одамон талқин кардани Инҷил ва ҷонбезор кардани онҳо, то даме ки тавба накунанд, ва зӯр задан барои ташкил кардани наҷоти онҳо на фақат бесамар, балки хатарнок ҳам ҳастанд... Мо танҳо ба хашми нобиноёнаи дилҳои сангин дучор мешавем, аз ин бошад ягон фоида набуда, фақат зарар аст. Хирагии тоҷирони сухани арзони файз дар ҷаҳон танҳо дилтангиеро ба вуҷуд меоварад, ки бо нафрат ҳамсарҳад аст, ва он охири охирон бар зидди онҳое бармехезад, ки кӯшиш мекунанд ба вай чизи намехостаашро бор кунанд”.

Тавбаи ҳақиқӣ самари Рӯҳулқудс аст. Тавба ба он маъно “аз хоҳиши одамон нест”, ки одам худ аз худ, новобаста ба он ки ниятҳои вай то чӣ андоза нек ҳастанд ва новобаста ба он ки вай чӣ қадар кӯшиш мекунад, ҳаргиз онро ба вуҷуд оварда наметавонад. Касоне ки “бо зӯрӣ ба тавба гуфтан маҷбур шуда буданд, дере нагузашта ба дилхунукӣ дучор мегарданд, норозигияшон зиёд мешавад ва бисёрии онҳо душманони салиби Масеҳ мешаванд.

Ҳар боре ки Рӯҳулқудс ба воситаи мо ба ягон кас ёрӣ медиҳад, то роҳро ба сӯи наҷот пайдо кунад, ин дар ҳаёти мо ба воқеаи аз ҳама барҷаста табдил меёбад. Аммо вақте мо танҳо ба қуввати худ такя намуда, кӯшиш мекунем, ки инро ба амал оварем, он ба намунаи зишти амали беҳуда ва бемаънӣ табдил меёбад.

## “Ин шахс (Андриёс) аввал бародари худ Шимъӯнро ёфта... вайро назди Исо овард”

*(Юҳанно 1:41-42)*

Аз тамоми маҷмӯи усулҳои инҷилшиносонӣ масеҳӣ беш аз ҳама бояд ба ҳамоне рӯй оварад, ки қоидаи марказии он чунин мегӯяд: “Бисёр вақт имконият пайдо кун, то ба одамоне ки бо онҳо ҳар рӯз ҳамсӯҳбат мешавӣ, дар бораи Масеҳ нақл кунӣ”. Ин, албатта, маънои онро надорад, ки Худо намехоҳад, ки мо бо одамони тамоман ношинос дар бораи Инҷил гап занем. Баръакс! Аммо шаҳодати мо таъсири амиқтар ба онҳое мерасонад, ки моро мешиносанд ва мебинанд, ки чӣ тавр Масеҳ ҳаёти моро дигаргун кардааст. Андриёс маҳз ҳамин тавр рафтор кард.

Уолтер Ҳенриксен боре дар бораи ҷавоне нақл кард, ки хоҳиши сахт дошт, то ба рафиқонаш, ки бо вай дар коллеҷ таҳсил мекарданд, дар бораи Масеҳ нақл кунад, аммо намедонист аз чӣ сар кунад. Ҳенриксен аз вай пурсид: “Ҷо, бо кадоме аз донишҷӯён ту аллакай шинос ҳастӣ? Кадоме аз онҳо туро дида, номатро медонанд? Дар он ҷо аллакай якчанд ҳафта таҳсил намуда, вай танҳо бо ду ё се шахс шинос буд.

«Ман гуфтам: “Ҷо, дар давоми чор ҳафтаи оянда кӯшиш кун, то бо шумораи зиёди донишҷӯён шинос шавӣ. Бигзор ин тақрибан панҷоҳ нафар бошад. Ту набояд ҳатман ба онҳо дар бораи Масеҳ нақл кунӣ. Ҳатто ҳатмӣ нест, ки масеҳӣ буданатро ба онҳо бигӯӣ. Ту фақат бо онҳо шинос шав. Назди онҳо барои сӯҳбат ба меҳмонӣ рав. Бо онҳо теннисбозӣ кун. Бо онҳо ба футбол рав. Якҷоя ба ошхона равед. Ҳар чи хоҳӣ кун, аммо бо панҷоҳ донишҷӯ шинос шав, то ки пас аз як моҳ ҳамаи онҳоро ба ман ном ба ном муаррифӣ намоӣ».

Вақте, пас аз як моҳ, Ҳенриксен боз бо ин ҷавон рӯ ба рӯ шуд, фаҳмид, ки вай ба шаш донишҷӯ ёрӣ дод, то ба сӯи Масеҳ роҳ пайдо кунанд. “Ман аз вай напурсидам, ки оё вай бо панҷоҳ донишҷӯ шинос шуд. Ин дигар зарур набуд. Вай дар таҷрибаи худ боварӣ ҳосил намуд, ки ҳангоми бо “боҷгирон ва гуноҳкорон” шинос шудан дар ҳаёти вай худ аз худ имкониятҳо барои бо онҳо дар бораи имони худ  нақл кардан пайдо мешаванд”.

Дар бораи ин усули инҷилшиносӣ гап зада, бояд махсусан ду пунктро таъкид кард. Пункти якум: дар ин ҷо нақши калонро тарзи зиндагии худи масеҳӣ бозӣ мекунад. Хеле муҳим аст, ки вай дар муносибати наздик бо Худованд зиндагӣ кунад. Вай метавонад хеле хуб суханварӣ карда, Инҷили нағзакак печонда басташударо пешкаш намояд, аммо агар дар ҳаёти вай ба муқаддсӣ як ишорат ҳам набошад, шаҳодати вай ба маҷмӯи ибораҳои холӣ табдил меёбад.

Пункти дуюм: “ҷиҳати хеле хуби ин усул дар он аст, ки аз он ҳеҷ кас натиҷаҳои фавриро умедвор нест. Исо ҷараёни наҷот ёфтанро ба нашъунамои тухм монанд мекард: ҳеҷ кас ҳосилро пас аз ду соати корида шуданаш намедаравад. Албатта, одамоне ҳастанд, ки дарҳол пас аз аввалин бор шунидани Инҷил наҷот меёбанд, аммо чунин одамон хеле каманд. Аксар вақт роҳ сӯи наҷот ба воситаи истгоҳҳои мобайнӣ меравад: одам Хушхабарро мешунавад, тамоми табиати гуноҳолуди худро дарк менамояд, кӯшиш мекунад, ки овози Рӯҳулқудсро хомӯш намояд ва танҳо баъди ин қадами қатъӣ мегузорад.

## 1 ОКТЯБР

**“Шумо намедонед, ки фардо чӣ мешавад: зеро чист зиндагонии шумо? Буғест, ки ба муддати кӯтоҳе намоён гардида, баъд нест мешавад”**

*(Яъқуб 4:14)*

Овозе ки ба умқи шуури мо медароянд, яъне овози Рӯҳулқудс ба мо, мирандагон, бисёр вақт хотиррасон мекунад, ки ҳаёти мо кӯтоҳ аст. Рӯҳи Худованд мисолҳо ва муқоисаҳое меоварад, ки моро ба дарк намудани он водор менамоянд, ки замони ҳаёти мо маҳдуд буда, зуд ба поён мерасад.

Ҳамин тавр, масалан, Ӯ айёми одамро ба моку, ҷузъи дастгоҳи бофандагӣ монанд мекунад (Айюб 7:6), ки он дар миёни ресмонҳои таранг кашидашуда ба пешу ақиб чунон зуд ҳаракат мекунад, ки онро пай бурдан номумкин аст.

Айюб ҳамчунин дар бораи он мегӯяд, ки ҳаёт мисли бод аст (Айюб 7:7), ки бо мо танҳо лаҳзае буда, сипас нест мешавад ва ҳаргиз ба ақиб намегардад. Нависандаи таронаҳои Забур фикри вайро такрор мекунад, вақте дар бораи боде мегӯяд, ки “меравад ва гашта намеояд” (Забур 7:39).

Бе ягон зарурат Билдод ба Айюб хотиррасон мекунад, ки рӯзҳои мо дар замин танҳо соя ҳастанд (Айюб 8:9). Ҳамин гуна ташбеҳотро мо дар Забур 101:12 пайдо мекунем: “Рӯзҳоям мисли сояи шомгоҳ аст”. Соя дарозумр нест, он дар як ҷо муддати хеле кӯтоҳ меистад.

Айюб ҳаёти худро ба барги кандашуда (Айюб 13:25), зудшикан, суст, пажмурда, бо қабзаи тунук, бо бод бурдашаванда монанд мекунад. Ишаъё ба меҳрубонии Худо мурочиат карда, мегӯяд: “Ҳамаамон мисли барг пажмурда шудаем” (Ишаъё 64:6).

Довуд менависад: “Рӯзҳои маро ба қадри ваҷабе додаӣ” (Забур 38:6). Агар ҳаёти мо сафар бошад, пас, ба гуфтаи Довуд, дарозии роҳи мо ҳамагӣ якчанд сантиметр аст.

Мусо, марди Худо, дар бораи ҳаёт чун дар бораи хоб мегӯяд (Забур 89:6), вақте мо пай намебарем, ки вақт чӣ тавр мегузарад.

Дар худи ҳамон тарона Мусо одамонро ва ҳаёти онҳоро ба алаф монанд мекунад: “Онҳо... мисли алафе ки пагоҳӣ мерӯяд, пагоҳӣ месабзад ва гул мекунад, бегоҳӣ пажмурда ва хушк мешавад”. Пас аз чанд садсола худи ҳамин ташбеҳотро Довуд низ истифода бурда, кӯтоҳумрии моро тасвир мекунад: “Айёми инсон мисли алаф аст, мисли гули саҳрост: ончунон мешукуфад, аммо боде бар он мевазад, ва он нест мешавад, ва маконаш дигар онро намешиносад” (Забур 102:15,16). Сперҷен ин фикрро чунин баён кард: “Алафро мекоранд, он мерӯяд, месабзад, онро дарав мекунанд, ва он нест мешавад”. Ин тасвири ҳаёти мо аст.

Акнун ба ин овозҳо овози Яъқуб низ ҳамроҳ мешавад: “Ҳаёти инсон мисли буғ зуд бухор мешавад. Он ба муддати кӯтоҳ пайдо шуда, сипас боз нест мешавад”.

Ҳамаи ин мисолҳо ва ташбеҳот дар Каломи Худо бо мақсади муайян оварда мешаванд: беимононро онҳо бояд ба фикре водор намоянд, ки вақти мо дар замин то чӣ андоза кӯтоҳ аст ва ба ҳузури Худо истодан то чӣ андоза муҳим аст; имондоронро онҳо бояд водор кунанд, ки ба шумурдани рӯзҳо шурӯъ намоянд, “...то ки дили пурҳикмат пайдо кунанд” (Заб. 89:12). Он гоҳ дилҳои моро эҳтироми зиёд ва вафодорӣ ба Исои Масеҳ пур хоҳад кард, ва ин барои абадият самар хоҳад овард.

## 2 ОКТЯБР

**“Бигзор дар миёни ту... на ҷодугаре [ёфт шавад], на чашмбанде, на фолбине, на афсунгаре, на найрангсозе, на пурсандаи арвоҳе, на азоимхоне ва на касе ки мурдагонро даъват менамояд... ”**

*(Такрори Шариат 18:10-11)*

Худо халқи Худ Исроилро дар бораи хатари ҳатто таваҷҷӯҳи рӯякӣ ба ҷаҳони симиё огоҳ карда буд. Ҳама чизи дар ин оят номбаршуда дар ҳама сурат бо иблиспарастӣ алоқаманд аст ва бинобар ин худро аз ҳамаи ин бояд дур кашид. Ин огоҳӣ на фақат ба Исроили Аҳди Қадим, балки имрӯз низ ба ҳамаи имондорон дахл дорад.

Пешбинон* одамоне мебошанд, ки ояндаро пешгӯӣ мекунанд. Ба қатори онҳо шахсоне дохил мешаванд, ки барои ин кураи булӯрро истифода мебаранд, фолбинҳо аз рӯи кафи даст, френологҳо ва ғ.

Фолбин мунаҷҷимест, ки ба қавлаш, гӯё мавқеи ситорагон ва сайёраҳо ба корҳои одамон таъсир мерасонанд. Бо нуҷум ҳам толеънома барои ҳар рӯз дар рӯзномаҳо ва ҳам истифодаи аломатҳои минтақатулбуруҷ алоқаманд аст.

Чашмбанд занест, ки ба дигарон ба воситаи ҷодугарӣ ва азоимхонӣ таъсир мерасонад.

Афсунгар одамест, ки ба шарофати равобит бо девҳо қуввати фавқуттабиӣ дорад. Дар чунин равобит, ғайр аз бадӣ, чизе нест ва онҳо ба ғайр аз зарар дигар чизе намеоваранд.

Азоимхон шахсест, ки ба дигарон лаънатҳое мегӯяд, ки ба шарофати қувват ва қудрати аз ҷониби девҳо ба вай атошуда ба амал меоянд. (Аммо ин лаънатҳо ба имондорон тамоман таъсир намерасонанд.)

Пурсандаи арвоҳ медиумҳое мебошанд, ки бо ҷаҳони рӯҳҳои нопок робита дошта метавонанд. Ин рӯҳҳо бисёр вақт намуди хешу таборони мурдаи онҳоеро мегиранд, ки ба медиум муроҷиат мекунанд.

Ҷодугар шахсест, ки дар ҷаҳони спиритизм даст ба ҷодугарӣ мезанад. Бисёр вақт ҳамкорони вай чашмбандҳо ё ҷодугарзанҳо мебошанд.

Даъваткунандаи мурдагон шахсест, ки барои донистани оянда ё таъсир расондан ба ҷараёни ҳодисаҳо дар замони ҳозира мурдагонро даъват мекунад.

Масеҳиён аз ҳамаи ин ва ҳам аз зуҳуроти муосиртари спиритизм, ба монандаи йога, медитасияи транссенденталӣ, гипноз, сеансҳои спиритӣ, сеансҳои фолбинӣ, шифоёбии спиритӣ, кӯшиши пайдо кардани об ё металл бо ёрии шохи маҷнунбед, рақамшиносӣ, дуоҳо ба рӯҳҳои мурда бояд худро канорагирӣ кунанд. Онҳо бояд дар хотир доранд, ки ба қатори силоҳҳое ки спиритистҳо аз онҳо истифода мекунанд, чизҳои зерин дохил мешаванд: нашъа, картаҳои қиморбозӣ ва фолбинӣ, мӯҳраҳои қиморбозӣ, раққосак, қуттичаи мудаввари металлӣ, тӯморҳо, мӯҳраҳои домино, чӯбчаҳо ва мӯҳраҳо (вақте онҳоро бо мақсади мистикӣ истифода мебаранд).

---

* Дар матни тоҷикии Китоби Муқаддас *ҷодугар* гуфта шудааст.

# 3 ОКТЯБР

**“Ва Ӯ бисёр касонро, ки ба бемориҳои гуногун гирифтор буданд, шифо бахшид ва бисёр девҳоро берун кард”**

*(Марқус 1:34)*

Аксари масеҳиён майли чунин фикр кардан доранд, ки гирифтори девҳо будан танҳо дар замонҳое вомехӯрд, ки Худованд Исо дар замин буд, аммо на дар рӯзҳои мо. Аммо онҳо ғалат мекунанд. Қариб ҳар рӯз мо дар бораи ҷиноятҳои гӯё беақлонае мехонем, ки дар онҳо дасти роҳбарикунандаи девҳо равшан дида мешавад. Гирифтори девҳо будан хусусиятҳои муайяне дорад, ки танҳо ба он хос аст, ва ин ба мо имкон медиҳад фаҳмем, ки оё сухан дар бораи гирифтори дев будан меравад ё бемории рӯҳӣ.

Пеш аз ҳама касе ки гирифтори девҳост, як рӯз не як рӯз даст ба зӯроварӣ ва вайронкорӣ мезанад. Мақсади асосии ҳар дев вайронкунӣ ва нобудкунист.

Одами гирифторшуда дорои ду ва ё зиёда шахсият мебошад – шахсияти худаш ва шахсияти дев (девҳо). Ӯ метавонад бо овозҳои гуногун гап зада, худро бо номҳои гуногун номбар кунад.

Ин одам бисёр вақт қуввати фавқуттабииро нишон медиҳад ва дорои донишҳои фавқуттабиист.

Агарчи гоҳо вай дар бораи Худованд Исо тарафгирона гап зада метавонад, лекин бисёр вақт ҳангоми ҳар гуна зикр оиди Худованд, хуни Масеҳ ва Каломи Худо вай бо куфр ҷавоб медиҳад ё сахт ба хашм меояд.

Рафтори чунин одам аз ақл берун ва ташвишовар мебошад. Ҳеҷ кас вайро фаҳмида, зери назорат нигоҳ дошта ва ё аз нав тарбият карда наметавонад. Ӯ метавонад ба худкушӣ моил бошад ё дар қайди тарс ва хурофот зиндагӣ кунад.

Гирифтори дев будан бештар бо истеъмоли доруҳо, аниқтараш галлюсиногенҳо, зич алоқаманд аст. Онҳо ҳудудҳои ҳаёти ҳақиқиро аз байн бурда, одамро ба ҷаҳони транссенденталӣ мебаранд, бо ҳамин дар пеши девҳо дари даромадро мекушоянд. Дар тарҷумаи русии Китоби Муқаддас калимаи “ҷодугарӣ” ба калимаи юнонии “фармакия”, яъне “дору” мувофиқат дорад.

Одаме ки гирифтори девҳост, бисёр вақт ҳирси азобдиҳӣ дорад ва бераҳмии бениҳоят сахти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ нишон дода, аксар вақт бадани қурбониҳои худро бадафт карда, ба қисмҳо ҷудо мекунад.

Баъзеи чунин одамон аз ҳад зиёд эҳсосотӣ буда, бисёр вақт ба қабристонҳо мераванд, косахонаҳои сар ё дигар устухонҳоро ҷамъ мекунанд ва бо ҳаловат ҳикояҳоро дар бораи ваҳшигариҳо гӯш мекунанд.

Ба ҷаҳони девҳо офтоб ва моҳтоб, махсусан навмоҳ, таъсири калон мерасонад. Ба имондорон бошад Каломи Худо дилпурӣ ва тасалло меоварад: “Рӯзона офтоб туро нахоҳад зад, ва шабона – моҳтоб” (Заб. 120:6).

Девҳоро ба воситаи дуо ва бо қудрати номи Худованд Исо берун кардан мумкин аст. Аммо касе ки гирифтори девҳост, фақат баъди аз олами боло зода шудан ва пас аз бовар кардан ба Наҷоткор пурра озод шуда метавонад.

# 4 ОКТЯБР

**“Чашмонамро аз дидани чизҳои ҳеҷу пуч пешгирӣ намо”**

*(Забур 118:37)*

Ин ҳақиқат махсусан ҳамон вақт аҳамият пайдо мекунад, ки мо дар бораи телевизион андеша мекунем. Қисми зиёди барномаҳои телевизион ҳеҷу пуч аст. Онҳо дар бораи ҷаҳоне нақл мекунанд, ки вуҷуд надорад, дар бораи ҳаёте ки бо воқеият ҳеҷ умумият надорад.

Телевизион вақти гаронбаҳои моро медуздад. Тамошобинон соатҳоеро, ки бозгардондани онҳо номумкин аст, беҳуда сарф мекунанд. Телевизион ҳамчунин саҳми арзандаи худро ба он гузоштааст, ки одамон Китоби Муқаддасро хеле кам мехонанд, ин бошад маънои онро дорад, ки овози Худо низ пасттар шунида мешавад ва дилҳояшон хунуктар мегарданд, онҳо бошанд инро ҳатто пай намебаранд.

Ҳама инчунин дар бораи зараре ки телевизион ба кӯдакон мерасонад, медонанд. Телевизион онҳоро аз ҳар гуна асосҳои маънавӣ маҳрум сохта, зӯровариро ситоиш мекунад, ва алоқаи ҷинсиро болобардор намуда, порнографияро паҳн мекунад. Дараҷаи маълумотнокӣ низ паст мешавад, охир кӯдакон барои навиштан ва хондан на вақт доранду на хоҳиш. Низоми арзишҳои онҳо дар зери таъсири он чизҳое ташаккул меёбад, ки онҳо дар экрани телевизион мебинанд, тамоми тафаккури онҳо бо заҳри таблиғоти зиддимасеҳӣ заҳролуд гардидааст. Бисёр шӯхиҳое ки дар телевизион нишон дода мешаванд, ношоиста буда, барномаҳо бо ишоратҳои қабеҳ пур шудаанд.

Намоишҳои рекламавӣ на фақат аблаҳона, балки бадахлоқона низ мебошанд. Чунин тасаввурот ба вуҷуд меояд, ки бе тӯдаи фоҳишаҳои ҳолливудӣ, ки тамоми ҷузъиёти бадани худро намоиш дода, барои бедор кардани шаҳвати ҷисмонӣ забони баданашонро истифода мебаранд, ягон чиз фурӯхтан номумкин аст.

Дар аксари оилаҳо аз боиси телевизион ҳар гуна сӯҳбат дар мобайни худ қатъ шудааст. Аъзоёни он чунон ба барномаҳои телевизион мубтало шудаанд, ки дар бораи сӯҳбатҳои бардавом ва шавқовар бо ҳамдигар сухан ҳам рафта наметавонад.

Матнҳои бисёри сурудҳо тамоман нафратоваранд. Онҳо шаҳвати ҷисмониро ситоиш карда, кӯшиш мекунанд талқин намоянд, ки дар хиёнати заношӯӣ ва бачабозӣ ягон чизи номақбул нест ва таҷовузро ба дараҷаи қаҳрамонӣ мебардоранд.

Ягон кас эътироз карда метавонад, ки дар телевизион барномаҳои пандомези масеҳӣ низ нишон медиҳанд, аммо набояд фаромӯш кард, ки ин танҳо қабати ширини ҳаби заҳрнок аст. Гап дар он аст, ки таъсири умумии телевизион ба ҳаёти рӯҳонӣ аниқ манфӣ аст.

Масеҳие телевизор харида, хоҳиш намуд, ки онро ба хонааш биёранд. Вақте мошини боркаш назди хонааш истод, чашмаш ба рекламае афтод, ки дар танаи мошин буд: “Телевизион ба хонаи шумо тамоми ҷаҳонро меорад”. Ин тамоми шубҳаҳои вайро пароканда кард. Вай телевизорро ба мағоза баргардонд.

Аз эҳтимол дур аст, ки шахсе ки тамоми бегоҳирӯзӣ назди экрани телевизор гӯё ба он часпида менишинад, барои Худо ягон чизи бузург ба амал оварда метавонад. Ин яке аз сабабҳои асосии таназзули рӯҳонӣ дар рӯзҳои мо мебошад.

# 5 ОКТЯБР

**“Ҳар ҷоеро, ки кафи пои шумо бар он гузошта шавад, ба шумо медиҳам, чунон ки ба Мусо гуфтаам”**

*(Еҳушаъ 1:3)*

Худо ба халқи Исроил замини Канъонро дод. Он мулки онҳо шуд, зеро Худо чунин ваъда дода буд. Аммо акнун онҳо мебоист худашон онро соҳибӣ мекарданд. онҳо бояд ин заминро ишғол мекарданд. Онҳо чун моликияти худ танҳо “ҷоеро ки кафи пои шумо бар он гузошта шавад”, гирифтанд.

Китоби Муқаддас пур аз ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳоест, ки Худо ба фарзандони худ додааст. Аммо чизи ваъдашударо мо фақат он гоҳ мегирем, ки дар бораи ҳуқуқи худ ба он баён мекунем.

Масалан, ваъдае ки ба наҷот дахл дорад. Мо доимо мешунавем, ки Худованд ваъда кардааст ба касоне ки аз гуноҳҳои худ тавба карда, Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷоткори худ қабул мекунанд, ҳаёти абадӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, то даме ки мо ба Наҷоткори гуноҳкорон имон наоварем ва дар бораи хуқуқи худ ба он эълон накунем, аз ин ваъда барои мо фоидае нахоҳад буд.

Аммо биёед боз ҳам дуртар меравем! Ба Худованд Исо бовар кардан ва дар баробари ин шодиеро, ки дилпуриро ба наҷоти худ медиҳад, начашидан имконпазир аст. Ин гуна одам, масалан, чунин ҳисоб карда метавонад, ки ин хел дилпурӣ бо худбоварии бемасъулиятона ҳамҳудуд аст. Аз ҳамин сабаб вай солҳои зиёд дар шубҳаҳо ва торикӣ зиндагӣ мекунад. Калом ваъда медиҳад, ки онҳое ки ба номи Писари Худо бовар доранд, ҳаёти абадӣ доранд (1Юҳ. 5:13), аммо барои ҳаловат бурдан аз самарҳои ин ваъда мо бояд дар имон онҳоро аз они худ хонем.

Худо хеле мехоҳад, ки ба Ӯ боварӣ дошта бошанд. Ҳар вақте ки мо “аз Худо қавл гирем”, Ӯ хурсанд мешавад. Ҳар боре ки мо дастамонро барои чизи ваъдашуда, хар қадар он дастнорас намояд ҳам, дароз мекунем, мо ба Ӯ эҳтироми худро нишон медиҳем ва ба ваъдаҳои Ӯ, ки мо онҳоро аллакай иҷрошуда мешуморем, такя намуда, ҳаёти худро барпо мекунем.

Боре, вақте Наполеон лашкари худро аз назар мегузаронд, асп ногаҳон шитобон давид. Як аскари қаторӣ ба пеш баромада, аз ҷилави асп дошта, онро ором кард.

Наполеон хеле хуб медид, ки аскаре ки ба вай кӯмак кард, фақат як қаторӣ буд ва бо вуҷуди ин гуфт: “Раҳмати калон, капитан!” Аз вай қавл гирифта, аскари қаторӣ овоз дод: “Кадом полк, ҷанобам?”

Дертар, ҳикояти обиқ сарбози қаториро дар бораи чизи рӯйдода шунида, дӯстонаш бар дилпурии вай дар он, ки вай акнун капитан аст, механдиданд. Аммо ин ҳақиқатан ҳамин тавр буд! Охир инро худи император гуфт, ва вай як сония ҳам дудила нашуда, ин рутбаи баландро қабул кард.

Имондор тақрибан дар худи ҳамин ҳолат аст. Вай метавонад капитан шавад, аммо ҳамчун сарбозӣ қаторӣ ҳам монда метавонад. Вай метавонад аз сарвате ки ба вай дар Исои Масеҳ тааллуқ дорад, ҳаловат барад ва метавонад дар бенавоӣ зиндагии ҳақиронаву бемақсад ба сарбарад. “Мо метавонем ҳамон қадаре ки хоҳиш мекунем, Рӯҳулкудс дошта бошем. Масеҳ ба кафи дастамон калиди хазинаро гузошта, амр мекунад, ки ҳар чиро ки хоҳем, гирем. Агар одамро ба таҳхонаи бонке оваранд, ки дар он захираи тиллоии он нигоҳ дошта мешавад, ва фармоянд, ки ҳар чи ба вай маъқул аст, гирад, ва бо вуҷуди ин вай ба киса танҳо як танга андозад, пас дар бенавоии вай кӣ айбдор аст? Кӣ дар он айбдор аст, ки аксари масеҳиён танҳо ҳиссаи ночизи он ганҷҳоеро доранд, ки Худо ба онҳо муфт пешниҳод мекунад?”(Макларен)

## 6 ОКТЯБР

**“...ӯ сар то по фаттон аст; чунин аст маҳбуби ман, ва чунин аст ёри ман, эй духтарони Ерусалим!”**

*(Суруди Сурудҳо 5:16)*

Дар муҳаббати вафодорона, амин ва қавии духтар Шуламит ба дӯстдоштааш мо акси он муҳаббатеро мебинем, ки бояд ба Дӯстдоштаи Абадии ҷони худ дошта бошем. Он муҳаббат чӣ гуна буд?

Аввалан, Шуламит дар вай ҳама чизро дӯст медошт. Вай зебоии қаду басташ, сараш, мӯйҳояш, чашмонаш, рухсораҳояш, лабҳояш, дастонаш, баданаш, поҳояш, намуди зоҳириаш ва даҳонашро ситоиш мекунад (5:10-16). Мо, албатта, дар бораи намуди ҷисмонии Худованд Исо намегӯем, аммо бояд ҷиҳатҳои хуби маънавӣ ва камолоти Ӯро на камтар муфассал ситоиш кунем.

Шуламит дар бораи ӯ шабу рӯз фикр мекард. Хоҳ ҳангоми кор дар токзор, хоҳ ҳангоми хоб рафтан барои истироҳати шабона, вай танҳо дӯстдоштаашро медид ва ӯ тамоми фикрҳояшро пур мекард. Хеле хуб мешавад, агар муҳаббати мо ба Худованд Исо чунон бузург бошад, ки Ӯ дилҳои моро аз субҳ то шом пур кунад.

Ба ғайр аз дӯстдоштааш, вай ба ҳеҷ кас аҳамият намедод. Шояд, дигарон кӯшиш ҳам мекарданд аз дунболи вай гашта, дилашро бо суханони пурвaҷд ба даст оваранд, аммо вай тамоми суханони ситоишро назди пойҳои дӯстдоштааш меовард. Бинобар ин ҳангоме мо мешунавем, ки чӣ тавр овози ҷаҳон кӯшиш мекунад моро ба васваса андозад, мо бояд ин тавр гӯем: “Эй ҷалоли дунявӣ ва ҳашамат, афсунҳои ту беҳудаанд! Ман суруди беҳтареро шунида, дар роҳи дуруст истодаам! Исо барои ман ҷое тайёр кардааст, ки дар он муҳаббат то абад сокин аст. Ман дар ҷалоли Ӯ зиндагӣ хоҳам кард ва танҳо ба Масеҳ хоҳам нигарист!”

Вай омода буд, ки дар бораи ӯ шабу рӯз нақл кунад. Даҳони вай аз пуррагии дилаш гап мезаданд. Лабҳои вай мисли қалами нависандаи илҳомёфта буданд. Дар асл мо низ бояд дар бораи Исои Масеҳ бо омодагӣ ва суханварии зиёдтар гап занем. Мутаассифона, на ҳамеша ин тавр аст.

Вай хеле амиқ эҳсос мекард, ки то чӣ андоза вай сазовори дӯстдоштааш нест. Вай барои намуди зоҳирии ба тартиб наовардааш, барои одӣ буданаш, барои ҳассос набуданаш бахшиш мепурсид. Аммо агар мо дар бораи гуноҳкор будани худ, дар бораи кӯшишҳои якравонаи худ барои аз роҳи рост баромадан, дар бораи беитоатиамон фикр кунем, ҳайрон мешавем, ки Масеҳ моро шоистаи диққати Худ ҳисобидааст.

Барои вай шодии аз ҳама бузург бо дӯстдоштааш будан буд. Вай бо бесабрии зиёд он рӯзеро интизор буд, ки дӯстдоштааш наздаш омада, арӯси худ меномад. Пас бо чӣ гуна бесабрӣ мо бояд омадани Домоди Осмониамонро интизор шавем, то ки бо Ӯ дар тамоми абадият буда тавонем!

Ҳоло бошад дили Шуламит чун асири ночор буд, ва вай иқрор мешуд, ки аз муҳаббат бемор аст. Дилаш аз муҳаббат лабрез буд. Бигзор дар мо низ кӯшиши дили худро ба ихтиёри пурраи Исо додан сокин бошад, диле ки аз муҳаббат ба Худованд лабрез аст!

# 7 ОКТЯБР

**“Эй бародарон, гумон намекунам, ки ман ба даст оварда бошам”**

*(Филиппиён 3:13)*

Расул Павлус чунин намешумурд, ки аллакай ба хати марра расидааст, мо низ бояд чунин накунем. Ҳамаи мо бояд дигаргун шавем. Лю Шао-Тзӣ гуфтааст: “Одам бояд дар хислати худ зарурат ва имконияти дигаргуниҳоро бинад. Вай ҳақ надорад, ки худро муқаддас, ба дараҷаи камолот расида, аз ҳамаи мукаммалшавиҳо боло ва бинобар ин тағйирнаёбанда низ шуморад... Дар акси ҳол дар бораи ягон хел пешрафт сухан рафта ҳам наметавонад”.

Тамоми мушкилӣ дар он аст, ки аксари мо зарурати дигаргуниҳоро дар худ рад мекунем. Мо хоҳиши дидани онро дорем, ки чӣ тавр дигарон тағйир меёбанд. Аз ҷиҳатҳои нохуши хислати онҳо ба ғазаб омада, мо ташнаи решакан кардани онҳо ҳастем. Камбудиҳои худамонро бошад мо ё умуман намебинем, ё хоҳиши аз онҳо ҷудо шуданро надорем. Мо мехоҳем аз чашми дигарон хасро гирем, аммо аз чӯби дар чашмамон буда дар ваҷд ҳастем. Камбудиҳо ва хатоҳои дигарон нафратовар ва даҳшатангез мебошанд, аз они худамон бошад хуш ва гуворост.

Ҳама чиз ба иродаи мо дахл дорад. Мо танҳо ҳамон вақт дигаргун мешавем, ки дар ҳақиқат инро хоҳон бошем. Агар барои эътирофи он тайёр бошем, ки дар хислати мо ҷиҳатҳои манфӣ низ ҳастанд, мо аллакай дар роҳ ба беҳбудшавӣ қадамҳои аввалин гузоштаем.

Пас, мо аз куҷо донем, ки барои мо чӣ гуна дигаргуниҳо лозиманд? Яке аз роҳҳо ба Каломи Худо имкон додан аст, ки оинаи мо шавад. Онро хонда ва омӯхта, мо мефаҳмем, ки чӣ гуна бояд бошем ва мебинем, ки то чӣ андоза аз ин мақсади олӣ дур ҳастем.

Ҳангоме Китоби Муқаддас ягон чизеро, ки дар ҳаёти мо реша давондааст, маҳкум менамояд, мо бояд ҷасурона ба ин иқрор шавем ва қатъиян қарор диҳем, ки инро решакан кунем.

Боз як усули фаҳмидани он, ки дар хислат ва рафтори мо кадом чиз шоистаи масеҳӣ номида шудан нест, ба хешу таборон ва дӯстонамон бо диққат гӯш андохтан аст. Баъзан танқиди онҳо чун занги зангӯлачаҳо аст, аммо баъзан чун садои ба сандон поин омадани болғаи оҳангарӣ. Аммо новобаста ба он ки онҳо бо ишоратҳо мефаҳмонанд ё пӯсткандаи гапро мегӯянд, мо бояд мақсади гапро фаҳмида, бо миннатдорӣ онро қабул кунем.

Доимо шахсе ғолиб хоҳад баромад, ки дӯстонашро ба баён кардани фикру мулоҳизаҳои танқидии худ ҳавасманд мекунад. Мо, масалан гуфта метавонем: “Ман умедворам, ки шумо шарм накарда ба ман рӯйрост мегӯед, ки кадом ҷиҳати хислат ё рафтори ман ба асабҳои дигарон мерасад”. Дӯсти ҳақиқӣ маҳз ҳамин тавр рафтор хоҳад кард.

Ман андӯҳгин мешавам, вақте дар бораи шумораи зиёди одамоне фикр мекунам, ки барои ҷамоат, оила ва ҷамъият танҳо аз он сабаб ба фалокат табдил меёбанд, ки ҳеҷ кас кӯшиши ба онҳо ёрдам доданро накард ва ё онҳо худашон дигаргун шудан нахостанд.

Агар мо вақт ва кӯшишро дареғ надошта, дар ҷустуҷӯи он бошем, ки дар куҷо ва кай ба дигарон сухани ногувор мегӯем ва агар чизи ношоистаро дар худ дида, ба халос шудан аз он кӯшиш кунем, бо мо зистан ва муошират кардан барои дигарон шавқовартар ва соддатар мегардад.

# 8 ОКТЯБР

**“Эй бародарон, дар ҳаққи якдигар бадгӯӣ накунед”**

*(Яъқуб 4:11)*

Дар Китоби Муқаддас мо калимаи “ғайбат кардан”-ро намеёбем, аммо дар суханони “бадгӯӣ кардан”, “бадзабонӣ кардан”, бешубҳа, худи ҳамон маъно ифода ёфтааст. Шубҳае намемонад, ки чунин рафтор бечуну чаро маҳкум мешавад.

Ғайбат кардан – ба дигарон расондани маълумотест, ки ҷиҳатҳои манфии шахсеро ошкор мекунад. Бисёр вақт ин суханҳо пинҳонӣ, дар хилват гуфта мешаванд; ғайбаткун ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳад, ки суханони вайро иқтибос оваранд.

Боре ду зан бо ҳамдигар сӯҳбати тӯлонӣ мекарданд. Якеаш гуфт: “Тиллӣ ба ман нақл кард, ки ту ба вай он чиро, ки ман ба ту нақл карда будам, нақл кардӣ ҳол он ки ман ба ту гуфта будам, ки ба вай дар бораи ин ҳеҷ чиз нақл накунӣ”. Зани дигар ба вай чунин ҷавоб дод: “Вай разилона рафтор кардааст. Охир ман аз Тиллӣ хоҳиш кардам, ки ба ту он чиро ман ба вай нақл карда будам, нақл накунад”. Дар ҷавоби ин зани якум гуфт: “Хайр, ман ба Тиллӣ гуфтам, ки ба ту он чиро, ки вай ба ман нақл кардааст, нақл намекунам, бинобар ин он чиро, ки ман ба ту нақл кардаам, ба вай нақл накун”.

Дар ин ҷаҳон аҳён-аҳён бо касоне вохӯрдан мумкин аст, ки ҳаргиз дар бораи дигарон ягон чизи бад нагуфта бошанд. Ман ин гуна одамонро мешиносам ва бо ваҷд ва эҳтироми тасвирнашаванда ба онҳо муносибат мекунам. Яке аз онҳо ба ман гуфт, ки агар дар бораи дигарон сухани хуб гуфта натавонад, беҳтараш умуман хомӯш мемонад. Дигаре гуфт, ки кӯшиш мекунад дар имондорони дигар танҳо он чиро бинад, ки хислати Худованд Исоро хотиррасон мекунад. Сеюмӣ дар бораи шахси дигар чизи бадро гуфтанӣ шуд, ки дар ними сухан худро боздошта гуфт: “Ин асло барои насиҳат додани муқаддасон хизмат намекунад”.

Павлус фаҳмид, ки дар миёни қуринтиён мухолифатҳо ба вуҷуд омадаанд. Онҳоро дар пеши ин факт гузошта, ӯ менависад, ки дар ин бора ӯро аҳли байти Хлӯо хабардор карданд (1Қур. 1:11). Ба ҳар кас фаҳмост, ки оилаи Хлӯо ғайбат намекард, балки барои он хабар дод, ки ин мушкилӣ ҳар чӣ зудтар ҳал шавад.

Расул дар ҳаққи Ҳумниюс, Искандар ва Филитус якчанд сухани сахт гуфт (1Тим. 1:20; 2Тим. 2:17), зеро онҳо ба кори Масеҳ зиён мерасонданд. Ӯ ҳамчунин аз Тимотиюс хоҳиш мекунад, ки аз Фуҷлус, Ҳармуҷнис ва Димос эҳтиёт бошад, зеро онҳо чунон ки ба назари мо менамояд, дастонашонро бар омоч гузошта, ба ақиб гаштаанд. Аммо ин ғайбат набуд. Ин мубодилаи маълумот барои масеҳиёне ки якҷоя мубориза мебаранд, ҳаётан муҳим буд.

Ҳар гоҳе ки назди як воизи машҳур касе бо ғайбати нав меомад, вай аз кисааш дафтарчаи сиёҳи ёддоштҳоро баровара, ба гӯянда мегуфт, ки вай тамоми суханонашро навишта, аз диакон хоҳиш мекунад, ки онҳоро имзо кунад ва онҳоро ба шахсе ки дар борааш сухан меравад, хоҳад супурд. Чунин мегӯянд, ки вай садҳо маротиба ин дафтарчаи ёддоштҳоро боз мекард, аммо дар он ягон калимаро ҳам нанавишт.

# 9 ОКТЯБР

**“Ва аҳкоми Худованд ва фароизи Ӯро, ки ман имрӯз ба ту, барои манфиати ту амр мефармоям, риоят кунӣ”**

*(Такрори Шариат 10:13)*

Ба панҷ калимаи охирини ин оят диққат диҳед: “барои манфиати ту амр мефармоям”. Тамоми фармудаҳои Ӯ барои манфиати худи мо дода шудаанд. Аммо бисёриҳо инро намефаҳманд. Онҳо дар Худо Довари сахтгиреро мебинанд, ки ба мо қонуну қоидаҳои худро зӯран бор мекунад ва бо ҳамин ҳаёти моро ба азоби беҳад табдил медиҳад. Аммо ин, охир, тамоман чунин нест! Ӯ мехоҳад, ки мо дар шодӣ ва қаноатмандӣ зиндагӣ кунем ва ҳамаи фармудаҳои Ӯ маҳз ба ҳамин мақсад хизмат мекунанд.

Барои мисол биёед якчандтои ин даҳ фармударо мегирем. Чаро Худо мегӯяд, ки набояд худоёни дигар дошта бошем? Зеро Ӯ медонад, ки одам бо мурури замон ба маъбуди худ монанд мешавад, худоёни дурӯғин бошад, ба вай, ғайр аз гуноҳ ва нуқсон, чизи дигаре намеоваранд.

Чаро Ӯ мегӯяд, ки мо тасвирҳои махлуқоти мавҷуда ё бофтаро насозем? Зеро бутпарастӣ бо иблиспарастӣ робитаи зич дорад. “Он чи халқҳо (бутпарастон) қурбонӣ мекунанд, ба девҳо қурбонӣ мекунанд” (1Қур. 10:20),- мақсади асосии девҳо ҳама ва тамоми чизро хароб кардан аст.

Чаро Ӯ мегӯяд, ки яке аз ҳафт рӯзро ба истироҳат бахшем? Зеро маҳз Ӯ инсонро офаридааст ва медонад, ки истироҳат ба вай хеле зарур аст. Баъзе кишварҳо кӯшиш карданд ҳафтаи пурраи кориро ҷорӣ намоянд, аммо дере нагузашта ҳосилнокии меҳнат чунон паст фуромад, ки онҳо маҷбур шуданд аз ин санҷиш даст кашанд.

Чаро Худо ба фарзандон амр мефармояд, ки ба волидони худ итоаткор бошанд? Зеро ин онҳоро аз бисёр рафторҳои беандеша ва беақлона, аз ҳаёти айёшона, шояд, ҳатто аз марги бемаҳал нигаҳдорӣ мекунад.

Чаро Худо хиёнатҳои заношӯиро манъ мекунад? Зеро Ӯ медонад, ки онҳо оилаҳоро вайрон карда, ҳамаро, аз он ҷумла айбдорро, бадбахт месозанд.

Чаро Худо кушторро манъ мекунад? Зеро он ҳисси айбдор будан, пушаймонӣ, ҳабси зиндонӣ ва баъзан ҳатто ҷазои қатлро меоварад.

Чаро Худо тамаъ намудани чизи бегонаро манъ мекунад? Зеро ҳар гуна гуноҳ аз фикр дар бораи он сар мешавад. Агар мо фикрҳои гуноҳолудро бераҳмона аз худ дур накунем, дере нагузашта рафтори гуноҳолудро ба амал ҳам меоварем. Агар мо сарчашмаро дар зери назорат нигоҳ дошта натавонем, дарёеро, ки аз он сар мешавад, боздошта наметавонем.

Бо ҳамаи гуноҳҳои дигар низ ҳамин тавр аст – беҳуда ба забон гирифтани номи Худо, дуздӣ, шаҳодати бардурӯғ ва ғайра. Ҳеҷ кас аз дарёи гуноҳ хушк баромада наметавонад. Нуқсон, мисли занг, рӯҳ, ҷон ва бадани моро мехӯрад. Ҳар гуна гуноҳ механизми амалҳои ҷавобии дарднокро ба ҳаракат оварда, аз гуноҳкорон осоиш, шодӣ ва қаноатмандиро медуздад. Мо ҳар чиро ки коридаем, дарав мекунем. Ҷав корӣ, ҷав медаравӣ, гандум корӣ – гандум.

Чандин сол пеш китобе зери унвони “Қонунҳои неки Худо” навишта шуда буд. Онҳо ҳақиқатан неканд, зеро барои манфиати мо эҷод шудаанд.

# 10 ОКТЯБР

**“Ҳар гуна талхӣ ва хашм ва ғазаб ва фарёд ва бадгӯӣ бигзор аз шумо бо ҳар гуна бадӣ дур шавад ”**

*(Эфесусиён 4:31)*

Дар ҳаёт қариб дар ҳар қадам мо ба ҳолатҳое дучор мешавем, ки худдорӣ кардан гӯё имконнопазир аст. Шояд ягонто аз мисолҳои зерин ба ягон нафаре аз шумо бениҳоят шинос хоҳад тофт? Пешхизмат ба болои шумо пиёлаи қаҳваи гармро мерезонад, ё шумо бояд соатҳои тӯлонӣ интизори хӯроки фармоишшуда бошед. Дар хона чизи харидаатонро кушода, шумо ошкор мекунед, ки он бо камбудист. Вақте шумо кӯшиш мекунед, ки онро ба мағоза баргардонед, фурӯшанда ба сари шумо сели ҳақоратҳоро фурӯ мерезонад. Шумо ба ҳавопаймо аз боиси он дер мекунед, ки дар бюрои маълумот дар хусуси замони парвози он хато кардаанд. Ҳамагӣ як ҳафта пеш шумо мошини нав харидед, аммо аз барои беаҳамиятии дигарон дар қаноти он аллакай ҷои пачақшуда пайдо шудааст. Сантехник ваъда медиҳад, ки як рӯзи муайян меояд. Шумо ин рӯз дар хона мемонед, аммо вай пайдо ҳам нашуд. Шумо барои рӯзи дигар маслиҳат мекунед, аммо вай боз намеояд. Фурӯшандаи мағоза аз ҳисоби шумо мезанад, аммо вақте шумо барои вай ба ин ишорат мекунед, хашмгин мешавад. Ҳамсоязан аз боиси кашмакаши хурди фарзандаш бо фарзандатон ҷанҷол мебардорад, агарчи дар он пеш аз ҳама фарзанди вай айбдор буд. Ҳамсояи дигар бо овози баланди мусиқӣ ва базмҳои майнӯшии пурғалоғула хашми шуморо меоварад. Ҳамкоратон дар кор доимо ба шумо неш мезанад, шояд, аз он сабаб ки масеҳӣ будани шуморо медонад. Дастаи варзишии шумо танҳо аз боиси хатое ки довар ба он роҳ додааст, бой медиҳад. Ё дар меҳмонхонаи шумо баҳс дар бораи он авҷ мегирад, ки кадом барномаро бояд тамошо кард.

Мо қудрати онро надорем, ки аз ҳамаи ин ҳолатҳо раҳо шавем. Аммо барои имондор хеле муҳим аст, ки вай ба онҳо чӣ гуна амали ҷавобӣ мекунад. Чӣ мешуд, агар шумо сахт хашмгин шуда ба озордиҳандаи худ ҳар он чиро ки дар борааш фикр мекунед, гӯед? Аммо кадом шахс чеҳраи хеле пурғазаби масеҳиро дида, бовар мекунад, ки суханони вай дар бораи муҳаббати Худованд самимӣ ҳастанд? Оё вай метавонад дар бораи Исои Масеҳ ақаллан сухане гӯяд, агар лабҳояш аз ғазаб ларзида, дар чашмонаш оташи нафрат фурӯзон бошад?

Вай айнан тавр рафтор мекунад, ки ҷаҳониён рафтор мекунанд. Вай аллакай на шоҳиди Навишта, балки шоҳиди тақлиди бадқасдона бар он мебошад.

Фоҷиаи чунин вазъият боз дар он аст, ки шояд ба озордиҳандаи вай Инҷил бениҳоят лозим аст. Вай, шояд, аз боиси он ин тавр густохона ва беҳаёёна рафтор мекунад, ки дар ин рӯзҳо ҳолати вай хеле танг аст. Агар шумо нисбати вай бо муҳаббат ва ҳамдардии самимӣ муносибат мекардед, дили вай, шояд, барои Наҷоткор кушода ҳам мешуд.

Андозаҳои зиёнеро, ки таркишҳои хашм ба шаҳодати масеҳӣ расондаанд, чен кардан номумкин аст. Он нангеро, ки онҳо ба номи Худованд овардаанд, андоза наметавон кард. Масеҳӣ бо кафки хашм дар лабонаш барои имон рекламаи чандон хуб нест.

**“Агар ту бо пиёдагардон давида, хаста шуда бошӣ, чӣ гуна бо аспсаворон мусобиқа хоҳӣ кард? Ва агар дар сарзамини осоишта ту ба ҳарос афтода бошӣ, дар ҷангалистони анбӯҳи Урдун чӣ гуна рафтор хоҳӣ кард?”**

*(Ирмиё 12:5)*

Ҳар боре ки хеле зуд ноумед мешавем, ҳар боре ки бениҳоят тез таслим мешавем, ин оятро хондан бароямон фоиданок хоҳад буд. Агар мо мушкилоти хурдро ҳал карда натавонем, пас чӣ тавр мушкилоти калонро ҳал хоҳем кард? Агар вазиши боди сабук моро аз по меафтонда бошад, чӣ тавр дар тундбоди ҳақиқатан пуршиддат устувор хоҳем истод?

Ана масеҳие ки рӯяшро турш карда мегардад, фақат аз он сабаб ки касе вайро ранҷондааст. Дигарон якчанд фикру мулоҳизаи танқидиро дар ҳаққи худ шунида, дарҳол ба истеъфо мераванд. Касе сахт рӯҳафтода мешавад, вақте ҷамоат зидди идеяи парваришнамудаи вай овоз медиҳад.

Шахсоне низ ҳастанд, ки ҳамин ки ҳолати саломатиашон андаке бад шавад, гиряи фарогири оламро мебардоранд. Аммо онҳо чӣ кор мекарданд, агар ба бемории ҳақиқатан ҷиддӣ гирифтор мешуданд? Агар соҳибкор аз ӯҳдаи мушкилоти худ баромада натавонад, аз эҳтимол дур аст, ки аз ӯҳдаи мушкилоти калон баромада тавонад.

Ба ҳамаи мо ҳиссаи муайяни сабр лозим аст. Ин тамоман маънои онро надорад, ки мо бояд ҷавшани сабукфикрӣ ва бепарвоиро дар бар кунем. Не, лекин дар зери зарбаҳо мо метавонем каҷ шавем, аммо шикаста нашавем. Ба мо чандирии зиндадилона лозим аст, то қаду қоматамонро боз рост карда, ба пеш равем.

Шояд, маҳз имрӯз шумо айнан яке аз чунин бӯҳронҳоро аз сар мегузаронед. Ҳоло вай ба назари шумо аз ҳама кӯҳҳо дида калонтар менамояд. Васвасаи ҳама чизро тарк кардан хеле калон аст. Аммо танҳо як сол мегузарад, ва ин бӯҳрон ба назари шумо фақат теппачаи хурдакак хоҳад намуд. Ҳозир маҳз ҳамон лаҳзае даррасид, ки шумо метавонед аз пайи муаллифи Забур такрор кунед: “Бо ту ба қӯшуне тохт меоварам, ва бо Худои худ аз ҳисорҳо ҷаста мегузарам” (Заб. 17:30).

Дар он ҷое ки муаллифи номаълуми Нома ба Ибриён дар бораи зарурати истодагарона паси сар кардани ҳама озмоишҳо мегӯяд, мо суханони ҳайратовар мехонем: “Шумо ҳанӯз то ба дараҷаи рехтани хун муқобилат накардаед” (Иб. 12:4). Дигар хел карда гӯем, шумо ҳоло набояд нархи аз ҳама баландро пардохт кунед, яъне ба марги пуразоб дучор шавед. Агар масеҳиён аз боиси шикастани табақи дӯстдоштаашон, ба хона наомадани гурбаашон ё бепарвоёна аз пешашон гузашта рафтани шахси дӯстдоштаашон аз ғаму ғусса чӣ кор карданашонро намедониста бошанд, пас, агар бо таҳдиди марги пуразоб рӯ ба рӯ шаванд, чӣ кор мекунанд?

Агар мо ба фармонҳои ҳиссиёти худ итоат мекардем, бисёрии мо аллакай ким-кайҳо таслим мешуданд. Вақте ки муҳориба ба номи Худованд дар авҷи аъло аст, ҳеҷ кас силоҳро ба канор намегузорад,. Шуморо аз по афтонданд, аммо шумо боз бармехезед ва чангро афшонда ба миёни задухӯрд медароед. Ғалабаҳо дар задухӯрдҳои хурд ба шумо ёрӣ хоҳанд дод, ки дар муҳорибаҳои калон ғолиб оед.

**“Инак ҳамаи шумо, ки оташ меафрӯзед, ва шарораҳо мепошед, дар алангаи оташи худ ва дар шарораҳое ки барафрӯхтаед, қадамгузор бошед. Ин барои шумо аз дасти Ман аст: дар андӯҳ хоҳед хобид”**

*(Ишаъё 50:11)*

Мақсади мо ҳар чизе бошад ҳам, барои ба он расидан мо метавонем ҳам воситаҳои дуруст ва ҳам воситаҳои нодурустро интихоб намоем. Ана шахсе кӯшиш менамояд роҳеро пайдо кунад, ки дар оянда вай бо он хоҳад рафт. Ояти имрӯзаи мо тасвир мекунад, ки чӣ тавр ин интихобро кардан мумкин нест. Он дар бораи одаме гап мезанад, ки гулхан афрӯхта, аз он машъалро дармегиронад, то роҳи дар пешаш истодаро равшан кунад.

Диққат диҳед, ки ин ҷо ягон сухан дар бораи он намеравад, ки вай барои маслиҳат ба Худованд муроҷиат кардааст. Аз эҳтимол дур аст, ки вай пеш аз қабул кардани қарор соатҳои дуру дарозро дар дуо гузаронда бошад. Дилпуриаш дар он, ки вай роҳи беҳтаринро медонад, беҳудуд аст. Дар худбоварии ҳавобаландонаи худ вай танҳо ба зеҳни тези худ такя мекунад. Агар бо суханони Ҳенлӣ гӯем, вай соҳиби тақдири худ ва капитани ҷони худ мебошад.

Аммо бубинед, ки оқибат чӣ гуна аст: “Ин барои шумо аз дасти Ман аст: дар андӯҳ хоҳед хобид”. Ҳар шахсе ки худсарона роҳро интихоб мекунад, ногузир ба бало гирифтор мешавад. Одами якрав ва худсар оиди ин тамоми умраш таассуф хоҳад хӯрд. Дар таҷрибаи талхи худ вай боварӣ ҳосил хоҳад кард, ки танҳо Худо роҳи беҳтаринро медонад.

Дар ояти пештара (10) пайғамбар тасвир мекунад, ки роҳро чӣ тавр интихоб кардан даркор аст. Вай мегӯяд: “Кист аз шумо, ки аз Худованд метарсад ва ба овози Бандаи Ӯ гӯш медиҳад? Ҳар касе ки дар торикӣ қадамгузор буда, рӯшноӣ надошта бошад, бигзор ба номи Худованд таваккал намояд ва ба Худои худ такя кунад”. Пас дар ин оят кадом чиз ҷолиби диққат аст? Якум: вай аз Худованд метарсад, ва аз писанд наомадан ба Ӯ метарсад, вай ҳарос дорад, ки бе шунидани овози Ӯ зиндагӣ кунад. Дуюм: вай овози бандаи Худо, Худованд Исоро, на фақат мешунавад, балки ба он итоат низ мекунад. Сеюм: вай ҳозир аст иқрор шавад, ки дар торикӣ, бе рӯшноӣ қадам мегузорад. Вай инкор намекунад, ки саргаранг шудааст, ва намедонад бо кадом роҳ равад.

Пасба вай бояд чӣ кор кунад? Вай бояд ба номи Худованд таваккал намоад ва ба Худои худ такя кунад. Дигар хел карда гӯем, вай бояд нодонии худро эътироф намуда, аз Худо илтимос кунад, ки вайро роҳбарӣ ва ҳидоят намояд ва пурра ба Ӯ такя кунад.

Худои мо Худои ҳикмат ва муҳаббати беохир аст. Ӯ медонад, ки барои мо кадом чиз аз ҳама беҳтар аст, ва ба мо танҳо он чиро медиҳад, ки барои манфиати мост.

Ӯ ҳама чизро медонад, муҳаббатро бошад, тамоми абрҳои ҳавои тира пӯшонда наметавонанд.

Ба Ӯ таваккал кун, бигзор Ӯ ба ҷои ту ин интихобро кунад,<br>
Ва ту ба роҳе қадам хоҳӣ гузошт, ки танҳо он туро ба хушбахтӣ мебарад.

**“Ва кадом одамест аз шумо, ки агар писараш аз ӯ нон хоҳиш кунад, санге ба вай диҳад”**

*(Матто 7:9)*

Ҷавоб ба ин савол худ аз худ манфист. Одатан ягон падар ба писари худ ба ҷои нон санг намедиҳад. Падари Осмонии мо низ ҳаргиз чунин намекунад.

Ҳар тавр андӯҳовар бошад ҳам, мо баъзан маҳз ҳамин тавр рафтор мекунем. Одамон дар ҷустуҷӯи ёрии рӯҳонӣ ба мо муроҷиат мекунанд. Мо бошем, ҳатто фурсат намеёбем, то фаҳмем, ки дар асл онҳоро чӣ чиз ба ташвиш овардааст. Ё кӯшиш мекунем аз онҳо тезтар халос шавем ва ба ҷои расондани Хушхабар, ки шифои комил мебахшад, ба онҳо доруҳоро аз аломатҳои беморӣ пешниҳод мекунем.

Чун тасвир барои ин ҳақиқат Э. Стэнлӣ Ҷоунс аз ҳаёти худ як мисол меоварад (танҳо одамони ҳақиқатан бузург дар худ қувват пайдо мекунанд дар бораи нокомиҳо ва хатоҳои худ нақл кунанд): “Ҳангоме ки аъзоёни маҷлиси олии Ҳиндустон ҳокимияти навакак ба даст овардаро на барои манфиати халқ, балки барои манфиати худ истифода бурданро сар карданд, барои Ҷавоҳирлол Неҳру ин бор аллакай хеле вазнин гардид. Вай изҳор намуд, ки аз вазифаи сарвазир ба истеъфо меравад, то дар оромӣ аз нав осудахотирӣ пайдо кунад. Дар он айём ба ман имконпазир шуд, ки аз вай дидан кунам, ва дар охири сӯҳбат ба вай шишачаро бо ҳабҳое додам, ки аз ҳар гуна гиёҳҳои хӯшадор тайёр шуда буданд ва дар таркиби худ тамоми витаминҳои маълумро доштанд. Вай шишачаро бо суханони миннатдорӣ қабул кард, аммо илова намуд: “Ҷисми ман бемор нест”, ва бо ҳамин дар назар дошт, ки рӯҳи вай бемор аст. Ба ҷои файз ман ба вай алаф пешниҳод кардам. Ӯ нон талабид, ман бошам ба вай санг додам... Ман медонистам, ки ҷавоб доштам, аммо намедонистам, ки чӣ тавр дар бораи ин ба вай гӯям. Ман аз ранҷондани ин одами бузург метарсидам. Ман бояд суханонеро ба ёд меовардам, ки дар девори Шат Там Ашрам навишта шуда буданд: “Маконе нест, ки Исо дар он номуносиб бошад”. Аммо, мутаассифона, ман танҳо шубҳаҳои худро дар хотир доштам ва онҳо бар ман ғолиб омаданд.

Ман ба вай ҳабҳои аз гиёҳ тайёр кардашударо пешкаш намудам, ҳол он ки дар ҳақиқат вай ташнаи файз буд – файз ва қуввате ки дили вайро шифо медоданд. Он гоҳ вай гуфта метавонист: “Ман пурра шифо ёфтаам. Ин ҷаҳон дигар маро ба ҳарос намеандозад – ҷаҳони мушкилоти душворҳал. Ман тайёрам”.

Фикр мекунам, ки бисёр одамон чандин бор дар ҳолатҳое буданд, ки доктор Ҷоунс тасвир кардааст. Мо бо одамоне вомехӯрем, ки ба таври таъҷилӣ мӯҳтоҷи ёрии рӯҳонӣ ҳастанд. Онҳо суханеро ба забон меоранд, ки дарро барои имконияти ба онҳо нақл кардан дар бораи Масеҳ васеъ мекушоянд. Аммо мо ин имкониятро аз даст медиҳем. Мо ё ҳарому ҳариш ба ин захми рӯҳонӣ марҳам мегузорем, ё сӯҳбатро ба мавзӯи дигар мегузаронем.

Дуо: “Худованд, ба ман ёрӣ деҳ, то ҳар гуна имконияти дар бораи Ту нақл карданро истифода бурда, ба ҳар дари кушода дароям. Ёрӣ деҳ, ки ман ҳар гуна шакку тардидро бартараф намуда, нон ва файзро ба ҳамаи шахсоне диҳам, ки ба онҳо эҳтиёҷ доранд”.

**“Ва ростиро мешиносед, ва ростӣ шуморо озод мекунад”**

*(Юҳанно 8:32)*

Одамон бисёр вақт ин суханонро иқтибос оварда, фаромӯш мекунанд, ки пеш аз ваъда шарт меояд. Дар ояти пештара мо мехонем: «Он гоҳ Исо ба яҳудиёне ки ба Ӯ бовар карданд, гуфт: “Агар шумо дар каломи Ман монед, ҳақиқатан шогирдони Ман ҳастед”». Дигар хел карда гӯем, ҳақиқат ба мо фақат ҳамон вақт озодӣ медиҳад, ки мо доимо дар Каломи Ӯ монем.

Фақат ҳақиқатро донистан, донишҳои назариявӣ ҷамъ кардан кофӣ нест. Мо бояд боз ба ҳақиқат итоат намуда, мувофиқи он зиндагӣ кунем. Фармудаҳои Китоби Муқаддасро ба ҷо оварда, мо худро аз завлонаи нуқсонҳои беҳисоб озод мекунем.

Ба даъвати Инҷил ҷавоб дода, мо аз айб ва лаънат озод шуда, ба озодии писарони Худо медароем.

Мо аз худ юғи гуноҳро мепартоем. Ӯ дигар қобилият надорад, ки ҳаёти моро пурра идора намояд.

Мо аз шариат озод мешавем. Ин маънои онро надорад, ки мо умуман аз шариат берун зиндагӣ мекунем. Не, акнун мо аз рӯи шариати Масеҳ зиндагӣ мекунем. Аз ҳозир моро на тарс дар пеши ҷазо, балки муҳаббат ба Наҷоткор ба ҳаракат меоварад.

Мо аз озодӣ аз тарс шодӣ мекунем, зеро муҳаббати комил тарсро дур мекунад. Худо аз Довари сахтгир ба Падари пурмуҳаббат табдил ёфтааст.

Мо аллакай ғуломони шайтон нестем. Ӯ қудрат надорад бо мо мувофиқи хости худ рафтор кунад.

Мо аз фосиқии ҷинсӣ озод шуда, он бадахлоқиеро, ки хоҳиши ҷисм ва шаҳват ба дунё овардаанд, аз худ такондем.

Мо аз таълимотҳои дурӯғин озод мешавем. Каломи Худо ҳақиқат аст, ва Рӯҳулқудс дар ҳама чиз халқи Худро насиҳат дода, аз гумроҳиҳо фарқ кунондани ҳақиқатро ёд медиҳад. Онҳое ки доимо дар сухани Ӯ мемонанд, ҳаргиз ба асорати хурофот ва ё рӯҳҳои бад намеафтанд. Оҳ, чӣ қадар ин раҳошавӣ аз ҳукми қувваҳои шайтонӣ олидараҷа аст!

Мо аз тарси марг озод шудаем. Он аллакай дигар маликаи тамоми хобҳои даҳшатноктарин не, балки фиристодаест, ки ҷонҳои моро ба ҳузури Худо меоварад. Мурдан, яъне гум кардан не, балки пайдо кардан аст.

Мо занҷирҳои одатҳои зараррасонро — дӯст доштани пул, ноилоҷӣ ва ноумедиро аз худ партофтем. Аз ҳамин сабаб ҳам дили мо месарояд:

Ҷои ман назди пойҳои Масеҳ аст;
Он ҷо ман суханони ширини он ҳақиқатро,
ки ба ман озодиро мебахшад, мешунавам;
Ба лабҳои хушкшуда оби бениҳоят шаффофро меоварад, ки дар ман
завлонаи гуноҳ ва бадахлоқиро бармеканад;
Ба ман хушбахтиеро ато мекунад, ки Исоро дӯст ва бародар хонам.

# 15 ОКТЯБР

**“Эй Уршалим, Уршалим... чанд бор хостам фарзандони туро ҷамъ кунам, монанди мокиёне ки чӯҷаҳои худро зери болаш ҷамъ мекунад, ва шумо нахостед”**

*(Матто 23:37)*

Одамон имконияти нодирро аз даст доданд. Ба онҳо лутфи бузург зоҳир карда шуд, яъне назди онҳо Меҳмони бузург омад, аммо онҳо бепарвоёна рӯй гардонда, ин имконияти бузургро аз даст доданд.

Бо Уршалим низ ҳамин тавр буд. Дар кӯчаҳои пурчанги он Писари Худо дар ҷисм мегашт. Хонаҳои шаҳр, ки ранги сурх доштанд, ба Ҳамоне менигаристанд, ки коинотро офарида, онро идора мекунад. Одамон суханонеро мешуниданд, ки ҳамтои онҳо дар тамоми ҷаҳон набуд, муъҷизоти Ӯро медиданд, ки ягон одам онҳоро ба амал оварда наметавонист. Аммо онҳо ба қадри Ӯ чунон ки Ӯ сазовори он буд, нарасиданд. Онҳо Ӯро қабул кардан нахостанд.

Агар онҳо дилҳои худро сахт намекарданд, ҳама чиз тамоман дигар мешуд. Ин ҳамон вазъиятеро ба хотир меоварад, ки дар Забур 80 тасвир меёбад: “Кошки қавми Ман ба Ман гӯш медод, ва Исроил бо роҳҳои Ман мерафт! Ба зудӣ душманони онҳоро фурӯ менишондам, ва дасти Худро ба адӯёни онҳо бармегардондам: хасмҳои Худованд ба вай бо тамаллуқ мутеъ мешуданд, ва замони вай то абад давом мекард. Варо аз гандуми беҳтарин мехӯрондам” (Заб. 80:14-17).

Дар бораи он чӣ буда метавонист, Ишаъё низ менависад: “Кошки ба аҳкоми Ман гӯш медодӣ! Он гоҳ осоиштагии ту мисли наҳр, ва росткории ту мисли мавҷҳои баҳр мебуд, ва насли ту мисли рег, ва зурёти камари ту мисли зарраҳои он мебуд: номи вай аз ҳузури Ман маҳв ва нобуд намешуд” (Заб. 48:18,19).

Брет Ҳарт навишта буд: «Суханони аз ҳама андӯҳовар, ки аз даҳон мебароянд ё бо қалам навишта мешаванд, инҳоянд: “Ин буда метавонист”».

Дар бораи онҳое фикр кунед, ки Инҷилро рад карданд. Исои Носирӣ аз пеши хонаи онҳо гузашта буд, аммо онҳо ба пешвози Ӯ набаромаданд. Акнун ҳаёти онҳо холӣ аст, дар охири роҳ бошад онҳоро лаънати абадӣ мунтазир мебошад.

Ё дар хусуси имондороне фикр кунед, ки агарчи даъвати Масеҳро барои хизматгузорӣ шуниданд, аммо ба он ҷавоб надоданд. Онҳо ҳатто сарфаҳм намераванд, ки кадом баракатҳоро дар ин ҳаёт ва мукофотҳоро дар абадият аз даст доданд.

Баъзан чунин имконият ба дарҳои мо танҳо як маротиба тақ-тақ мекунад. Агарчи қуттии он пур аз ганҷҳои ҳақиқатан афсонавист, дар он лаҳза ба назари мо чунин намуда метавонад, ки он тамоми нақшаҳои моро вайрон мекунад ва қурбониҳо бениҳоят зиёд ҳастанд. Худо ба мо чизи аз ҳама беҳтарро пешниҳод мекунад, аммо мо аз рӯи фаҳмиши худ рафтор карда, дасти Ӯро аз худ дур мекунем.

Мо тамоми чизи беҳтаринро дар ҷустуҷӯи танҳо чизи хуб рад мекунем. Ӯ бошад доимо инро такрор мекунад: “Чанд бор хостам, ва шумо нахостед”.

**“Зеро ғазаби Худо аз осмон зоҳир мешавад бар ҳар гуна худонотарсӣ ва бадкирдорӣ”**

*(Румиён 1:18)*

Дар таърихи одамизод лаҳзаҳои муайяне ҳастанд, вақте Худо ғазаб ва доварии Худро ба одамон фурӯ мерезонд, то нишон диҳад, ки чӣ тавр Ӯ ба ягон гуноҳи муайяне ки дар замин ҳукмрон аст, нафрат дорад.

Албатта, Ӯ одамонро на ҳар боре ки онҳо ин гуноҳ содир мекунанд, бо марг ҷазо медиҳад. Агар Ӯ ин корро мекард, аҳолии кураи замин хеле кам мешуд. Ӯ ба ин фақат баъзан роҳ медод, то одамонро огоҳ намояд, ки ҳеҷ худонотарсӣ ё беадолатӣ беҷазо намемонанд. Ҳатто агар онҳо дар ин дунё ҷазо набинанд, дар абадият аз он аллакай ҳеҷ кас раҳо нахоҳад шуд.

Вақте ки Худо ба поён ба замин нигариста, дид, ки он фосиқ шуда, пур аз бадкорист, Ӯ тӯфоне фиристод, ки тамоми ҷаҳонро нобуд сохт (Ҳас. 6:13). Танҳо ҳашт кас наҷот ёфта тавонистанд.

Дертар шаҳрҳои Садӯм ва Амӯро ба марказҳои бачабозӣ табдил ёфтанд (Ҳас. 19:1-13). Садӯм ба ин боз ҳавобаландӣ, фаровонӣ ва фароғати комилро илова намуд (Ҳиз. 16:49). Хашми Худо ба ин шаҳрҳо бо борони кибрит ва оташ фурӯ рехта, онҳоро ба таври доимӣ аз рӯи замин нобуд кард.

“Нодоб ва Абиҳу ба ҳузури Худованд мурданд, вақте ки онҳо оташи ғайрро... овarданд” (Ад. 4:3). Оташро танҳо аз қурбонгоҳ гирифтани онҳо мумкин буд (Иб. 16:12), аммо онҳо қарор доданд, ки ба Худо ба таври дигар, ба таври худ наздик шаванд. Онҳоро гирифтори марги ногаҳонӣ карда, Худо наслҳои ояндаро огоҳ намуд, то кӯшиш накунанд ба Ӯ на ба роҳи нишондодааш наздик шаванд.

Набукаднесар, подшоҳи Бобил, нахост қудрати Ҳақ Таолоро, ки бар ҳамаи подшоҳиҳои одамон ҳукмронӣ мекард, эътироф намояд. Ба ҷои ин вай изҳор намуд, ки тамоми ҷалоли Бобил фақат ба шарофати хизмати ӯ ба вуҷуд омадааст. Чун ҷазо Худо вайро гирифтори девонагӣ кард. Подшоҳро аз одамон ҷудо карданд, ва вай мисли ҳайвони ваҳшӣ дар саҳро зиндагӣ мекард. Вай мисли гов алаф мехӯрд, аз шабнами осмон баданаш тар мешуд, мӯйҳояш мисли парҳои уқоб ва нохунҳояш мисли чанголи мурғон калон шуданд (Дон. 4:30).

Ҳанониё ва Сафира вонамуд мекарданд, ки гӯё тамоми молу мулки худро ба кори Худованд қурбонӣ карданд, аммо дар ҳақиқат онҳо як қисми онро барои худ нигоҳ доштанд (Аъм. 5:1-11). Марги ногаҳонии онҳо огоҳӣ аз дурӯягӣ ва самимӣ набудан дар парастиш ва ибодат шуд.

Пас аз чанде Ҳиродус ба ҷои он ки Худоро ҷалол диҳад, бо хурсандӣ парастиши мардумро қабул мекард. Вайро кирмҳо хӯрданд, ва ӯ мурд (Аъм. 12:22-23).

Гуноҳкорон набояд худро тасалло диҳанд, ки Худо гӯё хомӯш истода, ягон иқдом намекунад. Он ҳақиқат, ки Ӯ гуноҳро зуд ҷазо намедиҳад, тамоман маънои онро надорад, ки он дар тамоми абадият беҷазо мемонад.

Чунин ҳам буд, ки пас аз солҳои зиёд Худо ҳукми Худро эълон намуда, чӣ гуна будани ҷазоро ошкор мекард.

## “Ростиро бихар ва онро нафурӯш”

*(Масалҳо 23:23)*

Ҳақиқат на ҳамеша ба мо бепул дода мешавад, ва мо бояд тайёр бошем, ки барои он ҳар гуна нархро пардозем, новобаста ба он ки то чӣ андоза он нарх гарон аст. Як бор ҳақиқатро гирифта, мо ҳаргиз набояд аз он ҷудо шавем.

Ин оятро набояд беҳад таҳтуллафзӣ тафсир кард: Навишта ва дигар адабиёти масеҳиро бихар, аммо дар ҳеҷ гуна вазъият онҳоро нафурӯш. Ҳақиқатро харидан, яъне барои гирифтани дониш дар бораи фармудаҳои Худо қурбонии зиёд кардан аст. Нархи ин метавонад душманӣ аз ҷониби аъзоёни оила, гум кардани ҷои кор, кандани равобити динӣ, зиёни молиявӣ ё ҳатто зарбу лат ва таҳқир шавад.

Фурӯхтани ҳақиқат маънои созиш кардан ё умуман аз он даст кашиданро дорад. Мо ҳаргиз набояд инро кунем.

Дар китоби худ “Ҷамоат дар хона” (“Church in the House”) Арно навишта буд: “Табиати одам чунин аст, ки ҳар чи ба осонӣ меояд, боз ба осонӣ меравад. Мо танҳо он чиро, ки дар муборизаи душвор ба даст омадааст, аз даст додан намехоҳем, хоҳ ин пули мо бошад ё имон. Онҳое ки сарвати калонро бе меҳнат ва кӯшиш ба даст меоваранд, зуд онро беҳуда сарф намуда, дар бенавоӣ мемуранд. Шахсе ки сарвати худро бо меҳнати зиёд ҷамъ мекунад, ин гуна бойигариро, ки бо душвориҳо ба даст омадааст, бисёр вақт аз даст намедиҳад. Бо масеҳие, ки бо меҳнати зиёд ба масеҳият роҳ гузаронидааст, низ ҳамин хел аст. Агар барои пайдо кардани ганҷҳои Навишта ба вай лозим омад, ки аз оташу об гузарад, вай аллакай дигар ба осонӣ мероси гаронбаҳои худро аз даст намедиҳад.

Дар тамоми асрҳо муқаддасон аз оила, ҷалол ва сарват барои он рӯй мегардонданд, то аз дарвозаи танг даромада, бо роҳи камбар раванд. Мисли расул Павлус онҳо ҳама чизро дар муқоиса бо хушбахтии шинохтани Худованд Исои Масеҳ ҳеҷ мешумурданд. Мисли Роҳоб, онҳо аз бутҳои худ рӯй гардонда, Яҳуваро чун Худои Ягона эътироф мекарданд, ҳатто агар ба назар чунин менамуд, ки бо ҳамин онҳо ба халқи худ хиёнат мекунанд. Мисли Дониёл онҳо ҳатто зери таҳдиди ба чоҳи шерони хунхор андохта шудан аз фурӯхтани ҳақиқат даст мекашиданд.

Мо дар замоне зиндагӣ мекунем, ки аз рӯҳи риёзаткашони бузург кам чиз боқӣ мондааст. Масеҳиён тайёранд созиш кунанд, то ки барои имони худ азоб накашанд. Ягон шахсе нест, ки овози худро бо фошкунии пурхашм баланд кунад. Имон суст мешавад. Ба садоқат ба ақидаҳои худ тамғаи догматизм овехта мешавад. Одамон тайёранд ҳар гуна қоидаҳои Навиштаро, ҳатто қоидаҳои асосиро, қурбонӣ кунанд, то тасаввури барғалати ягонагиро ба вуҷуд оваранд. Онҳо ҳақиқатро мефурӯшанд ва онро намехаранд.

Аммо Худо дар ин ҷаҳон доимо муқаддасоне хоҳад дошт, ки ганҷҳои пинҳони ҳақиқатро то андозае баланд қадрдонӣ хоҳанд кард, ки барои харидани онҳо бо шодӣ ҳар он чи доранд, хоҳанд фурӯхт; ва пас аз он ки онҳоро мехаранд, асло розӣ намешаванд аз онҳо ҷудо шаванд.

**“Аз ҳамаи муаллимони худ донотар шудаам; зеро ки фикру хаёлам дар бораи шаҳодоти Туст. Аз пирон бомаърифаттар шудаам”**

*(Забур 118:99,100)*

Аз назари аввал ба мо чунин менамояд, ки танҳо лофзани ислоҳнопазир ё худписанди ашаддӣ ин гуна суханҳоро гуфта метавонад. Мо нафаҳмида ҳайрон мешавем, ки чӣ тавр умуман чунин як лофзанӣ ба саҳифаҳои Навишта роҳ ёфтааст. Охир ин шоистаи масеҳӣ нест!

Аммо ба ин оятҳо дақиқтар назар андохта, мо калидеро меёбем, ки тамоми нофаҳмиҳои моро бартараф мекунад. Муаллифи тарона дар бораи он мегӯяд, ки чаро донишҳои вай аз ҳикмати тамоми муаллимонаш пеш гузаштаанд: “...зеро ки фикру хаёлам дар бораи шаҳодоти Туст”. Дигар хел карда гӯем, вай мегӯяд, ки аз ҳамаи муаллимоне ки Навиштаҳоро намедонанд, донотар шуд. Ӯ аз ҳамаи пироне бомаърифаттар шуд, ки танҳо ҳикмати дунявиро ҷамъ карданду халос. Вай дар бораи бартарии худ на дар муқоиса бо имондорони дигар, балки фақат дар муқоиса бо одамони ин ҷаҳон мегӯяд.

Ва ҳақ, бешубҳа, ба ҷониби ӯст! Имондори бесаводе ки зону задааст, аз олими беимоне ки ба курсӣ баромадааст, хеле бештар мебинад. Биёед инро бо чанд мисолҳо дида мебароем.

Арбоби баландмақоми давлатӣ одамонро бовар мекунонад, ки иқдомҳои муайянеро карда, дар тамоми ҷаҳон сулҳро барқарор кардан мумкин аст. Дар деҳаи дурдаст деҳқони масеҳӣ ин нутқро аз радио гӯш мекунад. Вай медонад, ки ҷангҳо дар замин то даме ки Мири осоиштагӣ дар он Подшоҳии Худро барпо накунад, хотима намеёбанд. Танҳо он вақт одамон аз шамшерҳои худ омоч сохта, ҷангро бас мекунанд. Деҳқони одӣ аз сиёсатмадори маълумотдор донотар шуд.

Ана олими барҷаста дар пеши шумораи зиёди шунавандагон дар бораи он муҳокимаронӣ мекунад, ки коинот бе ягон мудохилаи қувваи илоҳӣ ба вуҷуд омадааст. Дар миёни шунавандагон одаме ҳаст, ки ба наздикӣ роҳро сӯи Масеҳ ёфтааст. Бо имон вай дарк кард, ки тамоми оламҳо ба воситаи сухани Худо тартиб ёфтаанд, ба тавре ки аз чизҳои нонамоён чизҳои намоён ба вуҷуд омадаанд (Иб. 11:3). Донишҷӯ моҳияти чизҳоро аз олим амиқтар фаҳмида метавонад.

Равоншинос кӯшиши фаҳмондани рафтори одамро мекунад, аммо ҳақиқатро дар бораи гуноҳи модарзод инкор мекунад? Имондоре ки Каломи Худоро меомӯзад, медонад, ки табиати ҳар одам аллакай аз замони зодашавии ӯ гуноҳолуд ва фосиқона аст, ва то даме ки мо инро эътироф накунем, тамоми кӯшишҳои мо барои ёфтани ҳалли мушкилоти одамизод номуваффақ хоҳанд шуд.

Бинобар ин муаллифи таронаҳои Забур низ беҳуда худситоӣ намекард, вақте мегуфт, ки аз муаллимони худ донотар шуд. Онҳое ки бо имон мегарданд, нисбат ба онҳое ки фақат ба чашмони худ такя мекунанд, ҳама чизро беҳтар ва саҳеҳтар мебинанд. Онҳое ки фикру хаёлашон дар бораи шаҳодоти Худост, ҳақиқатҳоеро мебинанд, ки аз донишмандон ва оқилон ниҳон аст.

**“Ба Худованд чӣ подош диҳам барои ҳамаи некиҳое ки ба ман кардааст? Косаи наҷотро хоҳам бардошт, ва исми Худовандро хоҳам хонд”**

*(Забур 115:3,4)*

Мо тамоман ҳеҷ кор карда наметавонем, то ки бо ягон восита наҷоти ҷони худро сазовор гардем ё онро бо амалҳо ба даст оварем. Мо ҳаргиз подоши хизмати Худоро дода наметавонем, ва Ӯ ҳаргиз қарздори мо нахоҳад буд, зеро наҷот атои файз аст.

Ягона ҷавоби дуруст ба пешниҳоди Худо оиди муфт қабул кардани ҳаёти абадӣ – пеш аз ҳама косаи наҷоти ба мо дароз кардашударо гирифтан ва бо имон қабул кардани он аст. Сипас мо бояд номи Худовандро хонем, яъне Ӯро шукргузорӣ намуда, барои ин тӯҳфае ки сазовораш нестем, ба Ӯ ҳамду сано хонем.

Ҳатто пас аз наҷот ёфтан мо ба ҳар ҳол барои ҳамаи некиҳои Худованд подош дода наметавонем. “Ҳатто агар ман тамоми ҷаҳонро назди пойҳои Ӯ гузошта метавонистам, ин қурбонӣ бениҳоят ночиз мебуд”. Ба ҳар ҳол мо метавонем як қадам гузорем, ки аз он дида ҳеҷ чизи боақлонатар нест: “Ман омодаам, ки барои ин муҳаббати аҷиби илоҳӣ ҷони худ, ҳаёти худ ва тамоми худро фидо кунам”.

Агар Худованд Исо барои мо бадани Худро фидо карда бошад, чизи камтарине ки мо карда метавонем, барои Ӯ фидо кардани баданҳоямон мебошад.

Пилкингтон аз Уганда гуфта буд: “Агар Ӯ ҳақиқатан Подшоҳ бошад, пас Ӯ бар ҳама чиз ҳуқуқ дорад”. Ч. Т. Стадд боре иқрор шуд: “Вақте ман то ба охир он ҳақиқатеро дарк намудам, ки Исо барои ман мурд, барои ман аллакай чандон мушкил набуд, ки барои кори Ӯ аз ҳар он чи доштам, даст кашам.

Боргени Уэлсӣ чунин дуо карда буд: “Худованд Исо, ман ангуштҳоямро мекушоям, ман аз дастҳои худ ҳар он чиро ки ҳаёти маро ташкил медод, сар медиҳад. Танҳо Ту лоиқи он ҳастӣ, ки дар тахти ҳаёти ман ҷой ишғол кунӣ”.

Беттӣ Скотт Стэм ин тавр дуо карда буд: “Ман тамоми худро, ҳаёти худро, ҳар он чиро ки дорам, ба Ту месупорам; бигзор ин то абад аз они Ту бошад”.

Чарлз Сперҷен гуфтааст: “Дар он рӯзе ки ман ба Исо ҳама чизро бахшидам: бадани худро, ҷони худро, рӯҳи худро, – ман ба Ӯ тамоми чизеро, ки доштам ва тамоми чизеро, ки дар ин ҷаҳон ва дар тамоми абадият хоҳам дошт, додам. Ман ба Ӯ тамоми истеъдодҳои худ, қуввати худ, қобилиятҳои худ, чашму гӯшҳои худ, шуури худ, дасту поҳои худ, эҳсосоти худ, қобилияти муҳокимаронии худ, балоғат ва мардонагии худ, тамоми самароте ки онҳо оварда метавонистанд, тамоми он имкониятҳо ва қобилиятҳоеро, ки ман эҳтимол дар оянда хоҳам дошт, супурдам”.

Ниҳоят, Айзек Уотсон ба мо хотиррасон мекард, ки “мо бо ҳеҷ ашк, ҳатто бо ашкони аз ҳама талх, арзиши муҳаббати Туро пардохта наметавонем”, ва сипас илова намуд: “Худованди Меҳрубон, ман ба Ту тамоми худро месупорам, ва ин ягона чизест, ки ман карда метавонам”.

Ба уқубатҳои Исо – ба хуне ки аз дасту поҳои Ӯ ҷорӣ мешуд, ба ҷароҳатҳои Ӯ, ба ашкҳои Ӯ мо танҳо як ҷавоби шоиста дода метавонем: ҳаёти худро барои Ӯ фидо кардан.

## 20 ОКТЯБР

**“Ва Довуд изҳори орзу намуда, гуфт: Кошки касе маро аз чоҳе ки назди дарвозаи Байт-Лаҳм аст, об бинӯшонад!”**

*(1 Вақоеънома 11:17)*

Байт-Лаҳм шаҳри зодгоҳи Довуд буд. Вай тамоми кӯчаҳову тангкӯчаҳои он, майдони тиҷоратӣ ва чоҳҳои онро медонист. Аммо акнун дар Байт-Лаҳм лашкарҳои фалиштиён урду зада буданд, Довуд бошад маҷбур шуд, ки дар ғори Адулом пинҳон шавад. Вақте се ҷанговари Довуд ин орзуи ӯро дар хусуси нӯшидани об аз чоҳи Байт-Лаҳм шуниданд, онҳо аз лашкаргоҳи душман илоҷе карда гузашта, ба подшоҳ об оварданд. Ин исботи муҳаббат ва садоқати онҳо ба Довуд чунон сахт таъсир кард, ки вай ин обро нанӯшида, ба Худо чун қурбонии рехтанӣ овард.

Ин ҷо мо дар Довуд тимсоли Худованд Исоро мебинем. Чӣ тавре ки Байт-Лаҳм шаҳри Довуд буд, ҳамон тавр тамоми “замин ва ҳар он чи дар он аст, ба Худованд тааллуқ доранд”. Довуд мебоист дар тахт менишаст, ба ҷои ин бошад вай дар ғор пинҳон мешуд. Ҷаҳон низ бо Худованди мо ҳамин тавр рафтор намуд: ба ҷои тоҷи салтанатро ба сари Ӯ гузоштан ҷаҳон аз Ӯ рӯй гардонда, Ӯро рад кард. Гуфтан мумкин аст, ки чӣ тавре ки Довуд сахт ташнаи об буд, ҳамон тавр Худованди мо низ ташнаи ҷонҳои одамони тамоми ҷаҳон аст. Ӯ хурсанд мешавад, вақте мебинад, ки чӣ тавр офаридаҳояш аз гуноҳ, аз “одами кӯҳна”-и худ ва ҷаҳон наҷот меёбанд. Се паҳлавони ҷасури Довуд тимсоли он сарбозони нотарси Масеҳ буда метавонанд, ки барои иҷрои хоҳиши Сарфармондеҳи худ роҳат ва амнияти худро барканор мегузоранд. Онҳо Хабари Хушро ба тамоми ҷаҳон расонда, сипас навимонони худро чун қурбонии муҳаббат ва вафодорӣ назди пойҳои Масеҳ меоваранд. Эҳсосоте ки дили Довудро пур мекарданд, ба мо дар бораи он ҳиссиёте хотиррасон мекунанд, ки синаи Наҷоткорро фаро мегиранд, вақте Ӯ мебинад, ки чӣ тавр назди Ӯ аз ҳар гуна қабила ва халқ гӯсфандонаш ҷамъ мешаванд. Ӯ аз заҳмати ҷони Худ самар дида, қонеъ хоҳад шуд (Иш. 53:11).

Ба Довуд лозим наомад, ки ба ҷанговарони худ фармон диҳад, илтиҷо карда онҳоро розӣ кунонад ё хушомадгӯӣ кунад. Барои онҳо ишораи нозук ҳам кофӣ буд; онро онҳо фармон ҳисобиданд.

Пас мо бояд чӣ кор кунем, вақте медонем, ки Масеҳ хеле хоҳони дидани наҷоти онҳоест, ки барояшон бо хуни гаронбаҳои Худ арзиш пардохта буд? Оё ба мо даъватҳои ҷӯшон ба хизмати миссионерӣ лозиманд? Оё барои мо шунидани ин савол кофӣ нест: “Киро фиристонам?” Наход ҷанговарони Довуд тайёр буданд барои подшоҳи худ нисбат ба он ки мо барои Сарфармондеҳи худ карда метавонем, кори бештареро ба ҷо оваранд? Ё ин ки мо ба Ӯ чунин ҷавоб медиҳем: “Ҳатто хурдтарин хоҳиши ту барои ман фармон аст!”

**“Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд, бисёранд. Чӣ танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд”**

*(Матто 7:13,14)*

Ба ҷаҳони муосири динӣ бо диққат назар афкандан зарур нест, то пай барӣ, ки чӣ қадар динҳо, мазҳабҳо ва фирқаҳои гуногун ҳастанд. Ба ҳар ҳол, чунон ки матни мо барои имрӯз мегӯяд, танҳо ду дини асосӣ вуҷуд дорад. Аз як тараф, дарвозаи фарох ва роҳи хуб шиббазадаи васеъ ҳаст, ки ба сӯи ҳалокат мебарад. Аз тарафи дигар бошад, дарвозаи танг, пайраҳаи камодам ҳаст, ки ба сӯи ҳаёт мебарад. Ҳамаи динҳо ё ба гурӯҳи якум дохил мешаванд, ё ба гурӯҳи дуюм. Фарқи асосии як дин аз дини дигар дар он аст, ки якумӣ ба одам мегӯяд, ки барои наҷот ёфтан вай бояд чӣ амалҳои некро анҷом диҳад, дуюмӣ бошад, мегӯяд, ки Худо чӣ кор кард, то ба одам имконияти наҷот ёфтанро диҳад.

Имони ҳақиқии масеҳӣ бо он бемисл аст, ки одамонро даъват мекунад, то ҳаёти абадиро бо имон чун тӯҳфа қабул кунанд. Тамоми динҳои дигар ба одам талқин мекунанд, ки вай бояд ба воситаи корҳои нек ва дигаргун сохтани феъли худ наҷотро ба даст оварад. Инҷил дар бораи он нақл мекунад, ки Масеҳ ҳамаи он чиро, ки барои кафорати гуноҳи мо лозим буд, ба ҷо овард. Тамоми низомҳои дигар ба одамон дар бораи он мегӯянд, ки онҳо бояд чӣ кунанд, то бо амалҳои худ кафоратро ба даст оваранд. Асоси ҳама чиз фарқи миёни “ба ҷо овар” ва “аллакай ба ҷо оварда шудааст” мебошад.

Ақидае васеъ паҳн шудааст, ки одамони хуб ба осмон мераванду бадкорон ба дӯзах. Навишта бошад таълим медиҳад, ки одамони нек вуҷуд надоранд, ва маҳз гунаҳкоре ки бо файзи Худо наҷот ёфтааст, ба осмон меравад. Инҷили масеҳӣ ба мо ягон имконият барои лоф задан намедиҳад; он мегӯяд, ки одам барои ба даст овардани таваҷҷӯҳи Худо ҳеҷ кор карда наметавонад, охир вай дар ҷиноятҳо ва гуноҳҳо мурдааст. Тамоми динҳои дигар ба худбинии одамон хушомадгӯӣ карда, мегӯянд, ки онҳо метавонанд худро ё мустақилона наҷот диҳанд, ё ақаллан ба кори наҷоти худ саҳми арзандае гузоранд.

Тамоми динҳои дурӯғин “роҳҳое ҳастанд, ки ба назари кас рост менамоянд”, аммо онҳо ҳамчунин роҳҳое ҳастанд, ки ба сӯи марг мебаранд (Мас. 14:12). Наҷот ба воситаи имон ба Исои Масеҳ ба бисёр касон “беҳад осон” метобад, аммо ин ягона роҳест, ки ба ҳаёт мебарад. Дар динҳои дурӯғин Масеҳ яке аз бисёриҳо ё умуман ҳеҷ аст. Дар дини ҳақиқии масеҳӣ Масеҳ ҳама дар ҳама чиз ва маркази ҳама чиз мебошад.

Ҳеҷ як дини дигар ба одам боварии ҳақиқиро ба наҷоти худ дода наметавонад, охир вай ҳеҷ гоҳ намедонад, ки оё вай корҳои некро ба дараҷаи кофӣ кардааст ва оё вай он чиро, ки лозим буд, ба ҷо овардааст. Аммо шахсе ки ба Масеҳ имон дорад, дониста метавонад, ки наҷот ёфтааст, зеро ин на ба он чи вай кард, балки ба он чи Масеҳ барои вай кардааст, вобаста аст.

Танҳо ду дин ҳаст – дини шариат ва дини файз. Яке дини амалҳо, дигаре дини имон. Яке ба лаънат ва сӯи марг мебараду дигаре ба сӯи сафедшавӣ ва ҳаёт.

**“Ва Еҳушаъ ибни Нун аз рӯҳи ҳикмат пур шуд, чунки Мусо дастҳои худро ба ӯ гузошта буд; ва банӣ Исроил ба ӯ итоат намуданд, ва бар тибқи он чи Худованд ба Мусо амр фармуда буд, амал карданд”**

*(Такрори Шариат 34:9)*

Аз ин оят, ғайр аз ҳар чизи дигар, мо боз дар бораи он мефаҳмем, ки Мусо Еҳушаъ ибни Нунро ҷонишини худ таъйин намуд, зеро медонист, ки хизматгории вай дере нагузашта ба поён мерасад. Бо ҳамин вай барои тамоми роҳбарон ибрати хуб нишон дод. Касе метавонад ин фикрро хеле одӣ ва ба диққати ҷиддӣ нолоиқ шуморад, аммо ҳамаи кор дар он аст, ки бисёриҳо ба ин ӯҳдадории барои худ тайёр кардани ҷонишин ва ба дасти вай супоридани тамоми кор беэътиноӣ мекунанд. Тамоми вуҷуди мо зидди он фикр бармехезад, ки мо ба гурӯҳи ивазнашавандагон тааллуқ надорем.

Ба ягон хизматгузори ҷамоати маҳаллӣ баъзан ин ҳақиқатан мушкилии калон аст. Шояд вай солҳои зиёд вафодорона хизмат карда бошад, аммо аллакай рӯзе наздик аст, ки вай дигар дар ҳаққи гӯсфандони худ ғамхорӣ карда наметавонад. Ба ҳар ҳол барои вай он қадар осон нест, ки ба таълим додани ягон нафари ҷавонон сар кунад, то ки дертар мақоми худро ба вай супорад. Вай метавонад дар ҷавонон барои мақоми худ таҳдидеро бинад. Ва ё ин ки бетаҷрибагии онҳоро бо камолоти худ муқоиса намуда, хулоса мебарорад, ки онҳо барои ин кор мувофиқ нестанд. Чӣ тавр вай зуд фаромӯш мекунад, ки як вақтҳо худаш ҳам чунин ҷавони камтаҷриба буд ва танҳо ба шарофати меҳнати дигарон, ки кори шубониро ба вай таълим медоданд, ба камолоти худ расид.

Башоратдиҳанда низ ба ҳамин мушкилӣ рӯ ба рӯ шуда метавонад. Ӯ медонад, ки бояд масеҳиёни маҳаллиро таълим диҳад, то бо мурури замон онҳо роҳбарии ҷамоатро ба дасти худ гирифта тавонанд. Аммо вай баҳона мекунад, ки гӯё онҳо ба ҳар ҳол инро монанди ӯ вай хуб ба ҷо оварда наметавонанд. Онҳо хатоҳои бисёр мекунанд... Агар вай мавъиза карданро бас кунад, ба ҷамъомадҳо ҳам одамон кам меоянд... Илова бар ин, онҳо тасаввуроте ҳам надоранд, ки чӣ тавр бояд роҳбарӣ кард... Ба ҳамаи ин далелҳо як ҷавоб буда метавонад – ҳар як башоратдиҳанда бояд фаҳмад, ки ҳақ надорад дар як ҷой муддати хеле дароз нишинад. Вай бояд масеҳиёни маҳаллиро таълим дода, ба онҳо супоришҳои муайяне диҳад, то даме ки худаш дар ҷамоат “аз корҳо дур” монад. Дар ҳама ҷо заминҳои хеле зиёди шудгорнашуда хобидаанд. Вай бе кор намемонад.

Вақте Еҳушаъ ибни Нун ҷои Мусоро гирифт, ҳама чиз бе ҳеҷ мушкилӣ гузашт. Қудратталабӣ набуд. Ба кори Худо зиён нарасид. Дар ҷамоатҳои мо низ бояд айнан ҳамин тавр бошад.

Ҳамаи хизматгорони Худо бояд хурсанд шаванд, вақте мебинанд, ки чӣ тавр ҷавононро барои мақомҳои роҳбарӣ тайёр мекунанд. Онҳо бояд имконияти ба шогирдон додани дониш ва таҷрибаи худ, ва сипас ба дасти онҳо супоридани инони ҳокимиятро, пеш аз он ки марг онҳоро ба ин амал водор намояд, барои худ шарафи бузург ҳисоб кунанд. Дар дили онҳо бояд худи ҳамон беғаразие сокин бошад, ки замоне Мусо нишон дода, гуфт: “Кошки тамоми қавми Худованд пайғамбарон мебуданд!”

**“Зеро (Руҳулқудс) аз Худ намегӯяд, балки ҳар чи мешунавад, онро мегӯяд, ва аз рӯйдодҳои оянда ба шумо хабар медиҳад. Он гоҳ Ӯ Маро ҷалол медиҳад, чунки аз он чи аз они Маи аст, гирифта, ба шумо хабар медиҳад”**

*(Юҳанно 16:13б, 14)*

“Рӯҳулқудс аз Худ намегӯяд” гуфта, Худованд Исо дар назар дошт, ки дар тамоми суханони Худ Рӯҳ ба эътибори Худо Падар такя намуда, дар ҳама чиз хости Ӯро пайравӣ мекунад. Ӯ “ҳар чи мешунавад, онро мегӯяд”.

Ба ин бояд илова кард, ки Рӯҳулқудс, одатан, дар бораи Худ гап намезанад. Ҷои марказиро дар хизматгузории Ӯ ҷалол додани Масеҳ ишғол мекунад. Исо гуфтааст: “Ӯ Маро ҷалол медиҳад, чунки аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар медиҳад”.

Ин маънои онро дорад, ки ҳар боре ки мо мавъизаеро мешунавем, ки Худованд Исои Масеҳро ҷалол медиҳад, мо дилпур буда метавонем, ки воиз бо қуввати Рӯҳулқудс мегӯяд. Аммо агар мавъиза на Исоро, балки худи воизро ҷалол диҳад, мо хато намекунем, агар гӯем, ки Рӯҳулқудс аз ин мавъиза андӯҳгин аст. Ӯ наметавонад дар як вақт ҳам дар бораи бузургии Исо ва ҳам дар бораи бузургии воиз шаҳодат диҳад.

“Дар маркази таълимоти рӯҳонитарин ҳатман ва доимо тимсоли Масеҳ дар тамоми пуррагии он хоҳад буд. Ӯ фикри асосии тамоми ин таълимот мешавад. Рӯҳулқудс ғайр аз Исо дар бораи ягон чиз ё ягон каси дигар муфассал сухан ронда наметавонад. Ӯ танҳо дар бораи Исо бо камоли майл гап мезанад. Ӯ аз он шод аст, ки ба дигарон тамоми ҷиҳатҳои мусбати Ӯ ва тамоми камолоти Ӯро нишон медиҳад. Бинобар ин, агар хизматгузории ягон кас дар қуввати Рӯҳи Худо ба ҷо оварда шавад, Масеҳ дар он аз ҳар чизи дигар хеле бештар хоҳад буд. Дар чунин хизматгузорӣ барои муҳокимаронии одамӣ, мантиқ ва далелҳои ин ҷаҳон аллакай ҷой нест. Ягона мақсади Рӯҳ ин буд, ҳаст ва хоҳад буд, ки Масеҳро ба мадди аввал гузошта, Ӯро маркази диққати умум гардонад” (Ч.Х.Макинтош).

Аз ин сабаб барои масеҳиёни инчилӣ оқилона мебуд, агар одати маъмулии муаррифӣ кардани воиз ва номбар кардани тамоми унвонҳои фахрӣ ва илмии ӯро аз нав дида мебаромаданд. Агар одамро то ба осмон таъриф намоӣ, набояд умед кард, ки вай дар қуввати Рӯҳулқудс мавъиза хоҳад кард.

Меъёри асосии хизматгузории нависандагони масеҳӣ ин аст, ки тамоми навиштаҳои онҳо то чӣ андоза барои ҷалол додани Исои Масеҳ хизмат мекунанд. Боре ман китоберо хондам, ки ба Шахсият ва кори Рӯҳулқудс бахшида шудааст. Аввал ба назари ман хеле аҷиб намуд, ки муаллиф аз Рӯҳулқудс дида, бештар ба камолоти маънавии Масеҳ диққат медод. Аммо дертар ман фаҳмидам, ки маҳз ҳамин ягона назари дуруст ба Шахсият ва кори Рӯҳ аст.

Ҷим Эллиот боре дар рӯзномаи ёддошти худ навишта буд: “Агар одамон пур аз Рӯҳулқудс мебуданд, онҳо на дар бораи ин менавиштанд, балки дар бораи Оне, ки Рӯҳулқудс маҳз барои хабар додан дар бораи Ӯ омад. Худо мехоҳад, ки мо пайваста дар бораи Масеҳ андеша кунем, на дар бораи пур шудан аз Рӯҳ”.

**“Ва ҳар кӣ дар дафтари ҳаёт навишта нашудааст, ба кӯли оташ партофта шуд”**

*(Ваҳӣ 20:15)*

Дили одам ҳар гуна фикрро дар бораи мавҷуд будани дӯзах бо шиддати хашму ғазаб инкор мекунад. Ин қабул накардан бисёр вақт шакли саволро мегирад: “Чӣ тавр Худои муҳаббат ба вуҷуд доштани дӯзахи абадӣ роҳ дода метавонад?”

Агар Павлус ба ин савол ҷавоб медод, яқинан ин тавр сар мекард: “Аммо ту кистӣ, эй одамизод, ки бо Худо баҳс мекунӣ?” ва ё “Худо барҳақ аст, агарчи ҳар одам дурӯғгӯй бошад”, ки ин чунин маъно дорад: офарида ҳақ надорад амалҳои Офаридгори худро зери шубҳа гузорад. Агар Худо дӯзахро офарид, пас Ӯ барои ин сабабҳои асоснок дошт. Мо ҳуқуқ надорем, ки ба муҳаббат ё росткории Ӯ шубҳа кунем. Ба ҳар ҳол дар Навишта мо маълумоти кофӣ дорем, то ин амали Ӯро фаҳмида, сафед кунем.

Пеш аз ҳама мо медонем, ки Худо дӯзахро на барои одамон, балки барои иблис ва фариштагони вай офаридааст (Мат. 25:41).

Мо ҳамчунин медонем, ки Худо намехоҳад, ки касе нобуд шавад, балки ҳама ба тавба рӯ оваранд (2Пет. 3:9). Худо ба ҳар касе ки ба дӯзах меравад, бо дарди дил менигарад.

Сабаби тамоми ин мушкилот гуноҳҳои одам мебошанд. Қуддусият, росткорӣ ва росткории Худо талаб мекунанд, ки гуноҳ ҷазо ёбад. Ҳукми Худо як маъно дорад: “Ҷоне ки гуноҳ карда бошад, хоҳад мурд” (Ҳиз. 18:4). Ва ин асло нозунуз нест. Худои қуддус наметавонад нисбат ба гуноҳ ягон нуқтаи назари дигар дошта бошад.

Худо метавонист ҳама чизро, чунон ки буд, ҳамон тавр монад. Одам гуноҳ кард ва бинобар ин бояд ҳалок шавад.

Аммо дар ин вақт муҳаббати Худо дахолат намуд. Барои аз марги абадӣ халос кардани одам Ӯ чораҳои ниҳоят қатъиро дида, сӯи ҳаёти абадӣ роҳ кушод. Ба ин замин Ӯ Писари ягонаи Худро фиристод, то Ӯ барои одамони гунаҳкор мурда, ҷазоеро бинад, ки онҳо сазовори он буданд. Ин рафтори файзи тасаввурнопазир буд, ҳангоме Наҷоткор дар бадани Худ гуноҳҳои одамонро ба салиб бардошт.

Акнун бошад Худо ҳаёти абадиро чун тӯҳфа бепул ба ҳамаи онҳое пешкаш мекунад, ки дар гуноҳҳои худ тавба карда, ба Худованд Исои Масеҳ бовар мекунанд. Ӯ ҳеҷ касро зӯран наҷот нахоҳад дод. Одам бояд бо ихтиёри худ ба роҳе дарояд, ки сӯи ҳаёти ҷовидона мебарад.

Рости гап, Худо бештар аз он чи аллакай кард, карда наметавонад. Ӯ аллакай он қадар кардааст, ки ҳеҷ кас тасаввур карда ҳам наметавонад. Агар одам тӯҳфаи пурмуҳаббати Ӯро рад кунад, вай дигар интихоб надорад. Ҳамаи онҳое ки осмонҳоро рад мекунанд, дидаву диниста дӯзахро интихоб менамоянд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки Худоро барои офаридани дӯзах айбдор кунад. Биёед он чиро сарфи назар накунем, ки Ӯ беҳтарин чизи дар осмон бударо фидо кард, то чизи палидтарине ки дар замин ҳаст, ҳаргиз азоби кӯли оташинро начашад.

## “Дӯсте ҳаст, ки аз бародар маҳкамтар мечаспад”

*(Масалҳо 18:24б)*

Зикр дар бораи дӯстӣ бо Исо дилҳои фарзандони Худоро дар тамоми кураи замин водор месозад, ки хурсандона тапиш зананд. Ҳангоме ки Ӯ дар замин буд, Ӯро бисёр вақт масхаракунон “дӯсти боҷгирон ва гуноҳкорон” меномиданд (Мат. 11:19). Аммо масеҳиён он чиро ки масхара буд, гирифта, ба унвони фахрӣ табдил доданд.

Пеш аз он ки ба салиб барояд, Худованди мо шогирдони Худро дӯстон номид: “Шумо дӯстони ман ҳастед, агар фармудаҳои Маро ба ҷо оваред. Дигар шуморо банда намегӯям, зеро ки банда намедонад, ки хоҷааш чӣ мекунад; лекин шуморо дӯст гуфтаам, чунки ҳар чи аз Падар шунидаам, ба шумо баён кардаам” (Юҳ. 15:14,15).

Дар бораи дӯстӣ дар сурудҳои дӯстдоштатарини ҷамоат низ хонда мешавад: “Исоро ситоиш мекунам, Ӯ Дӯсти ман шуд”, “Масеҳ дӯсти ман аст, Ӯ маро наҷот дод”, “Чӣ Дӯсте мо дорем”.

Чаро фикр дар бораи дӯстӣ бо Исо дар дилҳои мо чунин аксуламали зинда пайдо мекунад? Ба фикрам, сабаби асосӣ дар он аст, ки бисёриҳо бениҳоят танҳо ҳастанд. Дар гирди онҳо шояд одамони зиёд ҳастанд, аммо дар миёни онҳо дӯстон нестанд. Ё ин ки муносибати онҳо бо дигарон қатъ шудааст. Чунин ҳодиса бисёр вақт бо одамони пиронсоле рӯй медиҳад, ки баъд аз сари ҳамзамонони худ зинда мондаанд.

Танҳоӣ бераҳм аст. Он ба саломатии ҷисмонӣ, ақлӣ ва эҳсосотии одам зарари калон мерасонад. Он пояҳои ахлоқии вайро вайрон мекунад, қариб ба харобии асаб оварда мерасонад ва вайро аз қувват ва хоҳиши зистан маҳрум месозад. Бисёр вақт он одамонро то андозае ноумед мекунад, ки онҳо таёранд бо гуноҳ созиш кунанд ё ба корҳои беақлона даст зананд. Барои чунин одамон дӯстӣ бо Исо мисли марҳами шифобахш аз Ҷилъод мебошад.

Мо боз аз он сабаб дӯстии Ӯро ин қадар баланд қадрдонӣ мекунем, ки Ӯ доимо ва дар ҳама чиз ба мо вафодор мемонад. Дӯстони мо дар миёни одамон аксар вақт моро дучори вазъи ногувор мекунанд ё доимо аз ҳаёти мо ғайб мезананд, аммо Ӯ дӯсти ҳақиқатан вафодор ва боэътимод аст.

Имрӯз дӯстон ҳанӯз бо мо ҳастанд,  
Фардо бошад ҳамаро фаромӯш карда, мераванд.  
Имрӯз дар дастонашон марҳами тасаллост,  
Фардо бошад қамчини бераҳм.  
Дар тамоми олам танҳо як Дӯст ҳаст,  
Ки ҳаргиз ба мо хиёнат намекунад.

Исо он Дӯст аст, ки аз бародар маҳкамтар мечаспад. Ӯ он дӯст аст, ки ҳар вақт дӯст медорад (Мас. 17:17).

Он ҳақиқат, ки Худованд Исо дар назди мо ҷисман буда наметавонад, ҳақиқӣ будани дӯстии Ӯро ҳеҷ кам намекунад. Ӯ бо мо ба воситаи Калом гап мезанад, мо бошем бо Ӯ дар дуо сӯҳбат мекунем. Маҳз ҳамин тавр Ӯ барои мо худи ҳамон Дӯсти ҳақиқие мешавад, ки ба мо ин қадар даркор аст. Маҳз ҳамин тавр Ӯ ба дуоҳои мо ҷавоб медиҳад:

Худованд Исо! Илтиҷо мекунам,  
Барои ман ҳақиқати зинда ва равшан шав!  
То ки ман бо чашмони имон  
Туро аз тамоми хушиҳои заминӣ возеҳтар бинам.  
Бигзор бандҳои Ту беҳтар ва мустаҳкамтар бошанд  
Аз тамоми ресмонҳои дилбастагиҳои заминӣ.

**“Эй азизон! Аз шумо, ҳамчун ғарибон ва муҳоҷирон, хоҳишмандам, ки аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон бармехезанд, парҳез намоед”**

*(1Петрус 2:11)*

Петрус ба хонандагони худ ёдрас мекунад, ки онҳо ғарибон ва мусофиронанд, ва масеҳиён имрӯз ба чунин панд беш аз ҳарвақта эҳтиёҷ доранд.

Мусофирон одамоне мебошанд, ки аз як кишвар ба кишвари дигар сафар мекунанд. Кишваре ки онҳо ҳозир аз он мегузаранд, аз они онҳо нест, ва онҳо дар он бегонаанд. Онҳо ҳамон кишвареро, ки ба он раҳсипоранд, ватани худ меноманд.

Аломати фарқкунандаи чунин мусофир хаймаи ӯст. Бинобар ин, ҳангоме мо мехонем, ки Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб дар хаймаҳо мезистанд, мо мефаҳмем, ки вай Канъонро замини бегона мешумурд (агарчи он ба вай ваъда шуда буд). Вай бо истиқоматгоҳи муваққатӣ қаноат мекард, зеро ӯ “мунтазири шаҳре буд, ки таҳкурсии мустаҳкаме дорад, ва меъмору созандаи он Худост” (Ибр. 11:10). Бинобар ин мусофир асло сокин нест. Вай доимо дар роҳ аст.

Роҳи вай дуру дароз аст, ва аз ин сабаб вай бе бори вазнин сафар мекунад. Ӯ наметавонад бо худ даҳ ҷомадон ва борхалтаҳои пур аз либосу хӯрокворӣ гирад, ки ҳар як қадами вайро ба шиканҷа табдил медиҳанд. Ӯ наметавонад бо худ ягон чизи калону вазнин гирад. Ӯ ҳар чиро, ки ба ҳаракати озодонаи вай халал мерасонад, мепартояд.

Боз як хусусияти хоси чунин мусофир: вай ба таври ҳайратангез ба сокинони он кишваре ки аз он мегузарад, монанд нест. Вай тарзи зиндагии онҳо, одатҳои онҳо ва ҳатто шаклҳои парастиши онҳоро қабул намекунад. Дар мавриди мо бо мусофири масеҳӣ ин маънои онро дорад, ки вай ба насиҳати Петрус гӯш дода “аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон бармехезанд, парҳез менамояд”. Вай бо диққат назорат карда меистад, ки муҳити берунӣ ба ташаккули хислати ӯ ягон хел таъсир нарасонад. Вай дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекунад, аммо вай аз ин ҷаҳон нест. Вай аз кишвари бегона гузашта, урфу одат ва тасаввуроти онро дар бораи арзишҳо қабул намекунад.

Агар мусофир аз кишвари бадхоҳ гузарад, вай бо душман муносибати бародарона ё наздик намекунад. Охир он вақт вай хиёнаткоре мешавад, ки ба сарфармондеҳи худ ва тамоми кор хиёнат кардааст.

Мусофири масеҳӣ низ аз ҳудуди душман мегузарад. Ин ҷаҳон барои Сарфармондеҳи вай ғайр аз салиб ва қабр чизи беҳтареро наёфт. Ҳар гуна кӯшишҳои бо ин ҷаҳон дӯст шудан хиёнат ба Худованд Исо мебошанд. Салиби Масеҳ тамоми риштаҳоеро, ки моро ба ин ҷаҳон пайваст мекарданд, канд. Мо ташнаи ситоиши тӯдаи мардум нестем ва аз лаънатҳои он низ наметарсем.

Дониш дар бораи он ки вай ҳар рӯз беш аз пеш ба хона наздик мешавад, ба мусофир қуввати нав мебахшад. Вай медонад, ки баробари ба диёри худ расидан тамоми душвориҳо ва хатарҳои роҳи дуру дарозро, ки ба ватанаш мебурд, фаромӯш мекунад.

# 27 ОКТЯБР

**“Дигар на яҳудӣ ҳаст, на юнонӣ; на ғулом ҳаст, на озод; на мард ҳаст, на зан; зеро ҳамаи шумо дар Масеҳ Исо як ҳастед”**

*(Ғалотиён 3:28)*

Чунин оятҳоро хонда, донистан хеле муҳим аст, ки онҳо чиро таълим медиҳанд ва чиро таълим намедиҳанд. Вагарна мо нуқтаҳои назаре хоҳем дошт, ки на фақат бемаънӣ, балки хилофи таълимоти Навиштаҳо ва ҳақиқати ҳаррӯза низ мебошанд.

Суханони хеле муҳим дар ин оят инҳоянд: “дар Исои Масеҳ” Онҳо ҳолати моро тасвир мекунанд, яъне дар бораи он мегӯянд, ки Худо моро чӣ гуна мебинад. Онҳо ба ҳаёти рӯзмарраи мо ягон алоқа надоранд, яъне онҳо намегӯянд, ки мо худ аз худ чӣ хел мебошем ё нисбат ба ҷомеае ки дар он зиндагӣ мекунем, чӣ гуна ҳастем.

Ин оят таълим медиҳад, ки мавқеи яҳудӣ дар пеши Худо аз мавқеи ғайрияҳудӣ дар пеши Ӯ ягон фарқ намекунад. Ҳам имондори яҳудӣ ва ҳам имондори ғайрияҳудӣ ҳар ду дар Исои Масеҳ панаҳ шудаанд, ва бинобар ин Худо ба онҳо бо лутфи баробар назар мекунад. Ҳеҷ яке аз онҳо дар пеши дигараш ягон бартарӣ надорад. Аммо ин маънои онро надорад, ки тамоми фарқҳо дар намуди зоҳирӣ ё мизоҷ нест шудаанд.

Дар Масеҳ на ғулом ҳаст, на озод. Ба шарофати кори кафораткунандаи Масеҳ ва камолоти Шахсияти Ӯ ҳам ғуломон ва ҳам шахсони озод дар ҳузури Худо баробар пазируфта мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар ҳаёти рӯзмарра ин фарқҳо дар мавқеи ҷамъиятӣ байни онҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Дар Исои Масеҳ на ҷинси мард ҳаст, на ҷинси зан. Зани имондор, айнан мисли марди имондор, дар Масеҳ комил аст ва дар Дӯстдошта қабул шуда, бо файз сафед карда шудааст. Мисли мард, вай ҳуқуқи озодона ба ҳузури Худо даромадан дорад.

Аммо набояд кӯшиш кунем, ки аз ин оят ҳақиқатҳоеро барои ҳаёти ҳаррӯзаи худ пайдо намоем. Фарқ дар миёни ҷинсҳо, миёни мардҳову занҳо, боқӣ мемонад. Фарқҳои нақши падар ва модар, ки аз ин бармеоянд, низ бетағйир мемонанд. Ҳамчунин тартибе ки Худо дар оила муқаррар кардааст, боқӣ мемонад: Ӯ ба мард мақоми роҳбар ва эътибори калонро дод, зан бошад бояд гапдаро буда, ба эътибори мард итоат намояд. Аҳди Нав дар бораи фарқи вазифаи хизмати мард ва зан дар ҷамоат мегӯяд (1Тим. 2:8; 2:12; 1Қур. 14:34,35). Онҳое ки барои нест кардани фарқҳо дар мақоми мард ва зан дар ҷамоат баромад мекунанд, маҷбуранд таълимоти ин оятҳои Навиштаро вайрон карда, ба расул Павлус мақсадҳои ношоиста нисбат диҳанд ё ҳатто аз рӯи илҳоми илоҳӣ будани ин сатрҳои ӯро зери шубҳа гузоранд.

Ба ин гуна одамон фаҳмидан зарур аст, ки агарчи дар пеши Худо тамоми фарқҳо, хоҳ нажоди онҳо, хоҳ мақом дар ҷамъият, хоҳ мансубият ба ҷинс нест шуда бошанд ҳам, дар ҳаёти рӯзмарра онҳо ба ҳар ҳол нигоҳ дошта мешаванд. Онҳо бояд дарк намоянд, ки аз якдигар фарқ доштани одамон тамоман маънои онро надорад, ки касе хубтар асту касе бадтар. Ғайрияҳудӣ аз яҳудӣ, ғулом аз шахси озод, зан аз мард ҳеҷ камӣ надоранд. Ғайрияҳудӣ, ғулом ё зан аз онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо бартарӣ дошта метавонанд. Ба ҷои кӯшиши дигаргун сохтани тартибе ки Худо дар офариниш ва кафорат муқаррар намудааст, онҳо бояд онро қабул кунанд ва дар он хурсандӣ намоянд.

**“Яке тақсим карда медиҳад, ва сарвати ӯ боз ҳам зиёд мешавад; вале дигаре аз ҳад зиёд сарфакор аст, ва сарвати ӯ торафт кам мешавад”**

*(Масалҳо 11:24)*

Рӯҳулқудс ин ҷо ба мо сирри олидараҷаро ошкор мекунад. Ин суханони Ӯ гӯё ба ақли солим мухолиф ҳастанд, аммо ба ҳар ҳол дар онҳо ҳақиқат ҳаст. Ана он сир: ҳар қадар бештар ато кунӣ, ҳамон қадар бештар хоҳӣ дошт. Ҳар қадар бештар ҷамъ кунӣ, ҳамон қадар кам хоҳӣ дошт. Саховатмандӣ боиси фаровонист.

Хасисӣ боиси камбағалист. “Ҳар чи додам, онро дорам; ҳар чи сарф кардам, онро доштам; ҳар чи пинҳон намудам, онро гум кардам”.

Ин маънои онро надорад, ки шумо ҳатман чизи коридаатонро медаравед ва хизматгори вафодор сарватманд мегардад. Вай метавонад пул корида, ҷон даравад. Вай метавонад некӣ корида, дӯстон даравад. Вай метавонад ҳамдардӣ корида, муҳаббат даравад.

Ин маънои онро дорад, ки одами сахӣ мукофотҳоеро медаравад, ки ба ҳамаи боқимондагон номаълуманд. Вай мактуб гирифта, мехонад, ки пулҳои фиристодааш айнан дар мавриди зарурат расидаанд, ва онҳо барои ҳалли мушкилоти ҳалталаб ёрӣ додаанд ё эҳтиёҷро ҳамон вақте ки ин беш аз ҳама лозим буд, қонеъ гардондаанд. Ӯ мефаҳмад, ки бо ёрии он китобе ки вай ба навимон ҳадя намудааст, Худо тавонист ҳаёти вайро ба роҳи нав равон кунад. Ӯ мешунавад, ки некии ба номи Исо кардаи вай дар занҷири наҷоти шахсе ҳалқа шуд. Аз хушбахтӣ сари вай чарх мезанад. Шодии вай бепоён аст. Ӯ ҳаргиз бо онҳое ҷой иваз намекунад, ки хеле бештар пул доранд.

Ин ҳақиқат тарафи дигар ҳам дорад – оқибати хасисӣ камбағалист. Хайр, мо аз пулҳое ки дар бонк хобидаанд, чӣ гуна ҳаловат мебарем? Онҳо ба мо тасаввуроти бардурӯғи боварӣ ба ояндаро медиҳанд, аммо ин наметавонанд ба мо ҳаловати ҳақиқии бефаноро диҳанд. Ягон ҳаққи саҳм, бигзор он аз ҳама баланд бошад, наметавонанд бо ваҷде баробар шавад, ки дилҳои моро фаро мегирад, ҳангоме мебинем, ки чӣ тавр пулҳоямон барои ҷалоли Худо ва манфиати одамони дигар сарф мешавад. Ҳар шахсе ки аз ҳад зиёд сарфакор аст, шояд бо маблағи калони худ, ки дар бонки дунявӣ дорад, фахр карда ҳам метавонад, аммо ҳисоби маблағи вай дар бонки шодӣ ночиз буда, саҳмаш дар бонки осмонӣ бошад ба сифр наздик аст.

Дар ояти имрӯзаамон мо на фақат ҳақиқати илоҳӣ, балки даъвати илоҳиро низ меёбем. Худованд ба мо мегӯяд: “Худатон ба ин боварӣ ҳосил кунед. Қурсҳои нон ва моҳиҳоятонро ба Ман диҳед. Ман медонам, ки шумо бо онҳо нияти хӯрдани таоми том доштед. Аммо агар шумо инро ба Ман диҳед, он гоҳ онҳо на фақат барои таоми шоми шумо, балки барои ҳазорон оилаҳои дигар низ кофӣ хоҳад буд. Оё шумо метавонед аз хӯрок лаззат баред, вақте дар гирди шумо одамони гурусна нишаста, нигоҳ мекунанд, ки чӣ тавр шумо хӯрок мехӯред? Аммо андеша кунед, ки фикри он ки Ман таоми шоми шуморо гирифта, тамоми тӯдаи мардумро бо он сер карда тавонистам, чӣ қадар ба шумо қаноатмандӣ хоҳад овард”.

Ҳар он чи танҳо барои худ сарф мекунем, гум мекунем.
Аммо ҳар он чи ба дасти Диҳандаи ҳама чиз,
Яъне ба дасти Ту, эй Худованд, месупорем,
Бо сели ганҷҳои бешумор ба даст меоварем.

# 29 ОКТЯБР

**“Ва агар касе ки моли дунё дорад, бародари худро мӯҳтоҷ дида, раҳмдилии худро аз вай дареғ дорад, – чӣ гуна муҳаббати Худо дар ӯ сокин аст?”**

*(1Юҳанно 3:17)*

Дору аз бемории саратон дошта, онро ба гирифторони ин беморӣ дар тамоми ҷаҳон надодан дар олами тиб номумкин мебуд. Ҳар гуна кӯшиши пинҳон кардани ин дору чун сангдилӣ, дилсардӣ ва сахтдилии гӯшношунид қабул мешуд.

Чунин вазъиятро расул Павлус нисбати ҷаҳони рӯҳонӣ низ тасвир мекунад. Ана одаме ки худро имондор номида, сарвати зиёд ҷамъ кардааст. Вай худро бо ҳар гуна лавозимоти зарурӣ ва ҳашамат иҳота намудааст. Дар ҷаҳони атрофи вай бошад эҳтиёҷи сахти рӯҳонӣ ва моддӣ ҳукмрон аст. Миллионҳо одамон дар гӯшаву канорҳои замин ҳаргиз дар бораи Инҷил нашунидаанд. Онҳо дар торикӣ зиндагӣ карда, ба хурофот ва ноумедӣ фурӯ рафтаанд. Бисёрии онҳо аз оқибатҳои хушксолӣ, ҷангҳо ва офатҳои табиӣ азоб мекашанд. Одами давлатманди мо бошад ба ин тамоман аҳамият намедиҳад. Вай имконияти хушк кардани ашкҳои одамизоди нолишкунандаву укубат кашидаистодаро дорад. Агар вай мехост, ба бисёриҳо ёрдам дода метавонист, аммо вай асло хоҳиши кушодани ҳамёни худро надорад.

Маҳз дар ҳамин лаҳза, мисли балои ногаҳонӣ, суханони Юҳанно ба гӯш мерасанд: “Чӣ гуна муҳаббати Худо дар ӯ сокин аст?” Расул, албатта, бо саволи худ дар назар дорад, ки муҳаббати Худо дар вай нест. Пас, агар дар вай муҳаббати Худо сокин набошад, мо ҳамаи далелҳоро дорем, то ба ҳақиқатан самимӣ будани имони вай шубҳа кунем.

Ин мавзӯи хеле ҷиддист. Имрӯзҳо ҷамоатҳо бо ҳар тарз ба одамони сарватманд рафтори хушомадгӯёна мекунанд, онҳоро ба мақоми диаконҳо таъйин менамоянд, ва ба шахсони номдори меомада муаррифӣ мекунанд. Ҳама як забону як дил шуда мегӯянд: “Ваҳ-ваҳ, дидани масеҳии сарватманд чӣ қадар хуш аст!” Юҳанно бошад мепурсад: “Агар вай ҳақиқатан масеҳӣ бошад, пас чӣ тавр метавонад дар ҳашамат кайфу роҳат кунад, вақте ки бисёриҳо барои хӯрдан ҳатто нон надоранд?”

Ба назари ман, ин оят моро водор месозад, ки яке аз ин ду роҳро интихоб намоем. Аз як тараф, мо метавонем ин суханони пурра аниқи Юҳанноро рад намуда, овози виҷдонро пахш кунем ва ҳар шахсеро ки ҷуръат мекунад дар бораи ин мавзӯъ гап занад, лаънатборон кунем. Ё мо метавонем ин суханонро бо фурӯтанӣ дар дил қабул карда, пулҳои худро ба бародари мӯҳтоҷамон диҳем, ва виҷдони худро аз бори айб барои гуноҳ бар зидди Худо ва одамон озод кунем. Ҳар имондоре ки бо ҳаёти хоксорона ва одӣ қаноат мекунад, ва ҳар чиро ки зиёда аз ин бошад, ба кори Худованд медиҳад, ҳам бо Худо ва ҳам бо бародари эҳтиёҷманди худ дар сулҳ зиндагонӣ хоҳад кард.

**“Барои ман хурсандии бештаре нест аз шунидани он ки фарзандони ман дар ростӣ рафтор мекунанд”**

*(3Юҳанно 4)*

Бешубҳа, ба расул Юҳанно шодӣ аз дидани тавбаи гунаҳкор хеле хуб шинос буд. Ҳар боре ки мо ба ягон кас роҳро ба сӯи Масеҳ нишон дода тавонем, ҷони мо аз ваҷд месарояд. Аммо вақте Юҳанно медид, ки фарзандони вай дар имон собитқадамона Масеҳро пайравӣ мекунанд, вай боз ҳам бештар хурсанд мешуд.

Др. М. Р. Деҳаан навишта буд: “Дар хизматгузории ман даврае буд, ки ман бисёр вақт такрор мекардам, ки барои масеҳӣ имконияти ёрӣ додан баҳри назди Масеҳ омадани шахси дигар шодии аз ҳама калон хоҳад буд. Аммо солҳо мегузаштанд ва ман ҳама чизро ба таври дигар медидам. Чӣ қадар одамони бисёр, ки мо аз тавбаи онҳо хеле хурсанд будем, аз роҳ гаштанд, ва хурсандии мо ниҳоят ба ғуссаву андӯҳ мубаддал шуд. Аммо агар пас аз солҳои зиёд ман ба ақиб баргашта бинам, ки “навимонон” дар файз нашъунамо карда, дар ростӣ рафтор мекунанд, аз ин бештар хурсандӣ нест”.

Вақте аз Лерой Эймс пурсиданд, ки чӣ ба вай хурсандии бештар мебахшад, вай ҷавоб дод: “Ҳангоме шахсе ки ба вай роҳро сӯи Масеҳ нишон додед, дар имон нашъунамо мекунад ва ба масеҳии вафодору комил табдил ёфта, самар меоварад; ҳангоме ки вай остин барзада меҳнат мекунад, то дигарон ҳам роҳро ба сӯи Масеҳ ёфта, ба камоли рӯҳонӣ расанд”.

Ҳайратовар нест, ки ҳеҷ чиз аз ин шодӣ бештар нест. Мо бисёр вақт дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ бо ин рӯ ба рӯ мешавем. Ҳангоме ки тифл ба дунё меояд, мо хеле хурсанд мешавем, аммо моро ин савол азоб медиҳад: “Ҳангоме ки вай калон мешавад, чӣ гуна хоҳад буд?” Волидон чӣ қадар хурсанд мешаванд, ҳангоме ки фарзанди ба балоғат расидаашон хислати хеле хуб ва дастовардҳои баланд дорад! Аз ҳамин сабаб мо мехонем: “Эй писарам! Агар дили ту бохирад шавад, дили ман низ шод мегардад, ва ботини ман хурсанд мешавад, вақте ки лабҳои ту ба ростӣ сухан ронад” (Мас. 23:15,16).

Аз тамоми чизи дар боло зикршуда мо пеш аз ҳама бояд сабақ гирем, ки бо усулҳои рӯякии башоратдиҳиву кор бо навимонон қаноат кардан ҳеҷ мумкин нест. Агар дидан хоҳем, ки чӣ тавр фарзандони рӯҳониамон дар ростӣ рафтор мекунанд, мо бояд омода бошем тамоми ҷони худро ба онҳо диҳем ва барои ин хушбахтӣ нархи баланди солҳои зиёди дуо, панддиҳӣ, рӯҳбаландкунӣ, ғамхорӣ ва ислоҳкуниро пардохт намоем.

**“Писари бохирад падарро шод мекунад, вале писари аблаҳ сабаби андӯҳи модари худ мешавад”**

*(Масалҳо 10:1)*

Бохирад ё аблаҳ калон шудани писар ба чӣ вобаста аст? Кадом омилҳо муайян мекунанд, ки оё вай Юҳанно мешавад ё Яҳудо?

Бешубҳа, бисёр чиз ба чӣ тавр дар хона тарбият ёфтани вай вобастагӣ дорад. Ин таълимдиҳии асосҳои Навиштаи Муқаддасро низ дар бар мегирад. Таъсири тақдискунандаи Калом беандоза зиёд аст.

Ин хонаеро низ дар бар мегирад, ки зери сояи дуо рӯпӯш карда шудааст. Модари як воизи барҷаста чунин ҳисоб мекард, ки ин воиз фақат аз он сабаб ба ҳар гуна бадӣ дар ҳаёт ё дар таълимоти динӣ ин гуна оштинопазир шудааст, ки вай (модар) соатҳои дуру дароз зонуҳояшро то дараҷаи хуншоршавӣ захмин намуда, барои писараш дуо кардааст.

Набояд дар бораи интизоми сахте фаромӯш кард, ки аз солҳои хурдӣ ба кӯдак фармонбардорӣ ва итоат ба калонсолонро ёд медиҳад. Имрӯз мо бар зидди чунин интизом бисёр эътирозҳои баланд мешунавем, аммо ҳаётҳои зиёде на аз истифодаи химча, балки аз бебанду борӣ вайрон шуда буданд (Мас. 13:24; 23:13,14).

Ин маънои онро дорад, ки мо кӯдакро дилпур мекунем, ки ӯро дӯст медорем. Ҳар гуна ҷазо бояд нишон додани муҳаббат бошад, на ғазаб.

Ин маънои онро дорад, ки рафтори волидон бояд ба суханони онҳо мувофиқ ояд. Дурӯягии динӣ барои бисёр кӯдакон аз оилаҳои масеҳӣ санги пешпо гардидааст.

Аммо набояд фаромӯш кард, ки кӯдак иродаи худро низ дорад. Ҳангоме ки вай калонсол шуда, хонаро тарк мекунад, барои мустақилона қабул кардани қарорҳо ҳуқуқи комил дорад. Бисёр вақт кӯдаконе ки дар як оила калон шуда, тарбияти якхела гирифтаанд, тамоман роҳҳои гуногунро интихоб мекунанд.

Бояд ду ҳақиқати ҳаётиро ба назар гирифт. Якум: аксари одамон мехоҳанд ҳатман худашон мазаи ин дунёро чашанд. Дуюм: аксари одамон хоҳиш доранд, ки на ба маслиҳати хирадмандона гӯш диҳанд, балки аз нангу шармандагии хатоҳои худ сабақ гиранд.

Волидони хирадманд ҳаргиз дар масъалаи тавба ба кӯдакон фишор намеоваранд. Агар кӯдакон назди Худованд омадан хоҳанд, ин кӯшиши онҳоро бояд ба ҳар тарз ҳавасманд кард. Аммо агар онҳо фақат дар зери фишори волидон “тавба кунанд”, пас аз калон шудан аз ҷамоат меравад ва он вақт онҳоро назди Масеҳ овардан хеле душвортар мешавад.

Аммо агар волидони масеҳӣ ҳар чизи аз дасташон меомадаро карда бошанд, то фарзандон дар худотарсӣ калон шаванд, ва бо вуҷуди ин дертар фарзандони онҳо дар имон дучори шикаст шаванд; он гоҳ чӣ? Пеш аз ҳама онҳо бояд дар хотир дошта бошанд, ки боби охирин ҳанӯз навишта нашудааст. Барои Худованд ҳолатҳои беилоҷ вуҷуд надоранд. Барои бисёрии онҳое ки вафодорона ва гарму ҷӯшон дуо карда, бо фарзандони худ робитаро қатъ намекарданд, рӯзе фаро расид, ки писарони гумроҳи онҳо ба хона баргаштанд. Аммо чунин ҳам буд, ки ҷавоб ба дуои волидон ҳамон вақт гирифта шуд, ки онҳо аллакай ин дунёро тарк карда, ба абадияти назди Худованд рафта буданд.

## 1 НОЯБР

**“Субҳидам тухми худро бикор, ва то шом ба дасти худ осоиш надеҳ, зеро намедонӣ, ки кадоме аз онҳо, ин ё он, муваффақият хоҳад ёфт, ё ки ҳар дуи онҳо баробар некӯ хоҳанд буд?**

*(Воиз 11:6)*

Мо намедонем, ки чӣ тавр ва кай хизматгузории мо барои Худо самар меоварад, ва бинобар ин бояд ҳатто имконияти хурдро аз даст надиҳем, то Хабари Хушро ба одамон расонем. Муъҷизаи тавба ҳамон вақт меояд, ки мо инро аз ҳама кам интизорем, ва Худованд ба он бо роҳҳои тамоман ғайричашмдошт мебарад.

Боре дарёнаварди масеҳӣ, ки дар авиабазаи ҳарбӣ-баҳрӣ хизмат мекард, назди яке аз ангарҳо истода, ба дӯсти худ дар бораи Масеҳ нақл мекард. Дарёнаварди сеюм, ки дар тарафи дигар кор мекард, ва бинобар ин барои мусоҳибон номаълум монд, Инҷилро шунид. Ин дӯсти онҳо тамоми даҳшати гуноҳҳоро дарк намуда, тавба кард. Аммо аз он дарёнаварде ки ин суханон бевосита ба вай равона шуда буданд, масеҳӣ ҷавобе нагирифт.

Як воиз садодиҳиро дар толори нав санҷиш намуда, бо овози баланд ин оятҳоро аз Инҷили Юҳ.1:29 гуфт: “Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад”. Вай боварӣ дошт, ки ӯро ҳеҷ кас намешунавад. Сипас вай ин суханони Яҳёи Таъмиддиҳандаро, ки барои ҳар насл хеле муҳим аст, такрор кард: “Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад”. Бале, дар худи толор касе набуд, аммо коргаре ки дар балкон кор мекард, аз ин суханон чунон моту мабҳут шуд, ки ба Барраи Худо бо дуо дар бораи бахшидашавӣ ва ҳаёти нав муроҷиат кард.

Боре дар вокзали роҳи оҳани Париж як илоҳиётшиноси амрикоӣ бо ҷаҳонгарди ҷавони амрикоӣ ба гап даромад (онҳо на фақат аслан аз як шаҳр буданд, балки ҳатто дар наздикии якдигар зиндагӣ мекарданд). Ба суханони илоҳиётшинос дар бораи зарурати тавба кардан ҷавонмард бо табассуми сохта гуфт: “О шумо ният доред маро дар вокзали Париж наҷот диҳед?” Илоҳиётшинос ҷавоб дод: “Не, ман шуморо наҷот дода наметавонам. Дар ҳаёт мувофиқатҳои одӣ намешаванд, мо дар ин ҷо тасодуфан вонахӯрдаем. Ба фикрам, Худо бо шумо гап мезанад, ва барои шумо беҳтар мебуд, ки ба суханони Ӯ гӯш меандохтед”. Пас аз якчанд рӯз як шахси дигари масеҳӣ ин ҷавонмардро [бо мошинаш] то шаҳри Вена бурда расонда, дар роҳ бо вай оиди имон сӯҳбат кард. Аллакай дар хона, дар Амрико, худи ҳамин имондор вайро ба ранчои масеҳӣ дар Колорадо даъват намуд. Дар рӯзи охирини дар ранчои масеҳӣ буданаш ҷавонмард ба ҳавз барои шино кардан рафт. Пас аз чанде ба вай боз як меҳмон ҳамроҳ шуда, оҳиста сӯҳбатро оиди Худованд сар кард ва хушбахт буд, ки ба вай роҳро ба сӯи наҷот нишон диҳад. Пас аз якчанд сол дар як ҷамоат баъди тамом шудани ҷамъомад ба илоҳиётшинос ҷавонеро муаррифӣ карданд, ки имондори хеле боэҳтимом буд. Номи вай барояш хеле шинос намуд. Баъд вай ба хотир овард. Ин худи ҳамон ҷаҳонгарде буд, ки ӯ дар вокзали Париж бо вай сӯҳбат карда буд.

Маънои ҳама чизи дар боло гуфташуда, албатта, он аст, ки мо бояд доимо барои Масеҳ бо ҷидду ҷаҳд меҳнат кунем: ҳам саҳар ва ҳам бегоҳ. Мо намедонем, ки кадом зарба зиреҳро сӯрох мекунад ва кадом сухан ба чашмаи ҳаёти ҷовидона оғоз мебахшад.

# 2 НОЯБР

**“Хуллас, эй бародарони азизи ман, пойдору устувор бошед, ҳамеша дар кори Худованд машғул бошед, ва донед, ки меҳнати шумо пеши Худованд беҳуда нест”**

*(1Қуринтиён 15:58)*

Бисёр вақт мо бо одамоне вомехӯрем, ки аз хизматгузории худ дилхунук шуда, ноумед мешаванд ва ҳама чизро тарк мекунанд. Ба фикри ман, ин васваса ба бисёрии мо маълум аст. Бинобар ин ман имрӯз мехоҳам он ҷойҳои Навиштаҳоро иқтибос оварам, ки барои ман тасалло ва дилгармии бузург буданд, ва ба ман имкон надоданд, ки рӯҳафтода шавам.

Пайғамбар Ишаъё навишта буд: «Ва Ман гуфтам: “Бар абас Ман заҳмат кашидаам, қуввати Худоро беҳуда ва бесамар сарф намудаам. Аммо ҳаққи Ман бо Худованд аст, ва музди Ман бо Худои Ман аст” (Иш. 49:4). Лаҳзаҳое мешаванд, хушбахтона хеле кам, ҳангоме чунин метобад, ки солҳои хизматгузорӣ барои Худованд аз байн рафта, тамоми заҳматҳо ва кӯшишҳои мо бар абас буданд, ва ҳамаи ин беҳуда буд. Аммо ин тавр нест! Ояти имрӯзаамон моро бовар мекунонад, ки адолати Худо ғамхорӣ хоҳад кард, то ба мо мукофоти шоҳона дода шавад. Ҳеҷ коре барои Ӯ ба амал оварда мешавад, беҳуда нест.

Ҷои дигар аз китоби пайғамбар Ишаъё 55:10,11: “...Чунон ки борон ва барф аз осмон меборад ва он ҷо барнамегардад, балки заминро сероб карда, онро ҳосилхез ва сабзу хуррам мегардонад, ва ба зироаткор тухм ва ба нонхӯр нон мебахшад, ончунон каломе ки аз даҳони Ман мебарояд, хоҳад буд: вай сӯи Ман бенатиҷа нахоҳад баргашт, балки он чиро ки Ман хостаам, ба ҷо хоҳад овард, ва ба иҷрои он чи барояш вайро фиристодаам, муваффақ хоҳад шуд”. Ҳамаи онҳое ки ба дигарон Каломи зиндаи Худоро мебаранд, албатта муваффақ хоҳанд шуд. Дар натиҷаҳои хуби заҳмати онҳо ҳеҷ шубҳае нест. Каломи Худо ҳар гуна муқобилатро шикаст хоҳад дод. Чунон ки лашкарҳои тамоми ҷаҳон наметавонанд ба боридани борон ва барф халал расонанд, ончунон тамоми тӯдаҳои девҳо ва одамон наметавонанд пеши роҳи Каломро гирифта, имкон надиҳанд, ки дуртару дуртар рафта, дилҳои одамонро пурра дигаргун кунад. Ғалаба доимо ба ҷониби мост.

Дар Инҷили Матто 10:40 ин суханони аҷиби рӯҳбаландкунӣ ҳастанд: “Ҳар кӣ шуморо қабул кунад, Маро қабул мекунад”. Оё ягон кас аллакай кӯшиш кардааст бо шунидани суханони аввалинатон оиди имони масеҳӣ шуморо таҳқир кунад? Ё аз ҷамъият берун ронад? Ё масхара кунад? Ё лату кӯб кунад? Оё ягон кас аллакай дар пеши шумо дарро сахт пӯшидааст? Хайр, инро ба дил наздик нагиред. Одамон дар асл на шуморо, балки Наҷоткорро рад мекунанд. Онҳо бо шумо тавре рафтор мекунанд, ки бо Худованд рафтор мекарданд. Оё бо Писари Худо чунин робитаи ҷудонашаванда доштан хуб нест?!

Албатта, боз оят аз 1Қур. 15:58 ҳаст, ки дар боло иқтибос оварда шудааст. Дар ин боб Павлус ба ҳақиқати зиндашавӣ диққати махсус медиҳад. Агар ҳаёти мо бо марг ба анҷом мерасид, тамоми заҳматҳои мо бенатиҷа мебуданд. Лекин, охир, дар тарафи дигари қабр ҷалоли абадист. Он ҷо мо барои тамоми коре ки ба номи Худованд кардаем, мукофот хоҳем гирифт. Ҳеҷ як хизматгузории муҳаббат бесамар ва бенатиҷа намемонад. Дар миёни тамоми вазифаҳо аз ҳама пуршарафтар хизматгузории масеҳӣ аст. Барои қатъ кардани он дар ҷаҳон ягон сабаби кироӣ ёфт намешавад. Каломи Худо ба мо дилгармӣ ва қувват мебахшад, то ки пеш равем.

## 3 НОЯБР

**“Аммо бунёди мустаҳками Худо пойдор аст ва чунин мӯҳре дорад: "Худованд касони Худро мешиносад"; ва боз "Ҳар кӣ номи Худовандро хонад, бигзор аз беинсофӣ канорагирӣ намояд"”**

*(2Тимотиюс 2:19)*

Ҳатто дар замони расулон дар ҷаҳони дин печдарпечӣ ва ҳарҷумарҷ бисёр буд. Масалан, ду шахс таълим медоданд, ки растохези имондорон аллакай ким-кайҳо гузаштааст. Барои мо ин фикр беақлона менамояд. Ба ҳар ҳол ин таълимот хатарнок буд, охир аз боиси он имони баъзе одамон суст шуд. Акнун бошад, табиист, ки саволе ба миён меояд: оё он ду шахс ҳақиқатан имондор буданд ё на?

Ин саволро мо бисёр вақт имрӯз ҳам медиҳем. Ана ходими барҷастаи ҷамоат, ки дар батни модар беайб ба вуҷуд омаданро рад мекунад. Профессори семинария таълим медиҳад, ки дар Навишта хатоҳо ҳастанд. Донишҷӯи коллеҷ исроркорона мегӯяд, ки бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтааст, ва бо вуҷуди ин риоя кардани рӯзи шанберо якравона ҷонибдорӣ мекунад ва чунин мешуморад, ки ин дар наҷот нақши муҳим мебозад. Соҳибкор дар бораи тавбаи худ нақл мекунад ва ба ҳар ҳол дар ҷамоате мемонад, ки бутҳоро иззат мекунад ва дар бораи наҷот ба воситаи фароиз ва хӯрдани нону майи табаррук таълим дода, мегӯяд, ки роҳбари он дар тамоми масъалаҳои имон ва ахлоқ бенуқсон аст.

Оё ҳамаи ин одамон воқеан масеҳиёни ҳақиқӣ ҳастанд?

Рости гап, мавридҳое ҳастанд, вақте мо наметавонем бо боварии комил гӯем, ки имони кадом як шахс самимӣ аст ё ин танҳо дурӯягист. Миёни ҳақиқат ва дурӯғ, сиёҳу сафед доимо хати хира аст. Ин ҷо мо бо дилпурӣ муайян карда наметавонем, ки чӣ чист. Инро танҳо Худо медонад.

Дар ин дунё зидди дудилагӣ як чизе ҳам ҳаст, ки пойдор ва устувор аст – бунёди Худо. Ҳар он чи вай месозад, Ӯ мустаҳкам месозад. Дар бунёди Ӯ мӯҳр зада шудааст, дар мӯҳр бошад ду навиштаҷот ҳаст. Навиштаҳои якум дар бораи ҷиҳати илоҳӣ мегӯяд, дуюмаш бошад дар бораи ҷиҳати одамӣ. Якумаш эълон мекунад, дуюмаш амр мефармояд.

Навиштаҳои якум мегӯяд, ки Худованд касони Худро мешиносад. Ӯ медонад, ки киҳо ба Ӯ тааллуқ доранд, ҳатто агар онҳо на ҳамеша ба таври даркорӣ рафтор мекунанд. Аз тарафи дигар, Ӯ риёкорӣ ва дурӯягии ҳамаи онҳоеро мебинад, ки ниқоби парҳезгориро пӯшидаанд, аммо дилҳояшон сиёҳ мемонад. Мо баъзан гӯсфандро аз буз фарқ карда наметавонем, аммо аз Ӯ ҳеҷ чиз ниҳон намемонад.

Навиштаҳои дуюм мегӯяд, ки ҳар кӣ номи Худовандро мехонад, бояд аз беинсофӣ канорагирӣ намояд. Танҳо ҳамин тавр одам метавонад самимияти суханони худро исбот намояд. Одамон зуд ба онҳое бовар карданро бас мекунанд, ки худро масеҳӣ меноманд, аммо дар гуноҳ зиндагӣ карданро давом медиҳанд.

Биёед ба ин усул ҳар боре рӯй меоварем, ки дар ҳайрат монда, намедонем, дар пеши мо чист: гандум ё алафи бегона. Худованд касони Худро мешиносад. Ҳамаи онҳое ки худро касони Ӯ меноманд, метавонанд ба воситаи канорагирӣ аз гуноҳ инро нишон диҳанд.

## 4 НОЯБР

**“Фарзандони Худо ва фарзандони иблис ин тавр шинохта мешаванд: ҳар кӣ ростиро ба амал намеоварад, аз Худо нест, ҳамчунин касе ки бародари худро дӯст намедорад”**

*(1Юҳанно 3:10)*

Як вақтҳо қариб ҳар як хонаи амрикоӣ дар ҳуҷраи қабули меҳмонон албоми оилавӣ мехобид. Ҷилди он аз пӯст буда, нақши тиллоранг дошт ва он бо чангаки зебо маҳкам мешуд. Саҳифаҳои он аз коғази ғафси қатнашаванда буда, нақшу нигори гулдор ва зеҳи тиллоранг доштанд. Дар ҳар саҳифа “тирезачаҳо”-и махсусе буданд, ки дар он суратро меандохтанд. Аз меҳмононе ки чунин албомро варақ мезаданд, бисёр вақт ин гуна суханро шунидан мумкин буд, ки “Ҷон ба падаркалони худ хеле монанд аст” ё ин ки “дар Сара шабоҳати оилавӣ баръало дида мешавад”.

Номаи Юҳанно ба ман ин албоми оилавиро хотиррасон мекунад, зеро дар он мо расмҳои аъзоёни оилаи Худоро меёбем, ки дар хислатҳои онҳо шабоҳати оилавӣ дида мешавад. Лекин бояд гуфт, ки онҳо на аз рӯи намуди зоҳирии худ, балки аз рӯи симои ахлоқӣ ва рӯҳониашон ба якдигар монананд.

Камаш ҳашт хусусият ҳаст, ки масеҳиёнро “дугоникҳо”-и рӯҳонӣ мекунад. Якум хусусият ин аст, ки онҳо дар бораи Исо ҳамон як чизро нақл мекунанд. Онҳо эътироф мекунанд, ки Ӯ Христос, яъне Масеҳ ё Масҳшуда, мебошад (1Юҳ. 4:2; 5:1). Барои онҳо Исо ва Масеҳ худи ҳамон як Шахс мебошад.

Ҳамаи масеҳиён Худоро дӯст медоранд (5:2). Агарчи ин дӯстдорӣ бисёр вақт суст ва беҷуръат мешавад, аммо ягон лаҳзае нест, ки имондор ба рӯи Худо нигариста, инро гуфта натавонад: “Ту медонӣ, ки ман Туро дӯст медорам”.

Ҳамаи имондорон бародарони худро дӯст медоранд (2:10; 3:10,14; 4:7,12). Ин нишонаи махсуси онҳоест, ки аз марг ба ҳаёт гузаштаанд. Онҳо Худоро дӯст медоранд, бинобар ин, онҳоеро низ дӯст медоранд, ки аз Худо зода шудаанд.

Ҳамаи дӯстдорони Худо бо кӯшиши риоя намудани фармудаҳои Ӯ аз одамони боқимонда фарқ мекунонад (3:24). Онҳо на аз боиси тарси ҷазо, балки аз боиси муҳаббат ба Ӯ, ки ҳама чизи доштаашро фидо кард, ба Ӯ итоат мекунанд.

Масеҳиён дар гуноҳ зиндагӣ намекунанд (3:6,9; 5:18). Не, онҳо баъзан гуноҳ мекунанд, аммо гуноҳ аллакай бар онҳо ҳукмфармо нест. Онҳо ҳанӯз бегуноҳ нестанд, аммо аз пештара хеле камтар гуноҳ мекунанд.

Аъзоёни оилаи Худо росткориро ба амал меоваранд (2:29; 3:7). Ин маънои онро дорад, ки онҳо на фақат аз одати гуноҳ кардан торафт бештар озод мешаванд, ва онҳо бар ҳеҷ кас бадӣ намекунанд, балки дар бораи хайрияти дигарон ғамхорӣ менамоянд ва росткориро ба амал оварда, некӣ мекунанд.

Хусисияти ҳафтум, ки барои аъзоёни оилаи Худо хос аст, ин аст, ки онҳо ҷаҳонро дӯст намедоранд (2:5). Онҳо медонанд, ки ҷаҳон низомест, ки онро одам дар исёни худ бар зидди Худо офаридааст, ва дӯсти ҷаҳон будан маънои душмани Худо буданро дорад.

Ниҳоят, масеҳиён ҷаҳонро бо имон мағлуб мекунанд (5:4). Ягон чизи зудгузар ва қалбакӣ дар ин ҷаҳон наметавонад аз назари онҳо олами абадии зебоии ҳақиқиро пинҳон кунад.

# 5 НОЯБР

**“Имон ва виҷдони некро нигоҳ дорӣ”**

*(1Тимотиюс 1:19)*

Виҷдон дастгоҳи назоратиест, ки Худо ба одамон додааст, то он рафторҳои дурустро таҳсин намуда, бар зидди рафторҳои нодуруст эътироз кунад. Дар он лаҳзае ки Одам ва Ҳавво гуноҳ карданд, онҳо овози фошкунандаи виҷдонро шуниданд ва фаҳмиданд, ки луч ҳастанд.

Ба виҷдон, чун ба тамоми ҷузъҳои дигари табиати одам, гуноҳи аввалин зиёниислоҳнопазир расондааст, ва акнун ба он ҳам на ҳамеша такя кардан мумкин аст. Маслиҳати кӯҳна дар хусуси он ки дар ҳама чиз ба овози виҷдони худ гӯш додан лозим аст, ҳаргиз ба қатори қоидаҳои тағйирнопазир тааллуқ надошт. Бо вуҷуди ин ҳатто дар дилҳои аз ҳама фосид ва бадахлоқ виҷдон ба ҳар ҳол чароғакҳои огоҳикунандаи сурх ё сабзро дармегиронад.

Ҳангоми имон овардан хуни Масеҳ одамро аз амалҳои беҷон пок мекунад (Ибр. 9:14). Ин маънои онро дорад, ки вай дигар умеди онро надорад, ки ба воситаи амалҳои нек дар назари Худо илтифот ёбад. Дили вай ба воситаи пошидани хун аз виҷдони бад пок шуд (Иб. 10:22), охир, акнун вай медонад, ки масъалаи гуноҳ, ба шарофати заҳмати Масеҳ, қатъиян ҳал шудааст. Акнун виҷдони вай дар ҳар чизи вобаста ба айб ва маҳкумият, ки бо худ ҳар гуна гуноҳро меоранд, пок аст.

Аз ҳамин лаҳза имондор хоҳиш дорад, ки назди Худо ва одамон виҷдони пок дошта бошад (Аъм. 24:16). Вай виҷдони нек (1Тим. 1:5,19; Иб. 13:18; Шет. 3:16) ва пок (1Тим. 3:9) доштан мехоҳад.

Виҷдони имондор бояд боз бо ёрии Рӯҳулқудс аз мактаби Каломи Худо гузарад. Танҳо ҳамин тавр ҳассосияти вай нисбати масъалаҳои баҳсноки рафтори масеҳиёна вусъат ёфта метавонад.

Виҷдони имондороне ки бениҳоят хурдагирона ба чизҳое назар мекунанд, ки худ аз худ хубу ганда нестанд, хеле заиф ва нотавон аст. Аммо агар онҳо ба ҳар ҳол кореро кунанд, ки виҷдонашон онро маҳкум мекунад, онҳо гуноҳ карда (Рум. 14:23), виҷдони худро нопок месозанд (1Қур. 8:7).

Виҷдон то андозае ба тасмаи чандир монанд аст. Ҳар қадар бештар онро дароз кашӣ, ҳамон қадар вай чандирии худро аз даст медиҳад. Айнан ҳамин тавр виҷдон ҳам ҳассосияти худро гум карда метавонад. Кас ҳар қадар бештар барои бадкориҳои худ баҳона ёбад, ҳамон қадар барояш осон мешавад, ки виҷдони худро водор созад, то танҳо чизҳои мавриди писанди вайро гӯяд.

Виҷдони бисёри беимонон беҳис аст (1Тим. 4:2), гӯё ки ба он оҳани тафсонро гузошта бошанд. Доимо овози виҷдони худро пахш карда, онҳо ба дараҷае мерасанд, ки тамоми ҳиссиёти онҳо хушк мешавад. Онҳо чунон беҳис мешаванд, ки гуноҳ аллакай боиси ягон дарди онҳо намешавад (Эфс.4:19).

Одамон дар пеши Худо барои он ҷавобгар ҳастанд, ки бо виҷдони худ чӣ тавр муносибат мекунанд. Ҳеҷ як қобилиятеро, ки онро ба мо Худо додааст, беҷазо суиистифода бурдан мумкин нест.

# 6 НОЯБР

**“Ва растагорони Худованд баргашта, бо тараннум ба Сион хоҳанд омад, ва хурсандии абадӣ бар сари онҳо хоҳад буд; онҳо ба шодӣ ва хурсандӣ ноил хоҳанд гардид, ва андӯҳу фиғон нест хоҳад шуд”**

*(Ишаъё 51:11)*

Дар ин пайғамбарии худ Ишаъё бозгашти хурсандибахши халқи баргузидаи Исроилро аз асорати Бобил, ки ҳафтод сол давом дошт, пешгӯӣ мекунад.

Ин суханон ҳамчунин метавонанд ба рӯзе дахл дошта бошанд, ки ҳанӯз фаро нарасидааст, вақте Масеҳ Исроилро барқарор намуда, онҳоро аз тамоми гӯшаву канорҳои кураи замин ҷамъ мекунад.

Ба фикри ман, мо ҳақ дорем ин оятро боз ҳам ба маънои васеътар тафсир намуда, онро барои рӯзи ба осмон рафтани Ҷамоат истифода барем. Мурдагоне ки то он вақт кафорат шудаанд, аз нидои Худованд, аз овози фариштаи муқарраб ва карнайи Худо бедор мешаванд, ва ҷисмҳои онҳо аз қабрҳо бармехезанд. Имондороне ки дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, дар як лаҳза дигаргун шуда, ба зиндашудагон ҳамроҳ мешаванд, ҳангоме ки зиндашудагон барои дар ҳаво бо Худованд вохӯрдан ба осмон сууд мекунанд. Ана ҳамон вақт роҳпаймоии бузург сӯи хонаи Падар сар мешавад.

Хеле имконпазир аст, ки лаб-лаби тамоми роҳи онҳо тӯдаҳои фариштагон хоҳанд истод. Тамоми ин роҳпаймоии тантананокро Худи Кафораткунанда, ки сармасти ғалабаи пуршараф бар марг ва қабр аст, роҳбарӣ хоҳад кард. Аз ақиби Ӯ тӯдаи одамон аз ҳар гуна халқият ва забону қабила, ки гуноҳашон пӯшида шудааст, равона хоҳанд шуд. Ҳазорон-ҳазор кас суруд хоҳанд хонд: “Барраи кушташуда сазовори он аст, ки қудрат ва сарват ва ҳикмат ва қувват, ва иззат ва ҷалол ва ситоиш ёбад”.

Ҳар яке аз ин анбӯҳи бузург дар худ мӯҳри аҷиби файзи Худоро дорад. Ҳар яке аз онҳо аз асорати гуноҳ ва нанг бозхарида шуда, дар Исои Масеҳ махлуқи нав гардидааст. Яке аз онҳо ба хотири имони худ  аз азобу шиканҷаҳои сахт гузаштааст, дигаре барои Наҷоткори худ ҷонашро фидо кардааст. Аммо ҳозир ҳамаи доғҳои захм ва маъюбӣ нест шуда, муқаддасон намирандагӣ ва ҷисмҳои ҷалолёфта гирифтаанд.

Дар миёни онҳо Иброҳим ва Мусо, Довуд ва Сулаймон ҳастанд. Дар қатори онҳо дӯстдоштагон Петрус, Яъқуб, Юҳанно ва Павлус низ мебошанд. Паҳлӯ ба паҳлӯи онҳо Мартин Лютер, Ҷон Уэслӣ ва Ҷон Калвин мераванд. Аммо ба онҳо расо ҳамон қадар аҳамият дода мешавад, ки ба заҳматкашони назарногири Худо, ки дар замин номаълуманд, аммо дар осмонҳо машҳуранд, диққат дода мешавад.

Инак муқаддасон ба қасри Подшоҳ медароянд. Тамоми ғаму андӯҳ ба таври доимӣ нест шуданд, ва бар сари онҳо хурсандии абадист. Ниҳоят онҳо он чиро, ки ба он бовар доштанд, диданд ва он чиро ки умед мекарданд, ба даст оварданд. Онҳо дӯстдоштагони худро ёфта, сахт ба оғӯши худ мегиранд. Дар ҳама ҷо хурсандӣ ва шодии тасвирнопазир ҳукмрон аст. Ҳама бо тарси эҳтиромона назди он файзи ҳайратангезе таъзим мекунанд, ки онҳоро аз гирдоби гуноҳ бароварда, ба баландии ҷалоли абадӣ овард.

# 7 НОЯБР

**“Ба хона назди хешони худ рав ва хабар деҳ аз он чи Худованд бо ту кардааст, ва чӣ гуна ба ту раҳм намудааст”**

*(Марқус 5:19)*

Наҷот ёфта, мо дилпур ҳастем, ки ин чунон одӣ ва олидараҷа аст, ки ҳамин ки мо дар бораи Исо ба хешу табори худ нақл кунем, онҳо дарҳол хоҳиши ба Исо имон овардан пайдо мекунанд. Ба ҷои ин мо баъзан бо рад кардан, бадгумониҳо ва душманӣ дучор мегардем. Одамони ба мо наздик тавре рафтор мекунанд, ки гӯё мо ба онҳо хиёнат карда бошем. Ба чунин муҳит афтода, мо ба таънаҳои онҳо ҷавоби нешдор медиҳем ва зудранҷу мардумгурез шуда, кӯшиш мекунем аз хонагиҳои худ дурӣ ҷӯем. Ва ё доимо тарзи зиндагонии зиддимасеҳиёнаи онҳоро танқид намуда, фаромӯш мекунем, ки онҳо қуввати илоҳиеро, ки барои риояи талаботи Навишта зарур аст, надоранд. Тааҷҷубовар нест, ки аҳли хонаводаамон тасаввуроте пайдо мекунанд, гӯё мо онҳоро шахсони аз худ хеле паст меҳисобем. Хатари чун маҳмаддоно ном баровардан хеле калон аст, бинобар ин мо бояд кӯшиш кунем, ки ба онҳо барои чунин айбдоркуниҳо ягон имконият надиҳем.

Боз як хатое ки бисёр вақт вомехӯрад, кӯшиши ба дигарон зӯран бор кардани Инҷил аст. Дар баробари муҳаббати мо ба онҳо, инҷилшиносонии таҷовузкорона, ба ғайр аз дурӣ ва рад кардан, дигар чизе бо худ намеоварад.

Яке аз пайи худ дигареро кашола карда мебарад. Мо аз итоат ба волидони худ даст мекашем, гӯё имони масеҳӣ моро аз вазифаи итоат ба онҳо озод мекарда бошад. Сипас мо тамоми вақтро дар хизматтузориҳои ҷамоат ё бо дӯстони масеҳӣ мегузаронем ва торафт камтар вақтро дар хона мегузаронем. Ин боиси он мегардад, ки бадхашмии ахли оилаи мо бар зидди ҷамоат ва масеҳиён зиёд мешавад. Вақте Исо девонаеро, ки дар он легион буд шифо дод, ба вай амр кард, ки ба хона назди хешу таборони худ рафта, аз он чи Худованд бо вай кардааст, нақл кунад. Ин аввалин чизест, ки мо бояд ба ҷо оварем, яъне дар бораи имон оварданамон нақл кунем, аммо ба таври одӣ, бо фурӯтанӣ ва муҳаббат нақл кунем.

Ин бояд бо шаҳодати ҳаёти дигаргуншуда даст ба даст равад. Нури мо бояд дар пеши онҳо чунон тобад, то ки амалҳои неки моро дида, ба Падари мо, ки дар осмон аст, ҳамду сано хонанд (Мат. 5:16).

Ин маънои онро дорад, ки мо аллакай ба таври дигар муҳаббат ва эҳтиромро ба волидони худ нишон медиҳем ва онҳоро иззат намуда, ба онҳо итоат мекунем, ва ба маслиҳати онҳо гӯш медиҳем, агар ин хилофи таълимоти Навишта набошад. Мо бояд аз пештара дида дар корҳои хона ба онҳо бештар ёрӣ диҳем: хонаи худро рӯбучин кунем, косаву пиёла шӯем, сатили ахлотро барорем, ва ҳама чизро бе огоҳии иловагӣ ба ҷо оварем.

Ин маънои онро дорад, ки мо бояд фикру мулоҳизаҳои танқидиро, ки ба ҷониби мо равона шудаанд, оромона гӯш карда, кӯшиш накунем, ки ҷавоби нешдор диҳем. Онҳо аз фурӯтании мо хеле сахт ҳайрон мешаванд, махсусан агар пештар ҳеҷ нишонае аз фурӯтанӣ набуд. Таваҷҷӯҳи на чандон зиёди шумо ёрӣ хоҳад дод, ки ях дар муносибатҳоятон об шавад – ин метавонад мактуб бо суханони миннатдорӣ, варақаи табрикӣ, занги телефонӣ ё тӯҳфа бошад. Ба ҷои дурӣ ҷустан аз волидон мо бояд бо онҳо бештар вақт гузаронда, муносибатҳоямонро мустаҳкамтар намоем. Охир, он гоҳ эҳтимоли он зиёд мешавад, ки онҳо розӣ мешаванд бо мо ба ҷамоат раванд, – ва шояд, дертар ба роҳе медароянд, ки сӯи Худованд Исо мебарад.

**“Ҳар кас дар ҳар ҳолате ки даъват шудааст, дар ҳамон монад”**
*(1Қуринтиён 7:20)*

Масеҳӣ шуда, ягон кас метавонад қарор диҳад, ки бояд тамоми робитаҳоеро, ки вайро бо ҳаёти гузашта пайваст мекунанд, қатъ намояд. Барои аз ин гумроҳӣ одамонро наҷот додан расул Павлус қоидаи асосиро чунин тасвия мекунад: “Ҳар кас дар ҳар ҳолате ки пеш аз имон оварданаш дар он буд, дар ҳамон монад”. Биёед ин қоидаро муфассалтар дида баромада, қарор медиҳем, ки дар кадом соҳаи ҳаёт онро истифода бурдан мумкин аст ва дар кадомаш не.

Дар матни бевоситаи ин оят сухан дар бораи муносибатҳои никоҳӣ меравад, вақте яке аз ҳамсарон наҷот меёбаду дигаре не. Дар ин ҳолат имондор чӣ кор бояд кунад? Аз зани худ ҷудо шавад? “Не, – мегӯяд Павлус. – Вай бояд дар ин никоҳ бо умеди он зиндагӣ кунад, ки ягон рӯз, ба шарофати шаҳодати вай, завҷааш низ бовар мекунад”.

Ин ҳолати ҷузъӣ буд, аммо маънои умумии ин қоидаи Павлус он аст, ки имон овардан кардан талаб намекунад, ки аз тамоми муносибатҳо ва робитаҳое ки пеш аз тавба доштӣ, зӯран ҷудо шавӣ (агар Навиштаҳо онҳоро ошкоро манъ накунад). Масалан, яҳудӣ набояд ба ҷарроҳ танҳо барои он муроҷиат намояд, то ки аломати аёни мансубияти худро ба миллати яҳудӣ нест кунад. Ғайрияҳудии имондор набояд дар бораи ягон дигаргунии ҷисмонӣ фикр кунад, масалан дар бораи хатна, ки метавонист вайро дар муҳити ғайрияҳудиёни беимон махсус қайд кунад. Набояд ба хусусиятҳо ё аломатҳои ҷисмонӣ диққати калон дод. Худо пеш аз ҳама мехоҳад, ки мо ба фармудаҳои Ӯ итоат намоем.

Агар ягон кас ҳангоми имон овардани худ дар ҳолати ғуломӣ бошад, набояд зидди ин ҳолати худ исён карда, бар сари худ мусибатҳову ҷазо оварад. Ӯ метавонад дар айни замон ҳам ғуломӣ хуб ва ҳам масеҳии хуб бошад. Дар назари Худо мақом дар ҷамъият ва фарқҳои синфӣ ягон арзиш надоранд. Аммо агар ғулом тавонад бо роҳи қонунӣ озодии худро ба даст оварад, вай бояд инро кунад.

Инак, ин он соҳаҳое буданд, ки мо бояд дар онҳо ин қоидаро истифода барем. Аммо ҳамчунин бояд зикр намуд, ки дар он истисноҳои хеле муҳим низ ҳастанд. Ҳамин тавр, масалан, шахсе ки пештар бо корҳои нопок сару кор дошт, набояд дар ҳолати пештараи худ монад. Агар ягон кас май мефурӯхт, ё мудири фоҳишахонаву қиморхона буд, табиати рӯҳониаш ба вай тағйиротҳои заруриро нишон хоҳад дод.

Боз як истисно аз ин қоида – узви ҷамъиятҳои динӣ будан аст. Навимон бояд робитаҳоро бо ҳар низоме ки ҳақиқатҳои асосии имони масеҳиро рад мекунад, пурра қатъ намояд. Ӯ бояд ҳар ҷамоатеро, ки номи Наҷоткорро беобрӯ месозад, тарк кунад. Ин ҳамчунин ба узвият дар ташкилотҳои ҷамъиятие дахл дорад, ки дар он зикри номи Масеҳ манъ шудааст ё номатлуб аст. Вафодорӣ ба Писари Худо талаб мекунад, ки имондор ҳамаи инро тарк намояд.

Ҷамъбаст намуда, мо бояд таъкид кунем, ки имондор бояд дар ҳар ҳолате ки даъват шудааст, дар ҳамон монад, агар ин ҳолат бо гуноҳ алоқаманд набошад ва обрӯи номи Худовандро нарезонад. Вай набояд робитаҳои худро бо гузашта қатъ намояд, агар Каломи Худо онҳоро рӯйирост манъ накунад.

## 9 НОЯБР

**“Эй бародарони ман, чӣ фоидае ҳаст, агар касе гӯяд, ки имон дорад, лекин амалҳо надошта бошад? Оё чунин имон ӯро наҷот дода метавонад?”**

*(Яъқуб 2:14)*

Яъқуб намегӯяд, ки ин одам имон дорад. Ин одам худаш мегӯяд, ки имон дорад, аммо агар вай ҳақиқатан имони наҷотдиҳанда медошт, амалҳо низ медошт. Вай танҳо дар сухан имон дорад, аммо чунин имон ҳеҷ касро наҷот дода наметавонад. Сухан бе амал мурда аст. Наҷот ба воситаи амалҳо ба даст намеояд. Ва на ба воситаи имон ва амалҳо. Наҷот ба воситаи имоне ба даст меояд, ки дар натиҷаи он шахс амалҳои нек мекунад.

Пас чаро Яъқуб дар ояти 24-ум мегӯяд, ки одам ба воситаи амалҳо сафед мешавад? Оё ин ба таълимоти Павлус дар бораи он ки мо бо имон сафед шудаем, хилоф нест? Дар асл ин ҷо ягон мухолифат нест. Ҳар дуи онҳо дурустанд. Ҳамаи гап дар он аст, ки дар Инҷил шаш ҷиҳати гуногуни сафедшавӣ тасвир меёбад:

Моро Худо сафед кардааст (Рум. 8:33) – маҳз Ӯ моро росткор мешуморад.

Мо аз рӯи файз сафед шудаем (Рум. 3:24) – сафедшавиро Худо ба мо чун тӯҳфае медиҳад, ки мо сазовори он нестем.

Мо ба воситаи имон сафед шудаем (Рум. 5:1) – ба Исои Масеҳ бовар карда, мо ин тӯҳфаро қабул мекунем.

Мо ба воситаи хун сафед шудаем (Рум. 5:9) – хуни қиматбаҳои Масеҳ нархе буд, ки барои сафедшавии мо пардохта шуд.

Мо ба воситаи қувват сафед шудаем (Рум. 4:25) – он қуввате ки Исои Масеҳро, Худованди моро, аз мурдагон зинда намуда, сафедшавии моро низ имконпазир кард.

Мо ба воситаи амалҳо сафед шудаем (Яъқ. 2:24) – корҳои нек – шаҳодат барои ҷаҳони берунӣ дар бораи он ки мо ҳақиқатан сафед шудаем.

Танҳо дар бораи имон овардани худ изҳор намудан кофӣ нест. Мо бояд суханонро бо корҳои нек, ки ҳатман аз пайи зодашавии дубора меояд, тақвият диҳем. Имон ноаён аст. Ин паймони ноаён дар миёни ҷони мо ва Худо аст. Дигарон онро дида наметавонанд. Аммо онҳо корҳои некро дида метавонанд, ки самароти ин имони наҷотдиҳанда мебошад. Агар онҳо амалҳоро набинанд, комилан ҳақ доранд, ки ба имони мо низ шубҳа намоянд.

Корҳои неки Иброҳим он буд, ки вай тайёр буд писари худро ба Худо қурбонӣ кунад (Яъқ. 2:21). Корҳои неки Роҳоби фоҳиша хиёнати вай ба кишвари худ буд (Яъқ. 2:25). Мо инро корҳои нек меномем, зеро онҳо бо ин кор ба ҳама нишон доданд, ки ба Худои зинда имон доранд. Вагарна онҳо ҷиноят, ё аниқтараш куштор ва хиёнат ба ватан мебуданд.

Бадане ки аз рӯҳ ҷудо шудааст, мурда мебошад. Охир марг ҷудошавии рӯҳ ва бадан аст. Ҳамин тавр имон низ бе амал мурда аст. Дар он на ҳаёт ҳасту на қувват.

Он ҳақиқат, ки бадан зиндагӣ мекунад, маънои онро дорад, ки дар он рӯҳ ноаён сокин аст. Ҳамин тавр, корҳои нек низ аломати аёни имони ноаёни наҷотдиҳанда мешаванд, ки дар одам сокин аст.

## “Рӯҳи пурҳарорат дошта бошед”

*(Румиён 12:11)*

Яке аз қонунҳои физика мегӯяд, ки ҷисмҳои ҳаракаткунанда оҳиста-оҳиста энергияи кинетикии худро гум карда, бозмеистанд, ҷисмҳои тофташуда кушода мешаванд, ҷисмҳои даргирифта сӯхта, хомӯш мешаванд. Тасвияи илмии ин қонун, албатта, дигар хел аст, аммо ин ба мо тасаввуротро дар бораи моҳият медиҳад.

Масалан, олимон мегӯянд, ки ҳарорати офтоб оҳиста-оҳиста паст мешавад, ва агарчи то пурра хунук шудани он ҳоло муддати хеле зиёд хоҳад гузашт, айёми мавҷудияти он маҳдуд аст.

Ҷисми одам афсурда мешавад, мемурад ва ба хок бармегардад. Раққосаки соат, ки бо дасти одам ба ҳаракат оварда шудааст, оҳиста-оҳиста гашти худро суст карда, аз ҳаракат мемонад. Мо соатро тоб медиҳем, аммо дере нагузашта боз маҷбурем ин амалро такрор кунем. Оби гарм то ҳарорати хона хунук мешавад. Фулузот тира мешаванд. Рангҳо хира мешаванд. Ҳеҷ чиз ҷовидона вуҷуд надорад, чунон ки ҳаракати ҷовидона низ нест. Таҷзияшавӣ, тағйирёбӣ ва ҷудошавӣ дар ҳама ҷо ҳукмронанд.

Худи ҷаҳон низ кӯҳна мешавад. Дар бораи замину осмон Навиштаҳо чунин мегӯяд: “Онҳо аз байн мераванд, аммо Ту (Писари Худо) пойдор мемонӣ; ва ҳамаашон чун либосе кӯҳна мешаванд, ва чун ҷомае онҳоро мепечонӣ, ва онҳо дигаргун мешаванд” (Ибр. 1:11,12).

Баъзан ба назари ман чунин менамояд, ки худи ҳамин қоида, мутаассифона, ба ҷаҳони рӯҳонӣ низ дахл дорад. Чунин дигаргуниҳоро мо дар ҳаёти шахсони ҷудогона, ҷамоатҳо, ҳаракатҳо ва муассисаҳо мебинем.

Ҳатто агар оғози ҳаёти масеҳии ягон кас хеле равшан бошад ҳам, бо вуҷуди ин хатари хеле калон ҳаст, ки ҳарорат дере нагузашта суст мешавад, қувват тамом мешавад, орзуҳо пароканда мешаванд. Мо монда мешавем, пир мешавем, ва дар дил хунукӣ ва бепарвоӣ сокин мешавад.

Бо ҷамоат низ чунин рӯй медиҳад. Бисёриҳо дар теғаи мавҷи растохези рӯҳонӣ сар мекарданд. Оташ боз якчанд сол даргирифта меистад. Сипас роҳ ба нишеб меравад. Ҷамоат муҳаббати аввалини худро тарк мекунад (Ваҳй 2:4). Моҳи асал ба охир расидааст. Ҳарорати башоратдиҳӣ ба кӯҳнапарастии ҷамъомадҳо табдил меёбад. Покии таълимот ба ягонагии сохта қурбонӣ оварда мешавад. Ниҳоят бинои холишуда шаҳодати он аст, ки ҷалол аллакай ким-кайҳо рафтааст.

Таҷзияи рӯҳонӣ ба ҳаракатҳо ва ташкилотҳои гуногун низ таҳдид мекунад. Шояд як вақтҳо мақсади асосии онҳо башоратдиҳӣ буд, аммо оҳиста-оҳиста онҳо чунон дар кори хайрот ғӯтиданд, ки Инҷил ба мадди дуюм гузашт. Ё онҳо бо ҷидду ҷаҳд ва қуввати Рӯҳ сар карданд, аммо баъд ба маросимҳову расмиятпарастӣ даст заданд. Мо бояд ба воситаи усулҳои гуногун зидди таҳдиди чунин рӯҳафтодагӣ мубориза барем. Ба мо чизе даркор аст, ки Норман Грабб онро растохези қатънашаванда меномад. Мо бояд доимо “рӯҳи пурҳарорат дошта бошем”.

**“Касе ки ношунида ҷавоб гардонад, беақл аст, ва ин барои у нанг аст”**
*(Масалҳо 18:13)*

Ин суханони хеле боҳикмат аст! Пешакӣ ҳамаи фактҳоро ҷамъ накарда, қарори оқилона қабул кардан номумкин аст. Мутаассифона, дар миёни масеҳиён кам шахсоне ёфт мешаванд, ки дар ҳар гуна масъалаи баҳснок кӯшиш менамоянд ҳар ду ҷонибро гӯш кунанд. Аксарият танҳо яке аз ҷонибҳоро шунида қарор қабул мекунанд, ва бисёр вақт ин қарор тамоман нодуруст аст.

Соли 1979 Гарӣ Брукс (муаллиф номро иваз кардааст) дар яке аз ҷамоатҳои инҷилӣ диакон буд. Дар ҷамоат ҳама вайро дӯст медоштанд. Ин одами кушодадил ва одамдӯст буд. Ҳар гоҳе ки вай ба толор медаромад, чеҳраҳои ҳозирон равшан мешуданд. Вай ҳамчунин аз миёни омма бо он фарқ мекард, ки тайёр буд ба ҳар узви ҷамоат маҳз ҳамон вақте ки вай ба ин сахт мӯҳтоҷ буд, ёрӣ диҳад. Гарӣ ба пиронсолон хеле бодиққат буд. Ҳам ҳамсараш, ҳам ду писараш ҳамчунин дар ҳаёти ҷамоат фаъолона иштирок мекарданд. Дар назари ҳама Бруксҳо оилаи идеалӣ буданд.

Бинобар ин хабар оиди он ки шӯрои пирон аз Гарӣ хоҳиш намуд, ки вазифаи диаконро аз сари худ соқит намуда, дар Шоми Худованд иштирок накунад, барои ҷамоат мисли балои ногаҳонӣ буд. Дӯстон барои ҳимояи Гарӣ сина сипар карда, дигар аъзоёни ҷамоатро даъват намуданд, ки бо ин қарори шӯрои пирон розӣ нашаванд. Азбаски пирон он чиро, ки медонистанд, эълон кардан намехостанд, дар ҳолати ночор монданд. Онҳоро лозим омад, ки гуфторҳои дуру дарозеро шунаванд, ки тамоми ҷиҳатҳои хуби Гариро аз ҳад зиёд таъриф мекарданд, ҳол он ки медонистанд, ки ин ҳикоя дигар тараф ҳам дорад. Ҳоло бошад ба онҳо лозим омад, ки хомӯш истода, таҳқир ва маломатҳои ноодилонаро фурӯ баранд.

Пас пирон чиро медонистанд? Онҳо медонистанд, ки ақди никоҳи Гариро талоқ таҳдид мекард, зеро вай аллакай солҳои зиёд бо котибаи худ алоқаи ошиқона дошт. Онҳо медонистанд, ки вай барои ҳаёти исрофкоронаи худ аз хазинаи ҷамоат пул мегирифт. Онҳо медонистанд, ки дар усулҳои идоракунии ширкат вай камбудӣ дошт, ва дар доираи соҳибкорон дар бораи вай овозаи бад паҳн шуда буд. Онҳо ҳамчунин медонистанд, ки ҳангоме онҳо ба вай ҳамаи ин фактҳоро пешниҳод карданд, вай кӯшиш кард ба онҳо дурӯғ гӯяд.

Ба ҷои он ки ин ҷазоро бо фурӯтанӣ қабул кунад, Гарӣ дар гирди худ дӯстонашро ҷамъ кард, то ошкоро ба шӯрои пирон мухолифат намояд, агарчи ин боиси ҷудоии ҷамоат буд. Пас аз якчанд вақт шахсе аз ҷонибдорони вай ба яке аз пирон муроҷиат карда, аз баъзе фактҳои андӯҳовар хабардор шуд, аммо аз раъи худ гаштан барои ӯ бениҳоят шармовар буд. Бинобар ин онҳо ҷонибдорӣ кардани вайро давом медоданд.

Аз тамоми чизи гуфташуда мо бояд се сабақ гирем. Якум: пешакӣ фактҳоро надониста, ягон хулоса набаоред. Дуюм: агар шумо тамоми фактҳоро ҷамъ кардан натавонед, беҳтараш аз қабул кардани қарор худдорӣ кунед. Ва, ниҳоят, сеюм: бо вуҷуди робитаи дӯстона, ҳаргиз беадолатиро ҳимоят накунед.

# 12 НОЯБР

**“Нахустин дар даъвои худ ҳақ менамояд,
вале ҳарифи ӯ меояду ӯро тафтиш мекунад”**

*(Масалҳо 18:17)*

Дар қисми якуми ин оят оиди камбудие гуфта мешавад, ки хоси аксарияти мост – тамоми далелҳо ва шаҳодатҳоро мо тавре пешкаш менамоем, ки тарафҳои мусбати худро нишон диҳем. Ин барои мо гӯё худ аз худ мешавад. Ҳамин тавр, масалан, фактҳоеро ки ба мо зарар расонда метавонанд, пинҳон мекунем, ва тамоми диққати худро ба он чи бар нафъи мост, равона месозем. Мо худро бо онҳое муқоиса мекунем, ки камбудиҳояшон бештар аёнанд. Айби худро мо ба гардани дигарон бор мекунем. Мо ба рафторҳои тамоман ношоиста мақсадҳои олиҳимматонаро нисбат медиҳем. Мо фактҳоро то дараҷае таҳриф мекунем ва аз ҳад зиёд тоб медиҳем, ки онҳо бо ҳақиқат ягон чизи умумӣ надоранд. Мо суханони бо эҳсосот оростаро интихоб намуда, кӯшиш мекунем ҳарифро ба сӯи худ ҷалб намоем.

Одам айбро ба гардани Ҳавво бор кард: “Ин зане ки ба ман додаӣ, аз меваи дарахт ба ман дод, ва ман хӯрдам” (Ҳас. 3:12). Ҳавво бошад дар ҳама чиз иблисро айбдор кард: “Мор маро фирефта кард, ва ман хӯрдам” (Ҳас. 3:13).

Гӯсфандон ва говонро дареғ дошта, Шоул кӯшиш намуд, ки худро аз айбдоркуниҳо дар беитоатӣ ҳимоят кунад, ва ба рафтори худ мақсади тақводорона нисбат дод: “...Қавм ... беҳтарини он чиро ... гирифтанд, то ки барои Худованд ... қурбонӣ кунанд” (1Под. 15:21). Агарчи ин нодуруст аст, на вай, балки қавм дар ин айбдор аст.

Барои гирифтани силоҳ Довуд ба Аҳималик дурӯғ гуфт, ки супориши подшоҳ таъҷилӣ аст (1Под. 21:8). Дар асл бошад Довуд на фақат сафири подшоҳ набуд, балки инчунин аз подшоҳ Шоул пинҳон мешуд.

Зане дар назди чоҳ низ хост ҳақиқатро пинҳон кунад. Вай гуфт: “Ман шавҳар надорам” (Юҳ. 4:17). Дар асл вай панҷ шавҳар дошт, ҳозир бошад бо одаме зиндагонӣ мекард, ки бо вай никоҳ надошт.

Чунин мисолҳо охир надоранд! Аз Одам табиати гуноҳолудро ба мерос гирифта, мо аллакай наметавонем ҳангоми изҳор намудани ягон ҷиҳати масъала беғаразии пурраро нигоҳ дорем. Мо беихтиёрона мехоҳем, ки тарафи мусбати худро нишон диҳем. Мо гуноҳҳои худро фаҳмида, нармдилона табассум мекунем, аммо агар худи ҳамин гуноҳҳоро дар ҳаёти ягон каси дигар пай барем, ба вай бо ғазаби оташин дармеафтем.

“Нахустин дар даъвои худ ҳақ менамояд, вале ҳарифи ӯ меояду ӯро тафтиш мекунад”. Ин маънои онро дорад, ки агар ягон кас оиди ин кор аз ҳамсояи вай пурсад, баёноти дақиқтари фактҳоро пайдо мекунад. Он ҳамсоя тамоми кӯшишҳои ҳилагарона пинҳон кардани камбудиҳоро фош карда, имкон намедиҳад, ки худро сафед кунӣ. Вай ҳикоятро, чунон ки он дар асл аст, баён мекунад.

Ниҳоят маҳз Худо Ҳарифи олии мост, ки бар чизҳои дар торикӣ пинҳоншуда равшанӣ андохта, тамоми андешаҳо ва ниятҳои дилро ошкор месозад. Ӯ нур аст, ва дар Ӯ ҳеҷ торикӣ нест. Агар мо мехоҳем бо Худо доимо дар муносибате ки бо ҳеҷ чиз тира нашудааст, зиндагӣ кунем, он гоҳ бояд дар ҳар гуна шаҳодати худ поквиҷдон ва кушодадил бошем, ҳатто агар рафторҳои ношоями мо ошкор шаванд.

### “... надоред, чунки илтимос намекунед”

*(Яъқуб 4:2)*

Ин оятро хонда, мо ҳатман ба худ як саволи шавқовар медиҳем. Агар мо аз боиси илтимос накарданамон надошта бошем, пас кадом чиз танҳо аз он сабаб, ки дар бораaш дуо намекунем, бисёр вақт дар ҳаёти мо нест?

Ҳангоми хондани Номаи Яъқуб 5:16 ҳамин гуна савол ба миён меояд: “Дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад”. Аммо агар ин одил дуо нагӯяд, оё қонунӣ нест, ки ба амал омадани он низ хеле ночиз аст?

Мусибати мо дар он аст, ки бениҳоят кам дуо мегӯем, ё дуо карда, хеле чизи ночизро талаб менамоем. Мо, аз рӯи гуфтаҳои Ч. Т. Стадд, “шояд резаҳои чизи имконпазирро чида мегирем, ба ҷои он ки қабза-қабза чизи имконнопазирро бардорем”. Дуоҳои мо бояд боҷуръат ва ҷасурона бошанд, аммо ба ҷои ин онҳо тарсон ва беболу паранд. Чизи бузургро талабида, мо Худоро иззат мекунем. Чунон ки Ҷон Нютон гуфтааст:

> «Шумо ба тахти подшоҳ наздик мешавед.
> Дар даст рӯйхати дарози илтимосҳои далеронаро омода нигоҳ доред!
> Охир марҳамат ва қуввати Ӯ беохир аст.
> Ва ҳеҷ кас дар ҷавоб намешунавад: “Чизи номумкинро меҷӯӣ!”
> Ман аз ӯҳдаи ин чизҳо баромада наметавонам!»

Ин на фақат боиси шарафи Худост, балки барои мо низ ғановати рӯҳонӣ мебошад. Ӯ хоҳиш дорад, ки барои мо роҳ ба ганҷҳои осмонӣ кушода шавад, аммо ояти имрӯзаи мо мегӯяд, ки Ӯ инро танҳо дар ҷавоб ба дуои мо ба амал меоварад.

Ба назари ман чунин менамояд, ки дар ин оят мо ба саволе ки бисёр вақт дода мешавад, ҷавоб пайдо мекунем. Савол бошад чунин аст: “Оё дуои мо Худоро ба амале водор мекунад, ки дар акси ҳол ҳаргиз намекард, ё дуои мо моро танҳо бо он чи Ӯ ба ҳар ҳол карданӣ буд, ҳамоҳанг месозад?” Ҷавоб, ба назари ман, фаҳмост: “Дар ҷавоб ба дуо Худо он чиро ба амал меоварад, ки дар акси ҳол ҳаргиз онро ба амал намеовард”.

Дар бораи ин фикр карда, мо пай мебарем, ки ду самт ҳаст, ки дар он тасаввуроти мо аз ҳадду ҳудуд мегузарад. Якум: мо он чизҳои бузурги ба амал омадаро ба ёд меоварем, ки танҳо ба шарофати дуо имконпазир шуданд. Бо суханони Нома ба Ибриён 11:33,34 гуфта, мо онҳоеро ба хотир меоварем, ки “мамлакатҳоро мағлуб карданд, ростиро ба амал оварданд, иҷрои ваъдаҳоро диданд, даҳони шеронро бастанд, қуввати оташро хомӯш карданд, аз дами шамшер халосӣ ёфтанд, аз сустӣ боқувват шуданд, дар ҷанг пурзӯр гардиданд, лашкарҳои бегонаҳоро торумор карданд”.

Аммо мо дар бораи он ҳам фикр карда метавонем, ки худамон чӣ кореро ба номи Масеҳ ба амал оварда метавонем, агар дар бораи ин танҳо илтимос кунем. Мо ба хотир оварда метавонистем, ки агарчи Калом ба мо бисёр чизҳои бузург ва гаронбаҳо ваъда мекунад, мо барои гирифтани онҳо дастҳоямонро дароз намекунем. Мо беқувват ҳастем, ҳол он ки тавоно буда метавонистем. Мо танҳо ба шумораи ками одамон роҳро ба сӯи Худо нишон додем, ҳол он ки онҳо ҳазорон ва ҳатто миллионҳо буда метавонистанд. Мо дар бораи гектарҳо илтимос мекунем, ҳол он ки дар бораи қитъаҳо илтимос карда метавонистем. Рӯҳан мо фақир будем, ҳол он ки миллиардер буда метавонистем. Мо надорем, чунки илтимос намекунем.

# 14 НОЯБР

**“Ҳар кӣ дар байни шумо бузург будан хоҳад, бояд хизматгори шумо шавад. Ва ҳар кӣ дар байни шумо аввалин будан хоҳад, бояд ғуломи шумо шавад”**

*(Матто 20:26,27)*

Мафҳуми бузургӣ дар Инҷил ба ду гурӯҳ тақсим мешавад, ва фарқ кунондани онҳоро ёд гирифтан барои мо хеле фоиданок мебуд. Бузургие ҳаст, ки ба мақоми инсон (масалан, дар ҷамъият) робита дорад, ва бузургие ҳаст, ки ба хислати вай дахл дорад. Дар бораи Яҳёи Таъмиддиҳанда сухан ронда, Исо гуфт, ки вай аз ҳамаи пайғамбароне ки пештар дар замин зиндагӣ мекарданд, бузургтар аст (Луқ. 7:28). Ин ҷо Наҷоткор оиди бузургии мақоми Яҳё сухан мегӯяд. Аз тамоми пайғамбарон танҳо вай сазовори он шуд, ки пешоҳанги Масеҳ шавад. Ин маънои онро надорад, ки Яҳё аз рӯи хислати худ аз тамоми пайғамбарони Аҳди Қадим баландтар меистод, балки фақат маънои онро дошт, ки вазифаи вай тамоман беҳамто буд – муҳайё кардани роҳи Барраи Худо, ки тамоми гуноҳи ҷаҳонро бар Худ мегирад.

Боре Исо ба шогирдони Худ гуфта буд: “Падар аз Ман бузургтар аст” (Юҳ. 14:28). Оё Ӯ бо ин гуфтан мехост, ки Падараш аз Ӯ дида Шахси бузургтар аст? Не, охир тамоми аъзоёни Сегонаи Илоҳӣ баробарҳуқуқанд. Исо онро дар назар дошт, ки Падари Ӯ дар ҷалоли осмонҳо бар тахт менишаст, дар ҳоле ки Ӯ Худаш дар замин радшуда ва ҳақирона мегашт. Шогирдон инро дониста бояд шод мешуданд, ки Исо дере нагузашта назди Падар бармегардад, охир дар он ҷо Ӯ мақомеро ишғол мекунад, ки аз мақоми Падар камтар нест.

Барои ҳамаи имондорон низ ҷои ҷалол тайёр шудааст, ки ҳақиқатан ба мақоми онҳо дар Масеҳ тааллуқ дорад. Онҳо писарони Худо, ворисони Ӯ ва ҳамворисони Исои Масеҳ ҳастанд.

Аммо Инҷил боз дар бораи дигар бузургӣ низ мегӯяд.

Ҳамин тавр, масалан, Исо гуфтааст: “Ҳар кӣ дар байни шумо бузург будан хоҳад, бояд хизматгори шумо шавад. Ва ҳар кӣ дар байни шумо аввалин будан хоҳад, бояд ғуломи шумо шавад”. Ин ҷо сухан дар бораи бузургии хислати одам меравад, ки дар борааш аз ҳама беҳтар ҳаёте шаҳодат медиҳад, ки ба хизмат ба дигарон бахшида шудааст.

Аксарияти одамон дар ин ҷаҳон ба бузургӣ танҳо аз он сабаб шавқ доранд, ки он бо мақом дар ҷамъият робита дорад. Худованд Исо маҳз ҳаминро дар назар дошт, вақте мегуфт: “Подшоҳони халқҳо бар онҳо ҳукмронӣ мекунанд, ва ҳокимони онҳо накӯкор хонда мешаванд” (Луқ. 22:25). Аммо агар мо бодиққаттар ба хислати онҳо чашм дӯзем, ягон ишораи хурдро ба бузургӣ ошкор намекунем. Онҳо метавонанд нобакорон, дуздон ва майпарастон бошанд.

Масеҳӣ мефаҳмад, ки бе бузургии хислат мақоми баланд ҳеҷ арзише надорад. Чизи аз ҳама асосӣ ин аст, ки дили одам чӣ гуна аст. Самари Рӯҳ аз ҳар гуна мақом дар ҷамъият хеле муҳимтар аст, ҳатто аз мақоми баландтарин. Ҷой дар рӯйхати муқаддасон аз ҷой дар рӯйхати шахсони машҳур хеле муҳимтар аст.

**“Он чиро, ки дар қафост, аз ёд броварда...”**
*(Филиппиён 3:13б)*

Одатан, ин суханонро хонда, мо фикр мекунем, ки ин ҷо Павлус дар бораи гуноҳҳои гузаштаи худ гап мезанад. Вай медонад, ки ин гуноҳҳо бахшида шудаанд, ки Худо онҳоро ба қафо партофтааст ва Ӯ ҳаргиз онҳоро ба ёд нахоҳад овард. Бинобар ин Павлус қатъӣ қарор дод, ки онҳоро аз хотир броварда ва ба пеш ҳаракат карда, “сӯи мақсаде [давад], сӯи мукофоти даъвати осмонии Худо, ки дар Масеҳ Исо аст”.

Бале, ин оятро аз ин нуқтаи назар дида баромадан мумкин аст. Бо вуҷуди ин Павлус дар ин боби Номаи худ на дар бораи гуноҳҳои худ мулоҳиза мекунад, балки дар бораи он чи вай як вақтҳо бо он фахр мекард – дар бораи насаби худ, ақидаҳои рӯҳоние ки пештар дошт, оиди ғайрат дар хизматгузорӣ ва росткорӣ дар пеши шариат. Ҳозир бошад ҳамаи ин дар назари вай ҳар гуна арзишро гум кардааст. Вай қатъиян қарор дод, ки инро аз хотир бароварад.

Ин ба ман Ҷон Санг, башоратдиҳандаи пурҳарорати хитоиро ёдрас мекунад, ки якчанд сол дар Амрико таҳсил намуда буд. Акнун вай ба хона, ба Хитой, бармегашт. Леслӣ Лайал менависад, ки “боре, ҳангоме ки сафар ба охир мерасид, Ҷон Санг ба ҳуҷраи худ фуромада, аз ҷомадони худ тамоми дипломҳо, медалҳо ва аломатҳои бародарии донишҷӯиро гирифта, ҳамаи онҳоро аз киштӣ берун партофт. Барои худ вай танҳо шаҳодатномаро дар бораи гирифтани унвони докторӣ нигоҳ дошт, ва ин ҳам танҳо барои хурсанд кардани падар. Ин шаҳодатномаро дертар ба чорчӯба гузошта, дар девори хонаи кӯҳна овезон карданд. Аълоҳазрат У. Б. Коул дар соли 1938 онро маҳз дар он ҷо дид. Боре доктор Санг дид, ки ҷаноби Коул ба шаҳодатнома чашм дӯхтааст, ва гуфт: “Аз ин ва аз ҳама чизҳои ба ин монанд ягон фоида нест. Барои ман онҳо ягон аҳамият надоранд”.

“Амалҳои бузурги масеҳӣ аз пайи дасткашиҳои бузург мераванд”. Доктор Деннӣ дар пеши назари худ мисоли чунин масеҳиёнро, мисли доктор Санг, дошта, ин суханонро навишта метавонист. Сирри асосии муваффақияти бузурги Ҷон Санг аниқтараш дар он аст, ки боре дар ҳаёти вай рӯзе фаро расид, ки вай аз ҳама чизҳои барои ин ҷаҳон арзишнок даст кашид:

Худоё, ба ман суханони ситоишро манъ кун,
Агар онҳо дар бораи салиби Ҷолҷолтои Исо набошанд.
Тамоми карруфарри зоҳириро ки ақлҳоро кӯр мекунанд,
Ман ба хотири хуни Ӯ тарк хоҳам кард.

Тамоми мукофотҳо ва иззату ҳурмати одамӣ пуч ва зудгузаранд. Онҳоро муддате саришта карда, мепарваранд, аммо пас аз ин онҳо даҳсолаҳо дар болохонаи зери бом чанголуд шуда меистанд. Салиб бошад тамоми ҷалоли мост. Хоҳиши асоситарини мо ба Ӯ, ки барои мо мурд ва аз нав зинда шуд, писанд омадан аст. Мо танҳо як чизро мехоҳем – аз вай ин суханонро шунавем: “Хуб иҷро шудааст!”, ва ба Худо писанд оем. Ба хотири ин мукофот мо тайёрем аз ҳама чиз даст кашем.

**“...баъзе чизҳо душворфаҳм аст, ки онро нодонон ва ноустоворон чун навиштаҳои дигари Китоб дигар ғалат маънидод менамоянд, ва анҷоми ин кор барои онҳо ҳалокат меоварад”**

*(2Петрус 3:16б)*

Р.Ҷ. Горднер бисёр вақт дар бораи лавҳае ки бар дари устохонаи дуредгарӣ овезон буд, нақл мекард: “Ин ҷо ҳама намудҳои корҳои пардоздиҳӣ ва азнавсозии маснуот иҷро мешаванд”. Аммо танҳо дуредгарон дар ин ҳунар ба комёбиҳо ноил шудаанд; бисёр касоне ки худро масеҳӣ меноманд, Навиштаро пардоз дода, онро мувофиқи табъи худ дигаргун мекунанд. Баъзеҳо, чунон ки ояти имрӯзаи мо мегӯяд, Навиштаро барои ҳалокати худ таҳриф мекунанд.

Ҳамаи мо дар бофтани баҳонаҳо ва сафед кардани беитоатии гуноҳолуди худ ва ёфтани сабабҳои олиҳимматонаи рафторҳои нохуби худ моҳир ҳастем. Бисёр вақт мо кӯшиш мекунем Навиштаро тавре дигаргун кунем, ки ба воситаи ин рафтори худро сафед кунем. Он гоҳ барои рафтор ё муносибати мо сабабҳои бофташуда, агарчи ҳақиқатмонанд бошанд ҳам, пайдо мешаванд. Ана якчанд мисол.

Соҳибкори масеҳӣ медонад, ки имондори дигарро ба мурофиа кашидан мумкин нест (1Қур. 6:1-8), аммо ба ҳар ҳол ин корро мекунад. Ба тамоми суханони огоҳикунанда вай ҷавоб медиҳад: “Ҳа, ҳақ ба ҷониби шумост. Аммо охир вай нодуруст рафтор кард, ва Худованд намехоҳад, ки вай беҷазо монад”.

Ҷейн бо Ҷон издивоҷ кардан мехоҳад, ҳарчанд медонад, ки вай беимон аст. Вақте яке аз дугонаҳои масеҳиаш ба вай хотиррасон мекунад, ки Навишта инро манъ мекунад (2Қур. 6:14), вай ҷавоб медиҳад: “Ҳа, лекин Худованд мехоҳад, ки ман ҳамсари вай шуда, ба вай роҳро ба сӯи Масеҳ нишон диҳам”.

Глен ва Рут мегӯянд, ки онҳо масеҳӣ ҳастанд, аммо бидуни шаҳодатнома дар бораи никоҳ бо ҳам зиндагӣ мекунанд. Вақте яке аз дӯстони Глен ба вай гуфт, ки ин зино аст, зинокорон бошанд ворисони Подшоҳии Худо намешаванд (1Қур. 6:9, 10), Глен ҷавоб дод: “Ту ин тавр фикр мекунӣ. Мо якдигарро хеле дӯст медорем ва дар назари Худо ин баробари никоҳ аст”.

Ана оилаи масеҳие ки бар хилофи насиҳатҳои Павлус дар хусуси хоксорона зиста бо хӯроку либос қаноат кардан, дар бойигарӣ ва карруфар зиндагӣ карда, тарзи ҳаёти худро бо он сафед мекунад, ки ҳеҷ ганҷе нест, ки халқи Худо барои соҳибӣ кардани он сазовор набошад.

Ё соҳибкори бахил, ки ҳар чизи ба дасташ афтодаро хасисона аз они худ мекунад. Фалсафаи вай чунин аст: “Дар худи пул ҳеҷ чизи бад нест. Решаи тамоми бадиҳо дӯст доштани он аст”. Ба гӯшаи хотираш ҳам намеояд, ки маҳз ҳамин дӯст доштани пул дар дили вай аланга мезанад.

Одамон кӯшиш мекунанд манъҳои Навиштаҳоро суфта карда, молиш диҳанд, ва барои гуноҳҳои худ тафсири мулоимтареро пайдо намоянд. Агар онҳо ҷиддӣ қарор дода бошанд, ки бар хилофи Навишта рафтор кунанд, баҳонаеро барои ин ёфтан чандон ҳам душвор нест.

**“Ва ҳангоме ки шумо ҳайвони кӯрро барои қурбонӣ меоваред, оё ин кор нодуруст нест? Ва ҳангоме ки ҳайвони ланг ва касалро меоваред, оё ин кор нодуруст нест? Агар онро ба волии худ пешкаш намоӣ, оё вай аз ту розӣ шуда, ба ту таваҷҷӯҳ хоҳад кард? – мегӯяд Худованди лашкарҳо”**

*(Малокӣ 1:8)*

Талаботе ки Худо барои ҳайвоноти қурбонишаванда пешниҳод мекард, барои ҳеҷ кас махфӣ набуд. Ин ҳайвонот бояд бе ягон доғ ва нуқсон мешуданд. Ба қурбонгоҳи Ӯ халқи Ӯ мебоист ҳайвони беҳтарини рамаро меоварданд. Худо чизи беҳтаринро талаб мекунад.

Аммо исроилиён чӣ кор мекарданд? Онҳо барои Ӯ ҳайвоноти кӯр, касал ва лангро қурбонӣ мекарданд. Охир барои ҳайвоноти беҳтарин нархи баланд медоданд, ва барои парварида зиёд кардан ҳам онҳо хеле хуб мувофиқ меомаданд. Ана барои ҳамин ҳам одамон чорвои сақат кардашударо қурбонӣ мекарданд, ва бо ин изҳор мекарданд, ки барои Худо ҳамин ҳам кофист.

Аммо пеш аз он ки мо бо хашму ғазаби сахт ба исроилиён назар андозем, биёед фикр кунем, ки оё мо, масеҳиёни асри бисту як, Худоро таҳқир намекунем, вақте ки ба Ӯ чизи беҳтаринамонро додан намехоҳем.

Солҳои беҳтарини ҳаёти худро мо барои ҷамъ кардани молу мулк ё машҳур шудан сарф мекунем; мо дар хонаи боҳашамат дар ноҳияи боэътибори шаҳр зиндагӣ карда, аз шукӯҳи дабдабанок ҳаловат мебарем, барои Худо бошад танҳо охири ҳаёти сӯхта тамомшудаистода мемонаду халос. Беҳтарин истеъдодҳои худро мо барои хизмат дар ширкат ва пешрафт дар касб истифода мебарем, Худованд бошад бояд бо бегоҳирӯзиҳои камшумор озод ё рӯзҳои истироҳати мо қаноат кунад.

Кӯдакони худро мо барои ҷаҳон тарбият намуда, ба онҳо таълим медиҳем, ки пули бисёр кор кардан, оилаи хуб ва хонаи боэътибор бо тамоми чизҳои зарурӣ доштан то чӣ андоза муҳим аст. Оё мо бо ҳамин гуна ҳарорат дар бораи меҳнат барои Худованд чун дар бораи коре мегӯем, ки онҳо тамоми ҳаёти худро ба он бахшида метавонистанд? Меҳнати башоратдиҳанда – кори олиҳимматона аст, аммо бигзор бо он на фарзандони мо, балки фарзандони дигарон машғул шаванд.

Мо пулҳои худро барои мошинҳои қиматбаҳо, завраққо, асбобу анҷоми якумдараҷаи варзишӣ харҷ мекунем ва пас аз ин барои кори Худованд як ё ду тангаи зардак медиҳему халос. Мо барои худ либоси қиматро харида, вақте ба Лашкари Наҷотдиҳӣ ҷандаҳои кӯҳнаамонро медиҳем, аз риққат бехуд мешавем.

Бо ҳамин мо дар асл эълон мекунем, ки барои Худо ҳама чиз шудан мегирад, аммо барои худамон мо танҳо чизи беҳтаринро мехоҳем. Худованд бошад ба мо мегӯяд: “Рафта инро ба президент пешкаш намо. Мебинӣ, ки оё вай аз ин ба ваҷд меояд”. Президент хафа мешуд. Наход шумо фикр кунед, ки Худо Худро ба таври дигар ҳис мекард? Чаро мо бо Ӯ тавре муносибат мекунем, ки бо президент ҳаргиз чунин муносибат намекардем?

Худо чизи беҳтаринро гирифтан мехоҳад. Ӯ сазовори чизи беҳтарин аст. Бигзор дилҳои мо аз он ҷуръате ба ҷӯшу хурӯш оянд, ки Ӯ аз мо чизи беҳтаринеро, ки дорем, мегирад.

### “Мисли морон зирак ва мисли кабӯтарон содда бошед”

*(Матто 10:16)*

Яке аз ҷузъҳои муҳими ҳикмати амалӣ одоби муошират аст. Ҳар як масеҳӣ бояд боодоб буданро ёд гирад. Ин маънои онро дорад, ки вай бояд ба таври хеле нозук ҳис кунад, ки чӣ гуна бояд сухан ронад ё рафтор намояд, то ки на фақат ҳамсӯҳбати худро хафа накунад, балки илова бар ин боз бо вай муносибати хуб низ барпо намояд. Одами боодоб доимо худро дар ҷои шахси дигар гузошта, ба худ чунин савол медиҳад: “Агар ягон каси дигар ба ман чунин мегуфт, оё ин ба ман маъқул мешуд?”

Мутаассифона, дар миёни пайравони имони масеҳӣ одамони бефаросат кам нестанд. Мисоли бисёр хуб сартароши масеҳӣ аз шаҳраке дар Ғарби Миёна буда метавонад. Боре ба сартарошхонаи вай шахсе бо чеҳраи ғамгин даромада, аз вай хоҳиш намуд, ки ришашро тарошад. Сартароши мо вайро ба курсии паҳлудор шинонда, ба гарданаш сачоқи сафед баст ва такяи курсиро поёнтар фуровард. Ин шахс суханони дар шифт навишташударо хонд: “Шумо абадиятро дар куҷо хоҳед гузаронд?” Сартарош бо ҷидду ҷаҳд рӯю манаҳи вайро собун зад ва теғашро тез карда, башоратдиҳии худро аз саволи зерин сар кард: “Оё шумо тайёред дар ҳузури Худо биистед?” Он шахс зуд аз курсӣ хеста, бо кафк ва сачоқ аз сартарошхона шитобон давида рафт. Дигар ҳеҷ кас вайро дар он ҷо надид.

Боре донишҷӯи ғайратманди масеҳӣ барои тақсим кардани китобчаҳои башоратӣ равона шуд. Дар кӯчаи торик қадам зада, вай духтареро дид, ки пеш-пеши вай меравад. Вақте ки вай кӯшиш кард ба вай рафта расад, духтар рӯ ба гурез ниҳод. Донишҷӯ бошад аз ақибаш давид. Вақте ки духтар суръати худро зиёд кард, ӯ ҳам чунин кард. Ниҳоят, ба зӯр нафас кашида, духтар ба зинаи дари даромад баромада, ларзон ба ҷустуҷӯи калидаш шурӯъ намуд. Вақте ки донишҷӯ низ ба зинаи дари даромад баромад, духтар чунон тарсид, ки ҳатто дод зада ҳам натавонист. Бо табассуми калон донишҷӯ ба духтар китобчаро дароз карда, тоб хӯрда, рафт, ва аз он фикр хушнуд буд, ки боз ба як гунаҳкори дигар ёрӣ дод, ки назди Масеҳ ояд.

Ҳатто ҳангоми хабар гирифтани одами бемор бе одоби муошират илоҷ ёфтан мумкин нест. Аз эҳтимол дур аст, ки онҳо аз шунидани чунин суханон шод хоҳанд буд: “Имрӯз ранги рӯятон хеле бад метобад” ё “Як шиноси ман ҳам гирифтори ҳамин касал буд, ва ӯ ба наздикӣ мурд”. Ки ҷуръат мекунад, то инро тасалло номад?

Мо ҳамчунин бояд бо онҳое ки яке аз наздиконашон фавтидааст, боодобона рафтор кунем. Мо набояд аз як сокини Техас ибрат гирем, ки ба зани шахси сиёсатмадор, ки аз дасти қотилони зархарид кушта шудааст, чунин гуфт: “Инро бинед-а, дар Техас ҳамин хел ҳодиса рӯй додааст!”

Бигзор Худо он шумораи ками муқаддасонеро баракат диҳад, ки доимо медонанд, ки чиро ва чӣ тавр бояд гуфт. Бигзор Худо ба ҳамаи мо таълим диҳад, то ки мо на забонгирифтаҳои беадаб, балки дипломатҳои боодоб бошем.

# 19 НОЯБР

**"... душвориҳои туро, ва бенавоии туро... медонам"**

*(Ваҳй 2:9)*

Худованд ҳафт бор дар номаҳои Худ ба ҷамоатҳои Осиё мегӯяд: "Ман медонам", ва беш аз ҳама дар ин суханон ситоиш ва ҳамдардӣ садо медиҳад: "Амалҳои туро медонам, ва душвориҳои туро, ва сабри туро... ва андӯҳи туро, ва бенавоии туро... ва хизмати туро, ва имони туро". Ин суханони "Ман медонам" барои халқи Худо тасалло ва дилгармии бузург меоваранд.

Леманн Страусс таъкид мекунад, ки Исо "медонам" гуфта, калимаи юнонии "гиноске"-ро истифода набурд, ки бисёр вақт чун "донистан", яъне ба маънои ягон чизро ба шарофати пешравӣ дар маърифат дарк намудан тарҷума мешавад. Ӯ калимаи "иода"-ро истифода бурд, ки пуррагии дониш, дониши комилро, ки на фақат аз мушоҳидаҳо, балки аз таҷрибаи шахсӣ низ гирифта шудааст, ифода мекунад. Бигзор барои ҷаҳон муқаддасони ҷафокаш номаълум бошанд, бигзор ҷаҳон аз онҳо нафрат кунад, аммо Худованд онҳоро медонад ва дӯст медорад. Масеҳ тамоми душвориҳо ва бенавоии касони Худро медонад; Ӯ медонад, ки ҷаҳон чӣ тавр ба онҳо менигарад. Шумораи зиёди муқаддасони хасташуда, азияткашида ва аз ғаму ташвиш дилрешшуда аз ҳамин ду калима "Ман медонам" қувват ва дилгармӣ пайдо мекарданд. Ин ду калима "Ман медонам" онҳоро ба по хезонданд, шифо доданд, зиндадил карданд, ва барои амалҳои нав илҳом бахшиданд. Ин суханоне ки аз даҳони Наҷоткори мо баромаданд, тамоми мусибатҳои моро бо гармии табассуми Ӯ фаро мегиранд, ва он гоҳ уқубатҳои замони ҳозира "назар ба он ҷалоле ки дар мо зоҳир хоҳад шуд, ҳеҷ аст" (Рум. 8:18).

Дар ин суханон ҳамдардӣ садо медиҳад. Саркоҳини Бузурги мо то чӣ андоза душвор будани роҳи моро медонад, зеро Ӯ Худаш онро тай намудааст. Ӯ Марди ғаму ғуссаҳост, ва андӯҳҳоро хуб медонад. Ӯ чӣ будани васваса ва чӣ будани уқубатро медонад.

Дар ин суханон ҳамдардӣ садо медиҳад. Сари Бадан буда, Ӯ тамоми озмоишҳо ва таъқиботеро ки насиби шогирдони Ӯ мешавад, ба ҳам мебинад. Ҳар боре ки дард дили моро сӯрох мекунад, дили Ӯ аз ғам фишура мешавад. Ҳар он чиро ки мо аз сар мегузаронем, Ӯ на фақат назариявӣ медонад. Ӯ ба мо ҳамдардӣ мекунад.

Дар ин суханон ваъдаи ёрӣ додан садо медиҳад. Ӯ Тасаллодиҳандаи мост, ин бошад маънои онро дорад, ки Ӯ назди мо қадам зада, бори моро мебардорад ва ашкони моро пок мекунад. Ӯ назди мост, то ки захмҳои моро ҷароҳатбандӣ карда, душманони моро ба гурез водор намояд.

Ниҳоят дар ин суханон боварии қатъӣ ба мукофотҳои оянда садо медиҳад. Ӯ тамоми мусибатҳо ва уқубатҳоро медонад, ки танҳо аз он сабаб насиби мо шудаанд, ки мо Ӯро чун Наҷоткори худ эътироф мекунем. Ӯ ба ҳар гуна зуҳуроти муҳаббат, итоаткорӣ ва сабри мо аҳамият медиҳад. Ба зудӣ он рӯзе фаро мерасад, ки Ӯ подоши ҳамаи инро хоҳад дод.

Агар шумо ҳозир, дар ин рӯзҳо, дар водии уқубатҳо ё андӯҳ равона бошед, бо диққат гӯш диҳед, ва мешунавед, ки Наҷоткор ба шумо мегӯяд: "Ман медонам". Шумо танҳо нестед. Ӯ дар ин водӣ назди шумост. Ӯ шуморо аз ин водӣ гузаронда, ба ҷое меоварад, ки шумо бо тамоми дилу ҷон барои он кӯшиш мекардед.

**“Бохабар бошед, ки касе шуморо бо фалсафа ва фиреби пуч, ки мувофиқи ривояти инсонӣ, мувофиқи қоидаҳои ҷаҳон, на мувофиқи Масеҳ аст, асир накунад”**

*(Кулассиён 2:8)*

Калимаи “фалсафа” юнонӣ буда, маънои “муҳаббат ба ҳикмат”-ро дорад. Дертар маънои ин калима васеъ шуд ва акнун ҷустуҷӯи ҳақиқат ва маънои ҳаётро дар бар мегирад.

Барои тасвият кардани ақидаҳои худ аксари файласуфон забони мураккаб ва дабдабанокро истифода мебурданд. Одами одӣ онҳоро ба осонӣ намефаҳмад. Фалсафа пеш аз ҳама онҳоеро ба худ ҷалб мекунад, ки мехоҳанд қуввати ақли худро барои бо калимаҳои дароз ва душворфаҳм пӯшондани бофтаҳои одамӣ истифода баранд.

Рости гап, аз фалсафаҳои одамӣ ҳеҷ фоида нест. Навишта онҳоро “фиреби пуч” меномад. Ҳамаи онҳо бар фаҳмиши инсонии моҳияти чизҳо асос ёфта, пурра ба Масеҳ беэътиноӣ мекунанд. Мегӯянд, ки ҳатто чунин файласуфи бузург, мисли Бертран Рассел, дар охири ҳаёти худ гуфт: “Дар таҷрибаи худ ман боварӣ ҳосил кардам, ки фалсафа комилан шикаст хӯрд”.

Масеҳии хирадманд ба таъсири ҳилаҳои суханҳои бемаънии фалсафаи муосир нахоҳад афтид. Вай аз зону задан дар маъбади ҳикмати одамӣ даст мекашад. Ӯ медонад, ки танҳо дар Масеҳ ганҷҳои ҳикмат ва донишро пайдо кардан мумкин аст. Ҳамаи фалсафаҳои муосирро вай бо Каломи Худо тафтиш карда, ҳар он чиро ки ба Навиштаҳо зид аст, қайд мекунад.

Ҳеҷ як ҳамлаи файласуфон ба имони масеҳӣ вайро ба изтироб оварда наметавонад, ҳатто агар дар ин хусус тамоми рӯзномаҳо нависанд. Вай аллакай ба дараҷаи камолот расидааст, ва фаҳмидааст, ки аз онҳо ҳеҷ чизи дигарро интизор шудан ҳам мумкин нест.

Агар дар сӯҳбат бо файласуф вай истилоҳҳои дарози илмиро истифода бурда натавонад ё ба пай бурдани муҳокимаҳои мураккаб ва чигил қобилият надошта бошад, вайро дарки беарзишии худ азоб намедиҳад. Вай ба файласуф бо истеҳзо муносибат мекунад, зеро файласуф ақидаҳоро бо забони одӣ ва фаҳмо баён карда наметавонад, ва хурсанд аст, ки Инҷил ба ҳар кас, ҳатто ба одами аз ҳама аблаҳ, фаҳмост.

Дар тамоми фалсафаҳои муосир вай доми ҳилагарона пинҳоншудаи иблисро дармеёбад “...ва шумо, монанди Худо...хоҳед шуд” (Ҳас. 3:5). Барои одам васвасаи ақли худро аз хиради Худо баланд гузоштан хеле калон аст. Аммо масеҳии хирадманд ин дурӯғро рад мекунад. Вай дасисаҳо ва ҳар баландигириро, ки бар зидди дониши Худо исён мекунад, сарнагун месозад (2Қур. 10:5).

**“...ба номи Исо ҳар зонуе ки дар осмон ва бар замин ва зери замин аст, хам шавад, ва ҳар забои эътироф намояд, ки Исои Масеҳ Худованд аст барои ҷалоли Худои Падар”**

*(Филиппиён 2:10,11)*

Ин намоиши ҳайратовар хоҳад буд! Ҳар сибт дар тамоми ҷаҳон дар пеши номи муқаддаси Исо зону хам хоҳад кард! Ҳар забон эътироф мекунад, ки Ӯ Худованд аст! Худо ҳамин тавр амр кард, ва ҳама чиз маҳз ҳамин хел хоҳад буд. Ин рӯзи наҷоти умум нахоҳад буд. Дар суханони Павлус ягон ишора ба он нест, ки ягон вақт ҳар махлуқи Худо Исоро мисли Фармонравои дӯстдоштаи худ ба оғӯш хоҳад гирифт. Вай дар назар дорад, ки онҳое ки ба ин ҳуқуқ доштани Ӯро дар ин ҳаёт эътироф кардан намехоҳанд, маҷбур хоҳанд шуд, ки инро дар ҳаёти оянда кунанд. Ҳамаи офаридаҳо ягон рӯз ин ҳақиқатро дар бораи Исо дарк хоҳанд кард. Дар он рӯз ҳама пеши Ӯ дар итоат ва эҳтиром таъзим хоҳанд кард.

Дар яке аз мавъизаҳои худ оиди мавзӯи “Исо Худованд аст” Ҷон Стотт гуфта буд: “Яке аз лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш ҳангоми тоҷгузории малика дар дайри Вестминстер ҳамон вақт фаро расид, ки тоҷ бояд ба сараш гузошта мешуд ва усқуфи аъзами Кентерберӣ, сардори шаҳрвандони ин кишвар, ба чор тарафи дунё – шимол, ҷануб, шарқ ва ғарб – рӯй оварда, чор бор гуфт: “Ҷанобон, ман ба шумо Маликаи ин давлатро муаррифӣ мекунам. Оё шумо розӣ ҳастед, ки барои ба вай вафодор будан савганд ёд кунед?” Ва танҳо пас аз он ки дар толори дайри Вестминстер чор бор ҷавоби мусбат дода шуд, тоҷ ба сари малика гузошта шуд”.

Сипас Ҷон Стотт илова кард: «Имрӯз ман ба шумо, хонумҳо ва ҷанобон мегӯям: “Ман ба шумо Исои Масеҳро, Подшоҳ ва Хоҷаи шуморо муаррифӣ мекунам. Оё шумо розӣ ҳастед, ки барои ба Ӯ вафодор будан савганд ёд кунед?”»

Ин саволи исроркорона дар тамоми асрҳо дода мешавад. Шумораи зиёди овозҳо ба сурудхонии парастиш ҳамроҳ мешаванд: “Исои Масеҳ Худованди мост”. Дигарон бошанд, тунду тез мегӯянд: “Мо намехоҳем, ки Ӯ бар мо ҳукмронӣ кунад”. Аммо ягон вақт мушти фишурдашуда кушода мешавад, ва зонуе ки пештар дар пеши ҳеҷ кас хам нашуда буд, назди Ҳамоне хам хоҳад шуд, ки номаш аз ҳамаи номҳо баланд аст. Тамоми фоҷиа дар он аст, ки он вақт аллакай хеле дер хоҳад шуд. Дар он вақт рӯзи файзи Худо аллакай ба охир хоҳад расид. Имконияти имон овардан ба Наҷоткори гуноҳкорон аллакай аз даст хоҳад рафт. Оне ки Ӯро ин қадар муддати дуру дароз рад мекарданд, мисли Доваре меояд, ки бар тахти сафеди бузург нишастааст.

Агар имрӯз Ӯ Худованди шумо набошад, он гоҳ тавба карда, Ӯро чун Подшоҳи худ эътироф намоед. Барои ба Ӯ вафодор будан савганд ёд кунед!

**“Агар ба забонҳои одамон ва фариштагон сухан ронам, лекин муҳаббат надошта бошам... ”**

*(1Қуринтиён 13:1)*

Пас аз баромади аввалини сарояндаи ҷавони опера яке аз мунаққидон навишта буд, ки ба сурудани моҳиронаи вай танҳо як чиз, яъне муҳаббат намерасад. Шояд, тарзи сурудхонии вай аз нуқтаи назари техникӣ комил буд, аммо дар он гармӣ набуд.

Мо низ метавонем ҳаёт ба сар бурда, доимо ва дар ҳама чиз қонуну қоидаҳоро риоят кунем. Мо метавонем поквиҷдон, одил, сахӣ, боғайрат ва фурӯтан бошем. Аммо ҳамаи ин некӯкориҳо наметавонанд норасоии муҳаббатро пур кунанд.

Аксари одамон худро гум мекунанд, вақте муҳаббати худро ба ягон кас нишон додан ё зоҳиршавии онро аз ҷониби дигарон қабул кардан лозим аст. Ба наздикӣ ман дар бораи як шахси машҳуре хондам, “ки ҳамаи кор аз дасташ меомад, аммоҳиссиёти худро ба онҳое ки дӯсташон медошт, изҳор карда наметавонист”.

Дар китоби худ “Одамон дар дуо” (“People in Prayer”) Ҷон Уайт навишта буд: “Солҳои зиёд, ҳангоме дар бораи он фикр мекардам, ки ягон кас маро дӯст хоҳад дошт, маро даҳшат фаро мегирифт. Барои ман ато кардани муҳаббат (ё он чи ман муҳаббаташ мешуморидам) чандон душвор набуд, аммо ман тамоман худро гум мекардам, агар ягон кас, хоҳ мард, хоҳ зан ё кӯдак, ба ман дилбастагии аз ҳад зиёдро нишон медоданд. Дар оилаи мо ҳеҷ кас ба мо ёд надода буд, ки бо зоҳиршавии муҳаббат чӣ тавр муносибат кунем. Мо намедонистем, ки онро чӣ тавр нишон додан ва чӣ тавр қабул кардан лозим аст. Бо ин ман гуфтанӣ нестам, ки мо якдигарро дӯст намедоштем ва ё ин ки ҳеҷ гоҳ ин муҳаббатро нишон намедодем, балки мо то мағзи устухонҳоямон англисҳо будем. Вақте дар 19-солагиам ман мебоист хонаамро тарк карда, ба ҷанг мерафтам, падари ман як кори беҳамто кард. Вай кафҳояшро ба китфҳоям гузошта, маро бӯса кард. Ман аз бом тароша афтодагӣ барин карахт шудам. Ман чӣ гуфтанамро намедонистам. Тамоми ин саҳна маро сахт ошуфта кард, падар бошад, шояд, аз боиси ин андӯҳгин шуд.

Боре Уайт дар хоб Масеҳро дид, ки назди вай истода, ба сӯяш дастҳои аз мех захмгиншударо дароз мекард. Аввал вай худро гум кард, зеро намедонист, ки чӣ тавр муҳаббати Исоро қабул кунад. Сипас вай ба илтиҷо даромада, гуфт: “Эй, Худованд, ман хеле мехоҳам лабҳоямро ба кафҳои дастони Ту расонам! Аммо наметавонам”.

“Дар хомӯшие ки пас аз ин фаро расид, ман ногаҳон боварӣ пайдо намудам, ки деворе ки дар гирди худ ин қадар муддати дароз сохта будам, оҳиста-оҳиста хароб хоҳад шуд, ва ман чӣ будани инро дарк хоҳам кард: аз ҳар тараф дар иҳотаи муҳаббати Масеҳ зиндагӣ кардан ва ба он имкон додан, ки маро пур кунад”.

Агар мо дар гирди худ деворҳои хеле баланде сохтаем, ки пеши роҳи селоби муҳаббатро ба мо ва аз мо мегирад, мо бояд ба Худо имкон диҳем, ки ин деворҳоро вайрон карда, аз тарсе ки моро ба масеҳиёни дилсард табдил медиҳад, озод кунад.

## 23 НОЯБР

**“Роҳи хоинон сахт аст”**

*(Масалҳо 13:15б)*

Агар ягон кас аз мо хоҳиш мекард, ки барои тасдиқи ин ҳақиқат фактҳо биёрем, барои мо таваккалан кушодани ягон рӯзнома кофӣ мебуд. Боре ман барои санҷиш маҳз ҳамин тавр кардам ва чизи зеринро дар он хондам:

Ҷинояткори фашист, ки 35 сол пинҳонӣ дар Амрикои Ҷанубӣ мезист, худкушӣ кард. Тарс аз доварӣ ва шояд, ҳукми қатл ҳаёти вайро тоқатфарсо кард.

Се ҷинояткор пирамарди 74-соларо рабуда, барои вай аз писарон 90 ҳазор доллар талабиданд. Писари вай, ки нашъаҷаллоби машҳур аст, аз полис ва коркунони шӯъбаи мубориза бо паҳн кардани моводи нашъаовар пинҳон шуда мегардад.

Яке аз аъзоёни палатаи намояндагон дар конгресси Амрико аз мандати депутатӣ барои он маҳрум карда шуд, ки дар ивази ваъдаи пуштибонии сиёсӣ пора гирифт. Эҳтимол, акнун вай дигар ҳаргиз дар кори конгресс иштирок нахоҳад кард.

Капитани полис даст ба фиребгарӣ зада, ариза навишт, ки мошини вайро дуздидаанд. Вай умед дошт, ки ба вай музди суғуртаро хоҳанд дод. Азбаски вай дар рӯйхати беҳтарин кормандони полис буд, дар ояндаи наздик вай мебоист ба яке аз вазифаҳои роҳбарикунанда таъйин мешуд. Ҳозир бошад вайро аз вазифа озод намуда, бар зидди вай парвандаи ҷиноӣ кушодаанд.

Баъзан, чунон ки бо нависандаи таронаҳои Забур буд, тоб овардан ба васвасаи ҳасад ба нобакорон бароямон мушкил аст. Чунин метобад, ки тамоми ҷаҳон дар ихтиёри онҳост ва ҳама кори онҳо барор мегирад. Аммо мо фаромӯш мекунем, ки онҳо зери фишори доимии ҳисси айбдорӣ, шармандагӣ ва тарс аз фошшавӣ мебошанд. Бисёр вақт онҳо гирифтори таҳдид ва тамаъҷӯӣ мешаванд. Онҳо доимо дар тарс ва хавотиршавӣ барои ҳаёти худ ва ҳаёти аъзоёни оилаи худ зиндагӣ мекунанд. Онҳо маҷбуранд системаҳои мураккаб ва қиматбаҳои муҳофизат созанд. Онҳоро доимо таҳдиди ҳабс шудан, мурофиаи гаронбаҳои судӣ, ҷаримаҳо ва зиндоншавӣ таъқиб мекунад. Ҳаёт ба ҷои он ки афсона шавад, ба даҳшат табдил меёбад.

Боре ба Сэм Ҷонс, воизи машҳур, яке аз онҳое муроҷиат намуд, ки ба таври ҷиддӣ ин дарсро аз худ кардааст. Вай гуфт: «Ман як ояти Навиштаҳоро медонам ва медонам, ки он ҳақро мегӯяд: “Роҳи хоинон* сахт аст”». Вай дар таҷрибаи шахсии худ боварӣ ҳосил намуд, ки аз оқибатҳои гуноҳи худ пинҳон шудан номумкин аст ва ин оқибатҳо бениҳоят нохушанд.

* Дар тарҷумае ки муаллиф истифода бурдааст, *нобакорон* гуфта шудааст.

**“Он гоҳ вай ба савганду қасам хӯрдан оғоз намуд...”**

*(Матто 26:74)*

Як усқуф дар боғи худ бешитоб сайру гашт намуда, дар бораи рӯйдодҳои ҳафтаи гузашта андеша мекард. Вақте ба ёди вай як рӯйдоде омад, ки ошуфтааш карда буд, аз забони вай, мулоим гӯем, якчанд сухани сахт баромад. Яке аз аҳли ҷамоати вай, ки дар тарафи дигари девори баланди боғ қадам мезад, ин суханонро, ки шоистаи ходими ҷамоат набуданд, шунид ва дар ҷояш шах шуда монда, ба гӯшҳои худ бовар намекард.

Ин яке аз он мавридҳоест, ки одам дар танҳоӣ суханони қабеҳро ба забон меоварад, ва ин ҳақиқатан барои бисёр масеҳиёне ки аз дилу ҷон барои росткорӣ ҷидду ҷаҳд мекунанд, озмоиши бузург аст. Садҳо нафар одамон ночор аз ин одати нафратовар ба нолиш омада, мефаҳманд, ки чӣ қадар Худовандро бадном мекунанд ва чӣ тавр ҳаёти худро нопок месозанд. Ба ҳар ҳол тамоми кӯшишҳои онҳо барои пурра халос шудан аз ин одати бад бенатиҷа мемонанд.

Суханони қабеҳ одатан ҳамон вақт аз забон мебароянд, ки одам танҳо мебошад (ё ақаллан ҳамин тавр фикр мекунад) ва вақте ки сахт асабонӣ аст. Баъзан онҳо изҳори ғазаби бо душворӣ нигоҳ дошташаванда мебошанд. Баъзан онҳо ба ҳисси ноумедии мо имкони баромадан медиҳанд. Дар хусуси усқуф бошад, онҳо аксуламал ба хотираҳои вай дар бораи шармсории ошуфтагӣ буданд.

Аз азобҳои дар танҳоӣ гуфтани суханони қабеҳ даҳшатноктар тарси он буда метавонад, ки ягон вақт ин суханҳо дар пеши одамон ва ё ин ки дар хоб аз даҳон баромада метавонанд. Ё ҳангоме ки мо дар беморхона зери таъсири наркоз мехобем.

Ин одати кӯҳна ба Петрус дар шаби доварӣ шудани Наҷоткор баргашт. Вақте шахсе вайро яке аз шарикони Исо аз Ҷалил номид, вай суханони сахт ва куфромезро истифода бурда, инро рад кард (Мат. 26:74). Дар вазъияти оромтар вай ҳаргиз чунин намекард, аммо акнун, вақте хатар ба вай таҳдид карда, аз ҳама тарафҳо фишор доимо зиёд мешуд, ин суханон бо осоние ки аз рӯзи имон овarданаш ба вай номаълум буд, аз даҳони вай баромаданд.

Ба ниятҳои нек ва қарорҳои самимӣ нигоҳ накарда, ин суханон ҳатто пеш аз он ки мо дар бораашон фикр кунем, аз даҳони мо мебароянд. Ҳар бор онҳо моро дар ғафлат меёбанд.

Шояд барои мо беҳтар аст, ки умуман ҳар гуна умеди мағлуб кардани ин Ҷолётро дар канор гузорем? Не, охир Худо ба мо ғалабаро ҳам бар ин ва ҳам бар васвасаҳои дигар ваъда медиҳад (1Қур. 10:13). Якум: мо бояд ба Худо муроҷиат намуда, аз вай илтиҷо кунем, ки ба лабҳои мо посбонон гузорад. Мо бояд аз Ӯ илтимос кунем, ки ба мо қувват диҳад, то ба ҳамаи ҳолатҳои нохуш оромона ва бо худдорӣ муносибат намоем. Баъзан дар пеши имондорони дигар иқрор шудан барои халос шудан аз ин одат ёрӣ медиҳад. Ниҳоят, мо бояд доимо дар хотир дошта бошем, ки агарчи дигарон ин суханонро шунида наметавонанд, Падари Осмонӣ онҳоро доимо мешунавад. Фикр дар бораи он ки то чӣ андоза онҳо барои Ӯ таҳқиромез ҳастанд, бояд барои мо воситаи хеле қавии нигоҳдоранда бошад.

**“Шукргузор бошед”**

*(Кулассиён 3:15)*

Дили шукргузор тамоми ҳаётро водор месозад, ки аз нав шарора занад. Вақте таоми пешин ба поён расид, яке аз кӯдакон гуфт: “Модарҷон, ҳама чиз бомаза буд”. Ҳангоми гуфта шудани ин суханон дилҳои аъзоёни ин оила, ки бе ин ҳам хушбахт буд, бо гармии наве ки пештар ба онҳо маълум набуд, пур шуданд.

Мо ба дигарон изҳор намудани миннатдории худро барои он чи онҳо барои мо кардаанд, фаромӯш мекунем. Худованд Исо боре даҳ махавиро шифо дод, ва танҳо яктоаш баргашта, Ӯро шукргузорӣ намуд, ва он шахс сомарӣ буд (Луқ. 17:17). Мо бояд аз ин ду сабақ гирем. Дар ҷаҳони одамони гуноҳкор миннатдорӣ меҳмони камнамо мебошад. Аммо агар миннатдорӣ ояд ҳам, он аз шахсе меояд, ки мо аз вай онро аз ҳама кам интизор будем.

Агар ба ягон кас дасти ёрӣ дароз кунем, аммо вай ҳатто  одоби одӣ, яъне “ташаккур” гуфтанро фаромӯш кунад, мо зуд меранҷем. Аммо ин барои фаҳмидани он ёрӣ медиҳад, ки дигарон чиро ҳис мекунанд, ҳангоме мо хизматҳои онҳоро қабул карда, ба онҳо изҳори миннатдорӣ намуданро фаромӯш мекунем.

Ҳатто ҳангоми рӯякӣ дида баромадани Навишта мо пай мебарем, ки дар он чӣ қадар бисёр даъватҳо ва мисолҳои сурудҳои шукргузорӣ ба Худо вомехӯранд. Дар ҳаёти мо чизҳое ки бояд барои онҳо аз Ӯ миннатдор бошем, чунон зиёданд, ки мо ҳамаи инро ҳатто номбар карда наметавонем. Тамоми ҳаёти мо бояд таронаи миннатдорӣ шавад.

Дар бораи ҳазорон атоҳои гаронбаҳо
Ман дар дуоҳои ситоиш ба ёд меорам.
Дар бораи диле ки аз чизҳои ҳеҷу пуч пок шуда,
Бо ваҷд меваҳои муҳаббати Худоро чашида метавонад.

Мо бояд одати ба якдигар ҳам ташаккур гуфтанро пайдо кунем,. Дастфишорӣ, занги телефонӣ ё мактуб – боварнакарданист, ки чӣ қадар онҳо рӯҳбаланд мекунанд! Як духтури куҳансол боре аз бемори худ на фақат пул, балки мактуби шукрона низ гирифт. Ин мактубро вай мисли дигар чизҳои азизу гаронбаҳои худ нигоҳ дошт; дар давоми тамоми ин солҳои дуру дарози кори вай он ягона буд.

Мо бояд барои тӯҳфаҳо, меҳмоннавозӣ, асбобҳои ба орият додашуда, барои ёрӣ дар кор, барои ҳар гуна хизмате ки ба мо карда шудааст, миннатдорӣ изҳор намуданро фаромӯш накунем.

Тамоми мусибат дар он аст, ки ҳамаи инро мо бисёр вақт мисли чизҳои худ аз худ маълум қабул мекунем. Ё ин ки мо чунон бесаранҷом ҳастем, ки барои навиштани мактуб ҳатто як дақиқа ҳам намеёбем. Дар чунин ҳолат мо бояд мақсаднок одат пайдо кунем, ки барои ҳама чиз ташаккур гуфта, ба ҳар он чи барояш “раҳмат” гуфтан лозим аст, аҳамият диҳем ва миннатдории худро ҳаддалимкон тезтар изҳор намуда, дар ин кор таъхир накунем. “Ташаккур”-и шумо ҳар қадар тезтар ояд, он ба дигарон ҳамон қадар бисёртар шодӣ меоварад.

**“Бе ваҳӣ қавм бекайд мешаванд, ва хушо касе ки шариатро риоят мекунад”**

*(Масалҳо 29:18)*

Нимаи якуми ин оят мегӯяд: “Бе ваҳӣ қавм бекайд мешаванд”. “Ваҳӣ” маънои онро дорад, ки Худо ба мо баъзе чизҳоро ошкор мекунад. Бинобар ин ояти мо таълим медиҳад, ки дар он ҷое ки Каломи Худоро намедонанд ё иззат намекунанд, фисқу фуҷур ҳукмрон аст.

Вазъиятеро ки тамоман зидди ин аст, нимаи дуюми ин оят тасвир мекунад: “Хушо касе ки шариатро риоят мекунад”. Дигар хел карда гӯем, танҳо ба воситаи бечуну чаро иҷро кардани хости Худо, ки дар Калом тасвир ёфтааст, хушбахт шудан мумкин аст.

Биёед дар бораи нимаи якуми оят андеша кунем. Аз Каломи Худо рӯй гардонда, одамон тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва маҳдудиятҳоро рад мекунанд. Масалан, фарз мекунем, ки ягон халқ, Худоро рад карда, кӯшиш мекунад, ки ҳама чизро аз нуқтаи назари таҳаввул (эволюция) фаҳмонда диҳад. Ин маънои онро дорад, ки одам на аз ҷониби Офаридгор офарида шуд, балки дар натиҷаи дигаргуниҳо дар табиат ба вуҷуд омад. Агар ин чунин бошад, мафҳуми меъёрҳои ахлоқӣ ягон асоси объективӣ надорад ва дошта ҳам наметавонад. Рафтори мо танҳо натиҷаи қонунии ҷараёнҳои муайяни табиат мебошад. Чунон ки Ланн ва Лин дар китоби худ “Ахлоқи нав” (“The New Morality”) навишта буданд, “агар ҳуҷайраи аввалин дар рӯи ҳаёти сайёраи беҷон чун маҳсули ҷараёни табиӣ пайдо шуда бошад, агар ақли одам, мисли вулқон, эҷодиёти худи ҳамон қувваҳои табиӣ ва моддӣ бошад, он гоҳ барои апартеид маҳкум кардани сиёсатмадорони Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ чун барои оташфишонӣ маҳкум кардани вулқон беақлона мебуд”.

Дар он ҷое ки Каломи Худо ба эътибор гирифта намешавад, меъёрҳои мутлақ барои некӣ ва бадӣ, чизи дуруст ва нодуруст нест мешаванд. Меъёрҳои ахлоқӣ ба хоҳиш ва рафтори ҳам шахсони ҷудогона ва ҳам гурӯҳҳои том мувофиқ карда мешаванд. Одам худаш ҳокими олии рафтори худ мешавад. Фалсафаи вай чунин аст: “Агар ин ба ту ҳаловат бахшад, он гоҳ инро бикун”. Чун баҳона барои сафед кардани худ ҳамон ҳам кофист, ки “ҳама чунин мекунанд”.

Одамон дигар худдорӣ намекунанд. Онҳо ба бачабозӣ, зино ва фосиқӣ дода мешаванд. Шумораи ҷиноятҳо бо суръати даҳшатангез зиёд мешавад. Ҷинояткорӣ ба ҳама сӯрохчаҳои ҷаҳони соҳибкорон ва ҳукуматдорон медарояд. Дурӯғ ва фиреб шаклҳои маъмулии рафтор мешаванд. Ҷамъият дар пеши назар завол меёбад.

“Хушо касе ки шариатро риоят мекунад”. Ҳатто агар тамоми ҷаҳони боқимонда дар хуруҷи девонагӣ ва худсарӣ ғӯтида бошад, ҳар имондор фармудаҳои Худоро қабул карда ва онҳоро риоя намуда, хушбахтона зиста метавонад. Барои хушбахт шудан роҳи дигар нест.

## “Оре, ба зуди меоям”

*(Ваҳй 22:20)*

Имрӯз, ҳангоме мо ба охири ҳазорсола наздик мешавем, шумораи зиёди одамон умеди онро, ки Масеҳ дар ҳар лаҳза омада метавонад, гум мекунанд. Аммо ҳақиқат, новобаста ба он ки одамон ба он бовар мекунанд ё не, ҳақиқат мемонад.

Факти баҳснопазир: Худованд Исо ҳар вақт омада метавонад. Мо рӯзу соатеро намедонем, ки Масеҳ барои Арӯси Худ бармегардад, ин бошад маънои онро дорад, ки Ӯ имрӯз омада метавонад. Ягон пайғамбарие ки бояд ҳанӯз иҷро шавад, боқӣ намондааст, пеш аз он ки мо нидои Ӯ, овози Фариштаи Муқарраб ва карнайи Худоро шунавем. Оре, Ҷамоат дар давоми тамоми вақти дар замин вуҷуд доштанаш доимо бо мусибатҳо ва андӯҳҳо сару кор дорад, аммо ба он лозим намеояд, ки даҳшатҳои давраи мусибати бузургро бичашад. Агар насиби Ҷамоат аз мусибати бузург гузаштан мебуд, ин маънои онро медошт, ки омадани Худованд камаш барои ҳафт сол ба таъхир гузошта мешуд, зеро ки мо имрӯз, ва ин комилан аниқ аст, ҳанӯз дар давраи мусибати бузург, ки пас аз фаро расиданаш ҳафт сол давом хоҳад дод, зиндагӣ намекунем.

Дар Навишта бисёр оятҳо таълим медиҳанд, ки мо бояд ҳар лаҳза барои омадани Масеҳ тайёр бошем. Ба оятҳои зерин диққат диҳед:

"...назар ба он вақте ки имон овардем, наздиктар аст” (Рум. 13:11).

“Шаб гузашту рӯз наздик омад” (Рум. 13:12).

“Худованд наздик аст” (Фил. 4:5).

“Зеро пас аз андаке он Меомада меояд ва дер намекунад”
(Ибр. 10:37).

“...омадани Худованд наздик аст” (Яъқ. 5:8).

“...Довар назди дар истодааст” (Яъқ. 5:9).

“Аммо поёни ҳама чиз наздик аст” (1 Пет. 4:7)

Ба назар чунин менамояд, ки фикри асосии ин оятҳо дар хонанда таассуроти онро ба вуҷуд овардан аст, ки омадани Худованд наздик мебошад. Ин ҳамон рӯйдодест, ки мо бояд бесаброна интизораш буда, барои он тайёрӣ бинем. Мо бояд дам нагирифта заҳмат кашем ва чун хоҷагидор вазифаҳои худро иҷро кунем.

Р. А. Торрей боре гуфта буд: “Омадани наздики Худованд далели қавии Навишта барои нафъи ҳаёти пок, нохудбинона, вафодорона, фаъолона ва дур аз ҳар гуна чизҳои дунявӣ мебошад, ки пурра ба хизматгузорӣ бахшида шудааст. Бисёр вақт мо дар мавъизаҳои худ одамонро бовар мекунонем, ки муқаддасона зиста, ғайратмандона меҳнат кунанд, зеро марг метавонад моро дар ғафлат ёбад. Аммо дар Навишта шумо дар бораи ин ягон калима намеёбед. Навишта ба мо танҳо як чиз мегӯяд: Масеҳ меояд, ва ҳангоме ки Ӯ меояд, тайёр бошед”.

Вазифаҳои мо фаҳмо ҳастанд. Камарҳои мо бояд баста ва чароғҳоямон фурӯзон бошад, мо бояд монанди касоне бошем, ки ба хоҷаи худ интизорӣ доранд (Луқ. 12:35,36). Ба суханон дар бораи он ки мо гӯё ҳақ надорем Ӯро ҳар лаҳза интизор бошем, бовар намекунем. Беҳтар аст, ки ба омадани наздики Ӯ бовар карда, бо ҷидду ҷаҳд онро мавъиза кунем, ва бигзор ин ҳақиқат ҳаёти моро мунаввар созад.

## 28 НОЯБР

**“Ба файзи Худо он чи ҳастам, ҳастам”**
(1Қуринтиён 15:10)

Шахсе ки кӯшиш мекунад на оне бошад, ки ҳаст, худро ба азобҳои сахт маҳкум месозад. Ҳар одам махлуқи беназири Худост. Касе гуфтааст, ки моро офарида, Худо ягон бор қолибро ба даст нагирифтааст. Дар ин ин ҷо кӯшиши ягон чизро тағйир додан ё аз нав сохтан аблаҳист.

Максвелл Малтс навишта буд: “Шумо мисли шахс бо ягон шахси дигар қобилияти зӯрозмоӣ карданро ба он сабаби одӣ надоред, ки дар тамоми кураи замин ягон одаме ёфт намешавад, ки ба шумо монанд буда, бо шумо дар як “категорияи вазн” бошад. Шумо ҷудогона ҳастед. Шумо тамоман бемисл ҳастед. Шумо ба ягон кас монанд нестед ва ҳаргиз монанд шуда ҳам наметавонед. Ҳеҷ кас аз шумо талаб намекунад, ки шумо ба ягон каси дигар монанд шавед, чунон ки ягон каси дигар вазифадор нест ба шумо монанд бошад”.

«Худо ба офаридани “шахс-нусха” бо тамғакоғази “Ҳамаи одамон бояд ҳамин гуна бошанд” шурӯъ накарда буд. Не, Ӯ ҳар одамро бемисл ва такрорнашаванда сохт, айнан ҳамон тавре ки зарраи барф бемисл ва такрорнашаванда аст».

Ҳар яки мо маҳсули ҳикмати Худо ва муҳаббати Ӯ ҳастем. Моро, чунон ки мо ҳастем, офарида, Ӯ хеле хуб медонист, ки чӣ кор мекунад. Ба мо намуди зоҳирӣ, истеъдодҳо ва ақл дода, Ӯ дар бораи хайри олии мо ғамхорӣ мекард. Ҳар кӣ дорои дониш ва муҳаббати беохир бошад, ба мо худи ҳаминро медод.

Бинобар ин кӯшиши ягон шахси дигар шудан маънои таҳқир кардани Худоро дорад. Охир бо ин мо мегӯем, ки Ӯ хато кардааст ё он чиро, ки ба мо фоида оварда метавонист, надодааст.

Ҳар гуна хоҳиш, ҳатто хоҳиши зиёди ба ягон кас монанд шудан бесамар аст. Дар он ки Худо моро чунин офаридааст ва он чи Ӯ ба мо додааст, мукаммалӣ ва тағйирнаёбандагие ҳаст. Мо, албатта, метавонем ба ҷиҳатҳои хуби одамони дигар тақлид кунем, аммо ҳозир ин ҷо сухан дар бораи одам чун дар бораи махлуқи Худо меравад.

Агар мо ба зӯр зиндагиро пеш бурда, аз офаридаи дастони Ӯ шикоят кунем, ҳисси беарзишӣ дасту поҳои моро хоҳад баст. Мо аз дигарон бадтар нестем – мо фақат бемисл ва беназир ҳастем.

Ҳар гуна кӯшиши ба ягон кас монанд шудан ба нокомӣ дучор мегардад. Ин мисли он аст, ки агар ангушти хурд кӯшиш мекард, ки кори дилро ба ҷо оварад. Худо онро тамоман барои чизи дигар таъйин намудааст, пас тамоми зӯрзаниҳо беҳудаанд.

Танҳо ҳамон шахс дуруст рафтор мекунад, ки бо Павлус мегӯяд: “Бо файзи Худо он чи ҳастам, ҳастам” (1Қур. 15:10). Мо бояд худро, чунон ки ҳастем, бо хурсандӣ қабул кунем ва беназир будани ҳар махлуқи Худоро дар ёд дошта, ҳар он чи дорем, барои ҷалоли Ӯ истифода барем. Бисёр корҳо ҳастанд, ки мо ҳаргиз ба ҷо оварда наметавонем, аммо корҳое низ ҳастанд, ки танҳо мо аз ӯҳдаи онҳо баромада метавонем.

## “Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам”

*(Юҳанно 5:30)*

Исо дар Инҷили Юҳанно ду маротиба такрор мекунад, ки аз Худ чизе ба амал оварда наметавонад. Дар ояти 19-ум Ӯ мегӯяд: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар аз Худ чизе ба амал оварда наметавонад...” Баъд, дар ояти 30-юм, Ӯ боз такрор мекунад: “Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам...”

Ҳангоми рӯякӣ хондани ин оятҳо мо ба ғайр аз дилхунукӣ дигар ҳеҷ чиз ҳис намекунем. Охир, онҳо гӯё мегуфтанд, ки қуввати Исо, мисли қуввати худи мо, маҳдуд аст. Аммо агар Ӯ ҳақиқатан, чунон ки Ӯ дар бораи ин чандин маротиба гуфта буд, Худо бошад, он гоҳ Ӯ бояд пурқудрат бошад. Пас чӣ тавр Ӯ гуфта метавонад, ки аз Худ чизе ба амал оварда наметавонад? Дар ҳақиқат, душманони Инҷил ин оятҳоро бисёр вақт ҳамчун силоҳ истифода бурда, исбот карданӣ мешуданд, ки Исо фақат одам буд – бо тамоми заъфҳо ва имкониятҳои маҳдудаш.

Аммо биёед ба онҳо бодиққаттар нигоҳ кунем! Худованди мо асло дар бораи қувваҳои ҷисмонии Худ сухан намеронд. Он ҳақиқате ки Ӯ исроркорона кӯшиш мекард ба гӯши шунавандагон расонад, ин буд: Ӯ чунон ба хости Падар вафодор аст, ки бо ташаббуси Худ чизе ба амал оварда наметавонист. Ӯ ахлоқан чунон комил буд, ки дар бораи худсарӣ сухане ҳам буда наметавонист. Ӯ ба ғайр аз иҷро кардани хости Худо чизи дигаре намехост.

На ман, на шумо ҳаргиз гуфта наметавонистем, ки аз худ чизе ба амал оварда наметавонем. Бисёр вақт мо худсарона рафтор мекунем. Мо бо Ӯ маслиҳат накарда, қарор қабул мекунем. Мо ба васваса афтода, дар айни замон хеле хуб мефаҳмем, ки гуноҳ мекунем. Хости худро мо аз хости Ӯ афзал медонем. Худованд Исо ҳаргиз ягон кори ба ин монандро карда наметавонист.

Аз ҳамин сабаб ин оятҳо тамоман дар бораи он намегӯянд, ки Исо заиф буд, ва имкониятҳояш маҳдуд буданд; онҳо дар бораи тамоман чизи мухолиф шаҳодат медиҳанд – дар бораи он ки Ӯ ба таври илоҳӣ комил буд. Ин комилан ба ҳар касе фаҳмо мешавад, ки ба ҷои дар миёнаи оятҳо таваққуф кардан, оятҳоро пурра, то охир, мехонад. Дар ояти 19-ум Исо айнан чунин гуфт: “Писар аз Худ чизе ба амал оварда наметавонад, магар он чи бинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад”. Дигар хел карда гӯем, Писар новобаста ба Падар амал карда наметавонад, аммо ҳар он чи Падар мекунад, Ӯ низ карда метавонад. Бо ин Ӯ дар бораи бо Худо баробар будани Худ равшан мегӯяд.

Сипас, дар ояти 30-юм, Исо боз гуфт: “Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам. Ончунон ки мешунавам, доварӣ мекунам, ва доварии Ман одилона аст, зеро на ҷӯёи хости Худ, балки ҷӯёи хости Падаре ҳастам, ки маро фиристодааст”. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми қабул кардани тамоми қарорҳо Ӯ супоришҳоеро ба асос мегирифт, ки Падараш ба Ӯ дода буд, ва вафодории пурраи Ӯ ба хости Падар гарави дуруст будани ин қарорҳо буд.

Ҷ. С. Бакстер ишорат карда буд, ки дар ин боб Исо бо Худо баробар будани Худро ҳафт бор возеҳ баён кардааст. Ӯ бо Падар дар амалҳо (ояти 19), дар дониш (ояти 20), дар эҳё кардани мурдагон (оятҳои 21,28,29), дар доварӣ (оятҳои 22,27), дар эҳтиром (ояти 23), дар зиндакунӣ (ояти 24,25), дар худ ҳаёт доштан (ояти 26) баробар аст. Наҷоткори мо асло на махлуқи нотавон ва суст бо имкониятҳои маҳдуд, балки Худои қудратманд аст, ки дар ҷисм зоҳир шуд.

**“Борҳои якдигарро бардоред, ва ҳамин тавр шариати Масеҳро ба ҷо оваред... Зеро ҳар кас бори худро мебардорад”**

*(Ғалотиён 6:2,5)*

Хонандаи бедиққат ба осонӣ таассуроте ҳосил карда метавонад, ки ин ду оят мухолифи якдигаранд. Ояти якум мегӯяд, ки мо бояд борҳои якдигарро бардорем, аммо ояти дуюм – мегӯяд, ки мо бояд бори худро бардорем.

Калимае ки дар ояти 2-юми боби 6-уми Нома ба Ғалотиён чун “бор” тарҷума шудааст, ҳар он чиро ки одамро рӯҳан, ҷисман ё эҳсосотан заҳмат медиҳад, ифода мекунад. Дар қаринаи маҳдуди матн он ба бори вазнини айб ва ноумедӣ дахл дорад, ки бар китфи шахси гирифтори гуноҳ бор шудааст (ояти 1). Мо метавонем бори вайро сабук кунем, агар бо муҳаббат китфҳояшро ба оғӯш гирифта, ба вай ёрӣ диҳем, ки ба ақиб, ба муносибат бо Худо ва халқи Худо роҳ ёбад. Аммо ба ин бор мусибатҳо, андӯҳҳо, ноумедиҳо ва озмоишҳо низ дахл доранд, ки дар ҳаёти ҳар яки мо кам нестанд. Мо тасалло дода, дилгарм карда, ёрии моддӣ расонда ва таҷрибаи ҳаёт шуда, борҳои якдигарро мебардорем. Ин маънои онро дорад, ки мо ҳаргиз набояд аз мушкилоти дигарон рӯ гардонем, ҳатто агар барои ин ягон чизро қурбонӣ кардан лозим ояд. Бо ин амал мо шариати Масеҳро дар бораи муҳаббат ба якдигар иҷро мекунем. Мо он чиро ки дорем ва он чи ҳастем, ба дигарон бо дасти кушод дода, муҳаббати худро дар амал нишон медиҳем.

Барои “бор”-и ояти 5-ум дар нусхаи аслии юнонӣ калимаи дигар ҳаст. Ин калима ҳар он чиро ки бардоштан лозим аст, ифода мекунад, новобаста ба он ки ин бор сабук аст ё вазнин. Ин ҷо Павлус дар бораи он мегӯяд, ки дар доварии Масеҳ ҳар кас бояд худаш бори ҷавобгарии худро бардорад. Он гоҳ масъала дар он нахоҳад буд, ки оё мо ба муқоиса бо дигарон тоб меоварем ё не. Масеҳ амалҳои кардаамонро ба асос гирифта, моро доварӣ хоҳад кард ва худи ҳамин муайян хоҳад кард, ки мо кадом мукофотро мегирем.

Ба назари ман, миёни ин оятҳо робитаи дутарафа вуҷуд дорад. Ба масеҳие ки мехоҳад бародари гирифтори гуноҳро ислоҳ намояд, хатари он таҳдид мекунад, ки худ ба доми ҳисси “бартарӣ”-и қалбакии худ афтад. Бори бародари гунаҳкорро бардошта, вай метавонад чунин шуморад, ки худаш аллакай ба дараҷаи баланди камолоти рӯҳонӣ расидааст. Ӯ дилпур аст, ки аз бародари гуноҳкарда бо хубӣ фарқ мекунад. Павлус ба вай ёдрас мекунад, ки дар пеши Худо ҳозир истода, вай на барои ягон каси дигар, балки фақат барои худ, барои корҳои худ ва барои хислати худ ҷавоб хоҳад дод. Ба вай лозим меояд, ки бори ҷавобгарии худро бардорад.

Аз ҳамин сабаб ин оятҳо аз ҳеҷ як ҷиҳат бо ҳам мухолиф нестанд. Баръакс, онҳо бо якдигар хеле хуб мувофиқанд.

# 1ДЕКАБР

**“Агар бишнавӣ... ту дурустакак ҷустуҷӯ ва тафтиш ва пурсиш намо, ва инак, агар ин ҳодиса рост ва аниқ барояд...”**

*(Такрори Шариат 13:12,14)*

Агар овозае паҳн мешуд, ки дар кадом як шаҳри Исроил одамон Худоро тарк намуда, ба бутҳо рӯй овардаанд, он гоҳ, пеш аз ҷазо додани онҳо, дурустакак тафтиш кардан лозим мебуд.

Масеҳиён низ бояд ба тамоми овозаҳо ва ғайбатҳо бениҳоят эҳтиёткорона муносибат кунанд. Онҳо бояд ҳама чизро тафтиш кунанд. Оё ин овоза нест? Оё ман ба ҷустуҷӯ оғоз намудам? Оё ман таҳқиқ кардам? Оё ман хуб дида баромадам? Оё ин рост аст? То чӣ андоза ин ҳақиқат аниқ аст?

Хуб мебуд, агар мо пеш аз паҳн кардани баъзе хабарҳои ҳангомаҷӯёна, ки баъзан дар доираҳои динӣ ба чашм мерасанд, онҳоро бо диққат тафтиш мекардем. Аммо ин на қоида, балки аниқтараш истисно аст, ва ана якчанд мисоли чунин бепарвоӣ.

Якчанд сол пеш овоза пайдо шуд, ки дар пирси Ню-Иорк барои сохтмони маъбад дар Уршалим сангҳое ки барои ба Исроил фиристодан тайёранд, чида шудаанд ва гӯё ин сангҳо аз оҳаксанг мебошанд. Масеҳиён бо ҷидду ҷаҳди зиёд ин хабарро паҳн мекарданд, аммо дар натиҷа хандаи таҳқиромези беимонон боз ҳам баландтар шуд, вақте маълум гардид, ки дар ин овоза як зарра ҳам ростӣ нест.

Бори дигар хабар паҳн шуд, ки ҳангоме олимон ҳар гуна маълумотҳои имконпазирро дар бораи тақвими инсоният ба компютер дохил карданд, натиҷаҳои баровардаи мошин ҳаққонияти нақли Навиштаро дар бораи рӯзи дарози Еҳушаъ ибни Нун тасдиқ карданд. Дар ҷустуҷӯи шитобкоронаи ҳар гуна тасдиқоти ҳаққонияти Навишта имондорон дар як лаҳза ин хабарро дар саросари кишвар паҳн карданд. Аммо баъд ин ҳубобчаи собун кафид. Чунон ки маълум шуд, ин ҳикоят ягон асос надошт.

На чандон пештар баъзе масеҳиён барои исбот кардани он ки як сиёсатмадори номашҳур маҳз зиддимасеҳ мебошад, ба ёрии ҳисоббарориҳои математикӣ рӯ оварданд. Ана онҳо чӣ кор карданд. Ба ҳар ҳарфи номи ин сиёсатмадор рақами муайяни тартибӣ дода шуда буд. Баъд пас аз як қатор амалҳои арифметикӣ чунин натиҷа ҳосил шуд – рақами 666. Ин, албатта, ҳеҷ чизро исбот намекард. Бо ёрии чунин ҳисоббарориҳо рақами 666-ро қариб дар ҳар ном ёфтан мумкин аст.

Ман китобчае дорам, ки дар он гуфта мешавад, ки дар айёми охири ҳаёти худ Чарлз Дарвин аз назарияи таҳаввул (эволюция) худ даст кашида, ба бовар ба Навишта баргашт. Шояд ин ҳақиқат ҳам бошад. Ман хеле мехоҳам бовар кунам, ки ин ҳақиқат аст. Шояд, ман ягон вақт ошкор мекунам, ки ин ҳақиқат аст. Ҳоло бошад ман оиди ҳақиқӣ будани ин ҳикоят ягон далел надорам, ва ман то даме ки ин далелҳоро ба даст наоварам, барои паҳн кардани онҳо ҳақ надорам.

Агар мо аз ояти имрӯзаамон ба худ шаш савол диҳем, ранги рӯямон аз парешонӣ торафт камтар дигаргун мешавад, имони масеҳӣ бошад дар ин ҷаҳон хеле эътимодбахш хоҳад буд. Оё ин овоза нест? Оё ман ба ҷустуҷӯ шурӯъ намудам? Оё ман тафтиш кардам? Оё ман пурсупос кардам? Оё ин ҳақиқат аст? То чӣ андоза ин ҳақиқат аниқ аст?

# 2 ДЕКАБР

**“Ба якдигар бо таронаҳои Забур, мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ сухан гӯед ва дар дилҳои худ барои Худованд сароед ва тарона хонед”**

*(Эфесусиён 5:19)*

Ин ҷо сурудхонӣ бо пур будан аз Рӯҳ зич алоқаманд аст, мисли он ки агар суруд натиҷаи бевоситаи он мебуд. Шояд, аз ҳамин сабаб ҳаракатҳои пурзӯртарини растохези рӯҳониро доимо сурудҳо ҳамроҳӣ мекунанд.

Аммо ягон халқ мисли масеҳиён барои сурудҳо чунон мавзӯъҳои зиёд надорад, ва ягон халқ дорои чунин мероси бой аз таронаҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ нест. Сурудҳо он чиро, ки мо бисёр вақт ҳис мекунем, аммо бо суханон баён карда наметавонем, ба таври ботантана баён мекунанд. Дар баъзе сурудҳо дар бораи чизе гуфта шуда метавонад, ки ҳанӯз қисми ҳаёти мо нашудааст, масалан, оиди вафодории пурра ба Масеҳ дар суруди “Ҳамаашро ба Исо месупорам”. Дар чунин маврид мо метавонем онҳоро мисли суханоне сароем, ки майли дили моро нишон медиҳанд.

Дар сурудхонии рӯҳонӣ қофия, оҳанг ва ҳамоҳангӣ дар ҷои аввал намеистад. Чизи муҳимтарин он аст, ки ин суханон аз дил баромада, назди Худо бо қуввати Рӯҳулқудс бароянд. Мэрӣ Боулӣ ин ҳақиқатро чунин баён кардааст:

Худовандо, мо медонем, ки чандон муҳим нест,
Ки мо сурудро то чӣ дараҷа зебо сароидем.
Танҳо он суханоне ки Рӯҳи Ту додааст,
Ба осмон шитобон равонанд.

Рӯҳи Худо барои расидан ба мақсадҳои Худ на фақат мавъизаи Каломро, балки сурудхониро низ истифода буда метавонад. Модари Граттан Гиннесс сурудхонии деҳқонеро шунид, ки саҳрои худро шудкор мекард ва қарор дод, ки худро ба дарё наандозад ва худкушӣ накунад. Дертар доктор Гиннесс гуфта буд: “Барои тамоми он чи барои Худо ҳастам, ман ба деҳқони хоксори масеҳие миннатдорам, ки ҳангоми иҷрои кори вазнини худ ба Худованд ҳамду сано мехонд”.

Ҳар касе ки хизмати сурудхониро ба ҷо меоварад, бояд аз ду хатар эҳтиёт бошад. Аввалан, вай бояд роҳ надиҳад, ки “ман’-и вай ба он ворид шавад. Чун дар ҳар гуна хизмати ҷамъиятӣ, сарояндагон метавонанд бо осонӣ ба гурӯҳи онҳое лағжида афтанд, ки бо худрекламакунӣ машғуланд. Одам метавонад ба васваса афтида, барои он суруд сарояд, ки одамонро бо истеъдоди худ моту мабҳут созад, ва ҳаргиз на барои он ки Худоро ҷалол диҳад ё ба фарзандони Ӯ баракат оварад.

Дуюм хатар моро ҳамон вақт интизор аст, ки мусиқӣ на барои насиҳат, балки барои вақтхушӣ хизмат карданро сар мекунад. Охир, чунин шуда метавонад, ки сурудро бо санъати баланд хонда, бо вуҷуди ин маънои асосии ин суханонро ба қалби шунавандагон намерасонед. Одамонро бо сурудҳои холӣ ва каммазмун, ки тамоман шоистаи Худованди маҳбуби мо нестанд, ба ҳолати ваҷд овардан имконпазир аст.

Дар фарҳангҳои гуногун завқҳои мусиқавӣ низ гуногунанд. Аммо дар ҳама фарҳангҳо сурудҳо бояд мазмуни чуқур дошта, шаклан эҳтиромона бошанд ва барои насиҳати рӯҳонӣ хизмат кунанд.

## 3 ДЕКАБР

**“Имонеро башорат медиҳад, ки пештар онро несту нобуд мекард”**

*(Ғалотиён 1:23)*

Пас аз он ки Шоули Тарсусӣ ба масеҳият рӯ овард, ҷамоатҳо дар Яҳудо шуниданд, ки яке аз таъқибкунандагони ашаддӣ ба воизи серғайрат ва ҳимоягари имон табдил ёфтааст. Чунин дигаргунии қатъӣ касро хеле ба ҳаяҷон меоварад. Аммо дар таърихи муосир низ мо метавонем намунаҳои ҳайратангезеро пайдо кунем, ки одамон тарзи зиндагии худро қатъиян дигар мекарданд.

Боре лорд Литтлтон ва Гилберт Уэст қарор доданд, ки бо кӯшишҳои якҷоя беасос будани имони ҳимоятгарони Навиштаро нишон диҳанд. Литтлон бояд дурӯғ будани тамоми ҳикояҳоро дар бораи имон овардани Шоул исбот мекард, Уэст бошад, бояд далелҳои боварибахш меоварад, ки зинда шудани Исо афсона аст. «Ҳар дуи онҳо бояд эътироф мекарданд, ки ба шаҳодати Навишта чандон эътимод надоштанд, аммо қарор доданд: “Агар мо софдилона бозӣ кардан хоҳем, пас, вазифадорем, ки ақаллан исботҳои онро дида бароем”. Дар давоми тамоми ин вақт онҳо доимо барои муҳокимаи мавзӯъҳое ки дар бораашон андеша мекарданд, вомехӯрданд. Дар яке аз чунин вохӯриҳо Литтлтон дили худро ба дӯсташ кушода, гуфт, ки ҳис мекунад, дар ин ба ҳар ҳол чизе ҳаст. Дигарӣ бошад дар ҷавоб гуфт, ки худаш низ аз натиҷаи кофтуковҳои худ андаке ба ҳайрат афтодааст. Ниҳоят ҳар дуи китобҳо ба анҷом расиданд, ва муаллифони онҳо кашф карданд, ки ҳар дуяшон китобро барои ҳимояти он чизе навиштаанд, ки бояд истеҳзояш мекарданд. Онҳо розӣ шуданд, ки тамоми далелҳоро аз нуқтаи назари ҳуқуқшиносӣ дида баромада, ҳар муҳаққиқи поквиҷдон хоҳ-нохоҳ ба хулосае меояд, ки ҳаққонияти Навиштаро дар хусуси тавзеҳоти воқеаҳо эътироф намояд» (Фредрик П. Вуд). Лорд Литтлтон китобро зери унвони “Имон овардани Шоул”(“Conversion of St. Paul”) навиштааст. Китоби Уэст чунин ном дошт “Растохези Исои Масеҳ” (“Resurrection of Jesus Christ”).

Роберт К. Ингерсол, бехудои ашаддӣ, ба агностик Лю Уэллас илҳом бахшид, то китоберо нависад, ки бояд дурӯғ будани нақли Навиштаро дар бораи Исои Масеҳ ошкор мекард. Уэллас дар сари ин мавзӯъ солҳои зиёдеро гузаронд, ки ин табъи зани методисташро хеле ошуфта месохт. Сипас вай ба навиштан шурӯъ намуд. Боби чорумро ба охир расонда, вай дарк намуд, ки тамоми он чи дар Навишта дар бораи Масеҳ навишта шудааст, ҳақиқат аст. Вай бо тавба ба зону афтида, ба Масеҳ чун ба Худованд ва Наҷоткор имон овард. Дертар вай китоберо зери унвони “Бен Ҳур” (“Ben Hur”) навишт, ки дар он дар бораи Масеҳ чун оиди Писари Худо гуфта мешавад.

Фрэнк Моррисон хост дар бораи Масеҳ очерк нависад, аммо ба мӯъҷизаҳо бовар накарда, қарор дод, ки бо ҳафт рӯзи охирини то ба салиб кашида шудани Ӯ маҳдуд шавад. Дертар ба омӯзиши шаҳодатҳои Навишта шурӯъ намуда, вай қарор дод ба очерки худ ҳикоятро оиди зиндашавӣ низ дохил кунонад. Дере нагузашта вай боварӣ ҳосил намуд, ки Масеҳ ҳақиқатан зинда шудааст, ва Ӯро ба қалби худ чун Наҷоткор қабул намуда, китобро зери чунин унвон навишт “Кӣ сангро ғелонд?” (“Who moved the Stone”).

“Каломи Худо зинда ва ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст”. Беҳтарин далели ҳаққонияти Калом худи Он аст. Ҳеҷ яке аз касоне ки ба он ҳамла намуда, онро масхара мекунанд, аз он эмин нестанд, ки боре худашон ба он бовар карда, яке аз муҳофизони вафодортарини он мегарданд.

# 4 ДЕКАБР

**“Ва Ман ӯро аз Рӯҳи Худо, аз ҳикмат ва фаҳм ва дониш ва ҳар ҳунар пур кардаам”**

*(Хуруҷ 31:3)*

Дар ин матн дар бораи Басалъил гуфта мешавад, ки Рӯҳулқудс ба вай қобилияти роҳбарӣ кардани сохтмони хаймаи ҷомеъро ато намудааст. Вай дар кор бо нуқра, тилло, мис, ҳак намудани сангҳо ва чӯбтарошӣ моҳир гардид. Рӯҳи Худо ба вай дар иҷроиши тамоми ин корҳо маҳорат дод.

Э. Трамп боре гуфта буд: “Одатан мо аз назди ин хизмати Рӯҳулқудс гузашта, тамоман ба он диққат намедиҳем. Имондор дар саҳро ва корхона, дар хона ва идора ҳақ дорад, ки барои кӯмак дар меҳнати ҳаррӯзаи худ ба Рӯҳулқудс мурочиат намояд. Ман як коргареро медонам, ки дастгоҳи худро ба қурбонгоҳ табдил додааст. Дар миёни мо Мартоҳое ҳастанд, ки мизи ошхонаи худро ба мизи Шоми Худованд табдил додаанд. Дар идораи дигарӣ бошад, мизи идора минбари воиз шуд, ки дар он вай сухан ронда ва навишта, корҳои рӯзмарраро ба иҷроиши супориши шахсии Подшоҳ табдил медиҳад”.

Дар Исроил, дар шаҳри Носира, беморхонаи масеҳие ҳаст, ки аксари беморони он арабҳо мебошанд. Дар ҳудуди он ҷамоате ҳаст. Аммо воиз ба шунавандагон асло аз минбар мурочиат намекунад. Не, вай назди дастгоҳи дуредгарии суфтакардашуда ҷой мегирад, ки дар як гӯшаи он гирои чӯбин мустаҳкам карда шудааст. Ин ёдоварии олидараҷа ва хеле зарур ба ҳамаи мо оиди он аст, ки Худованди мо дар Носира ҳамчун дуредгар кор кардааст ва дастгоҳи дуредгарӣ минбари Ӯ буд.

Як духтур аз Ховари Миёна кӯшиш мекард, ки на фақат бадани беморон, балки ҷонҳои онҳоро низ шифо диҳад. Баъзан, бо бемор дар дармонгоҳ сӯҳбат карда ва бо диққат вайро ташхис намуда, вай ба хулосае меомад, ки мушкилоти вай аз ҷиҳати ҷисмонӣ дида бештар рӯҳонист. Шоми ҳамон рӯз вай ба хонаи ин бемор мерафт. Бисёр вақт соҳиби хона хеле ҳайрон мешуд, вақте дарро кушода, дар остона духтурро медид. Аммо духтур боадабона мегуфт: “Ман назди шумо на ҳамчун духтур, балки ҳамчун дӯст омадаам. Ман мехоҳам бо Шумо дар бораи як чиз сӯҳбат кунам. Шумо иҷозат медиҳед дароям?” Албатта, соҳиби хона духтурро ба хона даъват мекард, ва духтур ба хона даромада, бо вай дар бораи ҳолати рӯҳонӣ гап мезад. Сипас вай мефаҳмонд, ки Худованд Исо ягона касе аст, ки шифои рӯҳонӣ дода метавонад. Бисёре аз беморони вай ба Худованд имон оварда, ба Ӯ вафодорона хизмат мекарданд. Бисёриҳо барои хизматгузории духтури маҳбуб, ки ҳам дар бораи ҷисмҳои онҳо ва ҳам дар бораи ҷонҳои онҳо ғамхорӣ мекард, ҷовидона миннатдор хоҳанд буд.

Имрӯз дар ин ҷаҳон Худованд минбарҳои зиёди ғайриодӣ ва аҷиб дорад. Чунон ки Трамп гуфтааст, бисёриҳо ба иҷрои супориши шахсии Подшоҳ табдил додани корҳои ҳаррӯзаро ёд гирифтанд.

# 5 ДЕКАБР

**“Вақте ки душман мисли наҳре ба ҳуҷум ояд, нафаси Худованд варо хоҳад ронд”**

*(Ишаъё 59:19б)*

Дар ҳаёт чунин лаҳзаҳои маъюсона мешаванд, ки шайтон бар зидди халқи Худо тамоми артиллерияи вазнини худро мебарорад. Осмонро абрҳо мепӯшонанд, замин меларзад, ва чунин менамояд, ки гӯё ҳатто як нури беҷуръати умед нест. Аммо Худо ваъда медиҳад, ки дар дақиқаҳои маъюсӣ Ӯ ба халқи Худ қувваҳои ёрирасон мефиристад. Дар лаҳзаи мушкил Рӯҳи Худо дар болои лашкараш парчамро мебардорад.

Аз эҳтимол дур аст, ки ягон кас пешомадҳоро барои ояндаи исроилиёне ки ҳокими бедодгари Миср онҳоро ғулом гардонда буд, фараҳбахш номида тавонад. Онҳо бо тарси хушомадгӯёна ба тамоми таҳқири нозирон тоқат мекарданд. Аммо Худо ба истиғосаи онҳо хомӯш намонд. Вай Мусоро бархезонд, ки вай ба фиръавн мухолифат намуда, ниҳоят халқро аз асорат ба озодӣ барорад.

Дар замони доварон сибтҳои Исроил дар зери юғи ғосибони бегона нолиш мекарданд. Аммо дар рӯзи аз ҳама сиёҳ Худо ба онҳо пешвоёни ҳарбӣ медод, ки душманро бадар ронда, фаро расидани айёми оромро эълон кунанд.

Вақте ки Санҳериб лашкари Ашшурро бар зидди Уршалим бурд, тақдири Яҳудо гӯё пешакӣ ҳал шуда буд. Охир дар тамоми ҷаҳон чунин лашкаре набуд, ки ин лашкари бузургро боздошта тавонад. Аммо боре шабона аз ӯрдугоҳи ашшуриён Фариштаи Худованд гузашта, 185 ҳазор нафар сарбозро ба ҳалокат расонд.

Вақте Эстер маликаи Форс буд, душман мисли дарё омада, дар хусуси нест кардани тамоми яҳудиён дар кишвар фармон баровард, ва ин фармонро на бекор кардан мумкин буд, на тағйир додан. Оё ҳамаи ин қонунҳои форсҳо ва модҳо Худоро ноилоҷ карданд? Не. Ӯ рафти рӯйдодҳоро тағйир дод, то қонуни дигаре бароварда шавад, ки ба яҳудиён дар он рӯзи фалокатовар имкон медод, то худро ҳимоят кунанд. Онҳо, албатта, ғалабаи пурра ба даст оварданд.

Вақте Савонарола бенавоӣ, зулм ва беадолатиеро дид, ки дар Флоренсия ҳукмрон буданд, вай дар дастони Рӯҳи Худо парчам шуда, ниҳоят ислоҳотро ҷорӣ намуд.

Вақте Мартин Лютер хашмгинона ба фош кардани фурӯши индулгенсияҳо (номаҳои гуноҳпӯшонанда) ва дигар гуноҳҳои ҷамоат сар кард, ин чун шамъе буд, ки дар асри торикӣ даргиронда шудааст.

Малика Мария Стюарт мунтазам имони ҳақиқатан масеҳиро дар Англия ва Шотландия решакан мекард. Аммо дар лаҳзаи маъюсии сахт Худо ба Шотландия Ҷон Нокс ном шахсеро фиристод. Пеши Худо худро ба замин афканда, Нокс аз Ӯ илтиҷо мекард, ки барои баргузидаи Худ интиқом гирад ва Шотландияро ба дасташ супорад, вагарна вай мемирад. Худо ба вай Шотландияро дода, маликаро сарнагун кард.

Шояд, шумо ҳозир яке аз бӯҳронҳои душвортарини ҳаёти худро аз сар мегузаронед. Натарсед ва нороҳат нашавед. Дар лаҳзаи даркорӣ Рӯҳи Худо қувваи ёрирасон фиристода, шуморо аз тангӣ ба фарохӣ хоҳад баровард. Шумо танҳо ба Ӯ боварӣ кунед!

**“Вақте ки Эфроим сухан меронд, ҳама меларзиданд; ӯ дар Исроил сарбаланд буд; валекин аз боиси Баал гуноҳкор шуд, ва ба ҳалокат расид”**

*(Ҳушаъ 13:1)*

Дар сухани одами росткор доимо қудрат ва қуввати бузург ҳаст. Суханони вай ба ҳаёти дигарон таъсири калон мерасонанд. Барои шунавандагон суханони вай эътибори калон дошта, дар назари онҳо вай сазовори он мешавад, ки вайро эҳтиром намуда, ба вай гӯш диҳанд.

Валекин агар худи ҳамон одам ба гуноҳ афтад, он гоҳ таъсири мусбати вай барбод меравад. Вай аллакай мисли пештара бо эътибор сухан ронда наметавонад. Дигар ҳеҷ кас аз вай маслиҳат намепурсад. Агар вай ба ҳар ҳол маслиҳат диҳад, он гоҳ маҷбур аст дар чашмони дигарон нописандиро дида, чунин ҷавобҳоро шунавад “Духтур, худат шифо ёб” ва ё “Аввал аз чашми худ ғулачӯбро гир, танҳо баъд хасро аз чашми ман гирифта метавонӣ” Вай ба хомӯш будан маҳкум аст.

Ин бори дигар таъкид мекунад, ки то охир ҳаёти масеҳиёна ба сар бурдан то чӣ андоза муҳим аст. Оғози хуб хеле муҳим аст, аммо ба ҳар ҳол ин танҳо оғоз аст. Агар мо дар қитъаи охири роҳ ҳушёриро аз даст диҳем, меғи беномусӣ ҷалоли рӯзҳои пештараро фаро мегирад.

“Вақте ки Эфроим сухан меронд, ҳама меларзиданд”. Уилям менависад: “Вақте Эфроим дар муносибати наздик бо Худо зиндагӣ мекард, чунон ки дар айёми Еҳушаъ ибни Нун буд, вай бо қудрат ва қуввати бузург сухан меронд ва одамон меларзиданд; зеро вай мақоми баланд ва боэътиборро ишғол мекард. Аммо вай ба бутпарастӣ дода шуда, рӯҳан мурд... Масеҳӣ то даме ки дар дили вай Масеҳ комилан ҳукмронӣ мекунад, то даме ки дар он бутҳо ҷой надоранд, дорои қуввати ахлоқӣ ва эътибор аст.

Ҳаёти Ҷидъӯн ҳам намунаи ин буда метавонад. Худованд ба ин исроилии бақувват ва далер мусоидат мекард. Бо лашкари иборат аз 300 нафар вай бар лашкари мидёниён, ки 135 ҳазор нафар дошт, ғолиб омад. Вақте исроилиён хостанд вайро подшоҳи худ гардонанд, вай хирадмандона рафтор намуда, аз ин мансаб даст кашид, охир вай мефаҳмид, ки Подшоҳи қонунӣ танҳо Худованд буд.

Бале, вай бисёр ғалабаҳоро ба даст овард, бо муваффақият ба васвасаҳои калон муқобилат кард ва ба чизе пешпо хӯрд, ки ба назар хеле ночиз менамуд. Вай аз ҷанговарони худ хоҳиш намуд, ки ба вай аз ғанимате ки аз исмоилиён ба даст оварда шуда буд, гӯшвораҳо диҳанд. Аз ин гӯшвораҳо Ҷидъӯн эфӯд сохт, ки барои халқи Исроил бут ва барои Ҷидъӯну хонаводааш дом шуд.

Гуноҳ карда, мо, бешубҳа, доимо метавонем дар тавба назди Худо оем, ин гуноҳро эътироф намоем ва бахшида шавем. Мо медонем, ки Ӯ метавонад он чиро, ки малах талаф намудааст, ба мо баргардонад. Мо медонем, ки Ӯ ба мо барои баровардани қусури чизи аз даст рафта қувват медиҳад. Аммо кӣ инкор хоҳад кард, ки нашикастани номи нек аз кӯшиши часпондани пораҳои он беҳтар аст. Падари Эндрю Банар ба писари худ бисёр вақт мегуфт: “Эндрю, дуо кун, ки мо то ба охир истодагарӣ намоем!” Пас биёед дуо кунем, ки мо низ бо шодӣ дар дил ба марра рафта расем!

**“Вале муҳаббат калонтарини онҳост”**

*(1Қуринтиён 13:13)*

Муҳаббат дар ин ҷаҳони нафрат, ҷанҷолҳо ва худпарастӣ қувваи бар ҳама пирӯзманд аст. Муҳаббат метавонад коре кунад, ки аз ӯҳдаи он ягон накӯкории дигар баромада наметавонад, ва бинобар ин сазовори малика ном доштанро дорад. Муҳаббат ба таҳқир бо некӣ ҷавоб медиҳад. Он барои ҷаллодони худ марҳамат металабад. Он дар фидокорӣ зиндагӣ мекунад, вақте ҳама дар гирду атроф бо овози баланд талаб мекунанд, ки ҳуқуқҳои онҳо риоят карда шаванд. Он сахӣ буда, тайёр аст ба дигарон ҳар чиро, ки дорад, ато намояд.

Боре дар яке аз кӯчаҳои Ҳиндустон филе қадам мезад, ва соҳибаш дар тахтапушташ нишаста, барои рондани фил ҳар дам халачӯби нӯгтези пӯлодинро истифода мебурд. Аммо инак халачӯб аз дасташ лағжида баромада, ба канори роҳ афтид. Фил тоб хӯрда, халачӯбро бо хартуми худ гирифт ва онро ба соҳиби худ дароз кард. Ана муҳаббат чӣ гуна аст.

Дар яке аз масалҳои Эзоп дар бораи баҳси офтоб ва шамол оиди он нақл карда мешавад, ки кадоме аз онҳо роҳгузарро водор карда метавонанд, ки ҷомаи худро бадар кунад. Шамол бо шиддат ба одам ҳуҷум кард, аммо, ҳар қадар он сахттар мевазид, раҳгузар ҳамон қадар ҷафстар ҷомаро мебаст. Аммо инак офтоб гармӣ дод, ва вай ҷомаашро бадар кард. Гармӣ вайро дигаргун сохт. Ана муҳаббат чӣ гуна аст.

Ҷаноби Валтер Скотт боре ба саги оворагард чунон аниқ санг андохт, ки пояшро шикаст. Саг дид, ки вай истод (вай бошад аз кори кардааш худро нороҳат ҳис кард), ва наздаш бо се пой рафта, ҳамон дастеро, ки ба он санг андохта буд, лесидан гирифт. Ана муҳаббат чӣ гуна аст.

Стэнтон борони ҳақоратҳоро ба Линколн* резонда, вайро “қилиқхунуки ҳақир ва маккор”, “маймуни ҳақиқӣ” номид. Вай гуфт, ки дар ҷустуҷӯи маймунҳо ба Африқо рафтан аблаҳӣ мебуд, вақте яке аз онҳо дар Спрингфилд менишинад. Линколн бошад дар ҷавоб тарафи дигари рухсораро гузошт. Зиёда аз ин, дертар вай Стэнтонро ба вазифаи вазири мудофиа таъйин намуда, исрор менамуд, ки вай барои ин мансаб аз ҳама беҳтар мувофиқ аст. Вақте Линколнро куштанд, Стэнтон назди бадани бенафаси вай истода, ашк мерезонд. Вай гуфт: “Аз ҳамаи давлатмардоне ки ин ҷаҳон дида буд, ин ҷо бузургтарини онҳо мехобад”. Линколн тарафи дигари рухсораашро гузошта, ғолиб баромад. Ана муҳаббат чӣ гуна аст.

Э. Стэнлӣ Ҷоунс навишта буд: “Шумо тарафи дигари рухсораатонро гузошта, душмани худро бесилоҳ мекунед. Вай ба як тарафи рухсораатон шаллоқ мезанад, шумо бошед бо тамоми нотарсии маънавӣ тарафи дигари рухсораатонро гузошта, дили вайро сӯрох мекунед. Нафрати вай об мешавад. Душмани шумо дигар нест. Шумо аз нафрати худ ба вай халос шуда, аз вай халос мешавед... Тамоми ҷаҳон назди поҳои Оне мехобад, ки зарбаи ҷавобӣ дода метавонист, аммо дар Худ қувват пайдо кард, ки чунин накунад. Ва аз ин дида қуввати волотар нест”.

Баъзан мо чунон таассуроте пайдо мекунем, ки агар якчанд сухани тез гӯем, ё ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ бархоста, зарбаи ҷавобӣ диҳем, ба бисёр чиз муваффақ шуда метавонем. Ин усулҳо, албатта, хеле таъсирбахшанд. Аммо бартарии асосӣ ба ҳар ҳол ба ҷониби муҳаббат аст, зеро ба ҷои ғизо додан ба нафрат, он душманонро ба дӯстон табдил медиҳад.

* Абраҳам Линколн (1809-1865) президенти 16-уми ИМА (1861 -1865).

**“Азбаски фатво оид ба амали бад ба зудӣ иҷро намешавад, бинобар ин дили банӣ одам барои бадкории онҳо пур аз ҷуръат мегардад”**

*(Воиз 8:11)*

Ҳозир, вақте ки ман ин сатрҳоро менависам, дар ИМА мавҷи калони норозигии умум аз зиёд шудани ҷиноятkорӣ дар ин кишвар баланд мешавад. Одамон барои қонун ва тартиб баромад мекунанд. Чунин таассуроте ба вуҷуд меояд, ки қонунҳо ва маҳкамаҳои мо ҷиноятkоронро ҷонибдорӣ мекунанд, на қурбониҳои онҳоро, ки беҳуда дар бораи ҷазо илтиҷо мекунанд. Дида баромадани ягон парванда метавонад беохир тӯл кашад, ва бисёр вақт ҳимоятгари ҷиноятkор муваффақ шуда, дар қонун чора ёфта, мурофиаро бурд мекунад.

Ба бетартибии умум саҳми зиёдро баёнотҳои шикоятнопазири ҷамъиятшиносони либерал, равоншиносон ва дигар “мумайизон” мегузоранд. Онҳо истодагарӣ мекунанд, ки ҳукми қатл чораи беақлона ва сангдилона аст. Онҳо изҳор мекунанд, ки тарси ҷазо наметавонад аз ҷиноятkорӣ боздорад. Онҳо бовар мекунонанд, ки мушкилотро на ҷазои ҷиноятkорон, балки аз нав тарбият кардани онҳо ҳал карда метавонад.

Аммо онҳо иштибоҳ мекунанд. Одам ҳар қадар дилпур бошад, ки беҷазо мемонад, ҳамон қадар ба осонӣ қарор мекунад, ки даст ба ҷиноят занад. Ё агар вай ҳис кунад, ки ҷазо сабук мешавад, он гоҳ ба хатари дастгир шудан тайёр аст. Фикр дар бораи он ки мурофиа бепоён давом мекунад, ба вай ҷасорат мебахшад. Ва ҳамаи онҳо ҳар чи гӯянд ҳам, ҳукми қатл воситаи сахти боздоранда мебошад.

Дараҷаи зиёдшавии ҷиноятkориро таҳлил намуда, як маҷаллаи машҳур навишта буд, ки “яке аз сабабҳо дар он аст, ки системаи дар ҳар қадам гулдурросзананда ва ҷарангоскунандаи адлияи ҷиноятии Амрико кайҳо боз таъсири тарсовар ва ё боздорандаи худро аз даст додааст. Намояндагони тамоми идораҳои ҳокимият дар он ақидаанд, ки барои мақсади пешгирии ҷиноятҳо тарс аз ҷазо танҳо ҳамон вақт буда метавонад, ки ин ҷазо ногузир ва зуд бошад. Системаи аз ҳад зиёд пурборшудаи Амрико на инро кафолат дода метавонад, на онро”.

“Ба наздикӣ як эксперти криминолог гуфт, ки ба ҳар шахсе ки аз боиси муҳаббат ба некӯкорӣ некӯкорона зиндагӣ мекунад, 10 000 нафар рост меоянд, ки аз боиси тарси ҷазо чунин зиндагӣ мекунанд. Исаак Эрлих аз донишгоҳи Чикаго изҳор мекунад, ки аз рӯи маълумоти статистикӣ як хабар дар бораи қатли қотил 17 куштори дигарро пешгирӣ мекунад”. Бинобар ин ягон чораи аз нав тарбият додан ё ислоҳ кардан мушкилотро ҳал карда наметавонад. Онҳо аллакай аниқ гуфтаанд, ки қобилияти ислоҳ кардани одамро надоранд. Мо медонем, ки танҳо зодашавии дубора аз Рӯҳи Худо метавонад гуноҳкорро ба шахси муқаддас табдил диҳад. Аммо, мутаассифона, аксари намояндагони ҳокимият ин чораро ҳам барои худ ва ҳам барои маҳбусон ғайримақбул меҳисобанд.

Агар вазъият чунин бошад, чизи беҳтарине ки онҳо карда метавонанд, гӯш андохтан ба суханони Навишта аст: “Азбаски фатво оид ба амали бад ба зудӣ иҷро намешавад, бинобар ин дили банӣ одам барои бадкории онҳо пур аз ҷуръат мегардад”. То даме ки чораи ҷазо зуд ва одилона муқаррар карда нашавад, хати каҷи зиёдшавии ҷиноятkориҳо беист боло меравад. Навишта аллакай қарори тайёрро пешниҳод мекунад. Кошки одамон ба маслиҳати он гӯш меандохтанд!

**“Худоро шукр, ки ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ ба мо ғалаба бахшидааст”**

*(1 Қуринтиён 15:57)*

Ягон офарида, ҳатто офаридаи аз ҳама боақл, наметавонад тамоми бузургӣ ва тамоми аҳамиятнокии ғалабаеро, ки Худованд Исои Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто ба даст овардааст, дарк намояд. Охир Ӯ бар ҷаҳон ғолиб омада (Юҳ. 16:11), ҳукми шайтон, мири ин ҷаҳонро бароварда буд (Юҳ. 16:11). Ӯ бар сарварону ҳукуматдорон ғалаба кард (Кул. 2:15). Тантанаи Ӯ бар марг чунон пурра буд, ки акнун онро ғалаба фурӯ бурдааст (1Қур. 15:54,55,57).

Ин ғалабаи Ӯ аз они мо низ шуд. Чунон ки ғалабаи Довуд бар Ҷолёт ба тамоми Исроил халосӣ овард, ончунон пирӯзии пуршарафи Худро Масеҳ ба дасти ҳамаи онҳое ки аз они Ӯ ҳастанд, медиҳад. Бинобар ин мо якҷоя бо Горасио Бонар суруд хонда метавонем:

Ин ғалабаи мост!
Барои мо Ӯ пеш баромада, ҳуҷуми душманро зада бармегардонд,
Ӯ, бузург, барои мо мубориза бурда, ғалабаро ба даст овард:
Ин ғалабаи мост.

Бо қувваи Оне ки моро дӯст дошт, мо ҳатто аз ғолибон бештар шудем, охир, “на марг, на ҳаёт, на фариштагон, на сарвариҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на пастӣ, на ҳар гуна офаридаи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Масеҳ Исо аст, ҷудо карда наметавонад” (Рум. 8:38-39).

Гай Кинг дар бораи писарбачае нақл мекард, ки дар перрони вокзали роҳи оҳан бесаброна интизори он буд, ки кай қаторае меояд, ки бозингарони маҳаллии футболро пас аз бозии муҳим ба хона меоварад. Ниҳоят қатора ҳам омад! Писарбача ба аввалин шахсе ки аз дари вагон намоён шуд, наздик шуда, бо ҳаяҷони сахт пурсид: “Кӣ ғолиб шуд?” Сипас вай лаб-лаби перрон давида, аз ваҷд фарёд мезад: “Мо ғолиб шудем! Мо ғолиб шудем!” Вайро назорат карда, ҷаноби Кинг андеша кард: “Охир вай ба ин ғалаба чӣ гуна саҳм гузошта метавонист? Вай шахсан ба бозие ки дар майдони футбол гузашт, чӣ робита дорад? Тамоман ягон хел робита надорад”. Аммо писарбача ҳиссаи ин шаҳр, яъне ҳиссаи гурӯҳи футболбозони он низ буд ва аз ҳамин сабаб комилан ҳуқуқ дошт гӯяд, ки ғалабаи онҳо ғалабаи вай низ буд.

Ман дар бораи як франсавие шунидам, ки шаҳрвандиашро иваз карда, аз мағлубшуда ба ғолиб табдил ёфт. Ин ҳамон вақт буд, ки англис Веллингтон, ки лақаби Ҳертсоги Оҳанинро дошт, назди Ватерлоо лашкари Наполеонро пурра шикаст дод. Ин шахси франсавӣ, мисли ҳамаи ҳамватанонаш, дар зери сояи ин мағлубшавӣ зиндагӣ мекард, аммо дар он рӯзе ки вай шаҳрванди Британия шуд, ҳуқуқ пайдо кард, ки ғалабаи Веллингтонро аз они худ ҳисоб кунад.

Ҳамаи мо чун шаҳрвандони подшоҳии шайтон зода мешавем ва бинобар ин дар тарафи доимо мағлубшавандагон меистем. Аммо дар он лаҳзае ки мо Масеҳро чун Худованд ва Наҷоткори худ интихоб мекунем, мо аз мағлубшавӣ ба ғалаба мегузарем.

# 10 ДЕКАБР

**“Роҳи Худовандро ба ӯ дақиқтар фаҳмонданд”**

*(Амалҳо 18:26б)*

Ҳангоми ба дигарон роҳ ба сӯи наҷотро фаҳмондан инро аниқ ва фаҳмо кардан ва аз ҳар он чи ҳамсӯҳбати моро гумроҳ карда метавонад, дурӣ ҷустан хеле муҳим аст. Дар сари вай бе ин ҳам ҳарҷумарҷ ҳукмрон аст, зеро зеҳни беимононро шайтон кунд кардааст (2Қур. 4:4).

Инак яке аз изҳорот, ки беимононро чунон парешон мекунад, ки онҳо аллакай ягон сухани моро шунидан намехоҳанд. Мо бо ҷавонмарде ки бо вай ҳамагӣ қариб якчанд дақиқа пеш шинос шудем, сӯҳбатро сар мекунем. Аллакай дар аввали сӯҳбат вай мегӯяд, ки ба дин бовар намекунад. Як вақтҳо вай бо он машғул шуданӣ буд, аммо аз он ҳеҷ фоида набуд. Чунин чизро шунида, мо аниқтараш ин хел ҷавоб медиҳем: Ман ҳам ба дин бовар намекунам ва онро мавъиза наменамоям”.

Истед, истед, истед! Шумо ҳатто тасаввур карда наметавонед, ки то чӣ андоза ҳамсӯҳбати шумо парешон шудааст! Охир, мо бо вай дар бораи чизҳое сӯҳбат мекунем, ки ба дин робитаи бевосита доранд, ва ногаҳон арз мекунем, ки ба дин бовар намекунем. Ин ҷо барои парешон шудан сабаб ҳаст.

Албатта, ман медонам, ки мо чӣ гуфтан мехоҳем. Мо кӯшиш мекунем фаҳмонем, ки вайро на ба ягон ҷамоат ё мазҳаб даъват мекунем, балки мехоҳем, ки вай назди Худованд Исо ояд; мо на дар бораи дин сухан меронем, балки дар бораи Шахсият; мо на дар бораи дигаргунсозиҳо, балки дар бораи эҳё, на дар бораи азнавшавии зоҳирӣ, балки дар бораи азнавшавии ботинӣ сухан меронем.

Аммо дар фаҳмиши вай ҳамаи он чи ба парастиш ва ибодати Худо дахл дорад, дин номида мешавад. Дар зери мафҳуми дин аксарияти одамон системаи эътиқоди динӣ ва тарзи махсуси ҳаётро мефаҳманд, ки ба муносибати махсуси одам бо Худо робита дорад. Бинобар ин, ҳангоме вай мешунавад, ки мо ба дин бовар намекунем, вай хулоса мебарорад, ки мо ё бутпараст ҳастем ё бехудо. Пеш аз он ки ба вай фаҳмонем, ки мо дар зери ин мафҳум чиро дар назар дорем, вай аллакай ба мо тамгаи “мухолифони дин”-ро овезон кардааст.

Рости гап, мо хато мекунем, вақте мегӯем, ки ба дин бовар намекунем. Охир мо ба таълимоти асосии имони масеҳӣ бовар мекунем-ку. Мо бовар мекунем, ки масеҳиёни ҳақиқӣ бояд на фақат дар бораи ҳақиқатҳои бузурги масеҳӣ сухан ронанд, балки мувофиқи онҳо зиндагӣ низ кунанд. Мо бовар мекунем, ки дини пок ва беайб “ин аст, ки ятимон ва бевазанонро дар душвориҳои онҳо дастгирӣ кунем ва худро аз олудагии ҷаҳон нигоҳ дорем” (Яъқ. 1:27).

Дар айни замон мо бовар намекунем, ки дин наҷот дода метавонад. Танҳо Масеҳ Наҷоткор буда метавонад. Мо ба ҳамаи ин ақидаҳои “обшуста” ва “шона кардашудаи масеҳият, ки имрӯзҳо дар ҳама ҷо паҳн шудааст, бовар намекунем. Мо ба системаҳое бовар намекунем, ки ба одамон талқин мекунанд, ки онҳо ба шарофати хизматҳои шоистаи худ ё ҷиҳатҳои мусбаташон ба осмон мерасанд.

Валекин мо бояд ба одамон фаҳмонда додани инро ёд гирифта, пешакӣ онҳоро бо чунин навъ баёнотҳо аз қабили “Ман ҳам ба дин бовар намекунам”, гаранг накунем. Вақте ҳаёти абадӣ ба қимор монда шудааст, суханбозӣ набояд кард.

# 11 ДЕКАБР

**“Пас, ин суханони Маро дар дили худ ва дар ҷони худ ҷо диҳед, ва онҳоро ҳамчун аломат бар дасти худ бибандед, ва онҳо ҳамчун нишона дар миёни чашмони шумо бошад”**

*(Такрори Шариат 11:18)*

Ин оят ва се ояти дигар, ки пас аз он меоянд, як чизи томро ташкил медиҳанд. Ин се оят мегӯянд: “Ва онҳоро ба писарони худ таълим диҳед, ва ҳангоми нишастанатон дар хонаи худ, ва ҳангоми роҳ рафтанатон, хобиданатон ва бархостанатон дар бораи онҳо гуфтугӯ намоед ва онҳоро бар паҳлудариҳои хонаи худ ва бар дарвозаҳои худ бинависед, ки айёми шумо ва айёми писарони шумо дар замине ки Худованд дар бораи он ба падаронатон қасам хӯрда буд, ки ба онҳо бидиҳад,ончунон афзун шавад, чунон ки айёми осмон бар болои замин аст”.

Дар ин оятҳо дар бораи он ҷои муҳиме ки Каломи Худо бояд дар ҳаёти халқи Ӯ ишғол намояд, ба таври муфассал гуфта шудааст. Ин шартҳоро риоя намуда, имондорон аллакай дар замин аз хушбахтии биҳиштӣ ҳаловат бурда метавонанд.

Аввалин коре ки мо бояд кунем, аз ёд кардани Калом аст ё, чунон ки матн мегӯяд, мо бояд суханони Ӯро дар дили худ ва дар ҷони худ ҷо диҳем. Шахсе ки порчаҳои калони Навиштаҳоро аз ёд медонад, на фақат ҳаёти худро ғанӣ мегардонад, балки имконияти барои дигарон баракат шуданро низ васеъ мекунад.

Қадами дигар – ба даст ва пешонӣ бастани Калом аст. Ин маънои онро надорад, ки мо бояд ба худ тӯмор бандем, чунон ки баъзеҳо фикр мекунанд. Аниқтараш, мо бояд тамоми амалҳо (“дастҳо”) ва хоҳишҳо (“чашмон”)-и худро пурра ба Исо тобеъ намоем. Каломи Худо бояд дар хонаи мо мавзӯи асосии сӯҳбатҳоямон гардад. Дар тартиби ҳаррӯза бояд вақте ҷудо шавад, ки дар он ҳангом тамоми оила барои якҷоя хондани Навиштаҳо ва дуо ҷамъ мешаванд. Таъсири Калом ба чунин оила беандоза зиёд хоҳад буд.

Ин Калом бояд ҳангоми роҳ гаштан, ҳангоми ба хоб рафтан ва ҳангоми аз хоб хестан бо мо бошад. Дигар хел карда гӯем, Навиштаҳо бояд то андозае қисми ҷудоинопазири ҳаёти мо гардад, то ба тамоми сӯҳбатҳои мо таъсири қатъӣ расонад, новобаста ба он ки мо дар куҷо ҳастем ва чӣ кор мекунем. Забони Навишта бояд забони мо шавад.

Оё навиштани оятҳо дар паҳлӯдариҳо ва дарвозаҳо ба мо лозим аст? Фикри бад не! Дар дарҳои хонаҳои масеҳиёни бисёр навишта шудааст: “Ман ва хонадони ман Худовандро ибодат хоҳем кард” (Юш. 24:15). Дар шумораи боз ҳам калони хонаҳои дигар оятҳои Навиштаҳо дар деворҳои даҳлез, хуҷраҳо ва ошхона овезон ҳастанд.

Агар Каломи Худо дар ҳаёти мо ҷои ба он мувофиқро ишғол кунад, ин ба мо на фақат барои сарфа кардани вақт ёрӣ медиҳад, ки дар акси ҳол беҳуда сарф мешуд, балки имкон низ медиҳад, ки бо корҳои ҳақиқатан муҳим машғул шуда, дар хусуси мавзӯъҳои дорои арзиши фанонопазир сӯҳбат кунем ва бо ҳамин дар хонаи худ муҳити воқеан масеҳиёнаро ба вуҷуд оварем.

## 12 ДЕКАБР

### **“Худованд Худои худро наозмой”**

*(Матто 4:7)*

Озмудани Худованд чӣ маъно дорад? Оё дар ҳаёти мо ягон чизе ҳаст, ки ба тасвири ин гуноҳ мувофиқ ояд?

Фарзандони Исроил аз набудани об дар биёбон шикоят намуда, Худовандро меозмуданд (Хур. 17:7). “Оё дар миёни мо Худованд ҳаст, ё не?”, гуфта, онҳо на фақат ба ҳузур доштани Худо, балки ба пешбинии Ӯ ва ғамхории Ӯ дар бораи онҳо низ шубҳа изҳор мекарданд.

Шайтон Худовандро озмуда, аз Ӯ талаб намуд, ки Ӯ Худро аз кунгураи маъбад ба зер партояд (Луқ. 4:9-12). Агар Исо ба ин розӣ мешуд, пас Худоро меозмуд, охир ин ҳилаи таъсирбахше мебуд, ки хилофи хости Падар аст. Фарисиён Худовандро меозмуданд, вақте пурсиданд, ки оё ба қайсари Рум андоз додан раво аст ё не (Мат. 22:15-18). Онҳо умед доштанд, ки сарфи назар аз чӣ гуна будани ҷавобаш, Ӯ ногузир ё румиҳоро аз худ дур мекунад, ё он яҳудиёнеро, ки аз Рум сахт нафрат доштанд.

Сафира Рӯҳи Худовандро меозмуд, вақте вонамуд кард, ки гӯё ҳамаи пулҳои аз фурӯши хона ба даст овардаашро ба кори Худованд хайр кардааст, агарчи дар ҳақиқат як қисми онро барои худ пинҳон сохт (Аъм. 5:9).

Назди ибодатхонаи ҷомеъ дар Уршалим Петрус гуфт, ки Худоро ҳар шахсе меозмояд, ки кӯшиш мекунад юғи шариатеро, ки худи халқи Исроил қуввати бардоштани онро надошт, бар гардани имондорони ғайрияҳудӣ андозад (Аъм. 15:10).

Худоро озмудан, яъне “кӯшиши санҷидан аст, ки чӣ қадар бадкорӣ карда, беҷазо мондан мумкин аст; яъне ба густохиҳо роҳо дода, дидан аст, ки оё Ӯ ба қавли Худ вафо мекунад ё не, ва кӯшиши ёфтани хате аст, ки аз паси он доварӣ сар мешавад” (Тюссо) (ниг. Так. Шар. 6:16; Мат. 4:7). Ҳар вақте ки мо ғур-ғур карда, шикоят мекунем, мо Худовандро меозмоем, охир бо ҳамин мо ҳузури Ӯ, муҳаббати Ӯ ва қувваташро зери шубҳа мегузорем. Мо изҳор мекунем, ки Ӯ мушкилоти ҳозир ба вуқӯъ омадаи моро намедонад, ва Ӯ аз он парвое намекунад ё Ӯ қобилияти ба мо ёрдам додан надорад.

Мо ба ҷонбозии беасос рафта ва бо умеди он ки Ӯ моро наҷот медиҳад, ба хатар беэътиноӣ намуда, Худоро меозмоем. Мо бениҳоят бисёр дар бораи имондорони гумроҳшудае мехонем, ки морони заҳрнокро бо дастони луч гирифта, аз газидани онҳо мемуранд. Рафтори худро онҳо бо он сафед мекунанд, ки Худо ба онҳо ҳимоятро ваъда кардааст: “Морҳоро гиранд” (Мар. 16:18). Аммо ин суханон танҳо ба он мавридҳое дахл доранд, ки муъҷизаҳо барои иҷрои хости Ӯ лозим мебошанд.

Вақте мо ба Худо дурӯғ гуфта, дар сӯҳбат бо дигарон андозаи вафодорӣ ва фидокории худро ба Ӯ аз будаш зиёд нишон медиҳем, мо Ӯро меозмоем. Ин дурӯягии мо мисли дурӯягии фарисиён барои Ӯ нафратоваранд.

Ниҳоят, мо Ӯро ҳар боре меозмоем, ки хости Ӯро сарфи назар карда, иҷро кардани хоҳишҳо ва ҳавасҳои худро сар мекунем.

Тамоман аз ақл берун аст, ки офарида умуман хоҳиши озмудани Офаридгорашро пайдо мекунад, ва ӯ ба чунин иқдом ҷуръат менамояд! Ақлнорас аст, ки гунаҳкор барои таҳқир кардани Наҷоткори худ ҷуръат мекунад!

# 13 ДЕКАБР

**“Тарсгорони Худованд бо якдигар сухан меронданд, ва Худованд гӯш андохта, инро мешунид, ва ба ҳузури Ӯ ин дар китоби ёддошт, ки барои тарсгорони Худованд ва азиздорандагони исми Ӯ мебошад, навишта мешуд”**

*(Малокӣ 3:16)*

Бисёр вақт ҷони одамоне ки доимо банди кор ҳастанд, биёбони бесамарро ба ёд меоварад. Барои иҷрои корҳои бисёр кӯшиш намуда, мо ба кор вақт ва диққати бениҳоят зиёд мебахшем, аммо ба Худои худ – бениҳоят кам. Воизоне ки бисёр вақт барои андешаронӣ ва мушоракат бо Худо гӯшанишинӣ намекунанд, аллакай мавъизаи хуб карда наметавонанд. Дар суханони онҳо қуввати рӯҳонӣ нест. Дуои мо бояд чунин шавад: “Худовандо, маро аз бесамарии бениҳоят бо кор банд будан нигоҳ дор”. Бисёр имондорон аз танҳо мондан метарсанд. Онҳо доимо бояд дар миёни одамон бошанд, бо онҳо сӯҳбат кунанд, бо онҳо кор кунанд ва бо онҳо истироҳат намоянд. Барои андешаронии оромона онҳо як дақиқа ҳам вақт надоранд.

Ба талаботи ҳаёти муосир мувофиқат пайдо карданӣ шуда, мо ташвишу тараддуд мекунем ва корнамоиҳои тоқатгудозро ба ҷо меоварем. Суръати фаъолияти мо доимо баланд шуда, моро аз пайи худ мебарад, ва кам кардани он чандон осон нест. Тамоми ҳаёти мо сар то сар ба “биё, биё, зуд, зуд” табдил меёбад. Дар натиҷа решаҳои рӯҳонии мо нағз инкишоф наёфта мемонанд. Мо имрӯз ҳам дар бораи худи ҳамон мавзӯъҳои обшустаи порсоёна гапфурӯшӣ мекунем, ки бист сол пеш мавзӯи сӯҳбатҳои мо буданд. Дар давоми бист сол мо як қадам ҳам ба пеш нарафтаем!

Аммо шахсоне низ ҳастанд, ки тамоми иродаро дар мушт ҷамъ карда, қатори иштирокчиёни пойгаи калламушҳоро тарк мекунанд, даъватҳоро рад менамоянд, тамоми корҳои дуюмдараҷаро ба як сӯ мегузоранд, то ки дар танҳоӣ бо Худо бошанд. Дар ҷадвали ҳаррӯзаи онҳо барои андешаҳои рӯҳонӣ ва дуо вақти муайян ҷудо шудааст. Онҳо панохгоҳе доранд, ки дар он метавонанд ғалоғулаи ин ҷаҳонро хомӯш кунанд, то ки дар оромӣ бо Худованд Исо мушоракат намоянд.

Чунин одамон дар ҳолати хеле хуб мебошанд. “Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад” (Заб. 24:14). Ба онҳо Худо асрореро ошкор мекунад, ки мо бо даводави беҳудаи зиёди худ аз онҳо дарак ҳам надорем. Ӯ ба онҳо дар бораи ҳидояти илоҳӣ, дар бораи воқеаҳое ки дар олами рӯҳонӣ рӯй медиҳанд ва дар бораи оянда хабар медиҳад. Онҳое ки дар қудс сокинанд, бисёр вақт дар бораи Худо донишҳое доранд, ки ба аҳолии гӯшаву канор маълум нестанд. Тасодуфӣ нест, ки Ваҳйи Исои Масеҳ ба ҳамоне дода шуда буд, ки ба синаи Наҷоткор такя мекард.

Ман бисёр вақт суханони Сесилро ба хотир меоварам: «Ман дар ҳама ҷо ба ҳама мегӯям: “Шумо барои нигоҳ доштани муносибати наздик бо Худо ӯҳдадор ҳастед, вагарна ҷони шумо мемирад. Шумо ҳаддалимкон бояд наздиктар бо Худо гардед, вагарна бо шумо шайтон хоҳад рафт. Шумо бояд дар файз нашъунамо ёбед, вагарна онро аз даст хоҳед дод; агар шумо ба ин шуғл қисми зиёди вақти худро сарф накарда, дар баробари ин бо тамоми кӯшишу ғайрат аз воситаи мувофиқ истифода набаред, шумо ба ин муваффақ шуда наметавонед”.

Ман намедонам, ки чӣ тавр баъзе масеҳиён метавонанд ба андешаронӣ ва гӯшанишинӣ ин қадар диққати кам диҳанд. Ман мебинам, ки рӯҳияи ин аср маро васваса мекунад, ки худро ба он мувофиқ созам. Ман мебинам, ки чӣ тавр гирдоби он ақламро фурӯ кашида, ба пасафкандҳо ва ахлоти табиати ҷисмонӣ мeғӯтонад... Ман ӯҳдадорам, ки доимо худро аз он ҷо бароварда, аз дили худ бипурсам: “Ту чӣ кор мекунӣ? Ту ҳозир дар куҷо ҳастӣ”».

**“Ман ӯро барои ҷалоли Худ офаридаам, ӯро ба вуҷуд овардаам ва ӯро сохтаам”**

*(Ишаъё 43:7)*

На чандон чизҳои бисёр дар ин ҷаҳон дар фоҷианокӣ бо дидори мардону заноне монанд мешавад, ки ҳаёти худро беҳуда сарф мекунанд. Охир одам ба сурату шабоҳати Худо офарида шуда буд. Вай барои тахт таъйин шуда буд, на барои курсӣ дар ягон тарабхона. Вай барои намояндаи Худо будан офарида шуда буд, на барои ғуломи гуноҳ будан. Дар ҷавоб ба саволи он, ки мақсади асосии одам аз чӣ иборат аст, “Катехизиси мухтасар” ба мо хотиррасон мекунад, ки “мақсади асосии одам Худоро ҷалол дода, доимо аз мушоракат бо Ӯ ҳаловат бурдан аст”. Агар мо ба ин ҳадаф нарасем, тамоми ҳаёти мо чаппагардон мешавад. Вақте Ҷ. Х. Ҷоуэт дар бораи он фикр мекунад, ки тарзи зиндагонии одамон “аз қадаммонии одам дида бештар ҳаракати амёба”-ро хотиррасон мекунад, дар чашмонаш ашк намоён мешавад. Барои вай дидани одамоне ки то дараҷаи “коркуни хурди муассисаи муваққатӣ паст мешаванд, дарднок аст. Вай бо андӯҳ ба катибаи мақбараи шахсе менигарад, ки “чун одам зода шуда, чун баққол мурдааст”.

Ба одамизод бо диққат назар афканда, Ф.У.Х. Маэре менависад: “Ман онҳоеро, ки бояд ғолибон мешуданд, дар завлонаҳо мебинам, онҳоеро, ки бояд подшоҳон мешуданд, дар зери юғи асорат мебинам. Онҳо ҳар гуна умеди муъҷизаро ба як сӯ гузошта, бо намуди пучи зоҳирии чизҳо қаноатманд ҳастанд.

Уочмэн Нӣ дар ҷавонӣ аз дидани истеъдоди одам, ки беҳуда сарф мешавад, хеле сахт мутаассир шуда буд.

“...Дар яке аз мағозаҳои кӯчаи устоҳои пардозгар дар шаҳри кӯҳна чӯбтароши беноме бар сето аз чаҳор табақаи экрани кушодашаванда шаш сол меҳнат карда, дар сатҳи сиёҳи чӯби сахт нақши муқарнаси гулҳои сафедро ҳак мекард. Аз рӯи гуфтаи соҳиби дӯкон, барои ин кораш ба вай ҳаштод пенс дар як рӯз медоданд, хоҳ дар берун борон, офтоб, идҳо ё инқилоб” бошад, илова бар он камакак биринҷ бо сабзавот ва кӯрпачае ки вай дар он хобида метавонист. Боре ин ҳунарро аз худ карда, вай метавонист ҳадди аксар дуто чунин экранро созад, то даме ки вай аз боиси хира шудани чашм ва асабоният дар кораш ноком шавад, ва соҳиби дӯкон вайро ба кӯча маҷбуран пеш кунад”.

Фоҷиаи ҳаёти муосир аз он иборат аст, ки одамон мақоми баланди худро дарк намекунанд. Тамоми ҷӯшу хурӯши ҷони худро онҳо ба чизҳои дуюмдараҷа мебахшанд. Ба ҷои парвоз кардан онҳо мехазанд. Чунон ки шахсе гуфтааст, онҳо тӯдаи ахлотро тагу рӯ мекунанд ва дар айни замон Фариштаеро намебинанд, ки дар болои онҳо парвоз карда, ба онҳо тоҷро пешниҳод мекунад. Онҳо аз ҳаёти рӯҳафзо ҳаловат бурда метавонистанд, аммо ба ҷои ин вақти худро ба кӯшиши пул кор кардан сарф мекунанд.

Бисёриҳо имрӯз аз беҳуда сарф шудани ресурсҳои табиӣ ба ташвиш афтодаанд, аммо ба гӯшаи хотирашон намеояд, ки дар бораи исрофи боз ҳам фоҷианоктари ресурсҳои одамӣ хавотир шаванд. Бисёриҳо барои ҳимояи намуди нестшавандаи парандагон, ҳайвонот ва моҳиҳо бармехезанд, аммо дили онҳо ором мемонад, вақте одамонеро мебинанд, ки ҳаёти худро беҳуда сарф мекунанд. Ҳаёти худро барои чизҳои ночиз сарф кардан даҳшатовар аст. Як зан чунин гуфтааст: “Ман ҳафтодсола ҳастам, аммо ҳаётро ҳанӯз сар накардаам”. Оё аз ин дида чизи андӯҳовартар ҳаст?

**“Онҳое ки бо ашк кишт мекунанд, бо тараннум дарав хоҳанд кард. Касе ки гирякунон рафта, халтаи тухмиро мекашонад, бо тараннум баргашта, дарзаҳои худро хоҳад кашонд”**

*(Забур 125:5,6)*

Дар таронаи 125-уми Забур фарзандони Исроил замонеро ба ёд меоваранд, ки аз асорати Бобил ба кишвари худ баргаштанд. Ин мисли хоб дар бедорӣ буд, ва онҳо беист сурудхонӣ карда, шодӣ менамуданд. Ҳатто ҳамсоягони бутпарасти онҳо дар бораи он кори бузурге ки Худо барои қавми Худ ба амал овард, гап мезаданд.

Акнун, вақте ки онҳо ба кишвари худ баргаштанд, онҳо мебоист ба киштукор шурӯъ менамуданд. Аммо дар ин ҷо мушикилие ба миён омад. Онҳо бо худ миқдори маҳдуди тухмиро оварданд. Онҳо метавонистанд онро ҳозир хӯранд, охир ҳамаи киштзорҳо бенигоҳубин мехобиданд, ва аз онҳо ҳосил ғундоштан ғайриимкон буд. Ё ки онҳо метавонистанд ин тухмро бо умеди он дар киштзорҳо коранд, то ки дар оянда ҳосили бой даравaнд. Агар онҳо қарор медоданд, ки қисми зиёди донро чун тухмӣ барои кишт истифода баранд, ин маънои онро медошт, ки онҳо бояд аз чизҳои зиёд даст кашида, то ҳосили оянда дар танқисӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо қарори дуюмро интихоб карданд.

Вақте деҳқон дар саҳрои худ қадам зада, бо дастҳояш тухмиро мепошид, дар чашмонаш ашк намудор мешуд, вақте вай дар бораи он фикр мекард, ки то пухта расидани ҳосил вай бо аҳли хонаводааш чӣ қадар бояд танқисӣ кашад.

Аммо дертар, вақте хӯшаҳои тиллогин сершира мешуданд, вай дарзаҳоро ба хирман бурда, дар бораи ашкҳои як вақтҳо рехтааш фаромӯш мекард. Қурбониҳое ки оилаи вай оварданд, бо изофа баргардонда шуданд.

Ин метавонад намунаи он бошад, ки неъматҳои моддиро чӣ тавр бояд ба таври беҳтар истифода барем. Ба ҳар яке аз мо Худованд миқдори маҳдуди пулро медиҳад. Мо метавонем ҳамаи онро барои худ сарф карда, кӯшиш намоем, ки ҳаваси ночизи худро қонеъ гардонем. Ё метавонем хоксорона зиндагӣ карда, аз баҳри чизҳои бисёр гузарем, то битавонем қисми муайяни маблағро барои кори Худованд – барои меҳнати миссионерӣ дар кишварҳои дигар, барои адабиёт ва барномаҳои радиоии масеҳӣ, барои ҷамоати маҳаллӣ ва дигар намуди корҳои башоратдиҳӣ истифода барем. Дар чунин маврид мо тарзи хеле хоксоронаи ҳаётро интихоб мекунем, то тамоми он чиро, ки пас аз қонеъ гардондани эҳтиёҷоти асосии мо боқӣ мемонад, ба кори Худованд супорем. Ин маънои онро дорад, ки шумо худро дар ҳама чиз барои он ҷонҳое маҳдуд мекунед, ки агар ба онҳо Инҷил расонда нашавад, метавонанд ба ҳалокати абадӣ дучор гарданд.

Валекин охир вақти гирифтани ҳосил низ фаро мерасад. Вақте мо дар осмонҳо онҳоеро мебинем, ки ба шарофати фидокории мо ба он ҷо роҳ ёфтаанд, тамоми ин қурбониҳо дар назари мо хеле ночиз хоҳанд намуд. Як ҷоне ки аз дӯзах наҷот ёфта, ба Барраи Худо ҳамду сано мехонад, сазовори бузургтарин қурбониҳои мо мебошад.

**“Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон, ва ҳамаи некиҳои Ӯро фаромӯш накун. Ӯ... ҳамаи бемориҳоятро шифо мебахшад”**

*(Забур 102:2,36)*

Яке аз номҳои таркибии Худо Яҳува-Рофо аст, ки чунин маъно дорад: “Ман Худованди шифобахши ту ҳастам” (Хур. 15:266). Охир маҳз Худо моро шифо мебахшад, Ӯ моро аз тамоми бемориҳо шифо бахшида, ниҳоят ба таври доимӣ аз онҳо халос мекунад.

Баъзан Ӯ моро ба воситаи қувваҳои пуриқтидори худбарқароркунӣ, ки Ӯ онҳоро дар бадани мо андохтааст, шифо мебахшад. Ана барои ҳамин духтурон мегӯянд, ки бисёр вақт аҳволи бемор саҳаргоҳон беҳтар мешавад. Баъзан Ӯ ба воситаи доруҳо ва дахолати ҷарроҳӣ шифо мебахшад. Дюбуа, духтури машҳури фаронсавӣ, гуфта буд: “Ҷарроҳ ба рӯи захм латта мебандад, Худо бошад онро шифо мебахшад”. Баъзан Ӯ шифо бахшида, муъҷиза нишон медиҳад. Мо инро аз Инҷилҳо ва аз таҷрибаи худ медонем.

Аммо на ҳамеша барои шифо ёфтан хости Худо ҳаст. Агар ин дигар хел мебуд, он гоҳ баъзе одамон ҳаргиз пиронсолӣ ва маргро намечашиданд. Аммо як рӯз не як рӯз ҳама мемуранд, то даме ки Худованд ояд. Худо одамонро аз азобҳои ҷисмонӣ халос накард, лекин файзи Худро барои ба азобҳо тоб овардан дод (2 Қур. 12:7-10).

Умуман асоси ҳамаи бемориҳо гуноҳ аст. Дигар хел карда гӯем, агар ба ҷаҳон гуноҳ намедаромад, дар он бемориҳо ҳам намебуданд. Баъзан беморӣ натиҷаи бевоситаи гуноҳи муайян дар ҳаёти инсон аст. Ҳамин тавр, масалан, майпарастӣ баъзан ба бемориҳои ҷигар, тамокукашӣ ба бемориҳои саратон, фосиқии ҷинсӣ ба бемориҳои олоти таносул, безобитагии аз ҳад зиёд бошад ба захми меъда оварда мерасонад. Аммо на ҳар гуна беморӣ натиҷаи бевоситаи гуноҳ дар ҳаёти бемор мебошад. Шайтон Айюбро ба бемориҳои ҷиддӣ гирифтор кард (Ай. 2:7), агарчи Айюб одами одилтарин дар рӯи замин буд (Ай. 1:8; 2:3). Вай зани номаш номаълумро водор кард, ки аз каҷшавии сутунмӯҳра азоб кашад (Луқ. 13:11-17). Шахсе ки дар Инҷили Юҳ. 9:2-3 зикр шудааст, асло аз боиси гуноҳи худ кӯри модарзод набуд. Эпафрӯдитус низ хеле ҷиддӣ бемор буд, аммо асло на аз боиси гуноҳ, балки аз боиси хизмати доимӣ ба Худованд (Фил. 2:30). Ғоюс рӯҳан солим буд, аммо саломатии хуби ҷисмонӣ надошт (3Юҳ. 2).

Агар Худованд ба ягон кас шифо набахшад, ҳатмӣ нест, ки аз боиси сустбоварии вай бошад. Танҳо ҳамон вақте ки Худо аниқ ваъда кардааст, ки шифо мебахшад, имон ҳақ дорад аз шифои меомада дилпур шавад. Дар тамоми мавридҳои дигар мо худро ба дастони Худованди зинда ва дӯстдорандаи худ супорида, дуо мекунем, ки дар ин ҷо низ хости Ӯ ба амал ояд.

## “Ҳезум набошад – оташ хомӯш мешавад”

*(Масалҳо 26:20)*

Ду кас бо ҳам ҷанҷол мекунанд. Яке хуруҷи хашмгинона мекунад, дигаре ба вай бо суханони талх ҷавоб медиҳад. Яке айбдоркуниҳои пурхашмро фаввора занонда мебарорад, дигаре бо шиддати камтаре онҳоро рад карда мегардонад. Ҳеҷ яки онҳо аввалин шуда бас кардан намехоҳад, зеро метарсад, ки хомӯшии вайро сустӣ ё мағлубшавӣ ҳисоб мекунанд. Аз ҳамин сабаб оташ боз ҳам шиддатноктар дармегирад, ва мавҷҳои нафрат аз яке ба дигаре мегузаранд.

Аммо ба худ ҳолати дигареро тасаввур кунед. Яке аз мусоҳибон ба дигаре борони суханони аламангезро мерезонад, аммо ягон амали ҷавобиро намебинад. Вай кӯшиш мекунад, ки ӯро хеле хашмгин кунад, ранҷонад, ғазабашро барангезонад ва бадному беобрӯ созад. Аммо дигаре аз ҷанҷол даст мекашад. Ниҳоят ҳарифи вай дарк мекунад, ки вақташро беҳуда сарф мекунад, ва зери лаб лаънат гуфта, меравад. Оташ хомӯш шуд, зеро айбдоршаванда нахост ба он ҳезум монад.

Бисёр вақт баъд аз тамом шудани ҷамъомад назди Х. А. Айронсайд одамоне меомаданд, ки бо ягон баёноти вай норозӣ буданд. Одатан ин фақат майдагапиҳои камаҳамият оиди ҷузъиёти дуюмдараҷа буданд, ки ба таълимоти асосӣ дахл надоштанд. Дар чунин мавридҳо доктор Айронсайд пурсаброна ба одами майдагап гӯш меандохт, ва вақте вай барои нафас рост кардан гапро бас мекард, ба ӯ чунин мегуфт: “Хайр, бародар, вақте ба осмон рафта расем, он гоҳ хоҳем дид, ки яке аз мо ноҳақ аст, ва ин комилан ман буда метавонам”. Ба шарофати ин ҷавоб доктор зуд имконият пайдо мекард, то бо ягон каси дигар сӯҳбат кунад.

Худи мо чӣ гуна ба танқид ҷавоб медиҳем? Оё мо кӯшиш мекунем барои ҳимояти худ зарбаи ҷавобӣ гардонда, тамоми чизҳои ҳаққониро, ки як вақтҳо дар хусуси вай ба ёди мо омада буд, баён кунем? Ё ин ки мо оромона мегӯем: “Бародар, ман шодам, ки ту маро беҳтар мешиносӣ, вагарна ту барои танқид кардан боз ҳам зиёдтар сабаб медоштӣ”. Чунин ҷавоб аллакай чандин бор сӯхторро дар ҷанинаш хомӯш карда буд.

Ба назари ман чунин менамояд, ки бисёрии мо як вақтҳо номаҳоеро мегирифтем, ки моро ҳақиқатан аз рӯи замин нест мекарданд. Албатта табиӣ мебуд, агар мо дар ҷавоб мактуби талхгӯёна ва нешдор менавиштем. Ин ба оташ ҳезум илова карда, оғози мубодилаи номаҳои заҳрдор мегардид. Чӣ қадар беҳтар мебуд, агар мо чунин ҷавоб мегардондем: “Бародари азиз, агар ту ҳатман бояд бо ягон кас ҷанг кунӣ, он гоҳ, лутфан, бо шайтон ҷанг кун”.

Ҳаёт бениҳоят кӯтоҳ аст, то ки онро барои ҷанҷолҳо, худҳимояткунӣ ва кашмакашиҳои шадид сарф намоӣ. Ҳамаи ин моро аз чизҳои ҳақиқатан муҳим ба тарафи дигар мекашад ва ҳавсалаамонро паст карда, моро аз шаҳодати қувватамон маҳрум месозад. Дигарон метавонанд бо умеди даргирондани оташи ҷанҷол ба муддати як дақиқа ҳам аз машъали алангагирифта ҷудо нашаванд, аммо ҳезум дар дасти мо-ку. Агар мо ҳезумро ба оташ напартоем, оташ зуд хомӯш мешавад.

**“Эй вой бар онҳое ки бадиро некӣ, ва некиро бадӣ меноманд, торикиро рӯшноӣ, ва рӯшноиро торикӣ медонанд, талхро ширин, ва ширинро талх ҳисоб мекунанд”**

*(Ишаъё 5:20)*

Ҳар касе ки мафҳумро дар бораи ахлоқ таҳриф намуда, гуноҳро шоистаи ҳар гуна эҳтиром, аммо покиро на танҳо номатлуб, балки зиёновар низ эълон мекунад, Худо ӯро лаънат мехонад. Герберт Вандер Лидт се мисоли онро меоварад, ки то чӣ андоза одами муосир мафҳуми некӣ ва бадиро таҳриф намудааст: “Якум мақолае буд, ки оқибатҳои манфии порнографияро танҳо дар байни гап зикр карда, борони хашму ғазабро ба “муносибати пуритании мутаассибони динӣ” мерезонд. Сипас ман бо мақолае вохӯрдам, ки дар бораи гурӯҳи волидони ба ташвиш омада нақл мекард, ки кӯшиш мекарданд муаллимаи ҳомиладори бешавҳарро аз кор озод кунанд. Муаллиф дар бораи муаллима чун дар бораи одами хеле нағз менависад, дар ҳоле ки волидон дар мақола чун нобакорони гузаро зикр шудаанд. Меҳмони яке аз барномаҳои телевизионӣ оиди консерте ки дар он якчанд ҷавон ҷон аз даст доданд, сухан ронда, ба ҳимояти мусиқии роки вазнин, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар шурӯъ намуд. Вай тамоми айбро барои мушкилоти ҷомеаи мо ба души онҳое вогузошт, ки чунин базмҳо ба онҳо маъқул нест!”

Ба назари ман, ду сабаби зиёд шудани кӯшишҳои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ вуҷуд дорад. Якуми онҳо ин аст, ки одамон меъёрҳои мутлақи ахлоқиро, ки дар Навишта зикр шудаанд, рад намудаанд. Акнун ҳар кас худаш қарор медиҳад, ки чӣ хуб аст ва чӣ бад. Дуюм — ҳар қадар онҳо ба гуноҳ бештар дода шаванд, ҳамон қадар хоҳиши бештар пайдо мекунанд, ки гуноҳро чун шакли мақбули рафтор нишон диҳанд ва бо ҳамин тарзи ҳаёти худро сафед кунанд.

Баъзе касон, ки ҳанӯз ошкоро гуноҳро ҳимоят карда наметавонанд, аз хурдагирии худ истифода мебаранд, яъне ба ҷои он ки ба далелҳову бурҳонҳои ҳарифони худ ҷавоб гардонанд, ба хислати онҳо дармеафтанд. Ҳамин тавр, масалан, дар мисолҳои дар боло зикршуда тарафдорони озодии ирода хашмгинона ба “муносибати пуританин мутаассибони динӣ” дарафтода, волидонро нобакор тасвир карданд, ва дар тамоми мушкилоти ҷомеа онҳоеро айбдор карданд, ки бар зидди майпарастӣ, нашъамандӣ ва рок-консертҳое ки дар он якчанд ҷавонмард ҷон аз даст доданд, баромад мекунанд.

Паҳлӯ ба паҳлӯ бо онҳое ки принсипҳои ахлоқиро ниҳоят таҳриф мекунанд, касоне низ меистанд, ки бо нест шудани ҳудуди байни некӣ ва бадӣ муросо мекунанд. Мутаассифона, дар миёни онҳо арбобони динӣ низ кам нестанд. Ба ҷои он ки Навиштаро устуворона ва бо як овоз тарафдорӣ карда, гуноҳро бо ном хондан, онҳо шаф-шаф гуфта шафтолу нагуфта, чунин мешуморанд, ки ҳамаи ин чандон ҳам даҳшатнок нест. Майпарастӣ бемории одист. Фасоди ҷинсӣ тарзи ҳаёти алтернативӣ аст. Алоқаи ҷинсии беникоҳ низ мақбул аст, агар он ба меъёрҳои мадании ин ҷомеа мухолиф набошад. Бачакушиҳо, луч нишон додани бадан, фоҳишагӣ – ҳуқуқи шахс аст, ки ҳеҷ кас ҳуқуқи маҳдуд кардани онро надорад.

Чунин бесарусомонӣ дар ақидаҳо дар бораи мушкилоти ҷиддӣ дар нишондодҳои ахлоқӣ шаҳодат медиҳад. Тамоми ин далелҳо ва бурҳонҳои вайрон кардашуда айнан дурӯғи шайтон аст, ки одамро ниҳоят ба ҳалокат оварда мерасонад.

## 19 ДЕКАБР

**“Осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест”**

*(Луқо 21:33)*

Каломи Худо на фақат абадӣ, балки дуруст низ ҳаст. Исо гуфтааст, ки ҳеҷ як ҳарфе ва ё нуқтае аз Таврот ба фано нахоҳад рафт, то даме ки ҳамааш иҷро шавад (Мат. 5:18). Калимаи ҳарф дар алифбои ибрии қадим маънои вергул ё аломати сактаро дорад. Нуқта гуфта хатчаи ҳарф дар назар дошта мешавад; мо метавонем онро бо хатчаи ҳарфи А монанд кунем, ки онро аз ҳарфи Л фарқ мекунонад. Дигар хел карда гӯем, Исо изҳор мекард, ки Каломи Худо пурра, то ҷузъиёти хурдатарин иҷро хоҳад шуд.

Юлиани Муртад (331-363 пас аз милод), императори Рум, қарор дод, ки Навиштаро рад карда, обрӯи масеҳиёнро резонад. Диққати махсуси вайро ояте аз Инҷили Луқ. 21:24 ба худ ҷалб кард: “Ва ба дами шамшер хоҳанд афтод, ва дар миёни ҳамаи халқҳо ба асирӣ хоҳанд рафт; ва Уршалим пoймоли ғайрияҳудиён хоҳад шуд, то даме ки даврони ғйрияҳудиён ба анҷом расад”. Император аз он шурӯъ намуда буд, ки ба ҳар тариқ яҳудиёнро ба барқарор кардани маъбад ҳавасманд мекард. Чунон ки Гиббон дар “Ғуруб ва заволи империяи Рум” (“Decline and Fall of the Roman Empire”) зикр мекунад, онҳо бо ҷӯшу хурӯш ба кор шурӯъ намуда, дар ғайрати аз ҳад зиёди худ бо белҳои нуқрагин чуқурӣ мекананд ва хоки заминро дар болопӯши қирмизӣ мебардоштанд. Аммо заминҷунбӣ кори онҳоро қатъ намуд, ва ҳубобҳои оташине ки аз замин мебаромаданд, ба идомаи он халал расонданд. Ин ният амалӣ нагардид.

Қариб 600 сол пеш аз зодашавии Масеҳ Ҳизқиёл пешгӯӣ кард, ки дарвозаи Шарқии Уршалим маҳкам хоҳанд буд ва то дами омадани “раис” кушода нахоҳад шуд (Ҳиз. 44:3). Аксари илоҳиётшиносон боварӣ доранд, ки дар зери калимаи “раис” Масеҳ дар назар дошта мешавад. Ин дарвоза, ки дертар Тиллогин номида шуд, аз ҷониби султон Сулаймон дар с. 1543 милодӣ маҳкам шуда буд. Кайзер Вилгелм нақши забти Уршалимро кашида, умед дошт, ки аз ин дарвоза медарояд, аммо ин орзуи вай амалӣ нагашт. Дарвоза то имрӯз ҳам баста аст.

Волтер лофзанон гуфт, ки баъди сад сол Навишта китоби мурда хоҳад буд. Сад сол гузашт. Волтер мурд, хонаи вай бошад қароргоҳи Ҷамъияти женевагии Навишта гардид. Ингерсолл низ аз пайи вай рафта, гуфт, ки пас аз 15 сол Навишта ба морг хоҳад афтид. Аммо ба морг на Навишта, балки вай афтид. Навиштаи Муқаддас аз ҳамаи мунаққидони худ дарозумртар хоҳад буд.

Тамоман боварнакарданӣ менамояд, ки одамон то ҳол дарк накарданд, ки Навишта Каломи ҷовидонаи Худост, ки он ҳаргиз нест намешавад. Аммо чунон ки Ҷонатан Свифт гуфтааст: “Дар миёни кӯрон аз ҳама кӯртар он аст, ки хоҳиши дидан надорад”.

**“Ман ёд гирифтаам, ки бо он чи дорам, қаноат кунам”**

*(Филиппиён 4:11)*

Мо бисёр вақт мешунавем, ки вазъиятҳое ки дар ҳаёти мо ба вуҷуд меоянд, ба нашъунамои рӯҳонии мо чандон сахт таъсир намерасонанд, чунон ки аксуламали мо ба онҳо таъсир мерасонад. Ин ҳақиқатан чунин аст. Ба ҷои қуввати зиёдро сарф карда, кӯшиши тағйир додани вазъият кардан, дар бораи он мулоҳиза кардан фоиданоктар мебуд, ки чӣ тавр мо худро тағйир дода метавонем.

Ба ҳодисаҳои нохуш одамони гуногун ба таври гуногун аксуламал нишон медиҳанд. Баъзеҳо ба таълимоти одамони босубот пайравӣ карда, кӯшиш мекунанд, ки ботамкин монанд ва оташи ғазаби худро фурӯ нишонда, ягон эҳсосотро нишон намедиҳанд. Онҳо сиёсати “созиш бо чизи ногузир”-ро пеша кардаанд.

Дигарон бошанд ба ҷунун дода мешаванд. Бо фарёдҳои баланд, нолиш, гиря, худнамоии фоҷианок онҳо оҳиста-оҳиста ба харобаҳои хурӯшон табдил меёбанд.

Баъзеҳо онҳоро чун шикасти пурраи худ қабул мекунанд. Онҳо ба умқи рӯҳафтодагӣ мефуроянд. Дар ҳолатҳои ниҳоӣ ин метавонад онҳоро ба худкушӣ оварда расонад.

Масеҳӣ бошад одатан бояд ба онҳо дар фурӯтанӣ ва итоаткорӣ аксуламал нишон диҳад. Охир имондор тақрибан чунин мулоҳиза мекунад: “Ҳамаи ин бозии ҳодисаи тасодуфӣ набуд. Худо ҳамаи он чиро ки дар ҳаёти ман рӯй медиҳад, дар зери назорати Худ нигоҳ медорад. Ӯ хатое накардааст. Ӯ аз он сабаб барои рӯй додани ин имкон дод, то ки он ба Ӯ ҷалол ва ба дигарон баракату фоида оварад. Ман ҳанӯз қобили дидан ва фаҳмидани тамоми пуррагии нақшаҳои Ӯро надорам, аммо бо вуҷуди ин ман ба Ӯ дар ҳама чиз комилан эътимод хоҳам дошт. Бинобар ин ман дар пеши хости Ӯ таъзим намуда, илтиҷо мекунам, ки Ӯ Худашро ҷалол дода, ба ман он чиро ман бояд донам, ёд диҳад”.

Боз як роҳ ҳаст, ки баъзе муқаддасон онро интихоб мекунанд, – роҳи беҳтарин. Ман ҷуръат надорам худро яке аз онҳо ҳисоб кунам, агарчи бо тамоми дил кӯшиш мекунам, то дар қатори онҳо бошам. онҳо ҳар гуна бадбахтӣ ё мусибатро ба восита барои ғолиб шудан табдил медиҳанд. Талхиро онҳо ба ширинӣ мубаддал мекунанд, ҷои сӯхторро бошад ба боғи олидараҷа. Онҳо ба вазъиятҳо имкон намедиҳанд, ки ҳаёти онҳоро идора кунанд, балки баръакс, вазъиятҳоро водор месозанд, ки ба онҳо хизмат кунанд. Ба кадом як маъное онҳо аз ғолибони одӣ дида бештар ҳастанд. Иҷозат диҳед, ки барои ин якчанд мисол оварам.

Ба назар чунин менамуд, ки ҳаёти як зани масеҳӣ пур аз дилхунукиҳои талх, нақшаҳои вайроншуда ва орзуҳои амалинашуда буд. Ба ҳар ҳол нависандаи тарҷумаи ҳоли ин зан навишта буд: “Тамоми “не”-ҳои аз Худо шунидаашро вай ба дастаи олидараҷаи гулҳо табдил дод”.

Дар яке аз мамлакатҳои Шарқ тӯдаи мардуми ниҳоят хашмгин бо санг ва чӯбҳо ба гурӯҳи на чандон калони имондорон дарафтиданд. Дертар масеҳиён ба худи ҳамин ҷой баргашта, аз он сангҳое ки ба тарафи онҳо андохта шуда буд, ибодатхонаи ҷомеъ бино карданд.

Э. Стэнлӣ Ҷоунс гуфта буд: “Тамоми радҳои худро гирифта, ба роҳҳои нав табдил диҳед”. Ё чунон ки шахсе гуфтааст: “Агар ҳаёт пайиҳам ба ту лимон диҳад, аз онҳо лимонад кун”. Ба ман махсусан як ҳикояе хеле маъқул шуд, ки дар он духтур ба шахсе мегӯяд, ки чашми вайро бурида гирифта, ба ҷои он чашми шишагин андохтан лозим аст. Дар ҷавоб бемори вай фавран чунин гуфт: “Майлаш, лекин чунин чашмеро андозед, ки ман бо он чашмак зада тавонам”.

**“Масеҳ... ба ҷамоат муҳаббат дошт ва Худро аз барои он таслим намуд”**

*(Эфесусиён 5:25)*

Дар фикрҳои Масеҳ ҷамоат ҷои бениҳоят муҳимро ишғол мекунад, бинобар ин мо низ бояд онро хеле баланд қадрдонӣ кунем.

Дар бораи муҳим будани ҷамоат мо метавонем аз рӯи он ҷои муҳиме ки ҷамоат дар Аҳди Нав ишғол мекунад, ҳукм намоем. Дар хизматгузории расулон низ он нақши муҳимро мебозид. Павлус, масалан, дар бораи дуҷиҳата будани вазифаи худ мегуфт, ки аз мавъизаи Инҷил ва эълон кардани ҳақиқати ҷамоат иборат буд (Эфс. 3:8-9). Дар бораи ҷамоат расулон бо ғайрате гап мезаданд, ки имрӯзҳо, аҷаб бошад ҳам, ба куҷое нест шудааст. Дар ҳама ҷое ки буданд, онҳо ҷамоатҳоро бунёд мекарданд, дар ҳоле ки имрӯз тамоюлоти таъсис додани ташкилотҳои масеҳӣ меафзоянд.

Ҳақиқат дар бораи ҷамоат нуқтаи авҷи ваҳйи Навишта аст (Кул. 1:25,26). Ҷамоат яке аз охирин таълимотҳои асосӣ буд, ки Худо онро ба инсоният ошкор кардааст.

Ҷамоат дарси аёнӣ барои фариштагон аст (Эфс. 3:10). Ба воситаи он онҳо дар бораи ҳартарафа будани ҳикмати Худо тасаввурот пайдо мекунанд.

Ҷамоат ташкилоти заминиест, ки аз ҷониби Худо барои паҳн кардан ва ҳимоят намудани имон интихоб шудааст (1Тим 3:15). Дар бораи он чун дар бораи сутун ва тасдиқи ҳақиқат гуфта мешавад. Мо бояд ба тамоми ташкилотҳои ғайриҷамоатӣ, ки бо паҳн кардани Инҷил ва насиҳат додан ба имондорон машғуланд, миннатдор бошем, аммо хато мебуд, агар ба онҳо имкон медодем, ки дар ҳаёти аъзоёни худ мавқеero ишғол намоянд, ки барои ҷамоати маҳаллӣ ҷудо карда шудааст. Худо ваъда дода буд, ки дарвозаҳои дӯзах бар ҷамоат ғолиб нахоҳад шуд (Мат. 16:18), аммо ба ташкилотҳои масеҳӣ Ӯ чунин ваъдаро надода буд.

Павлус дар бораи ҷамоат чун дар бораи пуррагии Оне гап мезанад, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад (Эфс. 1:23). Сарвар дар файзи ҳайратангезаш Худро бе аъзоёни Худ комил намеҳисобад.

Ҷамоат на танҳо Бадани Масеҳ (1Қур. 12:12,13), балки Арӯси Ӯ низ мебошад (Эфс. 5:25-27,31,32). Чун Бадани Ӯ, ҷамоат воситае шуд, ки Масеҳ онро барои нишон додани моҳияти Худ нисбат ба ҷаҳони давраи мо интихоб кардааст. Чун Арӯси Ӯ, ҷамоат объекти махсуси дилбастагии пурҳарорати Ӯ гардид; Ӯ ба ҷамоат таълим медиҳад, то ки он дар подшоҳӣ ва ҷалоли Ӯ шарик буда тавонад.

Аз тамоми чизи дар боло гуфташуда мо ба хулосае меоем, ки ҷамъомади заифтарин барои Масеҳ беш аз бузургтарин империяи ҷаҳон аҳамият дорад. Ӯ оид ба ҷамоат бо дилбастагии латифона ва эътибори нодир гап мезанад. Мо ҳамчунин бо боварии қатъӣ гуфта метавонем, ки диакони ҷамоати маҳаллӣ дар назари Худо мақоми аз тамоми подшоҳон ва президентҳо баландтарро дорад. Дар Аҳди Нав шумо дар бораи он ки чӣ тавр ҳукуматдори хуб бояд буд, бисёр насиҳат намеёбед, аммо ба меҳнати роҳбари ҷамоат Аҳди Нав диққати хеле калон медиҳад. Агар мо ақаллан як маротиба ҷамоатро бо чашмони Масеҳ бинем, ин ба таври қатъӣ ҳам ҳаёт ва ҳам хизматгузории моро дигаргун хоҳад кард.

**“Зеро, агар мо, пас аз пайдо кардани дониши ростӣ, дидаву дониста гуноҳ кунем, дигар қурбоние барои гуноҳҳо боқӣ намемонад, балки кадом як интизории пурдаҳшати доварӣ ва шиддати оташе ки душманони Худоро ба коми худ мекашад”**

*(Ибриён 10:26,27)*

Ин яке аз он оятҳоест, ки аксари масеҳиёни софдил ва бисёр бофаҳмро парешон мекунад. Онҳо тақрибан чунин фикр мекунанд: “Ана, ман бо васвасаи гуноҳ рӯ ба рӯ шудам. Ман медонам, ки ин бадӣ аст. Ман медонам, ки набояд инро кунам ва ба ҳар ҳол мекунам. Ман худсарона ба Худо беитоатӣ кардам. Ба назари ман чунин менамояд, ки ман ба таври ихтиёрӣ гуноҳ мекунам. Аз ҳамин сабаб, агар ба ин оят бовар кунем, ман наҷотро аз даст додаам”.

Ин мушкилӣ аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки онҳо ин оятро аз матни он канда гирифта, маҷбур мекунанд он чиро гӯяд, ки ҳаргиз нияти гуфтани онро надошт. Дар алоқамандии матни ин оят сухан дар бораи гуноҳи муртадӣ меравад – дар бораи гуноҳи одамоне ки як вақтҳо мегуфтанд, ки имондор ҳастанд, аммо дертар дидаву дониста аз имони масеҳӣ даст мекашанд ва бисёр вақт ба ягон системае ҳамроҳ мешаванд, ки зидди Масеҳ аст. Ояти 29 чунин муртадро тасвир мекунад: вай Писари Худоро поймол мекунад ва хуни аҳдро, ки аз он тақдис ёфтааст, азиз намедорад ва Рӯҳи файзро таҳқир менамояд. Ҳамлаҳои бадкешонаи вай ба Масеҳ нишон медиҳанд, ки вай ҳаргиз аз олами боло зода нашуда буд.

Биёед тасаввур кунем, ки шахсе Инҷилро мешунавад, ва дар дили вай ҳиссиёти гарм нисбат ба имони масеҳӣ ба вуҷуд меояд. Вай дини волидонашро тарк карда, худро масеҳӣ меномад, агарчи дар ҳаёти вай имон овардани самимӣ набуд. Аммо инак таъқибот сар мешаванд, ва ин вазъият ӯро ба фикре водор месозад, ки оё вай мехоҳад минбаъд ҳам худро масеҳӣ хонад. Ниҳоят вай қарор мекунад, ки ба дини пештараи худ баргардад. Аммо ин чандон одӣ нест. Фарз мекунем, ки пирон, пеш аз он ки маслакфурӯшро аз нав қабул кунанд, талаб мекунанд, ки вай аз маросими хурде гузарад. Вай хуни хукро гирифта, бар фарши хона мепошад. Баъд онҳо мегӯянд: “Ин хун рамзи хуни Масеҳ аст. Агар ту ба дини волидони худ баргаштан хоҳӣ, бояд бар он қадам занӣ”. Ва вай бар он қдам мезанад. Бо ин рафтори худ вай Писари Худоро поймол карда, хуни Ӯро нопок мешуморад. Ин одам муртад аст. Вай гуноҳро ихтиёрӣ содир кард.

Имондори ҳақиқӣ ҳаргиз ин гуноҳи ихтиёрӣ ва худсаронаро содир карда наметавонад. Вай метавонад дигар гуноҳҳоро содир карда, донад, ки нодуруст рафтор кардааст. Вай метавонад дидаву дониста овози виҷдонро хомӯш кунад. Дар назари Худо ин гуноҳи ҷиддӣ аст, ва мо ҳақ надорем онро сафед кунем. Бо вуҷуди ин, агар шахси гуноҳкарда ба ин гуноҳ иқрор шуда, аз он даст кашад, бахшида шуда метавонад. Аммо ба маслакфурӯш ин ҳеҷ дахле надорад. Ҳукми вай тағйирнопазир аст: барои пӯшидани гуноҳҳои вай дигар қурбоние боқӣ намемонад (ояти 26 б) ва вайро аз нав ба роҳи тавба андохтан имконнопазир аст (Иб. 6:6).

## 23 ДЕКАБР

**“Ҳар кӣ дар Ӯ монад, гуноҳ намекунад; ҳар кӣ гуноҳ мекунад, Ӯро надидааст ва Ӯро нашинохтааст”**

*(1 Юҳанно 3:6)*

Дирӯз мо суханони Навиштаҳоро дида баромадем, ки бисёри масеҳиёни ихлосмандро ба ташвиш меоваранд. Имрӯз мо ба се оят аз Номаи 1-уми Юҳанно рӯй меоварем, ки ба осудахотирии имондороне халал мерасонанд, ки бениҳоят сахт гуноҳкор будани худро дарк мекунанд. Яке аз ин оятҳоро мо аллакай дар аввал иқтибос овардем. Пас аз он 1Юҳ. 3:9 меояд: “Ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, гуноҳ намекунад, чунки тухми Ӯ дар вай мемонад; вай гуноҳ карда наметавонад, чунки аз Худо таваллуд ёфтааст”. Ва ниҳоят, 1Юҳ. 5:18: “Мо медонем, ки ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, гуноҳ намекунад, балки касе ки аз Худо таваллуд ёфт, худро нигоҳ медорад, ва шарир ба вай даст намерасонад”. Ин оятҳо дар чунин шакле ки ҳастанд, метавонанд ҳар яки моро водор намоянд, ки ба ҳақиқатан имондор будани худ шубҳа намоем.

Дар айни замон дар баъзе оятҳои ин нома баръало гуфта мешавад, ки имондор ба ҳар ҳол гуноҳ мекунад, масалан 1:8-10, 2:16.

Сабаби ин мушкилот дар тарҷума аст. Дар забони юнонии қадим, ки Аҳди Нав бо он навишта шудааст, фарқи аниқ дар миёни мафҳуми “баъзан гуноҳ кардан ва “доимо дар гуноҳ мондан” вуҷуд дорад, вақте гуноҳ тарзи зиндагӣ гардидааст. Масеҳӣ ҳақиқатан гуноҳ содир мекунад, аммо ҳаёти вай аллакай дигар дар сояи он намегузарад. Вай ҳокимияти гуноҳро сарнагун кард.

Аз ҳамин сабаб ин оятҳоро ин тавр тарҷума кардан мумкин мебуд: “Ҳар кӣ дар Ӯ бимонад, аллакай дигар доимо гуноҳ намекунад. Ҳар кӣ дар гуноҳ зистанро давом диҳад, Ӯро надидааст ва Ӯро нашинохтааст” (3:6). Ҳар кӣ аз Худо зода шудааст, дар гуноҳ зиндагӣ нахоҳад кард, чунки зоти Худо дар вай боқӣ мемонад; вай наметавонад доимо гуноҳ кунад, чунки аз Худо таваллуд ёфтааст” (3:9). “Мо медонем, ки ҳар кӣ аз Худо зода шудааст, мисли пештара аллакай дар гуноҳ зиндагӣ карда наметавонад; ҳар кӣ аз Худо зода шудааст, худро муҳофизат мекунад, ва нопок ба вай даст намерасонад” (5:18).

Ҳар масеҳие ки мегӯяд, ки вай гуноҳ намекунад, чигунагии гуноҳро то охир намефаҳмад. Вай, аниқтараш, дарк намекунад, ки ҳар он чи ба талаботи Худо ақаллан дар ягон чиз ҷавобгӯ нест, маҳз гуноҳ мебошад. Ҳақиқати андӯҳовар чунин аст, ки ҳамаи мо дар фикрҳо, гуфтор ва аъмол ҳар рӯз гуноҳ мекунем.

Валекин Юҳанно дар миёни он чи ҳамчун истисно воқеъ шуд ва он чи ба одат табдил ёфтааст, ҳудуд мегузорад. Барои ҳар як шахси муқаддаси ҳақиқӣ росткорӣ хусусияти хоси вай гардидааст, гуноҳ бошад – унсури бегона.

Инро фаҳмида, мо аллакай набояд бо ин оятҳое ки ба наҷот ёфтани мо шубҳа меандозанд, худро азоб диҳем. Ҳақиқат дар он аст, ки Худо намехоҳад, ки мо гуноҳ кунем. Мутаассифона, мо баъзан ба гуноҳ меафтем. Лекин гуноҳ аллакай соҳиби ҳаёти мо нест. Мо аллакай дар гуноҳ зиндагӣ намекунем, чунон ки инро пеш аз наҷот ёфтани худ мекардем. Агар мо гуноҳ кунем, он гоҳ ба он иқрор мешавем ва онро тарк карда, омурзида мешавем.

## 24 ДЕКАБР

**“Дороии сарватдор шаҳри мустаҳками ӯст,**
**ва дар хаёли ӯ мисли ҳисори баланд аст”.**

*(Масалҳо 18:11)*

Дар Инҷили Луқо дар бораи як сарватдори беақле нақл карда мешавад, ки чунон сарвати бисёре дошт, ки ба куҷо андохтани онро намедонист. Бинобар ин вай қарор дод тамоми анборҳои кӯҳна ва манораҳои силосро вайрон карда, навашро ва калонтарашро бино кунад. Вай дилпур буд, ки ин ба вай ҳаловат мебахшад ва пай намебурд, ки ҳамин ки онҳо сохта шаванд, ҷон медиҳад. Тамоми сарват вайро на аз марг наҷот дода метавонад, на аз қабр.

Сайдер мегӯяд: “Ин сарватдори беақл – тасвири одами бахил дар шакли хурд аст. Дар бахилии худ вай мехоҳад ҳар қадар ки имкон бошад, ҳамон қадар бештар сарват дошта бошад, ҳатто агар ҳамаи ин ба вай лозим ҳам набошад. Комёбии фавқулодаи вай дар ғундоштани сарвати моддӣ ба хулосаи куфромез оварда мерасонанд, ки неъматҳои моддӣ ба ҷони вай хурсандӣ бахшида метавонанд. Аз нуқтаи назари Худо бошад чунин муносибат беақлии маҳз аст. Ин сарватдор девонаи ашаддӣ аст”.

Ривояте ҳаст, ки шахсе орзуи бо ёрии биржа сарватманд шуданро дошт. Вақте ки шахсе ба вай пешниҳод кард, ки ҳар гуна хоҳишашро ба ҷо хоҳад овард, вай хоҳиш кард рӯзномаеро бинад, ки расо пас аз як сол чоп карда мешавад. Вай, албатта, умед дошт, ки он коғазҳои қиматнокеро ки дар давоми ин сол дар нарх аз дигарон бештар баланд мешаванд, харида, сарватманд мегардад. Рӯзномаро гирифта, вай бо ваҷд ба ҳисобу китоб сар кард, ки чӣ қадар даромад хоҳад дошт. Аммо тасодуфан ба эълон дар бораи марг назар андохта, вай дар он ҷо номи худро низ хонд.

Муаллифи таронаи Забур бо ғазаб ба сарватмандон дармеафтад, охир онҳо “дар хотир мегузаронанд, ки хонаҳошон доимӣ ва масканҳошон то абадуддаҳр аст; заминҳошонро ба номҳои худ мехонанд” (Заб. 48:12). Аммо онҳо мемуранд ва сарвати худро барои дигарон боқӣ мегузоранд. “Валекин одамизод дар ҷоҳу ҷалолаш намемонад: ӯ мисли ҳайвонҳоест, ки ба ҳалокат мерасанд” (Заб. 48:13).

Як масал рост мегӯяд, ки пул метавонад, ба ҳама ҷо, ғайр аз осмонҳо, гузарнома шавад ва бо пул ҳар чизи дилхоҳро, ғайр аз хушбахтӣ, харидан мумкин аст.

Ягон сарватманд хоҳиш накардааст, ки дар лавҳи қабри вай доллар тасвир карда шавад, агарчи пул шавқи асосии ҳаёти вай буд. Не, дар марг вай рамзи диниро, мисли салиб, интихоб мекунад. Вай бори охирин дурӯягӣ мекунад. Ба вай нигариста, росткор чунин мегӯяд: “Ин аст марде ки Худоро истеҳкоми худ надонист, балки ба фаровонии сарвати худ таваккал кард ва дар ҳирси худ қоим буд” (Заб. 51:9). Худо бошад дар ин лавҳи сангин катибаи Худашро хоҳад навишт: “Чунин аст ҳоли касе ки барои худ ганҷҳо ғун мекунад, вале пеши Худо сарвате надорад” (Луқ. 12:21).

**“Ва бечуну чаро бузург аст сирри худотарсӣ:
Худо дар ҷисм зоҳир шуд”**

*(1 Тимотиюс 3:16)*

Ин сир на аз он сабаб бузург аст, ки дар он бисёр муаммоҳо ҳастанд, балки барои он ки ин сир комилан ҳайратовар аст. Ин сир он ҳақиқати ҳайратовар аст, ки Худо дар ҷисм зоҳир шуд.

Масалан, ин маънои онро дорад, ки Худои Ҷовид дар ҷаҳони вақт зода шуд. Ӯ, ки берун аз вақт вуҷуд дорад, дар зери амри соатҳо ва тақвим зиндагӣ мекард.

Ӯ, ки ломакон буда, дар ҳамон як вақт дар ҳама ҷо ҳаст, Худро бо ҳузур доштан дар як ҷой маҳдуд кард – масалан, дар Байт-Лаҳм, Носира, Кафарнаҳум ва ё ин ки Уршалим.

Мо аз он ҳайрон мешавем, ки Худои бузург, ки замину осмонро пур мекунад, Худро бо бадани одамӣ маҳдуд намуд. Ба Ӯ нигариста, одамон пурра ҳуқуқ медоштанд чунин гӯянд: “Дар Ӯ тамоми пуррагии Илоҳият ҷисман сокин аст”.

Ин сир ба мо ёдрас мекунад, ки Офаридгор чунин сайёраи назарногирро, ба монанди Замин, лоиқи ҳузури Худ гардонд. Дар муқоиса бо тамоми коиноти боқимонда, Замин танҳо зарраи кайҳонӣ мебошад, ва бо вуҷуди ин Ӯ тамоми коиноти боқимондаро дар як сӯ гузошта, маҳз ба ҳамин ҷо меояд. Аз қасри осмонӣ – ба кӯра, оғилхона, ба охур!

Ӯ, ки тавоност, тифли нотавон мегардад. Муболиға намебуд, агар мегуфтем, ки Оне ки Ӯро Марям дар дастонаш медошт, Худаш Марямро мебардошт, охир Ӯ на фақат коинотро офарид, балки онро бо кафҳои Худ нигоҳ ҳам медорад.

Ӯ, ҳамадон, сарчашмаи тамоми ҳикмат ва тамоми дониш аст, аммо бо вуҷуди ин мо мехонем, ки чӣ тавр Ӯ кӯдак буда, ҳикмат ва дониш меандӯхт. Боварии кас намеояд, ки Ӯро, Соҳиби тамоми чизро, дар моликияти шахсии Ӯ чунин беилтифотона қабул карданд. Барои Ӯ дар меҳмонхона ҷой ҳам нарасид. Ҷаҳон Ӯро нашинохт. Мансубонаш Ӯро қабул накарданд.

Хӯҷаин ба ин дунё мисли хизматгор омад. Худованди ҷалол ин ҷалолро дар бадани ҷисмонӣ пинҳон кард. Ӯ, ки аз ҳама баланд мебошад, ба одамон аз ҳама наздиктар шуд. Ӯ, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Падар бар Ӯст ва фариштагон ситоишаш мекунанд, аз гуруснагӣ ва ташнагӣ азоб кашида, назди чоҳи Яъқуб хаста шуда менишаст, дар Ҷалил дар қаиқ мехобид ва “монанди ғариби бехонумон, дар ҷаҳоне ки дастҳои Ӯ офаридаанд”, овора мегашт. Ӯ аз ҳашамат то бенавоие фуромад, ки дар он Ӯ барои сар гузоштан ҷое надошт. Ӯ дуредгар шуда кор мекард. Ҳаргиз дар парбистар намехобид. Ҳаргиз на лӯлаи обгузарониро (водопровод) дида буд, на дигар лавозимоти зарури муосирро, ки бе онҳо ҳаёти худро тасаввур карданамон душвор аст.

Ва ҳамаи ин барои ману шумо буд!
Пас биёед дар парастиш ба Ӯ таъзим кунем!

**«Ва подшоҳи Садӯм ба Абром гуфт: “Ашхосро ба ман бидеҳ, ва дороиро барои худ бигир”»**

*(Ҳастӣ 14:21)*

Лашкари душман Садӯмро забт карда, Лут ва хонаводаи ӯро ба асирӣ гирифта, ғанимати зиёдеро ба ғорат бурд. Абром дар бораи ин шунида, хизматгорони худро мусаллаҳ гардонд ва аз дунболи душман афтод, то даме ки, ниҳоят, ба он дар зери Димишқ рафта расид ва асиронро наҷот дода, тамоми молу мулкашонро баргардонд. Вақте Абром ба хона бармегашт, ба пешвози ӯ подшоҳи Садӯм баромад. Подшоҳ гуфт:

“Ашхосро ба ман бидеҳ, ва дороиро барои худ бигир”. Абром бошад дар ҷавоб гуфт, ки аз подшоҳ ҳатто ришта ё даволи кафше намегирад, то ки подшоҳ дертар ҳаргиз гуфта натавонад, ки Иброҳимро сарватманд гардонд.

Аз як ҷиҳат подшоҳи Садӯм рамзи шайтон аст. Шайтон кӯшиш мекунад имондоронро водор намояд, ки пеш аз ҳама оиди чизҳои моддӣ фикр карда, ба одамони гирду атроф диққати калон надиҳанд. Абром ба ин васваса муқобилат карда тавонист, аммо имрӯз ин танҳо ба шумораи ками имондорон муяссар мешавад. Барои бисёриҳо чизи асосӣ дар ҳаёт ғун кардани сарват шуд, ва он хатаре ки дӯстон ва ҳамсоягони онҳо метавонанд ба абадият бе Худо, бе Масеҳ ва бе умед дохил шаванд, онҳоро кам ба ташвиш меандозад.

Мол муҳим аст, на одамон. Як масеҳии ҷавон ба меҳмонхона, ки модараш он ҷо бо машғули дӯхтан буд, даромада, гуфт: “Модарҷон, ман хеле хурсандам, ки Худо ба ман назар ба чизҳои моддӣ бештар муҳаббат ба одамонро додааст. Аниқ аст, ки модар ҳам барои ин хеле хурсанд буд.

Ақлнорас аст, ки шахсе аз боиси шикастани косаи фахфури англисӣ зор-зор мегиряд, лекин барои миллионҳо одамоне ки ба ҳалокат мераванд, қатрае ҳам ашк намерезонад. Ин аз чизи бисёр дарак медиҳад, вақте мо бо кадом ҳисоб тамом шудани даҳҳо вохӯриҳои футболро дар ёд дорем, аммо чӣ ном доштани баъзе касонро дар хотир дошта наметавонем. Дар системаи арзишҳои ман ҳама чиз чаппа-роста аст, агар ҷойҳои пачақшудаи мошинам маро аз ҷароҳатҳое ки шахс дар мошини дигар ҳангоми дакка хӯрдан бо мошини ман бардоштааст, бештар андӯҳгин мекунанд.

Худро гум кардан хеле осон аст, вақте ҳангоми машғул будан бо кори дӯстдошта ва муҳим ба мо доимо халал мерасонанд, ва бо вуҷуди ин он ғаме ки одамон ба мо меоранд, ва ташвишҳое ки ба кори мо халал мерасонанд, метавонанд аз худи ин кор хеле муҳимтар бошанд.

Нуқра ва тилло бисёр вақт барои мо аз одамон дида азизтар ҳастанд. А.Т. Пирсон гуфтааст: “Дар хонаҳои масеҳиён тилло, нуқра ва зинатҳои бефоида чунон бисёр ҷамъ оварда шудаанд, ки кофист, то флоти иборат аз 50 000 киштӣ сохта, ба таххонаҳои онҳо Инҷилҳоро бор кунӣ ва саҳнҳои киштиро бо миссионерон пур кунӣ; он кофист, ки дар ҳама ҷо, ҳатто дар деҳоти аз ҳама дурдаст ҷамоат бино намуда, ҳар як ҷони зиндаро бо Инҷил ба муддати солҳои зиёд пешакӣ таъмин кунӣ”. Дигар пайғамбари Худо, Ҷ. А. Стюарт навишта буд: “Сарвати худро мо на барои пур кардани эҳтиёҷоти зарурӣ, балки барои қонеъ гардондани ҳавасҳои ҷисми худ сарф мекунем. Мо табъи нозуктарин ва зарифтарин дошта, ба бамазахӯракон табдил ёфтаем, миллионҳо одамон бошад дар гирди олам аз боиси нарасидани ғизои рӯҳонӣ дар гуноҳ мемуранд. Нахустзодагии рӯҳонии худро мо барои як коса атола мефурӯшем”.

Ман бисёр вақт ба худ савол медиҳам, ки кай мо, масеҳиён, ҳирси сарвати моддиро аз худ дур карда, тамоми қуввати худро баҳри некӯаҳволии одамон равон мекунем. Як ҷони одам аз тамоми ганҷҳои ин ҷаҳон арзишноктар аст. Мол муҳим нест. Одамон муҳиманд.

**“Ин Бадани Ман аст, ки барои шумо пора карда мешавад”**

*(1 Қуринтиён 11:24)*

Эмӣ Кармихаэл рӯйхати тамоми чизҳоеро, ки дар Навишта шикастаанд ё пора шудаанд, ва оқибати инро тартиб додааст.

Кӯзаҳо шикастанд (Дов. 7:18,19) – ва рӯшноӣ дурахшид.

Зарфи гаҷин шикаст (Мар. 14:3) – ва равғани гаронбаҳои тадҳинӣ рехт.

Нон пора карда шуд (Мат. 14:19) – ва гуруснагон сер шуданд.

Бадан пора карда шуд (1Қур. 11:24) – ва гуноҳи ҷаҳон пӯшида шуд.

Мо аллакай шоистаи шарафи он гардидаем, ки банди панҷумро низ илова кунем – бояд ғурур ва худсарии инсон шикаста шаванд, ва натиҷаи ин осоиштагии дарунӣ ва ҳаёт бо фаровонӣ хоҳад буд.

Бисёрии онҳое ки барои наҷот ёфтан назди салиби Масеҳ омаданд, ҳаргиз назди он наистода, илтиҷо намекарданд, ки иродаи онҳоро шикаста, рӯҳашонро фурӯтан созад. Онҳо метавонанд одамони боадаб ва мулоиме бошанд, ки ҳаргиз овозашонро баланд намекунанд, ва гӯё ки аз ҷиҳати рӯҳонӣ медурахшанд; аммо иродаи онҳо шояд аз пӯлод бошад, ки имконашон намедиҳад, то ҳамаи он чизҳои олиҷанобeро, ки Худо барояшон тайёр кардааст, дарк намоянд.

Чунин ҳодиса баъзан бо ошиқшудагони ҷавон рӯй медиҳад, ки нияти издивоҷ карданро доранд. Волидайн ва дӯстони онҳо, ки қобилияти муҳокимаронии ҳушёрона ва хирадмандона доранд, мебинанд, ки аз ин ният ҳеҷ чизи хуб барнамеояд. Бо вуҷуди ин, ҷавонони якрав ҳар гуна маслиҳатеро, ки ба онҳо маъқул нест, ба як сӯ мегузоранд. Аммо худи ҳамин якравию худсарие ки онҳоро ба ақди никоҳ оварда расонданд, водорашон хоҳанд кард, ки аризаи ҷудо шуданро диҳанд.

Ин дар мисоли масеҳиёне низ баръало дида мешавад, ки барои машғул шудан бо ягон намуди соҳибкорӣ қарори қатъӣ қабул кардаанд, агарчи дар ин соҳаи муайян онҳо на таҷриба доранду на малака. Бар хилофи тамоми маслиҳатҳои дӯстони пуртаҷриба ва хуб хабардор онҳо тамоми пулҳои худро ва бисёр вақт пулҳоеро ки аз дӯстони дӯстдошта ба қарз гирифтаанд, барои ин сарф мекунанд. Он чизе рӯй медиҳад, ки бояд мунтазираш мешуд. Корҳои ширкат бад буда, дере нагузашта қарздиҳандагон дар харобаҳои он бо умеди он сарсарӣ мегарданд, ки ақаллан ягон ҳиссаи пули худро баргардонанд.

Бо оқибатҳои даҳшатноки худсарии мағрурона мо бисёр вақт дар соҳаи хизматгузории масеҳиёна низ вомехӯрем. Ана масеҳие бо оилааш барои кори миссионерӣ ба хориҷа меравад, то ки пас аз як сол барои баргаштан ба ватан маҷбур шуда, тамоми кӯшишҳо ва хароҷоти ҷамоатеро, ки ба онҳо ёрӣ мерасонд, бесамар гузорад. Пулҳое ки аз масеҳиёни зудбовар кашида гирифта шудаанд, барои лоиҳае маблағгузорӣ мешаванд, ки сарчашмаи он на Худо, балки одам буда, ин лоиҳа дар мавриди беҳтарин бесамар мемонад. Шахсе хоҳиш надорад, ки инони ихтиёрро ба касе диҳад ва аз ҳамкорӣ бо дигарон даст мекашад; ва ин танҳо боиси ранҷу ҷанҷолҳо мешаваду халос.

Ҳамаи мо бояд аз ин ҷараёни порашавӣ гузашта, тамоми якравӣ, ғурур ва худсарии худро назди салиб гузорем. Пас биёед иродаи матини худро ба қурбонгоҳи Худованд гузорем! Бигзор дили мо аз ақиби Эмӣ Кармихаел такрор кунад:

Эй Худованд, бадани Ту барои ман пора карда шуд!
Бигзор аз боиси муҳаббат ба Ту рӯҳ ва иродаи ман фурӯтан шавад!

## 28 ДЕКАБР

**“Касе ки ба ҷанҷоли дигарон дахолат кунад, мисли роҳгузарест, ки сагро аз гӯшҳои он бидорад”**

*(Масалҳо 26:17)*

Пеш аз ҳама мо бояд фаҳмем, ки саге ки гап дар борааш меравад, саги хайрхоҳ ва нармдил нест, ки эътироз намекунад, алалхусус агар шумо ба гӯшҳои он андак даст задамӣ шавед. Не, ин саги бадқаҳри ғурросзанандаи кӯчагиест, ки дандонҳои ашкашро гиз карда, доимо дар ҳолати ганда аст. Аз эҳтимол дур аст, ки вай умуман ба шумо имкон медиҳад, то ба андозае наздик шавед, ки аз гӯшҳояш дошта тавонед. Аммо агар ин ба шумо муяссар гардад ҳам, шумо бо интихоби душвор рӯ ба рӯ мешавед: онро дошта истодан хеле даҳшатнок хоҳад буд, аммо сар додан ҳам даҳшатнок мешавад.

Хайр, акнун мо дар бораи ҳолати одаме ки ба ҷанҷоле кашида шудааст, ки тамоман ба вай дахл надорад, тасаввуроти аёнӣ пайдо кардем. Вай хеле зуд ба ғазаби ҳар ду тараф гирифтор мешавад.

Ҳар яке аз мухолифон чунин хоҳанд фикр кард, ки ин одами дилбазан, ки ба ош қатиқ мешавад, имконияти ғолиб шудани ӯро кам мекунад ва бинобар ин онҳо мухолифатҳои худро фаромӯш карда, дар якҷоягӣ бар зидди вай хоҳанд баромад.

Мо бар ирландие ханда мекунем, ки назди ду ҷавони занозанӣ кардаистода наздик шуда, пурсид: “Оё ин ҷанги шахсист, ё дигарон ҳам иштирок карда метавонанд?” Бо вуҷуди ин дар ҳар яки мо ин майли ба ҳар кор дахолат кардан сокин аст, ки моро водор месозад ба ҷанҷоле шарик шавем, ки аслан ба мо дахле надорад.

Ба афсарони полис доимо хотиррасон мекунанд, ки онҳо хеле эҳтиёт бошанд, вақте аз рӯи даъват омада, шоҳидони ҷанҷоли оилавӣ мешаванд. Аммо агар ин чунин бошад, он гоҳ бо чӣ гуна ғайрат шаҳрвандони муқаррарӣ бояд худро аз кашида шудан ба ҷанҷолҳои оилавии дигарон дур кашанд!

Яке аз беҳтарин тасвирҳои ин масал метавонанд мухолифатҳо дар ҷамоат бошанд. Ҳама чиз аз ҷанҷоли байни ду узви он сар мешавад. Дигарон ба дастгирии ин ё он тараф сар мекунанд. Он чи як вақтҳо шарора буд, акнун ба сӯхтори калон мубаддал мешавад. Одамоне ки ба мушкилот ягон муносибат надоранд, аммо худро чун ғайбдони Делф нишон медиҳанд, якравона кӯшиш мекунанд нуқтаи назари хирадмандонаи худро баён кунанд. Вазъият тезу тунд мешавад, робитаҳои дӯстона мекананд, дилҳо реш-реш мешаванд. Ба андозаи он ки ҷанг шадидтар мегардад, ба ҷамъомад беш аз пеш хабар оиди сактаи дил, дилзанӣ, захми меъда ва дигар нуқсҳо меояд. Он чи аз донаи хурди сангдилӣ сар шуда буд, то даме нашъунамо ёфта, паҳн мегардид, ки ҳаёти бисёри масеҳиён заҳрнок гардид.

Огоҳӣ аз ҳар гуна кӯшиши дахолат кардан ба ҷанҷоли дигарон, ба назари аввал, гӯё мухолифи ин суханони Наҷоткор менамоянд: “Хушо сулҳҷӯён, зеро ки онҳо фарзандони Худо хонда хоҳанд шуд” (Мат. 5:9). Дар ҳақиқат бошад ин ҷо мухолифат нест. Вақти сулҳҷӯ ҳамон вақт фаро мерасад, ки ҳар ду тарафи ҳариф хоҳиш пайдо мекунанд, то ягон каси сеюм миёни онҳо ҳакам шавад. Аз тарафи дигар, ҳар шахсе ки бе даъват дахолат мекунад, худро дучори ҳолате мекунад, ки аз он роҳи баромади осон ва безиллат тамоман нест.

## 29 ДЕКАБР

**“Аз они ту ҳастем, эй Довуд! Ва бо ту хоҳем буд, эй писари Йисой! Саломатӣ, саломатӣ бар ту бод, ва саломатӣ бар ёварони ту бод, зеро ки Худои ту мададгори туст”**

*(1 Вақоеънома 12:18)*

Ҳамаи имондорон барои изҳори вафодории худ ба Худованд Исои Масеҳ метавонанд ин суханони воло ва ҳимматбаландонаи савганди Амосайро дар вафодорӣ ба Довуд иқтибос гиранд. Шоҳи шоҳон бо изҳори вафодорие ки бе ҷидду ҷаҳди махсус гуфта шудааст, созиш нахоҳад кард, ва дар тахти дили мо Ӯ бо ҳеҷ кас ҳамроҳ нахоҳад нишаст. Дили мо бояд ба Ӯ, ва танҳо ба Ӯ, тааллуқ дошта бошад.

Ба ман ҳикояе дар бораи як сарбози фаронсавӣ таассуроти фаромӯшнашаванда бахшид, ки дар яке аз ҷангҳои Наполеон сахт захмдор шуда буд. Духтурон ба хулоса омаданд, ки танҳо ҷарроҳӣ метавонад ҳаёти вайро наҷот диҳад. Ин ҳоло то ихтирои анестезия буд. Вақте ҷарроҳ бо зонд қафаси синаи сарбозро таҳқиқ мекард, сарбоз гуфт: “Боз камакак чуқуртар, духтур ва шумо императорро пайдо хоҳед кард”. Гуфтан мумкин аст, ки император дар тахти дили вай менишаст.

Пас аз маросими тоҷгузории Элизабет, модаркалонаш, малика Мэрӣ, ба вай мактубро бо изҳори вафодорӣ навишта, онро имзо кард: “Модаркалон, дӯстдошта ва раияти содиқи шумо”. Ҳамин тавр вай вафодории худро ба соҳиби тоҷ изҳор намуд.

Аммо ҳамаи ин ба мо чӣ гуна муносибат дорад? Мэтю Ҳенрӣ хотиррасон мекунад, ки “ин суханони Амосай ба мо ёрӣ медиҳанд, ки мо ба Худованд Исо изҳор намудани муҳаббат, дилбастагӣ ва вафодории худро ёд гирем: мо бояд ба Ӯ бечуну чаро ва бебозгашт тааллуқ дошта бошем; мо бояд тарафи Ӯро гирифта, амал намоем; мо бояд аз тамоми дилу ҷон ба манфиатҳои Ӯ некиро хоҳон бошем; ҳӯшионо, пешрафт ба Инҷил ва Подшоҳии Ӯ бод; зеро ба Ӯ Худояш ёрӣ медиҳад ва ёрӣ хоҳад дод, то даме ки тамоми ҳукуматҳо, сардорон ва қудратҳо дар пеши Ӯ таъзим кунанд”.

Якҷоя бо Сперҷен дилҳои мо бояд гӯянд: “Исо, мо аз они Ту ҳастем. Ҳар чиро, ки мо дорем, аз они худ ҳисоб намекунем; ҳамаи ин барои хизмат кардан ба тоҷи Ту бахшида шудааст. Мо бо Ту ҳастем, Писари Худо. Зеро агар мо ба Исо тааллуқ дошта бошем, доимо тарафи Ӯро мегирем: дар дин, дар ахлоқ ва дар сиёсат. Саломатӣ бар Ту бод. Дилҳои мо ба Ӯ дуруд мегӯянд ва барояш осоиштагиро хоҳонанд. Саломатӣ бар ёварони Ту бод. Мо барои ҳамаи некдилон некиро хоҳонем. Мо дар бораи осоиштагӣ барои тамоми дӯстдорони сулҳ дуо мекунем. Зеро Худои Ту мададгори Туст. Тамоми қудрати Худои коинот баҳри дастгирии Худованди файз равона шудааст. Масеҳи зиндашуда, вақте осмонҳо Туро қабул мекунанд, мо ба боло менигарем, ва дилҳои моро муҳаббат ва ваҷд пур мекунанд. Масеҳи ба осмон болошуда, мо назди пойҳоят сари таъзим фуруд оварда, мегӯем: “Эй Писари Довуд, Мири тадҳиншуда ва Наҷоткор, мо аз они Ту ҳастем”. Масеҳи меомада, мо бесаброна интизори Ту ҳастем. Пас зудтар назди касони Худ ой! Омин ва омин”.

**«Ва Довуд гуфт: “Оё касе боз аз хонадони Шоул боқӣ мондааст, то ки ба хотири Йӯнотон ба вай эҳсон намоям?”»**

*(2Подшоҳон 9:1)*

Мефибӯшет набераи подшоҳ Шоул буд, ки чандин бор мехост Довудро ба қатл расонад. Вай аз насли оилаи исёнгар буд, ва ҳеҷ кас ҳайрон намешуд, агар Довуд бар тахт нишаста, пурра онро решакан мекард. Илова ба ин, Мефибӯшет аз боиси он ки вайро дар кӯдакӣ афтонда буданд, маъюби дармонда буд. Аз он ки вай дар хонаи касе дар Лӯ-Дабор, ки маънои “ҳеҷ гуна чарогоҳ”-ро дорад, зиндагӣ мекард, мо хулоса баровярда метавонем, ки вай хеле камбағал буд. Лӯ-Дабор дар тарафи шарқ аз Урдун ҷойгир буд, бинобар ин аз Уршалим, ҷои истиқомати Худо, дур буд. Мефибӯшет ягон ҷиҳати мусбат надошт, ва дар вай ягон чизе ёфт намешуд, ки шоистаи таваҷҷӯҳи подшоҳ бошад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Довуд оиди вай маълумот ҷамъ кард, барои овардани вай қосидонро фиристод, ба қасри подшоҳ даровард, вайро бовар кунонд, ки аз ҳеҷ чиз натарсад, ба вай тамоми замини Шоулро тӯҳфа намуд, хизматгоронеро дар ихтиёраш гузошт, ки бояд ба вай хизмат мекарданд, ва иззату икромаш карда, дар баробари писарони подшоҳ ба таври доимӣ дар сари мизи подшоҳ ҷойгузин намуд.

Чаро Довуд ба касе ки тамоман сазовори ҳамаи ин нест чунин меҳрубонӣ, дилсӯзӣ ва лутф нишон дод? “Ба хотири Йӯнотон”. Як вақтҳо Довуд ба Йӯнотон, падари Мефибӯшет, ваъда карда буд, ки ҳаргиз ба оилаи вай лутф намуданро бас намекунад. Вай ягон хел шарт нагузошт, ин ваъда аҳди файз шуд (1Под. 20:14-17).

Мефибӯшет ҳамаи инро хеле хуб мефаҳмид ва бори аввал назди подшоҳ омада, дар пешаш бар рӯи худ афтод ва гуфт, ки чунин “саги мурда” мисли вай сазовори илтифот нест.

Барои мо худро дар ҷои вай тасаввур кардан чандон ҳам душвор нест. Мо ба инсонияти беитоат ва гунаҳкоре тааллуқ дорем, ки ба марг маҳкум шудааст. Гуноҳ ахлоқи моро маъюб карда, шал гардондааст. Мо низ дар замине ки дар он “ягон чарогоҳ” нест, зиндагӣ карда, аз гуруснагии рӯҳонӣ ҳалок мешудем. Мо на фақат маҳкумшуда, нотавон ва бенаво, балки дур аз Худо, бе Масеҳ ва бе умед будем. Дар мо ягон чизе набуд, ки шоистаи муҳаббати Худо ё меҳрубонии Ӯ бошад.

Бо вуҷуди ин Худо моро ҷуста, ёфт ва аз тарси марг халос карда, бо тамоми баракоти рӯҳонии осмонӣ баракат дод ва бар сари мизи базм шинонда, бар болои мо парчами муҳаббати Худро бардошт.

Чаро Ӯ ҳамаи инро кард? Ба хотири Исо. Ва аз боиси аҳди файзи Худ, ки мувофиқи он Ӯ моро дар Масеҳ пеш аз таъсиси ҷаҳон интихоб кардааст.

Ҷавоби муносиб ба ин он хоҳад буд, ки мо дар назди Ӯ таъзим карда, чунин гӯем: “Бандаи ту чист, ки ба саги мурдае мисли ман илтифот намудаӣ?”

# 31 ДЕКАБР

**“Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада бо ӯ хӯроки шом мехӯрам, ва ӯ бо Ман”**

*(Ваҳй 3:20)*

Инак боз як сол ба охир расид, Наҷоткори пурсабр бошад ҳанӯз назди дари одам истода, илтимос мекунад, ки Ӯро ба хона роҳ диҳанд. Ӯ аллакай кайҳо боз назди он истодааст. Ягон каси дигар аз баҳри ҳама чиз гузашта, ба хона мерафт. Аммо Наҷоткор не. Ӯ пурсабр аст ва намехоҳад, ки ягон кас гирифтори ҳалокат шавад. Ӯ бо умеди он интизорӣ мекашад, ки ягон рӯз ин дар пеши Ӯ воз мешавад ва Ӯро ба хона даъват мекунанд.

Ҳайратовар аст, ки дар замин умуман одамоне ҳастанд, ки ба тақ-тақи Ӯ ҷавоб намедиҳанд. Агар ин ҳамсоя мебуд, дарҳол дар кушода мешуд. Агар ин корманди рекламаи ягон ширкат мебуд, вайро назди остона нигоҳ намедоштанд, ё ба ҳар ҳол дарро кушода, чунин мегуфтанд: “Раҳмат, аммо ба мо ҳеҷ чиз лозим нест”. Албатта, агар ин президент ё мири ягон шаҳр мебуд, ҳама ба ҳамдигар навбат надода кӯшиш мекарданд, ки вайро меҳмоннавозӣ намоянд. Боз ҳам аҷибтар аст, ки вақте Офаридгор, Фармонфармо ва Кафораткунанда назди дар меистад, Ӯро бо хомӯшии сард пешвоз мегиранд.

Рад кардани одам хусусан беақлона аст, ки Худованд Исо на барои кашида гирифтан, балки барои ато кардан омадааст. Ӯ барои он омад, ки ҳаётро бо изофа диҳад.

Боре дар бевақтии бегоҳирӯзӣ ба як масеҳие ки дар радио мавъиза мегуфт, шунавандае занг зада, хост ба муддати кӯтоҳ назди вай ба студия дарояд. Воиз ҳар гуна баҳонаҳои имконпазирро номбар карда, мекӯшид маслиҳат дода, вайро аз нияти омадан баргардонад, аммо ниҳоят таслим шуд. Чунон ки маълум шуд, ин шунаванда бо миқдори калони пул омад, то ки хароҷоти барномаи масеҳии радиоро пур кунад. Вақте аз ақиби вай дар пӯшида шуд, воиз гуфт: “Ман хеле шодам, ки вайро ба студия роҳ додам”.

Ҷо Блинко бисёр вақт саҳнаеро тасвир мекард, ки дар меҳмонхонаи як хона сӯҳбати гарму ҷӯшон меравад. Ногаҳон касе дарро тақ-тақ мекунад. Яке аз аъзоёни оила мегӯяд: “Касе назди дар истодааст”. Дигарӣ аз ҷояш ҷаста, назди дар меравад, то ки онро кушояд. Яке аз онҳо, ки дар меҳмонхона монд, мепурсад: “Кӣ омад?” Аз даҳлез ҷавоб меояд. Ниҳоят соҳиби хона дод мезанад: “Ба вай бигӯй, ки дарояд!”

Ин Инҷили мухтасар аст. Бо диққат гӯш андозед! Касе назди дари шумо истодааст! Ин кист? Ин Худованди ҳаёт ва ҷалол аст; Оне ки барои мо мурда, дар рӯзи сеюм зинда шудааст; Оне ки бар тахт дар ҷалол нишаста, ба зудӣ меояд, то ки халқи Худро назди Худ гирифта барад. Пас Ӯро даъват кунед, ки дарояд!

# Рӯйхати оятҳои Китоби Муқаддас


**Ҳастӣ**
1:1 25 март
2:15 6 сентябр
5:3 24 феврал
12:3 17 июл
14:21 26 декабр
18:25 18 феврал
24:33 20 феврал
29:31 25 июл
30:27 24 сентябр
39:2 1 июн
49:6 23 сентябр

**Хуруҷ**
12:2 1 январ
17:11 30 июн
22:28 19 август
31:3 4 декабр
34:29 13 сентябр

**Ибодат**
25:10 1 сентябр

**Ададҳо**
23:21 22 январ
32:23 28 август

**Такрори Шариат**
8:11,13 11 сентябр
9:3 28 феврал
10:13 9 октябр
11:18 11 декабр
13:12,14 1 декабр
18:10,11 2 октябр
33:25 19 июн
34:9 11 октябр

**Еҳушаъ**
1:3 5 октябр

**Доварон**
5:23 19 март
7:2 5 январ

**1Подшоҳон**
2:30 17 август
15:22 26 май
16:1 6 май
16:14 21 январ
28:10 14 сентябр
30:24 30 июл

**2Подшоҳон**
6:23 18 июл
9:1 30 декабр
13:15 28 март
18:33 25 июн
24:24 23 март

**3Подшоҳон**
8:18 22 март
19:46 2 июн
20:11 18 август

**4Подшоҳон**
4:13 21 феврал
5:4 9 май

**1Вақоеънома**
11:17 20 октябр
12:18 29 декабр

**2Вақоеънома**
19:2 29 июл
20:15 12 июл

**Айюб**
11:7 17 июн
42:2 5 феврал

**Забур**
4:2 17 феврал
10:7 4 август
11:2 16 июл
14:1,4 27 август
31:9 17 март
50:19 14 август
68:5 4 сентябр
72:15 4 феврал
75:11 21 март
84:7 4 июл
89:17 26 август
102:2,3 16 декабр
105:33 18 май
113:11 16 июн
115:3,4 19 октябр
118:37 4 октябр
118:99,100 18 октябр
125:5,6 15 декабр
144:3 4 июн
146:10 3 август

**Масалҳо**
1:5 23 феврал
4:1 28 апрел
10:1 31 октябр
11:24 28 октябр
13:11 24 май
13:156 23 ноябр
13:22 9 сентябр
14:12 4 май
14:13 16 феврал
18:11 24 декабр
18:13 11 ноябр
18:17 12 ноябр
18:24 20 июл
18:246 25 октябр
19:3 19 феврал
19:18 16 сентябр
23:7 3 апрел
23:23 17 октябр
25:11 1 август
26:17 28 декабр
26:20 17 декабр
29:18 26 ноябр
31:10 20 июн

**Воиз**
5:4 8 сентябр
8:11 8 декабр
11:1 15 феврал
11:6 1 ноябр

**Суруди Сурудҳо**
1:66 8 июл
5:16 6 октябр

**Ишаъё**
2:22 22 май
5:20 18 декабр
28:16 28 январ
43:7 14 декабр
45:3 8 май
50:11 12 октябр
51:11 6 ноябр
53:76 9 апрел
55:7 28 июл
59:196 5 декабр
61:3 7 август

**Ирмиё**

| | |
|---|---|
| 2:13 | 23 август |
| 12:5 | 11 октябр |
| 23:246 | 6 июн |
| 31:16 | 24 август |
| 45:5 | 23 январ |
| 48:10 | 8 январ |
| 48:11 | 11 май |

**Навҳаҳои Ирмиё**

| | |
|---|---|
| 1:12 | 6 август |
| 3:22,23 | 15 июн |

**Ҳизқиёл**

| | |
|---|---|
| 33:32 | 27 июл |

**Ҳушаъ**

| | |
|---|---|
| 13:1 | 6 декабр |

**Юнус**

| | |
|---|---|
| 2:10 | 29 сентябр |
| 3:1 | 16 январ |

**Закарё**

| | |
|---|---|
| 4:6 | 4 январ |

**Малокӣ**

| | |
|---|---|
| 1:8 | 17 ноябр |
| 3:6 | 10 июн |
| 3:16 | 13 декабр |

**Матто**

| | |
|---|---|
| 4:7 | 12 декабр |
| 4:23 | 2 май |
| 5:25 | 11 март |
| 5:44 | 10 |
| 7:1 | 31 январ |
| 7:9 | 13 октябр |
| 7:13,14 | 21 октябр |
| 9:13 | 15 июл |
| 9:29 | 25 феврал |
| 10:8 | 30 январ |
| 10:16 | 18 ноябр |
| 10:35,36 | 26 июл |
| 11:26 | 29 январ |
| 11:27 | 30 май |
| 12:30 | 8 феврал |
| 18:6 | 13 май |
| 18:156 | 25 май |
| 18:16 | 11 январ |
| 18:20 | 13 август |
| 20:26,27 | 14 апрел |
| 20:26,27 | 14 ноябр |
| 23:8-10 | 17 апрел |
| 23:17 | 27 май |
| 23:37 | 15 октябр |
| 25:40 | 12 март |
| 26:74 | 24 ноябр |
| 28:12,13 | 11 апрел |

**Марқӯс**

| | |
|---|---|
| 1:34 | 3 октябр |
| 4:24 | 13 март |
| 5:19 | 7 ноябр |
| 6:31-34 | 26 июн |
| 10:14 | 24 июн |
| 10:29,30 | 31 июл |
| 16:16 | 28 июн |

**Луқо**

| | |
|---|---|
| 2:44 | 12 сентябр |
| 5:28 | 9 август |
| 5:37,38 | 20 май |
| 6:35 | 8 август |
| 6:40 | 21 апрел |
| 8:18 | 14 март |
| 9:24 | 15 март |
| 9:34 | 2 август |
| 9:50 | 9 феврал |
| 9:57 | 2 сентябр |
| 10:41,42 | 2 июл |
| 12:15 | 15 август |
| 15:21 | 20 март |
| 16:11 | 12 апрел |
| 17:17 | 18 сентябр |
| 19:8 | 22 июл |
| 19:26 | 16 март |
| 21:33 | 19 декабр |

**Юҳанно**

| | |
|---|---|
| 1:10-12 | 5 сентябр |
| 1:41,42 | 30 сентябр |
| 3:8 | 27 март |
| 4:21 | 12 феврал |
| 5:24 | 29 июн |
| 5:30 | 29 ноябр |
| 5:44 | 26 феврал |
| 7:17 | 6 апрел |
| 7:24 | 3 январ |
| 8:32 | 14 октябр |
| 11:9 | 1 март |
| 12:24 | 21 май |
| 12:29 | 10 август |
| 13:8 | 26 апрел |
| 13:17 | 10 июл |
| 14:14 | 1 май |
| 14:15 | 30 апрел |
| 16:136,14 | 23 октябр |
| 17:21 | 23 май |
| 18:36 | 18 январ |
| 20:17 | 22 август |
| 21:22 | 26 март |

**Аъмол**

| | |
|---|---|
| 4:29 | 14 феврал |
| 5:15 | 23 июл |
| 10:36 | 29 феврал |
| 11:23 | 27 апрел |
| 18:266 | 10 декабр |
| 24:16 | 3 июн |

**Номаи Яъқуб**

| | |
|---|---|
| 1:20 | 5 август |
| 1:22 | 6 феврал |
| 1:27 | 18 июн |
| 2:14 | 9 ноябр |
| 4:2 | 13 ноябр |
| 4:11 | 8 октябр |
| 4:14 | 1 октябр |

**Номаи якуми Петрус**

| | |
|---|---|
| 2:11 | 26 октябр |
| 5:7 | 7 май |
| 5:7 | 21 июл |
| 5:10 | 12 июн |

**Номаи дуюми Петрус**

| | |
|---|---|
| 3:166 | 16 ноябр |

**Номаи якуми Юҳанно**

| | |
|---|---|
| 1:9 | 19 январ |
| 2:15 | 16 май |
| 2:27 | 10 апрел |
| 3:6 | 23 декабр |
| 3:10 | 4 ноябр |
| 3:17 | 29 октябр |
| 3:20 | 5 июн |
| 4:1 | 13 июл |
| 4:8 | 25 январ |
| 4:10 | 11 июн |
| 4:11 | 26 январ |
| 4:176 | 19 июл |
| 5:13 | 19 апрел |

**Номаи сеюми Юҳанно**

| | |
|---|---|
| 4 | 30 октябр |

**Нома ба Румиён**

| | |
|---|---|
| 1:18 | 14 июн |
| 1:18 | 16 октябр |
| 2:2 | 19 май |
| 5:5 | 15 сентябр |
| 5:6 | 19 сентябр |
| 5:15 | 3 сентябр |
| 7:18 | 6 январ |
| 8:18 | 7 июл |
| 8:28 | 30 март |
| 10:9 | 22 апрел |
| 10:13 | 9 июл |
| 11:4 | 26 сентябр |
| 11:6 | 20 апрел |
| 12:11 | 10 ноябр |
| 12:16 | 20 сентябр |
| 12:21 | 28 сентябр |
| 13:8 | 13 феврал |
| 14:5 | 24 июл |
| 16:27 | 8 июн |

**Номаи якум ба Кўринтиён**

| | |
|---|---|
| 1:21 | 12 май |
| 1:27 | 27 феврал |
| 2:14 | 31 май |
| 3:17 | 24 апрел |
| 3:21-23 | 14 январ |
| 4:7 | 12 январ |
| 7:20 | 8 ноябр |
| 10:10 | 15 май |
| 10:31 | 13 апрел |
| 11:24 | 27 декабр |
| 13:1 | 22 ноябр |
| 13:12 | 18 апрел |
| 13:12 | 1 июл |
| 13:13 | 7 декабр |
| 14:16 | 22 сентябр |
| 14:19 | 21 август |
| 15:10 | 28 ноябр |
| 15:57 | 9 декабр |
| 15:58 | 2 ноябр |

**Номаи дуюм ба Қўринтиён**

| | |
|---|---|
| 1:9 | 25 август |
| 2:11 | 10 май |
| 2:14 | 25 апрел |
| 3:18 | 28 май |
| 4:2 | 14 июл |
| 4:4 | 1 феврал |
| 4:6 | 2 феврал |
| 5:7 | 7 январ |
| 5:10 | 2 апрел |
| 5:13 | 11 август |
| 6:9 | 16 апрел |
| 6:17,18 | 7 сентябр |

**Нома ба Ғалотиён**

| | |
|---|---|
| 1:23 | 3 декабр |
| 2:20 | 7 феврал |
| 3:28 | 27 октябр |
| 4:16 | 25 сентябр |
| 5:13 | 15 январ |
| 5:13 | 15 апрел |
| 5:16 | 10 феврал |
| 5:22 | 2 март |
| 5:22 | 3 март |
| 5:22 | 4 март |
| 5:22 | 5 март |
| 5:22 | 6 март |
| 5:22 | 7 март |
| 5:22 | 8 март |
| 5:23 | 9 март |
| 5:23 | 10 март |
| 6:2,5 | 30 ноябр |
| 6:8 | 3 май |

**Нома ба Эфсусиён**

| | |
|---|---|
| 2:4 | 13 июн |
| 4:7 | 24 март |
| 4:12 | 22 феврал |
| 4:30 | 6 июл |
| 4:31 | 10 октябр |
| 4:32 | 5 апрел |
| 5:4 | 14 май |
| 5:16 | 27 январ |
| 5:19 | 2 декабр |
| 5:25 | 21 июн |
| 5:25 | 21 декабр |
| 6:7 | 17 январ |

**Нома ба Филиппиён**

| | |
|---|---|
| 1:18 | 17 май |
| 2:36 | 2 январ |
| 2:4 | 18 март |
| 2:10,11 | 21 ноябр |
| 3:7,8 | 31 август |
| 3:12 | 11 июл |
| 3:13 | 7 октябр |
| 3:136 | 15 ноябр |
| 4:6 | 24 январ |
| 4:11 | 29 май |
| 4:11 | 20 декабр |
| 4:13 | 13 январ |
| 4:18 | 7 апрел |

**Нома ба Кулассиён**

| | |
|---|---|
| 2:8 | 20 ноябр |
| 2:10 | 1 апрел |
| 3:11 | 29 август |
| 3:15 | 25 ноябр |

**Номаи якум ба Таслўникиён**

| | |
|---|---|
| 4:14 | 23 июн |
| 5:19,20 | 5 июл |
| 5:21 | 22 июн |

**Номаи якум ба Тимотиюс**

| | |
|---|---|
| 1:19 | 5 ноябр |
| 2:15 | 27 июн |
| 3:6 | 31 март |
| 3:16 | 25 декабр |
| 4:16 | 30 август |
| 5:4 | 9 январ |
| 6:8 | 16 август |

**Номаи дуюм ба Тимотиюс**

| | |
|---|---|
| 2:4 | 29 март |
| 2:19 | 3 ноябр |
| 4:8 | 21 сентябр |

**Нома ба Титус**

| | |
|---|---|
| 3:10,11 | 12 август |

**Нома ба Ибриён**

| | |
|---|---|
| 4:12а | 8 апрел |
| 4:12 | 11 феврал |
| 10:17 | 20 январ |
| 10:26,27 | 22 декабр |
| 11:1 | 29 апрел |
| 11:3 | 4 апрел |
| 12:1 | 10 январ |
| 12:7 | 20 август |
| 12:16 | 5 май |
| 13:2 | 3 июл |
| 13:13 | 23 апрел |

**Ваҳй**

| | |
|---|---|
| 2:9 | 19 ноябр |
| 3:20 | 31 декабр |
| 4:8 | 9 июн |
| 8:3 | 3 феврал |
| 13:16,17 | 17 сентябр |
| 19:6 | 7 июн |
| 20:15 | 24 октябр |
| 21 :8 | 27 сентябр |
| 22:20 | 27 ноябр |